ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

ФАКУЛТЕТИ ФАЛСАФА

КАФЕДРАИ ПСИХОЛОГИЯ

ПСИХОЛОГИЯ

Душанбе – 2010

ПСИХОЛОГИЯ

Зери таҳрири Давлатов М.

Ба қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз «___»_____2010, таҳти №__ба чоп тавсия шудааст.

© ДМТ - 2010

Душанбе – 2010

ББК - /////

Китоби дарсӣ аз ҷониби устодони кафедраи психологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таълиф гардидааст.

Дар таълифи китоби дарсӣ иштирок намуданд: Давлатов М. – боби 2 (Таърихи инкишофи афкори психологӣ); Юнусова Н.М. – боби 5 (Соҳаи эмотсионаливу иродавии шахс); Алиев М.Т. – боби 3 (Шахс дар фаъолият ва муошират); Расулов С.Х. – боби 4 (Эҳсос, идрок ва хотир); Амонов Н.Қ. – боби 4 (Диққат, тафаккур, хаёл); Каримов Қ.М. – боби 1 (Психология ҳамчун илм); Абдураҳмонов Г.Н. - боби 6 (Мизоҷ, қобилият); Раҷабов Н.М. – боби 6 (характер).

Муқарризон:

Шарифзода Ф. – академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор

Мустафоқулов Т. – мудири кафедраи психологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, номзади илми психология, дотсент

Музаффарӣ М. - директори Маркази антропология дар назди Институти фалсафаи АИ ҶТ, д.и.ф., профессор

Миралиев А. - мудири кафедраи педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, д.и.п., профессор

Психология: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни макотиби олӣ (Давлатов М., Юнусова Н.М., Расулов С.Х. ва диг.; Зери таҳрири Давлатов М.- Душанбе, 2010, //////// с.

Китоби дарсӣ зимни барномаи тартибдодашудаи фанни психологиянавишта шудааст ва дар он бо дарназардошти дастовардҳои навини илми психология масъалаҳои психологияи умумӣ, фаъолияти маърифатии шахс, сохаи соҳаи эмотсионаливу иродавии шахс, хусусиятҳои фардии шахс ва инчунин таърихи ташаккули донишҳои психологӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

МУНДАРИҶА

Пешгуфтор ……

БОБИ I. Психология ҳамчун илм

1. Предмет, вазифа ва соҳаҳои илми психология …….
2. Методология ва методҳои тадқиқотии илми психология …..
3. Асосҳои табиию илмии психология ……...

БОБИ II. Таърихи инкишофи афкори психологӣ

1. Давраҳои инкишофи донишҳои психологӣ ……..
2. Аз таърихи афкори психологии мутафаккирони шарқ …….

БОБИ III. Шахс дар фаъолият ва муошират

1. Шахс, сохт ва ташаккули он ……
2. Гурӯҳҳои хурд ва коллектив ……

3. Муошират ва муносибатҳои байнишахсӣ ……
4. Психологияи фаъолият ……

БОБИ IV. Протсессҳои маърифатӣ
1. Эҳсос …….
2. Идрок ……
3. Диққат ……..
4. Хотир ……
5. Тафаккур ……..
6. Хаёл ва эҷодиёт ……..

БОБИ V. Соҳаи эмотсионалию иродавии шахс
1. Ҳиссиёт ва эмотсия ……
2. Ирода ……

БОБИ VI. Хусусиятҳои фардию психологии шахс
1. Мизоҷ ……
2. Характер ……
3. Қобилият ……

ПЕШГУФТОР

Солҳои охир ба омӯзиши илми психология дар мактабҳои олӣ ва ба эътибор гирифтани донишҳои психологӣ дар рафти ташаккулу инкишофи ҷомеаи имрӯза таваҷҷӯҳи хоса зоҳир мешавад. Ин табиист, зеро дар ташаккули шахсияти ҷисман ва рӯҳан солим нақши психология ва соҳаҳои он ниҳоят бузург аст. Донистани психология ба инсон имконият медиҳад, ки аз қонуниятҳои асосии инкишофи психикӣ, инчунин асосҳои психологии раванди таълиму тарбия бархурдор гардида, дар ҷараёни ҳаёту фаъолияташ аз онҳо истифода барад.

Илми психология ҳамчун соҳаи мустақил назар ба илмҳои дигари гуманитарӣ баъдтар ташаккул ёфтааст. Донишҳои психологӣ дар нимаи дуюми асри XIX ба сифати илми мустақил расмият пайдо намудаанд. Психология дар асри XX инкишоф ёфта, ба муҳимтарин ва заруртарин соҳаи донишҳои илмӣ табдил ёфт. Таълими фанни психология дар тамоми донишкадаву донишгоҳҳо мақоми хоса пайдо намуда истодааст. Масъалаҳои гуногуни психологии инкишофи ҷомеа (бунёди ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқасос, дунявӣ ва ягона, ташкили хадамоти психологӣ дар рукнҳои гуногуни ҷомеа, расонидани ёрии психологӣ ба афроди ҷомеа баҳри рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ ва ҳодисаҳои ҷамъиятӣ, ба роҳ мондани масъалаи худкушӣ ва худинкишофдиҳии шахс ва ғ.) мавриди таълим ва омӯзиш қарор гирифтаанд.

Бояд қайд кард, ки психология ва соҳаҳои он ҳамон масъалаҳоеро тадқиқ мекунад, ки онҳоро худи ҷомеаи мавҷуда пешниҳод менамояд.

Ҳадафи асосии таълифи ин китоби дарсӣ бо мақмӯи донишу маҳоратҳо мусаллаҳ намудани мутахассисони оянда мебошад, ки барои ташкили самарабахши идоракунии гурӯҳҳои иҷтимоӣ, бунёди муҳити солими байнишахсӣ ва корӣ дар коллективҳои меҳнатӣ, барои омӯзиши боз

ҳам амиқтари шахс ба мақсади ташаккул додани фардияти ӯ, инчунин расонидани ёрии психологӣ ба ӯ дар муайян кардани роҳи асосии ҳаёташ заруранд.

Ин китоби дарсӣ аз маводҳои илмӣ – методии нашргардида бо он ҷиҳат тафовут дорад, ки дар он таҳлили на танҳо равияю ҷараёнҳои илмии дар Ғарбу Русия зуҳуркарда, балки баррасии масъалаҳои ташаккул ва инкишофи афкори психологӣ дар осори мутафаккирони форсу тоҷик низ карда мешавад.

Муаллифон ҳангоми таълифи китоби мазкур дастовардҳои илмии психологияи муосири ҷаҳонӣ ва таҷрибаи бойи андӯхтаи илмӣ-педагогии худашонро низ васеъ истифода бурдаанд.

Китоби зикршуда бори нахуст пешкаши хонанда мегардад, бинобар ин табиист, ки он аз камбудӣ ва норасоиҳо холӣ нест. Мо аминем, ки хонандагони нуқтасанҷ бо эрод ва маслиҳатҳои муфиди худ дар беҳтар намудани сифат ва мундариҷаи он дар нашрҳои оянда кӯмакро дареғ намедоранд.

Юнусова Н.М.,
н.и.п., дотсент, мудири кафедраи психологияи ДМТ,
раиси ассосиатсияи психологҳои Тоҷикистон

БОБИ I. Психология ҳамчун илм

1.1. Фан, вазифа ва сохтори илми психология

Психология ва донишҳои психологӣ

Олами воқеӣ, ки аз ашёву ҳодисаҳо, набототу ҳайвонот, одамон ва муносибатҳои байни онҳо иборат аст, барои ҳамаи мо ошно ва ҳамчунин умумию ягона мебошад, зеро он ҳақиқат аст, ҳақиқате, ки моро иҳота намудааст Дар баробари ин, олами дигаре ҳам вуҷуд дорад, ки он низ барои ҳар яки мо шинос аст, вале барои ҳама ягона нест, ҳарчанд аз қонунҳо ва механизмҳои умумӣ иборат мебошад. Ин олам - олами рӯҳии инсон аст, ки иборат аст аз фикрҳо, ҳиссиёт, таассурот ва дигар ҳодисаҳои рӯҳию равонӣ. Ҳодисаҳои рӯҳӣ дар ҳама одамон як хел зоҳир мешаванд, вале таркибу муҳтавои онҳо дар ҳар як фард гуногун аст.

Ҳодисаҳои рӯҳӣ чун ҳодисаҳои махсус аз қадимулайём аз намуди дигари ҳодисаҳои воқеият фарқ карда мешуданд ва ҳисси кунҷкобию талабот ба худшиносии одамон доимо онҳоро пайгирӣ мекард, вале мураккабӣ дар самти дарёфти роҳу усулҳои тадқиқот омӯзиши онҳоро ғайриимкон гардонида буд. Танҳо иваз намудани нуқтаи назар ба ин масъала дар замони нав онро ба омӯзиши объективӣ дастрас гардонид.

Олами рӯҳии инсон моҳиятан образи олами воқеӣ буда, ба инъикоси оина монанд аст, вале дар фарқият аз он ниҳоятдараҷа мураккабу фаъол мебошад. Чӣ тавре ки ҳодисаҳои олами воқеӣ дар асоси қонунҳои табиат ба амал меоянд, ҳодисаҳои олами рӯҳӣ низ қонуниятҳои худро доранд. Қонунҳои табиатро илмҳои табиатшиносӣ меомӯзанд ва қонунҳои олами рӯҳиро бошад психология.

Психология илм дар бораи қонуниятҳои пайдоиш, тараққиёт ва зуҳуроти психика мебошад.

Истилоҳи «психология» (аз юн. психе-рӯҳ, ҷон, равон ва логос-илм, таълимот) дар асри XVI ба илм ворид карда шудааст (Рудолф Гоклениус соли 1590). Айни замон ин мафҳум асосан дар ду маврид истифода бурда мешавад. Дар мавриди аввал, он ифодакунандаи ҳодисаҳои олами рӯҳист, дар мавриди дигар бошад, ифодакунандаи илмест, ки ҳодисаҳои олами рӯҳиро мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Меҳвари умумии ҳарду ҳолат ҳодисаҳои олами рӯҳӣ мебошанд, яъне дар ҳарду маврид ин мафҳум бо ҳодисаҳои олами рӯҳӣ алоқамандӣ дорад. Ҳамин тавр, мафҳуми «психология» маҷмӯи донишҳоеро муттаҳид менамояд, ки тавсифдҳандаи олами рӯҳии мо ҳастанд. Донишҳои психологиро ба ҳаётӣ (ғайриилмӣ) ва илмӣ ҷудо менамоянд. Донишҳои ҳаётии психологӣ ҷаҳонбинии психологии одамонро берун аз доираи психологияи касбӣ муттаҳид мекунанд. Чунин донишҳо дар асоси таҷрибаи шахсӣ ё ҷамъиятӣ ташаккул меёбанд ва аз ин рӯ баъзан «психологияи муқаррарӣ» номида мешаванд.

Донишҳои ғайриилмии психологиро вобаста ба мазмуну моҳияташон ба манфӣ ва мусбӣ ҷудо намудан мумкин аст. Донишҳои манфӣ дар заминаи нодуруст шарҳ додани зуҳуроти мухталифи психикӣ, ба ашёҳо ва одамон нисбат додани хусусиятҳои фавқулодда, ақидаҳои хурофотӣ, афкори стереотипӣ ва ғайра ташаккул меёбанд. Манфӣ ва зарарнок будани ин донишҳо дар он ифода меёбад, ки онҳо на танҳо боиси каҷфаҳмиҳо ва нодуруст маърифат намудани воқеият мешаванд, балки инчунин ба

баъзе шахсон имконият медиҳанд, ки мақсадҳои ғаразноки худро амалӣ намоянд. Баъзан бо ин мақсад донишҳои асоснокшудаи психологӣ низ истифода мешаванд, ки ба таври ғаразнок таҳриф дода шудаанд.

Яке аз шаклҳои донишҳои ғайриилмии психологӣ парапсихология мебошад, ки гуё имкониятҳои фавқулоддаи одам, аз қабили телепатия (дарки фикри каси дигар бе зоҳиршавии нишонаҳои он), ғайбдонӣ (дастраснамоии маълумот дар бораи ашё ва ҳодисаҳо бе иштироки узвҳои ҳис), проскопия (пешгӯии фикри дигарон ё ҳодисаҳои оянда), психокинез (қобилияти таъсир расонидан ба ашё ва ҳодисаҳо тавассути қувваи фикрӣ) ва ғайраҳоро меомӯзад.

Намунаи донишҳои ғайриилмӣ, вале мусбиии психологӣ «психологияи оммавӣ» мебошад. Психологияи оммавӣ донишҳои илмии психологиро дар шакли соддаву фаҳмо ба оммаи васеи хонандагон пешниҳод намуда, аз истифодаи мафҳумҳои касбӣ ва илмии психологӣ даст мекашад. Нақши мусбии психологияи оммавӣ дар он ифода меёбад, ки он ҷаҳонбинии психологии одамонро васеъ намуда, боиси ба вуҷуд омадани шавқу ҳавас ба психологияи илмӣ мегардад.

Донишҳои ғайриилмии психологӣ сатҳӣ буда, ба система дароварда нашудаанд ва аксаран дар таҷрибаҳо собит нагардидаанд ва аз ин рӯ ҳодисаҳои психикиро асоснок карда наметавонанд.

Инкишофи тасаввурот дар бораи предмети илми психология

Психологияи ҳаётӣ ҳанӯз аз афкори психологии одамони қадим сарчашма гирифта, давра ба давра ташаккул ёфтааст ва самтҳои гуногуни инкишофи он дар марҳалаи муайян ба тадқиқоти илмӣ бархурда, заминаҳои психологияи илмиро ба вуҷуд овардааст. Раванди таҳаввулоти донишҳои психологӣ таърихи ниҳоят дурудароз дошта, якчанд марҳаларо дар бар мегирад.

Марҳалаи якуми инкишофи донишҳои психологӣ афкори мутафаккирони дунёи қадим ва асрҳои миёна дар бораи «рӯҳ» мебошад. Дар замони қадим одамон ҳамагуна ҳодисаҳои психикиро бо фаъолияти рӯҳ алоқаманд дониста, худи рӯҳро ба монанди як сояи шаффофи ҷисм, як мавҷудоти новобаста аз ҷисм вуҷуддошта тасаввур мекарданд. Тасаввурот дар бораи рӯҳ талаботи маърифатии одамони он замонро нисбати дарки ҳодисаҳои «пурасрор», аз қабили хобу хоббинӣ, иллюзия, галлютсинатсияҳо (таваҳҳумот) ва ғайра қаноатманд менамуд аз ин рӯ дар ҳама тамаддунҳои замони бостон атрофи ин мафҳум фикру ақидаҳо ташаккул меёфтанд.

Табиат ва моҳияти рӯҳ аз ҷониби мутафаккирони замони қадим ба таври гуногун шарҳ дода мешуд. Илми муосир нуқтаҳои асосии ин афкорро дар зери мафҳумҳои гилозоизм ва анимизм гурӯҳбандӣ менамояд. Мафҳуми гилозоизм (аз юн. гилос-модда, ашё ва зоо-ҳаёт) таълимоти фалсафиеро ифода мекунад, ки асоси онро тасаввурот дар бораи ҳаёт ҳамчун хусусияти умумии ашё ташкил медиҳад. Мувофиқи ин таълимот рӯҳ чун вазн, шакл ва ҳаҷм хосияти ҳамагуна ашё мебошад ва ин аст, ки тамоми ашё зандааст.

Дар зери мафҳуми анимизм (аз рим. анима-ҷон) дар илми муосир тасаввуротеро мефаҳманд, ки мувофиқи он ҳар як ашёи алоҳида рӯҳи худро дорад, ки новобаста аз он мавҷуд аст. Рӯҳ дар тасаввуроти анимистӣ мавҷуди махсус буда, ҳамроҳи ҷисм ё ҷудо аз он вуҷуд дошта метавонад.

Дар афкори мутафаккирони асрҳои миёна таълимот дар бораи рӯҳ бо каме тағйироти миқдорӣ боқӣ монданд. Акнун рӯҳ танҳо хоси мавҷудоти зинда дониста шуда, кӯшишҳои аввалини басистемадарории донишҳо ва омӯзиши таҷрибавӣ ба вуҷуд омаданд. Маҳз дар ин давра мафҳуми «психология» ба майдони илм омад, ки дар ибтидо маънои «илм дар бораи рӯҳ»-ро дошт. Муаллифони он пешниҳод менамуданд, ки психология бояд рӯҳ ва механизмҳои фаъолияти онро омӯзад, вале на дар он замон

ва на минбаъд роҳу воситаҳои омӯзиши объективии рӯҳ (тавре, ки онро дар замони қадим тасаввур мекарданд) пайдо карда нашуд. Ҳамин тавр таълимот дар бораи рӯҳ ҳамчун предмети психология то ибтидои асри XVIII арзи вуҷуд дошт ва ҳамагон онро эътироф мекарданд. Таълимот дар бораи рӯҳ зинаи аввали инкишофи тасаввурот дар бораи предмети илми психология буд.

Зинаи навбатӣ аз тафриқагузории худи ҳодисаҳои психикӣ ба вуҷуд омад. Ҷои рӯҳро дар афкори фалсафӣ - психологӣ ҳодисаҳое ишғол намуданд, ки ба мо шиносанд ва мо ҳангоми ба фаъолияти рӯҳии худ назар кардан, ба онҳо «дучор» мешавем. Ин ҳодисаҳо фикрҳои мо, хоҳишҳо, ҳиссиёт, хотирот ва дигар падидаҳои олами рӯҳии мо мебошанд, ки ба ҳар кас аз таҷрибаи шахсӣ маълуманд. Мафҳуме, ки тамоми ин зуҳуротро ба таври умумӣ ифода карда метавонад, мафҳуми «шуур» аст ва ҳамин тавр таълимот дар бораи шуур ҳамчун предмети психология ба вуҷуд омад. Файласуфи англис Ҷон Локк (1632-1704) асосгузори ин ақида ҳисобида мешавад, аммо муаллифи мафҳум Рене Декарт (1596-1650) мебошад. Ҳарду олим дар зери мафҳуми «шуур» тамоми ҳодисоти психикии аз ҷониби одам идрокшавандаро мефаҳмиданд. «Шуур - ин аз ҷониби одам идрок намудани ҳамаи он чизест, ки дар олами рӯҳии ӯ ба амал меоянд», гуфта мешавад дар таълимоти Ҷон Локк.

Минбаъд таълимот дар бораи шуур дар доираи назарияи фалсафии маърифат - гносеология, психологияи эмпирикӣ ва психологияи ассотсиативӣ ташаккул ёфтанд. Пайравони ин таълимот шуурро ҳамчун предмети омӯзиши психологӣ шинохта, ба сифати усули тадқиқи он методи интроспексия (аз лот. introspicere - ба ботин нигаристан)- ро пешниҳод намуданд, ки маъноаш худмушоҳида аст. Ба ақидаи онҳо, «ҳодисаҳои рӯҳӣ субъективӣ буда, ба омӯзиши объективӣ дастнорасанд ва аз ин рӯ худмушоҳида ягона роҳи ҷамъ овардани далелу бурҳон доир ба ҳақиқату моҳияти олами рӯҳӣ ва шуур мебошад».

Мафҳуми шуур тадриҷан дар илм мавқеи уставор касб кард. Он ҳамчун қобилияти танҳо ба одам хосбудаи мушоҳида намудан аз болои зуҳуроти оламии рӯҳии худ дар таълимоти мухталифи динӣ низ истифода бурда мешуд. Аммо ноустуворӣ ва ноқисии таълимот дар бораи шуур низ ба зудӣ ошкор шудан гирифтанд. Ҳанӯз ҳамзамони муалифони ин таълимот Лейбнитс (1646-1716) ба танқиди он бархоста гуфта буд: «боварӣ ба он, ки олами рӯҳӣ танҳо аз далелҳои идроки аз ҷониби шуур фаҳмидашаванда иборат аст, бузургтарин манбаи гумроҳист». Ӯ пешниҳод кард, ки олами рӯҳӣ, яъне психика танҳо аз ҳодисаҳои шуур иборат нест, балки дар он падидаҳое низ вуҷуд доранд, ки берун аз шуури мо ҷараён мегиранд ва олим барои ифодаи онҳо мафҳуми бешуурирро истифода намуд. Дертар таносуби шуур ва бешуурӣ низ ошкор гардида, маҷозан ба айсберг - кӯҳи яхин ташбеҳ дода мешуд, ки қисми зиёдаш дар зери баҳр пинҳон буда танҳо ҳиссаи каме дидашавандааст. Албатта, илме, ки танҳо ба омӯзиши чунин ҳиссаи ками зуҳуроти олами рӯҳии мо машғул аст, наметавонист қонеъкунанда бошад.

Ақидаҳои интроспективӣ низ ба танқиди шадид рӯбарӯ гардиданд. Қайд карда шуд, ки истифодаи интроспексия ҳамчун методи ҷаъвории маълумоти илмӣ номумкин аст, зеро натиҷаҳои аз он бадастомада маълумоти субъективӣ мебошанд. Гоҳо ҳатто чунин маълумотро ба даст овардан низ номумкин аст. Масалан, ҷараёни фикрҳо худ ҳодисаи психикист ва психология бояд механизҳои амали фикриро омӯзад, вале ичрои ин кор тавассути худмушоҳида ғайриимкон аст, зеро одам наметавонад, ки дар як вақт фикр карда истода, боз мушоҳида намояд, ки чӣ тавр ва бо кадом роҳҳо фикр карда истодааст.

Бо вуҷуди ҳамаи ин, шуур ҳамчун предмети психология мавқеи худро то охири асри XIX устувор нигоҳ дошт. Танҳо дар ин давра дастовардҳои илм ва хусусан илмҳои биологӣ нуқтаи назарро ба ин масъала тамоман дигар намуданд. Дар нимаи дуюми асри XIX тадқиқоти зиёди

физиологӣ анҷом дода шуданд, ки ба омӯзиши механизмҳои рафтори ҳайвонот равона гардида буданд. Дар зери таъсири таълимоти таҳаввулотии Дарвин, ки махсусан дар ин давра эътирофи умумиилмӣ касб карда буд, физиологҳо натиҷаҳои аз таҷриба бо ҳайвонот бадастовардаи худро хоси одам низ ҳисобиданд. Ҳамин тавр мафҳуми нав - «рафтор» ба миён омад, ки тасаввуротро дар бораи предмети психология ба таври радикалӣ тағйир дод.

Таълимот дар бораи рафтор зинаи сеюми инкишофи тасаввурот дар бораи предмети психология буд. Ҷонибдорони ин таълимот худро бихевиорист меномиданд, ки аз калимаи англисии behavior-рафтор бармеояд. Ақидаҳои пайравони бихевиоризмро дар шакли схематикии содда чунин баён намудан мумкин аст: «ҳодисоти дар олами рӯҳӣ баамалоянда ба омӯзиши объективӣ дастнорасанд, ва психология бояд натиҷаи ба таҷрибаи илмӣ дастраси ин ҳодисот, яъне рафторро омӯзад. Таҳлили рафтор имконияти баҳои объективӣ додан ба зуҳуроти олами рӯҳиро фароҳам меоварад, зеро рафтор инъикоси берунии олами ботинист». Албатта, дар назари аввал чунин менамояд, ки ҳамааш комилан дуруст аст. Маҳз ҳамин таассурот буд, ки афкори бихевиористӣ бо суръати баланд паҳн гашта, ҷонибдорони зиёд пайдо намуд. Ин вазъиятро муҳаққиқи америкоӣ Е.Боринг дуруст баҳо дода, чунин қайд кардааст: «ақидаҳои бихевиористӣ доираҳои илмии он замонро чунон тасхир карда буданд, ки ба зудӣ тамоми психологҳо бихевиорист гаштанд, вале онҳо чунон гуногунақида буданд, ки ягон бихевиорист бо дигараш розӣ шудан намехост».

Бо мурури вақт ноустувор будани мафҳуми рафтор низ дар маснади предмети илми психология ошкор гардиданд. Аввалин эътироз ба ақидаҳои рафторгароёнаи бихевиористон ин буд, ки бихевиоризмро «психологияи бе психика» номиданд, зеро бихевиоризми ибтидоӣ рафторро аксуламали бевосита ба ангезаҳои беруна дониста, на

танҳо нақши психика ва шуурро дар танзими он рад мекард, балки онҳоро ҳамчун мафҳуми илмӣ инкор менамуд. Минбаъд низ рафтор ҳамчун предмети психология ба танқиди ҷиддӣ дучор омад. Масалан, олими рус П.Я.Галперин (1902-1988) беасос будани даъвои бихевиористонро дар ду самт дида мебарояд. Аввалан, ҳарчанд, ки рафтор ҳодисаи объективист, вале муҳтавои психологии он чун унсурҳои шуур барои бақайдгирии объективӣ дастнорасанд. Баъдан ба ақидаи олим бихевиористон омӯзиши рафторро бе зуҳуроти шуур мақсади хеш қарор дода, ба интихоби ҷиддӣ рубарӯ омаданд: ё ба омӯзиши механизмҳои физиологии рафтор шуғл варзида тасдиқ кардан, ки ҳеҷ гуна психология вуҷуд надорад ва танҳо физиологияи рафтор мавҷуд аст; ё омӯзиши механизмҳои рафторро берун аз физиология ба роҳ мондан, яъне бо тадқиқи таносуби ангезандаҳо ва аксуламалҳо қаноатманд шудан. Бихевиористон роҳи дуюмро интихоб карданд, вале душвориҳои дигар пеш омад. Иштироки механизмҳои физиологиро дар амалишавии рафтор сарфи назар кардан чандон кори саҳлу осон набуд.

Дертар тадқиқотҳо дар самти омӯзиши сохтори психологии шахс, психологияи фаъолият, мақсадгузорӣ, маромнокӣ, танзими шууронаи рафтор ва ғайра натиҷаҳоеро ба бор оварданд, ки барои исботи ноустувории таълимот дар бораи рафтор ҳамчун предмети илми психология далелҳои кофӣ буданд.

Ҳамин тавр, мафҳумҳои рӯҳ, шуур ва рафтор ифодакунандаи таҳаввулоти предмети психология мебошанд. Ин таълимот бо вуҷуди моҳиятан хато буданашон барои илми психология аҳамияти таърихӣ доранд, зеро маҳз дар доираи онҳо ҷустуҷӯи ҳақиқати психика сурат гирифта, пояҳои устувори илми муосири психология ба вуҷуд омадаанд. Инро низ фаромӯш кардан лозим нест, ки илми муосир мафҳумҳои рӯҳ, шуур ва рафторро танҳо чун предмети психология инкор мекунад, ва худи мафҳумҳо бошанд

дар шаклу мазмуни нав унсурҳои муҳими системаи донишҳои психологӣ мебошанд.

Пайдоиш ва инкишофи психологияи илмӣ

Таҳаввулоти бисёрасраи афкори мухталифи фалсафию иҷтимоӣ ва табиатшиносӣ дар охири асри XIX имконият фароҳам овард, ки ҳақиқати психикӣ ошкор гардад. Ҳақиқати психикӣ чун предмети тадқиқоти илмӣ мувофиқи ақидаи психолог ва таърихнигори рус М.Г.Ярошевский бар пояи панҷ самти инкишофи донишҳои илмӣ устувор аст.

Самти аввал бо номи табиатшиносони немис Г.Ф.Гелмголтс, Э.Г.Вебер, Г.Т.Фехнер ва олими голландӣ Ф.Дондерс алоқаманд аст. Онҳо аввалин шуда дар тадқиқи эҳсос, ҳассосӣ ва аксуламали организм усулҳои таҳлили экспериментӣ ва математикиро истифода намуданд. Маҳз дастовардҳои ин олимон ба В.Вундт имконият доданд, ки аввалин озмоишгоҳи психологиро бунёд кунад. Самти дувум аз таълимоти таҳаввулотии табиатшиноси англис Ч.Дарвин сарчашма мегирад, ки бо ошкор намудани қонуниятҳои умумии инкишофи ҳаёт, аз ҷумла дар фаҳмиши инкишофи таърихии психика навигариҳои куллиро ҷорӣ намуд. Самти сеюмро олими дигари англис Ф.Галтон асос гузошт. Ӯ соли 1884 аввалин лабораторияи антропометриро таъсис дод, ки яке аз мақсадҳои он ҷамъоварии маълумоти оморӣ дар бораи қобилиятҳои одамон буд. Бо ин мақсад, олим бо 10 000 нафар одам таҷриба гузаронид. Ҳамин тавр Галтон ба психология усулҳои коркарди омориро ворид сохт, ки минбаъд дар омӯзиши масъалаи тафовути инфиродии байни дамон васеъ истифода бурда шуд. Самти чаҳорум аз омӯзиши психоневрозҳо ва гипнотизм оғоз ёфтааст. Дар ин самт Ҷ.Бред ва дигарон асосгузор буданд. Самти панҷум аз ҷониби физиологи рус И.М.Сеченов (1829-1905) асос гузошта шудааст, ки ба ақидаҳои рефлекторӣ такя карда, системаи нави афкори психологиро ба миён овард.

Дар асоси таҳлили дастовардҳои илми психологияи муосир, илова ба самтҳои муайяннамудаи М.Г.Ярошевский, самти дигари инкишофи донишҳои илмии психологиро пешниҳод кардан мумкин аст, ки он ҳам бошад омӯзиши бешуурӣ ва роҳу усулҳои таҳлили он аст. Ин самтро бо корҳои психиатр ва психологи австриягӣ З. Фрейд (1856-1939) ва пайравони ӯ алоқаманд донистан мумкин аст. Яке аз самтҳои асосии инкишофи психологияи илмӣ донистани таълимоти З.Фрейд комилан одилонааст, зеро саҳми олим дар инкишофи психология бегуфтугӯ бузург буда, таълимоти ӯ доир ба бешуурӣ ва майлҳои бешуурона ба ҳалли доираи васеи масъалаҳои психологӣ мусоидат намуданд.

Ин шаш самти инкишофи донишҳои илмӣ имконият доданд, ки ҳақиқати психикӣ дар замони муосир ба предмети маърифати илмӣ табдил ёбад. Дар заминаи ин психология аз маҷмӯи донишҳои назариявӣ-фалсафӣ ба илми амалӣ-экспериментalӣ мубаддал гашт, ки предмети мушаххаси тадқиқотӣ, методҳо ва методологияи асосноки худро дорад.

Пайдоиши психологияи илмиро бо таъсисёбӣ ва фаъолияти озмоишгоҳи аввалини психологӣ алоқаманд медонанд, ки соли 1879 дар шаҳри Лейбсиги Олмон бо ибтикори файласуф ва психологи немис Вилгелм Вундт (1832-1920) бунёд ёфтааст. Аммо сохтани асосҳои илмӣ ва коркарди масъалаҳои асосии худ психология дар асри XX шурӯъ намудааст. Ҳамин тавр чуноне, ки психологи немис Г.Эббингауз (1850-1909) қайд мекунад «психология гузаштаи бой, вале таърихи ниҳоят кӯтоҳ дорад». Бо вуҷуди илми ҷавон будан психология зуд инкишоф меёбад. Тараққиёти босуръати он дар давоми зиёда аз сад соли охир имконият дод, ки ин илм мавқеи худро дар системаи илмҳо мустаҳкам намуда, предмет ва вазифаҳои худро муайян ва аниқ кунад. Методҳои гуногуни тадқиқотиро кор карда барояд.

Айни замон психология дар байни се гурӯҳи илмҳо: фалсафӣ, табиатшиносӣ ва илмҳои иҷтимоӣ мавқеи мобайниро ишғол менамояд. Вазифаҳои муҳими психология дар системаи донишҳои илмӣ аз он иборат аст, ки вай дар як дараҷаи муайян дастовардҳои як қатор соҳаҳои илмро таҳлил намуда, бо ибораи психологи рус Б.Ф.Ломов (1927-1989) «интегратор», яъне якҷоякунандаи тамоми он соҳаҳои илмӣ мебошад, ки объекти омӯзишашонро одам ташкил медиҳад.

Робитаи психология бо улуми фалсафӣ решаҳои қадимӣ дорад. Аввалин донишҳои психологиро дар осори файласуфон пайдо намудан мумкин аст. Худи психология то замони нав дар ҳайати фалсафа арзи ҳастӣ намудааст. Масъалаҳои муҳими психологияи муосир низ аз масъалагузориҳои фалсфа сарчашма мегиранд.

Алоқаи психология бо гурӯҳи илмҳои табиатшиносӣ низ хеле наздик ва зич аст. Маҳз ин алоқа ба психология имконият фароҳам овард, ки ҳамчун илми таҷрибавӣ инкишоф ёбад. Истифодаи методи озмоиш, ки аз замони Г.Фехнер то имрӯз яке аз усулҳои асосии тадқиқоти психологӣ ҳисобида мешавад, натиҷаи ин иттиҳод мебошад. Ҳамчунин қайд кардан лозим аст, ки ақидаҳои таҳаввулотии Ч.Дарвин, назарияи рефлектории И.М.Сеченов ва таълимоти И.П.Павлов, ки дар доираи илмҳои табиатшиносӣ инкишоф ёфтаанд, дар ташаккули илми психология саҳми бузург гузоштаанд.

Робитаи психология бо илмҳои иҷтимоӣ аҳамияти амалии онро ифода мекунад. Ҳаминро қайд кардан кифоя аст, ки психологияи муосир тақрибан дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ба сифати илми амалӣ истифода бурда мешавад.

Психика ҳамчун предмети тадқиқоти илми психология

Психика мафҳуми марказии психология мебошад. Аз қадимулайём мутафаккирон дар атрофии мазмуну моҳият ва

табиати ин мафҳум баҳсу мунозира менамоянд. Мубоҳисони ин масъала асосан аз ду мавқеъ, мавқеи идеалистӣ ва мавқеи материалистӣ баромад мекунанд. Идеалистон аз замони Афлотун ва қабл аз он то имрӯз даъво доранд, ки идея, рӯҳ, психика аз азал вуҷуд дошт ва он олами материалиро офарид. Психологияи идеалистӣ бо организм ва шароитҳои ҳаёт вобаста будани психикаро инкор мекунад. Материалистон бошанд аз Демокрит ва Арасту то ин замон исрор мекунанд, ки ашё, материя аввалин буда, рӯҳ, психика маҳсули он мебошад. Афкори идеалистӣ ва материалистӣ то замони мо тақрибан баробар инкишоф ёфтаанд, вале аз асри XIX сар карда, дар асоси кашфи як қатор қонунҳои табиат бартарии материализм мушоҳида мешуд. Дараҷаи олии тараққиёти материализм, материализми диалектикӣ мебошад, ки дар асоси ақидаҳои таҳаввулотии Ч.Дарвин аз ҷониби файласуфони немис К.Маркс ва Ф. Энгелс кор карда баромада шудааст. Материализми диалектикӣ дар замони муосир ҳамчун асоси фалсафии ҳама илмҳо, аз ҷумла психология дониста мешавад.

Мувофиқи таълимоти материализми диалектикӣ, ашё, материя аввалин буда, психика ва шуур маҳсули он мебошанд. Ҳамин тавр психика хосияти ашё аст, аммо он на ба ҳама ашё, балки танҳо ба ашёи дар дараҷаи олии тараққиёт қарордошта, яъне мағзи сар хос аст.

Файласуфи рус В.И.Ленин қайд кардааст, ки: «тамоми ашё хосияти инъикосро соҳибанд», вале ҳамзамон қайд кардан лозим аст, ки чӣ ва чӣ тавр инъикос намудан аз дараҷаи тараққиёти системаи инъикоскунанда вобаста мебошад. Дар робита бо ин се намуди асосии инъикос фарқ карда мешавад: физикӣ, физиологӣ ва психикӣ.

Инъикоси физикӣ хоси тамоми ашё, аз ҷумла табиати ғайризинда аст. Ба он мисол шуда метавонад инъикоси равшанӣ, садо ва ғайра. Инъикоси физиологӣ танҳо ба мавҷудоти зинда хос аст, масалан рӯ ба офтоб ҳаракат кардани гули офтобпараст, аз таъсири ангеза ба ҳаяҷон омадани ҳуҷайраи асабӣ ва ғайра. Инъикоси психологӣ

бошад танҳо ба он мавҷудоти зинда хос аст, ки дорои узви инъикоскунанда- мағзи сар мебошанд. Мисоли ин намуди инъикос образи ашё, ҳодиса, ҳиссиёт ва монанди инҳо мебошад, ки дар тасаввуроти мо вуҷуд доранд. Инъикоси психикӣ табиати инфиродиро дошта, таркиб ва мазмуни он дар одам аз синну сол, таҷрибаи ҳаётӣ ва тарбияи ӯ вобаста аст.

Ҳамин тавр материализми диалектикӣ собит намуд, ки маҳз инъикоси психикӣ ё психика бояд мавзӯи баҳси психология бошад. Дуруст аст, ки мафҳуми психология дар замони муосир низ дар фаҳмиши умумӣ чун «илм дар бораи психика (рӯҳ)» дониста мешавад, Вале акнун худи мафҳуми «психика» мазмуну моҳияти худро комилан дигар намудааст.Он айни замон чун инъикоси субъективии олами объективӣ ё образи идеалии ҳақиқати реалӣ баҳо дода мешавад. Психика акнун на «сояи беҷисм», на субстансияи алоҳида, балки хосияти ашёи ба дараҷаи олӣ ташаккулёфта, яъне хосияти мағзи сар аст. Ҳамин тавр, ***психика функсияи мағзи сар аст, ки дар инъикос намудани олами иҳотакарда ифода меёбад.***

Худи психика мафҳуми муҷаррад буда, ба маърифати ҳиссӣ дастнорас аст. Аммо он дар рафтор ва фаъолияти субъект дар се шакли ҳодисаҳои психикӣ зоҳир мешавад. Шаклҳои зуҳуроти психика- ин протсессҳои маърифатӣ, ҳолатҳои рӯҳӣ ва хусусиятҳои фардӣ-психологӣ мебошанд.

Дар зери протсессҳои маърифатӣ як қатор унсурҳои психика фаҳмида мешаванд, ки субъект тавассути онҳо олами атроф, ашёву ҳодисот, ҷамъият, қонунҳои табиат, ҷамъият ва инчунин худро дониста мегирад, яъне маърифат мекунад. Ин унсурҳо диққат, эҳсос, идрок, хотир, тафаккур, хаёл ва ғайра мебошанд.

Ҳолатҳои рӯҳӣ зуҳуроти психикиеро ифода мекунанд, ки заминаи эмотсионалии муносибати субъектро бо ашё ва ҳодисоти олами иҳотакарда тавсиф медиҳанд. Ба онҳо эмотсияҳо, ҳиссиёт ва ғайра мансубанд.

Хусусиятҳои фардӣ-психологӣ бошанд, он гурӯҳи зуҳуроти психикиро муттаҳид мекунанд, ки тафовути инфиродии рафтору фаъолияти субъектро дар вазъиятҳои гуногун ифода мекунанд. Ин се шакли зоҳиршавии психика онро ба омӯзиши объективӣ дастрас мегардонанд. Аммо омӯзиши объективӣ набояд бо шарҳи ҳодиса маҳдуд шавад, он бояд қонуният ва механизмҳои зуҳуроти ҳодисаро низ ошкор созад. Ҳамин тавр, ***предмети илми психологияро қонуниятҳои пайдоиш, тараққиёт ва зуҳуроти психика ташкил медиҳад.***

Вобаста ба он, ки ба зуҳуроти психикӣ омилҳои гуногун, аз қабили ашё, ҳодисот ва вазъиятҳо таъсир расонида метавонанд, психология барои ба даст овардани далелу бурҳони илмӣ доир ба предмети тадқиқотиаш тамоми ин омилҳоро мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Аз ин рӯ, ***объекти илми психология - ин маҷмӯи зуҳуроти омӯхташавандаи ҳақиқати атроф мебошад, ки бо психика алоқаи мутақобила доранд.*** Дар байни ин зуҳурот рафтор ва фаъолият мафҳумҳои асосианд, вале ин ду мафҳум аз ҷониби илмҳои дигар, ба монанди физиология, ҷомеъашиносӣ, илми ахлоқ ва ғайра низ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Аз ин рӯ, қайд кардан лозим аст, ки ҳар яки ин илмҳо ҷанбаи алоҳидаву муайяни рафторро мутобиқ ба предмети тадқиқоти худ дарёфт ва тадқиқ мекунанд. Агар физиология функсияи узвҳои организмро ҳангоми иҷрои амалу рафтор ва фаъолият, механизмҳои иҷрои амал, ҷомеъашиносӣ ва илми ахлоқ аҳамияти иҷроиши рафтору фаъолиятро омӯзанд, пас психология фаъолият ва рафторро ҳамчун механизмҳои зоҳиршавии психика баҳо дода, унсурҳои психикӣ ва аҳамияташонро дар тараққиёти минбаъдаи психикӣ ҷустуҷӯ мекунад, механизмҳои танзими психикии онҳоро ошкор менамояд ва ғайра.

Рафтори субъекти дорои психикаи солим доимо аз таъсири олами иҳотакарда асос ёфтааст. Олами берунаро инъикос намудаистода, одам ҳамзамон ба таъсироти мух-

талифи он аксуламал зоҳир менамояд ва тавассути назорати шуурона рафтори худро ба шароитҳои мунтазам тағйирёбандаи муҳит мутобиқ месозад. Дар баробари ин одам дар раванди инкоси олами иҳотакарда на танҳо қонунҳои табиату ҷамъиятро маърифат мекунад, балки онҳоро барои қаноатманд намудани талаботи моддию маънавии худ истифода мебарад. Дар фаъолияти одам зуҳуроти психикӣ парешон ва аз ҳамдигар ҷудо ба амал намеоянд. Онҳо байни ҳам дар робитаи зич қарор доранд. Дар раванди ташаккули одам ҳамчун аъзои ҷамъият, ҳамчун шахсият, зуҳуроти мухталифи психикии байниҳам робитаи мутақобиладошта тадриҷан ба сохтори психикии устуворе табдил меёбанд, ки одам онро ба ҳалли масъалаҳои ҳаётан муҳими пешоянда равона мекунад.

Психикаи инсон моҳиятан аз психикаи ҳайвони олитарин ҳам бо он фарқ мекунад, ки унсури олии назораткунанда, яъне шуурро дорост. ***Шуур шакли олии инъикоси психикии олами объективӣ аст, ки дар қобилияти худназорати субъект ифода меёбад.***

Шуур маҷмӯи донишҳои моро дар бораи воқеият ифода карда соҳаи даркшавандаи психика ба шумор меравад. Психологи рус А.В.Петровский чаҳор тавсифдиҳандаи психологии шуурро баён кардааст. Аввалан ӯ шуурро чун маҷмӯи донишҳо дида баромада, муҳимтарин протсессҳои психикиро, ки дар ҷамъоварӣ ва ҳифзи ин донишҳо иштирок мекунанд ба сохтори он шомил медонад. Тавсифдиҳандаи дуюми шуур, ба ақидаи олим, аз ҷониби он тафриқагузорӣ шудани субъект ва объект аст. Одам маҳз тавассути шуур фаҳмида метавонад, ки чӣ ба «ман»-и вай тааллуқ дорад ва чӣ не. Тавсифдиҳандаи сеюм дар он ифода меёбад, ки шуур таъминкунандаи мақсаднокии рафтори одам аст. Тавсифдиҳандаи чаҳорум дар он ифода меёбад, ки шуур барқароркунанда ва муайянкунандаи муносибати одам бо воқеият аст. «Муносибати ман бо муҳити атрофи ман - ин аст шуури ман»-навишта буд К.Маркс.

Шарти ҳатмии ташаккул ва зоҳиршавии тамоми хусусиятҳои дар боло зикргардидаи шуур - забон мебошад. Донишҳо танҳо ҳангоми фаъолияти нутқӣ ҳосил мешаванд. Одам «ман»-и худро мешиносад ва дар асоси донишҳои ҳосилшуда ва ҷудо намудани худ аз олами атроф муносибати одам бо олами воқеӣ ба вуҷуд меояд. Дар натиҷа одам оламро маърифат мекунад ва рафтори мақсаднок содир менамояд.

Ҳанӯз аз давраи Лейбнитс мавҷудияти соҳаи бешуурӣ низ аён гашта буд. Минбаъд таълимотро дар бораи бешуурӣ З.Фрейд ва пайравони ӯ инкишоф доданд. Айни замон дар асоси таносуби шуур-бешуурӣ назарияи фрейдизм якчанд дараҷаи психикаро фарқ мекунад:

Бешуурӣ- муҳтавои принсипан ба шуур дастнораси психика мебошад, ки мақсадгузориҳои арзишноки ниҳонӣ, мавқеъгириҳо, маромҳо ва таркиботи ядрои энергетикии шахсро муттаҳид мекунад.

Зершуур- хотироти фишорхӯрдаи эмотсионалиест, ки метавонанд бо ёрии техникаи психоанализ ба шуур дастрас гарданд.

Тошуурӣ- таркиботест, ки дар ҳолати зарурат метавонад ба осонӣ ба соҳаи шуур ворид шавад.

Шуур- мӯҳтавои фаҳмидашавандаи психика мебошад, ки ба танзими иродавӣ тобеъ аст.

Инкишофи психика дар онтогенез

Иборaи инкишофи психика ва шуур дар ду маврид истифода бурда мешавад: якум, дар мавриди баёни инкишофи таърихӣ ё таҳаввулоти психика; дуюм дар мавриди ифодаи инкишофи психикии фарди алоҳида. Мавриди аввал, ки филогенез (аз юн. филесулола, намуд ва генезис-баромад, пайдоиш)-и психика низ номида шудааст, дар мавзӯи сеюми ҳамин боби китоб баррасӣ карда мешавад. Ҷараёни инкишофи фардии организмро бошад онтогенез (аз юн. онтос-ҳақиқӣ, аслӣ ва генезис-баромад, пайдоиш) меноманд. Доир ба инкишофи

онтогенезии психика ду нуқтаи назари ба ҳам мухолиф вуҷуд дорад, ки бо номи равияҳои биогентикӣ ва сотсиогенетикӣ маъмуланд. Намояндагони равияи биогенетикӣ чунин мешуморанд, ки дар инкишофи психика ва шахсияти одам асосан омилҳои биологӣ нақш доранд. Ба ақидаи онҳо, раванди инкишофи психикаи одам ҳанӯз пеш аз таваллуди ӯ дар генҳо- ноқилҳои махсуси ахбороти ирсӣ сабт шудаанд ва чӣ гуна хусусиятҳои психикиро соҳиб шудани ӯ, кадом қобилияту маҳоратро аз худ кардани ӯ ва аз ахбороти дар генҳо маҳфузбуда вобаста аст. Ҷонибдорони равияи сотсиогенетикӣ бошад чунин меҳисобанд, ки дар инкишофи психика нақши омилҳои иҷтимоӣ асосист. Онҳо чунин мешуморанд, ки одам танҳо заминаҳои инкишофи психикиро ба мерос мегирад, ҳамагон аз рӯзи таваллуд қобилиятҳои якхелаи биологӣ ва имкониятҳои баробари инкишофро соҳибанд. Чигунагии хусусиятҳои психологӣ ва инкишофи қобилиятҳои фард пурра аз таъсироти муҳит вобаста буда, дар шароити мусоид ҳар як нафар метавонад ба дараҷаи баланди инкишофи психикию ақлонӣ расад. Яке аз намояндагони равияи сотсиогенетикӣ Ҷ. Локк буд, ӯ психикаи кӯдаки навзодро чун «tabula rasa» (тахтаи хатнависии тоза) баҳо медод, ки онро таҷриба бо нақшҳои худ пур месозад. Мувофиқи таълимоти олим, дар шуур чизе нест, ки тавассути узвҳои ҳис ворид нагардида бошад.

Камбудии ҳам биогенетикҳо ва ҳам сотсиогенетикҳо дар он буд, ки ба омилҳои инкишофдиҳандаи психика ва шахсияти одам баҳои якҷониба медоданд. Илми муосир бо далелҳои қатъӣ исбот мекунад, ки дар инкишофи психика ҳам омилҳои табиӣ ва ҳам омилҳои иҷтимоӣ нақши муассир доранд. Тасаввур кунед, ки кӯдак бо мағзи иллатнок ё узвҳои ҳиссии корноқобил, масалан чашми нобино таваллуд мешавад. Албатта, рушди психикию ақлонии чунин кӯдак маҳдуд аст. Қайд кардан лозим аст, ки кӯдак на танҳо сохторҳои анатомиро ба мерос мегирад, балки як қатор хусусиятҳои психофизиологӣ низ, аз қабили типи

системаи асаб ва хусусиятҳои конститутсионалӣ, хусусиятҳои узвҳои ҳис, заминаҳои табиии қобилиятҳо, аз ҷумла қобилиятҳои махсус ва ғайра дар сатҳи табиӣ ба инсон дода шудаанд, ки то андозае самт ва хусусиятҳои инкишофи психикии ӯро муайян мекунанд. Аз ин мебарояд, ки мо наметавонем нақши омилҳои табиӣ, аз ҷумла ирсиро сарфи назар кунем. Аз ҷониби дигар, инкишофи кӯдакро бе таъсири раванди таълиму тарбия ва дигар таъсироти иҷтимоӣ низ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ҳамин тавр, нуқтаи назари психологияи муосир ба омилҳои асосии инкишофи психикӣ, чуноне, ки мегӯянд, биосотсиогенетикӣ аст. Ин мавқеъро омӯзиши раванди инкишофи психикии дугоникҳои аз як тухмҳуҷайра таваллудшуда асоснок карда метавонад. Агар дугоникҳои дар як ҳуҷайратухм ташаккулёфтаро дар муҳити гуногун тарбия намоем, пас мебинем, ки дар инкишофи психикии онҳо умумият ва фарқиятҳо мавҷуданд. Худ аз худ муайян аст, он хусусиятҳое, ки умумианд, заминаи ирсӣ ва табиӣ доранд ва он хусусиятҳое, ки фарққунандаанд, дар асоси таъсири муҳит ба вуҷуд омадаанд. Истифодаи амалии методи дугоникҳо нишон дод, ки ҳарду гурӯҳи хусусиятҳо нишондиҳандаҳои муҳими инкишофи психикии фард мебошанд ва барои афзалият додан ба яке аз омилҳои биологию иҷтимоӣ асоси илмӣ вуҷуд надорад.

Чунин як баҳси дигар дар атрофии қуввaҳои ботинии ҳаракатдиҳандаи инкишофи психикӣ ҷой дошт. Олими австриягӣ З.Фрейд ба сифати чунин қувваҳо майлҳои бешуурона ва хусусан майлҳои шаҳвониро пешниҳод мекунад, ки аз ҷониби ӯ энергияи либидо номида шудааст. Ба ақидаи ӯ, маҳз дар раванди кӯшиши қаноатмандсозии майлҳои шаҳвонӣ фаъолии одам ба вуҷуд меояд, ки инкишофи психикии ӯ бо он вобаста аст. Муҳаққиқони зиёде ба ин «хулосаи беадабона» зид баромаданд, аммо самтҳои гуногуни назарияи З.Фрейд исботи худро ёфтаанд. Психологияи муосир бошад талаботҳоро қувваи ҳаракатдиҳандаи инкишофи психикӣ мешуморад. Талабот гуно-

гунанд: органикӣ, иҷтимоӣ, маърифатӣ ва ғайра. Қаноатмандсозии як талабот талаботи навро ба вуҷуд меоварад. Дар раванди қаноатмандсозии талабот инкишофи психикӣ низ ба амал меояд.

Психика ва шуури одам дар давоми ҳаёти фардии ӯ аз рӯи қонунияти муайян инкишоф меёбад. Чунин қонунҳои инкишофи психикиро муайян кардаанд:

а) қонуни номутаносибинкишофёбии психикӣ;

б) қонуни интегратсияи фаъолияти психикӣ;

в) қонуни пластикӣ (тағйирёбанда) будани инишофи психикӣ ва ҷуброн шудани ноқисиҳои он аз ҳисоби ташаккули дигар тарафҳои шахсият.

Ҳангоми баҳо додан ба инкишофи психикии кӯдак на инкишофи равандҳои алоҳидаи психикӣ, балки воҳиди даврaҳои синнусолиро ба назар мегиранд. Муҳим будани чунин нуқтаи назарро психологи рус Л.С.Виготский (1896-1934) дарк карда навиштааст: «синну сол чунин ташкилаи яклухти динамикӣ, чунин сохторест, ки нақш ва аҳамияти ҳар як ҷузъи алоҳидаи инкишофро муайян мекунад». Л.С.Виготский ба сифати ченаки таҳлили инкишофи психикӣ воҳиди даврaҳои синнусолиро истифода кард. Ҳамчунин ӯ яке аз аввалинҳо шуда, даврабандии синнусолии инкишофи психикиро пешниҳод намуд. Айни замон дар психологияи синнусолӣ якчанд таснифоти синнусолии инкишофи психика маъмуланд, ба монанди таснифоти психологи америкоӣ Э.Эриксон (1902-1994), психологони рус Д.Б.Элконин (1904-1984), Б.Г.Ананев (1907-1972) ва дигарон.

Яке аз маъмултарин даврабандиҳои инкишофи синнусолии психикаро, ки ба психологи рус А.Н.Леонтев (1903-1979) тааллуқ дорад, дида мебароем.

А.Н.Леонтев ҳафт марҳалаи инкишофи психикии кӯдакро ҷудо кардааст: навзодӣ (аз таваллуд то 2 моҳагӣ); синни аввали тифлӣ (аз 2 то 6 моҳагӣ); синни баъдии тифлӣ (аз 6 то 12-14 моҳагӣ); синни барвақти томактабӣ (аз 1 то 3 солагӣ); синни томактабӣ (аз 3 то 7 солагӣ); синни

хурди мактабӣ (аз 7 то 11-12 солагӣ); синни наврасӣ ва навҷавонӣ (аз 13-14 то 17-18 солагӣ).

Ҳар як давраро аз нигоҳи инкишофи психикӣ тавсиф менамоем.

Барои давраи аввал, яъне **синни навзодӣ** узвҳои ҳиссӣ, ҳаракат ва системаи асаби нисбатан инкишофёфта хос аст, ки ҳанӯз дар давраи дохилибатнӣ шакл гирифтаанд. Дар навзод аллакай эҳсоси биноӣ, шунавоӣ, пустӣ, маза ва эҳсоси ҳолати бадан дар фазо, инчунин аксар рефлексҳои содда ташаккул ёфтаанд. Бо вуҷуди он, ки системаи асаб ва қисмҳои он, аз ҷумла қишри мағзи сари навзод ташаккул ёфтаанд, вале аз сабаби инкишофи ҳанӯз номукаммали сохтори микроскопии мағз навзод наметавонад ба таъсироти муҳит аксуламали мувофиқ зоҳир намояд.

Ҳаёти кӯдак дар рӯзҳои аввали таваллуд бо ҳаёти дохилибатниаш умумияти зиёд дорад: ҳангоми оромӣ навзод дар ҳолати эмбрионалӣ қарор мегирад; $^{4}/_{5}$ ҳиссаи ҳаёташро вай дар хоб мегузаронад. Фаъолии зоҳирии навзод асосан ба қаноатманд кардани талаботи ӯ ба ғизо равона гардидааст. Ҳаракатҳои даст ва ҷойивазкунӣ дар фазо тақрибан вуҷуд надорад. Аммо бо вуҷуди ин дар ӯ аллакай унсурҳои ибтидоии рафтор ташаккул меёбанд. Идроки биноӣ дар ибтидо умуман мавҷуд нест, кӯдак танҳо ба объектҳои калон ва ё равшан эътино мекунаду халос. Ҳамзамон ташаккули аксуламалҳои мавқеъгирӣ, ба мисли эътино ба садо ва хусусан навозиши модар оғоз меёбад.

Кӯдак дар синни се-чор ҳафтагӣ каме фаъолтар мешавад. Дар ин давра аксуламали махсус шакл мегирад, ки дар як навъ фаъолшавии кӯдак ҳангоми ҳозир будани одамон ифода меёбад. Ин аксуламалро муҳаққиқон «аксуламали хушҳолӣ» омидаанд. Ин аксуламал нишонаи он аст, ки дар кӯдак идроки предметӣ шакл гирифта истодааст.

Ҳамин тавр, тавсифдиҳандаҳои инкишофи психикӣ дар ин марҳала ташаккули сохтори микроскопии мағз, шаклгирии унсурҳои соддаи рафтор ва аксуламали

мавқеъгирӣ ва зуҳуроти «аксуламали хушҳолӣ» мебошанд.

Кӯдак дар марҳалаи синни аввали тифлӣ аллакай бо ашёҳо манипулятсияҳо менамояд, протсесси идрок шакл мегирад ва ӯ метавонад ба ашёҳо даст расонида ё онҳоро дошта, дар як вақт нигоҳашро ба онҳо равона кунад. Дар ин давра вай нишастанро меомӯзад ва одамону ашёҳоро мешиносад.

Ҳамин тавр хусусияти асоси инкишофи психикӣ дар ин марҳала инкишофи амалҳо бо ёрии ашё ва протсессҳои идроки предметӣ аст.

Синни баъдии тифлӣ аз нимаи дуюми соли аввали ҳаёт оғоз меёбад. Кӯдак дар ин давра амалҳои навро аз худ мекунад, ки муносибати ӯро бо олами иҳотакарда тағйир медиҳанд. Дар ҳафтмоҳагӣ аллакай ҳаракатҳои дастӣ хуб инкишоф ёфтаанд. Ӯ метавонад ашёҳоро гирад, ба даҳон барад ё тела диҳад. Ҳамзамон метавонад мустақилона нишинад, ба шикам хобад ё ба пушт ғел занад; вай хазидан, бо ёрии дигарон хестан ва ба ашёҳо овезон шуданро ёд мегирад. Ҳамаи ин ба инкишофи системаи такягоҳу ҳаракат (устухону мушакҳо) мусоидат мекунад, ки дар навбати худ, ба қабули бештари ахборот аз олами иҳотакарда ва боиси инкишофи мустақилияти кӯдак мегарданд. Муносибати кӯдак бо калонсол тадричан характери фаъолияти якҷояро мегирад, ки дар раванди он муошарати предметӣ низ амалӣ мешавад. Масалан, калонсол ашёро ба кӯдак тела медиҳад, кӯдак онро мегирад ё кӯдак ашёро мепартояд ва калонсол онро мегирад.

Дар ин давра идроки кӯдак ташаккул ёфта, акнун ӯ ашёҳои алоҳидаро не, балки маҷмӯи онҳоро идрок мекунад. Дар рафти муошарати предметӣ тадричан нутқ ва тафаккури содда (тафаккуи предметӣ) шакл мегиранд, нишонаҳои аввалини тақлид ба рафтори калонсол ба вуҷуд меоянд. Ҳамчунин дар ин давра кӯдак роҳгардиро ёд мегирад.

Ҳамин тавр, нуқтаҳои муҳими инкишофи психикӣ дар ин давра инҳоянд: тағйир ёфтани муносибати кӯдак бо олами иҳотакарда дар асоси муошарати предметӣ; зуҳури нишонаҳои нутқ ва тафаккури содда; тақлид ба рафтори калонсол ва омӯхтани роҳгардӣ.

Синни барвақти томактабӣ бо шаклгирии ибтидоии фаъолияти табиати ҷамъиятидоштаи ба одам хос ва ҳамчунин намуди ба одам хоси инъикоси шууронаи олами иҳотакарда тавсиф дода мешавад. Кӯдак ба калонсолон тақлид кардаистода, ашё ва хусусиятҳои онҳоро маърифат мекунад. Маърифати ашё ва функсияҳои онҳо дар ду самт ба вуҷуд меояд: аввалан, ҳангоми азхуднамудани малакаҳои оддитарин, аз қабили доштани чумча ва пиёла, баъдан ҳангоми манипулятсияи ашё дар вақти бозӣ бо онҳо. Пайдоиши бозиҳо бошанд, давраи нави инкишофи психикиро оғоз мебахшанд, зеро акнун кӯдак оламро на танҳо бо ёрии алонсолон, балки мустақилона низ маърифат мекунад. Ҳамзамон кӯдак калимаҳоро ёд мегирад ва ибораи такроршавандаи «ман худам» ё ифодаи ишоравии он, ки мустақилиятхоҳии ӯро ифода мекунад, хусусияти хоси ин давра мебошад.

Мувофиқан хусусиятҳои асосии инкишофи психикии кӯдак дар ин давра аз худ кардани типи ба одам хоси муносибат бо олами иҳотакарда ва шаклгирии функсияҳои асосии тафаккур мебошанд.

Синни томактабӣ. Хусусияти асосии инкишофи психикӣ дар давраи синни томактабӣ мавҷудияти зиддият дар хоҳиши аз худ кардани олами ашёи ҳақиқӣ ва маҳдудияти имкониятҳои ӯ ифода меёбад. Ин номувофиқат дар бозиҳои сюжетӣ-нақшофарӣ ҳалли худро меёбад, ки кӯдак ҳангоми он на худи амалро, ки ба ӯ дастнорас аст, балки намуна ё образи онро иҷро мекунад. Масалан ронандаро дида, бо ҳаракат ва садоҳо амали ӯро тақлид мекунад. Кӯдак ҳангоми бозиҳои сюжетӣ муносибтҳои иҷтимоиро маърифат мекунад, хаёли эҷодӣ, қобилияти идораи

рафтор, идрок, бахотиргирӣ, азнавҳосилкунии образҳо ва инчунин нутқ ташаккул меёбанд.

Хусусияти дигари муҳими ин давра раванди шаклгирии шахсияти кӯдак мебошад. Дар асоси маърифати муносибатҳои иҷтимоӣ азхудкунии меъёру қоидаҳои рафтор ба амал меояд, ки дар натиҷа хусусиятҳои характери кӯдак шакл мегиранд. Ба он ҳамчунин бозиҳо, мазмуни афсонаҳо, расмкашӣ ва ғайра таъсир мерасонанд.

Ҳамин тавр, хусусияти муҳими ин давра ташаккули шахсияти кӯдак ба шумор меравад.

Синни хурди мактабӣ кӯдакони аз 7 то 12 соларо муттаҳид мекунад. Ба мактаб рафтани кӯдак марҳилаи нави инкишофи психикии ӯро тавсиф медиҳад, зеро акнун системаи муносибатҳои ӯро бо олами иҳотакарда на танҳо ҳамкорӣ бо калонсолон, балки муошират бо ҳамсолон низ муайян мекунанд. Илова бар ин, акнун бар души ӯ ӯҳдадории ҷамъиятӣ гузошта шудааст, ки аз иҷрои он оянда ва мавқеи ҷамъиятии ӯ вобаста аст. Бо вуҷуди он, ки кӯдак дар давраҳои қаблӣ низ ба таълим машғул буд, вале маҳз дар ин синну сол таълим ба фаъолияти асосии ӯ табдил ёфта, дар давоми мактабхонӣ маҳаки асосии инкишофи психикӣ ба шумор меравад. Самтҳои асосии инкишофи ҷараёнҳои психикӣ дар ин давра бо таълим алоқаманданд. Яке аз самтҳои муҳими инкишофи психикӣ дар ин давра инкишофи ақлонӣ мебошад. Дар асоси шароиту талаботи мактаб ва таълим дар кӯдак диққати ихтиёрӣ, идроки ихтиёрӣ (мушоҳидаи мақсаднок), хотир, тафаккури мантиқӣ ва нутқ инкишоф меёбанд.

Дар раванди таълим шахсияти кӯдак низ мунтазам инкишоф меёбад, ки ба он асосан ҷаҳонбинии нисбатан васеъ ва хусусиятҳои фаъолияти коллективона таъсир мерасонанд.

Ҳамин тавр хусусиятҳои асосии инкишофи психика дар синни хурди мактабӣ инкишофи суръатноки соҳаи

маърифатӣ, ташаккули минбаъдаи шахс ва таҷрибаҳои аввалини мутобиқати иҷтимоӣ мебошанд.

Синни наврасӣ ва навҷавонӣ. Кӯдак дар ин давра ба наврас мубаддал гардида, боз ҳам бештар ба ҳаётӣ иҷтимоӣ ворид мешавад. Ӯ ба амалигардонии имкониятҳои худ оғоз мекунад, дар фаъолияти мушаххас муваффақ мешавад ва доир ба касби оянда фикр мекунад. Ҳамзамон инкишофи соҳаи маърифатӣ ва ташаккули шахсият идома меёбад. Наврас дар муайянсозии мавқеи худ «ҳаёти» калонсолиро ба асос мегирад.

Қайд кардан зарур аст, ки ба инкишофи шахсият дар ин давра балоғати ҷинсӣ таъсири калон мерасонад. Дар зери таъсири инкишофи суръатноки организм ва омилҳои дигар тадриҷан рафтори кӯдакона ба рафтори ҷиддии калонсол монанд мешавад.

Албатта, инкишофи психикии одам дар давраи наврасӣ ба охир намерасад. Он бо вуҷуди суст шудан то охири умри одам идома меёбад. Муаллифи рус А.Г.Маклаков ду давраи дигари инкишофи минбаъдаи психикиро қайд кардааст: давраи акмеологии инкишоф ё давраи камолот ва давраи геронтогенез.

Давраи акмеологӣ (аз юн. акме-нуқтаи баландтарини инкишоф, гулгулшукуфӣ, балоғат) ё камолот аз 18 то 60 солагиро дар бар мегирад. Одатан ин даврароро марҳалаи самараноктарини ҳаёт ва давраи эҷодкорӣ меноманд. Дар ин давра инкишофи ҷисмонию ҷинсӣ хотима ёфта, хусусиятҳои иҷтимоию психологии одам низ ба камол мерасанд.

Давраи геронтогенез (аз юн. геронтос-пир, пирӣ) аз се давра иборат аст: миёнсолӣ (барои мардон 60-74, барои занон 55-74 - солагӣ); пиронсолӣ (75-90 - солагӣ); кӯҳансолӣ (90 - солагӣ ва зиёда аз он).

Ин давра асосан бо таназзули инкишофи ҷисмонию психологӣ тавсиф дода мешавад. Дар асоси тағйироти физиологии алоқаманд бо пиршави организм пастшавии

фаъолии зуҳуроти психикӣ низ ба назар мерасанд ва хусусан диққат, хотир ва тафаккур халалдор мешаванд.

Аммо қайд кардан лозим аст, ки ҷараёни ин давра аз хусусиятҳои фардии шахс низ вобастагӣ дорад. Дар давраҳои охири онтогенез нақши шахсият ва мавқеи иҷтимоии одам дар нигаҳдошти қобилиятҳои кори ӯ ниҳоят бузург аст.

Аз таҳлили даврабандии инкишофи психикӣ бармеояд, ки тараққиёти психикаи одам ростхата ба амал намеояд, он аз давраҳои гоҳо мунтазам, гоҳо пурҷушу хурӯш ва мураккаб иборат аст. Барои ифодаи чунин хусусиятҳои инкишофи фардӣ мафҳумҳои «давраҳои бӯҳронӣ» ва «давраҳои сензитивии инкишоф»- ро истифода мебаранд.

Давраҳои бӯҳронӣ ё бӯҳронҳои синнусолӣ гуфта, чунин марҳалаҳои ҳаёти фардро меноманд, ки гузаришро ба давраҳои сифатан нави синнусолӣ ифода карда, дар муракқабӣ ва ноустувории муносибатҳои шахс бо олами иҳотакарда зоҳир мешавад, ки асоси онро мухолифати хоҳишҳо бо имкониятҳо ташкил медиҳанд.

Дар инкишофи психикии фард якчанд давраи бӯҳронӣ фарқ карда мешаванд, ки муҳимтаринашон инҳоанд: бӯҳрони навзодӣ, бӯҳрони яксолагӣ, бӯҳрони сесолагӣ, бӯҳрони шаш-ҳафтсолагӣ ва бӯҳронӣ синни наврасӣ(11-12 солагӣ) .

Дар зери мафҳуми давраҳои сензитивии инкишоф чунин давраҳои ҳаёти одамро мефаҳманд, ки барои шаклгирӣ ва инкишофи зуҳуроти муайяни психикӣ шароити мусоид фароҳам меоварад. Масалан барои ташаккули нутқ синни 1 то 3 солагӣ давраи мусоид ё сензитивӣ мебошад. Агар кӯдак дар ин давра аз муошират бо калонсолон маҳрум бошад, пас бо вуҷуди кӯшиши зиёд минбаъд дараҷаи барои одами солим меъёрии инкишофи нутқро дар ӯ интизор шудан ғайриимкон аст. Инро дар мисоли инкишофи психикии кӯдакони ҷудо аз ҷамъияти инсонӣ зиндагикарда дидан мумкин аст. Соли 1920 аз ҷангалзори Ҳиндустон ду духтарча, яке ду ва дигаре ҳафтсола аз лонаи гургон

дарёфт карда шуд. Духтарчаи хурдӣ ба зудӣ фавтид, аммо калонӣ дар зери тарбияи одамон боз қариб 10 соли дигар зиндагӣ кард. Ӯ, ки давраи сензитивии инкишофи нуткро аз даст дода буд, дар муддати 7-8 соли омӯзиш, яъне дар синни 15 - солагӣ танҳо 45 калимаро аз худ карду халос. Барои муқоиса ҳаминро гуфтан кифоя аст, ки захираи луғавии кӯдакони 3-4 - сола то 1500 калимаро ташкил медиҳад.

Аз таърифи давраҳои сензитивӣ бармеояд, ки синну сол барои инкишофи зуҳуроти мухталифи психикӣ шароит фароҳам меоварад. Дар зери ин шароит пеш аз ҳама инкишофи анатомию физиологии организм ва хусусан ташаккули системаи асаб, системаи такя ва ҳаракат, инкишофи малакаҳои ҳаракатӣ ва ғайра фаҳмида мешавад. Инкишофи организм ҳам бевосита аз тариқи шаклгирии заминаҳои физиологии функсияҳои психикӣ ва ҳам бавоситаи васеъ намудани системаи муносибатҳои шахс бо олами иҳотакарда, ки аз ташаккули тадриҷии имкониятҳои ҷисмӣ бармеояд, ба инкишофи психикӣ мусоидат мекунад.

Хусусиятҳои ҷинсии инкишофи психикӣ

Фарқияти намояндагони ҷинсҳои мардона ва занона дар се сатҳ баррасӣ карда мешаванд: сатҳи анатомӣ - морфологӣ; сатҳи физиологӣ - ҳормоналӣ ва сатҳи иҷтимоӣ- психологӣ. Барои баҳои воқеӣ додан ба тафовути психологии ҷинсҳо тавсифи ду сатҳи аввал (дараҷаи биологӣ) низ муҳим аст.

Фарқияти ҷисмонии ҷинсҳоро, ки асоси биологӣ дорад, диморфизми ҷинсӣ меноманд.

Ҳанӯз дар лаҳзаи бордоршавии ҳуҷайратухм таносуби хромосомҳо ҷинсияти генетикии ҷанинро муайян мекунанд, ки дар схемаи биологӣ чунин тасвир карда меша-



Расми 1. *Таносуби инкишофи физиологии ҷинсҳо*

вад: XX- духтар ва XY- писар. Тақрибан дар ҳафтаи 7-ми инкишофи ҷанин ғадудҳои ҷинсӣ ташаккул меёбанд, ки ҷинсияти ҳормоналии ӯро муайян мекунанд. Ҳормони ин ғадудҳо аз як ҷониб самти инкишофи морфологии ҷинсро муайян карда, ба шаклгирии аломатҳои аввалиндараҷаи ҷинсият (узвҳои ҷинсӣ) мусоидат мекунанд. Аз ҷониби дигар бошад, ба марказҳои дахлдори мағз таъсир расонида, заминаи равандҳои минбаъдҷараёнгирандаи балоғати ҷинсиро ба вуҷуд меоварад. Пас аз таваллуд дар асоси нишонаҳои зоҳирӣ ҷинсияти расмии кӯдак муайян карда мешавад. Фаъолияти бенуқсони ғадудҳои ҷинсӣ дар давраи балоғати ҷинсӣ боиси ба вуҷуд омадани як қатор тағйироти морфологӣ ва физиологӣ мегарданд, ки нишонаҳои дуюмдараҷаи ҷинсӣ номида мешаванд (баромадани

ришу мӯйлаб дар писарон, дамидани синаҳо, ҳайзбинӣ дар духтарон ва ғ.).

Кӯдак аз рӯзи таваллуд бо муайян шудани ҷинсияти расмӣ ба муносибати хоси «духтарона» ва ё «писарона» рубарӯ мегардад, ки минбаъд ба муайянсозии мавқеи иҷтимоӣ ва худшиносии ҷинсии ӯ мусоидат мекунад. Муносибати ҷамъият ва хусусиятҳои тарбия доимо ба кӯдак талқин мекунанд, ки кадом намуди рафтор барои ӯ «раво» ва кадомаш «норавост». Ҳамин тавр нақшҳои ҷинсӣ ва дар заминаи онҳо тасаввурот дар бораи хусусиятҳои хоси «мардона» ва «занона» шакл мегиранд, ки дар илм бо номи стереотипҳои маскулинӣ (аз лот. маскулинус-мардона) ва феминӣ (аз лот. феминус-занона) маъмуланд.

Кӯдак аллакай дар синни 1,5 солагӣ ба кадом ҷинс тааллуқ доштанашро мефаҳмад. Дар 3-4 - солагӣ ҷинсияти дигаронро аз рӯи аломатҳои зоҳирӣ (масалан сарулибос) муайян мекунад. Дар 6-7 - солагӣ аллакай тафовути воқеии ҷинсиятро фарқ карда, кӯдак кӯшиш мекунад, ки ба меъёрҳои муайянкардаи ҷамъият мувофиқ бошад. Ҳамзамон иҷроиши нақшҳои ҷинсӣ аз ҷониби калонсолон назорат карда мешавад. Волидайн ва атрофиён писарро (духтарро) барои рафтори маскулинӣ (феминӣ) таҳсин ва баръакс барои рафтори мухолиф танқид мекунанд.

Дар тасаввуроти ҷамъиятӣ зери хусусиятҳои «мардона» одатан далерӣ, шуҷоат, ҷиддият, сиёсат, фаъолӣ, қатъият ва монанди инҳоро мефаҳманд. Зери хусусиятҳои занона бошад, назокат, меҳрубонӣ, хайрхоҳӣ, ҳассосӣ, нофаъолӣ ва ғайра. Ин намунаи хусусиятҳои маскулинӣ ва феминӣ на ҳамеша дар воқеият тасдиқи худро меёбанд, яъне хусусиятҳое, ки мардона ҳисобида мешаванд, дар занҳо низ ташаккул меёбанд ва баръакс. Аз ин рӯ, онҳоро тасаввуроти стреотипӣ (аз юн. стереос - устувор ва типос - нақш) ё шахшуда меноманд.

Ҳамин тавр, тафриқагузории хусусиятҳои занона ва мардона шартӣ буда, сарҳади аниқи фарққунӣ надоранд ва аз омезиши онҳо як навъ типҳои «мобайнӣ» ба вуҷуд

меоянд. Масалан, дар тасаввуроти омма аз рӯи баҳодиҳӣ ба хусусиятҳои ҷинсии рафтор чаҳор типи одамон фарқ карда мешаванд: марди мардонахислат, марди занонахислат, зани мардонахислат ва зани занонахислат.

Бояд қайд намуд, ки дар чунин зуҳуроти хусусиятҳои барои ҷинси муқобил хос донисташаванда, ҳам омили биологӣ (ихтилоли функсияҳои тарашшуҳоти ҷинсӣ) ва ҳам омили иҷтимоӣ (тарбияи нодуруст) нақш доранд.

Саволе ба миён меояд, ки фарқияти воқеии психикаи мардона ва занона дар чӣ ифода меёбад? То чӣ андоза нишондиҳандаи ин фарқият бузург аст?

Таҳқиқотчиёни америкоӣ Е.Е.Маккоби ва К.Н.Ҷеклин дар натиҷаи таҳлили тамоми тадқиқотҳои то солҳои 70-уми асри XX гузаронидашуда танҳо чаҳор фарқияти психологии ҷинсҳоро маълум карданд: қобилиятҳои мавқеъгирӣ дар вазъият, қобилиятҳои математикӣ, малакаҳои нутқӣ ва агрессивият. Муҳаққиқон ба хулосае омаданд, ки писарон дар қобилиятҳои биноӣ-фазоӣ бар духтарон афзалият доранд ва қобилиятҳои математикиашон низ баландтар аст. Духтарон бошанд, дар қобилиятҳои шифоҳӣ пешсафанд ва писарон бештар агрессивӣ, яъне бадхашманд (Е.Е.Маккоби ва К.Н.Ҷеклин, 1974).

Тадқиқоти минбаъда аз ҷумла И.С.Кон (1982), Ш.Берн (1995) ва дигарон нишон доданд, ки ин хусусиятҳо низ асосан бо нақшҳои иҷтимоии ҷинсҳо робита дошта, фарқияти воқеӣ ниҳоят ночиз аст. Масалан, психологи америкоӣ Шон Берн бар он аст, ки психикаи мардона ва занона ҳадди ақал 90 % умумият дошта, танҳо дар 10%-и ҳолатҳо тафовут доранду халос.

Вазифаҳои илми психология

Вазифаи ҳар як илм пеш аз ҳама омӯзиши ҳамаҷонибаи предмети илмиаш ва ба манфиати ҷамъият дар амалия татбиқ намудани натиҷаҳои ин омӯзиш мебошад. Вазифаи аввалинда-

раҷаи психология низ омӯхтани қонунҳои фаъолияти психикӣ ба шумор меравад.

Илми психология ҳангоми тадқиқи предмети илмии худ чунин вазифаҳои асосиро дар назди худ мегузорад:



Нақшаи 1. *Намунаи натиҷаҳои аз тадқиқоти гендерӣ бадастомада, ки ночиз будани тафовути ҷинсиро нишон медиҳад.*

- омӯзишу дарки моҳияти зуҳуроти психикӣ ва ошкор сохтани қонуниятҳои онҳо;

- омӯзиш ва дарёфти имкониятҳои идоранамоии протсессҳои психикӣ;

- дар амалия татбиқ намудани донишҳои илмии психологӣ бо мақсади тарбияи шахсияти комил ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот;

- ба вуҷуд овардани асоси илмию назариявии ҳадамоти психологӣ.

Қонуниятҳои инкишоф ва зуҳуроти ҳодисаҳои психикиро омӯхта истода, психология моҳияти инъикоси олами объективиро дар қишри мағзи сар ошкор месозанд, муайян мекунанд, ки рафтору фаъолияти одам читавр идора карда мешавад, фаъолияти психикӣ чӣ тавр ба амал

меояд ва хусусиятҳои психикӣ чӣ тавр шакл мегиранд. Аз сабаби он, ки психика ва шуури одам инъикоси объективии олами воқеист, омӯзиши қонуниятҳои психологӣ пеш аз ҳама маънои муайяннамоии алоқаи зуҳуроти психикӣ бо шароитҳои объективии ҳаёт ва фаъолияти одамро дорад. Вале бо назардошти он, ки ҳар як фаъолияти одам (таълимӣ, меҳнатӣ, иҷтимоӣ) қонунан на танҳо аз шароитҳои объективии ҳаёту фаъолияти одам, балки аз ҷанбаҳои субъективӣ (муносибат, мақсадгузорӣ, таҷрибаи шахсӣ) низ асос мегирад, пас дар назди психология вазифа гузошта мешавад, ки хусусиятҳои амалигардии фаъолият ва натиҷаҳои онро дар вобастагӣ аз таносуби шароитҳои объективӣ ва ҷанбаҳои субъективӣ муайян намояд.

Ҳамин тавр, қонуниятҳои протсессҳои маърифатиро барқарор намуда, психология имконият пайдо мекунад, ки ҷараёни таълимро ба таври илман асоснок ташкил намояд; қонуниятҳои ташаккули шахсиятро муайян намуда, дар ҳамкорӣ бо педагогика ташкили дурусти тарбияро ба роҳ монад; қонуниятҳои пайдоиш ва инкишофи ҳолатҳои ногувори рӯҳро ошкор сохта ба пешгирии ихтилоли асабию рӯҳӣ мусоидат кунад; қонуниятҳои шаклгирии тағйироти психикаи одами беморро муайян карда, ба раванди табобат таъсири мусбӣ расонад. Ҳамчунин қонуниятҳои психологиро омӯхта, ҳалли масъалаҳои ташкили меҳнат, азхуднамоии техникаи нав ва усулҳои пешқадами кор, баландбардории самаранокии фаъолияти истеҳсолӣ, ҷобаҷогузории кадрҳо, тақсими дурусти меҳнат ва қувваи корӣ, ташкили муҳити мусоиди кору муносибат ва ғайраро дарёфт намудан мумкин аст.

Психологҳо метавонанд бо назардошти қонуниятҳои психологӣ баҳри такмили хусусиятҳои мусбат, бартарафсозии хислат ва одатҳои бад ва дигар масъалаҳои шахсию байнишахсӣ тавсия ва маслиҳатҳои муфид пешниҳод намоянд.

Доираи фарохи вазифаҳоро, ки дар асоси мушаххасномоии масъалаҳои психологӣ ба вуҷуд меоянд, психоло-

гия дар доираи таълиму тарбия, тиб, варзиш, саноат, суд ва системаи ислоҳоти меҳнатӣ, хизмати ҳарбӣ, корҳои идоракунӣ , ташвиқотӣ ва ғайра ҳал менамояд.

Масъалаи махсусе, ки дар муносибатҳои ҷамъиятӣ ба амал омада, ҳалли он иштироки ҳатмии психологро талаб мекунад - ин вазъияти ихтилофнок аст. Психологҳо дар ҳалли низоъҳои ботинию байнишахсӣ нақши асосиро мебозанд.

Соҳаҳои илми психология

Психология дар замони муосир худро ҳамчун илми мутараққӣ муаррифӣ намудааст. Аз он соҳаҳои бешумор ҷудо шуда, ҳар яке дар самти худ то андозае мустақилона тадқиқоти илмӣ мебарад. Суръати ташаккули ин илм имконият додааст, ки тақрибан дар ҳар 4 - 5 сол самт ё соҳаи нави он ба вуҷуд меояд. Ҳамаи инро ба назар гирифта истода, месазад, ки на дар бораи психология ҳамчун як илм, балки ҳамчун комплекси илмҳои психологӣ сухан ронем.

Якчанд кӯшишҳои таснифоти соҳаҳои илмҳои психологӣ мавҷуданд. Намояндаи муосири психологияи рус Р.С. Немов тамоми соҳаҳои ин илмро ба соҳаҳои фундаменталӣ, амалӣ, умумӣ ва махсус ҷудо менамояд. Ба ақидаи вай, соҳаҳои фундаменталӣ ё базавии психология дар фаҳмиш ва шарҳ додани рафтори одамон новобаста аз кӣ ва ба кадом фаъолият машғул буданашон аҳамияти бузург доранд. Соҳаҳои амалӣ гуфта, ӯ соҳаҳоеро меномад, ки дастовардҳои онҳо дар амалия истифода мешаванд. Соҳаҳои умумӣ масъалаҳои барои тамоми соҳаҳо муҳимро пайдо ва ҳал менамоянд ва соҳаҳои махсус бошанд масъалаҳоеро баррасӣ мекунанд, ки ба омӯзиши як ё гурӯҳи ҳодисаҳо равона гаштаанд.

Дар илми муосир таснифоти пешниҳоднамудаи психологи шинохтаи рус А.Р. Петровский низ васеъ дар истифода қарор дорад. Вай дар таснифоти соҳаҳои психология се меъёри асосиро ба эътибор мегирад:

а) фаъолияти мушаххас;

б) инкишофи психика;

в) муносибати шахс ва ҷамъият.

Агар меъёри аввалро ба эътибор гирем, пас як қатор соҳаҳоро ҷудо намудан мумкин аст, ки масъалаҳои психологии намуди мушаххаси фаъолияти одамро меомӯзанд, аз қабили: психологияи педагогӣ, психологияи тиббӣ, психологияи ҳуқуқ, психологияи судӣ, психологияи ҳарбӣ, психологияи муҳандисӣ ва меҳнат, психологияи варзиш ва ғайра.

Агар ҳангоми таснифот ҷанбаҳои психологии тараққиёту инкишофро ба назар гирем, он гоҳ чунин соҳаҳо ба миён меоянд: психологияи муқоисавӣ ё зоопсихология, психологияи синнусолӣ.

Ҳангоми ба эътибор гирифтани ҷанбаҳои психологии муносибат ду шохаи соҳаҳоро фарқ намудан мумкин аст: психологияи фард ва психологияи иҷтимоӣ.

Ба сифати соҳаи умумиятдиҳанда ва муттаҳидсозандаи ин комплекси илмҳои психологӣ психологияи умумиро фарқ кардан мумкин аст.

Психологияи умумӣ маъалаҳои методологии тадқиқоти психологӣ, таърихи психология, қонуниятҳои умумии тараққиёту зуҳуроти психика ва масъалахои дигари барои ҳамаи соҳаҳои психология умумиро мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Психологияи умумӣ ҳар як шакли зуҳуроти психика: раванд, ҳолат, хусусият ва ҳар як зуҳуроти мушаххаси психологиро дар алоҳидагӣ ва дар алоқамандӣ бо зуҳуроти дигари психологӣ меомӯзад.

Соҳаҳои дигари илми психологияро чунин тавсиф намудан мумкин аст:

Психологияи педагогӣ. Он масъалаҳои психологии раванди таълиму тарбияро дида мебарояд, психологияи хонанда ва муаллимро омӯхта истода, усулҳои самарабахши пешниҳоди дарс ва роҳҳои беҳтарини азхуднамоии онро тавсия медиҳад. Психологияи педагогӣ дар навбати худ, аз зерсоҳаҳои психологияи таълим, психологияи тар-

бия, психологияи муаллим, психологияи корҳои таълимӣ-тарбиявӣ бо кӯдакони аномалӣ таркиб ёфтааст.

Психологияи тиббӣ. Ин соҳа масъалаҳои муносибати байни бемору табиб, муҳити психологии беморхона, психологияи корманди тиб ва беморони гуногунро омӯхта, зерсоҳаҳои зеринро дар бар мегирад: нейропсихология ё психофизиология, психофармакология, психотерапия, психопрофилактика ва психогигиена.

Психологияи ҳуқуқ масъалаҳои психологии вобаста ба амалигардии системаи ҳуқуқро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Он аз зерсоҳаҳои психологияи судӣ, психологияи криминалӣ ва психологияи пенитенсиарӣ ё психологияи ислоҳоти меҳнатӣ иборат аст.

Психологияи ҳарбӣ рафтори одамро дар шароити амалиёти ҷангӣ, масъалаҳои психологии хизмати ҳарбӣ, муносибати байни аскарону афсарон, усулҳои психологии ташвиқу тарғиб, аксултташвиқот, масъалаҳои психологии идораи техникаи ҳарбӣ ва ғайраро меомӯзад.

Психологияи меҳнат ва муҳандисӣ хусусиятҳои психологии намудҳои мухталифи фаъолият, масъалаҳои интихоби тахассус, ҷобаҷогузории кадрҳо, муҳити психологии корхона, кор бо дастгоҳҳои гуногун, шароити кор ва ғайраро дида мебарояд. Он бо соҳаҳои дигари психология, ба монанди психологияи ташхиси меҳнат, психологияи маълумоти касбӣ - техникӣ, психологияи ташкили илмии меҳнат ва психологияи ҳавонавардӣ алоқаи зич дорад.

Психологияи варзиш хусусиятҳои психологии шахсият ва фаъолияти варзишгарон, шароит ва воситаҳои психологии тайёрии онҳо, омилҳои психологии алоқаманд бо ташкил ва гузаронидани мусобиқаҳои варзиширо меомӯзад.

Психологияи савдо. Ин соҳа шароитҳои психологии таъсири реклама, хусусиятҳои инфиродӣ ва синнусолии эҳтиёҷот, омилҳои психологии хизматрасонӣ ба мизоҷон,

масъалаҳои психологии муд ва монанди инҳоро мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Психологияи эҷодиёти илмӣ хусусиятҳои шахсияти эҷодкор ё кашшоф, омилҳои ангезандаи фаъолии эҷодӣ, нақши фаросат (интуитсия) дар амалинамоии кашфиёти илмиро меомӯзад. Дар таркиби ин соҳа эвристикаро фарқ мекунанд, ки вазифаи он аз омӯзиши қонуниятҳои ҷараёнҳои эвристикии фаъолияти эҷодӣ ва коркарди методҳои идоранамоии раванди эвристикӣ иборат аст.

Психологияи эҷодиёти бадеӣ масъалаҳои психологии эҷодиётро дар соҳаҳои адабиёт ва санъат дида мебарояд.

Психологияи тарбияи ахлоқӣ. Ин соҳа низ бешубҳа аҳамияти муҳимро соҳиб аст, вале айни ҳол нисбатан кам омӯхта шудааст.

Психологияи синнусолӣ онтогенези ҷараёнҳои мухталифи психикӣ ва хусусиятҳои психологии одами мутараққиро омӯхта истода, ба психологияи кӯдакон, психологияи наврас, психологияи давраи ҷавонӣ, психологияи давраи камолот ва геронтопсихология ҷудо мешавад.

Психологияи ташаккули аномалӣ ё психологияи махсус аз чунин қисматҳо таркиб ёфтааст: патопсихология, ки тамоюлҳоро дар инкишофи психикӣ меомӯзад; олигофренопсихология, ки патологияи инкишофи психикии алоқаманд бо ноқисиҳои модарзодии мағзро баррасӣ мекунад; сурдопсихология, ки психологияи ташаккули кӯдакро ҳангоми ноқисиҳои узви шунавоӣ меомӯзад ва тифлопсихология, ки психологияи инкишофи сустбиноён ва нобиноёнро мавриди омӯзиш қарор медиҳад.

Психологияи муқоисавӣ ё зоопсихология соҳаи илми психология мебошад, ки масъалаҳои вобаста ба намудҳои филогенетикии ҳаёти психикиро баррасӣ намуда, психикаи ҳайвон ва одамро бо мақсади дарёфти қонуният ва механизмҳои инкишофи таърихии психика муқоиса менамояд.

Психологияи ичтимоӣ зуҳуроти психикиеро меомӯзад, ки дар ҷараёни ҳамкории одамон дар гурӯҳҳои

мухталифи муташаккилу номуташаккили иҷтимоӣ ба вуҷуд меоянд. Ба сохтори психологияи иҷтимоӣ дар айни замон се гурӯҳи масъалаҳо шомиланд: зуҳуроти иҷтимоӣ - психологӣ дар гурӯҳҳои калон (макромуҳит); зуҳуроти иҷтимоӣ - психологӣ дар гурӯҳҳои хурд (микромуҳит); ва зуҳуроти иҷтимоӣ - психологии шахсияти одам (психологияи иҷтимоии шахсият).

Психологияи фардият зуҳуроти психикии ба фард хосбударо меомӯзад.

Психологияи генетикӣ механизмҳои ирсии психика ва рафтор, вобастагии онҳоро аз генотип дида мебарояд.

Психологияи тафриқавӣ фарқияти инфиродии одамон, заминаҳои онҳо дар ҷараёни шаклгирӣ ва ғайраро баррасӣ менамояд.

Психологияи менеҷмент ё психологияи идоракунӣ масъалаҳои психологии идораи намудҳои мухталифи фаъолияти иҷтимоӣ ва истеҳсолӣ, психологияи роҳбарӣ ва шахсияти роҳбар, инчунин психологияи муошарати корӣро мавриди омӯзиш қарор медиҳад.

Қайд намудан лозим аст, ки психология дар тамоми соҳаҳои худ предмети тадқиқотиашро ҳифз менамояд ва бо вуҷуди сершоха будан ба мустақилияту ягонагиаш халале ворид намесозад.

1.2. Методология ва методҳои тадқиқотии илми психология

Асосҳои илмӣ - методологии тадқиқоти психологӣ

«Илм - ин соҳаи махсуси фаъолияти инсоният аст, ки баҳри ҳосил намудани дониши нав доир ба олам, қонуният, моҳият ва хусусиятҳои он равона карда шудааст - омадааст дар китоби «Фалсафа ва дониши илмӣ». (Шамсиддинов Ҷ. Фалсафа ва дониши илмӣ. - Душанбе, 2009.- С. 12.). Натиҷаи фаъолияти илмӣ дар тавсифи воқеият, шарҳ ва пешбинии ҷараёну зуҳурот,

дар шакли матн, схемаҳо, тасвирҳои графикӣ, формулаҳо ва ғайра ифода меёбад. Идеали омӯзиши илмӣ - ин кашфи қонунҳо аст, ки моҳиятан шарҳи назариявии воқеият мебошанд. Ба қавли Эйнштейн бузургтарин музаффарияти тафаккури илмӣ дар ошкор намудани қонунҳои фундаменталии табиат ифода меёбад.

Воқеан кашфи қонунҳои табиат ва ҷамъият на танҳо яке аз меъёрҳои муҳими баҳои илмӣ додан ба ҳодисаҳои олам аст, балки маҳз ин қонунҳо моҳияти амалии илмро тавсиф медиҳанд. Бо кашфи қонунҳои илмӣ ҳодисаҳоро шарҳ додан, пешбинӣ намудан ва идора кардан имконпазир мегардад.

Вазифаи муҳимтарини илм - ин гирд овардани маҷмӯи донишҳои асоснок ва маърифати ҳақиқат мебошад. Дар тӯли таърихи инсоният ин вазифаи худро ичро карда истода, илм чун институти иҷтимоӣ ташаккул ёфтааст. (Дар зери мафҳуми институти иҷтимоӣ системаи устувори арзишҳо, меъёру қоида ва принсипҳо фаҳмида мешавад, ба мисли дин, илм, ахлоқ). Таҳаввулоти илм дар намуди шаклгирӣ, рақобат ва ивазшавии парадигмаҳо сурат мегирад. Парадигма (аз юн. намуна) намуд ва ё самти тадқиқот аст, ки аз ҷониби гурӯҳи мутахассисон ба сифати намуна қабул шудааст (чун омӯзиши шуур ва рафтор дар психология).

Усули ба даст овардани донишҳои илмӣ - ин тадқиқоти илмӣ мебошад. Ҳамагуна тадқиқот аз гузориши масъалаи илмӣ оғоз меёбад. Ҳар гуна саволҳои кунҷкобонаи кӯдакона аз қабили «чаро осмон кабуд аст?», «кӣ зӯртар аст: фил ё шер?» намунаи соддаи масъалагузорӣ ба шумор мераванд. Аммо масъалагузории илмӣ аз чунин саволҳои ҳаётӣ бо он фарқ мекунад, ки он дар доираи соҳаи муайяни илм шакл гирифта, ҳамзамон усули тадқиқ ва ҳалли масъала пешбинӣ карда мешавад. Чунин давраҳои пайдоиши масъалаи илмиро фарқ мекунанд:

- ошкор шудани ноқисии донишҳои илмӣ дар шарҳи ҳодисаҳои воқеият;

- тавсифи масъала дар сатҳи то тадқиқотӣ. Ин давра имконият медиҳад ки масъала аз доираи як соҳа баромада паҳн гардад ва ҳалли он дар доираи соҳаҳои дигари илм низ ҷустуҷӯ карда шавад;

- батартибдарории илмии масъала дар доираи соҳаи алоҳидаи тадқиқоти илмӣ ва пешниҳоди фарзияи илмӣ. Фарзия ё гипотеза - ин тахмини илмӣ аст, яъне ҷавоби тахминӣ ба саволи: «ин масъала аз куҷо сар мезанад?». Минбаъд тадқиқоти илмӣ ба нақша гирифта мешавад, ки тасдиқ ё инкори фарзияро пешбинӣ мекунад.

Тадқиқоти илмӣ аз чунин давраҳо иборат аст:

1. Пешниҳоди фарзия.
2. Банақшагирии тадқиқот.
3. Баргузории тадқиқот.
4. Шарҳи натиҷаҳо.
5. Тасдиқ ё инкори фарзия.
6. Дар ҳолати инкор шудани фарзияи аввалӣ пешниҳоди фарзияи нав бо назардошти натиҷаҳои бадастомада.

Тамоми ин масъалаҳои вобаста ба арзишҳо, меъёрҳо, принсипҳо, усулҳои омӯзиш ва умуман асосноки илмро методологияи илм назорат мекунад.

Таҳти мафҳуми методология таълимотро дар бораи усули илмии маърифати олам мефаҳманд.

Психология барои он, ки ҳамчун илми мустақил ва асоснок эътироф карда шавад, бояд меъёрҳои умумиилмӣ ва як қатор талаботи методологиро қаноатманд намояд. Пеш аз ҳама он бояд системаи донишҳои илман асосноккшударо дар бар гирад. Дар ибтидои боби аввали китоб доир ба донишҳои илмӣ ва ҳаётӣ (ғайриилмӣ)- и психологӣ баён намудем ва қайд кардем, ки донишҳои ҳаётӣ ба система дароварда нашудаанд, ба таври таҷрибавӣ собит нагардидаанд. Дар баробари ин қайд кардан лозим аст, ки албатта чунин донишҳо наметавонанд вазифаҳои дар назди психология гузошташударо ҳал намоянд, яъне барои корҳои ҷидии тарбиявӣ, табобатӣ ва ташкилӣ асоси

устувори назариявӣ бошанд. Зеро ташкили чунин корҳо, ки бо фаъолияти мутахассис - психолог вобастагии муҳим дошта, донишҳои касбӣ ва илман асосноки психологиро талаб мекунад.

Донишҳои илмии психологӣ маълӯи далелу бурҳони ба таври таҷрибавӣ тасдиқшуда мебошанд, ки ҳодисаҳои гуногуни ҳаёти рӯҳиро миқдоран ва сифатан тавсиф медиҳанд.

Донишҳои илмии психологӣ дар раванди тадқиқоти илмии психологӣ ҳосил мешаванд. Тадқиқоти илмии психологӣ низ чун тамоми самтҳои дигари тадқиқоти илмӣ ба усули гипотетикию дедуктивӣ такя мекунад, яъне нисбати масъалаи илмии гузошташуда фарзия (гипотеза) пешниҳод мегардад ва дар асоси он тадқиқоти илмӣ - психологӣ ба нақша гирифта мешавад, ки ба тасдиқ ё инкор намоии ин фарзия равона шудааст. Дар рафти тадқиқот шарҳи ҳодисоти психикӣ дар шакли гузаштан аз кулл ба ҷузъ (дедуксия) ҷараён мегарад.

Нисбати ташкили тадқиқоти психологӣ чунин талаботи меъёрӣ мавҷуданд:

1. Банақшагирии тадқиқот. Методҳои тадқиқот бояд пешакӣ интихоб ва омода карда шаванд, ҷараён, вазъият, воситаҳо, объект ва предмети тадқиқот ҳамаҷониба таҳлил гарданд, омилҳои таъсиррасон баэътибор гирифта шаванд ва ғ..

2. Макон ва замони тадқиқот. Ҷой ва вақти баргузории тадқиқот интихоб ва муайян карда шавад, муҳити барои тадқиқот зарурӣ бавуҷуд оварда шавад, қоидаҳои техникаи бехатарӣ, санитарӣ-гигиенӣ ва этикӣ, инчунин ҳолати рӯҳии озмудашавандагон баэътибор гирифта шавад.

3. Таъминоти техникӣ. Таҷҳизоти барои тадқиқот зарурӣ пурра таъмин гардад ва ташхиси коршоямии онҳо гузаронида шавад.

4. Интихоби озмудашавандагон. Интихоб бояд ба мақсади тадқиқот мувофиқ бошад, он бояд якрангии сифатии озмудашавандагонро таъмин намояд.

5. Шахсияти тадқиқотчӣ. Тадқиқотчӣ бояд донишҳои назариявӣ ва малакаи касбии барои гузаронидани тадқиқот заруриро дошта бошад. Дар ҷараёни тадқиқот таъсири тадқиқотчӣ ногузир аст, ва аз ин рӯ баэътиборгирии ин омил низ зарур аст.

6. Нишондод. Нишондоди ба озмудашаванда пешниҳодшаванда бояд дар давраи банақшагирии тадқиқот тартиб дода шавад ва он бояд кӯтоҳ, аниқу фаҳмо бошад.

7. Протокол. Протоколи тадқиқот бояд пурра ва ҳамзамон мақсаднок бошад.

8. Коркарди натиҷаҳо. Натиҷаҳои бадастовардашуда бояд ба таври сифатӣ ва миқдорӣ таҳлил карда шаванд.

Нисбати ташкил ва гузаронидани тадқиқоти психологӣ ҳамчунин талаботи этикӣ ва ҳуқуқӣ низ пешниҳод мешаванд: 1) раванди тадқиқот бояд ба қонунгузории давлатӣ мухолиф набошад; 2) психолог-тадқиқотчӣ ва ё ташкилоте, ки тадқиқотро ба нақша мегирад бояд ҳуқуқ ва иҷозатномаи гузаронидани онро дошта бошад; 3) тадқиқот бояд ба саломатӣ, ҳолати рӯҳӣ, мавқеи иҷтимоӣ, ҳуқуқҳо ва манфиатҳои озмудашаванда таъсири манфӣ нарасонад; 4) тадқиқот бояд танҳо бо мақсадҳои илмӣ баргузор гардад; 5) сирри касбӣ бояд нигоҳ дошта шавад ва маълумоти шахсӣ танҳо бо розигии озмудашаванда паҳн карда шавад; 6) ҳангоми интихоби озмудашавандагон бояд розигии онҳо ба эътибор гирифта шавад ё онҳо аз раванди тадқиқот огоҳ карда шаванд. Қайд кардан лозим аст, ки дар ҳолатҳои махсус нисбати ин талабот истиснои асоснок мавҷуд аст, баъзан бо мақсади дар ҳолати табиӣ нигоҳ доштани вазъият раванди тадқиқот ё мақсади он муваққатан аз озмудашаванда пинҳон дошта мешавад. 7) бо талаби озмудашавандаҳо раванди тадқиқот бо ӯ бояд боздошта шавад.

Принсипҳои шарҳдиҳандаи тадқиқоти психологӣ

«Принсипҳои шарҳдиҳанда - ин мавқеи асосӣ, замина ё назарияҳое мебошанд, ки татбиқи онҳо имконияти тавсифи хусусиятҳои тахминии объекти тадқиқот ва дар асоси методи умумиилмӣ ташкили тартиби дастраснамоии маводи таҷрибавӣ, инчунин ҷамъбастнамоӣ ва шарҳи онро фароҳам меоварад»- омадааст дар адабиёти илмӣ. Принсипҳои шарҳдиҳанда яке аз меъёрҳои методологӣ нисбати соҳаи илм мебошанд, ки мавқеи онро нисбати объекти тадқиқот аз нуқтаи назари асоснокӣ баҳо медиҳанд. Нуқтаи назар ба принсипҳои психология гуногун буда, бо иваз шудани предмети тадқиқот ва шаклгирии парадигмаҳои нав кунҷи назар ба он тағйир меёбад. Ҳанӯз дар солҳои 30- юми асри XX принсипҳои асосии психологияи шуравӣ кор карда баромада шуда буданд: принсипи детерминизм, принсипи ягонагии шуур ва фаъолият, принсипи инкишофи психика дар фаъолият. Соҳаи психологияи доираи илмии ИДМ, ки меросбари психологияи шуравӣ буда, ҳамзамон дар зери таъсири мактабҳои муосири психологӣ инкишоф меёбад, принсипҳои зеринро эътироф мекунад:

1. Принсипи ҳамкорӣ ва инкишоф. Ин принсип аз таълимоти таҳаввулотӣ бармеояд ва ҳамкорию инкишоф чун ду ҷанбаи чудонопазири таъсири байниҳамии объектҳо дар раванди таҳаввулот равшан ифода ёфтааст. Ҳамкорӣ ва инкишоф як навъ шарти мавҷудияти системаҳои мухталифи табиию иҷтимоӣ мебошанд ва мураккабшавии сохтори онҳоро тавсиф медиҳанд. Барои психология ҳам худи раванди ҳамкорӣ ва инкишоф ва ҳам маҳсули ин раванд- сохтори системаҳо, ки дар худ такомули ҳамкории онҳоро таҷассум мекунад, муҳим мебошанд.

Принсипи ҳамкорӣ ва инкишоф чунин маъно дорад, ки психика ва зуҳуроти мухталифи он натиҷаи инкишофи системаҳои муайян аст, ки аз ҳамкории онҳо асос мегирад.

Аз нуқтаи назари психология хусусиятҳои яклухтӣ, сохтори мухталифи системаҳои ҳаммонанд, самараи инкишоф, шаклгирии ташкилаи нав дар асоси ин принсип шарҳ дода мешаванд.

2. Принсипи детерминизм (аз лот. детерминар- муайян кардан). Ин принсип, ки ҳамчун присипи сабабнокӣ низ маъмул аст, баромади сабабу натиҷагии зуҳуроти психикиро ифода карда, аз принсипи ҳамкорӣ ва инкишоф бармеояд.

Мувофиқи ин принсип ҳар гуна зуҳуроти психикӣ дар асоси сабаби муайян ба вуҷуд меояд ва ба сифати сабаби асосӣ тарзи ҳаётгузаронӣ, шароитҳои ҳаёт ва таъсири муҳит баромад мекунанд. Ба ибораи олими рус А.В.Петровский «психика аз рӯи тарзи ҳаётгузаронӣ муайян карда мешавад ва бо ивазшавии тарзи ҳаётгузаронӣ тағйир меёбад».

Дар асоси принсипи детерминизм пайдоиш ва инкишофи таърихии зухуроти психикӣ шарҳ дода мешавад.

3. Принсипи яклухтӣ. Яклухтӣ - ин ҳамкории устувори қисмҳои як система мебошад, ки онро ҳамчун як ташкилаи ягона ва том муаррифӣ мекунад. Яъне, яклухтӣ маҷмӯи қисматҳои таркибӣ набуда, балки аз ҳамкории ин қисматҳо бармеояд, чӣ тавре мегӯянд: «кулл бо ҷамъи ҷузъҳои худ баробар нест». Дар мавриди додашуда сухан дар бораи чунин ҳамкории устувори сохторҳои таркибии як система меравад, ки новобаста аз мухторияти инкишоф ва вариантнокии зуҳурот айнияти системаро нигоҳ медорад.

Принсипи яклухтӣ барои шарҳ додани чунин хусусиятҳо, аз қабили ҳифз шудани тавсифдиҳандаҳои асосии объектҳо новобаста аз вариантнокии қисматҳои таркибӣ (масалан, ҳифз шудани хусусиятҳои муҳими шахсият дар тамоми тӯли инкишоф); ҳосилшавии хусусиятҳои си-

фатан нав дар раванди ҳамкории системаҳо (масалан, пайдоиши психика дар раванди таҳаввулоти организми зинда) ва ғайра истифода бурда мешавад.

4. Принсипи фаъолӣ. «Фаъолиро чун самараи ҳамкориҳои захирашаванда баҳо додан мумкин аст»- қайд кардааст олими рус Пономарев Я.А. Аз ин нуқтаи назар, фаъолӣ яке аз хосиятҳои олами зинда мебошад, зеро маҳз системаҳои зинда таҷрибаҳои гузаштаро «захира» намуда, барои мутобиқшавӣ ба шароитҳои зист истифода мебарад. Яке аз имкониятҳои муҳими захираи таҷриба - ин системаи асаб ва психика мебошад. Аз ин рӯ организми зиндаи дорои психика ҳамзамон дорои имкониятҳои заминавии фаъолӣ низ мебошад. Дараҷаи фаъолии организм аз сатҳи тараққиёти психика вобастагӣ дошта, бо таҳаввулоти он имкониятҳои бештари фаъолии организм ба вуҷуд меояд.

Тавассути принсипи фаъолӣ хусусияти инъикоскунандагӣ доштани психика ва вобаста ба таъсироти муҳит фаъолу тағйирёбанда будани он шарҳ дода мешавад.

5. Принсипи субъектнокӣ. Дар дараҷаи баланди тараққиёти организми зинда имкониятҳои фаъолӣ ба он сатҳи инкишоф мерасад, ки имконияти ба воқеият аз нуқтаи назари манфиатҳои худ баҳо додан ва ҳамзамон аз ин нуқтаи назар ба он таъсир расониданро фароҳам меоварад. Системаи зиндаи дорои чунин имкониятҳои фаъолӣ субъект мебошад. Дар омӯзишҳои психологӣ доимо ва ҳатман мавқеи субъект ба эътибор гирифта мешавад.

Ин принсип хусусияти инфиродӣ доштани ҷараёни дарку маърифати оламро шарҳ медиҳад.

6. Принсипи таҷдид. Яке аз масъалаҳои муҳими тадқиқоти психологӣ ба омӯзиши бевосита дастрас набудани ҳодисаҳои психикӣ аст. Маҳз ин масъала ташаккули психологияи илмиро тӯли асрҳои зиёд ба таъхир мегузошт. Мактабҳои гуногуни психологӣ ин масъаларо бо роҳҳои гуногун ҳал карданӣ мешуданд: ҷонибдорони ин-

троспексия пешниҳод карданд, ки роҳи ягонаи омӯзиши ин ҳодисаҳо худмушоҳида аст, бихевиористон бошад чунин ҳодисаҳоро умуман сарфи назар карда, ба мушоҳидаи зуҳуроти берунии он - рафтор қаноат мекарданд ва ғайра. Дар асри XX нуқтаи назар ба ин масъала тағйир ёфт. Пешниҳод гардид, ки дар байни хусусиятҳои мушоҳидашавандаи рафтор ва фаъолият аз як ҷониб ва хусусиятҳои ҳодисаҳои ниҳонии психикӣ аз ҷониби дигар, як қатор монандиҳо вуҷуд доранд. Маҳз дар асоси ин гипотеза солҳои 30- юми асри XX олими рус С.Л.Рубинштейн принсипи маъмули ягонагии шуур ва фаъолиятро кор карда баромад. Мавқеи психологияи муосир ба ин масъала бо нуқтаи назари Рубинштейн умумият дошта дар принсипи таҷдид ифода меёбад.

Моҳияти ин принсип дар он ифода меёбад, ки агар дар ҳолати ошкор гардидани ҳамоҳангӣ ва ҳамкории занҷиравии сохторҳои таркибии як система яке аз унсурҳои он ба омӯзиши бевосита дастрас набошад, пас он дар асоси хусусиятҳои ҳамкории унсурҳои дигари ба омӯзиши бевосита дастрас таҷдид карда мешавад.

Методҳои тадқиқоти психологӣ

Методҳои тадқиқоти психологӣ системаи амалиёти аз нуқтаи назари методологӣ асоснокшудае мебошанд, ки ба дарёфт ва коркарди далелу бурҳони илмӣ доир ба предмети психология равона шудаанд. Дар баробари ин, методҳои тадқиқоти психологӣ шаклҳои ба омӯзиши психологӣ махсусгардонидашудаи методҳои умумиилмии тадқиқотӣ мебошанд. Чуноне, ки маълум аст тамоми методҳои илми муосирро ба намудҳои назариявӣ, эмпирикӣ ва шарҳдиҳанда ҷудо мекунанд.

Методҳои назариявӣ чунин методҳое мебошанд, ки ҳангоми онҳо тадқиқотчӣ на бо воқеияти омӯхташаванда, балки бо образҳо, формулаҳо, схемаҳо, системаи аломатҳои забонӣ ва дигар унсурҳои фаъолияти фикрӣ кор мебарад. Ба таври дигар гӯем, тадқиқоти назариявӣ - ин

амалиёти фикрӣ бо объекти омӯзиш аст. Натиҷаи татбиқи методҳои назариявӣ маҷмӯи донишҳои хулосавӣ - мантиқӣ мебошанд. Дар тадқиқоти психологӣ чунин методҳои назариявӣ истифода бурда мешаванд: а) методи дедуктивӣ, яъне хулосабарории мантиқӣ дар шакли гузариш аз муҳокимаҳои умумӣ (кулл) ба муҳокимаҳои қисмӣ (ҷузъ). Натиҷаи ин метод дар шакли назария, қонунҳо ва ғайра ифода меёбад; б) методи индуктивӣ, яъне хулосабарорӣ дар шакли гузариш аз ҷузъ ба кулл. Натиҷа - гипотезаи индуктивӣ, қонуният, таснифот, басистемадарории зуҳурот ва ғ.; в) Тамсиласозӣ (моделсозӣ), яъне хулосабарорӣ дар шакли «гузариш аз ҷузъ ба ҷузъ», ин методро методи аналогӣ низ ном мебаранд, зеро ҳангоми он ба ҷои объекти мураккаб объекти аналогии нисбатан дастрас (тамсила) мавриди тадқиқ қарор мегирад. Натиҷа - тамсилаи (модели) объект, раванд ва ё ҳолат. И.А.Зимняя ҳамчунин методҳои зерини назариявиро фарқ мекунад: аппроксиматсия - ифодаи тақрибии ягон бузургӣ тавассути бузургии дигари нисбатан содда; аксиоматизатсия - истифодаи аксиоматикии нуктаҳои заминавии ягон назария (аксиома - ин мавқеи ибтидоӣ ва асосии назария аст, ки асоси далелҳои дигар нуктаҳои ин назарияро ташкил дода, дар доираи он бе талаби исбот истифода бурда мешавад); экстраполятсия - паҳннамоии хулосаҳои аз мушоҳидаи як қисмати зуҳурот бадастомада дар қисмати дигари он; праксиметрия - баррасии амал ё маҷмӯи амалҳои гуногун аз нуқтаи назари муқаррарнамоии натиҷабахшии онҳо.

Тадқиқоти эмпирикӣ (аз юн. эмпирия-таҷриба) барои тафтиши дурустии тахминҳои назариявӣ баргузор мегардад ва ҳангоми он тадқиқотчӣ на бо рамзҳо, балки бо худи объекти тадқиқот системаи амалиётро ба анҷом мерасонад. Натиҷаи татбиқи методҳои эмпирикӣ - ин маълумоти объективии ифодакунандаи ҳолати объект дар асоси нишондиҳандаҳои воситаҳои махсус мебошад. Муҳимтарин методҳои эмпирикии умумиилмӣ: а) мушоҳида; б) оз-

моиш; в) методҳои андозагирӣ ба шумор мераванд. Дар тадқиқоти психологӣ шаклҳои махсусгардонидашудаи ин методҳо васеъ истифода бурда мешаванд.

Методҳои шарҳдиҳӣ чун методҳои назариявӣ ифодакунандаи кор бо тасвири аломатию рамзии объект (графикҳо, ҷадвалҳо, схемаҳо ва ғ.) мебошад, вале дар фарқият аз он амалиёти фикрӣ набуда, аз тадқиқотчӣ фаъолии «берунӣ»- ро талаб мекунад. Бо ёрии ин методҳо муқоиса ва таҳлили натиҷаҳои аз тадқиқоти эмпирикӣ бадастомада амалӣ гардонда мешавад.

Методҳои тадқиқоти эмпирикӣ дар байни се гурӯҳи зикршудаи методҳо нақши асосиро иҷро мекунанд, зеро агар қисмати таҷрибавии тадқиқотро сарфи назар намоем, пас методҳои назариявӣ ва шарҳдиҳанда аҳамият ва асоси илмӣ - объективии худро аз даст медиҳанд. Асосноки методҳои тадқиқоти эмпирикӣ тавассути се меъёри асосӣ назорат карда мешавад. Ҳар як методи тадқиқотӣ бояд: 1) объективӣ; 2) валиднок ва 3) эътимоднок бошад.

Объективӣ будани методи тадқиқоти илмӣ чунин шарҳ дода мешавад: он бояд аз ирода ва шуури инсон вобаста набуда ба қонунҳои олами воқеӣ тобеъ бошад.

Валиднок будани методи илмӣ дар он ифода меёбад, ки он бояд ба қадри кифоя барои тадқиқ ва баҳодиҳии предмети тадқиқот мувофиқ бошад.

Эътимоднок будани метод ифодакунандаи он аст, ки бояд ҳангоми истифодаи такрорӣ ва бисёркарата ҳамон як натиҷаҳо ба даст оварда шаванд, яъне механизми натиҷагирӣ тасодуфӣ набуда, бояд устувор бошад.

Дар илми психология чунин методҳои тадқиқоти эмпирикӣ истифода бурда мешаванд: мушоҳида, эксперимент, сӯҳбат, мусоҳиба, пурсиш, анкета, тестҳои психологӣ, методи таҳлили маҳсули фаъолият. (Нақшаи 1.)



Нақшаи 2. *Таснифоти методҳои тадқиқоти психологӣ*

Ҳар яки ин методҳоро ба таври муфассал дида мебароем:

Мушоҳидаи психологӣ. Дар зери мафҳуми мушоҳида идроки мақсадноки объектҳоро мефаҳманд. Мушоҳидаро модари илм шуморидан мумкин аст, зеро ҳамагуна донишҳои илмӣ аз мушоҳидаи зинда ибтидо гирифтаанд. Мушоҳида дар миёни методҳои тадқиқотии психология низ аз ҳама қадимтар ва дар айни замон содда ва дастрастарин ба шумор меравад. Ин метод ҳамчун методи илмии эмпирикӣ ҳанӯз аз чаҳоряки аввали асри XIX дар тадқиқоти психологӣ васеъ истифода бурда мешуд. Аввалин истифодабарандагони мушоҳидаи илмии психологӣ

духтур - психиатрҳо буданд, ки дар клиникаҳо рафтори беморони худро ба таври систематикӣ мушоҳида намуда, натиҷаҳои онро қайд ва таҳлил менамуданд. Ин метод айни замон дар соҳаҳои психологияи клиникӣ, иҷтимоӣ, педагогӣ ва синнусолӣ, психологияи меҳнат ва дигар соҳаҳое, ки дар онҳо бақайдгирии рафтори табиии одам дар шароитҳои барои ӯ одатӣ аҳамияти муҳим дорад ва таъсири озмоишгар раванди ҳамкории одамро бо муҳит вайрон месозад, истифода бурда мешавад.

Методи мушоҳида бо як қатор хусусиятҳои худ аз мушоҳидаи ҳаётӣ фарқ мекунад, аз ҷумла:

- он аз рӯи нақшаи пешакӣ ва тартиби муқарраргардида амалӣ гардонида мешавад;

- он раванди мақсаднок аст ва мақсади асосии он ба даст овардани маълумоти объективӣ дар бораи объекти мушоҳидашаванда мебошад;

- он шаклҳои махсуси бақайдгирии натиҷаҳои мушоҳидаро истифода мебарад, ки минимизатияи таъсири омили субъективиро пешбинӣ менамоянд.

Вобаста ба ин ва дигар меъёрҳо, мушоҳидаи илмӣ аз мушоҳидакунанда донишҳои махсуси назариявӣ, малакаҳои касбӣ ва тайёрии махсусро талаб мекунад.

Мушоҳидаи психологӣ аз намудҳои дигари мушоҳидаи илмӣ (биологӣ, физикӣ, астрономӣ ва ғ.) низ куллан тафовут дорад. Ин тафовут пеш аз ҳама дар хусусиятҳои предмет ва объекти мушоҳидаи психологӣ аён мегардад. Объекти мушоҳидаи психологӣ мураккабтарин ва пурасрортарин мавҷуди рӯи олам - одам ва ҳамкории он бо одамони дигар, яъне гурӯҳҳои иҷтимоӣ мебошад. Қайд кардан лозим аст, ки мушоҳидаи психологӣ баъзан олами ҳайвонотро низ фаро мегирад, вале мақсади он бо роҳи муқоиса ошкор сохтани қонуниятҳои инкишофи филогенетикии психикаи инсон мебошад. Предмети мушоҳидаи психологиро рафтору кирдори одамон ва механизмҳои психологии амалигардии онҳо ташкил медиҳанд. Тадқиқотчӣ метавонад хусусиятҳои мухталифи рафтори

ҳаракатӣ ва шифоҳиро мушоҳида намояд, ба монанди 1) амалиёти шифоҳӣ (мазмун, паиҳамӣ, зудӣ, давомнокӣ, шиддат ва ғ.); 2) ҳаракатҳои ғайришифоҳии нутқӣ (имо ва ишораҳо, ифодаи қиёфаи рӯй, ҳаракатҳои чашм, бадан ва ғ.); 3) ҷойивазкунӣ дар фазо (ҳаракат ё ҳолатҳои беҳаракатии одамон, масофаи байни онҳо, суръат ва самти ҳаракат ва ғ.); 5) амалиёти ҷисмонӣ (даст расонидан, бардоштан, гузоштан, зарба задан ва монанди инҳо).

Дар илми психология намудҳои гуногуни методи мушоҳидаро фарқ мекунанд, аз ҷумла: мушоҳидаи мунтазам ва ғайримунтазам, мушоҳидаи «куллӣ» ва интихобӣ, мушоҳидаи ошкоро ва махфӣ, мушоҳидаи бавосита ва бевосита, мушоҳидаи воридшуда, мушоҳидаи лонгитюдӣ (дарозмуддат) ва инчунин худмушоҳида.

Мушоҳида агар аз рӯи нақшаи пешакӣ муайянкардашуда ҷараён гирифта, ҳангоми он хусусиятҳои бақайдгирифташавандаи рафтор муайян ва шароитҳои муҳити иҳотакарда гурӯҳбандӣ шаванд, бақайдгирии хусусиятҳои предмети тадқиқот дар даврaҳо ва ё шароитҳои гуногун ба нақша гирифта шавад, пас онро *мушоҳидаи мунтазам* меноманд.

Ҳангоми *мушоҳидаи ғайримунтазам* бақайдгирии вобастагиҳои сабабӣ ва тавсифи пурраи зуҳурот муҳим набуда, тадқиқот бо тасвири як қатор нишондиҳандаҳои ҷамъбастшудаи рафтори фард ё гурӯҳ дар шароитҳои муайян қаноатманд мегардад. Ин намуди мушоҳида дар этнопсихология, психологияи иҷтимоӣ ва дар психологияи синнусолӣ васеъ истифода бурда мешавад.

Дар мавриди *мушоҳидаи куллӣ* тадқиқотчӣ ё гурӯҳи тадқиқотчиён тамоми хусусиятҳои мушоҳидашавандаи рафтори объектро ба қайд мегиранд. Ҳангоми *мушоҳидаи интихобӣ* бошад, танҳо ба ҷанбаҳои муайяни рафтор диққат дода мешавад. Масалан, танҳо такроршавандагии бадхашмӣ ё ин ки муддати амалиёти якҷояи модару кӯдак дар давоми рӯз ба қайд гирифта мешавад.

Чунин шакли баргузории мушоҳидаи психологӣ, ки ҳангоми он мушоҳидашаванда аз раванди мушоҳида огоҳ аст, *мушоҳидаи ошкоро* меноманд. Ҳангоми мушоҳидаи ошкоро хусусиятҳои шахсияти психолог ва давомнокии раванди мушоҳида аҳамияти муҳим доранд, чунки барои бартараф намудани таъсири «назорат» ба ӯ лозим меояд дар муддати муайян ва бо рафтори мувофиқ «худӣ» будани худро нишон диҳад, то мушоҳидашавандагон бо ӯ унс гиранд. Аксар вақт воқиф будани мушоҳидашаванда ба ҷараёни табиии мушоҳида таъсири манфӣ мерасонад, зеро «назорати» берунӣ боиси тағйирёбии рафтори вай мегардад. Дар чунин ҳолат *мушоҳидаи махфӣ* бештар натиҷа медиҳад, ки ҳангоми он объекти мушоҳида аз раванди он огоҳ нест.

Мушоҳидаи психологӣ метавонад ба таври бевосита ва ё тавассути воситаҳои техникӣ амалӣ гардонида шавад. Дар ҳолате, ки он тариқи «мушоҳидаи зинда» ҷараён гирифта, ба сифати воситаҳои бақайдгирӣ танҳо имкониятҳои табиии одам ва қаламу қоғаз баромад мекунанд, сухан дар бораи *мушоҳидаи бевосита* меравад. Ҳангоми *мушоҳидаи бавосита* ду намуди воситаҳо истифода бурда мешаванд: а) воситаҳои ёрирасон (дурбин, девори аз як ҷониб шаффоф - девори Гезелл, дастгоҳҳои банаворгирии махфӣ ва ғ.); б) воситаҳои бақайдгирандаи раванди мушоҳида (дастгоҳи суратгирӣ, видеобанаворгиранда, дастгоҳи сабти садо ва ғ.). Ҳангоми мушоҳидаи бевосита хотири мушоҳид нақши муҳимро иҷро мекунад, зеро дар чунин ҳолат то пайдо шудани фурсат ва мавқеи қайди натиҷаҳо муддати муайян мегузарад, ки он на танҳо эҳтимолияти фаромӯш шудани далелҳо, балки инчунин дар раванди қайди он роҳ ёфтани таассуроти субъективиро низ ба вуҷуд меоварад. Ин ҳолат хусусан ҳангоми татбиқнамоии мушоҳидаи воридшуда равшан аён мегардад. Баъзан, унсурҳои тадқиқшаванда дар муҳити маҳдуд ё махфӣ ба амал меоянд ва ё бо камтарин тағйироти муҳит дигаргун мешаванд. Мушоҳида «аз як ҷониб», дар чунин

маврид ва як қатор ҳолатҳои дигар натиҷа намедиҳад ва зарурати ба «олами» фард ё гурӯҳи мушоҳидашаванда ворид шудан ба вуҷуд меояд. Чунин мушоҳидаро *мушоҳидаи воридшуда* меноманд. Мушоҳидаи воридшуда ҳангоми тадқиқи гурӯҳҳои ҷиноятқор, гурӯҳи наврасони вайронкор ва коллективҳои ҳарбӣ истифода бурда шуда, аз мушоҳид талаб мекунад, то худ аъзои ин гурӯҳҳо бошад. Ҳангоми тадқиқоти инфиродӣ бошад, ин шакли методи мушоҳида дар мавриде истифода мешавад, ки мақсади мушоҳида зарурати робитаи доимии табиӣ доштанро бо мушоҳидашаванда ба вуҷуд оварад, масалан ҳангоми мушоҳидаи рафтори кӯдаки хурдсол.

Ҳангоми мушоҳидаи воридшуда низ метавон аз мушоҳидаи ошкоро (масалан, ҳангоми омӯзиши хусусиятҳои рафтори кӯҳнавардон ё экипажи киштии зериобӣ) ва ё мушоҳидаи махфӣ (масалан, ҳангоми мушоҳидаи рафтори гурӯҳи кӯдакон ва ё маҳбусони як камераи ҳабсхона тавассути воситаҳои ёрирасон) истифода намуд.

Мушоҳидаи воридшуда вобаста ба хусусиятҳои худ аз мушоҳид донишу маҳорат, малакаҳои касбӣ ва омодагии махсусро талаб мекунад.

Гоҳо хусусиятҳои предмети мушоҳида омӯзиши мунтазам ва тулонимуддатро тақозо мекунад, масалан дар ҳолати омӯзиши раванди ташаккулёбии қобилиятҳои эҷодии шахс. Дар чунин ҳолат *мушоҳидаи лонгитюдӣ* ба нақша гирифта мешавад, ки маънояш мушоҳидаи дарозмуддат ё кашолёфта мебошад.

Шакли махсуси методи мушоҳида, ки танҳо дар психология истифода бурда мешавад - *худмушоҳида* мебошад. Ин метод ҳанӯз дар асри XVII ҳамчун «ягона» имконияти омӯзиши олами ботинии инсон шакли илмимонандро касб карда бошад ҳам, бо кашф шудани методҳои нисбатан объективии омӯзиши психика он то андозае сарфи назар карда шуд. Аммо аҳамияти илмии худмушоҳидаро нодида гирифтан нашояд, аввалин тасаввурот дар бораи олами ботин маҳз тавассути мушоҳидаи фикрҳо, ҳиссиёт ва та-

ассуроти худ ба вуҷуд меоянд. Имрӯз низ худмушоҳида барои психолог - тадқиқотчӣ аҳамияти муҳим дорад. Ӯ дар фаъолияти касбии худ бо рафтори гуногуни одамон вохӯрда, кӯшиш менамояд, ки механизмҳои психологии онҳоро ошкор созад. Дар аксари чунин ҳолатҳо психолог ба таҷрибаи шахсӣ, аз он ҷумла ба таҳлили фаъолияти психикии худ рӯ меоварад. Бо вуҷуди чунин бартарият, ба даст овардани маълумоти асосноки илмӣ бо ёрии худмушоҳида ниҳоят душвор аст, ки ин дар мавҷудияти як қатор камбудиҳо ифода меёбад. Аввалан, мушоҳида намудани фикрҳо, таассурот, тасаввурот ва ҳиссиёти худ ниҳоят мушкил аст, зеро онҳо дар зери таъсири мушоҳида ё тағйир меёбанд ва ё қатъ мегарданд. Дуюм, ҳангоми худмушоҳида хоҳу нохоҳ назари субъективӣ таъсири худро мерасонад ва саввум, ҳангоми натиҷагирӣ аз худмушоҳида баъзе тобишҳои таассуроти хешро ифода кардан ғайриимкон аст. Вобаста ба ин норасоиҳо, тадқиқотчие, ки ба худмушоҳида рӯ меоварад, бояд натиҷаҳои онро танҳо дар сатҳи фарзиявии тадқиқот истифода намуда, бо ёрии методҳои имконпазири объективӣ тафтиш кунад, ҳангоми натиҷагирӣ таъсири мушоҳида ва субъективизмро ба эътибор гирад, қаблан малакаи баҳои объективӣ додан ба таассуроти худро андӯзад.

Ташкил ва баргузории мушоҳидаи психологии тадқиқотӣ як қатор талаботи худро дорад. Мушоҳида бояд:

- дар шароитҳои барои объект муқаррарӣ баргузор гардад. Дар шароити ғайримуқаррарӣ рафтори одатии объект тағйир меёбад;

- тасодуфӣ набошад ва аз рӯи барномаи пешакӣ тарҳрезикардашуда ҷараён гирад, зеро нақшаи пешакӣ имконият медиҳад, ки дар муддати нисбатан кӯтоҳ далелҳои зарурӣ ба даст оварда шаванд;

- мақсади муайян дошта бошад. Тадқиқотчӣ бояд аниқ донад, ки чиро мушоҳида кардан лозим аст, вагарна

мушоҳида танҳо ба гирд овардани далелҳои алоҳида табдил меёбаду халос;

- на ба таври фрагментарӣ, балки мунтазам баргузор гардад, зеро бақайдгирии саҳнаҳои алоҳидаи рафтори объект метавонад ба хулосабарориҳои нодуруст мусоидат намояд;

- ба қадри имкон муддати зиёдтарро фаро гирад. Чӣ қадаре, ки давомнокии мушоҳида зиёд бошад, ҳамон андоза далелҳои бештар ба даст меоянд ва эҳтимолияти баҳои тасодуфӣ додан бартараф мегардад;

- бо тавсифи зуҳуроти берунии ҳодиса маҳдуд нашуда, табиати психологӣ ва асоси илмии онро ошкор намояд;

- яке аз талаботи муҳим ҳагоми мушоҳидаи махфӣ - ин пинҳон нигоҳ доштани раванди он аз мушоҳидашаванда мебошад, зеро таъсири назорати беруна доимо тағйирёбии рафторро ба вуҷуд меоварад.

Мушоҳидаи тадқиқотӣ аз рӯи тартиби муқарраргардида гузаронида мешавад ва он аз чунин даврахо иборат аст: 1) муайян кардани предмети мушоҳида (рафтори тадқиқшаванда), объекти мушоҳида (фард ё гурӯҳи алоҳида) ва вазъияте, ки мушоҳида бояд дар он сурат гирад; 2) интихоби усули (намуди) мушоҳида ва тарзи бақайдгирии он; 3) тартиб додани барнома ё нақшаи мушоҳида (вазъият, объект, вақт); 4) интихоби методи коркарди натиҷаҳо; 5) коркардабарой ва шарҳи маълумоти бадастовардашуда.

Чунин роҳҳои бақайдгирии далелҳои мушоҳида мавҷуданд: 1) рӯзномаи мушоҳида; 2) протоколи пай дар пай; 3) протоколи стандартӣ ё хронометраж. Дар замони муосир аз воситаҳои техникии қайди маълумоти мушоҳида (видеонавор, суратгирӣ ва сабти садо) низ истифода бурдан мумкин аст.

Афзалияти методи мушоҳида дар он ифода меёбад, ки он нисбатан содда ва дастрас буда, мавод ва таҷҳизоти зиёдро талаб намекунад. Аммо он аз камбудиҳо низ холӣ набуда, як қатор норасоиҳо дорад, аз ҷумла:

- вақти зиёдро талаб мекунад, чунки зуҳуроти рафтори мушоҳидашавандаро интизор шудан лозим меояд;

- ба таъсироти субъективӣ бештар дастрас аст, зеро аз идроки мушоҳид вобастагии зиёд дорад;

- дар баъзе маврид, хусусан ҳангоми мушоҳидаи махфӣ масъалаҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқиро ба миён меоварад, чунки бе огоҳнамоӣ ва иҷозати мушоҳидашаванда амалӣ мешавад.

Эксперименти психологӣ. Эксперимент ё озмоиши психологӣ методи асосии тадқиқоти психологӣ ба шумор меравад. Донишҳои объективӣ ва назарияҳои илмии психологӣ маҳз бар асоси натиҷаҳои ин метод устуворанд. Асосгузори эксперименти психологӣ олим - табиатшиноси немис Г.Т. Фехнер (1801-1887) шуморида мешавад, ки ду даҳсола қаблтар аз таъсисёбии озмоишгоҳи Вундт як қатор методҳои экспериментали психологиро кор карда баромада буд, аммо аз



а



б

в

Расми 2. *Намунаи аввалин таҷҳизоти эксперименти психологӣ: а - эстезиометри Спирман; б - тахистоскопи Ҷ.М. Кеттел; в - хроноскопи Гипп*

таърих маълум аст, ки озмоиши психологӣ аз ҷониби мутафаккирони замони пешин, аз ҷумла Абуалӣ ибни Сино низ истифода бурда шудааст.

Психологи рус В.Н.Дружинин эксперименти психологиро таъриф дода, чунин қайд кардааст: «ин фаъолияти якҷояи озмудашаванда ва озмоишгар аст, ки аз ҷониби озмоишгар ташкил дода шуда, ба тадқиқи хусусиятҳои психикаи озмудашаванда равона мегардад».

Моҳияти методи озмоишро ба таври сунъӣ ба вуҷуд овардани вазъияти барои зоҳиршавӣ, омӯзиш ва баҳодиҳии хусусияти додашуда мувофиқ ташкил медиҳад, яъне ҳангоми он тадқиқотчӣ бар хилофи методи мушоҳида зуҳуроти рафторро интизор нашуда, вазъияти барои зоҳиршавии он заруриро ба вуҷуд меоварад. Аз ин нуқтаи назар, озмоиш дар муқоиса бо мушоҳида методи фаъол аст. «Мушоҳида он чизеро ҷамъ меоварад, ки табиат ба ӯ пешкаш кардааст, таҷриба бошад чизи заруриро худаш аз табиат мегирад», навишта буд физиологи рус И.П.Павлов. (Павлов И. П. Полн. собр. соч., т. II, кн. 2. М., 1951, с. 274).

Тадқиқотчӣ худаш вазъияти барои тадқиқот заруриро ба вуҷуд оварда, як қатор имкониятҳоро соҳиб мешавад. Аввалан, вақт сарфа карда мешавад, баъдан, омӯзиш ва идораи таъсири шароит имконпазир мегардад. Сониян, вобаста ба имконияти ивазнамоии шароит (масалан, тағйир додани супориш ё шарти вазифаи дар назди озмудашаванда гузошташуда) имконияти ошкор сохтани вобастагиҳои сабабу натиҷавии ҳодисаҳои психикӣ ба вуҷуд меояд. Инчунин дар тадқиқоти экспериментӣ такрор ба такрор гузаронидани таҷриба имконпазир аст, ки устуворӣ ва асоснокии маълумоти бадастоварашударо собит ё инкор карда метавонад. Баъдан озмоишро метавон дар як вақт бо миқдори зиёди озмудашавандагон баргузор намуд.

Вобаста ба тартиби ташкил ва баргузории эксперимент ду намуди асосии онро фарқ мекунанд: эксперименти лабораторӣ ва эксперименти табиӣ.

Тадқиқот ҳангоми *эксперименти лабораторӣ* дар озмоишгоҳи психологӣ, бо ёрии дастгоҳҳои махсус баргузор мегардад. Озмудашаванда огоҳ аст, ки бо ӯ озмоиш гузаронида мешавад ва аз рӯи дастури пешниҳодшаванда амал мекунад (баъзан мақсади аслии озмоиш ба озмудашавандагон ошкор карда намешавад). Озмоиши лабораторӣ дар омӯзиши унсурҳои мухталифи фаъолияти психикӣ, аз ҷумла дар тадқиқи протсессҳои сенсорӣ (эҳсос), персептивӣ (идрок), мнемикӣ (хотир), интелектуалӣ (тафаккур, ақл), моторӣ (ҳаракат, аксуламалҳо), иродавӣ ва характерологӣ васеъ истифода бурда мешавад.

Дар мавриди *эксперименти табиӣ* шароити бавуҷудовардашуда ба муҳити муқаррарии ҳаёти озмудашавандагон монанд буда, мазмуни табиии фаъолияти онҳоро нигоҳ медорад ва бо ин хусусияти худ имконият медиҳад, ки таъсири шароити нав ба психикаи озмудашаванда бартараф карда шавад. Эксперименти табиӣ бори аввал соли 1910 аз ҷониби А.Ф.Лазурский (1874-1917) барои омӯзиши шахсияти мактаббачагон кор карда баромада шудааст. Ин шакли озмоиши психологиро ба намудҳои гуногуни фаъолияти одам: бозӣ, таълим, меҳнат татбиқ намуда, унсурҳои психикаро дар шакли табиӣ ва дар раванди тараққиёташон омӯхтан мумкин аст, зеро чӣ тавре, ки маълум аст, психика дар ҷараёни фаъолият зоҳир мешавад ва инкишоф меёбад.

Ҳамчунин эксперименти констативӣ (муқарраркунанда) ва ташаккулдиҳандаро фарқ мекунанд. *Эксперименти констатавӣ* ба муқарраркунии алоқаҳои дар раванди инкишофи психикӣ шаклгирифта равона гардидааст, яъне ҳангоми он хусусияти алоҳидаи психикӣ муайян ва сатҳи инкишофи он муқаррар карда мешавад. *Эксперименти ташаккулдиҳанда* бошад имконият медиҳад, ки хусусиятҳои чунин потсессҳои психикӣ, ба монанди идрок,

хотир, тафаккур ва ғайра мақсаднок ташаккул дода шаванд. Таълимот дар бораи эксперименти психологӣ - педагогии ташаккулдиҳанда ба олими рус В.В.Давидов таалуқ дорад.

Ҳангоми гузаронидани эксперимент дуруст банақшагирии он аҳамияти муҳим дорад. Банақшагирии анъанавӣ ва омилии экспериментро фарқ мекунанд. Дар ҳолати банақшагирии анъанавӣ зуҳуроти психикӣ дар зери таъсироти ягона омӯхта мешавад ва ҳангоми банақшагирии омилӣ бошад, омилҳои таъсиррасонанда ва шароитҳои таъсир тағйирпазир ва ивазшавандаанд. Бартарии банақшагирии омилӣ дар он ифода меёбад, ки ҳангоми он имконияти баҳо додан ба таъсироти байниҳамии омилҳо ва зуҳуроти омӯхташаванда имонпазир аст.

Раванди ташкил ва гузаронидани эксперименти психологӣ тартиби муайян дошта, аз чунин даврaҳо иборат аст: 1) омодагӣ. Экспериментатор ҷои баргузории озмоиш ва таҷҳизоти заруриро омода менамояд. Агар дастури ба озмудашаванда пешниҳодшаванда мураккаб бошад, пас якчанд озмоиши санҷишӣ газаронида мешаванд. Нишондоди озмоиш тартиб дода мешавад, ки он бояд аз ҷумлаҳои соддаи ҳар кадоме дорои на зиёдтар аз 11 калима иборат бошад. Қисматҳои муҳими нишондод бояд бо сархат ҷудо карда шаванд. Фаҳмидашавандагӣ ва соддагии нишондоди тартибдодашударо бо роҳи санҷиши пешакӣ дар 5-10 озмудашаванда тафтиш кардан лозим аст; 2) пешниҳоди нишондод ва маромноксозии озмудашавандаҳо. Нишондод ба озмудашавандаҳо пешниҳод карда мешавад ва он бояд унсури маромноккунанда дошта бошад. Бо ин мақсад пешниҳоди пардохти маблағи муайян, ахборот дар бораи қобилиятҳо ва хусусиятҳои шахсӣ, ёрӣ дар ҳалли мушкилоти шахсии психологӣ ва монанди инҳоро истифода бурдан мумкин аст; 3) баргузории эксперимент. Пеш аз ҳама ба мукаллафӣ, ҳолати саломатӣ ва хоҳишмандии озмудашаванда ба иштирок дар озмоиш боварӣ ҳосил намудан лозим аст. Амалиёти худи экспери-

ментатор низ аз рӯи барнома сурат мегирад ва ӯ бояд бо дастуре, ки паиҳамии амалиёти ӯро муайян мекунанд, таъмин бошад. Дар раванди озмоиш иштироки ёвар низ зарур аст, ӯ ичрои корҳои фаръӣ (ёрирасон)- ро ба зима мегирад. Вазифаҳои асосии ёвар одатан аз пур кардани протоколи озмоиш, аз ҷумла бақайдгирии ҷавобҳои озмудашаванда, мушоҳидаи рафтор ва ҳолати озмудашаванда, назорати ҳар гуна тамоюлҳо аз тартиби стандартии озмоиш, ҳамчунин назорат аз болои кори таҷҳизоти истифодашаванда иборат аст; 4) Мусоҳибаи пасазозмоишӣ. Пас аз анҷоми озмоиш бо озмудашаванда сӯҳбат гузаронида, дар бораи таассуроти ӯ пурсидан зарур аст. Бо ин мақсад, одатан анкетаҳои муайян истифода бурда мешаванд. Дар охир барои иштирок дар раванди эксперимент ба озмудашавандагон ташаккур гуфтан лозим аст.

Чуноне, ки қайд гардид, бартарии методи эксперименти психологӣ асосан дар сарфаи вақт ва идорашавандагии ваъият ифода меёбад, ки ин албатта афзалияти бузург аст, вале методи эксперимент низ аз камбудиҳо холӣ нест, аз ҷумла:

- озмудашаванда аз раванди озмоиш огоҳ аст ва ин хоҳ - нохоҳ ба рафтори ӯ таъсир мерасонад;

- экспериментатор бевосита дар раванди озмоиш иштирок мекунад ва мақсадгузориву интизориҳои ӯ аз озмоиш хоҳ - нохоҳ дар амалу рафтор ва нутқи ӯ ифода ёфта, ба ин восита ба озмудашаванда таъсир мерасонанд;

- озмоиш заминаи муайяни моддӣ ва техникиро талаб мекунад ва вобаста ба ин баъзе мушкилотро пеш меоварад.

Сӯҳбати психологӣ. Гуфтугӯ дар байни ду шахс, ки дар рафти он яке хусусиятҳои психологии дигареро ошкор месозад, сӯҳбати психологӣ мебошад. Сӯҳбати психологӣ чунин метод аст, ки дастраснамоии бавосита ва ё бевоситаи маълумотро бо роҳи муошират шифоҳӣ пешбинӣ мекунад. Он методи барои психология хоси тадқиқи рафтори одам аст, зеро дар дигар илмҳои табиатшиносӣ роби-

таи бевосита дар байни субъект ва объекти тадқиқот имконнопазир аст. Ин метод асосан бо мақсади ошкорсозии хусусиятиҳои фардии шахс (соҳаи маромҳо ва эмотсионалӣ, донишҳо, эътиқод, мақсадгузориҳо, системаи муносибатҳо ва ғ.) ташкил карда мешавад. Ҳангоми сӯҳбат маълумотро дар бораи хусусиятҳои шахс ҳам бевосита аз суханони ҳамсӯҳбат ва ҳам тавассути мушоҳидаи рафтори ӯ, хусусан тарзи суханронӣ, нигоҳ, мимика, имову ишораҳо, далел ва мисоловарӣ ва монанди инҳо ба даст овардан мумкин аст.

Методи сӯҳбат асосан дар шакли сӯҳбати клиникӣ истифода бурда мешавад, вале ин маънои онро надорад, ки он танҳо бо беморони клиника гузаронида мешуда бошад. Сӯҳбати клиникӣ гуфтугӯи тадқиқотчӣ бо озмудашаванда бо мақсади ба даст овардани маълумоти бештар дар бораи хусусиятҳои фардию шахсӣ, ҳаёти гузашта, муҳтавои шууру зершуури ӯ ва монанди инҳо мебошад. Ин метод одатан дар биноҳои махсус ҷиҳозонидашуда гузаронида шуда, аксар вақт ҳамчун қисмати таркибии машварати психологӣ ва ё тренинги психологӣ баромад мекунад.

Яке аз шаклҳои сӯҳбати клиникӣ усули «ассосиатсияҳои озод» мебошад. Тадқиқотчӣ ҳангоми он барои гуфтугӯ фазои мусоид фароҳам оварда, раванди сӯҳбатро фаъол, вале мавзӯи онро озод нигоҳ медорад. Дар натиҷа озмудашаванда мавзӯи сӯҳбатро тадриҷан ва беихтиёр ба самти мушкилиҳои худ мекашад.

Омодагӣ ба гузаронидани сӯҳбати психологӣ аввалан аз муайянкунии ҳадафи тадқиқот ва баъдан аз интихоби саволҳои мақсаднок ва нигаҳдорандае оғоз меёбад, ки тадқиқотчӣ ба озмудашаванда пешниҳод кардан мехоҳад. Саволҳои мақсаднок ба иҷрои вазифаи дар назди тадқиқот гузошташуда равона гардидаанд. Саволҳои нигаҳдоранда бошанд, барои дар доираи зарурӣ ва фазои мувофиқ нигоҳ доштани сӯҳбат лозиманд. Саволҳои барои раванди сӯҳбат пешбинишуда бо паиҳамии тақрибӣ

дар шакли рӯихат сабт карда мешаванд, ки онро саволномаи сӯҳбат меноманд.

Ҳангоми истифодаи методи сӯҳбат таҷрибаи касбии тадқиқотчӣ, дараҷаи донишҳои назариявии ӯ ва маҳорати ташкили сӯҳбат, инчунин як қатор хусусиятҳои шахсии вай аҳамияти муҳим пайдо мекунанд.

Ҳамин тавр тадқиқотчӣ бояд барои истифодаи методи сӯҳбат таҷрибаи кофӣ дошта бошад, то саҳви имконпазирро ба дараҷаи камтарин расонад, зеро ба раванди сӯҳбат ва натиҷаи он омилҳои зиёд, аз қабили ҳолати ҷисмӣ ва рӯҳии озмудашаванда, муносибати ӯ ба тадқиқотчӣ ва ба раванди сӯҳбат, инчунин омили вазъият ва вақт таъсир мерасонанд.

Маълумоти дар раванди сӯҳбати психологӣ бадастомадаро худи экспериментатор ё ёвари ӯ сабт мекунад. Агар сабти маълумот дар ҷараёти сӯҳбат сурат гирад, метавонад фазои бовариро аз байн барад. Истифодаи дастгоҳҳои махфии сабткунанда (аудио- ва видеосабткунандаҳо) бошанд метавонанд масъалаҳои ахлоқию ҳуқуқиро ба миён оваранд. Аз ин сабаб сабти маълумотро пас аз сӯҳбат аз рӯи маълумоти дар хотир ҳифзшуда анҷом додан лозим аст. Инро низ ба эътибор гирифтан лозим аст, ки дар ин ҳолат қисмати маълумот фаромӯш мешавад. Агар сабти маълумот ба таври дастӣ сурат гирад, пас онро ҳатман кодгузорӣ намудан лозим аст.

Натиҷаҳои аз методи сӯҳбат бадастомада ба коркарди оморӣ мувофиқ нестанд. Аз рӯи онҳо доир ба хусусияти тадқиқшаванда танҳо хулосаҳои умумӣ баровардан мумкин аст. Аз ин рӯ натиҷаҳои сӯҳбат асосан характери омӯзиши пешакиро доранд ва ҳатман бояд бо натиҷаҳои методҳои дигар муқоиса карда шаванд. Вобаста ба ин, сӯҳбат аз ҷониби баъзе муаллифон на ҳамчун методи мустақил, балки қисмати таркибии методи мушоҳида, эксперимент ё анкетагузаронӣ баҳо дода мешавад.

Мусоҳибаи психологӣ. Мусоҳиба ё интервю чунин методи тадқиқоти иҷтимоӣ - психологӣ мебошад, ки бадастоварии маълумотро дар шакли пурсиши афкори одамон доир ба масъалаи тадқиқшаванда ва таҳлили муқоисавии ҷавобҳо пешбинӣ мекунад. Методи мусоҳиба асосан хоси тадқиқоти иҷтимоӣ мебошад. Дар психология бошад он дар соҳаҳои психологияи иҷтимоӣ, психологияи шахс ва психологияи меҳнат истифода бурда мешавад.

Мусоҳибаро «псевдосӯҳбат» (аз юн. псевдос-дуруғин) меноманд, зеро он дар шакли сӯҳбати кӯтоҳ ҷараён мегирад ва ҳангоми он озодии мавзӯъ низ маҳдуд аст. Интервюер (тадқиқотчии истифодабарандаи интервю) бояд мақсади тадқиқотро аз мадди назар дур намонда, саволу ҷавобро дар доираи он анҷом диҳад. Ҳангоми мусоҳибаи психологӣ низ чун сӯҳбат мавҷудияти фазои боварӣ муҳим аст. Ҳангоми интервюгузаронӣ мавқеи нейтралӣ (бетарафонаро) нигоҳ доштан лозим аст ва кӯшиш намудан зарур аст, то ки нуқтаи назар ва муносибати хешро ба масъалаи тадқиқшаванда, ҳамсӯҳбат, муҳтавои савол ва ҷавобҳо ошкор насозем.

Мусоҳибаи стандартӣ ва ғайристандартиро фарқ мекунанд. Ҳангоми *мусоҳибаи ғайристандартӣ* тағйирдиҳии паиҳамӣ, шакл ва миқдори саволҳои пешниҳодшаванда имконпазир аст ва ин афзалияти онро дар самти татбиқи универсалӣ ифода мекунад. *Мусоҳибаи стандартӣ* бошад имконияти баланди муқоисаи маълумоти бадстовардашуда ва ҷамъбастнамоии фаврии онро таъмин намуда дар самти коркарди натиҷаҳо бартарӣ дорад. Тартиби соддаи истифодаи мусоҳибаи стандартӣ имкон медиҳад, ки ба баргузории он шахсони ғайримутахассис низ ҷалб карда шавад.

Бартарии асосии методи мусоҳиба дар он ифода меёбад, ки аввалан тавассути он дар муддати нисбатан кӯтоҳ бо миқдори зиёди озмудашавандаҳо тадқиқот гузаронидан мумкин аст ва дуввум маълумоти аз он бадастомада ба коркарди васеи оморӣ дастрасанд. Камбудии мусоҳиба

аз он иборат аст, ки ба хусусиятҳои психологӣ на дар асоси таҳлили амиқ, балки танҳо аз рӯи суханони худи озмудашавандаҳо ва муқоисаи онҳо баҳо дода мешавад.

Пурсиши психологӣ. Пурсиш дар тадқиқоти психологӣ чунин методи бадастоварии маълумот аст, ки ҳангоми он дар асоси ҷавобҳои озмудашавандагон ба як қатор саволҳои бо таври шифоҳӣ пешниҳодгардида доир ба хусусиятҳои психикаи онҳо хулосаҳо бароварда мешаванд.

Методи пурсиш дар тадқиқоти психологӣ аксар вақт аҳамияти ёрирасон дошта, гоҳо дар якҷоягӣ бо мушоҳида ва ё озмоиши психологӣ ва баъзан ҳамчун қисми таркибии ин методҳо истифода бурда мешавад. Онро дар ҳолатҳое истифода мебаранд, ки бадастоварии маълумоти зарурӣ бо воситаи методҳои дигар душвор ва ё имконнопазир аст. Аз ҷумла дар ҳолате, ки зуҳуроти омӯхташаванда ба назорати беруна дастрас нест; дар ҳолате, ки омӯзиши масъала бо ёрии мушоҳида ва эксперимент имконпазир аст, вале тадқиқи тулонӣ ва мураккабро талаб мекунад; дар ҳолате, ки аз методҳои дигар маълумоти мукаммал ба даст намеояд ва ё дар ҳолате, ки ҳангоми пешниҳоди савол тағйирёбии рафтор ва ҳолати озмудашавандаро мушоҳида кардан лозим аст.

Пурсиши озод ва стандартиро фарқ мекунанд. *Пурсиши озод* чунин шаклҳои пурсиш аст, ки ҳангоми он саволҳои пешниҳодшаванда ва ҷавобҳои имконпазир ба он пешакӣ дар доираи меъёри муайян маҳдуд карда нашудааст. Ин шакли пурсиш имконият медиҳад, ки тактикаи тадқиқот ва мазмуни саволҳоро вобаста ба вазъият тағйир дода, ҷавобҳои нодиру ғайристандартӣ ба даст оварда шаванд. *Пурсиши стандартӣ*, ки ҳангоми он саволҳо ва ҷавобҳои имконпазир ба онҳо пешакӣ муайян ва одатан дар чорчӯбаи танг маҳдуд карда шудаанд, нисбат ба пурсиши озод аз нигоҳи сарфаи вақт ва мавод бартарӣ дорад.

Барои бомуваффақият гузаронидани пурсиш иҷрои як қатор қоидаҳо зарур аст: саволҳо бояд ба озмудашавандагон фаҳмо бошанд; саволҳо набояд характери

талқинкунанда дошта бошанд, яъне онҳо набояд ҷавоберо ба озмудашаванда талқин намоянд; пурсидашаванда бояд ба мақсаднокии пурсиш боварӣ дошта бошад ва аз оқибати манфии ҷавобҳо наҳаросад. Одатан пеш аз пурсиш бо озмудашаванда сӯҳбат гузаронида мешавад ва он бояд фазои боварӣ ва ҳамдигарфаҳмиро ба вуҷуд оварад.

Анкетаи психологӣ. Анкета ин варақаи саволнома барои дастраснамоии ҷавоб ба маҷмӯи саволҳои пешакӣ муқарраркардашуда мебошад. Анкетаҳои психологӣ одатан дар шакли саволномаҳои бастандартдаровардашудае сохта мешаванд, ки аз рӯихати мулоҳизаҳо иборат буда, озмудашавандагон метавонанд бо мазмуни онҳо розӣ шаванд ва ё розӣ нашаванд.

Анкета одатан аз се қисм таркиб ёфтааст: қисмати муқаддимавӣ, асосӣ ва биографикӣ. Қисми муқаддима аз муроҷиат ба озмудашаванда иборат аст, ки дар он мақсади анкетагузаронӣ, шартҳои махфияти ҷавобҳо, самти истифодаи натиҷаҳо ва тартиби пур кардни анкета шарҳ дода мешавад. Қисмати асосӣ аз саволҳо дар бораи далелҳо, рафтор, маҳсули фаъолият, маромҳо, баҳогузорӣ ва афкори озмудашавандагон иборат аст. Дар қисмати сеюми анкета одатан саволҳо доири маълумоти иҷтимоӣ - демографӣ ва биографикӣ оид ба озмудашаванда оварда мешаванд.

Аксар вақт истифодаи шакли махфии анкета, яъне анкетае, ки дар он ба озмудашаванда иҷозат дода мешавад, то ки ному насаби худро қайд накунад, дастраснамоии маълумоти дақиқ ва мукаммалро таъмин мекунад.

Анкета моҳиятан шакли хаттии методи пурсиш аст, ва аз ин рӯ тамоми меъёру талабот ва қоидаҳои пешниҳодшаванда барои ин ду метод умумианд.

Эътимоднокӣ ва саҳеҳии маълумоти аз анкетаҳои психологӣ бадастомада ба дараҷаи муайян аз тартиб ва таркиби саволҳои он вобастагӣ дорад. Вобаста ба ин, нисбати саволҳои анкетаи психологӣ талаботи муайян мавҷуданд. Ҳамин тавр, ҳангоми омода намудани савол-

нома чунин қоидаҳои таҳияи саволҳоро ба эътибор гирифтан лозим аст:

- саволҳо бояд ба мақсад ва вазифаҳои тадқиқот мувофиқат кунанд;

- мазмуни савол бояд барои тамоми омудашавандагон фаҳмо бошад, ва аз ин рӯ аз истифодаи истилоҳоти каммаъмул даст кашидан лозим аст;

- саволҳо набояд аз ҷумлаҳои дароз ё матни калонҳаҷм сохта шуда бошанд;

- саволҳоро тавре тартиб додан лозим аст, ки озмудашавндагонро фаъол гардонанд, диққати онҳоро ба масъалаи тадқиқшаванда ҷалб созанд;

- саволҳо бояд мазмуни нейтралӣ (бетараф) дошта бошанд ва ягон ҷавобро ба озмудашаванда талқин накунанд;

- дар саволнома бояд мувозинати ҷавобҳои имконпазири мусбӣ ва манфӣ риоя карда шавад, вагарна он метавонад ба озмудашавандагон самти муайянро талқин намояд;

- доираи ҷавобҳои имконпазир бояд тамоми ҷанбаҳои саволро фаро гирад, аз ҷумла вариантҳои ҷавоби мусбӣ ва манфӣ, инчунин ҷавобҳои намуди «намедонам», «дар ҷавоб душворӣ мекашам» ва монанди инҳо.

Саволҳои анкетаҳо аз рӯи як қатор аломатҳои муҳими онҳо тасниф карда мешаванд, аз ҷумла: аз рӯи таркиб, вазифа, сахтор ва шакл.

Аз рӯи таркиб тамоми саволҳоро ба ду гурӯҳи калон ҷудо мекунанд: саволҳо дар бораи далелҳо, ҳодисаҳо ва саволҳо дар бораи баҳои озмудашаванда ба ин ҳодисаҳо.

Аз рӯи вазифаашон чор намуди саволҳоро фарқ мекунанд: асосӣ, полоишӣ (филтркунанда), назоратӣ ва робитавӣ. Агар саволҳои асосӣ барои дастраснамоии маълумоти зарурӣ равона гардида бошанд, пас вазифаи саволҳои полоишӣ ҷудо намудани озмудашавандагони бесалоҳият аст. Саволҳои назоратӣ барои аниқ намудани

дурустии ҷавобҳо ба саволҳои асосӣ истифода бурда мешаванд. Чунин саволҳо одатан мазмуни саволҳои асосиро такрор мекунанд, вале дар шакли дигар. Саволҳои робитавӣ имконият медиҳанд, ки дар байни тадқиқотчӣ ва респондент (пурсидашаванда) робитаи боварибахш ба вуҷуд ояд.

Вобаста ба сохтори саволҳо онҳоро ба намудҳои кушода ва пӯшида ҷудо мекунанд. Агар саволҳо тавре сохта шуда бошанд, ки озмудашаванда ҷавобро мустақилона омода намояд, яъне ҷавоб бо вариантҳо маҳдуд карда нашуда бошад, пас онро саволи кушода меноманд. Агар саволи пешниҳодшаванда бо вариантҳои ҷавоби имконпазир маҳдуд карда шуда бошад, яъне агар озмудашаванда танҳо имконияти интихоби яке аз ҷавобҳои пешбинишударо дошта бошад, пас сухан дар бораи саволи пӯшида меравад. Се намуди саволҳои пӯшида фарқ карда мешаванд: а) саволҳои анъанавии типи «ҳа - не»; б) саволҳои дорои ҷавоби алтернативӣ, ки аз рӯихати ҷавобҳои имконпазир интихоб намудани яке аз вариантро пешниҳод мекунад; в) саволҳои типи «меню», ки ба озмудашаванда имконияти якбора интихоб намудани якчанд варианти ҷавобҳоро фароҳам меоварад.

Аз рӯи шакл саволҳоро ба бевосита ва бавосита ё лоиҳвӣ ҷудо мекунанд. Агар саволи бевосита пурсиши рӯирости фикри озмудашаванда бошад, пас ҳангоми саволи лоиҳавӣ фикри ӯ тавассути вазъияти фарзкардашуда ошкор карда мешавад. Саволи зерин намунаи саволи бевосита аст: «оё фикри каси дигарро, ки бо ақидаи Шумо мухолиф аст, ба инобат мегиред?» Ҳамин саволро дар намуди саволи бавосита бо чунин тарз пешниҳод кардан мумкин аст: «баъзе одамон мегӯянд: «онҳоеро, ки бо ақидаи ман мухолифанд, гӯш кардан намехоҳам». Шумо дар ин бора чӣ фикр доред?» Бартарии саволҳои бавосита дар он ифода меёбад, ки вазъияти мушаххасро баён намуда, ба зудии фаҳмиши савол ва баёни ҷавоб мусоидат кар-

да, имконияти бавуҷудоии вазъиятҳои муваққатии ихтилофиро аз байн мебаранд.

Бартарии методи анкета дар он ифода меёбад, ки имконият медиҳад, то дар муддати нисбатан кӯтоҳ миқдори зиёди озмудашавандаҳо ба тадқиқот фаро гирифта шаванд, ва тавассути он маводи ниҳоят зиёдро ба даст овардан мумкин аст, ки саҳеҳии онро «қонуни рақамҳои бузург» таъмин мекунад.

Методи анкета низ аз норасоиҳо холӣ нест ва камбудиҳои асосии ин метод чунинанд:

- ҳангоми он самимӣ будани озмудашавандагонро назорат кардан душвор аст, зеро тавассути анкета на муносибати воқеӣ, балки танҳо фикри онҳо дар бораи ин ё он объект ошкор карда мешавад;

- аксар вақт аксуламали озмудашавандаро ба саволҳои пешниҳодшаванда мушоҳида кардан ва мазмуни саволҳоро вобаста ба вазъият дигаргун кардан ғайриимкон аст;

- натиҷаҳои анкетаро таҳлили сифатӣ намудан ва бо рафтору фаъолияти озмудашавандагон муқоиса кардан душвор аст.

Натиҷаҳои пурсиш ва анкетаҳои психологиро одатан бо усулҳои оморӣ коркард менамоянд.

Тестҳои психологӣ. Тести психологӣ - ин маҷмӯи супоришҳои бастандартдаровардашудаи кӯтоҳмуддатест, ки баҳои миқдорӣ ва сифатии натиҷаи иҷроиши онҳо мавҷудият ва ё дараҷаи инкишофи функсияҳои муайяни психикиро ошкор месозад.

Аввалин мураттиби тестҳои психологӣ олими фаронсавӣ Алфред Бине (1857 - 1911) шуморида мешавад, ки соли 1905 барои ташхиси қобилиятҳои ақлонии кӯдакон аввалин тести саҷиши ақлро тартиб додааст. Тестҳои психологӣ барои андозагирии стандартии тафовути инфиродӣ истифода бурда мешавад. Бо ёрии тестҳо мавҷудият ва ё мавҷуд набудани қобилиятҳо, малака, маҳоратҳои муайян, баъзе сифатҳои шахсӣ, дараҷаи коршоямии шахс

дар ин ё он намуди фаъолиятро ба таври дақиқ тавсиф додан имконпазир аст.

Соҳаҳои асосии истифодаи методи тест инҳоянд: 1) маориф ва маълумот; 2) тайёрии касбӣ ва интихоби касб; 3) машварати психологӣ; 4) фаъолияти амалии клиникӣ.

Тест - ин тартиби бастандартдаровардашудаи андозагирии психологӣ мебошад, ки бо истифодаи он дар муддати кӯтоҳ доир ба зуҳуроти омӯхташаванда маълумоти дақиқи миқдорӣ ё сифатӣ ба даст овардан мумкин аст. Он одатан аз супориш ё санҷишҳои кӯтоҳ дар намуди таҳлили муҳокима, ҳалли масъала, расмкашӣ, нақл аз рӯи расм ва монанди инҳо иборат аст. Тестҳо аз дигар методҳои тадқиқотӣ бо тартиби аниқмуайяншуда ва бастандартдаровардашудаи ҷамъоварӣ, коркард ва шарҳи маълумот фарқ мекунанд, ки ин имконият медиҳад то психологияи одамони комилан гуногун муқоиса карда шаванд. Тест маҳз бо ин хусусиятҳои худ серистеъмолтарин методи психологӣ ба шумор меравад.

Тартиби ташкили тестгузаронӣ аз се давра иборат аст: 1) интихоби тест; 2) тестгузаронӣ; 3) коркарди натиҷаҳои тест. Дар ҳамаи ин даврaҳо иштироки психологи мутахассис ё одами махсусомодакардашуда лозим аст.

Тестҳои психологиро аз рӯи якчанд меъёр тасниф мекунанд: 1) аз рӯи хусусиятҳои истифодаи супоришҳои тестӣ (шифоҳӣ, амалӣ); 2) аз рӯи шакли баргузорнамоӣ (гурӯҳӣ, фардӣ); 3) аз рӯи самти ташхис (тестҳои ташхиси қобилият, ташхиси шахсият, ташхиси функсияҳои алоҳидаи психикӣ); 4) аз рӯи маҳдудияти вақти иҷрои супориш (тестҳои суръатсанҷ ва натиҷасанҷ); 5) аз рӯи мақсади истифода (тестҳои интихоби касб, ташхиси клиникӣ, ошкорнамоии шавқу ҳавасҳо ва ғ.); 6) аз рӯи маводи истифодашаванда (тестҳои бланкавӣ, предметӣ ва дастгоҳӣ); 7) аз рӯи сохтори таркибӣ (гемогеннӣ ё яктаркиба ва гетерогеннӣ ё бисёртаркиба).

Таснифоти бештар маъмулгардида се варианти тестҳои психологиро пешниҳод мекунад: тест - пурсишно-

ма, тест - супориш ва тестҳои проективӣ. *Тест - пурсишнома* аз системаи муҳокима ё саволҳои пешакӣ фикркардашуда, бодиққат коркардашуда ва аз нигоҳи эътимоднокию валидноки санҷидашудаест, ки аз рӯи ҷавоб ба онҳо доир ба хусусиятҳои психологии озмудашаванда хулосаҳо баровардан мумкин аст.

Тест - супориш баҳогузорӣ ба хусусиятҳои психологӣ ва рафтори одамро дар асоси кори иҷрокардаи ӯ пешниҳод мекунад. Ҳангоми чунин тестҳо ба озмудашаванда маҷмӯи супоришҳои махсус пешниҳод карда мешавад, ки аз рӯи натиҷаҳои иҷроиши он доир ба мавҷуд будан ё набудан ва ё дараҷаи инкишофи ин ё он хусусияти ӯ хулоса бароварда мешавад.

Тест - пурсишнома ва тест - супориш барои одамони синну сол, маданият, дараҷаҳои маълумотноки, касбу кор ва таҷрибаи ҳаётиашон гуногун мувофиқ аст, ки ин бартарияти онҳоро ифода мекунад.

Тестҳои проективӣ - гурӯҳи методикаҳое мебошанд, ки ба воситаи онҳо ташхиси хусусиятҳои шахс дар асоси таҳлили рафтори ӯ дар вазъиятҳои номуайян ва сермаъно сурат мегирад. Психолог бо ёрии тестҳои проективӣ озмудашавандаро ба вазъияти хаёлии пешакиомодакардашудаи дорои сюжети номайян мебарад ва аз ӯ шарҳи вазъияти додашударо хоҳиш мекунад. Шарҳи вазъият озод буда, ба дарку фаҳмиши озмудашаванда вобаста аст. Ба сифати чунин вазъият метавонад расмҳое баромад

Расми 3. *Намунаи супориши тести проективӣ (методикаи Розенсвейг)*

кунанд, ки дар онҳо одамони номаълум ба амалҳои номуайян машғуланд ва аз озмудашаванда хоҳиш карда мешавад, ки ба саволҳои «ин одамон кистанд?», «онҳо ба чӣ кор машғуланд?» ва монанди инҳо ҷавоб гуфта, ба расм маъно бахшад. *Расми 4.* Дар асоси таҳлили ҷавобҳои озмудашавандагон ҳатто дар бораи он хусусиятҳои шахсии ӯ хулосаҳо баровардан мумкин аст, ки асоси бешуурона доранд. Асоси чунин тестҳоро механизми проексия ташкил медиҳад, ки мувофиқи он хусусиятҳои аз ҷониби худи ӯ даркнашаванда, хусусан камбудиҳояшро одам майли ба дигарон мансуб донистан дорад. Чунин тестҳоро истифода бурда истода, доир ба психологияи озмудашаванда дар асоси он хулосаҳо мебароранд, ки ӯ чӣ тавр вазъият, хусусиятҳои психологӣ ва рафтори одамони дигарро дарк мекунад ва баҳо медиҳад, кадом хусусиятҳои шахсӣ, маромҳои табиати мусбӣ ё манфидоштаро ба онҳо мансуб медонад. Тестҳои проективӣ вобаста ба як қатор хусусиятҳои худ аз ҷониби психолог дониши назариявӣ ва таҷрибаи баланди касбиро талаб мекунад.

Тестҳо ба сифати асбоби андозагирӣ истифода мешаванд, ва аз ин рӯ онҳо бояд ба талаботи ҷиддӣ ҷавобгӯ бошанд. Маҷмӯи супоришҳои тасодуфиро тест номидан нашояд. Сифати тестҳои психологӣ аз рӯи эътимоднокӣ (устувории натиҷаҳои тестгузаронии такрорӣ), валиднокӣ (мувофиқати тест ба мақсади ташхис) ва қиммати тафриқавии супоришҳо (хосияти тест, ки қобилияти вобаста ба дараҷаи ифодаёбии хусусияти тадқиқшаванда ба зергурӯҳҳо ҷудо кардани озмудашавандагонро ифода мекунад) баҳо дода мешавад.

Истифодаи тест танҳо дар доираи ҳамон масъалае имконпазир аст, ки барои он сохта шудааст ва дар муносибат бо он санҷида шудааст. Тестҳоро наметавон ҳамчун воситаи универсалии ташхис баҳо дод.

Бояд қайд намуд, ки тестҳо дар тадқиқоти психологӣ чандон нақши муҳим намебозанд, вале дар ташхиси психологӣ методи аз ҳама муҳимтар ба шумор мераванд.

Методи таҳлили маҳсули фаъолият. Ин метод моҳиятан ба тестҳои проективӣ монанд аст, вале на натиҷаҳои супориши махсуспешниҳодгардида, балки маҳсули фаъолияти дар шароити табиӣ иҷронамудаи шахсро таҳлил менамояд.

Таҳлили маҳсули фаъолият чунин методи тадқиқоти психологӣ аст, ки тавассути он тадқиқотчӣ ба хусусиятҳои психологии озмудашаванда на дар асоси мушоҳида ё андозагирии рафтори фаъол, балки зимни натиҷаи рафтору фаъолияти қаблан иҷрокардаи ӯ баҳо медиҳад. Одам дар ҳамагуна амалу рафтор ва фаъолияти иҷрокардааш аз худ «изи» муайян мегузорад, ки аз тарзҳои барои ӯ хоси иҷронамоии онҳо бармеоянд. Методи таҳлили маҳсули фаъолият чунин «из»- ҳоро дар натиҷаҳои фаъолияти эҷодӣ, асарҳои бадеӣ, осори санъат, фаъолияти ҷисмонӣ ва таҳлили фикрҳои мушоҳидон ҷустуҷӯ мекунад. Ҳамин тавр дар таҳлили маҳсули фаъолият иштироки худи озмудашаванда шарт нест. Ин хусусият фарқият ва афзалияти асосии ин методро аз методҳои дигари психологӣ ифода мекунад.

Омӯзиши маҳсули фаъолият имконият медиҳад, ки дар бораи дараҷаи азхудкардашудаи фаъолият ва маҳорату малакаҳои бо он алоқаманд, дар бораи кӯшишу ғайрат ва поквиҷдонӣ ҳангоми бадастоварии мақсад, дар бораи ташаббускорӣ ва эҷодкорӣ, оид ба пешравиҳо дар фаъолияти амалию эҷодӣ ва инкишофи шахсият маълумот ба даст оварда шавад.

Вобаста ба он, ки муваффақиятҳои алоҳида дар маҳсули фаъолият метавонанд тасодуфӣ бошанд, барои маълумоти дақиқ ба даст овардан бояд маҳсули фаъолиятҳои гуногуни ҳамон як озмудашавандаро таҳлил намуда, натиҷаҳои онҳоро муқоиса кардан лозим аст.

Методи таҳлили маҳсули фаъолият хусусан дар психологияи таърихӣ, психологияи санъат ва эҷодиёт, психологияи клиникӣ, инчунин криминалистикаи психологӣ васеъ истифода бурда мешавад.

Дар тадқиқоти психологӣ инчунин як қатор методҳои махсус низ истифода бурда мешаванд, ки аз аҳамияти бузурги илмию амалӣ холӣ нестанд, вале соҳаи татбиқашон ниҳоят маҳдуд аст. Муҳимтарин методҳои махсуси психологӣ сотсиометрия, методи тамсиласозӣ (моделсозӣ), методи баҳои экспертӣ ё методи ҷамъбастнамоии тавсифдиҳандаҳои мустақил, методи дугоникҳо ва методи лоиҳавӣ мебошанд.

Сотсиометрия. Ин метод аз ҷониби олими руминтабори америкоӣ Ҷекоб Леви Морено барои омӯзиши муносибатҳои байнишахсӣ кор карда баромада шудааст. Сотсиометрия маъмултарин методи тадқиқоти иҷтимоӣ - психологии омӯзиши гурӯҳҳои хурди одамон ва мавқеи шахс дар гурӯҳ буда, моҳиятан аз омезиши методҳои озмоиш ва пурсиши психологӣ таркиб ёфтааст.

Методи тамсиласозӣ. Тамсила - ин шакли ба таври сунъӣ сохташуда ва нисбатан соддакардашудаи зуҳуроти омӯхташаванда мебошад, ки унсурҳои барои тадқиқот зарурии сохтори он нигоҳ дошта шуда ё ҳатто пурзӯр гардонида шуда, унсурҳои дигар метавонанд бартараф карда шаванд. Тамсиласозӣ ё моделсозӣ ҳамчун метод дар он ҳолате истифода бурда мешавад, ки агар зуҳуроти омӯхташаванда мураккаб ва дастнорас бошад. Дар чунин маврид тамсилаи сунъии зуҳуроти омӯхташаванда сохта мешавад ва бо он тадқиқот гузаронида мешавад.

Тамсилаҳо метавонанд техникӣ, мантиқӣ, математикӣ ва ё кибернетикӣ бошанд.

Методи баҳои экспертӣ. Баҳои экспертӣ - методи баҳо додан ба хусусиятҳои шахс бо роҳи дарёфти миёнаи арифметикии фикри мутахассисони алоҳида мебошад. Моҳияти ин метод аз он иборат аст, ки маълумот дар бораи хусусиятҳои шахс аз мутахассисоне, ки ӯро дар фаъолиятҳои гуногун мушоҳида кардаанд, дастрас ва ҷамъбаст карда мешавад. Барои ҷамъбастнамоии фикри мутахассисон ва дарёфти миёнаи арифметикии он асосан усули баҳогузорӣ аз рӯи «холҳои канорӣ»- ро истифода

мебаранд, аммо баъзан усулҳои фаъолияти коллективии экспертӣ низ дар намуди машварат, мубоҳиса, «ҳуҷуми зеҳнӣ» истифода бурда мешаванд.

Методи мазкур як навъ омезиши методҳои мушоҳида ва сӯҳбат буда, барои омӯзиши хусусиятҳои шахс ва динамикаи инкишофи психикӣ пешбинӣ гардидааст.

Методи дугоникҳо. Ин метод соли 1875 аз ҷониби олими англис Френсис Галтон (1822 - 1911) барои ошкор намудани нақши генотип ва муҳит дар инкишофи шахс, кор карда баромада шудааст. Мақсади асосии ин метод дар асоси таҳлили муқоисавии дугоникҳои яктухма ва ҷудотухма нақши омили биогенетикӣ ва сотсиогенетикиро дар детерминатсияи зуҳуроти омӯхташавандаи психикӣ муайян кардан аст. Айни замон вариантҳои гуногуни ин метод кор карда баромада шудаанд, аз ҷумла методи азҳамҷудосозии дугоникҳои яктухма, «дугоники назоратшаванда», «ҷуфти дугоникҳо» ва ғайра.

Методи лоиҳавӣ. Мо яке аз шаклҳои методҳои лоиҳавиро дар намуди тестҳои лоиҳавӣ дида баромадем, аммо ин намуди методи тадқиқоти психологӣ дар доираи супоришҳои тестӣ маҳдуд нашуда, фаҳмиши васеътарро дорад ва аз рӯи мавқеи худ дар байни тестҳо ва таҳлили маҳсули фаъолият қарор гирифтааст. Методи мазкур хусусан дар ташхиси ҳолатҳои амиқи рӯҳии кӯдакон ва ҳодисаҳои дар сатҳи бешуурӣ ҷараёнгиранда фаъол аст.

1.3. Асосҳои табиию илмии психика

Системаи асаб ва психика дар ҷараёни таҳаввулот

Психология бо илмҳои табиатшиносӣ ва хусусан илмҳои биологӣ робитаи зич дорад, ки меҳвари ин робитаро алоқаи системаи асаб ва психика ташкил медиҳад. Системаи асаб асоси моддии психикаро ташкил намуда, онро ба омӯзиши объективии эксперименталӣ дастрас мегардонад ва имконияти ба таври илмию таҷрибавӣ асоснок намудани

зуҳуроти психикиро фароҳам меоварад. Психика хосияти системаи асаби олиташаккул мебошад.

Алоқаи системаи асаб бо зуҳуроти психикӣ ва рафтор дар таносубии инкишофи таърихии онҳо равшантар аён мегардад. Аз ин рӯ, таҳаввулоти системаи асаб ва психикаро муфассалтар дида мебароем.

Системаи асаб таҳаввулоти тӯлониро аз сар гузаронида, аз шабакаи нахҳое, ки ҳуҷайраҳои ҳассоси асабиро бо бофтаҳои кашидашаванда -мӯшакҳо мепайвандад, то ба дараҷаи мағзи сари одам, ки ташкилаи сохтораш ниҳоятдараҷа мураккаби асабӣ мебошад, ташаккул ёфтааст. Намуди ниҳоят содда ва ибтидоии системаи асаб, *системаи асаби диффузӣ ё туршакл* ба шумор меравад. Ин шакли системаи асаб хоси рудаковокҳо, масалан гидра мебошад. Системаи асаби гидра аз ҳуҷайраҳои асабии дар тамоми бадани вай пароканда иборат аст. *Расми 5а.* Ҳаяҷон дар чунин системаи асаб ба ҳама самтҳо баробар паҳн мешавад. Аз ин рӯ, аксуламали ин мавҷудот ноаниқ ва гӯё тахминӣ аст. Агар ба палмосакҳои гидра сузан халонида шавад, ӯ тамоми баданашро ба худ кашида ҷамъ мешавад. Ҳол он ки ҳайвоноти системаи асабашон нисбатан мураккабтар ҳангоми чунин муносибат метавонанд танҳо узви мутаассиршударо ба худ кашанд. Хусусияти дигари системаи асаби диффузӣ дар он ифода меёбад, ки новобаста аз шакли таъсирот аксуламал ба он якхела мебошад. Такон додани зарфе, ки дар он гидра нигоҳ дошта шудааст, даст расонидан ба вай ва ё таъсири ангезаи химиявӣ ҳамон як намуд аксуламал - ҷамъшавии гидраро ба вуҷуд меоваранд.

Системаи асаби нисбатан мураккабтар *системаи асаби гиреҳшакл* мебошад, ки ҳуҷайраҳои он дар қитъаҳои алоҳидаи бадан мутамарказ шуда, гиреҳҳои асабиро ба вуҷуд меоваранд, ва гиреҳҳои асабӣ байни ҳам бо нахҳои асабӣ пайваста, занҷираи асабиро ҳосил мекунанд. *Расми 5б,в.* Дар чунин намуди системаи асаб ҳар як гиреҳи асабӣ амали рефлексҳои муайянро ба таври мустақилона таъмин

мекунад. Чунин намуди системаи асабро дар кирмҳо, ҳашарот, харчангҳо, тортанакҳо ва чилпо вохӯрдан мумкин аст. Дар системаи асаби ин мавҷудот ҳаяҷон на ба самтҳои гуногун, балки аллакай ба самти муайян паҳн мешавад, ки ин бартариро дар зудӣ ва аниқии аксуламал таъмин менамояд.

Намуди боз ҳам мураккабтари системаи асаб, ки дараҷаи баландтарини таҳаввулоти онро ифода мекунад, *системаи асаби мутамарказ* мебошад. Дар системаи асаби мутамарказ механизми танзими асабию психикӣ дар қисмати ягонаи марказӣ марказонида шудааст. Ин намуди системаи асаб дар муҳрадорон ташаккул ёфтааст. Шакли соддатарини он, ки дар нештаршакл мушоҳида мешавад, аз сохтори асабии нойшакл иборат аст. Нойи соддаи асабӣ ба дарозии бадани ин ҳайвони обӣ тӯл кашида, ягон барҷастагӣ надорад. Дар мӯҳрадорони мураккаб қисми пеши нойи асабӣ ташаккул ёфта, барҷастагиро ҳосил кардааст, ки мағзи сар номида мешавад. Аммо сохтори нойшакл низ дар шакли ҳароммағз боқӣ мондааст, ва аз ин рӯ ин намуди системаи асабро системаи асаби найчашакл низ меноманд. *Расми 5г-д.* Системаи асаб дар намояндагони синфи ширхӯрон ба дараҷаи ниҳоии инкишофи худ мерасад ва мағзи сар ба узви муҳимтарини он табдил меёбад.



а б



в г



ғ

д

Расми 4. *Намудҳои системаи асаб:*
а - диффузӣ;
б, в - гиреҳшакл;
г - д - нойшакл.

Системаи асаби нойшакл хусусан дар марҳалаҳои охирини инкишофи он аксуламалҳои фавқулдақиқро таъмин карда метавонад.

Ҳамин тавр чуноне, ки олими рус С. Л. Рубинштейн қайд мекунад, дар алоқамандӣ бо инкишофи системаи асаб функсияҳои он аз рӯи қонунияти муайян ташаккул меёбанд, ки он дар такмили махсусгардии аксуламалҳо зоҳир мегардад. Дар ибтидо ангезандаҳои беруна аксуламали пароканда (диффузӣ)- ро ба вуҷуд меоваранд, минбаъд махсусгардии аксуламалҳо ба амал меояд.

Системаи асаб дар давраи муайяни таҳаввулоти худ хусусияти нав, яъне психика ё инъикоси психикиро соҳиб гардидааст. Доир ба нуқтаи ибтидои ин давра ҳанӯз ҳам дар байни олимон ихтилоф вуҷуд дорад, масалан, баъзе муаллифон чунин мешуморанд, ки аксуламалҳои организмҳои соддатарин, ки танҳо нисбати таъсироти бевосита ҳаётан муҳим зоҳир мешавад, аллакай зуҳуроти психикӣ ба шумор меравад. Аммо гурӯҳи дигари олимон ин типи аксуламалҳоро ҳанӯз зинаи топсихикӣ медонанд. Мувофиқи фарзияи муҳаққиқи рус А. Н. Леонтев қобилияти инъикос намудани танҳо таъсироти ҳаётан муҳими муҳит, ки ба организмҳои соддатарин хос аст, ҳанӯз нишонаи психика намебошад. Олим ин қобилиятро *мутаассиршавӣ* номидааст.

Дар ҷараёни таҳаввулот, дар организмҳои нисбатан мураккаб намуди нави мутаассиршавӣ - *ҳассосӣ* ба вуҷуд омадааст, ки асосан бо инкишофи таърихии узвҳои ҳис алоқамандӣ дорад. Тафовут ва бартарияти ҳассосӣ бар мутаассиршавӣ дар он ифода меёбад, ки организми дорои чунин намуди қобилияти инъикос мавҷудияти объекти ҳаётан муҳимро на танҳо дар асоси қабули таъсири бевосита аз он, балки тавассути нишонаҳои бавоситаи он - ангезандаҳои сигналӣ низ муайян карда метавонанд. *Ангезандаҳои сигналӣ* - ин чунин таъсироти объектҳои муҳит мебошанд, ки худ барои организми додашуда ягон аҳамияти ҳаётиро ифода намекунанд, яъне на ягон талабот ва

эҳтиёҷоти онро қаноатманд месозанд ва на мавҷудияти онро ба хатар мегузоранд, аммо доир ба мавҷудият ва эҳтимолияти чунин таъсироти ҳаётан муҳим хабар мерасонанд. Масалан, чунин хусусиятҳои ашё ба мисли ранг, шакл ва бӯйи он барои организм бефарқ аст, вале онҳо доир ба мавҷудияти худи ашё гувоҳӣ медиҳанд, ки метавонад ба сифати ғизо баромад намуда, талаботи органикии организмро қаноатманд созад.

Ба ақидаи А. Н. Леонтев, маҳз зуҳуроти ҳассосӣ нуқтаи ибтидоии инкишофи психика ба шумор меравад. Нуқтаи назари хешро доир ба таҳаввулоти минбаъдаи психика ва рафтор олим дар асари худ «Масъалаҳои инкишофи психика» (1972) муфассал баён намудааст, ки он дар солҳои 90- ум аз ҷониби муҳаққиқи дигари рус К. Э. Фабри вобаста ба дастовардҳои навини илми зоопсихология мукаммал ва дақиқ карда шудааст. Ин назария дар илми муосир бо номи назарияи Леонтев - Фабри маъмул аст. Мувофиқи он, таърихи инкишофи психика ва рафтори мавҷудот ба ду зина: зинаи психикаи соддаи сенсорӣ ва зинаи психикаи персептивӣ ҷудо карда мешавад. Зинаи аввал ду дараҷа дорад, ки онҳо: дараҷаҳои поёнӣ ва олӣ мебошанд. Зинаи дувум бошад, иборат аст аз се дараҷа: поёнӣ, олӣ ва олитарин. Асоси тафриқагузории ин ду зинаро тавсифдиҳандаҳои асосии роҳҳои ба даст овардани ахборот дар бораи олами иҳотакарда ташкил медиҳад. Барои зинаи аввал усули сенсорӣ ё дараҷаи эҳсосии бадастории ахборот хос аст. Барои зинаи дувум бошад, усули персептивӣ ё дараҷаи идрок. Зинаи психикаи соддаи сенсорӣ унсурҳои ибтидоии ҳассосиро, ки дар доираи шаклҳои соддатарини эҳсос ба вуҷуд меоянд, тавсиф медиҳад. Зинаи психикаи персептивӣ бошад дар таҳаввулоти психика ва рафтори ҳайвонот ҷаҳиши бузург буда, қабули ахбороти муҳитро дар шакли образҳои яклухт ифода мекунад. *Ниг. ҷадвали 1.*

Ҳар як зинаи инкишофи психика ҳатман бо ташаккулу такомули системаи асаб ва як қатор омилҳои дигар

марбут аст. Ин фикрро тамоми муҳақиқони ин масъала тасдиқ менамоянд. Ба ақидаи С. Л. Рубинштейн «…инкишофи психика ва рафтор бо мураккабшавӣ ва тағйирёбии шароитҳо ва тарзи ҳаётгузаронии организмҳо, инкишофи системаи асаб ва минбаъд такомулу мутамарказшавии он, инчунин инкишофи узвҳои ҳис ва дар охир бо пайдоиши ретсепторҳои масофавӣ вобастагӣ дорад». (С.Л.Рубинштейн. Основы общей психологии. Спб: изд. Питер, 2000. с.114).

Ҳамин тавр, мураккабшавии шароитҳои зист ва ташаккули системаи асаб аллакай дар бандпойҳо, ки намояндаи типи системаи асаби гиреҳшакл мебошанд, шакли нав ва нисбатан мураккаби рафтор - *инстинктро* ба вуҷуд меоварад. ***Инстинкт - шакли ирсӣ ва камтағйирпазири рафтор мебошад, ки мутобиқати организмро ба шароитҳои хоси ҳаётгузаронии ӯ таъмин мекунад.***

Инстинктҳо ҷараёни минбаъдаи таҳаввулоти психика ва рафторро ҳамроҳӣ намуда, мунтазам мураккаб мегарданд ва танҳо дар зинаҳои ниҳоии он бо сабаби ба вуҷуд омадани унсурҳои рафтори бошуурона аҳамияти худро дар ҳаёти фард то андозае аз даст медиҳанд.

Ҷадвали 1.

Марҳалаҳои инкишофи психика ва рафтори мавҷудот (мувофиқи назарияи А.Н.Леонтев ва К.Э.Фабри)

Зинаҳои инкишофи психикӣ	Дараҷаҳои инъикоси психикӣ ва тавсифдиҳандаҳои онҳо	Хусусиятҳои рафтори мавҷудот	Намудҳои мавҷудоти зинда, ки дар ин дараҷаи инкишоф қарор доранд
I	II	III	IV

I. Зинаи психикаи соддаи сенсорӣ	**А.** Дараҷаи паст. Унсурҳои соддаи ҳассосӣ. Инкишофи мутаассиршавӣ.	**А.** Аксуламали дақиқ ба таъсироти аз ҷиҳати биологӣ аҳамиятноки муҳит тавассути тағйири суръат ва самти ҳаракат. Шаклҳои соддаи ҳаракат. Камтағйирпазирии рафтор. Қобилияти ташакулнаёфтаи эътино ба таъсироти аз ҷиҳати биологӣ нейтралӣ ва аҳамияти ҳаётӣ надоштаи муҳит. Фаъолии сусти ҳаракатии ғайримақсаднок.	**А.** Соддатарин-ҳо. Бисёр организмҳои бисёрҳуҷайрагии содда, ки дар муҳити обӣ зиндагӣ мекунанд.
	Б. Дараҷаи баланд. Мавҷудияти эҳсос. Пайдоиши ҷоғ ҳамчун узви муҳимтарини манипулятсия. Қобилиятнокӣ ба шаклгирии рефлексҳои соддаи шартӣ.	**Б.** Аксуламали дақиқ ба ангезандаҳои аз ҷиҳати биологӣ нейтралӣ. Инкишофи фаъолии ҳаракатӣ (хазидан, кандани замин, шино кардан ва аз об ба хушкӣ баромадан). Қобилияти дур шудан аз шароитҳои номувофиқи муҳит, ҷустуҷӯи фаъолонаи таъсироти мувофиқ. Таҷрибаи фардӣ ва ёдгирӣ нақши начандон муҳимро мебозанд. Дар рафтор барномаи устувори ирсӣ аҳамияти асосӣ дорад.	**Б.** Кирмҳои олӣ (ҳалқакирмҳо), Нармбаданҳои шикампой (туқумшулук), баъзе бемӯҳраҳои дигар.
I	**II**	**III**	**IV**

II. Зинаи психикаи перспективӣ	**А.** Дараҷаи паст. Инъикоси олами иҳотакарда дар шакли образи ашё. Интегратсия ва муттаҳидсозии хусусиятҳои таъсиррасонандаи муҳит дар образи яклухти ашё. Узви асосии манипулятсия - ҷоғ.	**А.** Шаклгирии малакаҳои ҳаракатӣ. Дар он унсурҳои шахшудаи ирсӣ бартарӣ доранд. Қобилиятҳои ҳаракатӣ ниҳоят мураккаб ва мухталифанд (ғаввосӣ ё шино дар зери об, хазидан, ҳаракат дар хушкӣ, дав ё ҳаракати суръатнок, ҷаҳиш, часпида ҳаракат кардан, парвоз ва ғ.). Ҷустуҷӯи фаъолонаи таъсироти мусбӣ, гурехтан аз таъсироти зарарнок, рафтори муҳофизатии инкишофёфта.	**А.** Моҳиҳо ва дигар мӯҳрадорони паст, инчунин қисме аз бемуҳраҳои олӣ (бандпойҳо ва баъзе нармбаданҳо). Ҳашарот.
	Б. Дараҷаи олӣ. Шаклҳои соддатарини тафаккур (ҳалли мас-ъалаҳо). Шаклгирии як навъ «манзараи олам».	**Б.** Рафтори инстинктивии ба дараҷаи олӣ ташаккулёфта. Қобилияти ёдгирӣ.	**Б.** Мӯҳрадорони олӣ (пар-рандаҳо ва баъзе ширхӯрон).
	В. Дараҷаи олитарин. Қобилияти ҳалли ҳамон як масъала бо усулҳои гуногун. Истифодаи принсипи боре дарёфткардашудаи ҳалли масъала дар шароитҳои нав. Сохтан ва дар фаъолият истифода кардани олоти содда. Қобилияти маърифати олам новобаста аз мавҷудияти талаботи биологӣ. Дар фаъолияти амалӣ зоҳир намудани соҳибихтиёрӣ ва баҳисобгирии	**В.** Ҳосилшавии узвҳои махсусгардонидашудаи манипулятсия: панҷа ва даст. Ташаккули шаклҳои тадқиқии рафтор бо истифодаи васеи донишҳои қаблан андӯхташуда, маҳорат ва малакаҳо.	**В.** Майминҳо, баъзе дигар мӯҳрадорони олӣ (сагҳо, делфинҳо).

	алоқаҳои сабабу натиҷагии байни зуҳуроти алоҳида *(инсайт)*.		

Дар ҳайвоноти дараҷаи олӣ ва хусусан дар ширхӯрон дар баробари рафтори мураккаби инстинктивӣ, инчунин шаклҳои рафтори инфиродии бадастовардашуда низ ташаккул меёбад, ки мутобиқшавии ҳайвонотро ба шароитҳои мунтазамтағйирёбандаи ҳаёт беҳтар таъмин намуда, моҳиятан давраи нави инкишофи психика ва рафтор ба шумор мераванд.Мисоли зерин тафовут ва бартарияти рафтори инфиродии бадастовардашударо бар рафтори инстинктивӣ аён месозад: агар ба назди мурғ арзан пошида, онро бо чорчӯбаи тӯркашидашуда пӯшонем, мурғ ба тӯр дармеафтад, ҳол он ки паррандаҳои дар зинаҳои нисбатан болоии тараққиёт қарордошта, масалан, зоғ ҳангоми айнан чунин вазъият дигаргуна рафтор менамоянд - пас аз аввалин нокомӣ дар кӯшиши ба даст овардани ғизо тавассути сӯрохиҳои тӯр, зоғ аз паи бартарфсозии монеа мешавад. Дар ҳолати якуми мисоли боло, рафторро амали барномавии инстинктивӣ муайян мекунад ва дар ҳолати дуюм бошад, амал дар натиҷаи таҳлили вазъияти дар айни замон бавуҷудомада ба вуқӯъ мепайвандад. Таҳлил ва мутобиқи вазъияти баамаломада амал намудан дар ширхӯрон равшантар аён мешавад ва дар ҳолати такрор шудани вазъияти додашуда рафтори мувофиқ шакл гирифта, мустаҳкам мегардад. Чунин типи рафтор *малака* ном дорад. ***Дар зери мафҳуми малака (дар ҳайвонот) рафтори инфиродию бадастовардашуда ва дар асоси машқ мустаҳкам гардидаи ҳайвонотро мефаҳманд.***

Дар ҳайвоноти дараҷаи олӣ: фил, делфин ва маймунҳо типи боз ҳам мураккабтари рафторро мушоҳида намудан мумкин аст, ки«рафтори боақлонаи ҳайвонот» ё *«ақли содда»* номида мешавад. Асоси рафтори «боақлона»- и ҳайвонотро чуноне, ки олими рус А.В. Петровский мегӯяд, инъикоси муносибатҳои мураккаби байни ашёҳои

алоҳида ташкил медиҳад. Унсурҳои чунин типи рафтор дар ҳайвоноти нисбатан соддатар низ ба мушоҳида мерасад. Ба сифати мисол таҷрибаи зеринро баён кардан мумкин аст: дар назди зоғ ду лӯла бо каме масофа паиҳам дар як хати рост гузошта шудааст. Як пора гушти ба ресмон басташуда дар пеши назари зоғ тавассути ин лӯлаҳо гузаронида мешавад. Вақте ки пораи гушт аз лӯлаи якум гузашта, дар масофаи холигӣ аён мегардад ва ба лӯлаи дувум кашида мешавад, зоғ зуд ба ҷониби канори дигари лӯлаи дувум ҳозир мегардад ва баромадани мулуҳро интизор мешавад.

Рафтори «боақлона» чӣ тавре қайд карда шуд, дар ҳайвоноти олӣ ва хусусан дар маймунҳо равшантар аён мегардад. Он ба қавли ҷонибдорони назарияи таҳаввулот, зинаи қаблӣ ва заминаи ташаккули ақлу шуури инсон мебошад. Вале муаллифон ҳамзамон эътироф менамоянд, ки байни чунин шакли рафтор ва рафтори бошууронаи инсон тафовути куллӣ вуҷуд дорад.

Сохтор ва функсияҳои асосии системаи асаби одам

Системаи асаби одам дар муқоиса аз системаи асаби тамоми мавҷудоти дигар мукаммалтар буда, шаклҳои олии инъикоси психологӣ ва системаи мураккаби амалу рафторро дар намуди фаъолияти бошуурона имконпазир мегардонад. Сохтори мураккаби он, ки аз шабакаи нахҳо ва гиреҳҳои зиёди асабӣ, инчунин ретсепторҳои ба шаклҳои мухталифи таъсироти муҳит мутобиқшуда таркиб ёфтааст, аксуламалҳои зуд ва дақиқ, механизми соддаи ҳосилшавии алоқаҳои муваққатии асабӣ, ки азхуднамоии таҷрибаҳои нави ҳаётӣ бо онҳо алоқаманд аст, инчунин таҳлили амиқи таъсироти муҳит ва рафтори мураттабу мураккабро таъмин менамояд.

Тамоми ташкилаҳои асабӣ аз ҳуҷайраҳои асабӣ таркиб ёфтаанд. Ҳуҷайраи асабӣ *нейрон* ном дорад. Миқдори нейронҳо танҳо дар мағзи сари одам ба 10^{12} (як триллион) мерасад. Ҳуҷайраи асабӣ сохтори мураккаб дорад. Он аз тана ё сома, ядро ва шохаҳои кӯтоҳу дароз иборат аст. Шохаи дароз дар як нейрон одатан якто буда аксон ном дорад. Шохаҳои кӯтоҳи ҳуҷайраи асабӣ якчандто буда, дендрит номида мешаванд. Аксон ва дендритҳои як ҳуҷайраи асабӣ бо ҳуҷайраи дигар тавассути синапсҳо пайваст шуда, барои интиқоли импулсҳои асабӣ аз як нейрон ба нейрони дигар хидмат мекунанд. *Синапсҳо* ташкилаҳои махсуси асабие мебошанд, ки алоқаи муваққатӣ ё тӯлонию устувори байниҳамии ҳуҷайраҳои асабиро таъмин мекунад.



Расми 5. *Сохти ҳуҷайраи асаб: 1- дендритҳо; 2- тана ва ядрои ҳуҷайра; 3- пардаи миелинӣ; 4- шохаҳои аксон*

Пайвасти миллиардҳо нейрон ташкилаҳои мураккаби асабӣ ва шабакаи сершохаи робитаи байни онҳоро ба вуҷуд овардааст, системаи асаб номида мешавад.

Системаи асаби одам аз ду қисмат иборат аст: *қисми марказӣ* ва *қисми канорӣ (периферӣ)*. *Расми 7.* Қисми марказии асаб ё системаи марказии асаб (СМА) аз ҳароммағз ва мағзи сар иборат аст. Мағзи сари одам, ки 1/50 ҳиссаи вазни бадани ӯро ташкил медиҳад, ташкилаи мураккабтарини биологӣ дониста мешавад. Вазни ин узв дар навзодӣ



Расми 6. *Сохти системаи асаби одам*

тақрибан 350г, ва дар одами болиғ ба ҳисоби миёна 1400г - ро ташкил медиҳад. Он дар синни 18 - 30 солагӣ вазни максималии худро соҳиб гардида, пас аз 50 - солагӣ мунтазам хурд ва сабук шудан мегирад, ки сабабаш пиршавии бофтаҳои асабӣ ва атрофия (хушкшавӣ) - и мағз мебошад.

Мағзи сар дар навбати худ, аз мағзи дарозрӯя, мағзи миёна, мағзи мобайнӣ, мағзча ва мағзи пеш таркиб ёфтааст. *Расми 8.*

Ҳароммағз. Мо пештар қайд кардем, ки дар системаи асаби гирехшакл гирехҳои алоҳида вазифаҳои худро ба таври мустақилона ичро мекунанд. Дар баъзе намояндагони системаи асаби мутамарказ низ ин чиз дар шакли мухторияти нисбии ҳароммағз боқӣ мондааст. Масалан таҷрибаҳои физиологи рус И.П.Павлов нишон доданд, ки дар сурати дур кардани мағзи сари қурбоқа ҳам он метавонад бо панҷааш барои аз худ дур сохтани ангезандаи ногувор (кислотаи ба пӯсти вай чаконидашуда) кӯшиш кунад. Ин имкониятро ба вай фаъолияти автаномии ҳароммағз фароҳам меоварад. Ҳароммағзи инсон аз мухторият маҳрум аст, вале дар натиҷаи ҳамкорӣ бо дигар сохторҳои системаи асаб функсияҳои муҳими психикиро ичро менамояд.

Ҳароммағзи одам дар ковокии сутунмӯҳра ҷойгир шуда, бевосита ҳам бо мағзи сар ва ҳам бо системаи асаби канорӣ пайваста аст. Вобаста ба мавқеи ҷойгиршавиаш он, дар ичроиши фаъолияти психикӣ яке аз вазифаҳои муҳимро ичро мекунад, ки он ҳам бошад, таъмини робита дар байни «штаб» - мағзи сар ва узвҳои канории организм мебошад. Вазифаи дигари муҳими ин узв аз фаъолияти рефлектории он бармеояд. Дар ҳароммағз маркази бисёр рефлексҳои муҳим ҷойгиранд.

Мағзи дарозрӯя аввалин барҷастагӣ дар канори болоии ҳароммағз аст, вале барҷастагӣ дар ин қисмати системаи асаб тағйироти ягона нест, дар ин ҷой сохтори таркибии мағз низ тағйир меёбад. Ҳамаи ин нишонаи он аст, ки ҳароммағз ба охир расида, узви дигар - мағзи сар

оғоз меёбад. Маҳдудшавии баъзе вазифаҳо дар ин минтақа имконият медиҳад, ки онро ҳамчун қисми алоҳидаи мағзи сар баҳо диҳем.



Расми 7. *Сохти мағзи сари одам*

Дар мағзи дарозрӯя марказҳои бисёр рефлексҳои ғайришартӣ ҷойгиранд (дар бораи рефлексҳо нигаред ба зермавзӯи баъдӣ). Аз он ҷумла маркази рефлекс-ҳои таппиши дил, нафаскашӣ, фурӯбарӣ, ҷудошавии оби даҳон, арақҷудокунӣ, атсазанӣ, сулфа-занӣ, ҳикказанӣ, қай-кунӣ, ҷудошавии оби даҳон, рефлексҳои мавқеи бадан дар фазо ва ғайра. Иҷроиши вазифаҳои ин марказҳо аз шӯъбаҳои олии (қиширии) мағзи сар идора карда мешаванд.

Мағзи миёна дар болои мағзи дарозрӯя ҷойгир шуда, давоми онро ташкил медиҳад. Дар он ҳуҷайраҳои зиёди асабӣ ҷамъ омада, марказҳоеро ба вуҷуд меоваранд, ки аз рӯи вазифаашон ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешаванд: марказҳои ҳиссӣ ва эффекторӣ (ҳаракатӣ). Марказҳои ҳиссӣ ба шиддати мӯшакии тамоми бадан ва ба ин васила ба тамоми ҳаракатҳои одам ё ҳайвонот таъсир мерасонанд. Вазифаҳои марказҳои ҳиссӣ бошад, бо функсияҳои биноӣ ва шунавоӣ алоқаманданд. Маркази ба ном «старт - рефлексҳо» низ дар мағзи миёна ҷойгир аст. Ин рефлексҳо вазифаи эҳтиёткунанда дошта, дар он зоҳир мешаванд, ки одам ё мавҷудоти дигар ҳангоми таъсироти ногаҳонӣ якбора ва бе сарфаҳм рафтан ба ҳодиса магурезад, худашро панаҳ месозад, чашмашро мепӯшад ва монанди инҳо. Инчунин дар мағзи миёна рефлексҳои тарзи ист, нигоҳ дошa-

ни мувозинати бадан ҳангоми рост роҳ рафтан, ҳаракат ба баландӣ ва нишебӣ, чархзанӣ ва ғ. ҷойгиранд.

Мағзи мобайнӣ дар қисми марказии мағзи сар ҷойгир буда, аз се тараф бо мағзи миёна, мағзча ва нимкӯрраҳои мағзи пеш пӯшонида шудааст. Мағзи миёнаро маркази эҳсос меноманд, зеро ҳама роҳҳои асабии аз узвҳои ҳис ба соҳаи қишрии мағз раванда тавассути он мегузаранд. Марказҳои муҳими ҳиссиёт ва эмотсияҳо низ маҳз дар ин сохтори мағз ҷойгиранд. Тавассути таъсироти баркӣ ба баъзе нуқтаҳои он дар ҳайвонот ва инсон ҳиссиёти ғазаб, қаноатмандӣ ё тарсро ба вуҷуд овардан мумкин аст. Дар мағзи мобайнӣ инчунин марказҳои физиологии танзими ҳарорати бадан ва иштиҳо низ ҷойгиранд. Ҳангоми таъсири сунъӣ ба қитъаи муайяни он иштиҳои бартарафнашаванда ба вуҷуд меояд ва ҳангоми таъсир ба қитъаи дигар бошад, новобаста аз гуруснагии чандрӯза ҳайвон ба хӯрок эътибор намедиҳад.

Мағзча дар қисми пушти сар, зери ҳиссаи ақиби нимкӯрраҳои калони мағзи пеш мавқеъ дорад. Аз ягон қисмати бадан ба мағзча бевосита нахҳои (роҳҳои) асабӣ ворид намегарданд, вале аз он ба ҳароммағз, мағзи дарозрӯя ва марказҳои зериқишрии нимкӯрраҳои калон нахҳои асабӣ кашида шудаанд. Сохтори ин қисмати мағзи сар ниҳоят мураккаб буда аз ҳиссаҳо ва қисмҳои баргшакли зиёде иборат аст.

Мағзча асосан координатсияи рафторро ба танзим медарорад. Мағзчаи одам дар муқоиса бо ҳайвонот ҳиссаи зиёдтари ҳаҷми умумии мағзи сарро ташкил медиҳад, ки аз ростқоматӣ ва мураккабии ҳаракатҳои ӯ бармеояд. Дар навзоди одам таносуби вазни мағзча бар вазни умумии мағз $^{1}/_{17}$ аст, дар одами болиғ бошад, ин таносуб ба $^{1}/_{9}$ мерасад. Зиёдшавии вазни мағзча бо мураккабшавии ҳаракатҳои кӯдак мутаносиб аст. Муайян шудааст, ки ҳар як ҳиссаи мағзча ҳаракати қисми муайяни баданро идора мекунад ва дараҷаи инкишофи он бо мураккабии ин ҳаракатҳо мувофиқат мекунад. Масалан, дар зарофа ҳамон

ҳиссаи мағзча инкишоф ёфтааст, ки ҳаракати думро таъмин мекунад, ва дар одам бошад, он ҳиссае, ки таносуби ҳаракати дасту пойҳоро идора мекунад.

Функсияҳои мағзчаро асосан тавассути амалиёти ҷарроҳӣ ошкор мекунанд. Дур кардан ё аз фаъолият боз доштани ин узв асосан 4 намуд тағйиротро ба вуҷуд меоварад, ки бевосита бо танзими ҳаракат алоқаманданд: а) тағйири шиддати мушакӣ (атония); б) Хастагӣ ва беҳолӣ (астения); в) ҳаракати ларзишноки дасту пой ва сар (астазия); г) вайроншавии координатсияи ҳаракат (атаксия).

Мағзи пеш қисми ҷавонтарин ва калонтарини системаи асаб мебошад. Он ҳамчунин қисми вазнинтарини СМА ба шумор меравад. Ҳароммағз тақрибан 2% - и вазни умумии СМА, мағзча қариб 10%, сохторҳои мағзи дарозрӯя, мағзи миёна ва мағзи мобайнӣ дар якҷоягӣ 6% - и онро ташкил медиҳад. Боқимонда, яъне $^{5}/_{6}$ ҳиссаи вазни қисми марказии системаи асаб ба мағзи пеш ё нимкӯрраҳои калони мағзи сар рост меояд.

Мағзи пешро вобаста ба сохтори дупаллагиаш ба ду нимкӯрраи калон: нимкӯрраи рост ва нимкӯрраи чап ҷудо мекунанд. Ин нимкӯрраҳо аз мобайн ба ду паҳлӯи ковокии косахонаи сар ба таври симметрӣ ҷойгир шудаанд ва аз мобайн онҳоро ҷӯяи амиқ ҷудо мекунад.

Сатҳи берунии нимкӯрраҳо бо шаш қабати ҳуҷайраҳои асабӣ, ки ғафсии умумиашон ба якчанд миллиметр мерасад, пӯшонида шудааст. Ин қабат, ки зиёда аз 14 миллиард ҳуҷайраҳои асабиро муттаҳид намуда, ранги хокистарӣ дорад - *қишри мағзи сар* номида мешавад.

Қишри мағзи сар муҳимтарин узви фаъолияти психикӣ мебошад. Масоҳати он 1000 -1200 ва гоҳо 2000 см^2 - ро ташкил медиҳад, вале танҳо $^{1}/_{3}$ ҳиссаи он аён буда, боқимондааш дар шакли чинҳо ва ҷӯякҳо арзи вуҷуд доранд.

Сатҳи нимкӯрраҳои калони мағзи сарро вобаста ба маҳдудшавии функсияҳои психикӣ ба чаҳор ҳисса ҷудо

мекунанд: ҳиссаи пеш (пешона), ақиб (паси сар), миёна (фарқи сар) ва поенӣ (чаккаи сар).

Ба ҳиссаҳо ва қисматҳо ҷудо намудани пӯстлохи нимкӯрраҳои калони мағзи сар (қишр) ва умуман худи мағз чунин маъно надорад, ки функсияи алоҳидаи психикӣ бевосита ва танҳо аз ҷониби яке аз ин қисматҳо идора карда мешуда бошад. Фаъолияти функсионалии мағзи сар тавре ба роҳ монда шудааст, ки ҳар як зуҳроти ҳаёти психикӣ бо фаъолияти якчанд қисматҳои мағз дар якҷоягӣ алоқаманд аст. Вале бо вуҷуди ин муқаррар карда шудааст, ки минтақаҳои муайяни мағзи сар дар амалигардии функсияҳои алоҳидаи психикӣ аҳамияти бештар доранд. Масалан, қисмати болоии ҳиссаи пеши нимкӯрраҳо, ки ба ҷуяки мобайнии мағз наздик аст, ҳаракати узвҳои алоҳидаи организм ва таносуби онҳоро идора менамояд. Ин қисмат минтақаи моторӣ ё ҳаракатии мағз ном гирифтааст, қабули ахбор ё эҳсос бошад, бештар бо фаъолияти қисмҳои ақиби мағз алоқаманд аст.

Чунин шакли фаъолияти функсионалии мағз дар асимметрия ё номутаносибии кори нимкӯрраҳои чапу рости мағзи сар равшантар аён мегарданд. Номутаносибии кори нимкӯрраҳо дар он ифода меёбад, ки дараҷаи фаъолӣ ва аҳамиятноки онҳо дар иҷрои ин ё он функсия мухталиф аст. Хониш, ҳисоб умуман тамоми амалиёте, ки бо ёрии аломатҳо (калимаҳо, рамзҳо, рақамҳо) иҷро карда мешавад, функсияи нимкӯрраи чап мебошанд. Нимкӯрраи рост бошад ахбороти образиро коркард менамояд, мавқеъгириро дар муҳит, идроки мусиқӣ, муносибати эмотсионалиро ба объектҳои идрокшуда ва фаҳмидашуда таъмин менамояд.

Агар функсияи нимкӯрраи рост вайрон гардида, фақат нимкӯрраи чап кор кунад, дар одам қобилиятҳои нутқӣ, хондану навиштан, тафаккури абстрактӣ, ҳалли масъалаҳои математикӣ боқӣ мемонанд. Одам то андозае «сергап» низ мешавад, вале нутқи ӯ эмотсиянокиашро гум мекунад. Ӯ бо вуҷуди шунаво будан, садои одами шинос,

овози мардонаю занона, садоҳои ғайризабонӣ (садои мавҷ, бод, ғиҷироси чархи мошин ва ғ.) - ро фарқ намекунад.

Баръакс, агар нимкӯрраи чап иллат ёфта, танҳо нимкӯрраи рост фаъолият кунад, дар одам пеш аз ҳама қобилиятҳои нутқӣ халал меёбанд. Чунин одам ашёҳои гуногунро мешиносад, истифодаи онро дар ёд дорад, вале номашро фаромӯш мекунад. Вай мусиқиро эҳсос мекунад, овозҳоро аз рӯи оҳангу садо ва эмотсиянокиашон фарқ менамояд вале тафаккури абстрактӣ гум мешавад.

Одами «ростнимкӯрра» оламро бо тамоми ғановат ва гуногунрангиаш дарк мекунад, вале барояш таҳлили таасуроти худ, муайян намудани алоқаи байни ашёву ҳодисоти алоҳида ғайриимкон аст. Одами «чапнимкӯрра» бошад, қобилияти таҳлил ва ҷамъбаскунӣ дорад, аммо аз сабаби суст будани идроки образиаш барои вай маводи ибтидоие, ки ба таҳлил ва ҷамъбасткунӣ ниёз дошта бошад, намерасад, яъне маводе намеёбад, ки таҳлилу ҷамъбаст намояд.

Фаъолияти функсионалии қишри мағзи сар ниҳоят мураккаб аст. Функсияҳои психикӣ дар сатҳи он номунтазам ва нобаробар тақсим шудаанд. То кунун таълимоти мукаммал дар бораи қонуниятҳои фаъолияти қишр вуҷуд надорад. Барои омӯзиши функсияи қисмҳои алоҳидаи қишр якчанд усулҳоро истифода мебаранд: 1) бурида гирифтан ё қатъ кардани фаъолияти қитъаи қишр; 2) усули расонидани ангезиши баркӣ; 3) омӯзиши биотокҳои мағз; 4) усули мушҳидаи клиникӣ.

Ба ғайр аз мағзи сар ва ҳароммағз тамоми сохторҳои дигари системаи асаби одам ба қисми канории он шомиланд. Дар таркиби системаи асаби канорӣ системаҳои асаби вегетативӣ ва соматикиро ҷудо мекунанд. Вазифаи нахҳои системаи асаби вегетативӣ (аз лот. вегетасио - ҳаяҷонбахш, фаъолкунанда) таъмини фаъоляти узвҳои дохилӣ ва танзими мубодилаи моддаҳо мебошад. Системаи вегетативӣ аз нахҳои асабии *симпатикӣ* ва *парасим-*

патикӣ таркиб ёфтааст. Таъсири ин ду намуди нахҳои асабӣ ба фаъолияти узвҳои дохилӣ одатан мухолифи якдигар аст. Масалан, агар нахҳои асабии парасимпатикӣ ба фаъолияти дил таъсири бозторанда расонанд, пас нахҳои асабии симпатикӣ баръакс, онро фаъол мегардонанд. Агар асабҳои парасимпатикӣ ҳаракати рӯдаҳоро фаъол гардонад, пас асабҳои симпатикӣ ба он таъсири хомӯшкунанда мерасонанд. Нахҳои системаи асаби соматикӣ (аз юн. сома - тана, ҷисм) бошад, ҳассосии узвҳои организмро таъмин мекунанд. Ин система аз ретсепторҳо (нугҳои асабӣ) ва нахҳои асабие иборат аст, ки ба тамоми узвҳо ва бофтаҳои организм (ба ғайр аз муй ва нохун) паҳн гардидаанд.

Ретсепторҳо сохторҳои махсуси асабӣ мебошанд, ки барои қабули намудҳои гуногуни энергия (механикӣ, электромагнитӣ, химиявӣ ва ғайра) ва баргардонидани онҳо ба импулсҳои асабӣ хизмат мекунанд.

Ретсепторҳои гуногун тамоми сохторҳои организм, чӣ узвҳои дарунӣ ва чӣ сатҳи пӯстро фаро гирифтаанд ва ба қабули шаклҳои мухталифи энергия мутобиқ шудаанд.

Вобаста ба қабули шакли шакли муайяни энергияи муҳит ретсепторҳоро ба намудҳо ҷудо мекунанд. Аз ҷумла: фоторетсепторҳо, ки ба қабули фотонҳо (зарраҳои рӯшноӣ) мутобиқ гардида дар чашм ҷойгиранд; фоноретсепторҳо, ки таъсироти садоиро қабул намуда, дар гуш ҷойгиранд; терморетсепторҳо, ки барои қабули таъсироти ҳароратӣ матобиқ шуда, дар пуст ва узвҳои дохилӣ мавқеъ гирифтаанд; механоретсепторҳо, ки таъсироти механикиро қабул мекунанд ва дар пӯсту мушакҳо ҷой гирифтаанд; бароретсепторҳо, ки ба қабули фишор мутобиқ шуда, дар сатҳи берунии бадан, узвҳои дохилӣ, аз ҷумла деворан рагҳо ҷойгиранд. Ҳамчунин тангоретсепторҳо барои қабули таъсироти расиш, густоретсепторҳо, мутобиқ ба қабули маза, стиборетсепторҳо, мутобиқ ба қабули таъсироти бӯйӣ фарқ карда мешаванд. Қабули таъсироти фавқулодда ва пуркувват, ки эҳсоси дардро ба вуҷуд

меоварад, ба ҳама ретсепторҳо хос аст. Ретсепторҳои махсусгардонидашуда дар чашм, гӯш, сатҳи пӯст, забон ва сатҳи дохилии бинӣ ҷой гирифтаанд ва узвҳои ҳиссиро ба вуҷуд овардаанд. Наҳҳои асабӣ асосан барои интиқоли ахбор аз узвҳои канорӣ ба маркази системаи асаб ва баръакс, аз системаи марказии асаб ба эффекторҳо, яъне узвҳои ҳаракатӣ (мӯшакҳо) хидмат мекунанд. Он наҳҳои асабиро, ки импулсҳои асабиро аз ретсепторҳо ба системаи марказии асаб мерасонанд, наҳҳои асабии *афферентӣ* ё марказшитоб меноманд. Наҳҳои асабие, ки самти баракс доранд, яъне импулсҳои асабиро аз системаи марказии асаб ба узвҳои ҳаракаткунанда мерасонанд, наҳҳои асабии *эфферентӣ* ё марказгурез номида мешаванд. Наҳҳои асабии афферентӣ ва эфферентиро вобаста ба хусусиятҳои функсияҳои онҳо мувофиқан наҳҳои асабии хабардиҳанда ва ҳаракатдиҳанда (эфекторӣ) низ ном мебаранд.

Механизм ва қонунҳои фаъолияти олии асаб

Фаъолияти олии асаб аз фаъолияти воҳиди сохторӣ ва функсионалии он, яъне нейрон ибтидо мегирад. Функсияи нейрон аз интиқоли импулсҳои асабӣ иборат аст. Импулсҳои асабӣ ё ҳаяҷони асабӣ шакли махсуси ҷараёни сусти биоэлектрикӣ мебошад, ки дар ҳудуди организм ба сифати ноқили ахбор хидмат мекунад. Нейрон доимо захираи муайяни барқӣ дорад, ки он дар ҳолати оромии организм ба 50 милливолт (мВ) баробар буда, потенсиали мембранӣ номида мешавад. Дар ҳолати ҳаяҷон қувваи барқии ядрои нейрон ба канори он майл карда, дар натиҷа таносуби потенсиали барқии ядро ва мембрана тағйир меёбад. Дар ин замина қувваи электрикие ҳосил мешавад, ки ба 110 мВ баробар буда, қобил аст ҳар гуна амали узвҳои организмро фаъол гардонад.

Ҳамагуна таъсироти муҳит (механикӣ, кимёвӣ, физикӣ ва ғ.) дар ретсепторҳо шакл дигар карда, ба импулсҳои асабӣ мубаддал мегарданд ва маҳз дар ҳамин шакл аз

узвҳои канорӣ ба системаи марказии асаб ва аз онҷо ба эфекторҳо расонида мешаванд. Импулсҳои асабӣ гӯё «забони» умумии робитаи тамоми сохторҳои системаи асаб мебошанд. Суръати ҳаракати импулсҳои асабӣ аз типи нахҳои асабӣ ва шакли ахбор вобастагӣ дорад. Масалан, нахҳои асабии интиқолдиҳандаи дард онро бо суръати 1 - 30 м дар як сония мегузаронанд. Дар нахҳои асабии ҳаракатдиҳанда бошанд суръати импулсҳои асабӣ ба 60 то 120 м дар як сония баробар аст.

Импулсҳои асабие, ки дар нейронҳо ҳосил мешаванд, асоси энергетикии фаъолияти олии асабро таъмин менамоянд. Системаи асаб дар ҳолати ҳаяҷони доимӣ қарор дошта наметавонад ва аз ин рӯ ҳаяҷон дар фаъолияти олии асаб раванди ягона набуда, раванди баръакси он - бозторӣ низ мавҷуд аст. Ҳамин тавр ду раванди асабӣ: *ҳаяҷон* ва *бозториро* фарқ мекунанд. Бо навбат ҳамдигарро иваз намудани ин равандҳо муътадилӣ ва таносуби функсияҳои олии асабро нигоҳ медорад. Агар раванди ҳаяҷон вуҷуд намедошт, фаъолияти системаи асаб умуман имконнопазир мебуд, ва агар раванди бозторӣ намебуд он гоҳ ҳуҷайраҳои асабӣ дар зери таъсири ҳаяҷони пурқувват нобуд мешуданд.

Ҷоришавии равандҳои асабӣ ба чунин қонунҳои асосии фаъолияти олии асаб тобеъ аст:

Қонуни иррадиатсия (паҳншавӣ) ва консентратсия (ҷамъшавӣ), ки мувофиқи он ҳаяҷони дар натиҷаи таъсири ягон ангезанда ба вуҷудомада дар як қитъа наистода, дар минтақаҳои гуногуни қишри мағзи сар паҳн мешавад (иррадиатсия). Масалан, одам аз мусиқӣ ба ваҷд омада, сар ва андомашро меҷунбонад ва пой мекӯбад, яъне ҳаяҷон аввал дар маркази дарки мусиқӣ ба вуҷуд омада, сипас ба минтақаҳои ҳаракатӣ паҳн шуд. Ҳамзамон дар ҳудуди маркази ҳаяҷон раванди бозторӣ ба амал омада, ҳаяҷонро маҳдуд менамояд ва мутамарказ мекунад (консентратсия). Худи раванди бозторӣ низ аввал паҳн ва баъд ҷамъ мешавад.

Қонуни индуксияи байниҳамӣ. Мувофиқи ин қонун, агар дар ягон минтақаи қишри мағзи сар ҳаяҷон ба вуҷуд ояд, он гоҳ дар минтақаи ҳамсоя раванди боздорӣ фаъол мегардад (индуксияи манфӣ) ва ё баракс, агар дар як қитъаи қишр боздорӣ ба амал ояд, онгоҳ дар минтақаи ҳамсоя ҳаяҷон авҷ мегирад (индуксияи мусбӣ). Масалан, кӯдак пеш аз хоб инҷиқӣ мекунад ва мегиряд. Ин ҳодисаро чунин шарҳ додан мумкин аст, ки боздории дар марказии хоб ба вуҷудомада дар марказҳои нутқ ва ҳаракат ҳаяҷонро фаъол менамояд.



Расми 8. *Форматсияи ретикулярӣ. Бо тирчаҳо самти импулсҳои асабӣ нишон дод шудааст: 1 - аз форматсияи ретикулярӣ ба қишри мағзи сар; 2 - аз узвҳои ҳис ва 3 - аз сохтолрҳои поёнии системаи асаб ба форматсияи ретикулрӣ*

Ҳаяҷон ва боздориро дар қишри нимкуррҳои мағзи сар форматсияи ретикулярӣ ба танзим медарорад. Он дар қисми тана ё кундаи мағзи сар ҷойгир буда, бо ангушти хурди панҷа баробар аст. Дар ин қитъа миқдори калони ҳуҷайраҳои асабии дорои шохаҳои дароз ҷамъ омадаанд, ки маҷмӯи онҳо шабакаи зичи ҳуҷайравиро ба вуҷуд овардааст. Худи номи ин сохтори асабӣ низ аз инҷост, ки маънояш ташкилаи шабакавӣ мебошад. Форматсияи ретикулярӣ як навъ манбаи энергия барои сохторҳои қишрии мағз аст. Он импулсҳои асабии аз узвҳои канорӣ ояндаро коркард намуда, ба қишр мефиристад. Функсияи форматсияи ретикуляриро дар мисоли зерин дидан мумкин аст. Тасаввур мекунем, ки шахсе занги муҳими телефониро интизор аст, вале худаш аз телефон дур, масалан дар ошхона қарор дорад. Дар атроф садои сӯҳбати ҳамсояҳо, аз тиреза садои кӯча ва мошинҳо ба

гӯш мерасад. Бо вуҷуди он ки ҳамаи ин садоҳо бо роҳҳои асабии хос то ба марказҳои шунавоии мағз рафта мерасанд, одам ба онҳо эътибор намедиҳад, зеро ин таъсирот пеш аз ба марказҳои мувофиқ расидан тавассути форматсияи ретикулярӣ мегузаранд. Аз ин сохтор ба воситаи роҳҳои ғайрихос ба марказҳои шунавоӣ импулсҳои асабие фиристода мешаванд, ки таъсири боздоранда доранд. Ин таъсирот ҳассосии мағзро нисбати садоҳои ғайриасосӣ паст мегардонад. Ва ана садои занги телефон. Бо вуҷуди он ки садо ниҳоят паст буда, аниқ нест, ки аз телефон аст ё аз ҷои дигар, мағз зуд ба он аксуламал зоҳир мекунад. Одам ба тарафи садо нигоҳ мекунад, ба сӯи он қадам мегузорад ва ғайра. Чаро на садои баланди кӯча, балки садои ниҳоят паст ва базӯр шунидашавандаи телефон ҳаяҷонро ба вуҷуд меовараd? Зеро дар ин ҳолат форматсияи ретикулярӣ тавассути роҳҳои ғайрихос импулсҳои мувофиқ фиристода ҳассосии мағзрро афзоиш медиҳад.

Аз хулосаи дар боло овардашуда пай бурдан мумкин аст, ки ахбороти аз узвҳои ҳис ба мағз дохилшаванда дар қишр таҳлил карда мешаванд. Фаъолияти таҳлилии мағз имконият медиҳад, ки масалан, мо калимаҳои «шир» ва «риш»- ро аз ҳамдигар фарқ кунем, ҳарчанд, ки таркиби овозии онҳо якхела аст. Протсеси таҳлили ахбор ҳанӯз аз ретсептор оғоз шуда, зина ба зина то марказҳои қишрӣ идома меёбад. Паиҳам шакл, зудӣ, қувва, мазмун ва дигар хусусиятҳои таъсирот таҳлил карда мешавад. Маҳз тавассути чунин таҳлили ҳамаҷониба мо метавонем «паҳлӯҳои» сухан ва нозукиҳои баёнро дарк намоем. Таҳлил таъсири ангезанда бо амали таркиб алоқаманд аст, ахборот дар сохторҳои асабӣ на танҳо таҳлил, балки таркибро низ аз сар мегузаронанд. Маҳз тавассути амали таркиб аз таъсироти пароканда образҳои томи ашё ва ҳодисаҳо ба вуҷуд меоянд, ки дарки пурраи вазъияти олами атрофро таъмин мекунанд. Фаъолияти таҳлилӣ - таркибии мағзи



Павлов И.П.
(1849 - 1936)

сар бо кори анализаторҳо алоқаманд аст. Муаллифи ин истилоҳ олими И. П. Павлов (1849-1936) мебошад. *Анализатор* гуфта, олим системаи нисбатан мустақили органикиро мефаҳмид, ки коркарди махсуси ахбороти аз ҷониби узви алоҳидаи ҳис қабулшударо дар тамоми дараҷаҳои он таъмин менамояд. Ҳамин тавр, анализатор чунин дастгоҳи асабиест, ки таҳлили амиқи бо таркиб алоқаманди таъсироти муҳитро ба амал мебарорад. Анализатор аз се қисм иборат аст: 1) қисми қабулкунанда - ретсептор; 2) қисми гузаронанда - нахҳои асабии марказшитоб ва 3) қисми марказӣ - соҳаи мувофиқи қишр.

Таҳлил ва таркиби таъсирот, ки дар анализатор анҷом дода мешавад, дар қишри мағзи сар доғи лағжандаи ҳаяҷонро ба вуҷуд меоварад.

Саҳми бузургро дар фаҳмиши он, ки кори мағзи сар ва фаъолияти олии асаб бо зуҳуроти психикӣ ва рафтор чӣ гуна алоқаманд аст, физиологи рус И. М. Сеченов (1829-1905) гузоштааст. Ӯ соли 1863 рисолаи «Рефлексҳои мағзи сар» - ро ба чоп расонид, ки минбаъд заминаи тадқиқотҳои зиёд дар самти омӯзиши механизмҳои фаъолияти олии асаб гардид. Дертар И. П. Павлов ақидаҳои И. М. Сеченовро инкишоф дода, механизми шакл гирифтони рафтори навро дар ҳайвонот кашф кард, ки бо номи «рефлексҳои шартӣ» машҳур аст.

Мафҳуми «рефлекс» аз замони Рене Декарт (1596-1650) ҳамчун ҷавоби организм ба ангезанда маълум аст, вале асоси илмии он, ҳамчунин механизми ҳосилшавии рефлексҳои алоқаманд бо тағйироти шароитҳои зист ва муҳити ҳаётии мавҷудотро кашф карда, олим бо ҳамин ба пайдоиши илми нав - физиологияи фаъолияти олии асаб замина гузошт. Павлов дар таҷрибаҳои худ бо сагҳо ошкор сохт, ки ҳангоми ба таври мутавозӣ (паралелӣ) ва такрорӣ пешниҳод намудани ангезаи барои сагҳо беаҳамият ва ангезаи аҳамиятнок, он ба ангезаи беаҳамият низ амали ҷавобии ба ангезаи аҳамиятнок хосбударо зоҳир менамояд. Ҳосилшавии чунин рафтор ҳам дар ҳай-

вонот ва ҳам дар инсон ба мавҷудияти шарту шароити муайян (дар мисоли додашуда пешниҳоди паралелии ангезаҳои аҳамиятнок ва беаҳамият) вобаста аст, аз ин рӯ олим ин гуна аксуламалро «*рефлексҳои шартӣ*» номида, асоси физиологии онро ҳамчун пайдошавии алоқаҳои муваққатии асабӣ шарҳ дод. Ба сифати мафҳуми мухолиф, олим мафҳуми «*рефлексҳои ғайришартӣ*» - ро пешниҳод намуд, ки дар зери он аксуламалҳои дар сатҳи модарзодӣ шакл гирифтаи организмро мефаҳмид. Вақте ки одам лимуро чашида дидааст ва хусусиятҳои маззаи онро медонад, ҳангоми аз дур дидани он низ дар коми худ туршӣ эҳсос мекунад, шахсе, ки бехабар хӯроки вайроншударо истеъмол карда, дилбеҳузурӣ эҳсос кардааст, дар навбати дигар танҳо дидани он хоҳиши қай карданро ба вуҷуд меоварад. Ин мисолҳо намунаи рефлексҳои шартӣ мебошанд. Ҳангоми равшании баланд нимпӯш кардани чашмон, атсазанӣ ҳангоми ба роҳи нафас афтидани ҷисми бегона, ҷудо шудани ашк дар ҳолати мудати зиёд кушода нигоҳ доштани чашмон ва монанди инҳо мисолҳои рефлексҳои ғайришартанд.

Роҳе, ки ҳангоми амали рефлексҳо бо он ҳаяҷони асабӣ мегузарад, *камонаки рефлекторӣ* номида шудааст, зеро тасвири схематикии он шакли камон ё қавсро дорад.

Схемаи камонаки рефлектории нисбатан содда чунин аст: нахи асабии марказшитоб таъсироти аз ҷониби ретсептор кабулшуда ва ба импулси асабӣ табдилдодашударо ба марказҳои рефлектории СМА мебарад, ки он дар ин ҷо таҳлил шуда ҷавоб ба ангезанда ҳосил мешавад. Ҷавоби ҳосилшударо нахҳои асабии марказгурез ба эффекторҳо - узвҳои ҳаракатӣ мебаранд. Ҳамин тавр ҳаяҷон аз узвҳои канорӣ ба марказ ва аз он ҷой боз ба периферия бармегардад, вале на ба узвҳои қабулкунанда, яъне он на давра, балки камонро ҳосил мекунад. Камонаки рефлекторӣ амали ҳам рефлексҳои шартӣ ва ҳам ғайришартиро шарҳ медиҳад. Аммо агар роҳи гузариши ҳаяҷон ҳангоми рефлексҳои ғайришартӣ дар сатҳи модарзодӣ шаклгирад,

пас ҳангоми рефлексҳои шартӣ он алоқаҳои асабии дар асоси таъсири такрории ангезанда бавуҷудомада аст.

Алоқаҳои асабӣ дар асоси такрори бисёркарата шакл гирифта, мустаҳкам мегарданд. Робитаи байниҳамии ин алоқаҳо, ки системаи онҳоро ташкил медиҳад ҳамчунин дар асоси такрор устувор мешавад ва асоси рафтори одатии одамро ташкил медиҳанд. Чунин системаи алоқаҳои муваққатии шартиро, ки асоси он тақсимоти устувори марказҳои ҳаяҷон ва бездорӣ дар қишри мағзи сар мебошад, И. П. Павлов *стереотипи динамикӣ* номидааст.

И. П. Павлов фаъолияти шартӣ - рефлектории қишрро фаъолияти сигналии мағз номид. Зеро фаъолкунандаи ин фаъолият ангезаҳое мебошанд, ки ба сифати сигналҳо хизмат мекунанд. Ангезаҳое, ки аз мухити атроф ба узвҳои ҳиссии одам таъсир мерасонанд, сигналҳои дараҷаи якум ё *системаи сигналии якум* номида шуданд. Он барои одам ва аксари ҳайвонот умумӣ аст. Дар баробари ин ангезаҳо, нутқ низ барои одам ба сифати сигнали хабаррасонанда баромад карда метавонад ва нутқ аз ҷониби олим ҳамчун сигнали дараҷаи дуюм ё *системаи сигналии дуюм* баҳо дода шуд.

Адабиёт

1. Атохонов Р., Абдураҳмонов Г. Муқаддимаи психология. -Душанбе, 2009
2. Бойко Е.И. Мозг и психика. -М.: Просвещение, 1969
3. Борбели А. Тайна сна. -М., 1989
4. Гальперин П.Я. Введение в психологию. -М..: «Высшая школа», 2002
5. Годфруа Ж. Что такое психология: В 2-х т. Т. 1: Пер. с франц.-М.: Мир, 1992

6. Гомезо М.В., Домашенко И.А. Атлас по психологии. -М.: Просвещение, 1986
7. Данилова Н.Н., Крилова А.Л. Физиология высшей нервной деятельности.- Ростов-на-Дону: Феникс, 199
8. Дружинин В. Н. Экспериментальная психология - Спб, «ПИТЕР», 2007
9. Дубровский Д.И. Психические явления и мозг. -М., 1971
10. Казаков В.Г., Кондратьева Л.Л. Психология. -М.: «Высшая школа», 1989
11. Қодиров С., Давлатов М., Психологияи иҷтимоӣ. – Душанбе: «Сино», 2004
12. Леонтьев А.Н. Избранные психологические произведения. Том 1. -М.: Педагогика, 1983
13. Леонтьев А.Н. Лекции по общей психологии. -М., 2000
14. Леонтьев А.Н. Проблема развития психики. -М., 1959
15. Маклаков А. Г.Общая психология. — СПб.: Питер, 2001
16. Маркосян А.А.Масъалаҳои физиологияи синну сол.- Душанбе, Маориф, 1981
17. Маркосян А.А. Физиология.-М.: Медицина, 1975
18. Миралиев А.М., Давлатов М. Педагогика ва психология. -Душанбе , «Ирфон», 2007
19. Нарзуллоева М. Равоншиноси мактаб ва самтҳои фаъолияти ӯ. (Дастури методӣ), -Душанбе, 2008
20. Немов Р.С.Психология.Кн.1.Общие основы психологии.-М.:«Владос», 2005
21. Общая психология. Под ред. А.В. Петровского. -М.:Просвещение, 1986
22. Общая психология. Под ред. В. В. Богославского и др. -М.: Просвещение, 1973
23. Популярная психология. Хрестоматия. Сост. Мироненко В.В. -М.: Просвещение, 1990
24. Психология. Зери таҳрири В.А. Крутетский - Душанбе, «Маориф», 1977

25. Психология индивидуальных различий. Тексты. Под ред. Ю. П. Гиппенрейтера, В. Я. Романова. –М.: Изд. МГУ 1982.
26. Психология. Қодиров С., Давлатов М. -Душанбе, Сино, 2002
27. Психология. Методические указания. В.В.Петухов,В.В.Столин. МГУ, 1989.
28. Психология /Учебник для экономических вузов/ Под ред. В.Н. Дружинина - Спб, «ПИТЕР» 2002
29. Пӯлодов А.М., Никифоров А.С. - Паҳлӯҳои хирад.- Душанбе, 1988
30. Рубинштейн С.Л. Основы общей психологии -СПб: Издательство "Питер", 2000
31. Сеченов И.М. Рефлексы головного мозга. -М., 1961
32. Столяренко Л.Д. Психология. - СПб: Издательство "Питер", 2010
33. Титов В. А. Психофизиология. Конспект лекций.-М., 2007
34. Физиология высшей нервной деятелности и психология. Л. Г. Воронин, В. Н. Колбановский, Р. Д. Маш, - М.: Просвещение, 1970
35. Хрестоматия по психология. Под ред. А.В. Петровского. -М.: Просвещение, 1977
36. Хрипкова А.Г. Возрастная физиология, -М.: Просвещение, 1978
37. Шамсиддинов Ҷ. Фалсафа ва дониши илмӣ. - Душанбе, 2009
38. Шон Берн. Гендерная психология. –СПб.: Прайм-ЕВРОЗНАК, 2001

БОБИ II. Таърихи инкишофи афкори психологӣ

2. 1. Даврaҳои инкишофи донишҳои психологӣ

Тадқиқ ва омӯзиши мерос ва тамаддуни халқҳо заминаи муҳими ғановати маънавӣ ва инкишофи ҳамаҷони-

баи илмҳо маҳсуб меёбад. Тамаддуни имрӯза маҳз дар пояи донишҳои гузашта, ки инсоният дар тӯли асрҳо ба даст овардааст, ташаккул ёфта истодааст. Аз ин рӯ, ҳамагуна тадқиқотҳои илмӣ бояд ба таври органикӣ бо таърихи омӯзиши масъалаи таҳқиқшаванда алоқа дошта бошад. Доир ба ин масъала психологи машҳури рус Л. С. Виготский чунин таъкид менамояд: «Мо бояд худро дар алоқамандӣ ва муносибат бо гузашта дида бароем, гарчанде онро инкор намоем ҳам, вале ба он такя мекунем» (Ниг. Ждан А. Н. История психологии: Учебник.- М.: МГУ, 1990-С.3).

Ярошевский М.Г. (1915 - 2001)

Таърихи гузашта он вақт ба таври пурра хизмат мекунад, ки агар он бо мақсади ҳалли масъалаҳои замонавӣ истифода бурда шавад. М. Г. Ярошевский аҳамияти таърихи психологияро қайд намуда, ба таърих рӯ оварданро «диалоги эҷодӣ бо гузашта» номидааст.

Инкишофи илми психология ба тарзи ростхатта ба амал наомадааст, вай як раванди мураккаб буда, гоҳ дар шакли ноҳамвор ва гоҳ орому бенашъунамо гузаштааст. Муваффақиятҳо ва нобарориҳо тарафҳои нав ба нави ҳақиқати донишҳои психикиро ошкор намуданд ва боз ҳам амиқтар мазмуну моҳияти онро ошкор сохтанд.

Психологияи антиқа

Тасаввуротҳои аввалин доир ба рӯҳ дар даврaҳои қадим пайдо шуданд. Онҳо пеш аз ҳама дар ақидаҳои динӣ, асотир, эҷодиёти бадеии халқ - назм, афсона ва ғайра инъикос ёфтаанд. Ин тасаввуротҳои тоилмӣ аз мачмӯи донишҳое, ки туфайли илм ба даст оварда мешаванд, комилан фарқ мекунанд. Рӯҳ дар ибтидо ҳамчун зуҳуроти фавқуттабиӣ, ҳамчун ҷонвараке дар ботини ҳайвон ва ё

худ ҳамчун «одамчае дар ботини одам» дониста мешуд. Ҳамин тавр, фаъолияти ҳайвонот ва одам аз рӯи мавҷудияти рӯҳ дар онҳо баҳо дода шуда, оромии онҳо ҳангоми хоб ва марг аз набудани рӯҳ далолат мекард. Хоб ғойибии муваққатӣ ва марг ғойибии доимиро ифода менамуд. Тасаввуротҳои аввалини илмӣ доир ба рӯҳ ба шарҳ ва равшан намудани вазифаҳои он равона шуда буданд. Ин тасаввуротҳо дар фалсафаи қадим пайдо шуда, таълимотро доир ба рӯҳ ба вуҷуд оварданд. Таълимот доир ба рӯҳ шакли ибтидоии донишҳо буда, дар рафти он тасаввуротҳои илмии психологӣ ташаккул меёфтанд. Ин андешаро Л. С. Виготский таъкид намуда мегӯяд, ки «.. психология бояд аз идеяи рӯҳ ибтидо гирад» (Виготский Л. С. Собр. соч. Т.1-М., 1982.-С.429).

Қонунияти асосӣ ва умумии тараққиёти донишҳои илмии психологиро муборизаи фикрию ақидавӣ байни ҷараёнҳои идеализм ва материализм ташкил медиҳад. Фаҳмиши идиалистии психика дар он зоҳир мешавад, ки психика ва шуур аз протсессҳои олами моддӣ ҷудо гардида, ба як субстансияи махсуси рӯҳ табдил дода мешуданд. Муносибати материалистӣ шарҳи сабабии зуҳуроти ҳодисаҳои психикиро ифода мекунад. Дар заминаи он дар давраҳои муайяни таърихӣ фаъолияти психикӣ бо фаъолияти мағзи сар алоқаманд карда шуд. Дар таърихи психология ду давраи калонро ҷудо мекунанд: якум, вақте ки донишҳои психологӣ дар заминаи илми фалсафа ва дигар илмҳо, пеш аз ҳама табиатшиносӣ инкишоф дода мешуд; дуюм вақте ки психология ҳамчун илми мустақил тараққӣ мекард. Давраи якум аз асри VI то мелод то нимаи асри XIX давом мекунад. Давраи дуюмро зиёда аз 150 сол (аз нимаи дуюми асри XIX то замони ҳозира) ташкил медиҳад. Барои он ки омӯзиши донишҳои психологиро дар мамлакатҳои гуногун бароҳ монему дониста гирем, лозим меояд, ки таърихи инкишофи афкори психологиро ба даврачаҳои хурду калон аз рӯи принсипи хронологӣ, фазоиву территориявӣ ва табдили нуқтаи назарҳо тасниф

кунем. Чунин даврабандии донишҳои психологӣ дар таърихи психология қабул шудааст.

Таълимоти материалстӣ доир ба рӯҳ ҳамчун қисми таркибии фалсафаи материалистӣ дар асри VI то мелод ба вуҷуд омада, таърихан шакли аввалини фалсафаи Юнони қадим маҳсуб меёбад. Қуллаи баланди материализи антиқа материализим атомӣ буд, ки асосгузорони он Демокрит ва устодаш Левкипп (асри V то мелод) ба шумор мерафтанд. Демокрит дар даврони инкишофёбии сохти ғуломдорӣ ҳаёт ба сар бурдааст ва шоҳиди рушду нумуи илм, санъат (меъморӣ, ҳайкалтарошӣ) ва адабиёт дар ин аср гаштааст.

Атомистҳо оламро воҳиди томи аз зарраҳои бешумори хурдтарине иборат медонистанд, ки дар ҷойи холӣ («ба ҳар тараф шитоб мекунанд», «ба ҳар самт майл менамояд») ҳаракат

Давраи I. Тараққиёти психология дар доираи фалсафа

Даврачаи 1. - асри VI то мелод – асри V	Пайдоиши тасаввуротҳои аввалини илмӣ оид ба психика ва тараққиёти ибтидоии онҳо
Даврачаи 2. - асри V – асри – XIV	Инкишофи таълимот доир ба рӯҳ дар доираи афкори фалсафӣ ва донишҳои тиббӣ
Даврачаи 3. - асри XIV – асри XVI	Инкишофи минбаъдаи таълимот оид ба рӯҳ дар замони тараққиёти донишҳои анатомию физиологӣ ва кашфиёти бузурги асрҳои XIV – XVI
Даврачаи 4. - асри XVII – нимаи аввали асри XIX	Ҷудонамоии шуур ба сифати предмети тадқиқот ва ташаккули асосҳои назариявии психология

Давраи II. Инкишофи психология ҳамчун илми мустақил

Даврачаи 1. - ибтидои асри XIX – солҳои 60 - уми асри XIX	Ташаккули тасаввуротҳои табиию илмии психология ҳамчун илми мустақил
Даврачаи 2. - солҳои 60 - уми асри XIX- охири асри XIX	Пайдоиш ва тараққиёти ибтидоии психология ҳамчун илми мустақил
Даврачаи 3. - солҳои 10-ум – нимаи солҳои 30-уми асри XX	Бӯҳрони кушод дар психология
Даврачаи 4. - солҳои 20-30-уми асри XX	Ташаккули психологияи советӣ
Даврачаи 5. - охирҳои солҳои 30-юм ва50-ум	Хомӯшшавии бӯҳрон дар психологияи хориҷӣ. Инкишофи психологияи советӣ дар соҳаи назария
Даврачаи 6. - солҳои 60-ум – то давраиҳозира	Ҷустуҷӯи назарияҳои нави илмӣ дар психологияи хориҷӣ ва психологияи ватанӣ

мекунанд. Ба гуфти Демокрит, атомҳо моддианд, бинобар зичии мутлақ, бағоят хурд будан ва набудани фазои холӣ тақсимнопазиранд. Шаклу андоза ва вазни онҳо беҳад гуногун аст: якеашон дуруст, дигарашон гирда, сеюмашон қирраю хордормонанданд. Ӯ таъкид мекунад, ки ҷони одам ҳам аз атомҳо иборат буда, фақат ин атомҳо серҳарақат, хурд ва гирдаанд. Аз ин хотир, одам пайвасти атомҳост.

Ба қавли Демокрит, рӯҳ натиҷаи тақсимоти атомҳо дар ҷисм аст. Вақте ки ҷисмҳои вазнин ҷудо мешаванд, он гоҳ ҷисмҳои хурд аз онҳо мебароянд ва дар фазо паҳн шуда гум мегарданд. Вақте ки мо нафас мекашем, мо зарраҳоеро, ки рӯҳро ташкил медиҳанд, дар ҳаво бо худ мекашем ва вақте ки аз худ мебарорем, он гоҳ қисми муайяни рӯҳамонро низ «мепартоем». Ҳамин тавр, рӯҳ ба таври моддӣ муттасил бо ҳар нафаси навкашида нав ба нав мешавад. Демокрит меҳисобад, ки рӯҳ ба ҳама мавҷудот

хос аст, ҳатто ба мурда ҳам ва фақат дар ӯ камтар аст. Ӯ ба панпсихизм наздик мешавад: ҳама – растанӣ ҳам ва санг ҳам рӯҳ дорад.

Ҳамин тариқ, Демокрит аввалин шахсест, ки дар таърихи фалсафаи антиқӣ ба ҳам муқобилгузории материя ва рӯҳро бартараф карда, даъво дошт, ки ба материя ва тафаккур табиати ягонаи универсалӣ хос аст. Ин аст, ки дар таърихи фалсафа пайдоиши материализм бо номи Демокрит алоқаманд шудааст.

Моҳияти назарияи атомистӣ боз дар он аст, ки намояндагони он ҳодисаҳои табиатро вобаста ба сабабҳои табиӣ шарҳ медоданд ва бо ҳамин мардумро аз ваҳми асотирии қуввахои сеҳрноки фавқуттабиӣ раҳо менамуданд.

Таълимоти атомистии Демокритро Эпикур (341-270 пеш аз солшумории мо) дар таълифоти худ инкишоф дод. Ҳаракати атомҳо, ба қавли Эпикур, ба хосияти ботиниаш – ба вазн вобаста аст. Ӯ дар таълимоти атомистӣ андешаи муҳими худмайлкунии атомҳоро дохил намуд. Ба ин андеша такя намуда, Эпикур пайдоиши оламро дар бархӯрди атомҳо дидааст.

Табиати ҷисмӣ доштани рӯҳро стоикҳо (Лукретсий ва Эпикур) давом доданд. Эпикур таъкид мекунад, ки рӯҳро танҳо мавҷудоти ҳискунанда дошта метавонаду халос. Стоикҳо ҳашт қисми рӯҳро ҷудо намуданд: мабдаи идоракунанда (дар одам - ақл ва дар ҳайвонот – инстинктҳо), ки аз он ҳафт қисми дигари рӯҳ ба вуҷуд омада, дар ҷисм паҳн мешаванд. Аз ҳафт панҷ қисми онро чунин эҳсосҳо ташкил медиҳанд: биноӣ, бӯй, шунавоӣ, маза, ломиса. Ду қисми дигарро – якеро азнавҳосилкунанда ва дигареро садо, овоз (нутқ) номид. Ҳамаи онҳоро маҳз қисми роҳбарикунанда, ки дар майнаи сари куррашакл ҷойгир аст, идора мекунад.

Бояд қайд кард, ки дар таълимоти стоикҳо унсурҳои ратсионализм зоҳир мешаванд. Яъне ақл қисми олию пешбарандаи рӯҳ ба шумор меравад.

Дар материализми атомӣ ду зинаи маърифат фарқ карда мешавад: эҳсос (ё идрок) ва тафаккур.

Манбаъ ва ибтидои маърифат эҳсосу идрок аст. Онҳо ба мо дар бораи ашё маълумот дода, моро фиреб намедиҳанд. Эпикур мегуфт, ки маълумотҳои туфайли эҳсосу идрок ба даст овардашуда боэътимоданд ва хатоҳо он вақт ба вуҷуд меоянд, ки агар дахолати ақлу хирад мушоҳида шавад. Мувофиқи ақидаи онҳо, давоми эҳсос тафаккур аст. Демокрит онро дониши ҳақиқӣ меҳисобад. Эпикур бошад ишора мекунад, ки тафаккур донишҳои умумиро дар мафҳумҳо таҷассум намуда, доир ба ашёву ҳодисаҳо тасаввуроти умумиро ба вуҷуд меоварад, вале туфайли эҳсосҳо танҳо тасаввуроти алоҳида пайдо мешаванд.

Барои Демокрит, Эпикур, Лукретсий ва стоикҳо як чиз умумист: онҳо дараҷаи маърифати ҳиссиро аз тафаккур бар - намекананд, ҳарчанд онҳо аз якдигар фарқ кунанд ҳам.

Материалистони атомӣ ҳолатҳои рӯҳии инсонро (ҳиссиёт) дар алоқамандӣ бо масъалаҳои ахлоқӣ дида мебаромаданд. Демокрит ҳиссиёти қаноатмандӣ ва ғайриқаноатмандиро ҳамчун нишондиҳандаҳои фоиданокӣ ва зарарнокӣ шарҳ медиҳад. Мувофиқи андншаи Эпикур, барои қаноатманд шудан бояд аз ҳаяҷоноти рӯҳӣ канора ҷуст, чунки мақсади ҳаёт қаноатмандист. Лукретсий Кар зуҳуроти ҳиссиётро пурра аз ақл вобаста медонад, вагарна он моро гумроҳ месозад. Стоикҳо ҳиссиётро бо мафҳуми аффект ифода менамуданд. Бо ақидаи онҳо, «аффектҳо-ин ҳаракатҳои аз ҳад зиёд зиддиақлӣ ва зиддитабии рӯҳи инсон буда, бо тасаввуротҳои нодуруст доир ба ашё алоқамандand». Одатан, барои тавсифи аффектҳои алоҳида мафҳуми «беақлона»-ро истифода мебурданд, аз қабили «хоҳиш- ангезаи беақлона», «ҳаловат - ангезаи беақлона»; ғаму ғусса - фишори беақлонаи рӯҳӣ» ва ғ.

Стоикҳо дар чор гурӯҳи аффектҳо (қаноатмандӣ, ноқаноатмандӣ, хоҳиш, тарс) 26 намуди аффектҳоро ҷудо

намуданд. Онҳо се зинаи пайдоишу сабзиши ҳолати аффектро ҷудо карданд: а) зери таъсири ангезаҳои берунӣ дар организм дигаргуниҳои физиологӣ ба амал меоянд. Аффект чун дигар зуҳуроти рӯҳ ҷисмист ва бе тағйироти ҷисмӣ аффект нест; б) фикр дар бораи он, ки чӣ рӯй додааст ва чӣ тавр бояд ба он эътибор дод, беихтиёр ба амал меояд; в) бояд ақл дахолат кунад, зеро ин имконият намедиҳад, ки майлу хоҳишҳо ба аффект гузаранд. Ақл агар суст бошад ,он гоҳ инсон ба мулоҳизаҳои нодуруст дода мешаваду ба зуҳуроти аффект мусоидат мекунад. Пас, аффект хатои ақл аст. Стоикҳо раҳҳои муборизаро зидди аффект пешниҳод намуданд ва баъзеи онҳоро меоварем:

- ба зуҳуроти берунии худ имконият надиҳед, зеро он аффектро устувор мегардонад;
- аффектро дар тахаюлоти худ аз будаш зиёд баҳо надиҳед;
- тобеи ҳолати аффект нашавед, зуҳуроти онро ба таъхир гузаштан зарур аст, масалан, то 10 ҳисоб кунед.
- ба ёд овардани ҳолатҳои гуногуннавъ; ҳангоми тарс мардонагӣ ва истодагарӣ ва ғ.;
- ошкор намудани ҳаракату амалҳое, ки шахсро ба аффект тела медиҳанд.

Умуман, тавсияҳои стоикҳо дар мубориза бар зидди ҳолатҳои аффективӣ дар таърихи психология мавқеи муҳимро доранд ва дар баробари ин хусусияти тарбиявиро низ доро мебошанд.

Дар мубориза зидди ҷаҳонбинии материалистӣ идеализми фалсафӣ ҳам ташаккул меёфт. Асосгузори системаи фалсафии идеализми объективӣ Афлотун (427-347 пеш аз солшумории мо) ба ҳисоб меравад. Масъалаҳои психологӣ бештар дар чунин осори ӯ инъикос ёфтаанд: «Федр», «Пир», «Давлат», «Филеб» ва ғ. Масъалаи асосии фалсафаи Афлотунро таълимот дар бораи идеяҳо

Афлотун
427 - 347 т. м.

ташкил медиҳад. Идея, ба қавли Афлотун, нисбат ба ҳастӣ дида моҳиятдор аст, абадӣ буда, пайдоиш надорад. Рӯҳ пеш аз ҳама вуҷуд дорад ва сипас бо ягон ҷисме якҷоя мешавад. Ба ин маънӣ мегӯяд; ки таҷрибаи рӯҳонӣ бо марги инсон намемирад, вай абадӣ аст.

Протсесси маърифат аз назари Афлотун - ин ёдоварӣ аст ва мегӯяд: «ҷустуҷӯй кардан ва маърифат намудан - ин баёдоварӣ (анамнезис) аст». Афлотун бо ин андешааш, мавқеи хотирро ҳамчун протсесси психикӣ дар рафти донистагирии олами объективӣ сахт таъкид мекунад.Ӯ механизмҳои ассотсиатсияҳоро муайян менамояд ва вобаста ба ин қайд мекунад, ки «... ҳар боре,ки шакли ягон ашё фикру андешаро дар бораи ӯ дар ту ба вуҷуд меоварад, ин аз монандӣ бо якумин ва ё номонандӣ далолат мекунад - ин баёдоварӣ аст». Аз сабаби он ки, мегӯяд Афлотун, таассуротҳои ҳиссии ҳаёти муқаррарӣ маводи зарурӣ барои донишҳои ҳақиқӣ намедиҳанд, бояд на олами берунӣ, балки рӯҳи худро омӯхт, ки он анбори идеяҳо мебошад.

Афлотун доир ба қобилият ақида ронда, мегӯяд, ки одамон бояд мувофиқи заминаҳои табииашон дар давлат мавқеи худро пайдо кунанд. Бинобар ин мегӯяд: «Ҳар касе, ки аз рӯи заминаҳои табииаш ба мӯзадӯзӣ коршоям бошад, дуруст мебуд, ки мӯзадӯзӣ кунаду бо кори дигар машғул нашавад. Касе, ки коршояму тавоно ба дуредгарӣ бошад, бигзор дуредгарӣ кунад. Ва ҳамин тавр дар дигар ҳолатҳо қабул аст».



Арасту
(389 - 322 т. м.

Нуқтаи баландтарини психологияи антиқа таълимоти Арасту (389-322 то солшумории мо) доир ба рӯҳ аст . Мувофиқи ақидаи Гегел, «ҳамаи он чизи беҳтаринро, ки то ба ҳамин рӯзҳо дорем, ин ҳамон чизе аст, ки аз Арасту гирифтаем».

Арасту муаллифи асари «Рисола дар бораи рӯҳ» буда, аввалин шахсест,

ки дар олами илм тадқиқотро доир ба рӯҳ ба система даровардааст. Ӯ ҳамчун собиқ шогирди Афлотун, ба муқобили фаҳмиши табиати идеяҳои устодаш баромад ва ҷудоии идеяҳоро аз ашё инкор кард. Дар ин бобат меоварад: «Чунин метобад. вале номумкин аст, ки моҳият ва идея аз ҳам ҷудо бошанд, зеро идеяҳо моҳиятанд ва ҳамчун собиқ моҳияти ашё наметавонад будан ва вуҷуд доштан ба таври алоҳида аз онҳо». Арасту ягонагии материя ва шаклро таъкид намуда, қайд менамояд, ки табиат- ин маҷмӯи шаклҳо аст, ки бо материя алоқаманд аст.

Рӯҳ, аз назари Арасту, ин шакли ҷисми зиндаи органикӣ аст ва дар робита ба ин мегӯяд, ки « агар чашм мавҷудияти зинда мебуд, он гоҳ рӯҳи ӯ дидан мешуд. Охир биноӣ маҳз моҳияти чашм аст ҳамчун шакли ӯ ». Рӯҳ ҷисмро зинда мекунад зеро бе он ба ҷасад монанд аст. Пас, рӯҳ сабаб ва асоси ҳамаи зуҳуроти ҷисми зинда мебошад: сабзиш, нафаскашӣ, эҳсос ва ҳатто тафаккур ба он вобаста аст. Рӯҳ моҳияти ҷисм буда, мароми фаъолияти он аст. Арасту ҳамаи тавсифдиҳандаҳои рӯҳиро дар мафҳуми «энтелехия» таҷассум намудааст.

Арасту асоси маърифатро дар қобилияти ҳискунии инсон дидааст, яъне қобилияти маърифаткунӣ ибтидои худро аз идрокоти ҳиссӣ мегирад. Эҳсосҳо дар асоси панҷ эҳсоси берунӣ ба амал омада, туфайли рӯҳу ҷисм реалӣ мегарданд.

Тафаккур туфайли муҳокима ба амал меояд ва дар мафҳумҳо таҷассум меёбад. Органи тафаккур НУС буда, қисми рӯҳ аст, ки танҳо ба одам хос аст. Арасту тафаккури паст ва олиро фарқ мекунад. Тафаккури паст-ин андешаест, ки тасдиқи ҳақиқии ин ё он ҳодисаро карда наметавонад, таҳқиқ намекунад ва ба саволи «барои чӣ» ҷавоб намедиҳад. Тафаккури олӣ заруратро ифода менамояд. Арасту вобаста ба он ки тафаккур ба чӣ равона мешавад, ду намуди ақлро ҷудо мекунад: назариявӣ ва амалӣ. Ақли назарявӣ моҳиятро чӣ навъе аст, дониста мегирад ва вазифаи он ошкор кардани ҳақиқати ашё ме-

бошад. Ақли амалӣ ба фаъолият намудан равона шуда, бо воситаи он меъёр, принсип ва воситаҳои амал кардан аниқ мегарданд.

Арасту доир ба ҳиссиётҳо ақида ронда, онҳоро тавсифдиҳанда ва нишондиҳандаҳои нашъунамо дониста, пурракунандаи ҳаёту фаъолияти инсон меҳисобад. Арасту бештар ба аффектҳо эътибор медиҳад ва онро чунин таъриф медиҳад «аффект-ин ҳолати пуразобу алам аст , ки дар асоси ягон таъсире ба амал меояд, бе майлу хоҳиш ва андеша сурат мегирад ва зери таъсири он қарорҳои пешинаи худро дигар мекунад». Ӯ ба роҳҳои аз аффект тоза кардан эътибор медиҳад ва онро бо мафҳуми «катарзис» (тозашавӣ) ифода намуд. Ба аффектҳо, ки ҳаракатҳои зӯри рӯҳи инсон мебошанд, характерро муқобил мегузошт. Характер моҳияти одамро ифода мекунад. Арасту сифатҳои рӯҳиро бо синну сол, вазъи иҷтимои ва касбу кори одам алоқаманд карда меомӯзад. Ба қавли ӯ, характер хусусияти табииро надошта, зери таъсири таҷрибаҳо ташаккул меёбад. Ӯ таҳқиқи хислатҳои ба одами хайрандеш, наврас, ҷавон ва пир хос бударо омӯхт. Шогирдаш Теофраст (370-288 пеш аз сол шумории мо) доир ба характер рисолае навишт бо номи «Характеристикаҳо». Дар рисола 30 хислати хоси характери инсон оварда мешавад,ба монанди дурӯя, хушомадгӯ, сергап, қишлоқӣ, хушахлоқ, беҳаё, ҳурофотпараст, шаккок, шӯҳратпараст, лофзан, тарсончак, бадзабон, пири ҷавон, хасис ва ғ.

Мавқеи материализм дар психологияи антиқа аз ҷониби духтурони қадим дар соҳаҳои анатомия ва тиб мустаҳкам карда шуд. Духтур ва файласуф Алкмеони Кротонӣ (асри VI то солшумории мо) бори аввал дар таърих масъалаи локализатсияи фикрро дар мағзи сар бардошт.

Гиппократ (460-377 то солшумории мо) – падари тиб, дар фалсафа равияи Демокритро ҷонибдорӣ менамуд. Ӯ чун Алкмеон, мағзи сарро органи тафаккур ва эҳсос медонист. Гиппократро таълимоташ доир ба мизоҷ машҳур намудааст. Ӯ фаъолияти чор моеъро (зарда, зардаи сиёҳ,

хун ва луоб) асоси физиологии гуногунии мизоҷ мешуморад. Сипас, духтури Римӣ Гален (асри II то солшумории мо) ба чунин хулоса меояд, ки фаъолияти организмро асабҳо ташкил медиҳанд. Онҳо ҳаракат ва ҳиссиётро дар организм ба вуҷуд меоваранд. Ӯ функсияҳои ҳароммағзро тадқиқ намуда, фаъолияти мағзи сарро омӯхт ва бо ҳамин тасаввуротро доир ба асосҳои физиологии психика бой гардонд. Гален ҳангоми шарҳ додани масъалаи мизоҷ чор мабдаъро ба ҳисоб гирифт: гармӣ, хунукӣ, хушкӣ, намӣ ва инчунин чор моеъро ҳамчун масолеҳи бинокории организми одаму ҳайвон. Аз таносубҳои ин мабдаъ ва моеъҳо зуҳуроти хусусиятҳои психикаи одаму ҳайвон вобаста аст. Ӯ дар ин замина 13 намуди мизоҷро муайян кард, ки яктааш солим буда, 12-тои дигараш аз меъёр берун бошанд. Ҳамин тавр, дар оянда чунин мавқеи шарҳдиҳии мизоҷ ва намудҳои он чун анъана таълимоти Гиппокративӣ дониста шуд.

Хулоса, маҷмӯаи тасаввурот ва маълумотҳои бадастоварда доир ба рӯҳ ва протсессҳои он дар психологияи антиқа барои кори амаливу таҷрибавии оянда ҳамчун заминаи хубе шуда хизмат намуданд.

Психология дар асрҳои миёна

Таърихи инкишофи донишҳои психологӣ дар асрҳои миёна давраи дурударозеро дар бар мегирад: аз асри V то асри XVI ва нимаи аввали асри XVII. Ин давраро замони пайдоиши тараққиёт ва пастравии сохти ҷамъиятии иқтисодӣ, феодалӣ меҳисобанд. Феодализм дар давраҳои асримиёнагӣ дар Шарқ нисбат ба Ғарб дида пештар зуҳур кард. Маданияти Хитой, Ҳинду араб, Эрон ва Осиёи Миёна нисбат ба ғарб дида, пештар инкишоф ёфтааст. Мутаассифона, дар Шарқ шароитҳои муайяне ба вуҷуд омадаанд, ки ин ба рафти тараққиёти капитализм монеа шуданд ва дар натиҷа инкишоф тадриҷан аз Шарқ ба Ғарб кӯчидан гирифт.

Ин даврaро ҳар хел баҳодиҳӣ менамоянд. Гуманистҳо ин даврaро замони «торикӣ» ва «ҷаҳолат» номиданд, вале мутафаккири бузург Ф.Энгелс онро зери танқид гирифт. Дар асл, ин давра мутафаккирони зиёдеро ба майдон овард, аз қабили Томас Мор ва Томазо Компанелла, Р.Бэкон, Абӯалӣ Сино, Н.Коперник, Г.Галилей, Умари Хайём, Низомӣ, Данте, Шекспир, Сервантес ва ғ. Ҳамаи ин далолат аз он мекунад, дар ин давра шахсиятҳои маъруф ва варзида дар соҳаҳои гуногун илм, адабиёт ва санъат ташаккул ёфтаанд. Се дин (буддоӣ, ислом ва насронӣ) таҳдоби устуворро ба вуҷуд оварданд ва ҷаҳонбинии асримиёнагӣ характери диниро гирифт. Масҷидҳо институти асосии дин ба ҳисоб мерафтанд.

Донишҳои психологӣ дар давраи феодализми эвроӣ низ инкишоф меёфтанд ва дар равияи номинализм инъикоси худро пайдо менамуданд. Номинализм бо равияи дигари фалсафӣ – реализм мубориза мебурд. Ҳар ду дар доираи схоластикӣ амал мекарданд. Баҳси онҳо дар масъалаи муносибати ҷузъ ба кулл ба амал омада буд. Яъне, оё кулл мустақил вуҷуд дорад, ё соҳиби ҳастии алоҳида аст, ё дар ашёи алоҳида вуҷуд дорад, ва оё табиати ҷисмиро дорост ё не?

Яке аз намояндагони давраи асримиёнагӣ роҳиби доминиканӣ Фомаи Аквинӣ (1226-1274) буд. Ӯ мураттиби схоластикаи ортодоксалӣ дониста мешавад. Ба ақидаи Фома, рӯҳ ягона дорои ҳастӣ аст ва аз ҷисм ҷудо мебошад. Рӯҳ сарчашмаи ҳаракати ҷисм аст.

Фомаи Аквинӣ маърифати табиӣ ва фавқуттабииро фарқ мекунад. Маърифати табиӣин донистагирии ҳақиқат туфайли эҳсосҳо ва ақл мебошад. Дар ин раванд нақши узвҳои ботинию берунӣ калон аст. Эҳсос амали узви бадан аст – чашм, гӯш ва ғайра, ки инъикоси алоҳидаи ҳодисаҳоро таъмин менамояд. Ақл натиҷаи амали ягон узв нест. Ақл маърифати одамро васеъ намуда, дараҷаи ҳискуниро баланд мебардорад ва инъикоси ҷамъбастии ҳодисаҳоро мекунад. Фома, умуман модарзодӣ будани

донишҳоро рад намуда, вале додашуда будани баъзеи онҳоро эътироф мекард, аз қабили аксиомаҳои математикӣ, ки онҳоро ҷанинҳои дониш номида, аз ҷониби ҷудо дода шуданашонро таъкид мекард. Фомаи Аквинӣ шуурро яке аз механизмҳои маърифат меҳисобад. Ба қавли ӯ, дар рӯҳи инсон як қуввае аст ва онро «интенсия» (сухани ботинӣ) номид, ки он ба амали идроку маърифат равияи хосро медиҳад.

Минбаъд ба туфайли тараққиёти саноат, савдо, баҳрнавардӣ, кори ҳарбӣ, яъне ба шарофати тараққӣ ёфтани истеҳсолоти моддӣ-соҳаҳои техника, табиатшиносӣ, математика ва механика инкишоф ёфт. Ҳамаи ин талаб мекард, ки бояд хирад аз схоластика раҳо ёфта, ба дарки илмии олам ва одам рӯ оварад. Ҳамин тавр, давраи эҳё ё худ таҷаддуд ба вуҷуд омад.

Намояндаи аввалини ин давра Р.Бэкон (1214-1292) буд, ки нақши таҷриба ва мушоҳидаро дар рафти маърифат баланд бардоштааст. Ба ақидаи ӯ, таҷриба имконияти маърифат намудани ҷисмро дорад, вале дар донистагирии рӯҳ ин қудратро надорад. Барои маърифати рӯҳ чизи дигаре зарур аст, чун илҳом, ки имконияти дониста гирифтани онро диҳад.

Давраи эҳё ё худ таҷаддуд мафҳуми «гуманизм»-ро ба майдони илм овард ва аз ин рӯ ин даврароро «Кашфиёти одам» номиданд. Гуманистҳо Николаи Кӯзанӣ (1401-1464), А.Данте (1265-1321). Ф.Петрарка (1304-1374) идеяи гуманизмро тарғиб ва қудрати маърифати инсонро таъкид менамуданд. Ба андешаи Н.Кӯзанӣ, инсон бо воситаи фаъолияти эҷодии мағзи сари худ ба худо як навъ шабоҳат дорад.

Дар соҳаи механика ва математика, астрономия кашфиётҳои гуногун (Н.Коперник, И.Кеплер, Ҷ.Бруно, Г.Галилей) ба амал омаданд. Ба ақидаи онҳо, бояд қонунҳо, ҳодисаҳои воқеӣ, протсессҳо таҳлил гарданд ва моҳияти онҳо ошкор карда шаванд, чунки табиат маҳз ба қонунҳо итоат мекунад. Ҳамин тавр, тафаккури илмӣ ин-

кишоф меёбад ва протсесси маърифт намудан туфайли таҷрибаҳо сурад мегирад.

Схоластҳои немис Р. Гоклениус ва О.Кассман бори аввал (1590) мафҳуми «психология»-ро истифода бурданд ва ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар он давра ба масъалаҳои психологӣ таваҷҷӯҳ ва шавқу ҳаваси хосае зоҳир намудаанд.

Психологияи аврупоии асрҳои XVII - XVIII

Инкишофи дониши таҷрибавӣ талаб менамуд, ки ба ҷои методи схоластии тафаккур методи нав маъмул шавад. Махсусан, тараққиёти донишҳои анатомию психологӣ дар бораи сохт, кори ҷисм, ба вуҷуд омадани кашфиёту ихтироотҳо фаҳмиши рӯҳро мазмунан дигар кард. Файласуфи англис Ф.Бэкон (1561-1626) саромади материализми замони нав буда, роҳи нави тадқиқи рӯҳро ба роҳ монд. Ӯ даъват намуд, ки ба тадқиқи эмпирикии протсессҳои рӯҳӣ бояд гузашт. Тадқиқотҳои Ф.Бэкон барои пайдоиши илми нав доир ба шуур замина гузашт. Ӯ андешаи илми ягонаро дар бораи одам инкишоф медиҳад, ки қисми асосии онро психология ташкил медиҳад. Таълимот дар бораи одам, мувофиқи Ф. Бэкон, аз ду қисмат иборат аст: яке аз онҳо инсонро ҳамин тавре, ки ҳаст, дида мебарояд; дуюмаш-муносибати ӯро ба ҷамъият. Якумашро философияи одам номид ва дуюмашро философияи шаҳрвандӣ. Ӯ ба одам натуралистона муносибат мекунад ва вобаста ба қисмҳои таркибии инсон (ҷисм ва рӯҳ), ду илмро ҷудо кард: илм дар бораии рӯҳ ва илм дар бораи ҷисм. Ягонагии ин илмҳо ва алоқамандиашон ба ташаккули ҳаёти солим имконият медиҳанд.

Ф.Бэкон қайд мекунад, ки илм бояд ба фактҳо асос ёбанд ва барои аниқ кардани онҳо чунин методҳои индуктивиро пешниҳод намудааст: мушоҳида, таҳлил, муқоиса ва таҷриба. Таҷриба дар сурате дониши саҳеҳ дода метавонад, ки агар шуур аз «шабаҳи» қалбакӣ фориғ бошад. «Шабаҳҳои авлод» ғалатҳоеанд, ки инсон дар бораи табиӣ

ат аз рӯи намунаи ҳаёти одамон мулоҳиза меронанд; «шабаҳҳои ғор»-ин ғалатҳои фардианд, ки ба тарбия, табъу завқ, одати одамони ҷудогона вобастаанд; «шабаҳҳои бозор»-ин одати бе мулоҳизаи танқидӣ истифода кардани ақидаҳои маъмул аст; «шабаҳҳои театр» бо эътиқоди кӯркӯрона ба мӯътабарон алоқаманданд. Ба ақидаи ягон шахси мӯътабар истинод накарданро принсипи асосии илмӣ медонист. Ф. Бэкон пайрави принсипҳои материалистӣ бошад ҳам, ба мавҷудияти худо иқрор буд ва қонуниятҳои ҳаёти ҷамъиятиро умуман идеалистона шарҳ медод.

Рене Декарт (1596-1650)

Агар Ф. Бэкон ба тадқиқи методи эмпирию таҷрибавии табиат пардохта бошад, пас олиму файласуфи франсуз Р. Декарт (1596-1650) баръакс, хирадро ба мадди аввал гузошта, роли таҷрибаро аз санҷиши оддии маълумоти интеллект иборат кунанд. кушиш мекард, ки назарияи ратсионализмро ба асос гирифта, барои ҳамаи илмҳо методи универсалӣ офарад. Ратсионализми ӯ бошад дар майнаи сари инсон идеяҳои модарзодияро раво медонист,ки ин идеяҳо натиҷаи донишро аз бисёр ҷиҳатҳо муайян мекарданд. Р. Декарт аксарияти асосҳои математика ва мантиқро аз ҷумлаи идеяҳои модарзодӣ медонист.

Р. Декарт дар китоби худи «Рағбатҳои рӯҳӣ» масъалаҳои психологиро дида мебарояд. Ӯ ба боэътимодии олами ҳиссӣ шубҳа мекунад. Мо ба онҳо аз рӯи маълумотҳои узвҳои ҳиссӣ баҳо медиҳем, ки аксар моро фиреб медиҳанд. Р. Декарт ба тафаккур такя намуда, онро амали соф рӯҳӣ ва ғайримоддӣ мепиндорад. Ин хулосаро ҳамасрони ӯ қабул накарданд. Масалан, Т. Габбс мегӯяд, ки «ман фикр мекунам, пас ба хулоса омадан мумкин аст, ки ашёи фикркунанда ҷисмӣ аст ва набояд ба хулоса омад,

ки субстансияи ғайримоддӣ мебошад» - (А.Н. Ждан. История психологии-М.: МГУ, 1990. - С. 78)

Ҷисми ҳайвону одамро Р.Декарт ҳамчун физик баҳо медод. Ҳамаи ҳаракатҳои мо ва гармӣ аз фикр новобастаанд ва ба ҷисм тааллуқ доранд. Аз ин рӯ «хатои бузург» аст, ки агар протсессҳои ҳаракат ва гармӣ бо рӯҳ алоқаманд карда шавад ва дар робита бо ин мегӯяд: «Марг ҳеҷ вақт бо гуноҳи рӯҳ ба амал намеояд, балки бо сабаби барҳам хӯрдани ягон қисмати асосии бадан рӯй медиҳад» «А.Н. Ждан. История психологии - М.: МГУ, 1990. - С. 80).

Ҳайвонот, ба ақидаи Р.Декарт, рӯҳ надоранд. Ҳамаи мураккабиҳоеро, ки дар рафтори ҳайвонот мушоҳида мекунем, ҳатто дар ҳайвоноти олиташкил, он автоматизмҳои табиат мебошанд. Ӯ як чизро таъкид мекунад, ки ҳайвонот фикр намекунанд, зеро онҳо номукаммаланд ва забон надоранд. Аз ин рӯ мегӯяд, ки «ҳайвонот ақлу хирад надоранд ва табиат дар онҳо мувофиқи ҷойгиршавии узвҳояшон амал мекунад, чӣ навъе, ки соат аз чарху пружина иборат асту вақтро аниқ нишон медиҳад ва чен мекунад нисбат ба мо, ки бо ақламон ин корро иҷро мекунем» «А.Н. Ждан. История психологии-М.: МГУ, 1990. - С. 83).

Р.Декарт таълимоти ратсионалистиро доир ба рағбатҳо пешбарӣ мекунад. Рағбатро ҳамчун ҳиссиёт баҳо дода, сарчашмаи зуҳуроти онро аз предмету ҳодисаҳои олами беруна медонад. Ба рағбатҳо зуҳуроти беихтиёрӣ хос аст ва танҳо фикр онҳоро идора мекунаду тарбия менамояд. Р.Декарт рағбатҳои аввалин ва дуюминро фарқ мекунад. Рағбатҳои аввалин дар рӯҳ ҳангоми бо ҷисм пайваст шуданашон зоҳир мешаванд ва онҳо шаш қисманд: ҳайрат, хоҳиш, муҳаббат. нафрат, шодӣ, ғусса. Вазифаи ин рағбатҳо аз он иборат аст, ки ба рӯҳ аз он хусус чӣ хуб аст ва чӣ ба даст, хабар медиҳанд. Боқимонда рағбатҳо дуюмин шуморида мешаванд. Рағбатҳо на танҳо хубӣ меоваранд, балки манбаи бадӣ ҳам мебошанд. Аз ин

рӯ, масъалаи тарбияи рағбатҳоро таъкид мекунад. Таҷрибаро воситаи бехтарини идоракунии рағбатҳо меҳисобад. Одам бояд дар зиндагӣ мувофиқи қоидаи муайян рафтор карданро ёд гирад ва ба он одат кунад.

Ҷанбаи материалистии таълимоти Р. Декартро файласуфи нидерландӣ Б. Спиноза (1632-1677) инкишоф дод, ки вай ба дуализм монизми материалистиро муқобил гузошт. Асари асосии Б. Спиноза «Этика» ба шумор меравад ва равияи ахлоқиро дорад. Ӯ дар ин китоб масъалаи муносибати фардӣ намуданро бо инсон таҳлил намуда, барои роҳи ҳаёти озодонаро ёфтан ба одамон маслиҳату тавсияҳои илмии судманд медиҳад. Б. Спиноза таълимоти монистиро кор карда баромад ва дар ақида аст, ки як субстанция вуҷуд дорад ва ҳамаи чизро бо воситаи худаш баҳо додан мумкин аст. Зарурати мавҷудияти ашёро дар худаш ҷустуҷӯ кардан зарур аст. Ҳамин тавр, ӯ мафҳумҳои «моҳият» ва «мавҷудият»-ро фарқ мекунад. Моҳият-ин тавсифдиҳандаи ашё аст, бе он ашё худ ба худ вуҷуд дошта наметавонад.

Б. Спиноза табиатро бо худо монанд мекард ва мегуфт, ки он хусусияти мустақилиро дорад. Агар Р.Декарт мавҷудияти материяро амали эҷодиёти худой донад, он гоҳ Б.Спиноза таъкид мекунад, ки табиат ба худо эҳтиёҷ надорад. Ӯ табиатро худову худоро табиат меномид.

Б. Спиноза оид ба масъалаи маърифат ва аффектҳо андешаронӣ намуда, чор воситаи ҳосил намудани донишро муайян кардааст: а) аз руйи шунидаҳо ё аз руйи ягон аломати ихтиёрӣ; б) аз таҷрибаи бетартибонаи ғайричашмдошт; в) бо роҳи аз кулл ба ҷузъ хулосабарорӣ намудан; г) идроки бевоситаи моҳияти ашё тавассути сабабҳои наздиктарини он. Дар «Этика» ин роҳҳои донишҳосилкунӣ дар се гурӯҳ таҳлили худро пайдо намудаанд. Ду роҳи аввал гурӯҳи аввалро ташкил медиҳанд ва он андеша ва хаёл мебошанд, ки дар шакли образҳо вуҷуд доранд. Ин дониши хираи барғалат аст. Гурӯҳи дуюмро

ақл ташкил медиҳад, ки он идеяҳои умумиро дар бораи хосиятҳои моҳиятдори ашё медиҳад ва он ба илм такя мекунад. Гурӯҳи сеюмро маърифати интуитивӣ (фаросат) ташкил медиҳад. Дар ин ҳолат хосиятҳои моҳиятдор бо хусусиятҳои фардии ашё дар ягонагӣ мебошанд. Ҳамин тавр, Б. Спиноза ҳаракати маърифатро аз абстраксия ба конкрет мебинад, ки минбаъд материализми диалектикӣ онро инкишоф дод.

Файласуфи англис Ҷ.Локк (1632-1704) асосгузори психологияи эмпирикӣ буда, асари фалсафиаш «Таҷриба доир ба ақли инсонӣ» ӯро боз ҳам машҳуртар гардонд. Тарҷумаи он ба забони франсавӣ дар инкишофи фалсафа ва психологияи франсавӣ нақши муҳим бозид. Ӯ нуқтаи назарияи «идеяҳои модарзодӣ»-ро рад карда, гумон дошт, ки мо тамоми донишамонро аз таҷриба ва эҳсос ҳосил менамоем. Одамон аз шиками модар бо ғояҳои тайёр ба дунё намеоянд. Сари кӯдаки навзод тахтаи тозаест, ки ҳаёт дар рӯи он нақшаҳои худ-донишро сабт менамояд. Ҳамин тавр Локк, баръакси ратсионализми Р. Декарт, сенсуализмро асоснок кард. Агар чизе пеш эҳсос нашуда бошад, пас дар ёд ҳам намешавад,-ин аст тезиси асосии Локк. Эҳсос зери таъсири чизҳои берунӣ ҳосил мешавад. Ин таҷрибаи берунӣ аст. Фаъолияти худ ва тарзҳои зуҳуроти онро мушоҳида кардани мағзи сар таҷрибаи ботинӣ- рефлексия аст. Пас Ҷ. Локк манбаи якуми донишҳосилкуниро агар дар таҷриба ва дуюмашро дар эҳсос дида бошад, он гоҳ сеюмашро дар рефлексия мебинад. Рефлексия ин идроки ботинии мо-ақл аст. Объекти асосии онҳо идеяҳои пеш ҳосил шуда буда, органаш фаъолияти ақли мо аст ва самарааш идеяҳои нав мебошанд. Таҷрибаи ботиниеро, ки Локк муайн кард, ба пайдоиши равияи интроспексия асос гузошт.

Ҷ. Локк пайдоиши идеяҳоро дар ассотсиатсияҳо дид. Ӯ шахси аввалин аст, ки мафҳуми «ассотсиатсияи идеяҳо»-ро пешниҳод дар илм намудааст. Фикрҳо ва ҳодисаҳо дар асоси алоқаҳо ба вуҷуд меоянд. Ин алоқаҳо тавассути

тарбия ва одаткуниҳо пайдо мешаванд ва бо мурури замон барҳам мехӯранд. Вазифаи тарбия аз он иборат мешавад, ки дар кӯдакон пайдо шудани алоқаҳои номатлуб дар шуурашон пешгирӣ карда шавад. Дар заминаи ин механизм равияи нави психологияи ассотсиативӣ ташаккул ёфтан гирифт.

Файласуфи немис Г.Лейбнитс (1646-1716) идеяҳои идеализми объективии Афлотунро инкишоф додааст ва инчунин як қатор ақидаҳои комили диалектикиро баён намудааст. Лейбнитс Г. чунин ақидаро пешниҳод менамояд, ки рӯҳ ва ҷисм ҳар яке ба худашон хос қонуниятҳоро доранд ва маҳз ба онҳо итоат мекунанд. Аз ин рӯ, мувофиқати мутлақи рӯҳу ҷисм ҳеҷ вақт намешавад ва фақат байни онҳо гармонияро (мутаносибӣ) ба вуҷуд овардан мумкин асту халос.

Г.Лейбнитс модарзодӣ будани идеяҳои интеллектуалиро тарафдорӣ мекунад. Эҳсос агар аз назари Локк пассив бошад, он гоҳ мувофиқи таълимоти Лейбнитс Г., дар эҳсосҳо фаъолӣ низ мавҷуд аст, ки туфайли онҳо идроки пурраи предмет ба амал меояд. Ӯ махсусан апперсепсияро ба асос гирифта, онро меъёри асосии эҳсосу идрок мешуморад.

Психологияи англис дар асри XVlll аз эмпиризми Ҷ.Локк ба сӯи ассотсианизм дар осори Ҷ.Беркли (1685-1753) ва Д.Юм (1711-1776) инкишоф ёфт. Ҷ.Беркли пайрави Ҷ.Локк буд ва аз сенсуализм ба идеализми субъективӣ майл намуд. Ӯ дар китоби худ «Таҷрибаи назарияи нави биноӣ» (1709) таъкид менамояд, ки фаъолияти эҳсоси биноӣ зимни ассотсиатсияҳо ба амал меояд. Беркли образҳои биноиро бо забон муқоиса мекунад: босира барои ломиса забон аст ва мазмуни таҷрибаи биноиро ифода мекунад. Ақидаҳои Беркли дар психологияи эмпирикии асри XlX инкишоф дода шуданд.

Англис Д. Юм пайрави Ҷ.Беркли буда, дар рисолаи худ «Рисола дар барои табиати одам» (1739) ва китобаш «Тадқиқи шуури инсон» (1748) масъалаи ассотсиатсияро

инкишоф дод. Ӯ протсесси маърифатро ба ассотсиатсияҳо вобаста кард. Д.Юм ҳамаи ҳолатҳои шуурро ба «таассурот» ва «идеяҳо» тақсим намуд. Идеяҳо таассуротҳои паст мебошанд ва онҳоро дар тафаккуру муҳокима истифода мебаранд. Идеяҳо содда ва мураккаб мешаванд. Идеяҳои мураккаб бо роҳи ассотсиатсия ба амал меоянд ва асоси тафаккури илмиро ташкил медиҳанд. Ассотсиатсияҳо муносибатҳои сабабиву натиҷавиро дар ҳодисаҳо инъикос менамоянд. Масалан, Д.Юм чунин таҳлил менамояд: «нон моро сер кард. Нон амалеро иҷро мекунад, ки он сер кардан аст. Минбаъд ҳам ин объект сабаби амал мешавад ва натиҷаи он серӣ аст. Ҳамин тавр, боварӣ ҳосил мешавад, ки чунин объектҳои оянда чунин амалҳоеро ба вуҷуд меоваранд, ки яке сабаби дигаре мешаванд». Принсипи асосӣ дар чунин хулосабарориҳо одатҳо ё худ принсипи ассотсиатсия ба шумор меравад.

Намояндаи маъруфи равияи материалистӣ дар психологияи ассотсиативии асри XVIII духтури англис Давид Гартли (1705-1757) буд. Ӯ ба тасаввуротҳои физикии И.Нютон такя намуда, механизмҳои физиологии протсессҳои рӯҳиро муайян кард. Ба ақидаи ӯ, ҳамаи қобилиятҳои рӯҳии одам аз мағзи сар вобаста аст. Ҳаёти рӯҳии инсон дар асоси ассотсиатсияҳо сурат мегирад. Алоқаҳои асабӣ асоси протсессҳои хотир, хаёл, эҳсос, мафҳум, муҳокима, ҳаракатҳои ихтиёрӣ ва аффектҳоро ташкил медиҳанд. Масалан, намуди одам моро ба идеяи номи ӯ мебарад. Гартлӣ қайд мекунад, ки калима вазифаи маърифатиро иҷро мекунад ва инчунин иродавиро. Масалан, аввалан калонсолон дар кӯдакон алоқаро байни калима ва рафтору кирдорашон ба вуҷуд меоваранд, сипас онҳо ин рафторро туфайли иродаи худ содир мекунанд. Пас, вазифаи тарбия дар он аст, ки ин алоқаҳоро мустаҳкаму устувор гардонад.

Масъалаи рағбат дар психологияи Гартли ҷойи муҳимро ишғол мекунад. Ӯ рағбатҳоро ҳамчун қувваи ҳаракатдиҳандаи рафтор дида мебарояд. Рағбатҳои хубу

бади модарзодӣ вуҷуд надоранд. Рағбатҳо натиҷаи тарбия буда, дар асоси механизми ассотсиатсия зоҳир мешаванд. Бояд қайд кард, ки таълимоти Гартли дар заминаи принсипи детерминизм (сабабият) ба вуҷуд омадааст.

Ҳамин тариқ, психологияи ассотсиативӣ ҳамчун назарияе қабул шуд, ки он дар инкишофи психикии одамон ва идоракунии рафтори онҳо нақши муҳимро бозид.

Афкори психологӣ дар фалсафаи классикии немис

Философияи эмпирикӣ, ки дар Англия пайдо шуда буд, дар нимаи дуюми асри XVIII туфайли тарҷумаи асарҳои Д.Юм, Д.Гартли оҳиста-оҳиста ба Германия гузашт.

И.Кант (1724-1804) аз бузургтарин мутафаккирони ин давра шинохта шудааст. Ӯ асосгузори идеализми классикии немис аст, ки идеяҳои диалектикаро аз нав барқарор намудааст. Ӯ зидди эмпирияи Волф Х. баромад. Ба ақидаи И.Кант, дар психология математика ва эксперимент имкон надоранд, вале ӯ он давра хато кард. Дар баробари ин, минбаъд зарурати онҳоро низ қайд мекунад. Мувофиқи ақидаи И.Кант, протсесси маърифат аз таъсири ашё ба мо сар мешавад ва он хусусияти эмпирикиро дорад. Аз ин таъсирот мазмуни маърифат ҳосил мешавад.

Ҳамин тавр, ӯ назарияи априориро дар протсесси маърифат пеш бурд. Маънои априоризми И.Кант ҳамин аст, ки субъекти дониш дорои шаклҳои муайяни идеяҳои пеш аз вай мавҷудбуда аст. Ин априоризм бо мафҳуми идеяҳои модарзодӣ айнан як чиз нест – инҳо идеяҳои модарзодӣ нестанд, балки шаклҳое мебошанд, ки одам дар рафти аз шаклҳои маданияти пеш аз вай мавҷуда баҳраманд шуданаш аз бар кардааст.

И.Кант шаклҳои априории муроқибаро муайян кард ва зери он идрокро дар назар дошт. Инчунин шаклҳои априории тафаккурро дида мебарояд, ки тавассути онҳо донишҳо ҳосил мешаванд. И.Кант дар таълимоташ доир ба маърифат ба диалектика низ эътибори калон додааст:

зиддиятро лаҳзаи зарурии маърифат медонад. Ӯ дар заминаи шаклҳои априории ақл таълимотро доир ба апперсия пешниҳод намуд. Апперсия, аз назари И.Кант, ин қувваи фаъоле мебошад, ки синтези тасаввуротҳои дар ибтидо бетартибона вуҷуддоштаро мекунад. Апперсепсия имконият медиҳад, ки объектҳо хуб дарк ва фаҳмида шаванд.

Баъди И. Кант фалсафаи классикии немисро И. Г. Фихте (1762-1814) ва Ф. Шеллинг (1775-1854) пеш бурданд. Фихте фаъолиятмандии маърифатиро дар як навъ принсипи ягона дар Ман-и мутлақ ва Шеллинг дар айнияти мутлақи ҳастӣ ва тафаккур медиданд. Моҳияти «Ман»-ро фаъолият ташкил медиҳад. Бинобар ин Фихте мегӯяд: «мо аз он ҷиҳат маърифат мекунем, ки барои амал кардан дода шудаем». Дониш на ҳамчун мақсад, балки чун воситаи ҳокимияти ратсионалӣ ба табиат баромад мекунад. Фихте тараққиёти рӯҳии одамро аз кӯдакӣ то синни камолат ба таври диалектикӣ дида мебарояд.

Ф.Шеллинг шогирди И. Г. Фихте буда, субъективизми устодашро зери танқид гирифт ва ҳаёти рӯҳиро дар доираи таълимот доир ба табиат баррасӣ мекунад. Табиат бо рӯҳ зич алоқаманд аст, мегӯяд ӯ. Шеллинг тараққиёти шуурро аз эҳсос то ирода қайд намудааст. Мувофиқи андешаи ӯ, мақсад ва фаъолияти олии «Ман»-ро санъат ташкил медиҳад.

Дар системаи идеалистии Г.В. Гегел (1770-1831) психология яке аз қисматҳои муҳими рӯҳи субъективиро (шуури индивидуалӣ) ташкил медиҳад. Шуури индивидуалӣ (фардӣ) дар тараққиётӣ худ се зинаро аз сар мегузаронад. Дар зинаи якум, рӯҳ ҳамчун ҷисм таҳлил мешавад ва он предмети илми антрополгия аст. Дар ин ҷо шаклҳои гуногуни ҳодисаҳои психологиро дар алоқамандӣ бо хусусиятҳои нажодӣ, синнусолӣ ва физологии одамон, бо характеру мизоҷ ва инчунин эҳсос дида мебарояд. Дар зинаи дуюм, ки онро рефлексия номид, рӯҳ шуурро ифода мекунад. Шуур предмети рӯҳ ба шумор меравад. Ӯ роҳи тараққиётро аз шуур то ба зинаи худшиносӣ ва то ба ақл

тасаввур мекард. Дар зинаи сеюм, рӯҳ чӣ тавр худро ба сифати ақл дарк мекунад, таҳлил мегардад: рӯҳи назариявӣ, яъне маърифат ва рӯҳи амалӣ, яъне ирода. Ин зинаи тараққиёти рӯҳ предмети омӯзиши психология мебошад.

Л.Фейербах (1804-1872) охирин намояндаи фалсафаи классикии немис ба ҳисоб рафта, дар таълимоти ӯ фаҳмиши материалистии психика мавқеи калонро соҳиб аст. Фейербах Л. дар фалсафаи худ инсонро ҳамчун субъекти тафаккур меҳисобад ва онро аз рӯи принсипи антропологӣ дар ягонагии ҷисму рӯҳ дида мебарояд. Ӯ такид мекунад, ки муқобилгузории ҷисм ва рӯҳ ҳатто ба таври мантиқӣ номумкин аст. Фейербахт Л. одамро аз табиат наканда, ба он муқобил нагузошта меомӯхт ва онро як қисми таркибии табиат медонист. Ӯ ҷиҳати «табиӣ»-и одамро муболиға карда, ба ҷиҳати иҷтимоии вай эътибори ҷиддӣ надодааст.

Дар асри XVIII дар Германия омӯзиши ҳодисаҳои эмпирикии ба одаму табиат алоқаманд шурӯъ шуд Дар ин ҷода саҳми муайянро файласуф, педагоги барҷаста ва психолог И.Гербарт (1776-1841) гузошт, ки ӯ асосгузори психологияи эмпирикии немис дониста шудааст.

Герберг И. тарафдори психологияи ассотсиативӣ буда. мехоҳад, ки психологияро дар заминаи таҷрибаҳо ва пеш аз ҳама дар асоси таҳқиқи зуҳуроти шуур мураттаб созад. Методҳои омӯзиши ҳолатҳои гуногуни шуурро мушоҳида, худмушоҳидакунӣ ва таҳлили маҳсули фаъолият ташкил медиҳанд. Эксперимент, ба ақидаи ӯ, барои тадқиқи шуур мувофиқ нест. Ӯ таъкид менамояд, ки барои табдили психология ба илм, бояд дар он математикаро истифода бурд. Фақат математика таърифу фаҳмишҳои моро аниқу равшан намуда, барои санҷиши онҳо имконият медиҳад. Тасаввурот, ба қавли Гербарт И., ин образҳои мураккаби идрок аст. ки зери таъсири объектҳои дар берун вуҷуддошта пайдо мешаванд. Тасаввурот соҳиби нишондиҳандаҳои сифатӣ ва миқдорӣ аст. Хусусиятҳои миқдориро бо чунин мафҳумҳо ифода менамояд:

«бештар» ё худ «камтар», масалан, «тасаввуроти каму беш равшану аниқ», «ҳолати рӯҳии каму беш бошиддат» ва ғайра. Тавсифдиҳандаи миқдории тасаввурот – ин қувва буда, нишондиҳандаи он «аниқӣ» маҳсуб меёбад. Тасаввуротро вобаста ба дараҷаи аниқӣ, ба се қисм ҷудо намуд: а) шуури аниқу равшан; б) шуур – тасаввуротҳои на он қадар аниқу равшан; в) бешуурӣ – тасаввуротҳое, ки зери таъсири дигар тасаввуротҳо мондаанд ва хираю норавшананд. Барои он ки тасаввурот ба шуур ворид шаваду равшан гардад, бояд он ба таҷрибаи гузашта такя намояд. Якҷояшавии тасаввуротро бо таҷрибаи гузашта «апперсепсия» номид. Назариёти И.Гербартро шогирдонаш М.В.Дробиш, В.Ф.Фолкман ва Т.Вайте давом доданд.

Рушди донишҳои психологӣ дар асри XIX

Дар нимаи дуюми асри XIX барои ташаккулу инкишофи донишҳои психологӣ шароитҳои мусоиди воқеӣ ба амал омаданд. Доир ба ин масъала психолог Н.Я.Грот менависад, ки зуҳуроти ҳамарӯза, яъне баромадани осори нав доир ба масъалаҳои психологӣ ба он фикр моро мебарад, ки илми психология қобилияти инкишофёбиро дорад ва ӯ ин воситаҳоро соҳиб аст. Доир ба ин маъала психологи рус Г. И. Челпанов дар Съезда 1-уми Умумироссиягии психоневрологҳо (1923) доир ба мавзӯи « Оид ба заминаҳои психологияи эмпирикии муосир баромад кард ва дар он ҷудошавии психологияро аз илми фалсафа таъкид намуд. Ҷудошавии психология ба илми мустақил солҳои 60-уми асри XlX вуқӯъ пайваст. Бо пайдоиши барномаҳои аввалини илмӣ (В. Вундт ва И. М. Сеченов), таъсиси муассисаҳои махсуси илмӣ-тадқиқотӣ-лабораторияҳои психологӣ, институтҳо, кафедраҳо дар мактаби олӣ имкониятҳои мустақилшавӣ меафзуд.

Анатом, физиолог ва патафизиологи англис Чарлз Белл (1774-1842) ба таври экспериментали муайян намуд, ки дар байни решаҳои пеш ва ақиба ҳароммағз аз рӯи

функсияҳояшон фарқият вуҷуд дорад: решаҳои пеш аз асабҳои таҳрикдиҳанда иборат буда, вазифаи ҳаракатдиҳиро дорад, аммо решаҳои ақиб бошад, хусусияти ҳассосиро соҳибанд. Ин кашфиёт (1807) асоси анатомии ҳалқаи рефлекториро ташкил дод. Муайян гардид, ки ҳароммағз аз рӯи ҳалқаи рефлекторӣ фаъолият мекунад. Баробари Ч. Белл физиологи франсуз Маҷандӣ (1822) ин масъаларо низ ҳамин тавр ҳал намуд ва ба ҳамин хотир ин кашфиёт муаллифи дуномаро гирифт: қонуни Белл-Маҷандӣ.

Иоганес Мюллер (1801-1858) яке аз физиологҳои машҳур ба ҳисоб рафта, ӯро ҳамчун асосгузори физиологияи навин эътироф намудаанд. Дар китоби худ «Дастури физиологияи одам» табиати рефлекторӣ доштани ҳароммағзро таъкид менамояд. Ӯ пешниҳод намуд, ки ҳар як узви ҳиссӣ дорои энергияи хос мебошад. Ин таълимот аз 10 қонун иборат аст. Панҷ узви ҳиссӣ туфайли ин энергия амал мекунад. Яъне, таъсироти берунӣ энергияи узвҳои ҳиссиро озод менамояд, ки он дар узвҳои ҳиссӣ хобидаасту таконро интизор аст. Ин мавқеи илмӣ дар он давра мухолифини худро пайдо намуд.

Вебер Э. Х. (1795-1878)-анатом ва физиологи Донишгоҳи Лейпсиг дар инкишофи физиологияи узвҳои ҳиссӣ саҳми калонро дорад. Ӯ доир ба ломиса тадқиқотҳо бурдааст ва асареро ба номи «Дар бораи ломиса» навиштааст. Ӯ дар эҳсоси пӯстӣ се навъи ҳисро ҷудо намудааст: а) фишор ёҳуд расиш; б) ҳароратӣ; в) локализатсия (маҳдудшавӣ). Барои омӯзиши локализатсия асбоби махсусеро сохт ва онро эстезиометр номид, ки ҳангоми таъсири ду ангеза ба пӯст, агар аз якдигар дар масофае бошанд, гуногун ҳис мешаванд. Ин фарқияти ҳискунӣ дар минтақаҳои гуногуни пӯст ҳар хел сурат мегирад. Ҳамин тавр, қонуни фарқияти ҳассосӣ дар эҳсос ба вуҷуд омад.

Г. Гелмголтс дар физиология ва махсусан дар соҳаи эҳсосу идрок саҳми бузургро гузоштааст. Ӯ дар мақолаи «Ченкунии суръати ҳаяҷони асабӣ» (1850) қайд намудааст, ки суръати паҳншавии ҳаяҷон дар асабҳо тахминан 120

м/сонияро ташкил медиҳад. Гелмголтс Г. соли 1851 асбоберо сохт, ки туфайли он «қаъри чашм» таҳқиқ мегардад ва онро офталмоскоп номид. Ӯ бо таҳқиқи эҳсоси биноӣ машғул шуда, чунин силсилакорҳоро нашр кард. «Оптикаи физиологӣ», «Таълимот дар бораи эҳсоси шунавоӣ» (1863). Дар онҳо тавсифи физикии садо, анатомия ва физиологияи шунавоӣ, назарияи резонансии шунавоӣ дар алоқамандӣ бо масъалаҳои психологӣ таҳлили илмӣ карда мешаванд.

Дар охири асри XIX омӯзиши анатомия ва физиологияи мағзи сар боз ҳам равнақ ёфт. Духтури австриягӣ Ф.А.Галл ба тадқиқи морфологияи мағзи сар пардохт. Ӯ бори аввал нишон дод, ки моддаи хокистарранги қишр ва зерқишри мағзи сарро аз моддаи сафеди мағзи сар бояд фарқ кард. Ӯро тадқиқотҳои дигараш машҳур гардонд ва махсусан френология. Дар соҳаи психология ба назарияи қобилиятҳо такя намуда, пешниҳод кард, ки дар мағзи сар узвҳои ин қобилиятҳо мавҷуданд ва миқдоранд 27-то мебошанд. Ин минтақаҳои қобилият косахонаи сабзида, косахонаи сарро ба шакли дунгию барҷастагиҳо меоваранд, ки аз рӯи онҳо қобилияти инсонро муайян кардан мумкин аст. Френалогияи Ф.Галл ҳарчанд равияи бардурӯғ бошад ҳам, вале шавқу ҳаваси зиёди оламонро ба худ кашида буд.

Минбаъд идеяи локализатсионизм мухолифони худро пайдо кард. Физиологи франсуз, асосгузори физиологияи экспериментолии мағзи сар Пйер Флуранс (1794-1867) зимни тадқиқотҳо муайян намуд. ки баъди чанди гузариши вақт, пас аз нобуд сохтани нимкӯраҳои паррандаҳо рафтори онҳо боз ҳам барқарор мегардад ва ин новобаста аз он аст, ки кадом қисми мағзи сар нобуд карда шудааст. Соли 1861 аз ҷониби анатоми франсуз Брок маркази ҳаракатии образҳои калимаҳо кашф шуд ва ҳамон сол психиатри немис Вернике маркази образҳои сенсории калимаҳоро муайян намуд.

Бояд зикр кард, ки дар баробари методи экспериментали назарияи эволютсионӣ низ ба инкишофи донишҳои психологӣ таъсири худро расонд. Мувофиқи гуфти психологи машҳури рус С.Л. Рубинштейн, ин принсип ба психология аз рӯи ду таъсирбахшӣ ворид гашт: фалсафаи Шеллинг Ф. ва Г. Гегел, ки идеяи инкишоф ва табиатшиносии эволютсиониро пешниҳод намуданд. Сипас, Чарлз Дарвин дар соҳаи биология омӯзишҳоеро ба анҷом расонд. ки онҳо дар заминаи қонунҳои эволютсионӣ баҳодиҳӣ карда мешаванд. Ӯ соли 1859 асареро навишт бо номи «Пайдоиши намудҳо бо роҳи интихоби табиӣ» ва дар он хулоса мебарорад, ки тағйирёбии намудҳо зери қонунҳои эволютсионӣ дар шароити муборизаи моддаҳои органикӣ барои вуҷудияташон ба амал меояд. Ин шарҳи материалистии масъаларо дошт, ки мувофиқи он тадриҷан мутобиқшавии организмро ба табиат ифода менамуд. Қонуни эволютсия дар психология масъалаи муайян кардани қувваҳои ҳаракатдиҳандаи инкишофи психикаро пеш гузашт. Зимни он равияҳои нави тадқиқ дар психология зуҳур карданд, чун омӯзиши психологияи ҳайвонот, психологияи кӯдакон, психологияи халқиятҳо ва ғ.

Нақши муҳимро дар инкишофи донишҳои психологӣ психологияи физиологии В.Вундт (1832-1920) низ бозидааст. Ӯ тадқиқотҳои худро дар соҳаи идрок оғоз намуд ва зимни онҳо китоберо навишт бо номи «Очеркҳои назарияи идрок». В.Вундт соли 1879 дар университети Лейпсиг аввалин лабораторияи психологиро бунёд кард ва ду сол пас (1881) дар заминаи он Институти психологияи экспериментaлиро таъсис дод, ки он ба маркази умумиҷаҳонии тайёр кардани психологҳои ҷаҳонӣ табдил ёфт. В.Вундт психологияро ҳамчун илм дар бораи таҷриба баҳо медиҳад ва объекташро шуур медонад. Ӯ экспериментро методи асосии тадқиқоти психологӣ мешуморад. В. Вундт қайд мекунад, ки на ҳамаи ҳодисаҳои психикӣ ба эксперимент дода мешаванд. Эксперимент дар доираи пратсессҳои оддитарини психикӣ-эҳсос,

идрок, тасаввурот, вақти реаксия, ассотсиатсияҳои оддӣ ва ҳискунӣ мақбул аст. Функсияҳои олии психикӣ ва инкишофи психикӣ дигар методҳоро талаб мекунад ва яке аз онҳо таҳлили маҳсули рӯҳияи инсон ба шумор меравад, ки он дар натиҷаи муошарати одамони зиёд ба амал меояд. Ин қисматро психологияи халқҳо номид. Ӯ ба таъсиси аввалин маҷаллаи махсуси «Тадқиқотҳои психологӣ» асос гузошт.

Дар баробари В.Вундт дар Русия бо барномаи илмии худ физиолог И.М.Сеченов (1829-1905) баромад кард. Ӯ ба масъалаи психика ва вазифаҳои асосии психология бо тасаввуротҳои нав наздик шуд. Асарҳои машҳури психологии И.М.Сеченов инҳоанд: «Рефлексҳои майнаи сар» (1863); «Психологияро чӣ тавр бояд коркард намуд» (1873); «Таассурот ва воқеият» (1880); «Афкори предметӣ ва воқеият» (1883). И.М.Сеченов дар китоби худ «Рефлексҳои майнаи сар» қайд мекунад, ки донишҳои физиологӣ дар ҳалли масъалаҳои психологӣ нақши муҳим мебозанд. Ӯ назарияи рефлекториро дар шарҳи ҳодисаҳои психикӣ тавсия намуд. Мувофиқи ақидаи И.М.Сеченов, қобилияти идроккунӣ дар асоси рефлексҳо туфайли чунин зинаҳо ба амал меояд: таъсири берунӣ – гузариш ба фаъолияти марказӣ – амали ҷавобӣ (ҳаракат, рафтор,нутқ).Ҳамин тавр ба хулоса меояд, ки сабаби аввалини ҳаргуна рафтор аз ҳаяҷони берунии ҳиссӣ вобаста аст.

И.М.Сеченов дар бобати предмети психология қайд мекунад, ки ин таълимот доир ба пайдоиши фаъолиятҳои психикӣ мебошад. Ӯ ба бемаҳсулии методи интроспексия эътибор дода, идеяи муносибати генетикиро дар психология тарғиб менамояд. Мушоҳида намудани кӯдак аз овони тавлид, муносибати ӯ дар давраҳои гуногуни синнусолӣ бо муҳити беруна – асоси инкишофи психикии ӯ ба шумор меравад. И.М.Сеченов ва таълимоти ӯ таъсири мусбатро дар инкишофи психологияи ҷаҳонӣ низ гузоштааст.

Муборизаҳои фикрӣ дар психология

Предмет, метод ва вазифаҳои психология дар давраи аввали мустақилшавии он ба дигаргуниҳои зиёде дучор омад. Анъанаҳои В.Вундтро психологи америкоӣ Э.Титченер давом дод. Ӯ дар университети Корнели ИМА кор мекард. Ӯ чун В.Вундт предмети психологияро дар таҷрибаи бевосита медид. Номи равияи илмии Э.Титченер психологияи структурӣ буд, ки бархилофи психологияи функционалӣ амал мекард. Мувофиқи андешаи ӯ, психология бояд структураро, яъне материяи шуурро ҳамчун маҷмӯи унсурҳои алоҳида омӯзад, ки ба таҳлил дода намешаванд. Шуур олами махсуси ботинӣ буда, ба он танҳо бо методи интроспексияи аналитикӣ ворид шудан мумкин аст. Э.Титченер ба сифати унсурҳои аввалини шуур чунин ҳодисаҳоро ҷудо менамояд: эҳсос, образҳо ва ҳиссиёт. Эҳсос дорои сифат, интенсивӣ, аниқию равшанӣ ва дарозмуддатӣ мебошад ва ниҳоят онҳо унсурҳои идрокро низ ташкил медиҳанд. Образҳо – ин соя, осори эҳсосҳои пешинаанд. Онҳо унсурҳои муҳими тасаввуроти хотир ва хаёл мебошанд. Ҳиссиёт – ин муҳаббат ва нафрат, шодӣ ва ғам аст, ки дорои сифат, интенсивӣ ва дарозмуддатӣ аст. Онҳо унсурҳои ҳаракатҳои рӯҳӣ ба ҳисоб мераванд. Вазифаи психолог аз он иборат аст, ки ин унсурҳоро бо воситаи эксперимент тадқиқ кунад, зеро он маълумотҳои методи худмушоҳидакуниро равшан менамояд.

Файласуф ва психологи австриягӣ Ф.Брентано (1838-1917) барномаеро пешниҳод намуд, ки ба психологияи ассотсиативӣ муқобил буд. Дар китоби худ «Психология аз нуқтаи назари эмпирикӣ» (1874) меоварад, ки предмети психология бояд шуур бошад. Ба қавли ӯ, соҳаи психологияро на мазмуну мундараҷаи шуур (эҳсос, идрок, фикр, ҳиссиёт), балки амалҳои психикии он ташкил медиҳанд, аз қабили дидан, шунидан, муҳокима намудан ва ғ. Ин амалҳо бевосита мазмуни шуурро ошкор месозанд.

Амалҳо он вақт бемаъноанд, ки агар ба объект равона нашаванд. Аз ин хотир, тавсифдиҳандаи асосии ин амалҳо равияи предметӣ доштани онҳо маҳсуб меёбад. Брентано Ф. се масъалаи асосиро дар психологияи шуур муҳим донистааст: предметӣ будан, фаъолӣ ва ягонагӣ. Махсусияти ҳодисаҳои психикиро ҳамин чиҳатҳо тавсиф медиҳанд.

Муборизаҳои фикрие, ки дар доираи масъалаи шуур ба амал омада буданд, нишон доданд, ки ҳамаи онҳо муносибати яктарафа зоҳир намудаанд ва аз ин хотир моҳияти онро ба таври комил ошкор карда натавонистаанд. Ин аст. ки дар ибтидои асри XX психология ба бӯҳрони кушод гирифтор шуд.

Психология дар Русияи тоинқилобӣ табиати идеалистиро дошт ва он дар донишгоҳҳо таълим дода мешуд. Афкори психологӣ дар саҳифаҳои маҷаллаи махсуси «Масъалаҳои фалсафӣ ва психологӣ» инъикоси худро пайдо менамуданд.

Яке аз психологҳои варзида А.М.Введенский (1856-1925) буд. Ба андешаи ӯ, психология бояд ҳодисаҳои рӯҳиро, на масъалаҳои фалсафӣ – метафизикиро омӯзад. Вазифаи он тадқиқи таркиби ҳар як ҳодисаи психикӣ ва ба ҳам таъсиррасонии онҳо мебошад, ба монанди таъсири хотир ба тафаккур, тафаккур ба ирода ва ғайра. Ӯ дар чунин ақида аст, ки психика ҳеҷ гуна ифодаи моддии худро надорад, ҳодисаҳои психикӣ набояд дар алоқамандӣ бо муҳити берунӣ омӯхта шаванд. Ин дар мавқеи идеалистӣ будани ӯро ифода менамуд. Ӯ интроспексияро методи асосии тадқиқи ҳодисаҳои психикӣ шуморида аст.

Равияи материалистиро дар психология пайравони И.М.Сеченов (В.М.Бехтерев, Н.Н.Ланге, И.П.Павлов) давом доданд. И.П.Павлов (1849-1936) пеш аз ҳама тарғибгари андешаҳои устодаш буд. Ӯ ҳарчанд консепсияи шахсии психологиро надошта бошад ҳам, вале дар ташаккулу инкишофи донишҳои психологӣ нақши бузург бозидааст. Муроҷиати аввалини И.П.Павлов ба психология алоқаманд бо омӯзиши кори узвҳои ҳозима буд. Маълум

намуд, ки кори узвҳои ҳозима ҳам аз омилҳои физиологӣ ва ҳам психологӣ вобаста аст. Ин андешаи илмӣ ба тадқиқу пайдоиши рефлексҳои шартӣ асос гузошт. Ӯ алоқаҳои шартӣ-рефлекториро таҳқиқ намуд. Ангезаҳои шартӣ моҳияти сигналиро доранд ва онҳо сигналҳои ангезаҳои берунаанд.

И.П.Павлов хусусиятҳои фаъолияти олии асаби инсонро тадқиқ намуда, таълимотро дар бораи системаи сигналии дуюм кор карда баромад. Ӯ воқеияти олами объективиро эътироф мекард. Ин буд як навъ заминаи муҳими илмӣ ба механизмҳои фаъолияти олии асаб.

И.П.Павлов ҳамеша аз дастовардҳои илми психология рӯҳбаланд мешуд ва махсусан аз кушодашавии Институти психология дар Москва (5.04.1914). Психологи машҳури рус Б.М.Теплов таълимоти И.П.Павловро ба таври эҷодӣ дар таҳқиқи масъалаи фарқиятҳои фардии инсон васеъ истифода бурдааст.

Гузориши қадамҳои аввалини мустақилияти психология ба инкишофи тадқиқотҳои экспериментали имкониятҳои васеъ фароҳам овард. Дар бисёр мамолик лабораторияҳои илмӣ ва донишкадаҳои илмӣ-тадқиқотӣ кушода шуданд, ки фаъолияташон хусусияти амалиро доштанд. Солҳои 80-уми асри XIX бештари тадқиқотҳо ба омӯзиши функсияҳои олии психика равона шуда буданд.

Психологи немис Герман Эббингауз (1850-1909) ба ин кор оғоз бахшид. Ӯ доир ба хотир тадқиқотҳои зиёде гузаронида аст. Тамоми натиҷаҳои тадқиқотро дар китоби худ «Дар бораи хотир» (1885) оварда, баҳои илмӣ дода аст. Г.Эббингауз аз доираи эксперименти физиологии Вундтовӣ баромада, қонунҳои хотирро дар асоси экспериментҳои психологӣ ба роҳ монда буд. Ӯ хотирро ҳамчун протсесси механикии ташкили осору нақшҳо медонист. Аз ин рӯ, озмудашаванда барои пайдошавии осори нав бояд масъалаҳои методии навро ҳал намояд ва барои ин маводеро ёфтан зарур аст, ки озмудашаванда бо он шинос набуда, ҳеҷ гуна алоқамандие низ бо гузаштаи ӯ надошта

бошад. Г.Эббунгауз ба сифати чунин мавод ҳичоҳои бемаъноро интихоб мекард. Ӯ ду методи тадқиқи хотирро интихоб кард: азёдкунӣ ва нигоҳдорӣ. Тартиби азёдкунӣ: ба озмудашаванда ҳиҷоҳои бемаъно пешниҳод мешуданд ва ӯ онҳоро бо роҳи такрор то дурусту бехато аз нав ҳосил кардан азёд мекард. Нишондиҳандаи суръати азёдкунӣ ва сифати он миқдори такроркунӣ ба шумор меравад. Методи нигоҳдорӣ ба чунин савол ҷавоб медиҳад: Оё дуруст аст, ки агар озмудашаванда маводи азёдшударо дуруст аз нав ҳосил карда натавонад, пас ӯ пурра онро фаромӯш кардааст? Агар мавод комилан фаромӯш мешуд, он боз барои бахотиргирӣ пешниҳод мегардад. Маълум мешавад, ки азёдкунӣ аз такрори ба вақт тақсимшуда вобаста аст. Г.Эббингауз зимни тадқиқотҳояш нишон дод, ки барои ба хотир гирифтани 12 ҳиҷои аз маъно маҳрумбудаи сунъӣ, ба ҳисоби миёна 16,5 такрор ва барои 36 ҳиҷо 54 такрор зарур аст. Масалан, агар мавод 30 такрорро талаб кунад, ба мақсад мувофиқ аст, ки онро дар муддати 3 рӯз бо даҳ маротибагӣ такрор кунад, нисбат ба он ки 30 бор дар як рӯз. Ӯ инчунин муқаррар кард, ки ҳамин ки мавод пурра азёд карда шуд, барои фаромӯш нашуданаш боз ба он бояд баргашт: яъне, на танҳо азёдкунӣ, балки азназёдкунии он зарур аст. Хулосаҳо ва тавсияҳои илмии Г.Эббингауз аҳамияти ҳам назариявӣ ва ҳам амалиро соҳибанд.

Тадқиқи хотирро психологи дигари немис Г.Э.Мюллер давом дод ва китоби сеҷилдаро доир ба он бо номи «Доир ба таҳқиқи хотир ва тасаввурот» (1911, 1913, 1917) нашр кард. Ӯ ба хулоса омад, ки хотир қобилияти механикӣ нест, балки он зимни мақсадгузориҳо ба амал меояд. Фаъолияти пурмазмуну бомаъно бо матнҳо бахотиргириро таъмин менамояд. Мюллер Г.Э. ва М.Калкинс дар лабораторияи илмиашон методи «ассотсиатсияи ҷуфтӣ»-ро кор карда баромаданд ва туфайли он ба натиҷаҳои судманд ноил гаштанд.

Психологияи экспериментaлиро дар Амрико В.Ҷемс, Г.Ст.Холл ва Ҷ.Кеттел васеъ ба роҳ монданд. Э.Торндайк, Д.Дюи доир ба соҳаи зоопсихология тадқиқотҳои муҳим намудаанд. Онҳо равияи нави илмии «ёддиҳӣ»-ро кор карда баромаданд, ки тавассуташ шарҳи сабабии рафтори инсону ҳайвон карда мешуд. Методи асосии тадқиқотии он «Қуттии проблемавӣ» буд. Э.Торндайк туфайли қонунҳои ёддиҳӣ ва машқ дар ҳайвонот рафторҳои нав ба навро ташаккул медод. Дар асоси ин таҷрибаҳо китоби «Ақли ҳайвонот» ва «Тадқиқи протсессҳои ассотсиативӣ дар ҳайвонот» (1898)-ро навишт.

Г.Ст-Холл соли 1892 Ассотсиатсияи психологҳои америкоиро таъсис дод ва худи ӯ Президенти он интихоб гардид. Бо даъвати ӯ Зигмунд Фрейд дар университети Кларк 5 лексия доир ба психоанализ хонд ва ба ҳамин васила ин равия дар Амрико низ паҳн гардид. Ҷ.Кеттел психологе ба шумор мерафт, ки зимни тадқиқи қобилиятҳои ақлии донишҷӯён супоришҳоеро кор карда бароварда ва онҳо номи «тест»-ро гирифтанд. Ин тестҳо барои санҷиши қувваи мушакҳо, суръати ҳаракат, ҳассосӣ, тезии бинниш ва шунавоӣ, тафриқаи вазн, реаксияи шахс ва хотир муҳим буданд. Ф.Парсонс соли 1908 дар Бостон бюрои психологиро ташкил дод ва дар он бо наврасон дар масъалаи касбинтихобкунӣ машваратҳо гузаронида мешуданд. Интихоби коргарон ва хизматчиён дар корхонаҳо зимни омӯзишҳои психологӣ ба роҳ монда мешуд. Ҳамин тариқ, психологияи амалӣ рӯ ба инкишоф ниҳод.

Виготский Л.С.
(1896 - 1934)

Дар ташаккул ва инкишофи донишҳои психологӣ ва мустақимиятро ба даст овардани психология нақши психологияи давраи шӯравӣ низ баланд буд. Азнавсозии психология зимни асосҳои назарияи марксистӣ – ленинӣ ба роҳ монда шуда

буд. Яъне, тасаввуротҳои илмии фалсафӣ ва муносибати илмии диалектикию материалистӣ зоҳир намудан ба психика ҳамчун хосияти мағзи сар – асоси илмии психологияи навбунёд ҳисобида мешуд. Солҳои 20-уми асри XX осори психологии варзидаи ҷаҳонӣ З.Фрейд, А.Адлер, К.Юнг, В.Кёлер, К.Кофман, Э.Торндайк, Ж.Пиаже, Э.Кречмер ва диарон) тарҷума шуданд. Барномаҳои илмии П.П.Блонский, К.Н.Корнилов, Л.С.Виготский, М.Я.Басов, С.Л.Рубинштейн, С.Г.Геллерштейн ва дигарон дар азнавсозии психология назаррас буданд. П.П.Блонский ва М.Я.Басов предмети психологияро дар категорияи рафтор медиданд. Онҳо зидди биологишавии психикаи инсон баромад менамуданд. М.Я.Басов пешниҳод намуд, ки фаъолият бояд яке аз масъалаҳои тадқиқотии илми психология ба ҳисоб равад. Л.С.Виготский, С.Л.Рубинштейн ва А.Н. Леонтев пеш аз ҳама ин андешаро дастгирӣ намуданд. Л.С.Виготский (1896-1934) қонунияти инкишофи функсияҳои олии психикаро муайян кард. Ба андешаи ӯ, муошират кӯдак бо калонсолон шарти аосии инкишофи психика мебошад. Ӯ дар китоби худ «Функсияҳои олии психика» ду дараҷаи инкишофи психикаро муайян намудааст: а) дараҷаи актуалии инкишофи психика ва б) минтақаи наздиктарини инкишофи психика. Ҳардуи ин дараҷа мантиқан пай дар пай зоҳир мешаванд. Ин дараҷаҳо имконият медиҳанд, ки мураббӣ ва муаллим методу усули корбариро ба хонандагон муайян кунаду рафти инкишофи психикии онҳоро пешбинӣ намоянд.

Назарияи илмии Л.С.Виготский доир ба қонуниятҳои инкишофи психикӣ дар ҳамагуна давру замон татбиқшавандаанд. С.Л.Рубинштейн (1889-1960) давомдиҳандаи таълимоти илмии М.Я.Басов (1892-1931) буд. Ӯро асари безаволаш «Асосҳои психологияи умумӣ» (1940) машҳур гардонд. Асоси асари ӯро принсипи «ягонагии шуур ва фаъолият» ташкил дода буд.

С.Л.Рубинштейн дар баробари таҳқиқ намудани сохти фаъолият, инчунин дар бобати предмети психология андешаронӣ карда, кӯшиш намуд, ки шуурро бо протсесси фаъолият пайваст намояд. Шуур, аз назари С.Л.Рубинштейн, дорои табиати иҷтимоӣ буда, бо муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян карда мешавад. Модом ки ин муносибатҳо аз як давру замон то замони дигар тағйир меёбанд, пас шуур ифодакунандаи маҳсул ва натиҷаҳои таърихан тағйирёбанда аст.

А.Н.Леонтев (1903-1979) психологи варзидаи даврони шӯравӣ буда, қайд мекунад, ки ҳамаи ҳодисаҳои рӯйдиҳанда дар соҳаи психикаи инсон туфайли фаъолият ба амал меоянд. Ӯ муайян намуд, ки фаъолият дорои сохти муайян аст ва аз чунин қисматҳо таркиб ёфтааст: маром, мақсад ва амал. Ин қисматҳои таркибӣ имконият медиҳанд, ки шахс ба мақсади фаъолияташ танҳо зимни маром ва амали мувофиқи интихобшуда расида метавонаду халос.

Леонтев А.Н.
(1903 - 1979)

Сазовор ба зикр аст, ки дар инкишофи донишҳои психологӣ психологҳо К.Н.Корнилов, Б.Г.Ананев, А.В.Запорожетс, А.Р.Лурия, А.Н.Смирнов, Б.М.Теплов, Д.Н.Узнадзе ва дар нимаи дуюми асри XX Д.Б.Элконин, В.В.Давидов, Г.С.Костюк, Б.Ф.Ломов. В.П.Зинченко, М.Г.Ярошевский, А.Пуни, П.А.Рудик, В.Н.Мясищев ва дигарон саҳми арзанда гузоштаанд.

Равияҳои асосии илмии психологӣ

Психология солҳои 10-уми асри XX ба бӯҳрони кушод гирифтор гардид. Ба қавли Л.С.Виготский, ин бӯҳрони методологӣ буд, ки назарияҳои нав ба навро чӣ дар хориҷа ва чӣ дар Русия ба вуҷуд оварданд. Бӯҳрон дар психология инчунин бо тараққиёти иқтисодиёти

ҷаҳонӣ алоқаманд буд. Дар ҳамин давраи бӯҳронӣ равияҳои бонуфузи илмӣ пайдо шуданд, ки онҳоро дида мебароем.

Бихевиоризм. Ин равия дар Амрико зуҳур карда, амали ҷавобӣ ба структурализми В.Вундт, Э.Титченер ва функсионализми америкоӣ буд. Асосгузори он Ҷ.Уотсон (1878-1958) ба ҳисоб мерафт. Ӯ соли 1913 мақолаеро навишт бо номи «Психология аз нуқтаи назари бихеовиорист» ва ин ба муаррифӣ намудани моҳияти ин равия асос гузошт. Ҷ.Уотсон психологияро барои субъективизмаш зери танқид гирифт. Ба қавли ӯ, шуур бо воҳиду унсурҳояш ва ифодаҳои номуайяннаш амалан бефоида аст. Предмети психология бояд рафтор бошад. Ба андешаи ӯ, «бихевиоризм бояд лабораторияи ҷамъият шавад».

Рафтори инсон ҳамчун предмети бихевиоризм - ин ҳамагуна кирдорҳо, суханҳо, чӣ модарзодӣ ва чӣ ҳосилшуда мебошанд, ки аз даврони тавлид то ба марг иҷро мешаванд. Рафтор – ин ҳар гуна реаксия (R) ба ангезаҳои берунӣ (S) мебошад, ки шахс туфайли он ба муҳит мутобиқ мешавад. Шахс зери ин формула метавонад муайян кунад, ки реаксия ба ангеза ва баръакс чӣ гуна ба амал меояд. Уотсон Ҷ. реаксияҳоро ба модарзодӣ ва бадастовардашуда ҷудо мекунад. Асосан рафтор натиҷаи омӯзиш аст ва мегӯяд: « Ба ман дюжинаи кӯдакони солиму бардамро диҳед ва ман аз рӯи интихоби худам аз онҳо духтур, бозаргон, ҳуқуқшинос ва ҳатто камбағалу дуздро тайёр мекунам ва ин новобаста аз истеъдод, майлҳо, касбҳо, нажодҳои пешинаи онҳо сурат мегирад». Аз ин рӯ, малака ва ёддиҳӣ масъалаи асосии бихевиорист ба шумор мераванд. Рафти ҳосилшавии малака дар ин равияи илмӣ ба таври механикӣ фаҳмида мешавад. Малакаҳо бо роҳи кӯр-кӯронаи санҷишу хато ҳосил мешаванд ва протсесси идоранашавандаро мемонанд.

Назарияи бихевиоризмро Бурхус Скиннер (1904-1990) тақвият бахшид. Ӯ рефлекси шартиро реаксияи оперантӣ номид. Агар дар таълимоти И.П.Павлов реаксияи

нав ҳангоми амали ҷавобӣ додан ба сигнали шартӣ (масалан, пеш аз хӯрокдиҳӣ садои метроном дода мешавад ва ғ.) ҳосил шавад, он гоҳ дар назарияи Скиннер Б. организм аввал ҳаракатеро содир менамояд ва сипас он мустаҳкам карда мешавад. Ӯ барои гузаронидани таҷрибаҳо қуттии экспериментaлиро сохт. Тадқиқотҳои Скиннер донишҳоро дар бораи роҳҳои ташаккули малака ва мустаҳкамкунии он, инчунин оид ба рафти гузариш аз як шакли рафтор ба дигараш васеъ намуд. Протсесси ҳосилшавии малакаҳо бо роҳи бихевиоризми оперантӣ нишон медиҳад, ки мутаассифона шуур ҳамчун танзимгари ботинии рафтор амал намекунад.

Пайравони Скиннер Б. техникаи ташаккулдиҳии реаксияҳои оперантиро дар рафти таълиму тарбияи кӯдакон ва ҳангоми табобати бемориҳои асабӣ истифода мебурданд. Умуман, бихевиористон гумон доштанд, ки ба василаи формулаи «ангеза – реаксия» метавон навъи нави инсонро ташаккул дод ва ин ба ҷуз хаёли хом чизи дигаре набуд.

Психологияи гештaлтӣ. Гештaлт калимаи немисӣ буда, маънои образ ва сохторро дорад. Психологияи гештaлтӣ ҳамчун равияи илмии давраи бӯҳрони кушод, ибтидои асри XX дар Германия ба вуҷуд омадааст. Таълифоти М.Вертгеймер (1880-1944), В.Кёллер (1887-1967) ва К.Коффка (1886-1941) асоси назариявии ин равия мебошанд. Ин мактаби психологӣ аз ҳар ҷиҳат ба бихевиоризм муқобил буд. Ба ақидаи намояндагони ин равия, сохтори шуур, вазъият, образи идрок ҷамъи унсурҳои алоҳида намебошанд, ки куллро ифода намоянд. Баръакс, кулл хусусиятҳои сифатии унсурҳои алоҳидаро муайян мекунад. Таҷрибаҳое, ки дар соҳаи идрок гузаронида шуданд, муайян карданд, ки идрок сифатан аз эҳсос фарқ мекунад ва ҷамъи эҳсосҳо намебошад. Дар робита бо ин, Х.Эренфелс дар мақолаи худ «Андар боби шакл» ишора мекунад, ки гештaлти квадрат новобаста аз андоза, мавқеъ, ранги унсурҳои он нигоҳ дошта мешавад.

Келлер В. дар китоби худ «Структураҳои физикӣ дар оромӣ ва ҳолати статсионарӣ» (1920) меоварад, ки олами физикӣ чун психологӣ ба гешталтҳо тобеанд. Ҳама чиз мувофиқи принсипи гешталт бояд баҳо дода шавад. Олами психологии кӯдак низ гешталтӣ кунонида шудааст ва унсурҳои таркибии он новобаста аз якдигар вуҷуд доранду бо ҳам алоқаманд нестанд. Онҳо баробари инкишофёбӣ байни худ робита пайдо мекунанд.

Камбудии тадқиқотҳои экспериментали психологияи гешталтӣ дар он аст, ки намояндагони он нақши шароитҳои воқеиро дар пайдоиши образҳо рад намуда, алоқамандии мазмуну мундариҷаи идрокро бо олами беруна низ инкор мекарданд. Онҳо принсипи ассотсиатсияро дар психология зери шубҳа гирифтанд. Ҷанбаи синтетикӣ (таркибӣ) бар аналитикӣ (таҳлилӣ) бартарӣ дорад. Онҳо бо ҷудонамоии амали таҳлил ва таркиб, соддаро аз мураккаб канда монданд. Дар заминаи ин, баъзе олимон эҳсосро ҳамчун протсесси психикӣ эътироф намекардагӣ шуданд.

Психологияи гешталтиро тадқиқи протсессҳои идрок ва тафаккури эҷодии самарабахш ба худ ҷалб карда буд. Аз ин рӯ, тадқиқи тафаккури эҷодӣ яке аз масъалаҳои асосӣ шуда мемонад.

Психологияи амиқ. Ин равияи нави психология новобастагии психикиро аз шуур исбот карданӣ мешавад ва барои ин тадқиқотҳои зиёдеро гузарониданд. Ҷараёни марказии психологияи амиқ-психоанализи психиатри австриягӣ Зигмунд Фрейд (1856 – 1939) буд. Ба он психологияи индивидуалии А.Адлер ва психологияи аналитикии К.Г.Юнг низ дохил мешаванд. Ба ақидаи онҳо, психика берун аз шуур вуҷуд дорад ва психикаи бешуурӣ предмети психологияи амиқ бояд бошад.



Зигмунд Фрейд (1856 – 1939)

Психоанализи З.Фрейд дар зери таъсири шароитҳои сиёсӣ ва иҷти-

моии Австрия ба вуҷуд омадааст. Инсон, мувофиқи ин равия, зери инстинктҳои шаҳвонӣ ва туфайли бешуурии протсессҳои психикӣ дар чунин ҳолат қарор меёбад, ки Ман дар ӯ «хӯчаин дар хонаи худ нест». Психоанализ ҳамчун шакли нави табобати беморон ва усули тадқиқот дониста шудааст. Мағзи психоанализро омӯзиши бешуурӣ ташкил медиҳад. Номгӯи асарҳои таълифкардаи З.Фрейд фаъолияти илмӣ-тадқиқотии ӯро тавсиф медиҳанд ва онҳо: «Шарҳдиҳии хобҳо»(1900), «Психопаталогияи ҳаёти муқаррарӣ» (1904), «Зудақлӣ ва муносибати он ба бешуурӣ» (1905), «Се очерк доир ба шаҳвоният» (1905), «Порае аз таҳлили истерия» (1905) ва ғ. Аҳамияти хосро асари «Шарҳдиҳии хобҳо» соҳииб аст, ки дар он ҳаёти рӯҳӣ ҳамчун доробуда бо сохти амиқ тавсиф дода мешавад. Дар он се дараҷа таъкид мегардад: шуурона, тошуурӣ ва бешуурӣ. Шуурона хосияти ҳаяҷониро дорад. Тошуурӣ – ин бешуурии пӯшида (латентӣ) аст ва ин бешуурӣ қобилияти ба шуур ворид шуданро дорад. Бешуурӣ – ин психикаи танг карда баровардаи бешуурӣ аст, ки қобилияти ба шуур ворид шуданро надорад. Вай ҳодисаҳоеро дида мебарояд, ки ба назорати шуур дода намешаванд, ба монанди фаромӯшкунӣ, хоббинӣ, хатоҳо ва ғ. Инҳо зуҳуроти бешуурӣ буда, сабабҳои сар заданашонро бояд омӯхт. Ҳамин тавр, З.Фрейд се унсурро барои равшан кардани сарчашмаи фаъолии шахс истифода бурдааст: ВАЙ – майлҳои ҷинсӣ, МАН – шуур ва аз МАН боло – виҷдон. Таносуби ин унсурҳо ҳолатҳои гуногунро дар инсон ба вуҷуд меоварад. З.Фрейд аз байни ин унсурҳо майлҳои ҷинсӣ – шаҳвониро ҳамчун қувваи асосии ҳаракатдиҳанда дониста аст, ки тамоми фаъолияти психикии инсонро идора мекунад.

Ҳамин тариқ, ба таври пурра ҷудо намудани шахс аз шароитҳои иҷтимоии ташаккули ӯ, афзалият ва бартарӣ додан ба унсури бешуурӣ ва биологӣ – ин аст моҳияти назарияи психоанализ.

А. Адлер (1870-1937) духтури чашм буд ва дар соҳаи психиатрия кору фаъолият намудааст. Ӯ «Шарҳдиҳии хобҳо»-и З.Фрейдро дастгирӣ менамояд, вале дар масъалаи этиологияи шаҳвонии бемориҳои асаб байнашон ихтилоф ба амал омада буд. Мувофиқи ақидаи А.Адлер, на майлҳои шаҳвонӣ, балки ҳисси норасоию номукаммалӣ ва зарурати пурра кардани ин норасоӣ сабаби фаъолии шахс мебошад. Ҳисси норасоӣ ҳисси манфӣ ва пассив набуда, балки водоркунанда ба инкишофи психикӣ аст. Ин ҳиссиётҳо аз тарбия вобаста аст. Агар шахсияти инсон комилу пурра бошад, пас тарбия онро ба ин дараҷа оварда аст. Аз ин хотир, тарбия муносибати индивидуалиро (фардиро) талаб мекунад.

К.Г.Юнг (1875-1961) хатмкунандаи университети шаҳри Базел буда, асосгузори равияи аналитикӣ ба шумор меравад. Принсипҳои психоанализро васеъ истифода бурдааст ва дар баробари ин, методи ассотсиатсияҳои назораткунандаро кор кардааст. Ӯ дар масъалаи майлҳои шаҳвонӣ бо З.Фрейд дар ихтилоф буд. Мувофиқи К.Юнг, либидо – энергияи психикие мебошад, ки бошиддатии рафти ҳаётро ифода намуда, шаклҳои гуногуни зуҳуротро дорад ва яке аз онҳо соҳаи шаҳвоният аст. К.Юнг психологияи аналитикиро пеш бурд. Асоси ин равияро тадқиқи бешуурӣ ва рафти инкишофи шахс ташкил медиҳад. Психикаро ба бошуурӣ ва бешуурӣ ҷудо намуд. Дар навбати худ, бешуурро ба шахсӣ ва коллективӣ ҷудо кард. Бешуурии шахсӣ – ин қабати болоии психика аст, ки он бо таҷрибаи фардии инсон алоқаманд аст: ёддоштҳои фаромӯшшуда, майлу импулсҳои берункардашуда, таассуротҳои осебовари фаромӯшшуда ва ғ. Инҳо аз таърихи шахсии фард вобаста аст. Мазмуни онҳо дар хобҳо ва фантазияҳо зоҳир мешаванд. Бешуурии коллективона – ин психикаи болошахси бешуурӣ буда, ба он инстинктҳо ва майлҳо дохил шуда, мавҷудияти табиии инсонро ифода мекунанд.

Шуури коллективона – ин психикаи қадимӣ аст ва моҳияти он аз инкишоф ва шуури шахс новобаста аст. Он эътиқодҳои миллӣ, нажодӣ, ривоятҳо, хурофотҳо ва баъзе ирсиятҳое мебошанд, ки инсон аз ҳайвонот гирифтааст. Инстинктҳо ва архетипҳо – танзимгари ҳаёти рӯҳӣ мебошанд. Агар инстинктҳо рафтори махсуси шахсро муайян кунанд, он гоҳ архетипҳо ба рафтор мазмуни шуурона доштанро медиҳанд. Архетипҳо дар шакли образҳо ва рамзҳо вуҷуд доранд ва дар қабатҳои амиқи бешуурӣ ҷойгир шудаанд. Юнг К. рафти ташаккули шахсро индивидуатсия номид. Мақсади ӯ мувозинатро дар шахсияти инсон ба вуҷуд овардан буд ва байни бешуурию бошуурӣ алоқамандӣ мечӯяд. Ин, дар ниҳоят, ба инкишофи шахс имконият медиҳад.

Психологияи когнитивӣ. Дар охири солҳои 50-ум ва ибтидои солҳои 60-ум равияҳои илмии зиёде дар даврае бӯҳрони кушод ба вуҷуд омаданд ва бо сабаби ихтилофҳои байниҳамӣ эътиборашон паст шудан гирифт. Ба ҷои онҳо равияҳои нав пайдо мешуданд ва диққати психологҳои ҷаҳонро ба худ ҷалб менамуданд. Яке аз онҳо психологияи когнитивӣ ба ҳисоб мерафт.

Психологияи когнитивӣ солҳои 60-уми асри XX дар ИМА пайдо шуд ва ба муқобили бихевиоризм равона шуда буд. Намояндагони он (Ҷ.Брунер, Г.Сайман, П.Линдсей, Д.Норман, А.Эллис, Л.Фестингер, У.Найсер, Д.Бродбент, А.Пайвио, А.Бек ва ғ.) таъкид менамуданд, ки ба сохтори шахс бояд унсурҳои когнитивӣ низ дохил карда шаванд. Мафҳуми когнитивӣ аз калимаи лотинӣ «когнито» гирифта шудааст ва маънои донишу маърифатро дорад. Пас, ин равия ба тадқиқи протсессҳои маърифатӣ эътибори ҷиддӣ медиҳад. Протсессҳои маърифатӣ воқеианд ва онҳоро фаҳмидану омӯхтан имконпазир аст, мегӯяд яке аз намояндагони он У.Найсер.

Ба ташаккули психологияи когнитивӣ равияи психологияи гештолтӣ, корҳои илмии психолог Ф.Бартлетта доир ба хотир ва тафаккур, психологияи генетикии

Ж.Пиаже ва осори Ҷ.Гипсон дар бораи идрок таъсири судманд бахшидаанд. Соҳаҳои асосии тадқиқот дар психологияи когнитивӣ инҳоанд: хотир, ҷанбаҳои психологии забон ва нутқ, диққат, хаёл ва ғ. Ин равия рафтори инсонро дар асоси дониш ва қобилиятҳои маърифатии ӯ шарҳ медиҳанд.

Намояндагони он дар тафовут бо бихевиоризм таъкид мекунанд, ки инсон – ин машина нест, ки ба ангезаҳои берунӣ кӯр-кӯрона ва бо таври механикӣ эътибор диҳад. Баръакс, инсон ба фазли ақлу хирадаш метавонад маълумотҳои воридшударо таҳлил кунад, муқоиса намояд ва ба қароре ояд. Ҳамин тариқ, психологияи когнитивӣ таъсири протсессҳои интеллектуалӣ ва фикриро ба рафтори одам ба таври махсус таъкид менамояд.

Психологияи гуманистӣ. Ин равия солҳои 60-уми асри XX зуҳур кард ва намояндагони машҳури он пеш аз ҳама психологҳои америкоӣ К.Роджерс ва А.Маслоу буданд. Онҳо камбудиҳои равияҳои бихевиоризм ва психоанализро ошкору ислоҳ намуданд. Ба ақидаи психологҳои ин равия, бояд ба инсон, ба ҳуқуқу озодиҳои ӯ ҳамчун арзишҳои олӣ муносибати гуманистӣ (инсондӯстӣ, башардӯстона) зоҳир намуд. Аз ин хотир, психологияи манфиатбахшро барои ҳаёти инсон бояд ташаккул дод. Психологияи когнитивӣ чунин арзишҳоро талқин менамоянд: муҳаббат, сабзиш, қонеъгардии талаботҳои шахс, худмуайянкунӣ, арзишҳои олӣ, ташаккулёбӣ, бозӣ, ҳачв, маъно, ҳақнигорӣ, солимии психикӣ ва ғ.

Саҳми асосиро дар ташаккули психологияи гуманистӣ К.Рджерс (1902-1987) гузоштааст. Ба қавли ӯ, психология бояд дар хизмати инсон бошад ва муаммоҳои ӯро ҳал намояд. Методҳои асосии психологияи гуманистӣ муоинаи клиникӣ (А.Маслоу), мушоҳида, санъати шарҳдиҳии олами ботинии одами дигар ва методи тарҷумаиҳолӣ (Ш.Бюллер) мебошанд, ки бо методҳои экспериментӣ муқобил гузошта мешаванд.

Логотерапия. Асосгузори ин равия психологи австриягӣ В.Франкл ба ҳисоб меравад. Ин равия бо шарҳдиҳии илмии маромҳои асосии рафторҳои инсон машғул буд. Ӯ бо таҳлили маромҳои гуфтаи З.Фрейд (майл ба ҳаловатбарӣ) ва А.Адлер (майл ба ҳокимият, ҳукмбарӣ) розӣ набуда, принсипи дигарро интихоб менамояд ва онро «ҷаҳду кӯшиш намудан ба сӯи маъно» номид.

В.Франкл таълимро дар назди З.Фрейд ва А.Адлер гирифта аст. Зиндагӣ дар даврони ҳукмронии фашизм ва се соли азобу шиканҷа дар лагерҳо ӯро қавиирода намуд ва маҳз дар ҳамон ҷо ба чунин хулосаи психологӣ омад: на аз шароитҳо, балки пеш аз ҳама аз худи шахс вобаста аст, ки ӯ чӣ тавр дар ин шароитҳо амал мекунад. Аз ин хотир мефармояд, ки барои одам дарки маъно (логос) ва ҳадафи зиндагӣ зарур аст, зеро ҷустуҷӯи он моҳияти ҳастии инсонро дар бар мегирад. Пайдо накардани маънои зиндагӣ ва ё худ гум кардани он «халои экзистенсиалӣ»-ро ба вуҷуд меоварад: инсон маъно, моҳият ва ҳадафи мавҷудияти худро гум мекунад, ғаму ғусса мехӯрад, ҳиссиётҳои ногувворро аз сар мегузаронад ва ин ниҳоят ба бӯҳронҳои синнусолӣ мебарад. Бинобар ин, коре, ки маъно пайдо мекунад, инсонро масъули ҳаёти худ мегардонад. Мувофиқи гуфтаи В.Франкл, инсон маъноро на дар ботини худ, балки дар атрофиён бояд ҷустуҷӯ кунад. Яъне, инсон маъноро дар ғамхории дигарон бояд бинад ва дар дӯст доштани дигарон ҷӯяд.

В.Франкл вобаста ба ҳамин андешаҳо равияи логотерапияро кор карда баромад, ки аз дигар шаклҳои психотерапия фарқ мекунад. Бинобар ин қайд мекунад, ки логотерапия – ин вазифаи психолог аст, ки ба мизоҷ дар пайдо кардани маънои ҳаёташ ёрӣ мерасонад. Ин протсесси аналитикӣ буда, бо он ҷиҳаташ ба психоанализ қаробат дорад. Логотерапия на танҳо барои беморон, балки барои одамони солим низ татбиқшаванда аст. Он ба ҳар гуна шахс равона мешавад, то ки ӯ дар ҳар гуна вазъият худро

гум накунад ва дарк намояд, ки ҳар лаҳзаи ҳаёт маънои ба худ хосро дорад. Логотерпия дар сафарбар намудани нерӯҳои ботинии шахс мусоидат кунад, то ки ӯ ба ҳар гуна монеаву мушкилот – худкушӣ, майхорагӣ, нашъамандӣ ва ғ. муқобилият нишон дода тавонад.

Ҳамин тариқ, равияҳои илмии давраи бӯҳрони кушод имконият доданд, ки афкори психологӣ боз ҳам ташаккулу инкишоф ёбанд ва моҳияти илмии бисёр масъалаҳои норавшани психологӣ ошкору аниқ гарданд.

2.2. Аз таърихи афкори психологии мутафаккирони Шарқ

Ташаккули афкори психологӣ дар шарки қадим

Афкори психологии мутафаккирони тоҷику форс дорои таърихи беш аз ду ҳазорсола мебошад ва он дар баробари ташаккулу инкишофи донишҳои фалсафӣ рушду нумӯъ ёфтааст. Ақидаҳои зардуштия, монавия ва маздакия, ки дар аҳди бостон ривоҷ доштанд, саршор аз маъниҳои фалсафиву психологӣ буданд.

Бояд қайд кард, ки афкори психологӣ дар мутафаккирони тоҷику форс махсусан дар асрҳои IX –XV – и мелодӣ, яъне дар даврони ҷомеаи феодалӣ бештар имконияти зиёд пайдо кард. Ислом ҳамчун дини ҳукмрон дар инкишофи пуравҷи афкори фалсафию психологӣ нақши муайяни худро низ гузошта аст. Ин аст, ки як зумра олимону файласуфони боистеъдод, монанди Ибни Сино, Абдурайҳони Берунӣ, Носири Хисрав, Насриддини Тӯсӣ, Закариёи Розӣ, Абдуҳомид Ғазолӣ, Форобӣ ва дигарон ба майдони илм омаданд ва бо омӯзиши масъалаҳои фалсафию психологӣ машғул шуданд.

Мактабҳои пешин сурат ва сирати тозаро мегирифтанд ва ба ташаккулу равияҳои нави фалсафӣ замина

мегузоштанд. Ба ин восита, мактабҳои машҳури илмии даҳрия, фалсафаи асҳоби ҳаюло, машоия, калом, тасаввуф, ихвон-ус-сафо, исмоилия ва ғ. арзи вуҷуд намуданд. Минбаъд, ривоҷу равнақи афкори фалсафиву психологии тоҷику форс дар алоқмандии қавӣ бо назариёти фалсафии Ҳиндустон, Хитой ва Юнон сурат мегирад. Дар нимаи дуюми асри XIX мактаби нави маорифпарварӣ зуҳур кард, ки дар ташаккули афкори психологӣ ва педагогии он нақши фарҳанги мутараққии рис басо бузург буд.

Таърихи афкори психологии тоҷик пеш аз ҳама бо дини зардуштия ва китоби муқаддаси он «Авесто» алоқаманд аст. Зардуштия – динест, ки дар нимаи якуми ҳазораи 1-и то мелод дар ҳудуди имрӯзаи Осиёи Миёна ва Афғонистони Шимолӣ пайдо шуда, сипас дар Эрон ва Шарқи Наздик паҳн гардидааст.

Зардуштия дар тӯли асрҳо дар натиҷаи тағйири шароити иҷтимоию сиёсӣ ба дигаргуниҳо дучор омад. Аз асри 7 сар карда, ислом ҳамчун дини ҳукмрон эълон гардид. Зардуштиён таъқиб карда мешуданд. Як қисми онҳо ба Ҳиндустон фирор карда, ҳоло дар он ҷо бо номи порсҳо ва қисми дигарашон (дар Эрон) бо номи габрҳо машҳуранд.

«Авесто» ҳамчун шоҳасари муқаддаси Зардуштия, иборат аст аз панҷ китоб: «Ясно» – маҷмӯи дуоҳои гуногуни зардуштия; «Виспарад» – маҷмӯи дуоҳое, ки ҳангоми ибодат хонда мешуданд; «Яштҳо» – маҷмӯи достонҳои ситоишӣ дар васфи эзиди зардуштия; «Вандидод» – маҷмӯи қонунҳои динӣ ва ҳуқуқӣ зидди девон; «Хурд-Авесто» – маҷмӯи дуоҳое, ки ҳар як зардуштӣ онҳоро дар намоз, таҳорат ва умуман рӯзгори худ истифода мекард.

Ҷанбаи асосии ҷаҳонбинии зардуштияро муносибати ахлоқӣ намудан ба олам ташкил медиҳад. Он дар муборизаи ду қувваи бо ҳам зидду оштинопазири некӣ ва бадӣ – Ҳурмуз ва Аҳриман зоҳир мегардад. Мурод аз муборизаи ин ду қувва бенёди оламе мебошад, ки инсони некандеш дар он мақсади асосии офариниш маҳсуб меёбад. Дар

ниҳоди ҳар як фарди башар қувваи фоилае (нафс ё ақл) мавҷуд аст, ки тавассути он инсон камолоти ҷисмониву маънавӣ ёфта метавонад. Аз ин рӯ, ғояи асосӣ дар Зардуштия – ин Гуфтори нек, Рафтори нек ва Пиндори нек аст. Бинобар ин, инсон бояд ҳамаи хислатҳои фосиду разилро аз шахсияти худ дур намояд ва рӯй ба инсони некгуфтор, некрафтор ва некпиндор шудан ниҳад. Аз ин ҷо барои ҳар ду қувва симоҳои хос таъин шудааст, ки яке Аҳурамаздо (симои некӣ) ва дигарӣ Аҳриман (симои бадӣ) мебошанд.

Зардушт дар «Ясно» бо забони шоирона мепурсад: «Кист падари ростӣ?»; «Кист офарандаи рӯшноии судбахш?»; «Кист офарандаи фариштаи меҳру муҳаббат?», «Кист, ки аз рӯи донишу хирад эҳтироми падар дар дили писар ниҳод?». Дар ҷавоби ҳамаи ин номи Аҳурамаздо ба забон гирифта мешавад.

Таълимоти фалсафии зардуштия хусусияти дигарро дорад, зеро вуҷуди ду мабдаи мустақил (мабдаи рӯҳ, хайру шар»-ро эътироф мекунад. Бо мурури замон, ҷаҳонбинии дугонапарастӣ ба ҷаҳонбинии яктопарастӣ (монавия) мубаддал гаштааст. Ҳамин тавр, ҷаҳонбинии монавия ташаккул ёфт.

Монавия – таълимоти динист, ки дар асри 3 дар Шарқи Наздик ба вуҷуд омада, ба зудӣ дар бисёр мамлакатҳо – аз Италия сар карда, то Хитой интишор ёфта буд. Ин таълимот бо номи асосгузораш Монӣ (216-277) машҳур гардидааст. Монавия синтези зардуштия ва масеҳият мебошад. Асоси монавия дугонапарстии зардуштӣ, эътирофи ду қувваи азалии бо ҳам зид – нуру зулмот, хайру шар мебошад. Муборизаи байни онҳо бо ғалабаи олами нур ба анҷом расида, дар натича рӯҳ аз ҷисм (модда) ҷудо мешавад. Монӣ рӯҳро абадӣ медонист ва таълим медод, ки вазифаи инсон рӯҳи рӯшноиро аз рӯҳи торикӣ раҳо додан аст. Ин талаботро бо роҳи парҳезгорӣ, зоҳидӣ, гӯшанишинӣ ва тарки дунё кардан ба даст овардан мумкин аст.

Дар таълимоти монавия масъалаи идрок ё худ маърифат ҷойи муайянро дорад. Ӯ боварии комил дорад, ки инсон фақат бо шарофати маърифат намудан покии ботинашро таъмин намуда метавонад.

Монигӣ дар ташаккули афкори иҷтимоию психологӣ ва фалсафаи халқҳои эронинажод нақши муҳиме бозид, барои дар охири асри V ва аввали асри VI паҳн шудани таълимоти маздакия замина гузошт.

Маздакия таълимоти динию фалсафӣ дар Эрон буда, ҳамчун фирқаи монавия пайдо шуд ва бояд унсурҳои демократии онро инкишоф дод. Ин таълимот бо номи идеолог ва роҳбари он Маздак Бомдод машҳур гардидааст. Мояи таълимоти маздакия, ба монанди зардуштия ва монавия робитаи хайру шарр мебошад. Мувофиқи таълимоти маздакия, олам аз шоҳии нур ва шоҳии зулмот иборат аст. Нур ба хайр ва зулмот ба шарр мувофиқат мекунад. Нур (рӯшноӣ) аз рӯи ихтиёр ва ирода амал менамояд ва дорои шууру эҳсос аст. Ҳаракати зулмот бошад, тасодуфист. Дар маздакия роҳи ягонаи наҷот аз шарр – ин некбинӣ, умед ва муборизаи фаъол аст. Ба андешаи Маздак, чаҳор қувва (ақл, шуур, ҳофиза ва шодӣ) ҷаҳонро идора мекунад. Ин чаҳор қувва ҳафт вазир доранд, ки дар ботини 12 вуҷуди рӯҳонӣ дар ҳаракатанд. Ҳар кас, ки ҳамаи ин омилҳоро дар вуҷуди худ гирд оварад, ба камоли комил ноил хоҳад шуд. Илова ба ин, зарур аст, ки ӯ фирефтаи неъматҳои моддӣ нашавад ва аз ҳама чизҳое, ки ин дилбастагиро вусъат мебахшанд, ҳазар кунад. Дар роҳи наҷоти рӯҳ аз маҳбаси нафс зарур аст, ки ҳавою ҳавас ба куллӣ саркӯб карда шавад.

Хулосаи муҳимтарини таълимоти маздакия он аст, ки ҷонибдорони он ғалабаи рӯҳи бадро тасодуфӣ, вале ғалабаи рӯҳи рӯшноиро қонунӣ медонистанд.

Афкори психологии мутафаккирони тоҷику форс

Дар давраи ислом боз таълимотҳои дигар, аз қабили даҳрия, асҳоби ҳаюло, машшоияи

шарқӣ, фалсафаи калом, тасаввуф ва ғ. ба вуҷуд омаданд, ки намояндагони он дар таълифотҳои худ доир ба масъалаҳои муҳимтарини фалсафӣ ва психологӣ изҳори ақида намудаанд.

Абуабдуллои Рӯдакӣ (858 - 941)

Омӯзиши мероси тамаддуни тоҷик дар кишварамон аз маъсалаҳои умдатарини рӯз ҳисобида шудааст. Ба ин ҷашнгирии 15 - умин солгарди истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, соли тамаддуни ориёӣ ва 2700 солагии Кӯлоби бостонӣ далолат мекунад. Боя̆д гуфт, ки дар осори шоирон - мутаффакирони форсу тоҷик, ба монанди А. Рӯдакӣ, Абуалӣ ибни Сино, Носири Хисрав, М. Ғазолӣ ва дигарон андешаҳои тозаи психологӣ вуҷуд доранд, арзиши онҳо дар инкишофи афкори психологии асри миёнагӣ саҳми муайянро гузоштаанд. Як гурӯҳи олимони рус (В.В. Бартолд, Е.Э. Бертелс, И.С. Брагинский, А. Закуев, И.Ю. Якубовский, М.Г. Ярошевский ва диг.) ва ватанӣ (С. Айнӣ, Б.Ғ. Ғафуров, А.М. Баҳовадиннов, М.Н. Болтаев, Ғ. Ашуров, А. Мирзоев, Х. Мирзозода, М.А. Орипов, Устоев Р.Э. Сангинова, Обидов И.О, М.Лутфуллоев, Ф.Шарипов ва диг.) доир ба афкори педагогию психологии мутаффакирони машҳури зикршуда тадқиқотҳои пуразришро кардаанд. Яке аз он мутафаккирон, сардафтари адабиёти классиккии тоҷик Абуабдуллои Рӯдакӣ (858- 941) мебошад.Афкори психологии А. Рӯдакӣ дар осори гаронбаҳои ӯ (рӯбоӣ, дубайтӣ, қасида, достон, ғазал ва қитъаҳо) инъикоси худро ёфтаанд.Андешаҳои психологии мутафаккирро, пеш аз ҳама дар достони «Калима ва Димна»-и ӯ мушоҳида карда метавонем.Дар он доир ба ҳиссиётҳо, ақлу хирадӣ инсон, оид ба аҳамияти тачриба, дониш ва илм дар инкишофи ақлу хирад, дар бораи таъсири муҳити иҷтимоӣ ба симои маънавӣ ва табиати инсон муҳокимаронӣ карда мешавад. А. Рӯдакӣ дар

шарҳи ҳодисаҳои психикӣ дар мавқеву фаҳмиши материализми соддалавҳона қарор дорад. Ӯ чунин ҳолатҳои рӯҳӣ ва ҳиссиётҳоеро фарқ мекунад, ки онҳо тавассути фаъолияти узвҳои бадан (дил ва асабҳо), на туфайли қуввaҳои фавқуттабиӣ зоҳир мешаванд.

А. Рӯдакӣ назарияи маърифатро ба таври махсус тадқиқ накардааст, вале андешаҳои ӯ доир ба қувваи бузурги ақлу хирад ва дониш, оид ба моҳияти таҷриба ва таҷрибаи рӯзгор тамоили материалистии афкори психологии ӯро ифода мекунанд. Ӯ ба қобилиятҳои маърифатии инсон боварии комил дошта, таъкид мекунад, ки дар рафти донистагирӣ ҳам узвҳои ҳиссӣ ва ақлу хирад иштирок менамоянд.Ба қавли А. Рӯдакӣ, инсон туфайли ақлу хирад ба моҳияти ҳодисаву ашё сарфаҳм меравад ва ҷиҳатҳоеро ошкор менамояд, ки ба протсесси эҳсос дастрас нест. Ақл имконияти тасаввур намудани он чизеро медиҳад, ки дар ҳодисаҳо ниҳон аст. Барои маърифат намудани моҳияти ҳодисаҳо мегӯяд:

Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад,
Не бад-он чашм, к-андар ӯ нигарӣ.
Ҳамчун дарёст в-аз накукорӣ,
Киштие соз то бад-он гузарӣ.

Устод А. Рӯдакӣ талаб кардааст, ки ҷаҳонро нек ва бо чашми хирад дидан лозим аст, зеро мушоҳидаи оддӣ ва бефарқ ҳеҷ чиз дода наметавонад; донистани ҷаҳон хирадмандӣ ва андешаҳои амиқи оқилона мехоҳад.

Андешаи А. Рӯдакӣ дар масъалаи донистагирии олам ва тадбиқ намудани донишҳо дар амалия ниҳоят бузург аст. Ӯ пайвасти донишро бо таҷриба муҳим ҳисобида, нишон медиҳад, ки илму дониш ганҷи ҳақиқианд ва аз ин рӯ, онҳоро ба даст овардан зарур аст; онҳо боигарии амалианд ва инсонро ҳамеша сарбаланд месозанд:

Бирав зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,
Ки баҳри даъфи ҳаводис туро ба кор ояд.

А. Рӯдакӣ доир ба масъалаи ҳиссиётҳои инсон андешаҳои ҷолиб гуфтааст. Ба қавли ӯ, ҳиссиёт ҳамчун ҳолати рӯҳӣ ба фаъолияти ҳаётии организми инсон таъсири амиқ бахшида, дар ҷисми ӯ тағйиротҳои дохилӣ ва беруниро ба вуҷуд меоварад.Рӯдакӣ андешаи дар он давра паҳншударо ҷонибдорӣ намуда, маркази ҳиссиётро дар дили инсон дидааст. Ин аст, ки дар ашъори худ ҳисси рафоқат ва дӯстиро тараннум намуда, онро аз ҳама чиз афзал меҳисобад. Ӯ ба насли наврас маслиҳат медиҳад, ки аз рӯи чунин принсипҳо амал кунад: аввал амиру ҳоким ба ҳиссиётҳои худ бошанд; дуюм тобеи ҳирсу рағбатҳои худ нашаванд, ҳамон хел хоҳишҳоро иҷро намоянд, ки онҳо бо талаботҳои табиӣ алоқаманданд ва қонеъгардониашон зарур аст; сеюм, бартараф намудани нақшаҳое, ки онҳо дар айни замон муҳиму зарур нестанд; чорум, инсон аз ҳайвон бо ақлу хирадаш фарқ мекунад. бинобар ин тамоюли амалҳои ӯ бояд оқилонаю хирадмандона бошад; ҳиссиётҳо комилан бояд ба ақлу хирад тобеъ шаванд. А. Рӯдакӣ ба шахсияти инсон, ба хусусиятҳои психикӣ ва тарбияи дурусти онҳо таваҷҷӯҳи хоса зоҳир мекунад. Шароитҳои ҳаёти одамон ва тарбия- омилҳои асосии ташаккули шахсияти инсонанд. Ӯ фарқиятҳои модарзодии одамонро инкор карда, дар баробари ин қайд менамоянд, ки ин фарқиятҳо ҳоло хусусиятҳои психикии инсонро пешакӣ муайян намекунанд. Ба қавли А. Рӯдакӣ, ҳамаи одамон табиатан нотавону заифанд ва туфайли «таҷрибаи рӯзгор» обутоб меёбанд, оқилу доно мешаванд ва хубро аз бад фарқ мекардагӣ шуда мемонанд. Пас, омили ташаккули шахсияти инсон - ин ҳаёту фаъолият аст. Ӯ тарбияи чунин хислатҳоро дар шахсияти инсон талқин менамояд; фаъолӣ, ростқавлӣ, хоксорӣ, эҳтироми инсон, кордонӣ, накукорӣ, мардонагӣ ва ғайра.

А. Рӯдакӣ таъкид мекунад, ки инсон ҳамеша бояд ба камбудиҳо муносибати танқидона кунад. Инсон бояд табиати покиза ва беолоиши ибтидоии худро нигоҳ дорад ва бо худтарбиякунӣ мунтазам машғул шавад.

Ҳамин тариқ, таҳлили мухтасари андешаҳои психологии А.Рӯдакӣ нишон медиҳад, ки моҳияти онҳоро ташаккули шаҳсияти инсон ташкил медиҳад ва аҳамияти худро имрӯзҳо ҳам гум накардааст.

Намояндаи дигари машҳури Шарқ Абӯнаср Муҳаммад ибни Муҳаммади Форобӣ мебошад ва ӯ файласуфи охири асри IX ва миёнаи асри X ба ҳисоб меравад. Форобӣ соли 873 дар деҳаи қадимаи Фороб ба дунё омадааст. Форобӣ аввал такмили донишашро дар Бухоро гирифта, сипас онро дар Бағдод давом додааст. Ӯ шаҳру кишварҳои дигари Араб (Димишқ, Ҳаррон. Миср ва ғ.) сафар карда, бо олимон, файласуфон ва мутафаккирони машҳури ҳамон давра шинос мешавад ва аз баҳсу мунозираҳои илмии онҳо баҳраманд мегардад. Ӯ маҳз дар ҳамин давр ба мутолиаи асари илмии файласуфони машҳури Юнони Қадим: Афлотун, Арасту, Демокрит ва Сукрот машғул шуда, мавқеи илмии худро нисбати онҳо муайян намудааст.

Форобӣ рағбати беандоза ба илм дошт ва ин мусоидат ба он кард, ки дар як муддати муайян ба файласуф ва олими варзида табдил ёфт. Обрӯи ӯ дар тамоми кишварҳои Шарқи Наздик ва Миёна паҳн мешавад. Ӯро ҳамчун муаллими сонӣ (пас аз Арасту, ки муаллими аввал шинохта шуда буд) эътироф кардаанд.

Аввалҳои асри X ҳаёти маданӣ ва сиёсии Бағдод хеле паст меравад. Ҳаракатҳои шуубия дар Ироқ ва ҳаракати исмоилиҳою қарматиҳо дар Баҳрайну Қоҳира қувват мегирад, ки ҳамаи ин ба ҳаёти сиёсию иқтисодии хилофати Аббосиҳо бетаъсир наемонад. Аз ин сабаб Форобӣ Бағдодро тарк карда, ба Ҳалаб меравад. Умри боқимондаи худро дар Ҳалаб назди ҳокими он Сайфуддавла мегузаронад ва соли 950-951 дар Димишқ аз олам мегузарад.

Форобӣ соҳиби таълифоти зиёде аст ва номгӯи онро аз 80 то 130 меҳисобанд. Мӯҳтавои осори гаронбаҳои ӯ ба соҳаҳои гуногуни илм (ахлоқ, тиб, фалсафа, сиёсат, риёзи-

ёт ва ғ.) бахшида шудаанд. Яке аз хизматҳои барҷастаи Форобӣ аз он иборат аст, ки ӯ қариб ба ҳамаи асарҳои файласуфони Юнони Қадим – Афлотун, Арасту, Пифагор, Батлимус (Птолемей) ва дигарон тафсир навишта, барои ташаккули ҷаҳонбинии мутафаккирони пешқадами баъдина хизмати босазое кардааст. Асарҳои шоистаи ӯ «Эҳсо-ул-улум», «Мадинат-ул-фазила», «Ас-сиёсат-ул-мадания», «Балоғат», «Мусиқӣ» шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардаанд.

Дар осори зикршуда афкори психологии Форобӣ низ инъикоси худро пайдо намудаанд. Яке аз масъалаҳои мураккабе, ки дар бобаташ баҳс мекунад, муносибати нафсу тан аст. Ба андешаи ӯ, рӯҳ пеш аз ҷисм вуҷуд дошта наметавонад, чӣ тавре ки Афлотун ҳамин тавр тасдиқ мекард. Яъне, нафс баробари пайдоиши ҷисм ба вуҷуд меояд ва аз як ҷисм ба ҷисми дигар гузаштани он имконнопазир аст.

Форобӣ нафсро ба се гурӯҳ ҷудо намудааст: наботӣ, ҳайвонӣ ва инсонӣ ё нотиқа. Вазифаи нафси инсонӣ маърифати моҳияти чизҳост. Ӯ ба дониста шудани олам шубҳае надорад. Ибтидои донишро дар таассуроти пешина мебинад, ки он аз предметҳои беруна бо ёрии эҳсосҳо гирифта мешавад. Дар натиҷа ба узвҳои ҳисси босира, сомеа, шомма, зоиқа ва ломиса таъсир расонидани предметҳо ва ҳодисот эҳсос ҳосил мешавад. Инсон тавассути ҳиссҳо дар бораи сифат ва хосиятҳои предметҳои олами беруна дониши муайян пайдо мекунад. Инсон ба воситаи узвҳои ҳиссӣ хосиятҳои мухталифи ашёро акс намуда, монандӣ ва тафовути онҳоро муайян мекунад. Ҳамин тариқ, эҳсосҳо зинаи якуми маърифат аст, ки он ба ҳайвонот низ хос мебошанд.

Форобӣ ҷараёни маърифатро бо донишҳои ҳиссӣ хотима намедиҳад. Маърифати ҳиссӣ моҳияти ашё ва қонунҳои инкишофи онҳоро ошкор намекунад. Ин вазифаи тафаккури мантиқӣ аст. Тафаккури мантиқӣ зинаи олии раванди маърифат буда, ба маълумотҳои маърифати ҳиссӣ такя менамояд. Ин андеша далолат аз он мекунад,

ки Форобӣ ҳанӯз дар асри миёна алоқамандии маърифати ҳиссӣ ва тафаккурро эътироф намуда, ба фаҳмиши идеалистии назарияи маърифат муқобил баромадааст.

Назарияи маърифати Форобӣ бо қонуниятҳои мантиқ такя мекунад. Ба қавли ӯ, мантиқ бояд қонунҳои муҳокимаронии дурустро муқаррар намояд. Мантиқ имконият медиҳад, ки донишҳои ҳақиқӣ аз ғалат ва иштибоҳ ҷудо карда шавад. Ӯ ба шаклҳои мантиқии тафаккур ҳукм, мафҳум ва хулосабарориро дохил мекунад. Ин шаклҳо байни худ дар алоқамандианд ва аз ин хотир тағйирёбии яке ба тағйирёбии дигаре мебарад. Протсесси хулосабарорӣ аз чунин ҷиҳатҳо иборат аст: а) ҷудо кардани хосият ва нишонаҳои предмет (ҳукм); б) ҷамъбасти дониши пешина, пайдо шудани мафҳуми илмӣ; в) аз ду дониши пеш ба даст овардашуда ба дониши дигаре гузаштан (хулосабарорӣ).

Аз ин мулоҳизаҳо бармеояд, ки бо донишҳои ҳиссию ақлӣ ба моҳияти ашё сарфаҳм рафтан мумкин аст. Ӯ боварӣ дорад, ки олами моддӣ бе дахолати ягон қувваи ғайримоддӣ ҳамвора дигар мешавад ва тағйир меёбад. Ин фикри Форобӣ нисбат ба замонаш хеле боҷасорат ва пешқадам буд.

Форобӣ андар боби ирода андешаҳои ҷолиб баён мекунад. Ба фикри ӯ, ирода ҳодисаи психологӣ буда, мақсади он бартараф намудани монеаву душвориҳо мебошад. Ӯ инсонро ҳамчун мавҷудияти фаъол тавсиф медиҳад, ки бо муҳити атроф муносибат карда, ба таъсироти он ҷавоб мегардонад. Инсон фаъолияти худро идора ва назорат мекунад ва аз пайи иҷрои он мешавад. Дар рафти иҷрои фаъолият монеаҳо эҷод мешаванд ва онҳо ду намуданд: зоҳирӣ ва ботинӣ. Ба монеаву душвориҳои якум ҳодисаҳои берунии халалрасонанда, монеаҳои объективӣ, зиддияти дигар одамон дохил мешаванд. Ба иҷрои кори зарурӣ хоҳиши устувор надоштани одам, фаъол набудан, ҳолати рӯҳии нофорам, танбалӣ, ҳисси тарс, иззати нафс ва ҳоказо мисоли монеаҳои дуюм мебошанд.

Ҳамин тариқ, Форобӣ бар хилофи таълимоти фатализм, ки инсонро мавҷудияти ғайрифаъоли беирода ба қалам медод, зид баромада, ӯро фарди боиродаву соҳибихтиёр медонист. Ирода танҳо хоси инсон буда, зимни ҷараёни меҳнат ташаккул меёбад.

Форобӣ доир ба қобилият ва истеъдод андешаҳои муайянро дорад. Аз назари ӯ, ҳар як инсон барои дарки ақлӣ омода офарида шудааст. Баъзе одамон табиатан ба истеъдодҳо ва нишонаҳои олии он таълим дода мешаванд. Баъзеи онҳо табиатан предметҳои аввалини дарккунии ақлиро қабул мекунанд. Баъзеҳо онро ба таври ғайриоддӣ қабул менамоянд, масалан, девонагон. Боқимондаҳо бошанд ба таври оддӣ қабул мекунанд. Ин аст, ки ду шахс дар ягон кор ба як дараҷа баробар иштирок карда наметавонанд, зеро донишу фаҳмиши онҳо гуногунанд. Ба андешаи Форобӣ, хусусиятҳои фитрӣ ба инсон дар иҷрои бомуваффақияти фаъолият мусоидат менамоянд ва онҳоро бо воситаи ирода тарбия намудан мумкин аст. Инсон бояд хусусиятҳои фитриашро эҳтиёт намояд.

Форобӣ ба василаи қобилияти ақлӣ, бузургии ақлу хиради инсонро таъкид менамояд. Инсон бо ақлу хирадаш аз мавҷудияти ҳайвон фарқ мекунад. ва хирадмандӣ сабаби хушбахтиву қадру қимати ӯ шуда мемонад. Ин хусусияти муҳими психологиро бо воситаи азхудкунии илму амал ва омӯхтани ҳаёт инкишоф додан мумкин аст. Форобӣ ақлро хусусияти табиии инсон мешуморад, ки ба ҳар як фард тааллуқ дорад. Ӯ дар ҳамин асос ба хулоса меояд, ки одамон ҳамчун мавҷуди оқил табиатан баробарҳуқуқанд. Ақл идоракунандаи тамоми ҳиссиёту рафторҳо мебошад. Инсон набояд тобеи ҳиссиётҳо шавад, ғуломи он бошад, балки бо иродаи худ ҳар гуна монеаҳоро бартараф намояд. Чунин шахсро фарди боирода меноманд, ки ӯ дар ҳолатҳои номатлуб худдорӣ карда метавонад. Ин андешаҳои Форобӣ дар мавриди ақл бар хилофи хурофотпарастон нигаронида шуда буд ва ҳамеша инкишоф додани онро тарғиб менамояд. Ба ин маънӣ

мегӯяд, ки одами боақл бояд бо худ баҳс кунад, худро назорат намояд, рафтори худро санҷад ва фақат ҳамин хислатҳои нек ӯро ба роҳи рост ҳидоят менамояд.

Таълимоти фалсафию психологии Форобӣ хусусияти инсониятпарваронаро дорад. Ӯ зидди ҷабру ситам ва хушунату зӯроварӣ баромада ҳаёти солиму оромонаи ҷомеаро тарғиб менамояд, ки дар он озодӣ, баробарҳуқуқӣ ва ёрии байниҳамдигарӣ ҳукмрон бошад. Дар ҷорӣ шудани чунин ниятҳои нек нақши роҳбар бузург аст. Ба андешаи Форобӣ, сардории давлат набояд меросӣ, балки интихобӣ бошад ва ин ба мафкураи замони феодализм зид буд.

Форобӣ бо идеяҳои пешқадами фалсафӣ, психологӣ ва иҷтимоии худ ба таълимотҳои минбаъдаи мутафаккирони Шарқ, чун Ибни Сино, Ибни Боҷа, Ибни Туфайл, Ибни Рушд ва дигарон таъсири муайяне расонидааст.

Абуалӣ ибни Сино (980 -1037)

Абуалӣ ибни Сино (980-1037) олими бузург ва тавонои дигари тоҷик дар асри X ва нимаи аввали асри Xl ба шумор меравад. Ба қавли психологони машҳури рус А. В. Петровский ва М.Г. Ярошевский «Ибни Сино – духтур ва психологи машҳури тоҷик мебошад». Ибни Сино ҳамчун забардасттарин олими аср ва шахси энсиклопедист (ҳамадон) аз худ мероси бойе боқӣ гузоштааст. Асарҳои ӯро ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: а) асарҳо оид ба илми тиб; б) асарҳо оид ба фалсафа ва мантиқ; в) асарҳо доир ба забон ва адабиёту санъат. Асарҳои тиббии олим «Урҷуза фиттиб», «Рисола дар бораи набз» ва «ал-Қонун» буда, дар соҳаи фалсафа «Китоб - уш – шифо», «Ишорот», «Донишнома», «Лисон – ул – араб», «Ҳай ибни Яқзон», «Ат-Тайр», «Саломон ва Абсол», «Мақола дар бораи мусиқӣ», «Қасидаи нафс» барин асарҳояш машҳуранд.

Назарияи психологии Ибни Сино дар ду равия мушоҳида мешавад: а) метафизикӣ, ки бо назариёти Арасту ва Афлотун алоқаманданд; б) материалистӣ, ки аз амалияи тиб ва психофиизология бармеояд. Бояд қайд кард, ки Ибни Сино таълимоти Арастуро доир ба рӯҳ дар заминаи нави илмӣ, бо дарназардошти дастовардҳои илмҳои табиатшиносӣ ва тибби замони худ инкишоф додааст. Ӯ мафҳуми «нафс»-ро истифода мебарад ва зери он қобилияти дидан, шунидан ва ламс кардани ҳодисаю ашёро аз ҷониби ҷисми инсон мефаҳмад. Ибни Сино ду таълимотро доир ба нафс кор карда баромад. Таълимоти якум, ки нуқтаи назари духтурро ифода мекунад ва дар «Қонун фит-тиб» оварда шудааст. Ин таълимот моҳиятан материалистӣ мебошад. Таълимоти дуюм функсияҳои психофизиологиро дар бар мегирад.

Андешаҳои Ибни Сино доир ба психика табиати материалистиро дошта, қайд мекунад, ки фаъолияти психикӣ бо фаъолияти системаи асаб алоқамандии зич дорад. Ӯ хуб дарк менамояд, ки функсияи асосии системаи асаб – ин таъмин намудани алоқаи организм бо олами беруна мебошад. Ибни Сино сабаби зуҳуроти ҳодисаҳои психикиро дар протсессҳои физиологӣ медид. Системаи асаб, мағзи сар ҳамчун субстрати моддии психика баромад мекард. Организм ва муҳит, узвҳо ва функсияи онҳо дар ягонагию алақамандии байниҳамдигарианд. Оид ба ин масъала Ибни Сино менависад: «Нафс вазифаи мағзи сар аст ва вақте ки дар тафаккури мағзи сар вайроншавӣ аст, ин далолат ба он мекунад, ки дар худи мағзи сар ягон иллате, нуқсоне ҳаст». Ибни Сино ин андешаро давом дода қайд мекунад, ки бемориҳои рӯҳӣ бо сабаби тағйирёбии вазифаҳои мағзи сар рӯй медиҳанд.

Дар таълимоти Ибни Сино масъалаи локализатсияи (маҳдудшавӣ) марказҳои қувваҳои рӯҳӣ ва қобилиятҳо дар системаи асаби марказӣ мавқеи муайянеро ишғол мекунад. Ӯ асосан се маркази асосии ҳаракат, ҳиссиёт ва ақлро ҷудо намудааст. Дар мағзи сар инчунин марказҳои тан-

зимдиҳандаи кори қуввaҳои ботинии ҳискунӣ ва қобилиятҳо мавҷуданд. Марказҳои эҳсос дар қисмати пеши мағзи сар ва маркази хотир бошад, дар қисмати ақиби он ҷойгир шудаст; маркази хаёл дар қисмати пеши ҷӯякҳои мобайнии мағзи сар воқеъ аст; маркази қобилияти фикрӣ – дар ҷӯякҳои мобайнӣ ва маркази қобилиятҳои ҳаркатҳои ихтиёрӣ бошад дар қисмати ақиби ҷӯякҳои мағзи сар ҷой гирифтааст.

Ибни Сино ба соҳаи аффективии ҳаёти рӯҳии инсон эътибор дода, онро бо тағйиротҳои ҷисмӣ алоқаманд намудааст. Масалан, ӯ сабаби психологии бемадории ҷисми ҷавонеро аз рӯи набзаш муайян намуд. Шояд дар таърихи психология ин зуҳуроти аввалини ташхиси психологӣ бошад.

Ибни Сино яке аз асосгузорони психологияи физиологӣ дониста шудааст. Ӯ психофизиологияи эҳсосро дар асоси таҷрибаҳои табиию илмӣ кор карда баромад. Ӯ дар мавриди масъалаҳои назарияи маърифат дар мавқеи материалистӣ меистод ва кӯшиши шарҳи детерминантии (сабабии) баъзе протсессҳои психикиро кардааст.

Ибни Сино таъкид менамояд, ки психика, ҳаёти рӯҳии инсон – ин инъикоси олами беруна мебошад. Мувофиқи ин андеша, эҳсос зимни таъсири ангезаҳои олами беруна ба вуҷуд меояд. Пас, протсесси маърифат аз эҳсос оғоз меёбад. Ӯ боварӣ дорад, ки агар ангезаҳои олами беруна набошанд, он гоҳ ҳеҷ гуна эҳсос ҳам намешавад. Чунин мавқеи илмӣ дар шароити асримиёнагӣ қадами ҷиддӣ ва устувор ба шумор меравад.

Ибни Сино панҷ намуди эҳсосро фарқ мекунад: биноӣ, шунавоӣ, ломисавӣ, маза, бӯй. Эътибори махсусро ба эҳсоси биноӣ ва шунавоӣ медод, зеро онҳо «посбонҳои» рӯҳи инсонанд. Ба андешаи қатъии Ибни Сино, «касе, ки аз эҳсос маҳрум аст, ӯ аз маърифаткунӣ ҳам маҳрум мешавад»- ин аст шиори асосии назарияи маърифати ӯ. Мувофиқи ин назария, рӯҳи инсон, ба андешаи Ибни Сино, ду василаи маърифат дорад: яке ҳис ва дигаре ақл. Рӯҳи ин-

сон ба воситаи ҳис чизҳои конкретӣ ва ҷузъиро, вале бо воситаи ақл чизҳои абстрактии универсалиро, ки бо роҳи хулосабарорӣ, абстраксия намудан ва суратҳои конкретии ҷузъ ҳосил мешаванд, маърифат мекунад. Аз ин рӯ, назарияи маърифати Ибни Синоро ба донишҳои ҳиссию ақлии ҷудо намудан мумкин аст. Ӯ ин масъалаҳоро дар асарҳои «Китоб-уш-шифо», «Китоб-ун-наҷот», «Донишнома» ва «Китоб-ул-ишорат в-ат-танбеҳот» дида баромадааст

Ибни Сино сарчашмаи тамоми донишҳои инсонро ба олами беруна вобаста мекунад. Ҳодиса ва ашёҳои олами беруна ба узвҳои ҳисси мо (қувваи босира, қувваи сомиа, ломиса, шомма, зоиқа) таъсир расонида, эҳсосро ба вуҷуд меоваранд, ки он шакли дониши ҳиссӣ аст. Дар асоси ин шаклҳо тафаккури назариявӣ ва шаклҳои он (мафҳум, ҳукм ва хулосабарорӣ) ташаккул меёбанд.

Ҳамин тариқ, назарияи марифати Ибни Синоро ҳамчун назарияи инъикос эзоҳ додан мумкин аст, ки он маънии материалистиро дошт.

Ибни Сино протсесси идрокро дар «Китоб-уш-шифо» таъриф дода мегӯяд: «Идрок ҷараёнест, ки туфайли он образҳои ашё (иртисомот) дар олами ботинии инсон инъикос меёбад». Ӯ идрокро ба ду намуд ҷудо намуд: а) идроки пассив (идроки билофеъл) ва б) фаъол (идрокун маал феъл). Идроки пассив инъикоси стихиявии ашёро дар шуури инсон ва идроки фаъол бошад, инъикоси яклухти унсурҳои гуногуни ашёро ифода мекунад.

Ибни Сино диққати махсусро ба хаёл ҳамчун протсесси муҳими донистагирии олами берунӣ додааст. Мувофиқи андешаи ӯ, вазифаи асосии хаёлро тағйирдиҳӣ ва аз нав кор карда баромадани он образҳое мебошад, ки дар хотири инсон нигоҳ дошта шудаанд. Ӯ дар асари худ «Ҳадяттар – раис – ал – амир» навиштааст, ки дигарсозӣ ва хаёл намудани ягон образ бо якҷоя намудани образҳои гуногун дар шаклҳои гуногун ба амал меояд. Масалан, агар образи одамро бо образи асп якҷоя кунем, он гоҳ образи «одам-асп» -ро тасаввур мекунем. Баъзан тавассути

нест кардан ва ё кам кардани ягон қисми образ ба даст оварда мешавад. Масалан, метавонем образи «одами бесар»-ро тасаввур намоем. Ибни Сино хотирро асоси хаёл медонад, чӣ тавре ки эҳсосро асоси тасаввурот. Ӯ хотирро қисми ҷудонашавандаи фаъолияти психикӣ ва «яроқи асосӣ»-и протсесси маърифат донистааст. Мувофиқи таълимоти ӯ, асоси хотирро «роҳҳои алоқа» ташкил медиҳанд, ки дар мағзи сар зери таъсири ангезаҳои олами беруна ба амал меоянд. Вазифаҳои асосии хотирро бахотиргирӣ, дархотирнигаҳдорӣ, азнавҳосилкунӣ ва шинохтан дар бар мегиранд, ки ба фаҳмиши имрӯза мувофиқат мекунанд.

Дар назарияи маърифати Ибни Сино маълумот доир ба ақлу хирад мавқеи махсусро дорад. Ӯ мантиқро хуб медониста бошад ҳам, вале дар масъалаи таҳқиқи тафаккур дар доираи шаклҳои мантиқӣ маҳдуд намешуд. Маърифати оқилона дар одам аз рӯи зинаҳои муайн ба амал меояд. Ӯ панҷ зинаи тараққиёти ақлро дар инсон муайян намуд: а) ақл аз рӯи қувва ва имкониятҳо; б) ақл аз рӯи кори муайян; в) ақли бадастовардашуда, ки дорои малака нест; г) ақли бадастовардашуда, ки дорои малакаю таҷриба аст; д) ақли софи рӯҳонӣ. Ибни Сино ақли инсонро ба ақли фаъол (ақли эҷодӣ), пассив (ақли хаёл), ба ақли дар амал ва ақли амалӣ ҷудо менамоянд. Ақл имконият медиҳад, ки мо дар бораи олами беруна дониш ҳосил кунем ва ниҳоят ҳақиқати воқеиро тавассуташ дониста гирем. Ибни Сино қайд мекунад, ки ақли амалӣ бояд қуввaҳои ҷисмиро, яъне қаҳри ғазабро идора кунад. Агар ақли амалӣ ин қувваҳоро идора накунад, он гоҳ инсон ба дараҷаи ҳайвонӣ расиданаш мумкин аст. Шавқу рағбат ҳамон вақт хуб аст, ки агар аз тарафи ақл идора шавад. Аз ин ҷо Ибни Сино ба хулоса меояд, ки ахлоқ бо ақли амалӣ алоқаманд аст. Ибни Сино таъкид мекунад, ки рафти идоракунӣ низ зимни ақли амалӣ ба амал меояд ва сурат мегирад.

Ибни Сино доир ба мизоҷ андешаҳои ҷолиби илмиро баён менамояд. Ӯ ба монанди Гиппократ, асоси ми-

зоҷро дар фаъолияти чор моеъ (хун, луоб, зарда, зардаи сиёх) дидааст. Хун-дар артерия ва рагҳо, луоб-дар мағзи сар, зарда-дар ҷигар ва зардаи сиёҳ – дар испурч ҷойгиранд. Бартарии ин ё он моеъ дар организм типи мизоҷи инсонро муайян мекунад. Масалан, бартарии зардаи сиёҳ аз мавҷудияти мизоҷи меланхоликӣ дарак медиҳад. Ҳар чанд ин чор моеъ асоси илмии пайдоиши мизоҷро муайян накунанд ҳам, вале алоқаманд намудани он бо дигаршавии моддаҳои системаи асаб-мағзи сар андешаи пешқадам буд.

Хизмати Ибни Сино дар он аст, ки ӯ муносибати фардӣ намуданро бо ҳар як мизоҷи одам пешниҳод намуд. Ба қавли ӯ, ҳар як фарди алоҳида дорои табиатест, ки шахсан ба ӯ хос аст: бисёр кам мешавад, ки касе бо касе табиати якхеларо дошта бошад. Ин талаботи муҳиму қатъӣ дар системаи назариёти психологии И. Сино имрӯз ҳам моҳияти худро гум накардааст.

Ибни Сино ба тадқиқи даврабандии синнусолӣ даст зада, зимни он масъалаҳои инкишофи шахсияти кӯдаконро баррасӣ мекунад. Ӯ дар асари бузурги худ «ал-Қонун фит-тиб» бобҳои алоҳидаро ба тарбия ва нигоҳубини кӯдакон мебахшад. Ибни Сино ба масъалаи ғизодиҳӣ, низоми рӯзу хоби кӯдак ва таснифи давраҳои синусолӣ эътибори хоса медиҳад.Ҳангоми таснифи давраҳои синусолӣ ҳамчун меъёр хусусиятҳои муҳими биологӣ ва психикии тараққиёти фард дар ин синну сол ба асос гирифта мешаванд.

Инкишофи психикиро Ибни Сино дар алоқамандӣ бо инкишофи ҷисмонӣ ва дар вобастагӣ аз таъсири муҳити иҳотакарда дида мебарояд. Тарбияи кӯдаконро бояд аз рӯи нақшаи муайян оқилона ташкил намуд ва он бояд мазмуни маънавӣ, фикрӣ, ҷисмонӣ, меҳнатӣ ва эстетикиро дошта бошад. Тарбияи дурусти кӯдакон барои ташаккули характер ва рӯҳи солими ӯ зарур аст. Мувофиқи андешаи олим, кӯдак дар ибтидо ҳамчун мавҷудияти ба ҳама чиз эҳтиёҷдошта буда, танҳо тадриҷан дар натиҷаи зоҳир

намудани муносибати фаъол бо олами беруна тавассути фаъолияти бозӣ ҷисман ва рӯҳан инкишоф ёфтан мегирад. Аз ин рӯ, мегӯянд; «Ҳар як синну сол арзишҳои худро дорад, кӯдакон бояд бозӣ кунанд ва ба ҳар як синну сол бо назари хоса бояд нигарист».

Дар осори Ибни Сино ба масъалаҳои психологияи иҷтимоӣ диққати махсус дода мешавад, ки онҳо дар ташаккули шахсияти инсон муҳиманд. Ба ақидаи ӯ, ҳайвонот ба он чӣ, ки дар табиат ҳаст, қаноат мекунад. Агар инсон фақат ба неъматҳои табиӣ қаноат мекард, он гоҳ ҳалок мегардид ё ба ҳолатҳои номатлуби рӯҳӣ гирифтор мешуд. Ҳайвон соҳиби либосу хӯроки табиист. Инсон бошад барои нӯшидану хӯрдан ба зироату саноат эҳтиёҷ дорад ва ин фарқи якуми инсон аз ҳайвон аст. Дар баробари ин, инсони якка саноату зироатро инкишоф дода наметавонад. Пас, инсонҳо мӯҳтоҷи якдигаранд. Ин фарқи дуюми инсон аз ҳайвон аст. Инсони бефикру забон саноату зироятро инкишоф дода наметавонад. Танҳо бо воситаи забон фикрро ифода кардан мумкин аст. Забон – нутқ ва фикр тафовути сеюми инсонро аз ҳайвон нишон медиҳанд. Инсон пеш аз он ки сухан гӯяд, чанд зинаро тай мекунад. Зинаи аввалини ӯ овозу ишора аст. Аниқ аст, ки инсон бо воситаи онҳо ҳама орзуву талаби худро ифода карда наметавонад. Барои ин инкишофи забон зарур аст. Дар ҳайвонот ҳам баъзе қобилиятҳои ба инсон монандро додан мумкин аст. Чунончӣ, ҳайвон мисли инсон барои худаш хона месозад, захира мекунад ва ҳоказо. Аммо ҳайвон ҳамаи инро тавассути ақл не, балки туфайли инстинктҳо ба ҷо меорад. Аз ин ҷост, ки фаъолияти вай якранг аст. Ҳамин тавр, ба ақидаи Ибни Сино, инсон табиатан махлуқи иҷтимоӣ буда, берун аз ҷамиъият зиндагӣ карда наметавонад ва маҳз дар якҷоягӣ метавонад талаботҳои моддӣ, маънавӣ ва иҷтимоии худро қонеъ созад.

Ҳамин тавр, андешаҳои гуманистонаи Ибни Сино дар бобати тарбияи шахсияти кӯдакон, баэътиборгирии

хусусиятҳои психологӣ ва синнусолии онҳо дар инкишофи психикӣ имрӯзҳо ҳам муҳиманд.

Носири Хисрав (1004-1088) мутафаккири бузурги тоҷик буда, дар шаҳри Қабодиён, ки дар ҷанубии Тоҷикистон мавқеъ дорад, ба дунё омадааст. Ӯ дар солҳои 30-юми асри XI ба сифати шоир ва олими забардасти замон ном баровард. Носири Хисрав таҳти таъсири пайравони исмоилия ба ин мазҳаб майл пайдо карда буд. Исмоилиён як шохаи машҳуру маъмули шиён дар асрҳои XI-XII буданд. Ӯ ба исмоилиён аз он рӯ эътиқод дошт, ки онҳо ба ривоҷи илму дониш диққат медоданд ва тарафдори озодфикрӣ буданд. Ҳамин тавр, Носири Хисрав унвони «Ҳуҷҷат»-ро гирифт ва пешбарандаю тарғибкунандаи мафкураи ин ҷараён гашт.

Мероси адабии Носири Хисравро чанд намгӯи асарҳои ахлоқию фалсафӣ, девони ашъор ва китоби насрии «Сафарнома» дар бар мегирад. Асарҳои ахлоқию фалсафии ӯ «Зод-ул-мусофирин», «Ваҷҳи дин», «Саодатнома» ва «Рӯшноинома»-анд.Мувофиқи мазмун ва мундариҷаи осори Н. Хисрав, ӯ масъалаи асосии фалсафаро аз мавқеи идеализм ҳал намудааст. Яъне, рӯҳ пеш аз ҳама вуҷуд дорад ва сипас материя. Ӯ вобастагии субстансияи ҷисмро аз худо таъкид менамуд. Дар ин қисмат ҷонибдори Афлотун буд. Дар назариёти Носири Хисрав инчунин унсурҳои материализми соддалавҳонаро низ мушоҳида кардан мумкин аст. Олами воқеӣ қонунҳои худро дорад ва инсон бошад қувваи дигаргунсози он аст. Носири Хисрав масъалаи муносибати рӯҳ ва ҷисмро бисёр хуб ҳал намудааст. Ӯ ҷонибдори таълимоти Арасту ва Ибни Сино дар мавриди ин масъала буд ва аз ин рӯ, мавҷудияти рӯҳро дар мавҷудияти ҷисм медид. Ба андешаи Носири Хисрав, рӯҳ се шакли зуҳуротро дорад: минералӣ, растанӣ, ҳайвонӣ ва одамӣ. Фарқияти онҳоро дар қувваи ҳаётӣ ва қобилияташон мушоҳида кардан мумкин аст. Дар баробари чунин андешаҳои пешқадам, ӯ дар ниҳоят дар «Зод-ул-мусофирин» ба чунин хулоса меояд: он чизе, ки

мувофиқи табиаташ вуҷуд дорад, наметирад ва нест намешавад. Пас, рӯҳ баъди нест шудани ҷисм боқӣ мемонад ва вуҷуд дорад. Ин фаҳмиши идеалистии психикаро ифода менамуд.

Носири Хисрав психикаи инсонро як навъи махсуси рӯҳи ҳайвон медонист. Он чизе, ки дар ҳайвон аст, дар инсон низ ҳаст, вале дар инсон боз чизе ҳаст, ки дар ҳайвон нест ва ин нутқу ақл аст. Мувофиқи ақидаи ӯ, инсон ҳар гуна олотеро барои ба даст овардани ғизо меофарад ва баҳри ин донишҳои худашро истифода мебарад.

Назарияи маърифат дар осори Носири Хисрав қисмати муҳими андешаҳои психологии ӯ аст. Ӯ ҳамчун пайрави Ибни Сино, масъалаи протсессҳои маърифатиро ба таври материалистӣ ҳал намудааст. Носири Хисрав қайд мекунад, ки сарчашмаи дониш на ақлу хирад, балки эҳсос аст, ки он туфайли узвҳои ҳиссӣ ба амал меояд. Мутафаккир дар китоби худ «Зод-ул-мусофирин» таъкид менамояд, ки «эҳсос-ин нақш, образи аниқи чизҳои берунӣ буда, аммо худи чизҳо намебошанд». Носири Хисрав нақши ҳисро дар маърифати ҳақиқати воқеӣ махсус қайд менамуд. Ҳар як узви ҳис, ба андешаи ӯ, вазифаи муайяни маърифатиро адо менамояд. Узви ҳисси шунавоӣ ва биноӣ бояд чунин хосиятҳои ашёро дониста гиранд: садо, шакл, андоза, ранг ва ғайра. Идрок, аз назари Носири Хисрав, ин инъикоси таъсироти олами беруна буда, тавассути он образи ашё дар шакли яклухт дарк карда мешавад.

Носири Хисрав дар «Девони ашъор»-аш ба таҳқиқи масъалаи тасаввурот, хаёл ва хотир таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, қайд менамояд, ки тасаввурот – ин образи ашёи воқеӣ буда, худи он дар айни замон дар назди инсон вуҷуд надорад. Хаёл бошад яке аз қобилиятҳои рӯҳи инсон аст. Тавассути хотир маълумотҳои зарурӣ нигоҳ дошта ва гузаронида мешавад. Носири Хисрав чор шарти бахотиргириро ҷудо намудааст: а) мавҷудияти мақсадгузории муайян барои бахотиргирӣ; б) маводи дидаву шунидаро бояд бо диққат ва бо ҳиссиёти баланд аз худ намуд; в) маводро

гоҳ-гоҳ бояд худ ба худ такрор кард; г) агар инсон маводро ба таври ҷиддӣ аз худ намояд, он гоҳ онро тез фаромӯш намекунад. Андешаҳои зикршудаи Носири Хисрав доир ба хотир ба принсипҳои ҳозираи бахотиргирӣ мувофиқат мекунанд. Ӯ назариёти пешгузаштагони худро (Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино ва дигарон) давом дода, ба қобилиятҳои ақли инсон боварӣ зоҳир менамояд. Аз ин рӯ, нақши муҳимро дар рафти маърифат ба ақлу хирад нисбат медиҳад.

Носири Хисрав тафаккурро воситаи муҳими дониста гирифтани ҳодисаҳое медонад, ки ҳудуд надоранд. Ӯ ягонагии тафаккурро бо нутқ қайд менамояд. Бинобар ин навиштааст, ки дониста гирифтани ашё, фаҳмидани он, дастрас намудани он ба эҳсос ва ақл танҳо туфайли нутқ ҳосил мешавад.

Мутафаккир дар чунин ақида аст, ки донишҳои модарзодӣ вуҷуд надоранд. Онҳо дар асоси таҷрибаи ҳаётӣ ба даст оварда мешаванд. Аз ин рӯ, илму донишро бояд дӯст дошт ва омӯхт. Шахсе, ки хоҳиши аз худ кардани илмро дорад, бояд дар ин пайраҳа устувору заҳматкаш ва мақсаду мароми олиро дошта бошад. Илм ва дониш, ба қавли Носири Хисрав, бартарафкунандаи ҳар гуна мушкилоту муаммо аст. Ӯ мегӯяд:

Ҷамоли мардумӣ дар ҳилм бошад,
Камоли одамӣ дар илм бошад.

Мулоҳизаҳои аҳамиятбахши Носири Хисрав дар асарҳои ахлоқии ӯ «Рушноинома» ва «Саодатнома» ҷой дода шудаанд, ки дар ташаккули психологияи инсон саҳмгир шуда метавонанд. Ӯ зери тарбияи шахс ташаккули чунин сифатҳои мусбатро дар кӯдакон мефаҳмид: хоксорӣ, меҳрубонӣ, ростқавлӣ, меҳнатдӯстӣ, ягонагии фикру амал, боварӣ ба қувваю иродаи худ ва ғайра. Мутафаккир ҳамаи ин сифатҳоро дар рафти ташаккули шахс на ҷудогона, балки дар шакли тому ягона дида мебарояд. Шахс ин сифатҳоро тадриҷан соҳиб мешавад – аввал бо роҳи

тарбияи оилавӣ, сипас дар синни балоғат, дар рафти фаъолияти ҳаётӣ ва ё туфайли худтарбиякунӣ. Дар ин бобат боз махсус ишора мекунад, ки дар тарбияи кӯдак ҳам нақши падар ва ҳам модар, обрӯю эътибори онҳо бузург аст. Дар китоби худ «Рушноинома» меоварад: «Кӯдаконро на табиат, балки тарзи ҳаёти онҳо, муҳит бадахлоқ мекунад», ё худ мефармояд:

Бипарҳез, эй бародар, аз лаимон,
Бино кун хона дар кӯи ҳакимон.
Зи некон нек бошӣ в-аз хасон хас,
Зи дунон дун шавию аз касон кас.
Бувад бо зиракон зиндон гулистон,
Чу зиндон аст бо ноақл бӯстон.

Тарбияи меҳнатӣ аз масъалаҳои асосии ашъори Носири Хисрав ба ҳисоб меравад. Ӯ меҳнатро сарчашмаи қадру қимати инсон, маънавиёт, хушбахтӣ ва омили муҳими ташаккули шахс донистааст. Аз ин рӯ, меҳнати пурфайз мояи ҳаёт ва шахси меҳнаткаш ифтихори башарият хоҳад буд. Ба ин маънӣ мегӯяд:

Калиди ризқу қисмат сахт дар мушт,
Чароғи дилафрӯзӣ дар даҳ ангушт.

Хулоса, Носири Хисрав ҳамчун олими равшанфикр ва мутафаккири ҳақиқатнигор инсонро ба худогоҳӣ ташвиқ мекунад. Андешаҳои психологии Носири Хисрав дар ташаккули ҳамаҷонибаи шахсияти инсон ва умуман, инкишофи психики насли наврас аҳамиятбахшанд.

Муҳаммад Ғазолӣ (1058-1111) аз ҷумлаи бузургтарин мутафаккирони тоҷику форс аст, ки дар инкишофи тамаддуни тамоми халқҳои Шарқи мусулмонӣ нақши ниҳоят бузург бозидааст. Ӯ намояндаи фалсафаи калом мебошад.

Ғазолӣ соли 1058 дар шаҳри Тӯси Эрон таваллуд ёфтааст. Ӯ маълумоти ибтидоиро дар Тӯс гирифта, мадрасаро низ дар ин ҷо хатм намудааст. Абу Ҳомид Ғазолӣ дар Нишопур аз Абдумалики Ҷувайнӣ илми мантиқро

омӯхтааст. Ӯ муддате ба сифати мударрис дар мадрасаи Низомияи Бағдод фаъолият намуд ва баъд ба Нишопур баргашта, дар мадрасаи Низомияи он бо тадрис машғул мешавад. Пеш аз вафоташ ба Тӯс бармегардад ва соли 1111 дар он ҷо вафот мекунад. Муҳаммад Ғазолӣ аз ҷавонӣ то охири ҳаёташ ба таълифи рисолаҳои гуногунҳаҷм машғул шуда, зиёда аз 70 асари безавол иншо намудааст ва машҳуртарини онҳо дар олами фалсафа инҳоянд: «Мақосид-ул-фалосифа», «Таҳофут-ул-фалосифа», «Кимиёи саодат», «Эҳё-ул-улум-ид-дин», «Ал-мунқиз мин-аз-залол», «Насиҳат-ул-мулук» ва ғ.

Сарчашмаҳои асосии афкори фалсафӣ, психологӣ ва педагогии Ғазолӣ пеш аз ҳама ояҳои Қуръони карим, андешаҳои пешиниён доир ба ахлоқ, афкору осори сӯфия ва эҷодиёти даҳонакии халқ мебошанд. Мазмуну моҳияти далелҳои Ғазолиро таъминоти ислом ташкил додаанд. Аз ин ҷиҳат, муҳаққиқон ӯро «Ҳуҷҷат-ул-ислом» донистанд.

Таълимоти фалсафиву психологии Ғазолӣ ҳалли чунин масъалаҳоро дар бар мегирад: табиат, илоҳиёт, сиёсат, офариниш, риёзиёт ва мантиқ. Илмҳои риёзӣ ва табиӣ, ки доир ба адади ҷисмҳо, аз ҷумла ҷисмҳои муфрад (танҳо) ва мураккаб баҳс мекунанд, ба инкору тасдиқи аҳкоми дин бефарқ мебошанд, аммо усули сиёсӣ, ахлоқӣ нисбат ба дин бетараф нестанд ва аксари ғалатҳои фалсафа дар илоҳиёт рӯх додаанд. Назарияи маърифати Ғазолӣ низ ба ҳимоя ва пуштибонии дин тобеъ аст. Ӯ мавқеи ҳис ва ақлро дар донистани олам инкор карда, исбот карданӣ мешуд, ки фақат нури дар дили бандагон афкандаи худо «калиди» таҳсили аксарияти донишҳост. Бинобар ин, ӯ илмҳои динӣ-Қуръон, сунна, тафсир ва фиқҳро илмҳои дараҷаи аввал дониста, илмҳои фалсафиро пояи онҳо мешуморад.

Ғазолӣ дар бобати масъалаи ақл ва манофеи он андешаҳои муҳимро баён мекунад. Ӯ қудрати ақлро дар дарки неку бад, ҳалолу ҳаром инкор намекунад, валекин таъкид менамояд, ки амали саҳеҳ нисбат ба аъмоли ҳасана

ва қабеҳ бо воситаи шариат ба даст меояд. Дар ин маврид мақоми ақл дар исботи онҳо баланд аст. Инсон тавассути ақл мефаҳмад, ки чӣ хуб асту чӣ бад, вале умури солиҳа ва риояи аъмоли некро шариат ҷорӣ мекунад. Хулосаи Fазолӣ чунин аст, ки ин ҳарду ба инсон заруранд ва агар ақл бо шаръ пайванд гардад, он гоҳ дилхоҳ мушкилоти инсонӣ ҳалли худро пайдо мекунад.

Мавҷудияти инсон ба қавли Fазолӣ, аз ду чиз: колбад (ҷисм) ва рӯҳ иборат аст ва онҳо дорои ахлоқи нек ва зишт мебошанд. Ин хулқҳоро ба намуди зоҳирии инсон ва ҳусни хулқро ба сурати ботин мансуб донистааст. Вай таъкид менамояд, ки инсон фақат бо зебо будани сурат зебо шуда наметавонад. Ӯ бояд ботинан зебо бошад. Ҳусни ботин аз гавҳар қувват: илм (мақсад аз он зиракӣ) хашм, шаҳват ва адл иборат мебошад. Ҳар яке аз ин қувваҳо ҷанбаҳои мусбӣ ё худ некиҳои худро соҳибанд. Fазолӣ ба хулоса меояд, ки мавҷудияти ин қувваҳо шахсро саодатманд мегардонад.

Fазолӣ доир ба ҳиссиёт ва идоракунии онҳо андешаронӣ намуда, қайд мекунад, ки хашму ғазаб ҳамон вақт дорои ҳусни зебост, ки агар таҳти фармони ҳикмат ва шаръ қарор дошта бошад. Некӯӣ ва соҳибҷамолии қуввати шаҳват дар фармонбардории шаръӣ ва ақлӣ қарор доштани ӯст.

Ҳусни қуввати адл дар зери даст ва ақл нигоҳ доштани қувватҳои шаҳват ва ғазаб мебошад. Агар ин чаҳор қувват дар ҳамбастагӣ бо дигар ҳуснҳои зикршуда қарор дошта бошанд, он гоҳ ин гуна инсон саодатманд ва феъли нек дорад. Дар сурати нуқс доштани яке аз ин қувватҳо ахлоқи мутлақо нек ҳосил намешавад, яъне шахсияти инсон коста мегардад, чунончӣ: агар рӯйи инсон, чашм, бинӣ ва ё даҳон … ягон нуқс дошта бошанд, чеҳраро зишт (баднамо) мекунанд ва он чеҳра мутлақо зебо шуда наметавонад. Аз ин ҷост, ки нуқс пайдо кардани ин чаҳор қувват ду паҳлӯ дорад: якум, агар аз ҳад зиёд зоҳир гардад, яъне аз меъёр гузарад ва дуюм, аз меъёр кам, яъне ноқис

бошанд. Қуввати илм аз ҳад гузараду онро бо мақсади корҳои бад истифода баранд, аз вай ҳилаю найранг (маккорӣ) бархезад; агар ноқис бошад, аблаҳию ҷоҳилӣ ба миён ояд. Қуввати илм ҳамон вақт фоиданоку дар роҳи савоб сафарбар аст, ки муътадил бошад. Қуввати хашму ғазаб чун аз меъёр гузашт, ифроти он ба амал омада, шахс худдорӣ карда наметавонад, ки ин низ қобили қабул нест. Агар аз меъёр паст бошад, боиси буздилӣ (тарсончакӣ) мегардад. Агар дар меъёри муътадил зоҳир шавад, сабаби шуҷоатмандӣ мегардад. Шахси дараҷаи хашмаш ноқис пеш аз ҳама ба қувваи худаш баҳои паст медиҳад ва хештанро хор мекунад.

Қуввати шаҳват (шаҳвати нафсонӣ, ҷинсӣ) ифротӣ (аз ҳад гузаштан) бошад, боиси пайдоиши палидӣ, нопокӣ ва ҳасад мегардад. Агар ин қувват ба тафрит (кам) наздик бошад, он сабаби сустӣ, номардӣ ва беҷуръатӣ мешавад. Ашхоси шаҳваташ мӯътадил шахсони бошарму ҳаё, босабру қаноат ва боиффат мебошанд. Ҳамин тавр, дастури Ғазолӣ ин аст, ки инсон бояд ҳамеша мақоми миёнаро (мӯътадилро) интихоб карда, амал кунад.

Ғазолӣ ҳамчун психологи борикбин масъалаи хашму ғазабро ба таври хоса ва амиқ дида мебарояд. Ба андешаи ӯ, хашм – ин шӯълаест, ки дар қалби инсон ҳамчун лағчаи зери хокистар ниҳон буда, ҳангоми хурӯҷ ақлро тира ва рӯҳи ҳайвонии инсонро ба ҳаракат меоварад. Ғазолӣ боз ишора мекунад, ки ҳангоми гирифторшавӣ ба хашму ғазаб, дар бадани инсон бухори касифе ҳосил шуда, рагҳои ӯро оганда ва рангу баданро сурх мегардонад. Дар ҳолати баръакс, ин бухор ба ботин майл намуда, ранги чеҳраро зард мекунад. Ҳангоми аз ботин ба зоҳир ҳаракат кардани бухори аз қалб сарчашма гирифта, одам сахт ба ҳаяҷон омада, панду насиҳатро қабул намекунад, аз худ рафтори беақлонаву бехирадона зоҳир намуда, нисбати дигарон беадабиву беҳурматӣ ва таҳқиру таҳдидро раво мебинад. Шахси ғазаболуд аз пайроҳаи адаб берун баромада, одоби муомилаву муошират ва шарму ҳаёро фа-

ромӯш мекунад. Ба ин маънӣ хашм калиди ҳамаи бадиҳост.

Ғазолӣ одамонро вобаста ба қувваи ғазабнокиашон ба се тоифа ҷудо менамояд: а) баъзе аз ҳад зиёд ғазабноканд ва ҳангоми хашму ғазаб аз итоати хирад ва шаръ берун шуда, ақлу ҳушро аз даст медиҳанд; б) дигарон баръакси ин тоифа аз хашму ғазаб орианд; в) қувваи ғазабнокии гурӯҳи сеюми одамон мӯътадил ва бомаврид буда, дар доираи талаботи шаръӣ ва ақлӣ сурат мегирад. Ин гурӯҳи одамон хашмро ҳамчун силоҳ алайҳи ҳар гуна чизи хатарнок истифода бурда, аз ин чизҳо сарфи назар менамоянд. Ӯ ба хулоса омадааст, ки кӯдакону занон ва пирони барҷомонда назар ба дигарон дида, зудтару сахттар ба хашм меоянд. Ғазолӣ дастур медиҳад, ки илоҷи чора намудани хашму ғазаб ҷустани дурӣ аз хислатҳои нохуб аст. Мулоҳизаи савоби ҳилм ва мазаммати хашму ғазаб, бо шахсони бадхашм дӯстӣ наварзидан, зишту қабеҳ накунонидани чеҳраи худ ҳангоми ғазабнок шудан ва ғайраҳо аз ҷумлаи чораю марҳами бемории ғазаб мебошанд.

Хулосаи ниҳоии Ғазолӣ он аст, ки инсон бояд ҳар як рафтор, кирдор ва гуфтори худро дар тарозуи ақл санҷида, баъдан онро аз худ зоҳир намояд. Доимо кӯшиш кунад, ки амали фаъолияти ботинӣ ва зоҳириаш зери назорати нури хирадаш қарор дошта бошад. Инсон ҳеҷ гоҳ набояд ақлро мутеи нафс, шаҳват ва дунёпарастӣ гардонад.

Ғазолӣ дар робита бо ҳиссиёти хашму ғазаб масъалаи одоби муошират инсониро таҳлил намуда, онро низ як воситаи пешгирии ин ҳолати номатлуби рӯҳӣ донистааст. Воситаи асосии муошират, ки забону нутқ аст, аз ин лиҳоз ӯ таълиму тарбияи сухан ва суханвариро, одоби каломро таъкид намудааст. Ӯ забони муоширатро воситаи ба ҳамдигар муттаҳид гардонанда, ифодакунандаи марому мақсад, калиди дониш ва ақлу хирадӣ инсонҳо меҳисобад.

Ҳамин тариқ, афкори психологию педагогии Ғазолӣ дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ буда, дар ташаккули шахсияти насли навраси имрӯза нақши муҳим бозида метавонанд.

Адабиёт

1. Алиев М. Андешаҳои тарбиявии Имом Муҳаммад Ғазолӣ. – Душанбе: «Эҷод», 2008
2. Арабзода Н. Носири Хисрав. – Душанбе, 1965
3. Ашуров Г. Философские взгляды Носири Хисрава. – Душанбе, 1965
4. Бехтерев В.М. Объективная психология. – М., 1991
5. Ғафуров Б. Тоҷикон. Ҷилди 1. – Душанбе: Ирфон, 1983
6. Диноршоев М. Аз таърихи фалсафаи тоҷик. – Душанбе, 1998
7. Ёрмуҳаммад Ниёзӣ. Назари муҳаққиқони муосири араб ба фалсафаи Ибни Сино. – Душанбе: Ирфон, 2008
8. Ждан А.Н. История психологии. – М.: МГУ, 1990
9. Ибни Сино. О душе: В кн. Избранные произведения мыслителей стран
10. Ближнего Востока и Среднего Востока. – М., 1961
11. Ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷ.1 ва 2. – Душанбе, 1980
12. Қодиров К. Таърихи фалсафаи тоҷик. – Душанбе: Маориф, 1988
13. Қодиров Б.Қ., Давлатов М., Расулов С. Вожаномаи тафсирии истилоҳоти психологӣ ва педагогӣ. – Душанбе: Ирфон, 2008
14. Миралиев А., Давлатов М. Педагогика ва психология. – Душанбе: Ирфон, 2007
15. Муртазо Мударриси Гелонӣ. Ахлоқи Ғазолӣ ё калиди маърифат. - Душанбе, 1992

16. Муҳаммад Рашшод. Фалсафа аз оғози таърих. – Душанбе, 1990
17. Носири Хисрав. Куллиёт, ҷ.1. – Душанбе, 1991
18. Осимӣ М. Пайдоиш ва ташаккули тафаккури фалсафӣ. – Душанбе, 1970
19. Петровский А.В. Вопросы теории и истории психологии. – М., 1984
20. Равоншиносӣ аз дидгоҳи Ғазолӣ ва дигар донишмандони исломӣ. Таълифи Абдулкарим Усмон. – Теҳрон, 1348
21. Сагадеев А.В. Ибни Сино, 1980
22. Содиқов А. Аз таърихи афкори ахлоқии мутафаккирони Шарқ. – Душанбе, 1999
23. Султонов У. Ақидаҳои фалсафӣ – иҷтимоӣ ва ахлоқии Абӯалӣ ибни Сино. – Душанбе, 1975
24. Темур Атахонов, Маҳмадулло Лутфуллоев, Файзулло Шарипов. Очеркҳои афкори педагогӣ. – Душанбе, 2005
25. Тезисҳои маърӯзаҳои Конференсияи байналмилалии илмӣ бахшида ба «Абӯалӣ ибни Сино ва тамаддуни ҷаҳонӣ» (6-7 сентябри 2005). – Душанбе, 2005
26. Фрейд З. Я и ОНО. - Тбилиси, 1991
27. Хайруллоев М.М. Абу Наср ал-Форобӣ. – М., 1985
28. Хрестоматия по истории психологии. – М., 1980
29. Шоев Н.Н. Психология и педагогика с основами кредитной технологии и активных методов воспитывающего обучения. - Душанбе: Ирфон, 2008
30. Ярошевский М.Г. Психология в XX столетии. – М., 1974
31. Ярошевский М.Г. Введение в историю психологии. – М.: Изд. Российского открытого университета, 1994

БОБИ III. Шахс дар фаъолият ва муошират

3.1. Шахс, сохт ва ташаккули он

Шахс, фард ва фардият

Шахс фарди бошуур буда, ҳамчун субъекти муносибатҳои иҷтимоӣ, барандаи сифатҳои арзишноки иҷтимоӣ маҳсуб меёбад.

Мо одатан дар радиф бо шахс мафҳумҳои одам, фард ва фардият низ мавриди истифода қарор медиҳем. Ин мафҳумҳо хусусиятҳои худро доро бошанд ҳам, дар баробари инба ҳамдигар алоқаи зич доранд.

Одам мафҳуми нисбатан умумию ҷамъбасткунанда - мавҷудест, ки дараҷаи олии инкишофи ҳаёт, маҳсули равандҳои ҷамъиятӣ - меҳнатӣ, ваҳдати ногусастании мабдаҳои табиӣ ва иҷтимоиро таҷассум менамояд, аммо ҳар як одам ҳамчун барандаи арзишҳои иҷтимоӣ - авлодӣ, мавҷуди такрорнашавандаи табиӣ - фард мебошад.

Фард - ин одами мушаххас ҳамчун намояндаи авлоди homo sapiens, барандаи заминаҳои (нишонаҳои қобилият, истеъдод, лаёқат) инкишофи одамист. Ин тарзи тавсифдиҳӣ шаҳодати он аст, ки мавҷудият ба насли одам мансуб буда, дар мафҳуми фард таҷассум меёбад. Зери мафҳуми фард навзод ё калонсол, мутафаккир ё ноқисулақл, намояндаи ягон қабилаи дар зинаи ваҳшоният қарор дошта ё сокини бомаърифати ягон мамлакати тараққикарда дар назар дошта мешавад. Фарзанди инсон ҳамчун фард ба дунё меояд ва аз ҳамин давра ба системаи таърихан ташаккулёфтаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳамроҳ шудан мегирад.

Мафҳуми «шахс» нисбат ба мафҳуми «одам» дида, мафҳуми нисбатан маҳдудтар мебошад. Вай категорияи ҷамъиятию таърихӣ ба шумор рафта, сифати иҷтимоиеро мефаҳмонад, ки фард онро дар ҷараёни муошират ва фаъолияти предметӣ ба даст овардааст. Ҳарчанд шахс сифати махсуси иҷтимоии фард бошад ҳам, «фард» ва «шахс» бо ҳам монанд нестанд.

Шахс ҳамчун ходими инкишофи ҷамъиятӣ, фарди бошуурест, ки дар ҷамъият нақшеро мебозад ва соҳиби мавқеи муайян мешавад. Нақш – ин функсияи иҷтимоии шахс аст. Масалан, нақши волидайн аз тарбияи фарзанд иборат аст ва ғайра. Мавқеи шахсро системаи муносибатҳои ӯ бо шароитҳои моддии ҳаёт, ба ҷамъияту одамон, ба худ, ба вазифаҳои ҷамъиятию меҳнатии худ ва ғайра ташкил медиҳанд.

Чуноне ки мафҳумҳои «фард» ва «шахс» бо ҳам монанд нестанд, шахс ва фардият низ дар навбати худ ягонагиро ташкил медиҳанд, вале бо ҳам айниятдор нестанд. Хусусиятҳои фардиятӣ дар сурати иштироки шахс дар системаи муносибатҳои байнишахсӣ ошкор мегарданд. Фардият – ин хусусиятҳои такрорнопазири одами мушаххас ё худ, хосиятҳои табиӣ ва дар ҷомеа бадастовардаи ӯ мебошад. Яъне, фардият аслияти шахсро ифода мекунад, ё худ ягон хусусияти бартаридоштаи шахсро мегӯянд, ки ӯро аз атрофиён фарқ мекунонад.

Дар мафҳуми шахс маҷмӯи сифатҳои аз лиҳози иҷтимоӣ аҳамиятноки одам мақоми аввалро ишғол менамояд. Моҳияти иҷтимоии одам дар робитаи ӯ бо ҷомеа шакл гирифта, зоҳир мегардад. Ҳар як ҷомеа намунаи ба худ хоси шахсро муқаррар карда, типҳои асосии психологии одамро муайян менамояд.

Шахс дорои сохти мураккаб мебошад. Дараҷаи олию пешбарандаи сохти психологии ӯро доираи маром ва талаботҳо, равия ва муносибатҳои ӯ ба ҷомеа, ба ашхоси ҷудогона ва ба ӯҳдадориҳои иҷтимоии худи ӯ ташкил медиҳанд.

Барои шахс на танҳо мавқеъ, балки қобилияти амалигардонии муносибатҳои ӯ низ муҳим аст. Ин аз дараҷаи инкишофи имкониятҳои фаъолияти одам, маърифату малакаҳо, хусусиятҳои эмотсионалию-иродавӣ ва зеҳнии ӯ вобаста мебошад.

Одам бо қобилиятҳо ва характери тайёр ба дунё намеояд. Ин хосиятҳо дар тӯли зиндагӣ, аммо дар зами-

наҳои муайяни табиӣ ташаккул меёбанд. Асоси ирсии организми одам (генотип) хусусиятҳои анатомӣ-физиологии ӯ, сифатҳои асосии системаи асаб, ҷараёни протсессҳои асабиро муайян мекунад. Имкониятҳои инкишофи психологии шахс дар сохти табиию биологии ӯ инъикос шудаанд.

Мавҷуди одамӣ ба туфайли омӯзиш ва азхудкунии таҷрибаи наслҳои гузашта, ки дар донишҳо, анъанаҳо, ашёи фарҳангӣ ва моддию маънавӣ таҳким ёфтаанд, ба одам табдил меёбад. Ҷиҳатҳои табиии одамро ба моҳияти иҷтимоии ӯ муқобил гузоштан дуруст нест, зеро онҳо на танҳо маҳсули таҳаввули биологӣ, балки маҳсули таърих низ мебошанд. Мабдаи биологии одамро ҳамчун мавҷудияти ким-чи гуна паҳлӯи «ҳайвонӣ»-и ӯ набояд донист. Кулли нишонаҳои қобилияту истеъдоди одам одамианд, на ҳайвонӣ. Бояд қайд кард, ки ташаккули

одам чун шахс танҳо дар шароитҳои мушаххаси иҷтимоӣ сурат мегирад.

Он чи ки дар назари аввал чун сифатҳои «табиӣ»-и одам падидор мегарданд (масалан, хусусиятҳои характер), дарвоқеъ таҳкими бахши талаботи иҷтимоии ба рафтори ӯ алоқаманд ба шумор меравад .

Инкишофи шахс бо вусъатдиҳии доимии имкониятҳо ва афзудани талаботи ӯ алоқаманд аст. Дараҷаи инкишофи шахс бо муносибатҳои ба ӯ хос муайян карда мешавад. Муносибатҳои шахс дар дараҷаи пасти инкишоф асосан аз манфиатҳои амаливу «кӯтоҳназарона» вобаста мебошанд. Дараҷаи баланд бо афзалияти арзишҳои аз лиҳози ҷамъиятӣ барои ӯ аҳамиятнок тавсиф дода мешавад.

Ҳар як фард дар ҷомеа фаъолияти ҳаётии хешро ба танзим дароварда, масъалаҳои мураккаби ҳаётиро ҳал мекунад. Ҳамон як душвориҳо ва инчунин ба ҳам бархӯрди манфиатҳо аз ҷониби одамон ба таври мухталиф бартараф карда мешаванд.

Ҳангоми ошкор намудани моҳияти шахс бояд ба он эътибор дод, ки ӯ масъалаҳои ҳаётиро бо кадом тарз ҳал менамояд ва кадом принсипҳои ибтидоии рафторро сармашқи кори худ қарор медиҳад.

Шахс вобаста ба ворид шуданаш ба муносибатҳои муайяни ҷамъиятӣ иштирокчии ғайрифаъоли ин муносибатҳо намебошад. Хусусияти дигари шахсро мустақилияти ӯ ташкил дода, ба ӯ имкон медиҳад, ки аз таъсири ҳар гуна фармон - фармоии ҳокимият, ҳолатҳои номатлуби иҷтимоӣ ва таъқибот озод бошаду худидоракуниашро аз даст надиҳад.

Худмухтории шахс бо сифати олии психикаи ӯ - маънавиёт робита дорад. Маънавиёт - ин зуҳуроти олии моҳияти одам, пайравии ботинии ӯ ба арзишҳои ахлоқӣ ва тобеият ба ғояҳои олии ҳастӣ мебошад.

Маънавиёти шахс дар фавқулшуури ӯ, дар талаботи инкори қатъии ҳама гуна қабоҳату зиштиҳо, дар садоқати фидокоронаи ӯ ба ормонҳои олӣ, дар дурӣ ҷӯстан аз майлу хоҳишҳои ношоиста ва фаъолии сохтаю бардурӯғи иҷтимоӣ ифода меёбад. Аммо ҷомеа ҳар қадаре, ки соддатар бошад, ҳамон қадар тамоюли он ба баробаркунӣ қавитар аст ва ҳамон қадар дар он одамоне зиёданд, ки ба меъёрҳои иҷтимоӣ кӯр-кӯрона итоат мекунанд. Одаме, ки аз рӯи шиорҳои қолабӣ ҳарф мезанад, дигар дар бораи худсозии шахсии худ ғамхорӣ ҳам намекунад.

Шахси эҷодкор аз ҳудуди муҳити бевоситаи иҷтимоӣ берун рафта, худро дар пойгоҳи нисбатан фарохи иҷтимоӣ ташаккул медиҳад. Сифатҳои шахс аз доираи муносибатҳои амалӣ ва аз ворид будани ӯ ба соҳаҳои мухталифи ҳаёти иҷтимоӣ вобастаанд.

Шахс имкониятҳои асосии тараққиёти ҷамъиятро инъикос карда, ояндаи ҷомеаро пешбинӣ менамояд ва метавонад аз ҳолати ҳозираи он пеш гузарад. Рушди шахс ташаккули маҷмӯи сифатҳои мусбати иҷтимоии ӯ - заминаҳои муайяни ҷамъиятӣ, талаботи иҷтимоӣ, безараргар-

донии омилҳоеро тақозо мекунад, ки онҳо боиси бегонашавии ӯ мегарданд.

Дар ташаккули фард чун шахс ду раванд нақши муҳим мебозанд: а) раванди ҳаммонандкунии шахс (дар фард ташаккул ёфтани айниятдиҳии худ ба соири одамон ва умуман ба ҷомеаи одамӣ); б) раванди персонализатсия (аз ҷониби шахс дарк намудани зарурати пешниҳод кардани шахсияти худ дар фаъолияти ҳаётии дигар одамон, худифоданамоии шахсӣ дар умумияти иҷтимоӣ).

Шахс бо одамони дигар дар асоси «Манн - консепсия», рефлексияи шахсӣ - тасаввуроти худ доир ба худ, имкониятҳои хеш ва моҳияти худ дар таъсири дутарафа мебошад. Рефлексияи шахсӣ ба «Ман»-и воқеӣ метавонад мувофиқ ояд, ё метавонад мувофиқ наояд. Дараҷаҳои баланд ё пасти иддаоҳои шахсӣ метавонанд, боиси низоъҳои мухталифи дохилишахсӣ шаванд.

Роҳи ҳаётии шахс фазои иҷтимоии мушаххаси таърихиро аз сар мегузаронад. Хусусиятҳои ба худ хоси шароитҳои моддии истеҳсолот, соҳаи истеъмолӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ тарзи ҳаёти одам, Хусусиятҳои гуногунранги рафтор ва ниҳоят типи шахсро муайян месозад.

Ҳар як шахс дурнамои зиндагонии худ, яъне системаи устувори тарзҳои тағйир додани вазъиятҳои ҳаётиро дар заминаи арзишии хеш ташаккул медиҳад. Дурнамои зиндагӣ - ин равияи умумии худсобитнамоии шахс мебошад.

Дурнамои аз лиҳози иҷтимоӣ арзишманд – ин худифоданамоии ахлоқии шахс ва тарзи ҳаёти маънавии ӯро муайян мекунад. Дар ин маврид фаъолияти ҳаётии шахс бо сабабҳои муайяни воқейи бо мақсаду маромҳои ҷомеа алоқаманд сурат мегирад. Шахс зиндагиро бо дастовардҳои аз лиҳози иҷтимоӣ арзишманд оғоз менамояд.

Дар мавриди дурнамои зиндагӣ, тарҳрезии дастовардҳои фард танҳо ба маънию масойили ҷорӣ итоат карда, зиндагонии ӯ ба тарзи мукаммал сурат намегирад, мазмуну мароми зиндагиаш паст рафта, талаботи рӯҳонӣ-

маънавии ӯ маҳдуд мегардад, дараҷаи иддаою талаботаш паст мешавад.

Шахс бо маҷмӯи хусусиятҳои устувор – маҷмӯи маромҳо, мақсадҳо, манфиатҳо, қобилияти таъсиррасонии дутарафа бо муҳит ва принсипҳои ахлоқии худидоракунии рафтор тавсиф дода мешавад. Ин ҳама хусусиятҳои шахс маҷмӯи омилҳои генетикӣ, ирсӣ ва иҷтимоӣ - мадании ӯ мебошанд.

Таносуби омилҳои биологӣ ва иҷтимоӣ дар инкишофи психикии шахс

Одам бо нишонаҳои муайяни қобилияту истеъдодҳои ирсӣ ба дунё меояд. Ағлаби онҳо бисёрмаъноянд: дар асоси онҳо сифатҳои мухталифи шахс ташаккул ёфта метавонанд. Барои амалӣ гардидани он раванди тарбия нақши ҳалкунанда мебозад.

Воқеан имкониятҳои тарбия бо хусусиятҳои ирсии фард низ алоқаманд мебошанд. Асоси ирсии организми одам хусусиятҳои анатомӣ- физиологӣ, сифатҳои асосии системаи асаб ва ҷараёни протсессҳои асабии ӯро муайян менамояд.Табиату имкониятҳои инкишофи ояндаи психикаи одам дар сохти биологии ӯ ниҳода шудаанд.

Генотипи фард (маҷмӯи генҳои ҳамин фард) нақшаи инкишофи фардии ӯро муайян мекунад. Марҳилаҳои гуногуни инкишофро генҳои мухталиф назорат мекунанд, аммо фаъолгардонии онҳо на худ ба худ, балки таҳти таъсироти олами берунӣ сурат мегирад.

Раванди инкишофи психикӣ вобастаи на фақат мабдаи иҷтимоӣ, балки марбут ба мабдаи ирсӣ низ мебошад. Ва ин муайянкунандаҳои асосӣ байни ҳам алоқамандand. Ҳар қадаре функсияи ташаккулдиҳанда мураккабтар бошад, ҳамон қадар робитаи дутарафаи мабдаъҳои табииву иҷтимоӣ зичтар мешавад.

Дар ҳар давраи инкишоф ҳассосияти баланди интихобии одам ба таъсироти муайяни муҳит (сензитивӣ) ҷой дорад. Сензитивӣ – чун софкунакест, ки баъзе таъсироти

муҳитро аз худ гузаронида, дигар таъсиротҳои боқимондаро бозмедорад. Вай дар баъзе одамон маҳдуд ва дар гурӯҳи дигар нисбатан васеътар мушоҳида мешавад. Ин ҳама таъсироти муҳитро ба инкишофи ҳамин фард ва равияҳои ӯ муайян менамояд.

Ҳар як марҳилаи инкишоф барои тараққиёти минбаъда асос мегузорад. Аммо фақат фаъолии одам ӯро субъекти инкишоф мегардонад. Хусусиятҳои психикии одам инчунин таъсироти муҳити иҷтимоии ба ӯ равона бударо муайян мекунанд. Одам бо дигаргун сохтани муҳит баҳри амалигардонии барномаи генотипи хеш шароитҳои беҳтаринро фароҳам меоварад. Дар марҳилаҳои аввали тараққиёт афзалан тарзҳои рафтори намуди умумидошта ва дар марҳилаҳои оянда бошад тарзҳои фардии рафтор ташаккул меёбанд.

Ҷиҳатҳои табиии одамро бо моҳияти иҷтимоии ӯ муқобил гузоштан лозим нест. Мабдаи биологиро дар одам ҳамчун мавҷудияти ким чӣ гуна сохти пасттарин набояд донист. Набояд фаромӯш кард, ки нишонаву аломатҳои табиию биологии одам нишонаҳои одамӣ мебошанд, на ҳайвонӣ. Одам аз лаҳзаи таваллуд дорои сохти олии биологӣ аст, ки дар он ба таври ирсияв инкишофи ҳаматарафаи ӯ ниҳода шудаанд. Худи биологияи одам табиати иҷтимоиро дошта, бо инкишофи ҷамъиятӣ-таърихӣ муайян карда мешавад.

Камолот ва ташаккули психикаро бояд аз ҳам фарқ кард. Тағйирёбии худ ба худи дохилии психикаи одам камолоти он аст. Инкишофи психика таҳти таъсироти берунӣ ва пеш аз ҳама таъсироти иҷтимоӣ сурат мегирад.

Маҷмӯи ҳама хусусиятҳои физиологию психологии фард, ки инкишофи онҳо марбути амали омилҳои умумии генетикист, конститутсияи (аз лотинии constitutio-сохт) одамро ташкил медиҳад.

Масъалаи таъсири мутақобилаи хусусиятҳои биологию иҷтимоӣ дар таърихи психология назарияҳои мухталифи инкишофи психикаро ба вуҷуд овард. Яке аз онҳо

назарияи камолоти биологӣ мебошад ва он таъкид мекунад, ки вазифаҳои психикии одам ба таври ирсӣ муайян шудаанд ва онҳо аз муҳити беруна вобаста набуда, ба андозаи камолоти биологии организм инкишоф меёбанд. Зимнан инкишофи фард инкишофи кулли авлоди одамиро такрор мекунад (қонуни биологӣ).

Назарияи дигар - назарияи нақши пешбаранда доштани муҳит буда, намояндагон бар он ақидаанд, ки муҳит дар инкишофи психикии одам омили ҳалкунанда аст. Ҷонибдорони ин назария дар инкишофи психикӣ тағйироти сифатии синнусолро ба назар намегирифтанд ва онҳоро аз ҷамъкунии донишҳо ва маҳорату малакаҳо иборат медонистанду халос.

Дастовардҳои муосири илмӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки омилҳои муайяни биологӣ ба сифати шароитҳое метавонанд баромад кунанд, ки онҳо ташаккули ин ё он сифатҳои психикаи одамро ё душвор, ё сабук мегардонанд.

Чуноне маълум аст, ҳастаи (ядро) ҳуҷайраи биологии одам аз 23 ҷуфти хромасома бо тақсимоти якхелаи хромосомаҳои χ ва γ иборат аст. Аммо одамоне дучор меоянд, ки дорои ҳодисаҳои ғайриоддии хромосома (бо зуди 1:500) мебошанд ва дар ҳастаи ҳуҷайравии онҳо на 46, балки 47 хромосома мавҷуд аст. Шахсони дорои хромосомаи зиёдатии χ буда, бо ноустувории эмотсионалӣ, агрессияи баланд ва шахсони хромосомаи зиёдатии γ дошта, бо сустиродагӣ ва дараҷаи пасти ақлӣ аз дигарон фарқ мекунанд.

Албатта, падидаи ғайриоддии хромосомаро ҳамчун мавҷудияти «генҳои ҷиноятқорӣ» дар одамони ҷудогона шарҳ додан мумкин нест. Низоми мусоиди тарбия, ки хусусиятҳои биологии ҳамин фардро ба назар мегирад, ҷиҳатҳои манфии ин ҳодисаҳои ғайриоддии хромосомаро заиф мегардонад.

Соҳаи бо геншиносӣ ҳамҷавори психология - геншиносии психикӣ (психогенетика) робитаи мутақобилаи ге-

нотип ва шароитҳои муҳитро тадқиқ мекунад, ки дар хусусиятҳои рафтори фард зоҳир мегардад. Дар ин маврид, методи дугоникҳо (ҳанӯз онро Ф.Галтон дар соли 1876 пешниҳод карда буд) истифода мешавад, ки тавассути он нақши хосаи муҳит ва ирсият таъкид карда мешавад. Генотипи дугоникҳои монозиготӣ (аз як тухмҳуҷайра ба дунёомада) ба ҳам монанд аст.

Барои ҳар як фард шароитҳои ба худ хоси ирсӣ ва муҳити инкишоф мавҷуданд. Муҳит сабабгори зуҳуроти имкониятҳои генетикӣ шуда метавонад.

Асоси гурӯҳбандии фардҳоро ҳамчун намояндагони намуди биологӣ се меъёр ташкил медиҳад: генетикӣ, нейрогуморалӣ ва хусусиятҳои модарзодии типи фаъолияти олии асаб (нейротип).

Аз рӯи хусусиятҳои нейрогуморалӣ, вобаста ба хусусиятҳои эътибордиҳии системаи симпатикӣ-адреаналинӣ ба таъсироти муҳит се тарзи рафторро фарқ мекунанд: 1) тарзи рафтори А (адреаналинӣ); 2) тарзи рафтори НА (норадреналинӣ); 3) тарзи рафтори А+НА (омехта).

Намояндагони тарзи рафтори А бо изтиробу ҳаяҷон, масъулияти баланд, худтанқидкунӣ фарқ карда, мушкилиҳои асабиро вазнин аз сар мегузаронанд ва мубталои амрози қалбанд (байни мардон ҳиссаи тарзи рафтори А зиёда аз 30% ва байни занон 30% - ро ташкил медиҳад).

Намояндагони тарзи рафтори НА бо пуршиддатии зиёди эмотсионалӣ фарқ мекунанд. Инҳо одамони ҷиддӣ, дамдузд, камсухан, канорачӯ ва ҳукмфармоянд. Онҳо дар роҳи ба мақсадрасӣ фаъол буда, ба рафъ намудани мушкилиҳо қодиранд, аммо нобарориҳоро бо душворӣ аз сар мегузаронанд, гирифтори бемории асабанд (тарзи рафтори НА байни мардон 17% ва байни занон 26%-ро ташкил медиҳад).

Намояндагони тарзи рафтори А+НА (омехта) бо ҳолати эмотсионалии баланд, бо зуд ивазшавии ҳолати рӯҳӣ ва бо ноустувории ҳиссиётҳо аз дигарон фарқ мекунанд.

Инҳо одамони типи истероидиянд; онҳо моҳиру мумтоз буда, дар маркази таваҷҷӯҳ буданро хуш медоранд, дорои ҳассосии баланд буда, бо атрофиён зуд унс мегиранд ва тоқати нохушиҳоро надоранд.

Хусусиятҳои нейтрогуморалии одамон дар шароитҳои фавқулодда хело тезутунд зоҳир мешаванд. Гурӯҳҳои фавқуззикр аз ҳамдигар бо нишондиҳандаҳои биокимиёвӣ, масуниятӣ (иммунологӣ) ва дигар нишондиҳандаҳои ҷисмонӣ фарқ мекунанд.

Хусусиятҳои биологии фард дар раванди иҷтимоишавии ӯ тағйир меёбанд.

Иҷтимоишавии шахс Иҷтимоишавӣ – ин дар асоси аз худ кардани арзишҳои иҷтимоӣ ва тарзҳои рафтори барои ҷомеа муфид, ташаккул додани қобилияти шахс барои бурдани фаъолияти ҳаётӣ дар ҷомеа мебошад.

Одам дар раванди иҷтимоишавӣ меъёрҳои иҷтимоиро аз худ намуда, молики тарзҳои иҷрои нақшҳои иҷтимоӣ ва малакаҳои ҷамъиятӣ мегардад. Иҷтимоишавӣ – ин аз худ намудани воқеияти иҷтимоӣ аз ҷониби шахс аст.

Сарчашмаҳои иҷтимоишавии шахс инҳоянд:

- таҷрибаи синни барвақти бачагӣ - ташаккули вазифаҳои психикӣ ва шаклҳои оддитарини рафтор (хатоҳои алоҳидаи содиршуда, ҳангоми ташаккули шахс дар синну соли барвақтӣ бачагӣ, дар синни нисбатан калонтари камолот ба душворӣ ислоҳ мешаванд);

- институтҳои иҷтимоӣ- системаи тарбия, таълим ва маълумот;

- таъсири байниҳамдигарии одамон дар раванди муошират ва фаъолият.

Иҷтимоишавӣ механизми ба фард таҳлил намудани «шаклҳои тайёри иҷтимоӣ» набуда, балки раванди худсозии фаъоли шахс аст ва аз шароитҳои муайяни иҷтимоӣ вобаста мебошад. Иҷтимоишавӣ ба шахс имконияти ба сифати аъзои комилҳуқуқи ҷомеа амал карданро медиҳад.

Иҷтимоишавии фард бо муайян намудани муносибати мувофиқ ба арзишҳои иҷтимоӣ алоқаманд аст. Мӯд, завқ, тимоюлоти истеъмолӣ тағйирёбанда буда, мавқеъҳои ҷаҳонбинии одамон ва арзишҳои фарҳанги умумибашарӣ нисбатан пойдортаранд.

Ҳар як насл ҳангоми ба ҳаёти ҷомеа ворид шуданаш дучори мушкилаҳои муайяне мегардад. Иҷтимоишавӣ маънои таҳти анъанаю арзишҳои иҷтимоии пешина «соз кардани» наслҳои навро надорад. Агар барои падарон имконияти фарзандонро ба мисли худ «сохтан» муяссар мегашт, он гоҳ раванди таърих аз инкишофи худ боз мемонд. Иҷтимоишавӣ - ин аз ҷониби насли наврас аз худ кардани механизмҳои иҷтимоӣ - психикии амалкунии мувофиқи одамон дар ҷомеаи инсонӣ мебошад.

Тарзи иҷтимоишавӣ бо дараҷаи ҳукмронии калонсолон бар хурдсолон муайян карда мешавад. Дар ҷомеаҳои ибтидоӣ ва тоталитарӣ иҷтимоишавӣ инъикоси бечунучарои қолабҳои иҷтимоии калонсолон аз ҷониби хурдсолон мебошад. Дар ҷомеаи мутамаддини демократӣ принсипҳои таъсири байниҳама наслҳо баробарию ҳамкорӣ, имконияти инкишофи озодонаи насли наврас дар чаҳорчӯби арзишҳои бунёдии умумибашарӣ ба шумор меравад.

Шиносо кардани фард бо мероси иҷтимоӣ – ин ошно намудани ӯ бо маданияти ҷомеа ва дастовардҳои башарият аст, ки онҳо дар арзишҳои моддию маънавӣ ва меъёрҳои муносибатҳои иҷтимоӣ таҷассум шудаанд. Дар мафҳумҳои маданият намунаҳои рафтори воҷиби одамон дар соҳаҳои мухталифи рӯзгору меҳнат, ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ таҷассум меёбанд.

Натиҷаи иҷтимоишавии фард дар хусусиятҳои шахсии ӯ зоҳир мегардад, ки онҳоро вай ва ҷомеа чун сифатҳои аз лиҳози иҷтимоӣ арзишманд қадр мекунанд: сифати ақл, хулқу атвор, тарзи рафтор, ботарбиягӣ ва маълумотнокӣ, мутобиқгардии иҷтимоии фард, маданиятнокӣ ва ғ. мисоли онҳоянд.

Ҳама одамон ба таври мусбат муаррифӣ шудан мехоҳанд, аммо истилоҳи мусбат муаррифӣ шудан аз ҷониби ҳар кас ба як маъно фаҳмида намешавад. Масалан, вайронкорони ҷамъиятӣ: дузд, қотил, роҳзан, фоҳиша аз машғулияти пешгирифтаи хеш бояд шарм доранд, вале бараъкс, онҳо дар такя бо ақидаи гурӯҳҳое, ки дар он амали онҳо ба таври мусбат баҳогузорӣ мегардад, дар зеҳни худ нисбати амали худ нуқтаи назари мусбатро ба вуҷуд меоранд ва аз он фахр ҳам мекунанд. Одамон барои нигоҳдошти чунин дидгоҳ аз рӯи ғаризаи табиӣ пайгирӣ аз ҳамон доираи одамоне мекунанд, ки дар он фаҳмиши таҳиякардаи онҳо роҷеъ ба ҳаёт ва мавқеи онҳо дар ҳаёт эътироф карда мешавад.

Рафтори одамро доираи талаботҳо, системаи арзишҳои қабулкардаи ӯ ва он ки ӯ чиро ба худ ҷоиз медонад ё намедонад, муайян менамояд. Дар дараҷаи пасти инкишофи иҷтимоӣ дар шахс шавқу рағбатҳои худ ба худ пайдошуда бартарӣ доранд. Сохти психикии чунин фард ба таври нокифоя инкишоф ёфта, дар ӯ ҳиссиёт бар хирад, талаботи паст бар талаботи олӣ бартарӣ дошта метавонанд.

Нуқсонҳои иҷтимоишавӣ дар даврањои бӯҳронии ҳаёти фард нисбатан бештар мушоҳида мешаванд. Давраи нисбатан «нозуки» вижаи психика ба синни наврасӣ рост меояд. Дар ин синну сол дар ҳама чиз: дар тағйирёбии чеҳра, садо, сохти бадан, тарзҳои нави таъсироти дутарафа бо муҳит дигаргунии куллӣ ба назар мерасанд. Ғаризаҳои табиии ҷинсии бедоршуда шиддату ғалаёни зиёди ботиниро тавлид мекунанд.

Ҳаяҷони баланд, заиф гардидани боздории асабӣ, дар мавридҳои муайян ба таври эмотсионалӣ зоҳир нагардидани нерӯҳои ботинӣ шахс нишонаҳои бӯҳрони синни наврасианд. Чун қоида, бо наврас ҳанӯз ҳам, ҳамчун кӯдак муносибат мекунанд, ки он боиси эътирози наврас, муқобилияту инкори ҳама чиз ва таҳрифи шаклҳои худтасдиққунии ӯ дар ҳаёт мегардад.

Рафтори гуногунранги ибтидоии хилофи қонунро рафтори деликвентӣ меноманд, ки он системаи ҳуқуқвайронкуниҳои ночиз, гуноҳҳо ва бадрафториҳо мебошанд. Омили асосии рафтори деликвентӣ аз беназоратии педагогӣ, бетарбиягӣ, камфарҳангӣ, инчунин аз ҳодисаҳои ғайриоддии психикӣ, карахтии рафтор ва майл ба рафторҳои аффективӣ сарчашма мегиранд.

Рафтори деликвентӣ бештар аз носозгории тарбияи оилавӣ, «ҳимояту ғамхории барзиёд» ё муомилаи хеле дағал ва таъсири номусоиди доираҳои нисбатан хурди муошират вобаста мебошад. Нахустин зуҳуроти чунин рафтор - ба дарсҳо наомадан, ҷангу ҷидол бо ҳамсолон, майдаавбошӣ, хушунат бар ҳамсолони заиф, таҳдид, дуздида рондани нақлиёт, рафтори густохона дар ҷойҳои ҷамъиятӣ мебошанд.

Агар ин тарзи рафтори пешазҷиноятқорӣ сари вақт пешгирӣ карда нашавад, он гоҳ дар қолабҳои мувофиқаи рафтор мутаҳкам шуда, тарзи рафтори ғайрииҷтимоиеро ташаккул медиҳад, ки вай дар шароитҳои муайян ба ташаккули рафтори устувори зиддииҷтимоӣ оварда мерасонад. Сабаби аввалиндараҷаи рафтори зиддииҷтимоӣ – ин маҳрумшавӣ аз манбаҳои барои шахс арзишнок мебошад.

Номутобиққии иҷтимоии шахс ва каҷрафторӣ ӯ аз заифшавии назорати иҷтимоӣ, беназоратӣ, зуҳуроти саҳлангоронаи ғайрииҷтимоии шахс дар марҳилаҳои барвақтии ташаккули он вобаста мебошанд. Шароитҳои берунӣ, ки ба беназоратии мунтазами рафтор имконият медиҳанд, бо қобилияти худмаҳдудкунӣ ботинии шахс табдил меёбанд.

Талаботи асосии иҷтимоии одам – ин талабот худэҳтиромкунӣ аст, ки бояд аз ҷониби муҳити солими иҷтимоӣ дастгирию ҳамовозӣ пайдо намояд. Зеро шахси аз ҷониби ҷомеа радшуда рӯ ба шаклҳои гуногуни каҷрафтори меоварад.

Фарде ки ҳанӯз иҷтимоии нагардидааст, пеш аз ҳама ба меъёрҳои барои ӯ дастраси ғайрииҷтимоӣ майл меку-

над. Ҳамин тавр, ҷавонаки организман заиф ба аракнӯшию сигоркашӣ оғоз намуда, худро «ҷавони ҳақиқӣ» ҳис мекунад.

Ҳавасмандкуниҳои муҳоботомези сарварон ба худдӯстии ӯ мувофиқ меоянд. Фард маҳз дар ин порафарҳанги ғайрииҷтимоӣ ба ёфтани маънои мавҷудияти хеш оғоз менамояд. Дар ӯ мароми рафтори девианти мустаҳкам мегардад. Амалҳои зиддимеъёрӣ барои ӯ ҳамчун меъёр хизмат мекунанд.

Дар синну соли барвақтӣ бачагӣ барои дуруст ташаккул ёфтани фард нуқсонҳои ҳангоми иҷтимоишавӣ баамалоянда, ниҳоят хатарнок мебошанд. Ба фарди ташаккулёбанда коллективи ибтидоии иҷтимоикунанда – оила, ҳамсолон, гурӯҳҳои гуногуни ибтидоию хурд таъсири нисбатан бештар мерасонанд.

Сифат ва тарзи иҷтимошиавиро ба андозаи зиёд аз сохти иҷтимоии ҳамин ҷомеа низ муайян кардан мумкин аст.

Чунончи, дар шароити тоталитарӣ байни ҳастии шахсӣ ва ҷамъиятии одам тазодҳо арзи вуҷуд мекунанд – духелашавии психикаи шахс ба амал меояд. Роҳи ҳаёт аз ҷониби аксарияти одамон дигар ҳамчун воситаи ҳаракат ба сӯи такомули шахсӣ эҳсос намегардад. Чӣ қадаре ки шахс ба мафкураи расмиятпарастӣ-шахшуда гирифтор шавад, ҳамон қадар зиёдтар ба маҷрои умумии майлу хоҳиши оммавӣ ҷалб мегардад ва дар ҳамин замина шахси молики типи шахсияти ҳукмраво (авторитарӣ), вобаста ташаккул меёбад.

Сифатҳои асосии ин типи одамон инҳоянд:

- конвенсионализм – бе танқид қабул кардани қоида ва меъёрҳои шахшудаю карахт;
- бо изтиробу ҳаяҷон дар ҳама ҷо иҷро кардани талаботҳои шахшуда;
- фармонбардорӣ;
- вобастагии авторитарӣ – пеши ҳокимияти расмӣ сар хам намудан;

- бе танқид болобарории сарварони сиёсӣ, эътиқод ба ивазнашаванда будани онҳо;

- агрессияи авторитарӣ – нафрат ба касоне, ки хилофи андешаи ӯ мебошанд;

- этнотсентризм –дар раванди умимиҷаҳонӣ-таърихӣ ба нақши миллати худ аз ҳад зиёд баҳои баланд додан ва ба халқҳои дигар нисбат додани сифатҳои манфӣ;

- карахтӣ, таассуби тафаккур, асосии муҳокимаҳо, баҳогузориҳо, надоштани қобилияти муколама намудан ва дарки дурусти ҳарифон;

- эътимод ба «покизагии ахлоқӣ»-и фақат намояндагони гурӯҳи худ, кӯшиши худмуайянкунӣ тавассути мансубия донистани худ ба иттиҳодияҳои махсус, мағрурӣ ва муносибати душманона ба одамоне, ки шомили ин иттиҳодия нестанд;

- гум кардани босалоҳиятӣ ва масъулияти иҷтимоӣ.

Ҳамаи ин «маҳсули шахсӣ»-и низоми тоталитарӣ мебошад. Дар тӯри иҷтимоӣ-психологии тоталитаризм пеш аз ҳама шахсони майл ба конформизм дошта дар мемонанд. Онҳо ба мифологияшавии шуури худ муқобилият нишон надода, ба осонӣ гирифтори сирояти идеологӣ мешаванд. Ва ҳар қадаре «идея (фикр)» соддаю фаҳмо бошад, ҳамон қадар шумораи хайрхоҳон зиёд мешавад.

Ҳар гуна шахс фазои зиндагӣ, «техникаи» зиндагӣ, масъулияти ба дӯш доштани ӯҳдадориҳо, майлу рағбат, шавқмандиҳои ниҳонӣ ва мақсаду маромҳои худро дорост.

Шахс пайваста барои ба тартиб овардани ҷаҳонфаҳмӣ ва ошкору фаҳмо шудани олами худ кӯшиш мекунад. Барои устувор нигоҳ доштани олами хеш ҳатто ба худфиребӣ низ даст зада метавонад. Барои шахс аз харобшавии дунёи зеҳнии ӯ, бемаъно гардидании мавҷудият – аз даст додани умеду эътиқод дида, фоҷиаи бузургтаре вуҷуд надорад.

Мушкилоти зиндагӣ сади роҳи ҳар гуна шахс шуда метавонад. Аммо танҳо шахсони зудмутобиқшаванда қо-

диранд вазъияти душворро дигаргун созанд, механизми ҳимояи психикиро истифода намоянд, миёни арзишҳои зиндагӣ афзалтарашро барои худ муайян кунанд ва пешомадҳои нави зиндагониро бубинанд.

Иҷтимоишавӣ - на фақат соҳиби таҷрибаи иҷтимоӣ шудани шахс, балки ташаккули устувории шахсияти фард низ мебошад.

Одамонро вобаста ба дараҷаи иҷтимоишавӣ аз ҳамдигар ба таври зерин фарқ мекунанд: а) иҷтимоишуда- шахсҳои ба шароитҳои ҳастии ҷамъиятии худ мутобиқгашта; б) иҷтимоинашуда- шахсони девиантии аз талаботи асосии иҷтимоӣ дуршуда (шаклҳои ниҳоии ингуна канораҷӯӣ- гӯшанишинист); в) шахсони рӯҳан бемор (девонагон, маризони асаб, афроди нуқсони инкишофи психикӣ дошта ва дар худидоракунии психикӣ имконияти кам дошта).

Шахси инкишофёфта дар баробари мутобиқшавандагии иҷтимоӣ, дорои автономияи шахсӣ ва талабот ба тасдиқ намудани фардияти худ мебошад. Дар ҳолатҳои фавқулодда чунин шахс дурнамои ҳаёташро нигоҳ медорад, ба мавқеъҳо ва мақсаду арзишҳои хеш содиқ мемонад.

Ӯ ноҷӯриҳои имконпазири психикиро дар вазъиятҳои фавқулода бо маҷмӯи воситаҳои ҳимояи психологӣ (хирадмандӣ зоҳир намудан, танг карда баровардан, ба арзишҳо аз нав баҳо дода тавонистан ва ғ.) бартараф менамояд. Барои шахс дар ҳолати инкишофи мутассил қарор доштан, худтакмилдиҳӣ ва худамалигардонӣ, барои худ ҳамвора кушодани уфуқҳои нав, маърифат кардани «хӯшиҳои рӯзи оянда», ҷустуҷӯи имкониятҳои рӯзмарраги гардонии қобилиятҳои худ дар шароитҳои душвор, таҳаммулпазирӣ, қобилияти амалҳои мувофиқ намудан дар вазъиятҳои ихтилофнок, ҳамчун меъёр ба ҳисоб меравад.

Шахси устувор дар таҳияи нақшаҳои ҳаётӣ ба имкониятҳои воқеӣ такя намуда, аз майлу иддаои аз меъёр зиёд

дурӣ мечӯяд. Шахси инкишофёфта дорои ҳиссиёти баланд инкишофёфтаи адолат, вичдон ва шараф аст. Ӯ барои ба даст овардани мақсадҳои воқеан муҳим на карахтгашта, балки собитқадаму боисрор буда, қодир аст, ки камбудиҳои рафтори худро ислоҳ намояд.

Мушкилиҳои зиндагиро бе афсуордаҳолию дармондагӣ ва бо рӯҳу тавони тоза бартараф карда метавонад. Ҳама гуна муваффақияту комёбиҳо ва нокомию нобарориҳоро, на аз тақдир , балки аз фаъолияти худ вобаста медонад. Ӯ қодир аст, ки дар шароитҳои мураккаби зиндагӣ, масъулиятро ба дӯши худ гирад ва қадам ба таваккалкории зарур ниҳад.

Сохти психологии шахс

Ҳамаи қисматҳои идоракунандаи фаъолияти одам - протсессҳои маърифатӣ, иродавӣ ва эмотсионалӣ дар ягонагии ногусастанӣ амал карда, фаъолияти психикии одамро ташкил медиҳанд, ва дар баробари ин хусусиятҳои психикии шахсро ифода менамоянд.

Қисматҳои таркибии шахсро ҷудо карда, онҳоро чун маҷмӯи имкониятҳои психикию идоранамоии фард баррасӣ кардан зарур аст. Шахс сохти яклухту томи психикист, ки унсурҳои алоҳидаи он дар робитаи қонунии дутарафа қарор доранд. Ҳамин тариқ, имкониятҳои табии фард (типи фаъолияти олии асаб) мизоҷи ӯро, яъне хусусиятҳои умумии ҷараёни психикиро муайян мекунанд.

Ин хусусиятҳо барои зуҳуроти дигар имкониятҳои психикии фард-имкониятҳои маърифатӣ, эмотсионалӣ, иродавӣ заминаи умумии психикӣ мебошанд. Имкониятҳои психикӣ дар навбати худ бо равияи шахс, бо характер, яъне бо тарзҳои умумимутобиқшавандаи рафтори ӯ алоқаманданд.

Ҳангоме ки мо ҳодисаҳои психикиро (протсессҳо, ҳолатҳо ва хусусиятҳои психикии шахс) ба таври умумӣ тасниф мекунем, он гоҳ байни онҳо ба таври сунъӣ фарқи-

ят мегузорем ва онҳоро аз ҳам ҷудо менамоем. Вақте ки мо доир ба сохти хусусиятҳои психикаи шахс ҳарф мезанем, мо ҳодисаҳои психикиро якҷоя намуда, шахсан онҳоро муттаҳид менамоем.

Хусусиятҳои шахс – ин системаи динамикии имкониятҳои функсионалии ӯ мебошанд. Хусусиятҳои психикӣ бисёрҷанбаанд: онҳо дар системаи мухталифи муносибатҳои дутурафа ҳар хел зоҳир мешаванд. Хусусиятҳои шахсро ҳамчун субъекти маърифат, фаъолияти меҳнатӣ ва муошират ҷудо кардан мумкин аст.

Маҷмӯи хусусиятҳои психикӣ сохти психикии шахсро ташкил медиҳад. Одам дар ҳаллу фасл кардани масъалаҳои ҳаётӣ ба имкониятҳои психикии хеш такя мекунад, аз тарзҳои худии муносибати байниҳамӣ бо муҳит истифода мебарад ва тарзҳои фардии фаъолияти ҳаётиро амалӣ мегардонад.

Маҷмӯи хусусиятҳои психикӣ шахсро ба вуҷуд меоваранд. Ин хусусиятҳои психикии шахсро чун анъана ба чор гурӯҳ тақсим мекунанд: 1) равия; 2) мизоҷ; 3) қобилият; 4) характер.

Ҳамаи ин сифатҳои психикӣ сохти шахсро ташкил медиҳад.

Равияи шахс. Равияи шахс – ин системаи арзишҳои шахс, маҷмӯи талаботҳои асосии ӯ, маромҳои устувори рафтор ва сифати асосии низомофарини шахс мебошад.

Системаи арзишҳои шахс асоси муносибатҳои гуногунранги шахс ба воқеият мебошад. Чунин хусусиятҳои равияи шахсро фарқ мекунанд:

1. Аҳамияти иҷтимоӣ доштани муносибатҳои шахс, дараҷаи арзиши ҷамъиятӣ доштани онҳо - дар доираи ахлоқ будани рафтори ҳаррӯзаи ӯ, мувофиқати рафтори шахс ба ғояҳои пешқадами иҷтимоӣ, баландғоягии шахс.

2. Гуногунрангии талаботҳои шахс, васеъгии доираи шавқу ҳавасҳо ва муайян будани шавқу ҳавасҳои асосию марказӣ - мақсаднокии шахс.

3. Дараҷаи устувории муносибатҳо - пайдарпайӣ принсипнокии шахс, ягонагии шахс.

Арзиш - ин аҳамиятнокии ҳодисаҳои муайянро барои одам ифода менамояд. Ҳам мақсадҳои асосии зиндагӣ ва ҳам принсипҳои ташкили он (поквиҷдонӣ, шаъну шараф ва ғ.) мисоли арзиш шуда метавонанд. Арзишҳо ҳдуди имконпазири усулҳои ҳалли мушкилоти ҳаётро муайян менамоянд. Мутобиқшавии иҷтимоии шахс - ин қабл аз ҳама шиносоии ӯ бо системаи арзишҳои муайяни умумиятҳои иҷтимоӣ мебошад. Миёни ин арзишҳо арзишҳои пойгоҳӣ (асосӣ) мавҷуданд, ки барои ҳамин гурӯҳи одамон бунёдианд ва инчунин фавқуларзишҳо вуҷуд доранд. Озодии шахс, озодии халқ, ҳаёти одамони наздик, шаъну шараф – аз ҷумлаи номгӯйи нопурраи он фавқуларзишҳо мебошанд, ки барои бисёр одамон аз худи зиндагиашон дида муҳимтаранд.

Аммо одамон баъзан арзишҳои объективан аҳамиятнокро кам баҳогузорӣ мекунанд, баръакс, арзишҳои замонавӣ, бонуфуз, мӯдшударо бештар аҳамиятнок меҳисобанд. Фавқуларзишҳои хаёлию қалбакӣ низ мавҷуданд. Масалан, миллиардери собиқ ҳангоми аз нобарории биржавӣ миллионер шуданаш ва аз даст додани як қисми бойигариаш, худкушӣ мекунад, ё худ образи Қорӣ Исмат дар асари «Марги судхур»-и Садриддин Айнӣ.

Одамон туфайли равияи худ қодиранд монеаҳоро бартараф намоянд, ҷидду ҷаҳд ба харҷ дода, бо роҳи интихобкардаи худ бираванд. Аммо ин роҳ ҳамеша дар ҳудудҳои муносибатҳои муайяни иҷтимоӣ ва арзишҳои иҷтимоӣ қарор дорад.

Ҳамин тавр, рафтори шахсро равияи ӯ муайян мекунад. Равияи шахс маҷмӯи водоркунандаҳо ва мақсаду маромҳои дурру наздикро муайян мекунад, ки онҳо фаъолияти шахсро ба низом медароранд.

агар мақсад асоси фаъолият бошад, пас асоси худи мақсад берун аз фаъолият – дар талаботҳои одам ҷойгир аст.

Талаботи шахс. Талабот заминаю сарчашмаи фаъолии одам мебошад. Одамон вобаста ба зарурат ва ниёзмандӣ намудҳои мухталифи фаъолиятро амалӣ мегардонанд. Талабот сабаби инкишофи организм, фард, шахс ва умумияти иҷтимоӣ буда,барои бунёди амалигардии шароитҳои барои мавҷудияти инсон зарур имконият медиҳад. Шароитҳои барои инкишофи одам ҳаётан муҳимро ба се гурӯҳ тақсим мекунанд:

- шароитҳои барои ҳаёт ва инкишофи одам ҳамчун организми табиӣ зарур (талаботи табиӣ ё худ органикӣ аз ҳамин бармеояд);
- шароитҳои барои ҳаёт ва инкишофи одам ҳамчун фард, ва ҳамчун барои намояндаи авлоди одамӣ (шароитҳо барои муошират, маърифат, меҳнат) зарур;
- шароитҳои барои ҳаёт ва инкишофи одам ҳамчун шахс, барои қонеъгардонии системаи фарохи талаботҳои ӯ зарур.

Талабот - ин аз тарафи инсон эҳсос намудани зарурат ба шароити муайяни ҳаётӣ ва инкишоф мебошад.

Талаботҳои нисбатан муҳиму асосӣ, равияи фаъолияти психикии одам - ҳиссиёт, тафаккур, ирода ва системаи ҳиссии ӯро муайян мекунанд.

Талаботҳои одам гуногун мешавад. Вобаста ба намудҳои асосии фаъолии одам талаботҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мекунанд:

- талаботҳои бо меҳнат алоқаманданд буда, яъне талаботҳои ба офариниш алоқаманд;
- талаботҳои бо инкишоф пайванд буда, яъне талабот ба бозӣ, донишомӯзӣ, ёддиҳӣ;
- талаботҳое, ки бо муошрати иҷтимоӣ, ҳаммонандкунии иҷтимоӣ алоқаманд, яънеталаботи ахлоқӣ ва маънавӣ.

Ҳамаи ин талаботҳо дорои табиати иҷтимоӣ буда, дар ҷомеаи муайяни одамӣ ба вуҷуд меоянд ва аз ин рӯ талаботи **сотсиогенӣ** номида мешаванд.

Илова бар ин, доираи калони талаботҳои одамро талаботҳои биологии ӯ ташкил медиҳанд. Ин талаботҳо **биогенӣ** (виталӣ, аз лотинӣ vita -ҳаёт) номгузорӣ шудаанд ва ба онҳо шомиланд:

- талабот ба амнияту худнигоҳдорӣ;
- талабот ба аз нав барқароркунии қувва ва фаъолии ҳаракатӣ;
- талабот ба омода будан дар бартараф намудани монеаҳо (яке аз соҳаҳои амалишавии ин талабот ёддиҳӣ ва бозии ҷисмонӣ мебошад);
- талабот ба идомати наслу авлод (расми 9).

Расми 9. *«Аҳроми Маслоу» - нақшаи вобастагии иерархии талаботи одам мувофиқи А.Х. Маслоу*

Абрахам Харолд Маслоу (1908-1970) психологи америкоӣ буда, консепсияи тадқиқи системавии психологии шахсро пешниҳод намуд. Маслоу сохти маромҳои шахсро

(«Маром ва шахс», 1954) равшаннамуд ва ба андешаи ӯ талаботҳои олӣ самти рафтори одамро ба он андозае муайян мекунанд, ки ба ҳамон андоза талаботи дараҷаи нисбатан пасттари ӯ қонеъ гардонда мешаванд.

Дар ҳоле ки кулли талаботҳои иҷтимоӣ фақат дар раванди тарбия ба вуҷуд меоянд, талаботи табиӣ, органикии одам бе ташаккули махсус пайдо мешаванд. Бо вуҷуди ин, ҳатто талаботҳои органикии одам ҳам дучори ҷомеашавӣ мегарданд. Вобаста аз он ки талаботҳо бо кадом арзишҳои иҷтимоӣ алоқаманданд, дараҷаҳои гуногуни онҳо-олӣ ва сиф пастро фарқ мекунанд.

Рафторҳои зиддииҷтимоӣ аз ҳудуди талаботҳои ақлонӣ берун мешаванд. Талаботҳои ғайриақлонӣ ба инкишофи талаботҳои дараҷаашон нисбатан баландтар садди роҳ мешаванд. Фақат заҳмати суботкоронаи шахс ва тамоми ҷомеа дар ҷодаи афзудани талабот метавонад талаботҳои ғайриақлиро (ба ҳадди ифрот расидани чизпарастӣ, кӯтоҳназарӣ ва манфиатҷӯйӣ) маҳдуд намояд.

Талаботҳои мардум аз сатҳи таърихан ташаккулёфтаи истеҳсолот ва истеъмолот, аз дараҷаи ҳаёти одам, анъана ва завқу рағбатҳои дар ҳамон гурӯҳи иҷтимоӣ ҳукмронбуда вобастааст.

Дар фарқият аз ҳайвонот, ки дорои доираи устувори талабот мебошанд, талаботҳои одам (ба андозаи имкониятҳои истеҳсолии ӯ) пайваста инкишоф меёбанд.

Ҳамаи талаботҳо дорои равия, бошиддатӣ, силсиланок мебошанд. Талабот аз нуқтаи назари нейрофизиологӣ зимни ба вуҷудоии доминантаҳои ташаккул меёбад. Доминанта барангезиши устувори механизмҳои муайяни мағзи сар аст, ки амалҳои зарурии рафторро ташкил ва танзим мекунад.

Талаботҳо дар раванди қонеъ гардониданашон устувор мегарданд. Талаботҳои қонеъшуда аввал хомӯш мешаванд, баъд аз нав бо шиддат пайдо мегарданд. Талаботҳои заиф дар раванди чандинбора қонеъ шуданашон нисбатан устувор мешаванд.

Талаботҳо дар он мавриде асоси амали рафтор мегарданд, ки агар барои қонеъ гардониданашон воситахо ва шароитҳо (ашёи фаъолият, олоти фаъолият, дониш ва тарзи амалиёт) мавҷуд бошанд ё сохта шаванд. Ҳар қадар воситаҳои қонеъгардонии ҳамин талабот гуногунранг бошанд, ҳамон қадар онҳо устувортар мегарданд.

Талабот механизми мутобиқшавии психикаро муайян мекунад.

Объектҳои воқеият дар ин маврид ҳамчун шартҳои имконпазири (ё монеъшавандаи) қонеъгардонии талабот инъикос меёбанд.

Пайдоиши талаботҳои муҳими зарурӣ, ва қонеъгардии онҳо психикаро барои гузориши мақсади муайян водор менамояд. Дар ин маврид таъсироти берунӣ бо мароми бартаридоштаи рафтори фард дар алоқамандӣ мебошад.

Мароми рафтори шахс. Барои ба ин ё он рафтор, амал ё фаъолияти муайян баҳо додан, маром ва сабабҳои водоркунандаи онҳоро донистан зарур аст. Фаъолии шахс бо талаботҳои ӯ зич алоқаманд аст. Талабот асоси пайдоиши маромҳост. Агар маромҳо қонеъ гардонидани талаботи муайяни ягон фаъолияти инсонро дар бар гирад, он гоҳ онҳо ҳамчун зуҳуроти конкретии талаботи шахс баромад мекунанд. Маром гуфта, қувваи ботинии шахсро меноманд, ки ӯро барои қонеъ гардонидани ин ё он талаботаш водор мекунад.

Ба пӯстлохи майнаи сар роҳ ёфтани ин ё он барангезандаҳои ҳиссӣ,

пурзӯр ё заиф шудани онҳо аз ҳолати маромҳо вобаста аст. Самаранокии

ангезаҳои беруна на фақат аз сифатҳои воқеии он, балки аз ҳолати маромҳои организм низ вобаста мебошад. Масалан, организми сер ба таоми аз ҳама хушлаззату ҷазобтарин ҳам эътибор намедиҳад.

Мароми рафтор ҳамеша саршори ҳиссиёту эмотсияҳо мебошад. Он чизе, ки мо ба сӯяш сайъю талош ме-

варзем, моро ба ҳаяҷон меоварад. Дар ин маврид баъзе ҳиссиётҳо вазифаи дурнамоиро иҷро мекунанд- онҳо муайянсозандаи талабот, аҳамиятнокии гурӯҳи муайяни объектҳо мебошанд ва дигарон бошанд, бо муайянкунии аҳамиятнокии шароитҳои алоҳидае алоқамандand, ки ба даст овардани объекти талаботро таъмин менамоянд.

Эмотсияҳо «муайянкунандаи» бевосита аҳамиятнокӣ, муфидият ё зарарнокии ин ё он ҳодиса маҳсуб ёфта, қувваи организмро барои таъсири дутарафаи фард бо объектҳо сафарбар менамояд.

Маромҳои рафтори одам моҳиятан аз ҳолатҳои маромҳои рафтори ҳайвонот бо он фарқ мекунад, ки он бо системаи дуюми сигналӣ ба низом дароварда мешаванд. Дар баробари маромнҳо бо талаботҳо алоқамандан, зеро талабот асоси пайдоиши маромҳост.

Ба маромҳои рафтори одам дохил мешаванд: шавқу ҳавасҳо, хоҳишҳо, кӯшишҳо, азму ниятҳо, рағбатҳо, майлҳо ва мақсадгузорӣ.

Шавқу ҳавас – ин муносибати ҳиссии инсонро ба объектҳое ифода мекунад, ки бо талаботҳои устувори одам алоқамандand. Шавқу ҳавас ба объекте равона мешавад, ки он барои шахс аҳамияти баланд дорад.

Чуноне, ки К.А. Гелтветсий гуфтааст: «Агар олами ҷисмонӣ тобеи қонуни ҳаракат бошад, он гоҳолами рӯҳонӣ (маънавӣ) на ба андозаи камтар тобеъ ба қонуни шавқу ҳавасҳост. Шавқу ҳавас дар рӯи замин соҳири муқтадирест, ки дар пеши назари ҳама мавҷудот намуди ҳар як ашёро тағйир медиҳад».

Шавқу ҳавас мароми рафтори одам аст, ки бо талаботҳои ташаккулёфта муайян карда мешавад. Шавқу ҳавасҳо дар асоси талабот ба амал меоянд, вале як чиз нестанд. Агар талабот зарурат ба ягон фаъолиятро ифода кунад, он гоҳ шавқу ҳавас таваҷҷӯҳи шахсро ба ягон фаъолият ифода менамояд. Шавқу ҳавас дар сурати устувор гардиданашон ба талабот мубаддал мегардад.

Гарчанде ки шавқу ҳавасҳо бо талабот робитаи бевосита дошта бошанд ҳам, вале онҳо баъзан дарку фаҳмида намешаванд. Вобаста бо воситаҳои ба даст овардани мақсад шавқу ҳавасҳои бевосита ва бавоситаро аз ҳам фарқ мекунанд.

Шавқу ҳавас чун ҳолати психикӣ ба ҳадди беш ба протсессҳои рӯҳӣ таъсир карда, онҳоро фаъол мегардонад. Вобаста ба талаботҳои шахс шавқу ҳавасҳоро аз рӯйи мазмун ба моддӣ ва маънавӣ, аз рӯи васегӣ ба маҳдуд ва гуногунтарафа ва аз рӯи устуворӣ ба кӯтоҳмуддат ва устувор ҷудо мекунанд.

Қонеъгардонии шавқу ҳавасҳо онҳоро хомӯш нагардонида, балки системаи бисёрсоҳаи шавқу ҳавасҳоро боз ҳам ташаккул медиҳад.

Шавқу ҳавасҳо ба сифати асосии рафтори шахс баромад карда, механизми асосии психологии рафтор шуда мемонад. Шавқу ҳавасҳо на танҳо одамро ба фаъолият намудан ҳавасманд мекунанд, балки худашон низ дар ин фаъолият ташаккул меёбанд.

Васегӣ ва амиқии шавқу ҳавасҳои одам пурарзишии комили зиндагии ӯро муайян мекунанд. Шавқу ҳавасҳои шахси рафтори зиддииҷтимоӣ дошта чун қоида, бо маҳдудият, равияи худпарастона, тамаъҷӯию манфиатпарастӣ доштанаш фарқ мекунанд.

Тавсифи шахс дар худ доираи муайяни шавқу ҳавасҳои ӯро дар бар мегирад. Шавқу ҳавасҳои шахс бо хоҳиш, рағбат ва майлҳои ӯ зич алоқаманд мебошад.

Хоҳиш - ин маромест, ки дар он талабот барои қонеъгардиаш ба ашёи мушаххас равона шудааст. Хоҳиш марҳилаи муайяни ташаккули талаботро ифода намуда, дорои мақсад ва нақшаи амал аст. Ҳанӯз Эпикур хоҳишҳои одамиро ба се гурӯҳ ҷудо карда буд: 1) хоҳишҳои табиӣ ва зарурӣ (хоҳиши ғизохӯрӣ, нӯшидан, хоб кардан, истироҳат намудан ва ғ.); 2) хоҳишҳои табиӣ, вале нозарур (масалан, хоҳишҳои шаҳвонӣ); 3) хоҳишҳои на табиию на зарурӣ.

Номгӯй гурӯҳи сеюм беповён аст ва онҳо: хоҳишҳои алоқаманд бо шӯҳратпарастӣ, ҳокимиятхоҳӣ, сарварию бартариятҷӯӣ бар болои дигар одамон ва ғайра. Аммо ду гурӯҳи аввали хоҳишҳои одамӣ низ бенуқсон нестанд – онҳо метавонанд ба ҳадди ифрот расанд, аз ҳад зиёд шадид гарданд ва аз сарҳади қонеъгардонии худ берун бароянд.

Хоҳиш бо саъю кӯшиш, яъне бо ҷозибаи баланди эмотсионалӣ ба объекти хоҳиш тавсиф дода мешавад.

Рағбат - сайъю кӯшиши изтироболудаи устувор ба объекти муайяне аст, ки талабот ба он аз болои талаботҳои боқимонда бартарӣ пайдо карда, ба тамоми фаъолияти ҳаётии одам самти мувофиқ мебахшад.

Рағбат соҳаи эмотсионалӣ ва иродавиро бо ҳам мутаҳид намуда, вобаста аз арзиши он чизе, ки одам ба сӯяш сайъю талош дорад, мусбат ва манфӣ шуда метавонад. Аксарияти рағбатҳои манфӣ (рағбат ба пулу мол, ба бозиҳои саргармкунанда ва ғ.) боиси завол ёфтани шахс мегарданд ва дар аксар маврид заминаи рафторҳои ҷиноӣ мешаванд.

Рағбатҳои мусбат нерӯҳои одамро барои ноил шудан ба мақсадҳои аз лиҳози иҷтимоӣ аҳамиятнок (масалан, рағбат ба санъат, илм, намудҳои ҷудогонаи фаъолияти меҳнатӣ ва ғ.) сафарбар мекунанд. «Тамоман нобуд шудани рағбатҳо (агар ин имконпазир бошад), боиси ба таври пурра кундзеҳну тираакл гардидани шахс мегардад ва ҳар қадаре, ки шахс гирифтори чунин ҳолат бошад, ӯ ҳамон қадар беғаразу холис аст».

Майл - ин ҷозибаест, ки ба гурӯҳи муайяни объектҳо равона шудааст. Майлҳо метавонанд табиӣ бошанд ва дар шароитҳои иҷтимоӣ ташаккул ёбанд.

Майлҳои табиӣ на ҳама вақт фаҳмида мешаванд. Онҳо бо протсессҳои органикӣ алоқаманд буда, фақат ба андозаи андак аз ҷониби шуур идора карда мешаванд. «Майл барои қонеъгардонидани талаботи худ назди ақл (менталитет) масъалагузорӣ мекунад ва онро чун дастгоҳи

корӣ истифода мебарад. Ба тафаккур фишор оварда, онробарои дарёфти тарзҳои қонеъгардонии талаботи худ ҷалб менамояд ва то мавриди ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ барои дар самти муайян кор кардан, маҷбур месозад».

Дар радифи майлҳои ғаризавӣ ва органикӣ вобаста ба пурзӯршавии нерӯи онҳо пайдарпайии зерин муайян гардидааст: 1) майли шиносшавӣ (аксуламалҳои тахминӣ); 2) майли ҷинсӣ; 3) майли бартараф кардани гурусногӣ; 4) майли шикастани ташнагӣ.

Майли одам бо сабаби хусусияти иҷтимоӣ дошта нашон аз ғаризаҳои ҳайвонот фарқ мекунад. Одам ҳар қадар амиқан иҷтимоӣ гардад, майлҳои ӯ ҳамон қадар ба низом медароянд. Заиф шудани психика, вайроншавиҳои рӯҳӣ ба пурқувват гаштани ангезаҳои инстиктӣ мебарад. Масалан, дар олами ҷиноятқорӣ шахсони майлҳои худсаронаи шаҳвонӣ дошта аксариятро ташкил мекунанд, ки бо тарзҳои ҷиноятқорию хушунат талаботҳои шаҳвонии худро қонеъ мегардонанд.

Яке аз хусусиятҳои асосии шуури одами инкишофёфта он аст, ӯ қобилияти аз миёни майлҳои худаш интихоби оқилона карда метавонад. Барои ин фард бояд болотар аз майли худ қарор гирифта, дар канор истад ва аз байни онҳо якеро интихоб кунад. Ин интихоб тавассути арзишҳои шахс амалӣ гардонида мешавад.

Мароми одам бошуурона ва зершуурӣ мешавад. Мароми бошуурона бо азму ниятҳои шахс робитаи зич дорад. Азм - ин қарори бошуурона қабулкардаи шахс барои ноил шудан ба мақсади муайян буда, восита ва тарзҳои амал амал карданро дар бар мегирад..

Азм аз водоркунӣ ба амал кардан ва банақшадарории бошууронаи амал иборат аст.. Азмҳо ба мисли талабот дорои Хусусиятҳои ҳаракатбахш – қувва, бошидатӣ ва ғ. мебошанд. Азмҳо рафтори одамро ташкил карда, озодии амалиёти ӯро таъмин мекунанд ва чун амали бошуу-

ронаи рафтор баромад менамоянд. Асоси бошууронагии азмро маром ташкил медиҳад.

Маром маънои водоркунӣ ва барангезишро дорад. Бояд қайд кард, ки, на ҳар водоркунӣ маром шуда метавонад. Масалан, рафтор метавонад туфайли ҳиссиёт ва мақсадгузорӣ содир шавад, вале мааром шуда наметавонад. Баъзе барангезандаҳо фаҳмидашавандаанд, вале, баъзеашон бошанд фаҳмида намешаванд. Маром - ин водоркунии фаҳмидашуда буда, барои ноил шудан ба мақсадҳои мушаххас равона карда мешавад.

Фаъолияти одам одатан тавассути якчанд маром сурат мегирад. Дар ин маврид маромҳо хусусияти пешбарандаро пайдо мекунанд.

Маромҳои пешбаранда ба фаъолият, объектҳо ва шароитҳои он маъно мебахшанд.

Тамоми оператсияҳои камфаҳмидашуда беихтиёр дар асоси мақсадгузориҳо (баъзан онро иштибоҳан «маромҳои бешуурона» шарҳ медиҳанд) содир мегарданд. Мақсадгузорӣ - ҳолати омодабоши шахс ба тарзи муайяни рафтор дар вазъиятҳои муайян мебошад. Мақсадгузорӣ асоси доимӣ ва устувори рафтори одам мебошад.

Ду намуди мақсадногузориро фарқ мекунанд: умумӣ ва дифференсиалӣ. Мақсадгузории умумӣ дар нисбати гурӯҳҳои калони ҳодисаҳо ва мақсадгузории дифференсиалӣ дар нисбати объектҳои алоҳида ба вуҷуд меояд.

Ҳамин тариқ, механизми водоркунию мақсадофарини рафтори одам аз маҷмӯи омилҳои шахсии ба ҳам алоқаманд-равияи шахс, талаботи ӯ иборат мебошад, ки ба онҳо шавқу ҳавасҳо, хоҳишҳо, кӯшишҳо, рағбатҳо, азмҳо, майлҳо ва мақсадгузориҳои зершуурӣ дохил мешаванд.

Маромҳои рафтори одам, ки дар худ равияи умумии шахсро дар бар мегирад, қисмати бошууронаи амалҳои иродавӣ ва рафтори мақсадноки ӯро ташкил медиҳанд.

Худбаҳодиҳӣ ва дарачаи иддаои шахс. Баҳодиҳӣ ва худбаҳодӣ яке аз унсурҳои муҳими сохти шахс ба шумор

мераванд, ки нисбат ба дигар масъалаҳои он бештар мавриди тадқиқ қарор ёфтаанд. Инсон тавассути дар системаи муносибатҳои ҷамиятӣ иштирок намудан ва бо одамон муошират карданаш, худро чун субъекти ҳолат, амал ва протсессҳои психикии худ эҳсос мекунад ва нисбат ба худаш чун «Ман»-е баромад мекунад, ки ба «дигарон» муқобил аст ва дар айни замон алоқаи зич дорад. Мафҳуми «Ман» онро ифода мекунад, ки инсон айнияти худро ба худаш дар гузаштаю ҳозира ва оянда мефаҳмад. «Ман» қатъӣ назар ба дигаргуниаш дар вазъиятҳои гуногуни ҳаётӣ, новобаста аз тағйирёбии шуур, ақидаю мақсадҳо ҳамон «Ман»-ам, ки дирӯз будам, айни замон ҳастам ва дар оянда ҳамон хел хоҳам буд.

Баҳодиҳии «Ман» натиҷаи муқоисаи доимии чизи дар худ дидаи шахс бо чизи дар дигарон дидаи ӯ мебошад. Инсон дар бораи худ маълумот ҷамъ намуда, онро бо маълумотҳои дар бораи дигарон доштааш муқоиса мекунад, ин гувоҳи он аст, ки ӯ нисбати сифатҳои шахсӣ, рафтор ва зӯҳуроти худ бепарво нест. Ба иборaи дигар шахс соҳиби гурӯҳи референтӣ (реалӣ ё идеалӣ) мебошад, ки ба он доимо аҳамият медиҳад ва дар он нишондиҳандаҳои арзишноки ҳаётӣ, шавқу ҳавас ва идеалҳоеро пайдо мекунад, ки ба худи ӯ низ дахл доранд. Шахс дар рафти муқоиса кардани худ бо эталони (намуна) муқоисашаванда аз натиҷаи санҷиш қаноатманд мешавад ё қаноатманд намешавад.

Дар адабиётҳои илмӣ ва амалӣ ду намуди худбаҳодиҳӣ: худбаҳодиҳии мувофиқ ва худбаҳодиҳии номувофиқро аз ҳам фарқ мекунанд. Худбаҳодиҳии мувофиқ ба шахс имконият медиҳад, ки ба худ аз нуқтаи назари танқидӣ муносибат карда, қувваю имкониятиҳои худро барои ҳалли масъалаҳои гуногун ва талаботҳои атрофиён мувофиқ гардонад. Ин намуди худбаҳодиҳӣ шарти зарурии ташаккули шахсият мебошад. Худбаҳодиҳии номувофиқ дар навбати худ ба ду намуд: худбаҳодиҳии дараҷааш баланд ва худбаҳодиҳии дараҷааш паст ҷудо мешавад.

Худбаҳодиҳии баланд нишонаи ба имкониятҳои худ аз будаш зиёд баҳо додани шахс мебошад. Ин намуди худбаҳодиҳӣ одатан шахсро ба зиддияти атрофиён дучор гардонида, барои ӯ ташкили муносибатҳои солимонаи байнишахсиро мушкил мегардонад.

Худбаҳодиҳии паст нишонаи ба қобилияту имкониятҳои худ боварӣ надоштани шахс мебошад. Вобаста ба он шахс дар иҷрои фаъолият ташаббусро аз даст дода, нисбати худ қадрношиносӣ мекунад.

Худбаҳодиҳӣ бо дараҷаи иддаои шахс алоқаи зич дорад. Дараҷаи иддао гуфта, дараҷаи дилхоҳи худбаҳодиҳии шахсро мегӯянд, ки ба дараҷаи душвориҳои мақсади шахс вобаста аст. Одатан, чунин мақсадҳоест, ки мувофиқи хоҳишу имконияти ӯст ва натиҷаест, ки онро соҳиб шудан мехоҳад. Дараҷаи иддаои шахсро дар сурати ба ӯ пешниҳод кардани масъалаҳои дараҷаи ҳаллашон гуногун муайян кардан мумкин аст. Дар чунин ҳолат шахсони дараҷаи иддаояшон баланд, озмоишро аз ҳалли масъалаи дараҷааш душвор оғоз мекунад, шахсони дараҷаи иддаояшон паст бошад баракс корро аз ҳалли масъалаҳои осонҳал оғоз

мекунанд. Баъзан чунин шакли иддао рӯй медиҳад, ки шахс кӯшиши ба

даст овардани муваффақиятеро накарда, балки аз нобаробарии он ҳарф мезанад. Ӯдар чунин ҳолат ё масъалаи душвор ва ё осонро интихоб мекунад. Шахс масъалаи осонро ҳал карда истода, ба натиҷае муваффақ мешавад ва дар сурати ҳал карда натавонистани масъала, дараҷаи душвориҳаллии онро сабаб мекунад ва аз ин образи «Ман»-и ӯ дигар намешавад.

Дараҷаи иддаои шахс аз якчанд омилҳо вобаста аст: а) аз душвории воқеии супориши пешниҳодшуда; б) аз арзишнокии ин супоришҳо барои худи шахс; в) ба таасуроте, ки аз муваффақияту нобарориҳои пеш дар рафти ҳалли масъалаҳои мувофиқ ба амал омада буд; г) аз худбаҳодиҳӣ сохти шахс.

3.2. Гурӯҳҳои хурд ва коллектив

Мафҳуми гурӯҳи хурд ва коллектив

Ҳар як инсон ҳамчун субъекти муносибатҳои иҷтимоӣ дар тӯли ҳаёт вобаста ба хусусиятҳои хоси муҳити зисти худ психология ва рафтори ба худ хосро доро мешавад. Ӯ дар ин давом бо атрофиён дар робита шуда, бо ҳамин моҳияти иҷтимоии худро нишон медиҳад. Ҳар гуна ҷамъият дорои сохти мураккаби иҷтимоӣ буда, аз гурӯҳҳои бешумору гуногуни иҷтимоии одамон иборат аст. Одамон вобаста ба нишонаю аломатҳои гуногуни иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд: касбу кор, синну сол, ҷинсият, мансубияти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва ғайра. Одамон бо гуногунии хусусиятҳои психологӣ ва иҷтимоии худ шомили гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ мегарданд. Маҳз аз ҳамин нуқтаи назар омӯзиши гурӯҳҳои иҷтимоӣ на танҳо диққати сотсиологҳо, балки таваҷҷӯҳи психологонро низ ба худ ҷалб намудааст.

Гурӯҳ-ин умумияти одамон буда, дар асоси аломатҳои муайян чун қаробат ва амиқии муносибатҳо, муносибати шахс ба меъёрҳои гурӯҳ, мансубиятҳои иҷтимоӣ ё синфӣ, сохт, дараҷаи тараққиёт, шарти ташкилёбӣ ва ғайра тавсиф дода мешавад.

Аз байни гурӯҳҳои зиёди дар ҷамъият мавҷудбуда гурӯҳҳои хурд ва калонро фарқ кардан мумкин аст. Гурӯҳҳои калон гуфта, гурӯҳҳоеро меноманд, ки намояндагони онҳо дар миқёси тамоми ҷомеа аз рӯи умумияти расмию ғайрирасмӣ кору фаъолият менамоянд. Аъзоёни гурӯҳҳои калон метавонанд вобаста ба нишонаю аломатҳои гуногуни иҷтимоию-оморӣ аз ҳамдигар фарқ кунанд. Одамони ба гурӯҳҳои калон шомилбуда метавонанд бо ҳамдигар шахсан шинос набошанд, вале онҳо на танҳо аз рӯи аломатҳои иҷтимоӣ, балки аз рӯи умумияти меъёрҳо (шавқу ҳавас, майлу рағбат, рафтор, психология, маданият, расму оинҳо ва афкори ҷамъиятӣ) аз ҳамдигар

фарқ мекунанд. Масалан, шавқу ҳавас, майлу рағбат, психология ва рафтори ҷавонон аз шавқу ҳавас, майлу рағбат, психология ва рафтори кӯҳансолон фарқ мекунад; шавқу ҳавас, психология ва рафтори табақаҳои болоии ҷамъият – соҳибдавлатон аз шавқу ҳавас, психология ва рафтори намояндагони табақаҳои поёнии ҷамъият низ фарқ мекунад.

Гурӯҳҳои калони иҷтимоӣ ба одамон таъсири муайян мерасонанд, вале дар муқоиса бо таъсири гурӯҳҳои дигар, он нисбатан суст буда, якзайл нест(ҳамон як гурӯҳи калони иҷтимоӣ ба одамони гуногун таъсири ҳархела расонида метавонад). Сабаб он аст, ки аввалан худи ин гурӯҳҳо яклухту том нестанд ва онҳо аз микрогурӯҳҳои гуногун таркиб ёфтаанд. Сониян, таъсири гурӯҳҳои калон ба одамон на бевосита, балки бавосита, яъне тавассути шахсоне сурат мегирад, ки бо одамони мазкур робита доранд.

Ҳамин тариқ, зарурияти боз ҳам амиқтар ва ҳамаҷониба омӯхтани масъалаи он ки ҷамъият ба шахс чӣ гуна таъсир мерасонад, дарки он ки шахс чӣ тавр дар доираи атрофиён ҳамчун шахсият ташаккул ва тараққӣ меёбад, масъалаи омӯзиши сохти гурӯҳҳои хурдро ба миён меоварад.

Гурӯҳи хурд - ин иттиҳоди шумораи начандон зиёди одамоне (аз 2-3 то 30-40 нафар) буда, ҳамдигарро шахсан мешиносанд ва бо ҳамдигар робитаи бевоситаи доимии шахсӣ ва корӣ доранд. Аъзоёни гурӯҳҳои хурд назар ба аъзоёни гурӯҳҳои калон дида, умумияти бештари психологию рафторӣ доранд. Аъзоёни гурӯҳҳои хурд аз рӯи қоида, мақсад, шавқу завқ ва майлу рағбати дар фаъолияти онҳо зоҳиршаванда дорои арзиш, нуқтаи назар ва муносибатҳои умумӣ мебошанд. Байни онҳо муносибатҳои гуногуни шахсӣ, корӣ, расмӣ, ғайрирасмӣ, ратсионалӣ, эмотсионалӣ барқарор карда мешаванд.

Шахс муддати зиёди умри худро дар ҳайати гурӯҳҳои хурди гуногун сипарӣ менамояд. Мисоли

гурӯҳҳои хурди иҷтимоӣ, ки дар тараққиёти онҳо қариб ҳамаи одамон саҳм мегузоранд, инҳоянд: оила, гурӯҳи ҳамсолон, гурӯҳҳои таълимӣ, коллективҳои хурди меҳнатӣ, қисмҳои ҳарбӣ, дастаҳои варзишӣ, шумораи начандон зиёди одамони шавқу ҳавас ва майлу рағбати умумидошта ва ғайра.

Мувофиқи тадқиқотҳои тахминии олимон, одам қариб 90%-и умри худро дар доираи аъзоёни гурӯҳҳои хурд мегузаронад. Дар заминаи ин андеша ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст:

1) одам – мавҷудест, ки асосан тарзи ҳаёти гурӯҳӣ ё коллективиро аз сар мегузаронад;

2) тасири бештаре, ки ба одамон расонида мешавад, тавассути гурӯҳҳои хурди иҷтимоӣ сурат мегирад;

3) барои дарки моҳияти одам ҳамчун шахс, иштирок ва фаъолияти ӯро дар гурӯҳҳои хурд мушоҳида кардан лозим аст.

Дар ин замина, зарурати аз рӯи хусусиятҳои муайян ҷудокунии гурӯҳҳои хурд ба миён меояд. Гурӯҳҳои хурдро бо усулҳои гуногун тафриқанамоӣ мекунанд. Одатан чунин ҷудонамоии гурӯҳҳои хурд ба намудҳо маълум аст: микрогурӯҳҳо ва гурӯҳҳои ҳаҷман калон, референтӣ ва индифферентӣ, табиӣ ва лабораторӣ, расмӣ ва ғайрирасмӣ, сустинкишофёфта ва хубинкишофёфта, интерактивӣ ва ғайра.

Микрогурӯҳ гуфта, гурӯҳи аз ҳама хурди 2-3 - нафарараро меноманд. Оила, 2-3 нафар дӯстони наздик, 2-3 нафар шахси дар як корхона ҳамҷоя фаъолияткунанда ва ғ. мисоли ин гуна гурӯҳҳо шуда метавонад. Ҳарчанд шумораи микрогурӯҳҳо дар муқоиса бо гурӯҳҳои ҳаҷман калон начандон зиёд бошанд ҳам, онҳо нисбатан паҳншудатар мебошанд, зеро ҳар гуна муносибати миёни гурӯҳҳои дигар мавҷудбуда, аз муносибатҳои микрогурӯҳӣ оғоз меёбад. Яъне, ҳар гуна маҷмӯи мураккаби муносибатҳои байниҳамдигарии гурӯҳҳои аз чор нафар зиёдро ба муно-

сибатҳои одитарини ду се нафара тақсим кардан мумкин аст.

Дар ин замина тадқиқи муносибатҳои одамон дар микрогурӯҳҳо моҳияти хоса пайдо мекунад, зеро нозукию мураккабии ин муносибатҳо асосан дар дараҷаи микрогурӯҳҳо зоҳир мешавад. Муносибатҳои байниҳамдигарӣ дар гурӯҳҳои дигар бошад, аз маҷмӯи муносибатҳои мураккабу ба ҳам пайвасти байниҳамдигарӣ иборат мебошад. Ин муносибатҳоро ба таври зерин тасвир кардан мумкин аст:

Дар расми мазкур, аз тарафи чап муносибти ду микрогурӯҳи алоҳидаи дунафара ва сенафара, аз тарафи



рост бошад, муносибати гурӯҳи 5 - нафара тасвир шудааст. Ба осонӣ дидан мумкин аст, ки муносибати байниҳамдигарии гурӯҳи 5 - нафара аз муносибатҳои дугоники зиёди байниҳамдигарии ҳамаи аъзоёни гурӯҳ иборат аст.

Илова бар ин, сабаби дигари ба омӯзиши чунин гӯрӯҳҳо таваҷҷӯҳи хоса зоҳир кардани олимон дар он аст, ки муносибатҳои байниҳамдигарии аъзоёни ин гурӯҳҳо одатан хело наздик, маҳрамона ё баръакс, хело тезу тунд шуда метавонанд. Барои ошкор кардани омилҳои асосӣ

маҳз ҳамин намуди муносибатҳои гурӯҳҳоро омӯхтан мувофиқи мақсад аст.

Гурӯҳи референтӣ- гурӯҳи намунавӣ буда, барои аъзоёни нави он аҳамияти хосаи мусбат пайдо мекунад. Ин аҳамият дар шаклҳои зерин инъикос меёбад:

- гурӯҳи референтӣ барои аъзоёни вай диққатҷалбкунанда аст, онҳо аз мансуб буданашон ба ин гурӯҳ хело ифтихор доранд. Агар айни замон аъзои он набошанд, он гоҳбо тамоми ҳастӣ кӯшиш менамоянд, ки дар оянда аъзои комилҳуқуқи он гарданд;

- мақсад, арзиш ва меъёри рафтор аз ҷониби ҳамаи аъзоёни гурӯҳ эътироф ва қабул карда шуда, ҳамчун мақсад, арзиш ва меъёрҳои шахсии онҳо фаҳмида мешавад;

-ҳангоми ба мушкилие дучор шудан, аъзоёни гурӯҳ дар ҳамбастагӣ бо назардошт ва дастгирии фикру ақидаҳои ҳамдигар онро ҳаллу фасл менамоянд;

- ин намуди гурӯҳ дар муқоиса бо намудҳои дигар, дар ташаккули шахсияти инсон нақши муҳим мебозад.

Доираи дӯстони наздик, оила, коллективҳои меҳнатӣ ва ғ. мисоли ин гуна гурӯҳҳоянд.

Гурӯҳи индифферентӣ гуфта, гурӯҳеро меноманд, ки он барои шахси муайян ҳеҷгуна аҳамият надорад. Ӯ барои аъзои он шудан саъю кӯшиш намекунад, фикру ақидаи аъзоёни ин гурӯҳ барои ӯ на он қадар муҳим буда, таъсири хоса намерасонад.

Гурӯҳи табиӣ умумияти одамоне мебошад, ки дар ҳаёти воқеӣ мавҷуданд ва таври табиӣ ташаккул меёбанд. Аксарияти гурӯҳҳои хурди дар ҷамъият мавҷудбуда, гурӯҳҳои ба таври табиӣ ташкилшуда мебошанд.

Гурӯҳҳои лабораторӣ гурӯҳҳое мебошанд, ки барои гузаронидани ин ё он тадқиқоти илмӣ гирд оварда шуда, танҳо дар шароити лабораторӣ нигоҳ дошта мешаванд. Пас аз анҷом ёфтани тадқиқот ин намуди гурӯҳҳо пароканда мегарданд.

Гурӯҳҳои расмӣ дорои асоси ҳуқуқӣ буда, зимни оиннома, рӯйхати штатии кормандон ва дигар ҳуҷҷатҳои расмӣ ташаккул меёбад. Оила, гурӯҳҳои таълимии мактабҳои миёнаю олӣ ва ғ. мисоли гурӯҳҳои расмӣ шуда метавонанд. Гурӯҳҳои ғайрирасмӣ тасодуфӣ буда, ҳеҷ гуна асоси ҳуқуқӣ надоранд ва дар заминаи шавқу ҳавас, равия, таваҷҷӯҳ ва қаробати фикру андешаҳҳои умумӣ шакл мегиранд. Ин гурӯҳ дорои оиннома ва ҳуҷҷатҳои расмӣ намебошад. Доираи одамони барои ягон навъи бозӣ ҷамъ шуда, шахсони ношиноси дар як мавзеъ ба шикор машғулбуда, навбат дар назди дӯкони нонфурӯшӣ ва ғайра мисоли гурӯҳҳои ғайрирасмӣ мебошанд.

Гурӯҳи **конактивӣ** гурӯҳе мебошад, ки аъзоёни он байни худ дар муносибат нестанд ва ҳар як нафар худ ба худ фаъолият менамояд. Натиҷаи фаъолияти онҳо аз рӯи ҷамъи саҳми гузоштаи ҳама баррасӣ шуда, аз муносибати шахсӣ ё кории ташкилёфта вобаста нест. Гурӯҳи интерактивӣ гуфта гурӯҳеро меноманд, ки аъзоёни он бо ҳамдигар дар анҷом додани фаъолияте байни худ дар муносибати фаъолона мебошанд. Натиҷаи фаъолияти ҳар як нафар дар алоҳидагӣ ва гурӯҳ дар якҷоягӣ, моҳиятан аз муносибатҳои таркибёфтаи байниҳамдигарии аъзоёни гурӯҳ вобаста аст. Гурӯҳи таълимии донишҷӯён мисоли гурӯҳҳои конактивӣ ва дастаи баскетболбозон ё футболбозон мисоли гурӯҳҳои интерактивӣ шуда метавонад.

Гурӯҳҳои суст инкишофёфта гуфта, гурӯҳҳоеро дар назар доранд, ки дар он сохти муайяни дохилигурӯҳӣ мавҷуд нест, нақш ва ӯҳдадориҳои аъзоёни гурӯҳ дуруст тақсим нашудааст, муносибатҳои байниҳамдигарии шахсию корӣ бояду шояд, ташкил нашудааст, дараҷаи муттаҳидии аъзоёни гурӯҳ паст аст, байни аъзоёни гурӯҳ ҳамдигарнофаҳмӣ ва низоъҳои ба фаъолияти самаранок халал расонанда зуд-зуд рӯй дода меистанд.

Гурӯҳҳои дараҷаи инкишофашон баланд бо муташаккилӣ, муттаҳидӣ, тақсими дурусти ӯҳдадориҳо, муносибатҳои солими корию шахсии байниҳамдигарӣ, баҳам-

таъсиррасонии мувофиқ, натиҷагириҳои баланди фаъолияти якҷоя ва ғайра аз гурӯҳҳои дигар фарқ мекунад. Ин намуди гурӯҳро ба таври дигар коллектив ва мувофиқи ананаҳои психологияи иҷтимоии мамлакатҳои ғарб, масалан, ШМА даста меноманд.

Коллектив ҳамчун гурӯҳи дараҷаи инкишофаш баланд бо чунин хусусиятҳо тавсиф дода мешавад: бомасъулиятӣ, коллективизм, муттаҳидӣ, дастрас будан, муташаккилӣ, ҳамкорӣ ва маълумотнокӣ тавсиф дода мешавад.

Бомасъулиятӣ гуфта, иҷрои боинсофонаи вазифаҳои ба ӯҳда гирифтаи аъзоёни коллективро ҳангоми иҷрои фаъолияти умумӣ меноманд. Бомасъулиятӣ дар он зоҳир мешавад, ки ӯҳдадориҳо аз ҷониби аъзоёни коллектив бе ҳеҷгуна водоркунӣ ва назорат софдилона иҷро карда мешавад. Гурӯҳ ҳамон вақт коллектив номида мешавад, ки агар аксарияти аъзоёнаш ҳангоми иҷрои фаъолияти дилхоҳ бомасъулиятии баландро эҳсос намояд.

Коллективизм – ин кӯшиши аъзоёни гурӯҳро баҳри ҳаллу фасли мушкилӣ ва масъалаҳои ҳалталаби гурӯҳ бо дарназардошти манфиатҳои ҳамаи аъзоёни он ифода менамояд. Ин гуна фаҳмиш ба фаҳмиши индивидуализм – тарзи рафторе, ки дар он шахс манфиатҳои худро аз манфиатҳои ҷамъият болотар мемонад, зид аст.

Муттаҳидӣ - ин ягонагии психологии дохилигурӯҳӣ буда, бо мақсад, баҳогузорӣ, ақида, муносибат ва ҳама гуна амалҳои умумии барои гурӯҳ пурқимат зоҳиршаванда тавсиф дода мешавад. Воқеан, барои он ки гурӯҳ коллективи инкишофёфта номида шавад, шарт нест, ки аъзоёни вай дар ҳамаи ҳолатҳо муттаҳид бошанд. Муҳим он аст, ки дар мавридҳои дар ҳақиқат ҳалталаб ва тақдирсоз аъзоёни гурӯҳ ҳамфикру ҳаммаслак буда, аъзоёни ҳамфикру ҳамбастаи олиро инъикос намоянд.

Гурӯҳи кушода гуфта, чунин гурӯҳеро меноманд, ки вай аз назари психологӣ барои ҳамагуна муошират ва муносибат ва баҳамтаъсиррасониҳо бо гурӯҳҳои дигар ку-

шода аст. Барои ба ҳайати хеш қабул кардани дилхоҳ аъзои гурӯҳи дигар доимо тайёр аст. Гурӯҳи кушода бо аъзоёни худ ва аъзоёни гурӯҳҳои дигари иҷтимоӣ муносибати якхела дошта, онҳоро ба аъзои «худӣ» ва аъзои «бегона» ҷудо намекунад, байни онҳо фарқияте намегузорад ва барои фаъолияти аъзоёни худ шароити махсус муҳайё намесозад.

Ҳамкорӣ – мафҳумест, ки муносибатҳои шахсии аъзоёни гурӯҳро тавсиф медиҳад. Аъзоёни гурӯҳ дар мавриде ҳамкор номида мешаванд, ки агар бе ягон душворӣ бо ҳам созиш намуда, кӯшиш намоянд, ки байни худ муносибатҳои хуби шахсӣ барқарор намоянд. Ҳамкорӣ дар муошират ва бо ҳам раду бадал намудани маълумот ифода меёбад. Дар ҷараёни он ҳеҷ гуна ихтилоф рӯй намедиҳад ва агар рӯй диҳад ҳам, зуд ва бо осонӣ бартараф карда мешавад.

Муташаккилӣ – тавсифдиҳандаи муносибатҳои кории аъзоёни гурӯҳ мебошад. Гурӯҳи муташаккил гуфта, гурӯҳеро меноманд, ки дар он вазифаҳо миёни аъзоёни гурӯҳ аниқу равшан тақсим кардашуда, ҳар як нафар мавқеӣ худро хело хуб медонад ва бо маҳорати баланд ҳангоми иҷрои фаъолияти умумӣ ба дигарон кӯмак мерасонад. Ҳамчунин гурӯҳе, ки дар шароити фавқулода бо зуддӣ аз ӯҳдаи тақсими байниҳамдигарии вазифаҳо, ба шароити зарурӣ мутобиқ шудан ва иҷрои супориши гузошташуда мебарояд, гурӯҳи муташаккил номида мешавад.

Маълумотнокӣ гуфта, дар бораи якдигар маълумот доштани аъзоёни гурӯҳро меноманд. Яъне, ҳар як аъзои гурӯҳ бояд дар бораи дигарон ва гурӯҳи худ маълумоти саҳеҳу кофӣ дошта боша два вазъи дохилигурӯҳиро низ дарк кунанду донанд.

Ҳамаи ин таҳлилҳои кардашуда тавсифи назариявии коллектив ба ҳисоб меравад. Дар амалия ҳангоми арзёбӣ кардани гурӯҳ ҳамчун коллектив, саволҳои зиёде ба миён меоянд. Ин саволҳо бо сабабҳои бо тарзҳои гуногун омӯхтану тавсиф намудани коллектив, мавҷуд набуда-

ни меъёрҳои аниқе, ки бо истифода аз онҳо имконияти аниқ баҳо додан ба дараҷаи тараққиёти гурӯҳ ҳамчун коллектив имконпазир бошад, ба миён меоянд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, бо истифода аз меъёрҳои зикршуда ё муносибатҳо дараҷаи тараққиёти гурӯҳро ҳамчун коллектив амалан муайян кардан мумкин аст.

Сохти гурӯҳҳои хурд

Зери мафҳуми сохти гурӯҳи хурд, сохт ва хусусиятҳои мавҷудаи муносибатҳои байниҳамдигарии аъзоёни он дар назар дошта мешавад.

Дар навбати худ сохт ва муносибатҳои байниҳамдигарии аъзоёни гурӯҳ бо мафҳумҳои зерин тавсиф дода мешаванд: композитсия, роҳҳои алоқабарқароркунӣ, таркиб ва тақсими нақшҳо, намудҳои вазифаҳои гурӯҳ, сарварӣ ва муносибатҳои шахсӣ.

Композитсия – ин ҳайати гурӯҳи хурд мебошад, ки аз рӯи тавсифдиҳандаҳои фардию психологии аъзоёни он муайян карда мешавад. Агар аъзоёни гурӯҳ вобаста ба хусусиятҳои психологиашон ба ҳамдигар монанд бошанд, ин гуна гурӯҳ аз рӯи композитсияаш яктаркиба (гомогенӣ) номида мешавад; агар аъзоёни гурӯҳ вобаста ба хусусиятҳои психологиашон аз ҳамдигар фарқ кунанд, ин гуна гурӯҳ аз рӯи композитсияаш гуногунтаркиба (гетерогенӣ) маҳсуб меёбад.

Вобаста ба яктаркиба ё гуногунтаркиба будани гурӯҳ композитсияи онро аз рӯи хусусияти дилхоҳи психологӣ баҳо додан мумкин аст. Дар воқеъ, ин гуна баҳодиҳӣ одатан аз рӯи хусусиятҳои психологии барои муттаҳидии гурӯҳ, барои байни аъзоёни гурӯҳ барпо намудани муносибатҳои хуби шахсӣ ва корӣ, барои баланд бардоштани маҳсулнокии фаъолияти корӣ ва ғ. муҳим амалӣ карда мешавад. Ҳолати ба композитсия наздик, мувофиқат ё номувофиқии психологии гурӯҳ ба шумор меравад.

Мувофиқати психологӣ хоси гурӯҳеро мебошад, ки аъзоёни он бо зудӣ бо ҳамдигар унс гирифта, дар ҳалли масъалаҳои гуногун бо осонӣ бо ҳам забон меёбанд, муддати тӯлонӣ бе ихтилоф аҳлона кору фаъолият менамоянд. Аз нигоҳи психологӣ гурӯҳҳои яктаркиба аз рӯи композитсияашон нисбат ба гурӯҳҳои гуногунтаркиба бештар бо ҳам мувофиқанд.

Роҳҳои алоқабарқароркунӣ гуфта робитаҳои байнишахсии аъзоёни

гурӯҳро меноманд, ки тавассути онҳо маълумотҳои гуногун байни ҳамдигар раду бадал карда мешавад. Миёни сохти гуногуни роҳҳои алоқабарқароркунӣ робитаҳои типикии аз нуқтаи назари амалия ва назарияи фаъолияти гурӯҳҳои хурд ҷолибро ҷудо кардан мумкин аст.

А



а) рӯ ба рӯ *б) радиалӣ* *в) иерархӣ*

Б



г) занҷиравӣ *г) доиравӣ* *д) пурра*

Дар нақшаи 3 ду сохти асосии роҳҳои алокабарқароркунӣ: А марказонидашуда, Б марказонидаанашуда дар се шакл тасвир карда шудааст. Сохти марказонидашуда бо он тавсиф дода мешавад, ки дар он ахбор байни аъзоёни гурӯҳ тавассути яке аз онҳо паҳн карда мешавад. Сохти роҳи ғайримарказонидашуда бошад, маркази ягонаи хабарпаҳнкунӣ надорад.

Сохти марказонидашуда дар навбати худ ба се сохти аз ҳамдигар фарқкунанда тақсим мешавад: а) рӯ ба рӯ, б) радиалӣ ва в) иерархӣ. Сохти рӯ ба рӯ бо он фарқ мекунад, ки ҳатто аъзоёни дар шафати ҳамдигар буда ҳам имконияти бо якдигар муошират карданро надоранд ва ин амалро онҳо танҳо тавассути як нафар, масалан, роҳбар ё сарвар анҷом дода метавонанд. Дар сохти радиалии алоқабарқароркунӣ низ ахборот тавассути як нафар паҳн мешавад ва фарқият дар он аст, ки аъзоёни гурӯҳ ба ҳамдигар маълумот дода истода, ҳамдигарро метавонанд набинанд ё нашиносанд. Сохти иерархии алоқабарқароркунӣ бо он фарқ мекунад, ки дар он ахборот ё аз боло ба поён, ё аз поён ба боло зина ба зина нақл карда мешавад. Масалан, агар аъзои гурӯҳи зинаи 1 роҳбар ё сарвар бошаду дар зинаи 2 ҷонишин ё ёрдамчии ӯ истад, он гоҳ аъзоёни боқимондаи дар зинаи 3 ҷойгиршуда бо роҳбар танҳо тавассути ҷонишин ё ёрдамчии ӯ робита карда метавонанд.

Сохти марказониданашудаи усулҳои алоқабарқароркунӣ низ се шаклро доранд: а) занҷиравӣ, б) давравӣ, в) пурра. Шакли занҷирӣ бо он тавсиф дода мешавад, ки дар он ахборот танҳо ба як самт аз як нафар ба нафари дигар дода мешавад. Дар айни ҳол маълумоти нақл намудаи шахс такроран ба худи ӯ барнамегардад. Дар шакли давравӣ бар хилофи шакли занҷирӣ маълумот ба таври даврӣ нақл шуда, ба худи ҳамон як аъзо чандин маротиба баргашта метавонад. Ниҳоят, шакли пурра бо он фарқ мекунад, ки дар он аъзоёни гурӯҳ ба ҳамдигар озодона маълумот дода метавонанд.

Нақши шахс дар гурӯҳ ё нақши умумии гурӯҳҳо гуфта, он чизеро меноманд, ки аъзои гурӯҳ дар ҷараёни фаъолияти якҷоя бояд онро иҷро намояд. Нақшҳо вобаста ба шумораи аъзоёни гурӯҳ, хусусият ва шартҳои иҷрои фаъолият гуногун мешаванд. Нақшҳо байни аъзоёни гурӯҳ тарзе тақсим карда мешаванд, ки гурӯҳ дар якҷоягӣ аз ӯҳдаи иҷрои супориши ба дӯш доштааш барояд. Ҳар як

аъзо бояд нақши худро хуб донад ва дар бораи нақши дигарон маълумоти кофӣ дошта бошад. Нақшҳо байни аъзоёни гурӯҳ зимни ихтиёрӣ, ба таври қарори қабулкардаи гурӯҳ ё бо тавсияи роҳбар тақсим карда мешавад. Ҳамин тариқ, гурӯҳҳои гуногун аз ҳамдигар на танҳо аз рӯи шумораашон, балки аз рӯи тақсимоти нақшҳо низ фарқ мекунанд.

Масъалаҳои ҳал менамудаи гурӯҳҳо низ, гуногун мешаванд. Намудҳои зерини масъалаҳоро аз ҳам фарқ мекунанд: тақсимшаванда, тақсимнашаванда, дизъюнктивӣ, конъюнктивӣ.

Масъалаҳои тақсимшаванда гуфта, масъалаҳоеро меноманд, ки байни аъзоёни гурӯҳ тақсим кардани он имконпазир аст ва ҳар як аъзои гурӯҳ имконияти мустақилона, ба ҳам таъсирнарасонда ҳал намудани онро дорад. Ин гуна масъалаҳо одатан ба гурӯҳҳои коактивӣ хос мебошад. Масъалаҳои тақсимнашавандаро бошад байни аъзоёни гурӯҳ тақсим кардан ғайриимкон аст. Онро бояд ҳамаи аъзоёни гурӯҳ дар якҷоягӣ бо иҷрои нақшҳои ҷудогона ва боҳамтаъсирасонанда ҳаллу фасл намоянд. Масъалаҳои мазкур бештар дар гурӯҳҳои интерактивӣ дида мешаванд.

Дизъюнктивӣ – ин масъалаҳое мебошанд, ки агар аз ҳамаи аъзоёни гурӯҳ ақаллан як нафар онро ҳал намояд, вай аз ҷониби тамоми гурӯҳ ҳал кардашуда ҳисобида мешавад. Конъюнктивӣ – ин масъалаҳое мебошанд, ки дар сурати аз ҷониби ҳамаи аъзоёни гурӯҳ ҳал накардан, вай ҳалношуда ҳисобида мешавад. Агар аксарият ҳал намоянду як нафар аз ӯҳдаи ҳалли он набарояд, масъала ҳалношуда ҳисобида мешавад.

Гурӯҳҳои хурдро аз рӯи характер ва усули сарварӣ ва аз рӯи муносибати сарвар бо аъзоёни гурӯҳ, аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Масалан, гурӯҳҳое мавҷуданд, ки дар онҳо фақат як нафар шахси соҳибэҳтиром сарвари комил аст; гурӯҳҳои дигаре ҳам вуҷуд доранд, ки онҳо ду ва ё зиёда сарвар доранд. Муносибати байниҳамдигарии

ин сарварҳо аз ҳамкорию мувофиқат то ихтилофу низоъҳоро дар бар мегирад. Усули роҳбарии сарварҳо низ гуногун шуда метавонад: авторитарӣ, демократӣ ва либералӣ. Худи сарварҳо низ вобаста ба хусусиятҳои фардии худ аз ҳамдигар ба куллӣ фарқ карда метавонанд. «Сарварӣ ин равандест, ки дар рафти он шахси алоҳида ба дигар аъзоёни гурӯҳ баҳри расидан ба мақсадҳои гурӯҳ, кӯмак мерасонад».

Дар гурӯҳ муносибатҳои байнишахсӣ дар шаклҳои зерин амалӣ мегардад: шахсӣ ва корӣ, расмӣ ва ғайирасмӣ, координатсионӣ ва субординатсионӣ, ратсионалӣ ва эмотсионалӣ. Гурӯҳҳои хурд вобаста ба сохт ва хусусиятҳояшон аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Дар баъзе гурӯҳҳо муносибати шахсӣ, дар дигараш муносибати корӣ ва дар сеюмаш муносибатим расмӣ ва ғ. бартарӣ дорад.

Ҳар як гурӯҳи хурд феноменологияи ба худ хосро доро мебошад. Дар қатори он ҳодисаҳое, ки психологон ҳангоми омӯзиши гурӯҳҳои хурд қайд кардаанд, ба монандӣ: сарварӣ, муносибатҳои байнишахсӣ, муташаккилӣ, мувофиқати психологӣ ва ғ., ҳамчунин қоида ва меъёрҳои умумигурӯҳӣ, қарор, мавқеи гурӯҳӣ, фишороварии гурӯҳӣ, мухолифати гурӯҳӣ, муҳити психологӣ ва шароитҳои самарабахши фаъолияти гурӯҳиро аз ҳам фарқ мекунанд.

Меъёрҳои гурӯҳӣ гуфта, қоидаҳоеро меноманд, ки онҳо асоси мавҷудияти гурӯҳро ташкил медиҳанд. Ин қоидаҳо паҳлӯҳои гуногуни сохт ва фаъолияти гурӯҳ: ҳайат ва тақсимоти нақшҳо, рафтори сарвар, ва аъзоёни боқимондаи гурӯҳ; муносибатҳои шахсӣ ва кории онҳоро фаро гирифта метавонад. Одатан, дар гурӯҳҳои навташкил ҳеҷ гуна меъёрҳои гурӯҳи вуҷуд надорад. Ин гуна меъёрҳо дар баробари тараққиёти гурӯҳ пай дар пай гирд омада устувор мешаванд. Дар гурӯҳҳои олитараққӣ, хусусан коллектив, ин гуна меъёрҳо ҳатман мавҷуданд. Асоси мавҷудият ва ба рафтори аъзоёни гурӯҳ таъсир расонидани онҳо дар он зоҳир мешавад, ки аъзоёни гурӯҳ ин меъёрҳоро қабул доранд ё надоранд ва дар муносибатҳои

байниҳамдигарӣ онро риоя мекунанд ё не. Он чизе, ки аз ҷониби аксарият ё ҳама риоя карда мешавад, одатан ба меъёри гурӯҳ мувофиқат мекунад; он чизе ки аксарият ё ҳама онро рад мекунанд, ба меъёрҳои муайяннамудаи гурӯҳ мувофиқат намекунад. Чун қоида, ҳамон нафаре сарвари гурӯҳ мешавад, ки рафтори ӯ нисбат ба дигарон доштаба меъёрҳои гурӯҳ бештар мувофиқат мекунад. Дар баробари ин, худи сарвар агар дар гурӯҳи мазкур мавқеи ифтихорӣ дошта бошад, ӯ меъёрҳои нави гурӯҳро тартиб дода метавонад.

Меъёрҳои дохилигурӯҳӣ бо қарорҳои аз ҷониби гурӯҳ қабулшаванда алоқаи зич дорад. Зери ин мафҳум таъсири мусбат ё манфии ба ҳамдигар расонандаи аъзоёни гурӯҳ дар назар дошта мешавад. Қарорҳои мусбат нишонаи дастгирӣ, эътирофнамоӣ, писандидан, боло бурдани мавқеъ ва амалҳои дигар аст, ки нисбати шахси дахлдор қабул карда мешавад. Қарорҳои манфӣ нишонаи эътироз, паст задан, дастгирӣ накардан, дар

робита нашудан ва ғ. нисбати шахси дахлдор мебошад.

Маҷмӯи қарорҳои дар гурӯҳ қабулшаванда бо меъёрҳои ахлоқии он алоқаманд буда, пеш аз ҳама ба шахсоне дахл дорад, ки бо амалу рафтори худ ин меъёрҳоро ё дастгирӣ мекунанд ё ба он мухолифат менамоянд.

Мавқеъ гуфта, мақоми ишғолкардаи ин ё он аъзои гурӯҳро меноманд. Айни замон на мақоми расмии ишғолкардаи ин ё он аъзои гурӯҳ, балки мақоми ғайрирасмии ӯ дар сохти муносибатҳои шахсӣ, ғайрирасмӣ ё эмотсионалии байниҳамдигарии дохилигурӯҳӣ дар назар дошта шудааст. Ҳамин тариқ, шахс дар гурӯҳ ҳамон вақт мақоми баландро соҳиб мешавад, ки агар ӯро ҳурмату эҳтиром ва эътироф кунанд, дӯст доранд ва бо ӯ хушу гуворо муносибат намоянд. Шахсе соҳиби мақоми паст мешавад, ки соҳибэҳтиром нест, аз ҷониби аъзоёни гурӯҳ қадр карда намешавад ва ӯро дӯст намедоранд. Одатан сарварон до-

рои мақоми аз ҳама баланданд, мақомҳои миёнаю поёнӣ вобаста ба муносибат ва рафтори аъзоёни гурӯҳ байни онҳо тақсим карда мешавад. Ҳар як аъзои гурӯҳ мақоми хоси худро дорад, вале он доимӣ нест: бо мурури замон тағйир ёфта, гоҳе баланд ва гоҳе паст мешавад.

Мақом ё мавқеи шахсро бо ёрии методҳои сотсиометрӣ муайян мекунанд. Бо ёрии тестҳои мазкур муносибати байниҳамдигарии аъзоёни гурӯҳ, вазъӣ дохилии он ва ғ. омӯхта мешавад.

Муташаккилии гурӯҳ – ин тавсифдиҳандаи муносибатҳои кории аъзоёни гурӯҳ, ӯҳдабароӣ, ба хусусияти масъалаи муҳокимашаванда ва шароитҳои фаъолият мутобиқ шуда тавонистани онҳо мебошад. Гурӯҳ ҳамон вақт муташаккил ҳисобида мешавад, ки агар супоришҳои ба ӯҳда доштаи гурӯҳ байни аъзоёни он возеҳу равшан тақсим шуда бошад, шахсони алоҳида бо маҳорати баланд ба ҳамдигар кӯмак расонида тавонанд, дар вазъиятҳои фавқулоддаи зарурӣ аз ӯҳдаи бо зудӣ иваз кардани нақшҳои ҳамдигар бароянд ва самаранокии баланди фаъолияти гурӯҳӣ таъмин карда шавад.

Фишороварии гурӯҳӣ гуфта, таъсиррасонии психологии аъзоёни гурӯҳро ба аъзо ё аъзоёни алоҳида меноманд. Масалан, аксарияти аъзоёни гурӯҳ ҳалли ин ё он масъаларо тарафдорӣ намуда, ақаллиятро мачбур менамоянд, ки ин қарорро дастгирӣ намоянд. Аксарияти аъзоёни гурӯҳ дар ин ё он вазъият ба қароре омада, ақаллиятро мачбур менамоянд, то ки онҳо низ чунин рафтор кунанд. Масъалаи фишороварии гурӯҳӣ бо ҳодисаи конформизм алоқаманд мебошад.

Мухолифати гурӯҳӣ инъикоскунандаи ҳолате мебошад, ки дар он фикру ақидаи аъзоёни гурӯҳ аз рӯи ин ё он масъала куллан бо ҳам мувофиқ намеояд ва аъзоёни гурӯҳ ба зергурӯҳҳое тақсим мешаванд, ки ҳар яки он андешаи ба ақидаи зергурӯҳи дигар муқобилро пуштибонӣ менамояд. Дар ин гуна ҳолат зергурӯҳи созишкунанда вучуд

дошта наметавонад, зеро вазъияти баамаломада касеро бетараф наемонад.

Мафҳуми муҳити психологии гурӯҳ дар адабиётҳои илмию адабӣ

хело зиёд истифоа шуда бошад ҳам, ба як маъно таъриф дода нашудааст. Дар маҷмӯъ зери мафҳуми муҳити психологии гурӯҳ баъзе умумиятҳои психологии аъзоёни гурӯҳ ва муносибатҳои онҳо фаҳмида мешавад. Муҳити психологӣ мусоид (солим) ва номусоид (носолим)-ро фарқ мекунанд.

Муҳите, ки дар он аъзоёни гурӯҳ имконияти ҳамаҷониба нишон додани худро доранд, муҳити мусоид ва дар акси ҳол муҳити номусоид номида мешавад. Ҳангоми мавҷудияти муносибатҳои хуби шахсию корӣ дар гурӯҳ муҳити психологӣ ҳамчун муҳити солим ва дар ҳолати баръакс, ҳамчун муҳити носолим арзёбӣ карда мешавад. Маълум аст, ки гурӯҳи дараҷаи тараққиёташ олӣ – коллектив дорои муҳити мусоиду солими психологӣ буда, гурӯҳи тараққиёташ паст бошад, дорои муҳити номусоиду носолим мебошад.

Бо вуҷуди ин, ҳангоми муайян кардани муҳити психологии гурӯҳ ва кушодани моҳияти он хусусан, ҳангоми истифодаи методҳои муайяни омӯзиш маълум мешавад, ки муаллифону тадқиқотчиён муҳити психологиро ба таври гуногун шарҳу эзоҳ додаанд. Масалан, иқтисодчиён ҳангоми омӯзиши муҳити психологии гурӯҳ ҳатман ба ҷанбаҳои иқтисодӣ, ҳуқуқшиносон ба ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, ҷомеашиносон ба ҷанбаҳои иҷтимоии фаъолияти умумигурӯҳӣ эътибор додаанд. Дар навбати худ, психологон ҳангоми тадқиқи муҳити психологии гурӯҳ ба меъёрҳои дохилигурӯҳӣ – муносибатҳои байнишахсии аъзоёни гурӯҳ такя намудаанд. Аз ин рӯ, айни замон таърифи ягонаи мафҳуми муҳити психологӣ вуҷуд надорад.

Зери шарти маҳсулнокии фаъолияти умумигурӯҳӣ тавсифи хусусияту ҳолатҳое фаҳмида мешавад, ки муваффақиятнокии фаъолияти гурӯҳ аз он вобаста мебошад. Ба

ин сохт хусусиятҳои гурӯҳие, ки мо дар оғози ин параграф дида баромадем: ҳаҷм, композитсия, усулҳои робитанамоӣ, шаклҳои масъалаҳои гурӯҳӣ, сарварӣ ва муносибатҳои байнишахсӣ дохил мешавад. Вобаста ба он ки мафҳуми гурӯҳ чиро ифода мекунад, дар кадом шароит фаъолият дорад, чӣ гуна масъалаҳои мушаххасро ҳал менамояд, шарту шароити маҳсулнокии он гуногун шуда метавонад. Дар асоси тадқиқотҳои гузаронидашуда, методҳои зиёди омӯзиши амалии кор бо гурӯҳҳо тартиб дода шудаанд, ки имкониятҳои боло бурдани маҳсулнокии фаъолияти гурӯҳиро шарҳу эзоҳ медиҳанд. Инҳо брейнсторгминг, синектика ва методи психотерапияи гурӯҳӣ мебошад.

Брейнсторминг гуфта, усули ташкил намудани корбурди гурӯҳиеро меноманд, ки барои баланд бардоштани маҳсулнокии фаъолияти гурӯҳӣ ва бартараф намудани камбудиҳои халалрасонандаи бо мушкилиҳои муносибатҳои байнишахсӣ алоқаманд равона карда шудааст. Ҳангоми истифодаи техникаи бренсторминг байни ҳар як аъзои гурӯҳ иҷрои нақшҳои танқидгарон, судяҳо, маслиҳатдиҳандагон, иҷрокунандагон ва ғайра возеҳу равшан тақсим карда мешавад. Хар як аъзои гурӯҳ нақши худро иҷро карда истода, ҳақ надорад, ки аз доираи фаъолияташ берун барояд. Иҷрои нақшҳо аз рӯи нақшаи муайяни пешакӣ тарҳрезишуда сурат гирифта, амалҳои паст задан, таҳқир кардан ва ба иззати нафси ҳамдигар расидан қатъиян манъ карда мешавад.

Техникаи синетикӣ гуфта, ташкили фаъолияти якҷояи гурӯҳиеро меноманд, ки ҳайати он бомақсад ва бошуурона аз шахсони хусусиятҳои фарқкунандаи психологӣ дошта таркиб дода шудааст. Дар ҷараёни кор кӯшиш карда мешавад, ки барои ҳалли масъалаи пешниҳодшаванда, иштирокчиёни он андешаҳои гуногунро иброз доранд ва пуштибонӣ намоянд. Тахмин карда мешавад, ки бо ин восита роҳи дурусти ҳалли масъаларо ёфтан осонтар мешавад.

Психотерапияи умумигурӯҳӣ гуфта, методеро меноманд, ки дар ҷараёни он психолог ё психотерапевт бо гурӯҳи одамони ба ёрии ӯ эҳтиёҷманд кор мебарад. Дар айни ҳол бо мақсади таъсиррасониҳои психотерапевтӣ донишҳои аз омӯзиши гурӯҳҳои хурд бадастомада истифода бурда мешавад.

Муаллифони аввалини табобати психотерапевтӣ ҳамон тадқиқотчиёне ба шумор мераванд, ки аввалин шуда ба омӯзиши протсессҳои психологии гурӯҳҳои хурд даст заданд. Айни замон намудҳои гуногуни табобати психотерапевтии гурӯҳӣ маъмуланд ва онҳо: Т-гурӯҳҳо, гешталтгрӯҳҳо, гурӯҳи терапияи ҷисмонӣ, гурӯҳи терапияи биховериалӣ, гурӯҳи терапияи санъат ва ғайра.

Ташаккул ва инкишофи гурӯҳ ҳамчун коллектив

Аз таҳлилҳои психологии дар боло кардашуда доир ба гурӯҳ ҳамчун коллектив бармеояд, ки ҳар қадаре, ки гурӯҳ ба нуқтаи олии тараққиёти худ наздик шавад, ҳамон қадар барои ҳар як аъзои худ шароити мусоид фароҳам меоварад ва ҳамон қадар муҳити солими психологиро барпо месозад. Гурӯҳ дар асоси чунин тарзи тараққиёт оҳиста- оҳиста ба коллективи дӯсту тифоқ табдил меёбад. Масъалаи коллектив аз масъалаҳое ба ҳисоб меравад, ки доир ба он олимони соҳаи фалсафа, иқтисодиёт, ҳуқуқ, педагогика, сотсиология ва психология тадқиқотҳои пуразише анҷом додаанд. Масъалаи коллектив ба таври умда аз ҷониби психологони барҷаста Л. И. Уманский ва А. В. Петровский мувофиқан дар назарияҳои тартибдодаи онҳо: «консепсияи параметрометрии коллектив» ва «консепсияи стратометрии коллектив», мавриди муҳокима қарор гирифтааст.

Ҳардуи ин назарияҳо нимаи асри хх (солҳои 1970-1980) эҷод шудаанд ва бегуфтугӯ инъикоскунандаи сиёсати пешгирифтаи замони Шӯравӣ мебошанд. Сарфи назар

аз ин, ин назарияҳо ақидаҳои пурқиматеро фаро гирифтаанд, ки то кунун моҳияти худро гум накардаанд.

Дар консепсияи пешниҳоднамудаи Л.И.Уманский - консепсияи параметрометрии коллектив, диққати асосӣ ба муташаккилӣ ва ягонагии дохилигурӯҳӣ равона шудааст. Мувофиқи он, муташаккилӣ ва ягонагии аъзоёни гурӯҳ омили асосии ба коллектив табдил ёфтани он мебошад.

Л.И.Уманский дар тадқиқотҳои худ дараҷаҳои тараққиёти гурӯҳро ҳамчун коллектив шарҳу эзоҳ дода, чунин номгузорӣ мекунад: гурӯҳи

диффузӣ, кооператсия, корпоратсия ва коллектив.

Гурӯҳи диффузӣ - ин умумияти тасодуфии одамон, дараҷаи пасти инкишофе аст, ки дар он аз рӯи тамоми масъалаҳои мавҷудияти гурӯҳ, ягонагӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ дида намешавад ва муташаккилии дохилӣ мавҷуд нест. Муносибати байнишахсӣ ноустувор буда, муошарати аъзоён мазмунан хароб аст ва ин намуди гурӯҳ бештар ба тӯдаи одамоне монанд аст, ки ҳар яке барои қонеъ намудани талаботи худ бе дарназардошти манфиати дигарон ва меъёрҳои гурӯҳ дар як ҷо ҷамъ омадаанд.

Гурӯҳ – кооператсия таҷассумкунандаи хусусиятҳои гурӯҳи хурдест, ки иштирокчиёни он бо ҳамдигар ҳамкорӣ карданро оғоз намудаанд, вале ин ҳамкориҳо на ба таври доимӣ, балки аз рӯи зарурат ҳангоми ба дастгирии якдигар эҳтиёҷ пайдо кардани аъзоёни гурӯҳ амалӣ мешавад. Ҳанӯз ҳам аъзоёни гурӯҳ манфиатҳои худро аз манфиатҳои ҷамъиятӣ боло мегузоранд.

Гурӯҳ – корпоратсия бо муташаккилии худ ва ягонагию муттаҳидии

ба худ хос аз гурӯҳҳои дигар фарқ мекунад. Камбудии ин гурӯҳ дар он аст, ки ин намуди гурӯҳ барои «бегонагон» дастнорас аст. Вай фақат манфиатҳои аъзоёни худро пуштибонӣ намуда, манфиатҳои гурӯҳҳои дигарро рад менамояд. Аз нигоҳи меъёрҳои коллектив корпоратсия хусусиятҳои коллективро дорад, вале ба ақидаи Л.И.Уманский, вай коллектив шуда наметавонад, зеро

манфиатҳои гурӯҳи алоҳидаро пуштибонӣ намуда, манфиатҳои ҷамъиятиро сарфи назар менамояд. Коллектив - ин умумияти одамон буда, аъзоёни он дорои мақсади ягона мебошанд, муташаккилона фаъолият менамоянд ва маҳсули фаъолияти онҳо ба манфиати умуми ҷамъиятӣ равона шудааст.

Гурӯҳ – коллектив аз корпоратсия бо он фарқ мекунад, ки вай аллакай «рӯ ба ҷониби ҷамъият» оварда, на танҳо манфиатҳои худ, балки манфиатҳои аҳли ҷамъиятро низ пайгирӣ менамояд. Коллектив як навъ организми зиндаву фаъоли иҷтимоӣ аст, ки дар ташаккули хусусиятҳои муҳими афкори ҷамъият нақши муҳим мебозад. Коллектив ифодакунандаи сифатҳои наҷиби инсонӣ: сарҷамъӣ, иттифоқӣ, бонизомӣ, масъулиятнокӣ, муташаккилӣ, фаъолӣ, ташаббускорӣ, ҳамҳиссӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ё ёрирасонӣ ба ҳамдигар ва ғ. мебошад.

Консепсияи стратометрии колективи А.В.Петровский бо аломатҳои ба худ хос аз консепсияи Л.И.Уманский фарқ мекунад. Ин консепсия дар ҷараёни тараққиёти гурӯҳҳо ба коллектив се зинаи (стратаҳо) муносибатҳоро қайд менамояд: муносибати бевоситаи эмотсионалӣ, муносибати бавосита бо дарназардошти мазмуни фаъолият ва муносибати аъзоёни гурӯҳ ба худи мазмуни фаъолияти иҷрокардаистодаи онҳо.

Дар консепсияи мазкур рафти тараққиёти гурӯҳ ва ба коллектив табдил ёфтани он чунин сурат мегирад. Дар зинаи аввал одамон дар асоси ҳисси таваҷҷӯҳ ё нафрат бо ҳам омада, гурӯҳро ташкил мекунанд. Дар зинаи дуюми гурӯҳи ташкилшуда мақсад ва фаъолияти умумии ба ҳам муттаҳидкунандаи онҳо муайян карда мешавад. Дар зинаи мазкур ҳамчунин маҷмӯи муносибатҳои ба нигоҳодошти фаъолияти умумӣ равонашуда шакл мегирад. Бо вуҷуди ин, муносибати байниҳамдигарии аъзоён чун пештара дар асоси ҳисси таваҷҷӯҳ ё нафрат сурат гирифта, бо мазмуни фаъолияти умумӣ алоқаманд нест. Дар зинаи охирину ҷамъбастии тараққиёти гурӯҳ муносибатҳое шакл меги-

ранд, ки онҳо таҷассумгари мазмуни фаъолияти якҷояи аъзоёни мебошанд. Яъне, муносибати байнишахсии аъзоёни гурӯҳ аз чигунагии муносибати онҳо ба мақсад ва фаъолият вобаста мешавад. Дар зинаи мазкур гурӯҳ ба таври пурра ба коллективи ҳамаҷониба инкишофёфта табдил меёбад.

3.3. Муошират ва муносибатҳои байнишахсӣ

Муошират, фаъолияти нутқӣ ва ғайринутқии шахс

Яке аз соҳаҳои асосии ташаккул ва зуҳуроти хусусиятҳои психикии шахс муошират ба шумор меравад. Муошират шарти муҳими иҷтимоишавии одам, талаботи ҳамешагию зарурии ӯст. Дар муносибатҳои гуногунранги одам бо олам муносибати ӯ бо атрофиён ва ҷомеа нисбатан муҳимтар дониста мешавад. Ин муносибатҳо дар раванди муошират амалӣ мегардад, ки дар рафти он мубодилаи ахбор, танзими иҷтимоии фаъолияти одамон сурат гирифта, муносибатҳои мувофиқи байнишахсӣ ташаккул меёбад.

Муошират – раванди мураккабу гуногунҷабҳаи барқароркунӣ ва вусъатдиҳии робитаи байниҳамдигарии одамон буда, дар асоси хоҳиши фаъолияти якҷоя намудани онҳо ба вуҷуд омадааст мубодилаи афкор, ҳамкорӣ ва дарки ҳамдигарро дар бар мегирад.

Чуноне ки Экзюпери менависад: «Одам гирехи робитаҳост». Муошират фаъолияти иҷтимоии одамро пару бол мебахшад. Дар муоширати иҷтимоӣ инкишофи психикӣ ва худифоданамоии фард сурат мегирад. Муошират самарабахшу муфид бо малакаю маҳорат ва маданияти муоширатнамоии ҳамсӯҳбатон алоқаи ногусастанӣ дорад.

Муошират бо одамон ин илм ва санъат аст, ин ҷо ҳам истеъдоди табиӣ ва ҳам маълумот нақши муҳим мебозад. Аз ин нуқтаи назар, ҳар нафаре, ки дар ҳаёт ва фаъолият

муваффақияту музаффарият ба даст овардан мехоҳад, бояд нозукиҳои ин санъат ва ин илмро омӯзад.

Барои дарк кардани муошират сохти онро донистан зарур аст. Сохти муоширатро ба воситаи се функсияи ба ҳам алоқаманди он шарҳ медиҳанд: коммуникативӣ, интерактивӣ ва персептивӣ.

Моҳияти функсияи коммуникативиро мубодилаи ахбор, ба ҳамдигар радду бадал намудани маълумот (маҷмӯи тасаввурот, ақида, шавқу ҳавас, ҳолати рӯҳӣ, ҳиссиёт ва мақсадгузориҳои муошираткунандагон) ташкил медиҳад. Функсияи интерактивии муоширатро ташкили ҳамкории байниҳамдигарии муошираткунандагон дар бар мегирад. Яъне, дар ҷараёни муошират на танҳо доду гирифти донишҳо, ақидаҳо, балки доду гирифти амалҳо низ ба вуҷуд меояд. Тарафи персептивӣ маънои идроки байниҳамдигарии

муошираткунандагон ва ё худ ҳамдигарфаҳмиро дорад.

Идрок ё худ дарк кардани ҳамсӯҳбат дар асоси муқоиса намудани худ бо ҳамсӯҳбат ба амал омада, бо се ҷиҳат тавсиф дода мешавад: идентификатсия – дар асоси хусусиятҳои худ дарк кардани ҳамсӯҳбат; эмпатия – қобилияти дарки эмотсионалии ҳамсӯҳбат дар шакли ҳамдардӣ; рефлексия – дар оинаи дарки ҳамсӯҳбат чӣ тавр инъикос шудани худро ифода мекунад.

Механизми дигари идроки байниҳамдигариро атраксия меноманд. Як шакли маърифаткунии ҳамсӯҳбат буда, дар заминаи ҳиссиётҳои мусбати пештар ташаккулёфта ба вуҷуд меояд. Дар ин замина ҳар қадаре, ки нисабати мавқеи ҳамсӯҳбат назари мусбат дошта бошем, ҳамон қадар имконияти дуруст дарк кардани ӯ пайдо мешавад.

Механизми навбатии ҳамдигарфаҳмӣ атрибутсияи каузалӣ мебошад, ки дар асоси он рафтор ва ҳиссиёти шахси дигар шарҳу эзоҳ ва баҳо дода мешавад.

Дар радифи функсияҳои муошират мазмун, вазифа ва воситаҳои онро низ фарқ мекунанд. Мазмуни муоширатро додугирифти афкор, ахбор, дониш, маҳорат, малака, тачриба, ва ғайра ташкил медиҳад. Чунин усулҳои таъсиррасонӣ ба ҳамсӯҳбат мавҷуданд: сирояткунӣ, мутаасирнамоӣ, боваркунонӣ, талқин.

Сирояткунӣ – ин ба таври беихтиёр ба ҳолати муайяни психикӣ гирифтор намудани одам мебошад. Мисол, кафкӯбиҳои бардавоми мухлисон боиси масрурӣ ва фараҳмандии рӯҳии сароянда мегардад.

Мутаасирнамоӣ – ин таъсиррасонии мақсадноки як шахс ба шахси дигар мебошад. Дар ҷараёни он нотиқ тавассути таъсиррасониҳои ҳиссиётӣ ва иродавӣ дар шунавандаи худ ҳисси ҳамдардиро ба вуҷуд оварда, масъаларо ба фоидаи худ ҳал менамояд. Тадқиқотҳо нишон додаанд, ки кӯдакон ва пиронсолон, шахсони организман заифу хасташуда бештар ба ин ҳолат гирифтор мешаванд. Ҳар қадаре, ки дараҷаи шуурнокии шахс баланд бошад, ӯ ҳамон қадар камтар ба ин ҳолат гирифтор мегардад. Мутаасиршавии одамон аз баландмартабагии шахсияти таъсиррасон низ вобаста аст. Нотиқ ҳар қадаре, ки бузургу варзида бошад, таъсирнокии сухани ӯ ҳамон қадар зиёд аст.

Боваркунонӣ – бо ёрии асоснокқуниҳои мантиқӣ ба даст овардани ризоияти шунаванда доир ба ин ё он масъала мебошад.

Талқин – ба воситаи далелҳои аз ҷониби аксарият қабулшуда барои ичрои амале ё коре равона кардани шунаванда мебошад. Вазифаҳои муошират инҳоянд:

- иттилоотӣ - робитавӣ (қабул ва интиқоли иттилоот);
- танзимӣ - робитавӣ (ташкили таъсири дутарафаи одамон дар фаъолияти муштараки онҳо);
- таъсир бахшидан ба соҳаи эмотсияҳои ҳамсӯҳбат;
- худифодакунии ҳолати эмотсионалии одам.

Намудҳои муошират. Вобаста ба воситаҳои пешбарандаи муошират, муоширати шифоҳӣ (калимагӣ) ва ғайришифоҳӣ (ғайрикалимагӣ) ва вобаста ба хусусият ва характери муошират, муоширати расмӣ (корӣ) ва ғайрирасмӣ (дунявӣ, маишӣ)-ро аз ҳам фарқ мекунанд.

Муоширате, ки бо ёрии калимаҳо амалӣ мегардад, муоширати шифоҳӣ - калимагӣ номида мешавад.

Муоширате, ки бо ёрии воситаҳои ғайринуткӣ: ҳаракатҳои даст, тарзи рафтор, оҳанги овоз, тағйирёбии қиёфа (мимика), чашм (микромимика), ҳаракати якҷояи тамоми бадан (пантомимика), фосилаи байниҳамдигарӣ, тарзи ист ва ғайра амалӣ мешавад, муоширати ғайрикалимагӣ ё ғайришифоҳӣ номида мешавад.

Муоширати расмӣ – намунаи он робитаву ҳамкориҳоест, ки дар рафти он мубодилаи амал, маълумот ва таҷриба оид ба даст овардани натиҷа, ҳалли масъалаи мушаххас ва ё татбиқи мақсади мушаххас сурат мегирад.

Дар маҷмӯъ, муоширати расмӣ аз ғайрирасмӣ бо он фарқ мекунад, ки дар ҷараёни муоширати расмӣ мақсад ва вазифаҳои мушаххаси ҳалталаб, ба нақша гирифта мешаванд.

Муоширатро ҳамчунин ба таври шартӣ ба муоширати мустақим (бевосита) ва муоширати ғайримустақим (бавосита) ҷудо мекунанд. Муоширати бевосита бо сабаби робитаи ҳиссӣ ва фазои таъсиррасонӣ (талқин) доштанаш, назар ба муоширати бавосита дорои натиҷагириҳои зиёдтар мебошад.

Забон воситаи асосии муоширати одамон мебошад. Забон ва инкишофи психикию шуурии одам алоқаи ногусастании дутарафа доранд.

Забон системаи аломатҳоест, ки дар ин ё он ҷомеа қабул шудааст. Аломат – объекти дилхоҳи моддиест (предмет, воқеа, ҳодиса), ки ба сифати дастуру ишорат баромад намуда, барои ба даст овардан, нигоҳ доштан ва таҳлилу баён намудани маълумот истифода бурда мешавад.

Одамон моҳияти аломатҳо ва усулҳои ташаккулдиҳии онҳоро барои нақл намудани маълумот аз худ карда истода, бо ин ё он забон гап заданро ёд мегиранд. Дар ин замина забон воситаи робитаи байни одамон ва воситаи барқарокунии ҳамдигарфаҳмии онҳо мебошад.

Фард аз овони кӯдакӣ забонро дар ҷараёни муошират бо атрофиён аз худ намуда, истифодаи онро ба воситаи нутқ ёд мегирад. Нутқ – ин истифодаи забон дар ҷараёни муошират мебошад. Нутқи одам танҳо дар натиҷаи азхудкунии забон шакл мегирад ва бояд ҳамеша ба меъёрҳои ҳамин забон итоат кунад. Забон бошад, дар ҷараёни муоширати одамон дигар мешавад ва тараққӣ мекунад. Нутқ бо ҳамаи протсессҳои психикӣ алоқаманд аст. Фаъолияти фикрии одам, ба хотир гирифтани маводи таълимӣ, бомуваффақият ҷоришавии протсессҳои ирода, бо ёрии калимаҳо ифода намудани ҳиссиёт бо нутқи инсон алоқаи ногусастанӣ доранд. Илова бар ин, дар муошират нутқӣ мавзӯи ахборот (яъне, дар бораи чӣ бояд гуфт) ва модалнокии он (яъне, чӣ тавр бояд гуфт) фарқ карда мешаванд. Модалнокии муошират нутқиро оҳанги нутқ ташкил медиҳад: тағйирот дар оҳанг, лаҳни садодиҳӣ, қувва ва баландии садоҳо.

Оҳанги нутқ дорои вазифаҳои зерин мебошад:

- ифодаи мазмуну маънои ҷумла;
- ифодаи муносибати гӯянда ба мавзӯи муошират;
- ифодаи сайъю кӯшиши расонидани таъсири муайяни нотиқ ба

шунаванда (талқин, боваркунонӣ, водоркунӣ ба амал, маҷбурран бор намудани ақида ва ғ.);

- ифодаи муносибати дутарафаи муошираткунандагон (нармгуфторӣ, самимият, боэҳтиромӣ, беэътиноӣ, бегонагӣ ва ғ.).

Нутқ тавсифдиҳандаи шахсияти гӯянда мебошад. Мазмуни нутқ роҷеъ ба хусусиятҳои ақлии шахс ва равияи психикии ӯ маълумот медиҳад. Суръатнокӣ, оҳанг, ра-

вонӣ, баландӣ, ҳассосият, ҷозибанокии нутқ то андозае тавсифдиҳандаҳои мизоҷи одам мебошанд.

Хусусияти ба худ хос доштани нутқ, образнокӣ, дар қолаби муайян сухан нагуфтан тавсифдиҳандаҳои имкониятҳои эҷодии шахс мебошанд. Нутқи бемӯҳтаво, ғайриифоданок ва гузашта аз ин, бесаводона шаҳодати маҳдудияти дунёи маънавии шахс буда, нишонаи камҳавсалагӣ ва карахтии ақлонии ӯ мебошад. «Ҳарф бизан, то ман бифаҳмам, ки ту кистӣ»- дар ин ҳикмати юнониёни қадим алоқаи нутқ бо ҷиҳатҳои муҳими шахс инъикос ёфтааст.

Ташаккули нутқ раванди мураккаб мебошад. Пеш аз гуфтани чизе аввал ангезае барои ин амал сабаб мешавад. Баъд ӯ чизи гуфтаро барномарезӣ карда, аз назари лексикӣ ва онро ба тартиб медарорад, онро ботинан тайёр мекунад ва сипас онро ба берун мебарорад.

Самаранокии нутқро хусусияти ангехтпазирӣ (реактивӣ) ё фаъоли он муайян мекунад. Нутқи фаъол доимо бесобиқаю нодир буда, аз ҷониби шахси гӯянда ба таври эҷодӣ барномарезӣ мешавад. Дар он боигарии забон, тобишҳо ва имкониятҳои оҳангии нутқ истифода мешаванд. Нутқи фаъол бештар бо намуди монологии нутқ (сӯҳбат бо худ) алоқаманд аст. Ангехтпазирӣ бошад хоси нутқи вазъиятӣ буда, бештар бо намуди диалогии нутқ алоқаманд аст.

Идроки нутқ аз шинохти фонематикӣ ва фаҳмидани маънои он иборат аст.

Фаҳмидани нутқро дар шакли кӯтоҳ тартиб додани ҷумлаҳо, гузориши саҳеҳи задаҳои маъноӣ, ҷудокунии ҷумлаҳо ба қисматҳои маъноӣ, риояи ҷойи ист ва ғайра осон мегардонанд. Фаҳмидани нутқ ва мазмуни он ба дониш, захираи луғавӣ ва маҳорати гӯш карда тавонистани шунаванда вобаста аст.

Бояд қайд кард, ки таъсири эмотсионалии калима дар рафти муошират назаррас аст. чунин калимаҳо таъсири эмотсионалии баландро соҳибанд:

- калимаҳое, ки бо ашёҳои давраи ибтидоии иҷтимоишавии фард, бо ёдоварии давраи барвақти бачагии ӯ алоқаманданд, яъне ҳамаи он чизе, ки бо образҳои волидон, зодгоҳ ва ғ. робита доранд;

- калимаҳое, ки бо арзишҳои асосии ҳамин шахс, бо маромҳои бартараридоштаи рафтори ӯ пайванданд.

Дар радифи ин, шахс кӯшиш менамояд, ки аз истифодаи калимаҳои беадабона (алфози қабеҳ, фачгӯӣ, алфози даҳал, беномусӣ, бешармӣ), худдорӣ намояд. Афроди ғайрииҷтимоишуда бошад ба калимаҳои ҳамеша истифодашаванда ва ба лексикаи мазмуни таҳдиди ҷисмонӣ, низоъ ва фишори психикӣ дошта ҳассосанд.

Намудҳои нутқ. Нутқи дохилӣ. Дар амалия намудҳои гуногуни нутқро аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Нутқи шифоҳию хаттӣ ва нутқи дохилию берунӣ аз ҷумлаи намудҳои доимоистифодашаванда ба шумор мераванд.

Нутқи шифоҳӣ (суханронии умумӣ, муошират ғайрирасмӣ, муошират бевосита ва ғ.) ва нутқи хаттӣ, аз як ҷониб, ба ҳамдигар хело зич пайванд бошанд ҳам, аз ҷониби дигар, моҳиятан аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Фарқияти онҳо на дар истифодаи воситаҳои мухталифи техникӣ (тағйирдиҳӣ ва тавлиди оҳанги овоз, тарзи навишт ва ғ.), балки дар қобилияти то ба шунавандагон расонидани эҷодкунандагони онҳо мебошад. Яъне, қобилияти то ба шунавандаи худ расонидани маҳсули эҷод дар одамон якранг нест, зеродар баъзе одамон маҳорати баланди нутқи хаттӣ ва дар дигарон маҳорати баланди суханварӣ ва истифодаи воситаҳои ғайришифоҳӣ (оҳанги гуфтор, тарзи нигоҳ, ҳаракатҳои гуногуни узвҳои бадан, тарзи ист ва ғ., ки бе истифодаи ин воситаҳо нутқи онҳо ҷазобият ва дилрабойи худро аз даст медиҳад) иброз доштани нуқтаи назар, афкор ва мафкура мушоҳида мешавад. Таърих нависандагони зиёди лаёқатмандеро дар ёд дорад, ки қобилияти сусти суханварӣ дошта бошанд ҳам, асарҳои бешумори оламгир эҷод намуданд, ки таваҷҷӯҳи мухлисони бешумореро ба худ ҷалб кардаанд.

Нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ ҳам дар ҳамбастагӣ ва ҳам дар мустақилӣ дар доираҳои гуногуни муошират ва ниҳодҳои мухталифи ҷамъиятӣ истифода мешаванд. Нутқи шифоҳӣ на танҳо ҳангоми суханрониҳои оммавӣ, хондани маърӯзаҳо, лексияҳо, балки бештар ҳангоми робитаҳои маишию муколамавӣ низ мавриди истифода қарор дорад. Қайд кардан ҷоиз аст, ки нутқи дар намуди хаттӣ эҷодшудаю дар шакли шифоҳӣ иброз шуда, ба маънои пурраш нутқи шифоҳӣ маҳсуб ёфта наметавонад. Нутқи хаттӣ хоси муошират корӣ, доираи илмӣ – техникӣ буда, таъсирнокии нисбатан заифтари эмотсионалиро доро мебошад ва бештар барои мусоҳибони мустақиман ҳозирнабудаю муошират бавосита пешбинӣ гардидааст.

Нутқи шифоҳӣ дар вақт ва фазо вуҷуд дорад ва нутқи хаттӣ бошад идомадор аст. Дар нутқи шифоҳӣ хусусиятҳои фардию психологии гӯянда: тарзи худро идора кардан, техникаи қабул ё ирсоли маълумот, тафаккури зинда, ақли расо ва ғ. нақши муҳим мебозанд. Нутқи шифоҳӣ дар заминаи талаботи бевоситаи муошират дутарафа доштани мусоҳибон ба миён омада, оҳанги ҳамҳиссиро доро мебошад. Дар сохти нутқи шифоҳию хаттӣ, маҳз аз ҳамин нуқта як қатор тавофутҳои воситавию ғайривоситавӣ, ки ҳангоми истифодаи ҳар кадоми онҳо мушоҳида мешавад, бармеояд.

Дар нутқи шифоҳӣ – гуфтугӯӣ ҳамсӯҳбатҳоро вазъиятҳои умумӣ ва захираҳои умумии ахборотии тонутқӣ бо ҳам мепайвандад. Дар ин гуна мавридҳо одамон ҳамдигарро аз «нимсухан» дарк менамоянд ва баъзан барои дарки нуқтаи назари ҳамдигар ишорае кофист. Маҳз бо ҳамин сабаб мавзӯи муҳокимашавандаро тавассути нутқи шифоҳӣ ҳаматарафа барррасӣ наменамоянд, зеро паҳлӯҳои зиёди он тавассути воситаҳои ғайришифоҳӣ иброз ва дарк карда мешавад. Дар нутқи шифоҳӣ – гуфтугӯӣ, ҳамрадиф бо мӯҳтавои афкору андешаи маъногӣ мачмӯи томи воситаҳои ифодакунанда (дигаршавии лаҳни садо,

оҳанги сухан, фосилагузорӣ, таъкиднамоии садогӣ ва ғ.) иштирок менамоянд, ки тавассуташон мазмунҳои дар мӯҳтавои сухан гуфтанашуда хабар дода мешавад.

Нутқи хаттӣ яке аз шаклҳои нутқи монологӣ буда, ба маданияти нутқи шифоҳӣ таъсири амиқ мерасонад. Нутқи хаттӣ нисбат ба нутқи шифоҳӣ дертар зоҳир шуда, дар заминаи он инкишоф меёбад. Таърихи омӯзиши хат гувоҳи он аст, ки миёни аломатҳои хат ва фикр се намуди алоқаю муносибат вуҷуд дорад. Пеш аз ҳама хати пиктографӣ ба вуҷуд омад, ки он дар шакли расму тасвирҳои гуногуни схематикӣ ифода мегардид. Намуди дигари онро хати идеографӣ меноманд, ки фикр дар он бо ёрии шартан ишора намудани предметҳои мувофиқ ифода меёбад. Идеограммаҳо бо талаффузи калимаҳо ҳеҷ гуна алоқа надоранд. Сониян нутқи хаттӣ ба миён омад, ки дар он овозҳои нутқ бо ҳарфҳо ишора карда мешаванд. Дар нутқи пиктографӣ ва идеографӣ вазъияти ягонаи муошират, робитаи акс ва имконияти истифодаи васоити берунӣ- нутқии муошират вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, имкониятҳои нутқи хаттӣ нисбатан густардатар мебошанд.

Дар нутқи хаттӣ ба мисли нутқи шифоҳӣ хусусиятҳои фардӣ-нутқии шахс зоҳир мешаванд. Ин хусусиятҳо омили асосии худшабоҳатдиҳии муошираткунандагон мегардад.

Ба нишонаҳои шабоҳатдиҳандаи нутқи хаттӣ (яъне, нишонаҳое, ки тавассути онҳо тафсир кардани шахсияти нависанда имконпазир мегардад), нишонаҳои услубӣ (такроршавандагии ҷумлаҳои истифодашуда, сабки ба худ хоси ҷумлабандӣ, истифодаи муқоисанамоиҳои якранга, мақолҳо ва ғ.), нишонаҳои лексикӣ (такроршавандагии ибораҳои ҷудогона) ва нишонаҳои грамматикӣ (хатогиҳои хос) марбут мебошанд. Ба нишонаҳои монандкунӣ, инчунин хусусиятҳои топографии хат: ҷобаҷогузории калимаҳо, андозаи майдонҳо, сатрҳои таъкидӣ, ҷудокунии сарлавҳаҳо, фосилаи байни калимаҳо, хусусиятҳои ихтисори калимаҳо ва ғ. дохил мешаванд.

Дар раванди муошират ҳамрадиф бо воситаи асосии муоширати нутқӣ (забон), воситаҳои ғайринутқии муошират: ҳаракатҳои дасту пой, сар (жестҳо), тарзи рафтор, оҳанги овоз, қиёфаи рӯй (мимика), қиёфаи чашм (микромимика), ҳаракати якҷояи тамоми бадан (пантомимика), фосилаи байниҳамдигарӣ (паралингвистика), тарзи ист, ороишот, бӯйҳои табиию сунъӣ, синнусол, ҷинс ва ғ. низ истифода бурда мешаванд.

Воситаҳои номбаршуда воситаҳои ёрирасони воситаи асосӣ - забон мебошанд. Маълумотҳое, ки тавассути воситаҳои ғайринутқӣ дода мешаванд, чун қоида на барои ҳама дастрасанд, зеро вобаста ба маданият, фарҳанг, урфу одат, арзишҳои миллӣ ва ғ. моҳияту мазмуни ин маълумотҳо гуногун шуда метавонанд. Бинобар ин, барои мазмун моҳияти ин гуна маълумотҳоро дарк кардан маданият, фарҳанг ва забони милатҳои дигарро ба таври шифоҳӣ омӯхтан лозим аст.

Воситаҳои ғайришифоҳӣ бештар барои барқарор намудани робитаи эмотсионалӣ ва нигоҳ доштани он дар рафти сӯҳбат, танзими ҷараёни муошират ва робитаи психологӣ, пурра кардани маълумотҳои баёншаванда, ифодаи эҳсосот, инчунин барои муайян кардани он ки айни замон муошираткунандагон нисбати ҳамдигар чӣ гуна нуқтаи назар доранд ва монанди инҳо истифода бурда мешавад. Илова бар ин, тавассути воситаҳои ғайришифоҳӣ муҳиммияти маълумоти иброзшаванда, муносибати байниҳамдигарии муоширон, хусусиятҳои фардӣ - психологӣ, ҳолати рӯҳии ҳамсӯҳбатҳо маърифат карда мешаванд.

Дар муқоиса бо воситаи асосии муоширати шифоҳӣ - забон, воситаҳои ғайришифоҳӣ идоранашавандаанд, зеро онҳо аз қалби инсон сарчашма гирифта, таҳти назорати зершуур қарор доранд. Ҳаракатҳои ғайришифоҳӣ бо густариши раванди бошиддати ангезандаи аз маркази нутқӣ бо қисми ҳаракатии қишри мағзи сар суръат гирифта

алоқаманд аст. Характери ихтиёрӣ ва идоранашавандагии вай низ аз ҳамин ҷост.

Масалан, шахс тавассути муошират шифоҳӣ имконияти бештари ба сухани дурӯғини худ бовар кунонидани ҳамсӯҳбатро дорад, вале агар ҳамсӯҳбатҳо ба ҳаракатҳои ғайришифоҳии ҳамдигар аҳамият диҳанд, он гоҳ фиреб кардани онҳо душвор мегардад. Зеро ҳангоми интиқоли иттиллооти дурӯғин (махсусан, вақте ки одам худ ин дурӯғро маҳкум мекунад) кашидашавии хосаи мӯшакҳои чеҳра ба вуҷуд меояд, дурахши гавҳараки чашм меафзояд, бештари вақт рагҳои хунгузари чеҳра васеъ шуда, чеҳра сурх мешавад, миқдори мижа заданҳо зиёд гашта, ҳаракатҳои хосаи хурду калон содир мегарданд: нимвоз шудани даҳон, ба бинӣ даст расондан, молидани чашм, аз нармаки гӯш доштан, хоридани гардан, бо даст пок намудани лабу даҳон, пӯшидани чашму гӯш, кашидани гиребон, аз нигоҳи ҳамсӯҳбат ноҳинҷор шудан, ба чашмони ӯ нигоҳ карда натавонистан, кафи дастони худро аз назари ҳамсӯҳбат пинҳон доштан ва ғ. ҳаракатҳои бо осонӣ мушоҳидашаванда мебошанд, ки идора кардани онҳо на ҳама вақт имконпазир мебошад. Дар ин замина роҳи аз ҳама осонтари дурӯғгӯӣ, дуруғгӯӣ аз тариқи телефон мебошад.

Воситаҳои ғайришифоҳии муошират визуалӣ, акустикӣ, тактикӣ – кинестикӣ ва олфакторӣ мешаванд.

Воситаҳои визуалии муоширати ғайришифоҳӣ инҳо мебошанд:

- кинестика: ҳаракатҳои даст, пой, сар бадан;
- самти нигоҳ ва робитаи нигоҳӣ;
- қиёфаи чашм;
- қиёфаи рӯй;
- андом (иваз намудани ҳолати бадан вобаста ба мазмуни ахборот);
- таасуроти пӯстӣ (сурхшавӣ, араққунӣ);
- фосилаи байниҳамдигарӣ (фосила то ҳамсӯҳбат, кунҷи нишаст ва гардиш ба ҷониби ӯ, фазои фардӣ);

- воситаҳои ёрирасони муошират, аз ҷумла хусусиятҳои андом (ҷинс, синнусол) ва воситаҳои тағйирдиҳандаи онҳо (либос, рангубордиҳии рӯй (косметика), айнак, ороишот, холкӯбӣ (татауировка), мӯйлаб, риш, сигор ва ғ.);

Воситаҳои акустикӣ (садоӣ)-и муошират ғайришифоҳӣ инҳо мебошанд:

- паралингвистикӣ ё худ бо нутқ алоқаманд – оҳанг, баландӣ ва пастии овоз, лаҳн, вазн, таваққуф дар нутқ ва пешгирии он;

- экстралингвистикӣ ё худ бо нутқ алоқаманд набуда (ханда, гиря, сулфа, нафаскашӣ, соиши дандонҳо, бо бинӣ шиппоскунӣ ва ғ.)

Воситаҳои тактикӣ - кинестикии муошират инҳоянд:

- таъсиррасонии ҷисмонӣ (аз даст гирифта бурдани нобино ё ҳамсӯҳбат, аз камари ҳамдигар дошта рақсидан ва ғ.);

- такесика (дастфишурӣ, ба китфи ҳамдигар задан ва ғ.)

Воситаҳои олфактории муошират инҳоянд:

- бӯйҳои хуш ва нохуши моро иҳотакарда;

- бӯйҳои табиӣ ва сунъиӣ инсон.

Нигоҳи мавҷуди зинда ва хусусан, нигоҳи одам яке аз ангезадаҳои нерӯмандтарини одам буда, дар худ ахбороти бузургеро ниҳон дорад. Чашмон ва лабон узвҳои нисбатан гӯётари чеҳраанд. Одаме, ки нигоҳашро аз ҳамсӯҳбат мегурезонад, дарундору тарсу ва одами чашм ало кунанда ба назар бемаърифату беодоб менамояд. Одамон ифодаҳои чашму бозии нигоҳҳоро бехато муайян мекунанд.

Ба воситаи нигоҳ аз дурахшу андозаи гавҳараки чашм, шакли абрӯву пилкҳо, тарҳи даҳону бинӣ, тарҳи умумии рӯй маълумотҳои зиёди дақиқро ба даст овардан мумкин аст. Таносуби ин нишонаҳо гуногунранг мебошад. Эҳсосоти мусбат миқдори мубодилаи нигоҳҳоро афзун мекунад, эҳсосоти манфӣ ин миқдорро маҳдуд менамояд. Нигоҳи даванда ё «часпанда» доир ба задагузо-

риҳои психикӣ ва ноҷӯриҳои психикӣ шаҳодат медиҳад. Барои беҳтар фаҳмидани одамон ба нигоҳҳою қиёфасозиҳо ва ҳаракатҳои онҳо зеҳн монед. Масалан, савдогарони ботаҷрибаи шарқӣ ба ҳолати гавҳараки чашми харидорон синча карда, нархи молро танзим менамоянд.

Нигоҳи одам бамаъразгузорандаи ӯ мебошад. Дар чашмони одамон мо муҳаббату нафрат, ризоияту инкор, хурсандию андӯҳро хонда метавонем. Ифодаҳои чашму ифодаҳои лабон муносибати дутарафа доранд. Садҳо ифодаҳои қиёфасозӣ ин гунаҳои мухталифи таносуби ҳолатҳои лабон ва ифодаҳои чашманд. Фараҳмандии чашм ва табассуми сабук ҳар як чеҳраро зебо, ҷаззоб ва робитапазир мегардонанд.

Ҳаракатҳои одам вобаста аз тасаввуроти ҳамин ҷомеа дар бораи он ки одам бояд чӣ гуна бошад, интихоб шудаю таҳким меёбанд. Бисёр меъёрҳои иҷтимоии ҳаракат ва қиёфасозӣ вобастаи тарзи ҳаёти ҳамин ҷомеа мебошанд.

Бо қиёфасозӣ, тарзи ист ва ҳаракатҳои худ зеҳн бимонед. Аз чунин ҳаракатҳо дурӣ ҷӯед: «ҳаракатҳои пӯшида», «шубҳанокӣ» ва «ҳимоя» (осемасар молиш додани пешонӣ, чакка, манаҳ, бо дастон пӯшидани рӯй, ба сина чиллик кардани дастҳо, дар панҷа фишурдани ангуштон), «ҳаракатҳои шубҳанокӣ» ва «ҳаракатҳои хафагӣ» (молидани сатҳи бинӣ, гардан, хоридани гӯш, бардоштани китфон ва хам кардани сар, гирифтани айнак ва намоишкорона ба сӯе гузоштани он). Аз «тарзи исти ҳавобаландона» (масалан, бо пушти сар ё миён партофтани дастон), «ҳаракатҳои норизоият» (дар рӯи миз чидани майда-чуйдаҳо, чидани мӯйҳои пиҷак) канорҷӯӣ намоед.

Ба ҳаракатҳои ҳамсӯҳбат диққат диҳед. Исбот шудааст, ки ҳамсӯҳбати сигоркаш дар мавриди хурсанд будан, дуди сигорашро ба боло, дар ҳоли ноҳинҷор будан бошад, дуди сигорашро ба поён сар медиҳад. Ба ҳолати дасту китфон ва сари ҳамсӯҳбат назар афканед. Ҳангоми шиддати ҳаяҷон китфон бардошта ва ҳангоми сусту ором-

шавӣ китфон поин фуроварда мешаванд. Сари хамшуда аз маҳдудият (дамдуздӣ) ва ноқаноатмандӣ, сари баланд бардошташуда нишонаи худназораткунии устувори шахс мебошад.

Қиёфаи одам нисбат ба тарзи исти ӯ бештар ахбор медиҳад. Чеҳраи одам - оинаи ботинии ӯст. Ҳаракати мушакҳои чеҳра – гувоҳидиҳандаи олами ботинӣ ва ҳолати рӯҳии ӯ мебошанд. Ва одамон дар бисёр маврид на ба суханпардозиҳо, балки ба ҳамин гуна воситаҳои устувор таваҷҷӯҳ мегузоранд.

Хусуиятҳои психологии муошират бештар ба воситаи шакли муошират муайян карда мешавад. Чунончи, ҳангоми муоширати кӯтоҳмуддати тасодуфӣ одамон ба воситаҳои меъёрии аз ҷониби ҳамагон қабулшудаи эҳтиромгузорӣ ва саволҳои зоҳирӣ маҳдуд мегарданд. Ҳангоми таъсироти дутарафаи мӯътадилу устувор ва ҳангоми муоширати корӣ одамон ба сифатҳои устувори психикию танзимии ҳарифони худ, ба хусусиятҳои рафтори онҳо дар вазъиятҳои мухталиф истиноду таваҷҷӯҳ менамоянд. Дар ин маврид, натиҷаҳои мусбати таъсири дутарафа баҳогузорӣ мешавад, нақшаи мувофиқтари таъсири дутарафа бо ҳамин ҳариф дар асоси робитаи баръакс таҳия мегардад.

Фард андешаи хешро иброз дошта, ҳамеша натиҷаҳои ноилгардидаашро ба ҳисоб мегирад ва рафтори хешро ба танзим медарорад. Дар асоси таҷрибаи ҳаётии худ ва ҷамъбасткуниҳои оморӣ одамон доир ба хусусиятҳои рафтори якдигар муҳокима меронанд ва кӯшишҳои имконпазири ҳарифони хешро дар муошират пешакӣ пай мебаранд.

Робитаи баръакси самараноку муассир амалкунанда, таҳлил ва ба ҳисобгирии натиҷаҳои робитаи худ яке аз шартҳои асосии фаъолияти тавфиқовари сарвар, менеҷер, қумондон, омӯзгор, тарбиятгар, ҳуқуқшинос ва дигар кормандони соҳаи иҷтимоӣ мебошанд.

Дар нутқи хаттӣ, ки ба шахси номаълум ё ғоиб нигаронида шудааст (масалан, тавассути воситаҳои ахбори

омма - рӯзномаю маҷаллаҳо, телевизиону радио ва ғ., ки дар фазо ва вақт вуҷуд дорад), маълумоти додашаванда то қадри имкон ҳаматарафа шарҳу эзоҳ дода мешавад, зеро дар ин гуна муошират робитаи баръакс на ҳама вақт имконпазир аст.

Ба вуҷуди тамоми фарқиятҳои байнҳамдигарии нутқи шифоҳию хаттӣ, онҳо бо садде аз ҳамдигар ҷудо карда нашудаанд ва андаруни худ низ ҳамҷинс нестанд. Дар амалия намудҳои нутқи шифоҳии наздик ба нутқи хаттӣ ва услубҳои нутқи хаттии бо нутқи шифоҳӣ қаробатдошта ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Масалан, мукотибаи шахсии дӯстон аз рисолаи илмӣ сареҳан фарқ дорад: услуби иншои мактуб ва тарзи навишти матнаш бештар ба нутқи шифоҳӣ – гуфтугӯи наздик аст. Дар суханронии оммавӣ ва маърӯзаҳо бошад, тамоми воситаҳои ифодакунандаи нутқи шифоҳиро истифода мебаранд, аммо дар баъзе мавридҳо бештар ба нутқи хаттӣ такя мекунанд. Бархилофи таъбирҳои умумии қабулшуда оид ба хондани лексияҳо онҳоро танҳо ба хониши хушку холӣ ва якнавохту якзайли ягон хел матн табдил додан лозим нест. Лексияи барои ҳозирини сокиту ором пешбинишуда бояд то андозае оҳанги лексия-сӯҳбатро дошта бошад: ҳассосияти баланд, дарк кардани ҳолати ифоданашудаи талқиншавандагӣ ё муқобилиятнамоии ҳозирин, завқоварӣ ё дилгиркунандагии мавзӯъро аз руйи ҳаракатҳои ночизи пайхастшавандаи шунавандагон дарк кардан, ҳолати ботинии онҳо ва муносибаташонро ба ақидаи иброзгардида ба ҳисоб гирифтан - ин ҳама хусусиятҳои нутқи шифоҳие мебошанд, ки бояд ба таври ҷиддӣ ва муназам ба мантиқи ибрози андешаи на ба нутқи шифоҳӣ - гуфтугӯӣ, балки ба нутқи хаттӣ хосбуда муносибатдор гардонда шаванд.

Мисолҳои овардашуда гувоҳи онанд, ки аввалан нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ мухолифи ҳамдигар набуда, балки вориди ҳамдигар гашта, ба ҳамдигар таъсири дутарафа мерасонанд. Сония, ин маънои онро дорад, ки тавофутҳои

қатъӣ байни матнҳои маъмули шифоҳӣ – гуфтугӯӣ ва илмии хаттӣ, на танҳо бо техникаи нутқи хаттӣ ва нутқи шифоҳии садогӣ, балки бо фарқиятҳои вазифаҳо низ иртибот дорад. Нутқи шифоҳии гуфтугӯӣ барои мустақиман ифода намудани ҳиссиётҳо бо мусоҳиб хизмат мекунад. Нутқи хаттӣ маъмулан барои ба ҳамсӯҳбат расонидани маълумотҳои нисбатан мавҳум хидмат менамояд.

Ҳангоми худ ба худ фикр кардан ва ба тасвиятҳои вожавӣ гузаронидани афкор, байни нутқҳои шифоҳию ботинӣ ва нутқи ботинӣ вобаста ба муносибати онҳо ба таффаккур фарқияти зиёд мушоҳида мешавад. Бархе аз равоншиносон нутқи ба истилоҳ ниҳоятан худпарастона (эгосентрӣ) – ро ҳамчун нутқи фосилавии дар байни нутқҳои зоҳирию ботинӣ мавҷудбуда шарҳ медиҳанд. Нутқи ниҳоятан худпарастона асосан ба кӯдакон хос аст: кӯдаки саргарми бозӣ худ бо худ гуфтугӯ мекунад. Баъзан ҳангоми худназораткунии заиф, нутқи худпарастона дар калонсолон ва асосан дар пирон имконпазир ба назар мерасад. Фаъолии он ҳангоми пайдоиши ягон душворие дар фаъолият меафзояд. Нутқҳои оҳанги худпарастӣ дошта дар нисбати муошират ба ақлоният бештар такя карда, аз руйи шакл ҳамчун нутқи берунӣ ва аз руйи вазифа ва моҳияти психологӣ ҳамчун нутқи ботинӣ баромад мекунад.

Нутқи дохилӣ ҳангоми амалӣ шуданаш гӯё аз иҷрои вазифаи ибтидоии онро тавлидкарда канорачӯӣ мекунад, зеро дигар на ҳамчун воситаи муошират, балки пеш аз ҳама ҳамчун шакли фаъолияти ақлӣ баромад мекунад. Бо вуҷуди ин, вай аз лиҳози ирсӣ дар шакли иҷтимоӣ боқӣ мемонад, зеро нутқи «берунӣ» бегуфтугӯ заминаи асосии пайдоиши нутқи «дохилӣ» мебошад. Вай (нутқи ботинӣ) дар онтогенез (дар кӯдак), ташаккул мепазирад, вақте ки кӯдак ба таври кифоя нутқи шифоҳиро азхуд менамояд, дар натиҷаи интериоризатсияи нутқи ботинӣ (ба дарун – ба психика гузаронидан ё «кӯчонидан»-и он), дорои нутқи дохилӣ мегардад. Ин дар мавриде рӯй медиҳад, ки кӯдак

барои матраҳ кардани фаъолияти бозии худ бо садои баланд ифодаҳои калимавии амалиёти худро ба забон оварда истода, онро дар амал истифода мебарад. Ҳамин тариқ, инкишофи нутқи ботинӣ аз марҳилаи фосилавии худпарастона оғоз меёбад. Ҳангоми гузариши нутқи берунӣ ба нутқи ботинӣ нутқи худпарастона тадриҷан аз байн меравад.

Нутқи ботинӣ дар баробари иҷрои вазифаҳои дигар, дар қиёс бо нутқи берунӣ аз рӯйи сохти худ низ фарқ мекунад. Вай нутқи пешакӣ таъйиншуда набуда, дар аксар маврид носуфтаю нопурра аст. Л.С.Виготский ва шогирдонаш дар асоси тадқиқотҳои худ сохти нутқи ботиниро маҳз ҳамчун нутқи хабарӣ тафсир мекунанд, аммо С.Л.Рубинштейн тахмин мекард, ки амалишавии «нутқи ботинӣ дар аксар маврид аз тарзи масъалагузорӣ вобаста мебошад».

Ҳамин тариқ, нутқи ботинӣ дар шакли нутқӣ тахфиф кардашуда баромад мекунад: аз он фақат баъзе унсурҳои аз ҳама муҳим боқӣ монда, ҳама он чизҳое, ки «худ ба худ ҳувайдо» буда, нутқро бою ғанӣ намегардонанд, нолозим мешаванд. Ин гуна протсесси «мухтасаркунӣ»-и воситаҳои забонӣ, гуфтугӯи шифоҳии шахсонеро ба хотир меорад, ки мавзӯи сӯҳбатро хело хуб медонанд ва дар ҷараёни муошарати худ аз бисёр чизҳои нолозим сарфи назар менамоянд. Ба замми ин ҳангоми муколамоти ботинӣ (монолог) ё «гуфтугӯ бо худ» ин тарзи нутқ бештар истифода мешавад.

Муносибати байниҳамдигарии одамон

Ғайр аз дастуру тартиботи иҷтимоӣ ба психология ва рафтори одамон муносибати байниҳамдигарии онҳо таъсири калон мерасонад. Ин муносибатҳо хело мураккабу гуногун буда, ба намудҳои зерин ҷудо мешаванд: шахсӣ ва корӣ, расмӣ ва ғайрирасмӣ, баробар ва нобаробар, ратсионалӣ (оқилона) ва эмотсионалӣ.

Муносибати шахсӣ гуфта муносибатеро меноманд, ки байни одамон новобаста аз фаъолият ва ӯҳдадориҳои бар дӯш доштаи онҳо ба вуҷуд меояд. Муносибатҳои шахсӣ таваҷҷӯҳи дутарафа ё якҷониба, ҳисси нафрату бадбинӣ, ҳурмату эҳтиром, беҳурматӣ, дилбастагӣ ё бегонагӣ ва ғайраро дар бар мегиранд. Ин гуна муносибатҳо байни ҳамагуна одамони бо ҳам шинос ба вуҷуд омада метавонанд.

Муносибатҳои корӣ байни одамон вобаста ба вазифаҳои ба дӯш доштаи онҳо ба вуқӯъ мепайванданд. Дар ҷараёни муносибатҳои корӣ, ҳангоми иҷрои ин ё он кори муайян, одамон байни ҳамдигар на ҳамчун шахсият, балки ҳамчун шахсони масъулиятнок ва ӯҳдадории муайяни корию касбиро ба дӯш дошта баромад мекунанд. Миёни одамони дар муносибати байниҳамдигарии шахсӣ қарор дошта, мавҷуд будани муносибатҳои корӣ ҳатмӣ нест ва баръакс, барои шахсони бо якдигар муносибатҳои корӣ оғознамуда, ба муносибатҳои байниҳамдигарии кории муайян муттаҳид гаштан, низ ҳатмӣ нест.

Муносибатҳои расмӣ - ин муносибатҳои «қонунӣ», яъне бо ягон ҳуҷҷати ҳуқуқӣ, қонунҳо, қарорҳо, низомномаҳо, дастурҳо, фармонҳо ва ғ. ба расмият дароварда шудааст. Муносибати ғайрирасмӣ – ин муносибате мебошад, ки асоси ҳуқуқӣ надорад, яъне бо ягон хел ҳуҷҷати ҳуқуқӣ танзим намегардад. Қайд кардан ҷоиз аст, ки ҳам муносибатҳои шахсӣ ва ҳам муносибатҳои кории одамон, ҳамчун муносибатҳои расмӣ ё ғайрирасмии байни онҳо шуда метавонанд. Масалан, муносибатҳои шахсии байни зану шавҳар, ки бо ҳуҷҷатҳои расмии идораи қайди никоҳи шаҳрвандон қонунӣ гардонида шудаанд, муносибатҳои расмии байниҳамдигарии онҳо ба ҳисоб мераванд. Муносибатҳои зану шавҳарии шахсоне, ки аз қайди идораи ақди никоҳ нагузаштаанд, муноситбатҳои байниҳамдигарии ғайрирасмӣ ҳисоб мешаванд. Агар одамон дар муносибатҳои кории байниҳамдигариашон дар асоси фармон ё қароре бо дарназардошти мақоми онҳо дар ро-

бита шаванд, он гоҳ муносибати байниҳамдигарии онҳо муносибати кории расмӣ ва дар сурати коргари ягон намуд ташкилот набуданашон, муносибати байниҳамдигарии онҳо ғайирасмӣ номида мешавад.

Муносибатҳои кории баробарӣ дар байни одамоне ба амал меоянд, ки дар ҷараёни фаъолияташон тобеъ ё вобастаи якдигар нестанд. Масалан, муносибати байниҳамдигарии коргарони қатории корхона ё муносибати байниҳамдигарии донишҷӯён. Онҳо дар ҷараёни фаъолияти якҷоя ҳамдигарро дастгирӣ мекунанд ё ба ҳамдигар пайравӣ менамоянд. Муносибати кории нобаробарӣ – ин муносибатҳои байниҳамдигарии одамоне мебошад, ки мақоми гуногун дошта, дар тобеияти якдигар қарор доранд. Масалан, муносибати байниҳамдигарии роҳбари корхона бо ҷонишини ӯ.

Муносибати ратсионалӣ (оқилона) - ин муносибати дурандешона ва эҳтиёткоронаи одамон мебошад. Дар ин ҷо ҳар як фаъолият фикр карда шуда, мақсади муайян ва тарзи расидан ба он муайян карда мешавад. Муносибати эмотсионалӣ ба ҳиссиёт такя менамояд. Онҳо одатан пешакӣ фикр карда нашудаанд ва мақсади муаяйн надоранд ва аз нуқтаи назари имкониятҳо ба гурӯҳҳои фоидаовар ё зараровар ҷудо карда намешаванд.

Дар муносибатҳои байнишахсӣ муносибатҳои низоӣ ё низоъӣ бо гуногунамудии хосашон мақоми муайян доранд. Одамон дар ҷараёни ин гуна муносибатҳо тоқати ба ҳамдигар наздик шудан, ҳамкорӣ ва зиндагӣ кардан надоранд, аз ҳамдигар дурӣ меҷӯянд ва эҳсоси бадбинӣ мекунанд. Дар ҳолати якҷоя кор ва муошират намудан, байни ин гуна шахсон нофаҳмиҳои мушкилҳал ба миён меоянд ва онҳо рафта-рафта мураккабтар шудан мегиранд.

Муносибатҳои низоӣ ё низоъиро аз муносибатҳои ихтилофӣ фарқ кардан лозим аст. Дар муносибатҳои ихтилофӣ одамон аз ҳамдигар дурӣ намеҷӯянд, муносибатҳои шахсии худро намекананд, балки кӯшиш менамо-

янд, ки бо ягон роҳу восита нофаҳмиҳои ба миён омадаро ҳаллу фасл намуда, вазъиятро мураккаб нагардонанд.

Нофаҳмӣ ва низоъҳои байниҳамдигарии одамонро бо мавҷуд будани сабабҳои зиёди объективию субъективӣ пурра бартараф кардан ғайриимкон аст. Сабабҳои объективии нофаҳмӣ ва низоъҳо вазъиятҳое шуда метавонанд, ки дар онҳо одамон барои ба даст овардани мақсадҳо ба ҳамдигар монеъ мешаванд. Дар бисёр маврид кӯшиши нафаре, ки барои ба даст овардани мақсаде равона гардидааст, ғайриихтиёр ба хоҳишу талаботи муқобили нафари дигар монеа шуда метавонад. Масалан, агар аз ду нафари дар як ҳуҷра қарор дошта, яке хоҳиши истироҳати бофароғат кардан дошта бошаду дигаре хоҳиши дилхушӣ намудан, хоҳу нохоҳ амали барои ба мақсадрасӣ равона кардаи онҳо боиси ба миён омадани низои байниҳамдигарӣ мешавад.

Сабабҳои низоъ байни одамон объективӣ ва субъективӣ мешаванд. Сабабҳои объективии низоъҳо на аз одамон, балки аз вазъият вобаста буда, сабабҳои субъективии низоъҳо бошад, ба худи одамон вобаста аст. Сабабҳои субъективии низоъҳо фарқияти арзишҳо, мақсадҳо, талаботҳо ва хусусиятҳои характери одамон шуда метавонанд, яъне фарқияти хусусиятҳои психологии инфиродии одамон, ки боиси номувофиқии онҳо мегардад. Номувофиқии психологии дар муқоиса бо дигар омилҳои низоангез, худ ба худ хело кам боиси ба миён омадани низоъҳо мегардад. Шумораи зиёди ҳодисаҳое маълум аст, ки дар онҳо одамони аз нигоҳи психологӣ номувофиқ, бо ҳам на танҳо ҳамкорию ҳамдигарфаҳмӣ, балки дӯстию бародарӣ менамоянд. Маълум аст, ки дар олам ду нафари аз ҷиҳати психологӣ ба ҳамдигар монанд вуҷуд надорад. Пас маълум мешавад, ки номувофиқии психологии байни одамон сабаби асосии бавуҷудоии низоъ шуда наметавонад. Сабаби асосии субъективии низоъҳо, муносибати ношоиста ва носозии шахсии байни одамон мебошад.

Ба саволи, чаро ду нафари дар ҳолати низоӣ қарор дошта низоъ мекунанду бо ҳамдигар муносибати бад менамоянд, на ҳама вақт ҷавоби аниқ, якмаъно ва дуруст додан мумкин аст. Агар ба шахсони дар ҳолати низоӣ қарор дошта чунин савол дода шавад, пас аз каме андеша кардан онҳо ба таври худ ҷавоб мегӯянд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар бисёр маврид ин ҷавобҳо на сабаби ба миён омадани низоъ, балки натиҷаи онҳоро дар бар мегиранд. Масалан, агар аз якеи онҳо пурсанд, ки барои чӣ нисбати шахси дуюм ҳисси бадбинӣ дорад, дар бисёр ҳолат ӯ ҷавоб медиҳад, ки зеро шахси дигар худаш нисбати ӯ ҳисси бадбинӣ дорад.

Ин тарзи иқроршавӣ ва муайяннамоии сабабҳои асосии низоъ дучанд ғайриқаноатбахш аст. аввалан, муносибати бади яке аз одамон ҳеҷ вақт ба низоъ оварда намерасонад, чунки низоъ фақат метавонад дар ҳолати бадбинии дутарафа ба вуҷуд ояд. Дуюм, дар чунин ҳолат ба саволи асосии «чаро яке ба дигаре ҳисси бадбинӣ дорад?», ҷавоб дода нашудааст. Шахсони дар ҳолати низоъ қарор дошта, ба омилҳои асосии низоовар хело кам сарфаҳм мераванд ва сабабҳои асосии пайдоиши низоро таҳлил карда наметавонанд. Ин бошад, яке аз сабабҳои асосии мавҷудият ва мушкилҳалли бисёр низоъҳои байнишахсӣ ба ҳисоб меравад.

Психологҳо дар ҷараёни омӯхтани муноситбатҳои байниҳамдигарии одамон, на танҳо ба муносибати низоии онҳо, балки ба муносибати хело наздик, аз ҷумла ба муносибати комилан мусоиди меҳру муҳаббатоомез ва ё ин ки маҳрамонаи одамон низ аҳамият медиҳанд. Натиҷаи мушоҳидаҳо гувоҳи онанд, ки шахсони дар муносибатҳои маҳрамона қарор дошта, бо ҳамдигар хело наздик ва барои якдигар дастрас мебошанд. Муносибатҳои низоӣ ва муносибатҳои маҳрамонаи одамон ду қутби ба ҳам муқобили мусбӣ ва манфии муносибатҳои инсониро нишон медиҳад. Дар байни ин ду қутб муносибатҳои байниҳамдигарии дигаре маҳфузанд, ки дар онҳо назар ба

муносибатҳои зикршуда, ҳиссиёти одамон на он қадар айён инъикос ёфтааст. Ингуна муносибат ё рафторҳои одамон мутаносибан диққати муттахасисонро хело кам ҷалб намудааст.

Мухтасаран ба он муносибатҳое назар меандозем, ки муносибатҳои дӯстона номида мешаванд. Чунин муносибатҳоро дар заминаи сазовори боварии ҳамдигар гаштан, ба якдигар содиқ будан, дар вазъиятҳои гуногун ба якдигар дасти ёрӣ дароз кардан, дар мақсадрасиҳои якдигар кӯмак намудан ва ғ. мушоҳида кардан мумкин аст. Муносибатҳои дӯстонаро муносибатҳои расмӣ, ҳамкорӣ ё оқилона номидан мумкин нест. Онҳо ҳамеша ғайрирасмӣ, шахсӣ ва эмотсионалӣ мешаванд. Чунин муносибатҳо бетамаъ ҳастанд, яъне шахсоне, ки байни якдигар дӯстии ҳақиқӣ доранд, аз муносибатҳои байниҳамдигарӣ ягон хел фойидаҷӯй намекунанд. Одамон дар чунин намуди муносибат аз дидори ҳамдигар ва хурсанд намудани якдигар қаноатманд мегарданд.

Дар муносибатҳои байниҳамдигарии дӯстона ҳамдигарфаҳмии самимона мавқеи асосиро ишғол менамояд. Зеро шахсони бо ҳамдигар робитаи дӯстидошта ҳамдигарро қариб бе ибрози сухане ҳам фаҳмида метавонанд. Барои ҳамдигарро дарк кардани онҳо дар аксар маврид як нигоҳ ё нимовоз, ишора ё ҳаракати ночизе кифоя аст.

Дӯстон ҳамавақт якдигарро бо ҳама каму бешӣ, ҳамон тавре ки ҳастанд, қабул мекунанд,. Онҳо ҳамчун қоида кӯшиши якдигарро ислоҳ кардан надоранд ва агар ягон амали дӯсташон писанди онҳо наояд, кӯшиш мекунанд онро тарзе фаҳмонанд, ки дӯсташонро наранҷад. Дӯстони дерин ҳамдигарро то дараҷае хуб мешиносанд, ки аксуламалҳои якдигарро бо аниқият пешгӯӣ карда метавонанд.

Меъёр ва қоидаҳое, ки одамон дар муносибатҳои дӯстонаи худ дастур менамоянд - ин баробарҳуқуқӣ ва эҳтироми якдигар, боварӣ ва ба ёрии якдигар тайёр будан мебошад. Риоя накардани яке аз ин қоидаҳо боиси канда

шудани риштаи дӯстии онҳо шуда метавонад. Дӯстон дар муносибатҳои байниҳамдигариашон кӯшиш мекунанд, ки якдигарро наранҷонанд.

Муносибати дӯстона барои дуруст тараққӣ кардан ва ҳамчун шахсият вуҷуд дошта тавонистани одам зарур мебошад. Шахсони бо доираи дӯстон фаро гирифта нашуда, дар ҷараёни ҳаёти худ мушкилиҳои зиёди психологиро аз сар мегузаронанд. Ин ҳолат асосан ба давраи кӯдакӣ хос аст. Ин давра(тақрибан аз 12-13 то 15-16 солагӣ) даврае мебошад, ки дар он барқарор намудани робитаҳои дӯстона дар ташаккулёбии дурусту мувофиқи кӯдак нақши муҳим мебозад. Маҳз дар ҳамин давра наврасон, ҷавонон ва духтарон ба бисёр масъалаҳои мушкиле дучор меоянд, ки дуруст баррасӣ намудану ҳалнамоии онҳо барои ташаккули муносиби психологии онҳо зарур аст. Ин гуна масъалаҳо дар бисёр маврид маҳз бо кӯмаки дӯстон ҳаллу фасл карда мешавад. Дар давраҳои ояндаи синнусолӣ чунин зарурурият дигар эҳсос карда намешавад. Вале агар инсон дар тӯли ҳаёти худ доираи дӯстони худро васеъ гардонад ё ақаллан нигоҳ дорад, он гоҳ барои бартараф кардани мушкилиҳои маънавию психологӣ ва моддию маишии пешоянда ҳеҷ гуна душворӣ намекашад.

Масъалаи дигари ба муносибати байниҳамдигарии одамон алоқаманд, ки диққати олимонро ба худ ҷалб кардааст, эҳсоси **танҳоӣ** ба ҳисоб меравад. Натиҷаҳои дар асоси пурсишҳои дар доираи бешумори одамон анҷом додашудаи зерин гувоҳи оламшумул будани ин намуди муносибат мебошад. На бештар 1-2 %-и пурсидашудагон иқрор шуданд, ки дар тӯли ҳаёти худ маротибае ҳам танҳоиро ҳис накардаанд, ҳол он ки тақрибан 10-30 %-и онҳо иқрор шуданд, ки дар тӯли ҳаёт чунин ҳиссиётро ақаллан маротибае аз сар гузаронидаанд. Диққати олимонро бештар заминаҳои ба миён омадани танҳоӣ ва оқибатҳои он, таъсири ҳиссиёти танҳоӣ ба психология ва

рафтори одамон ба худ ҷалб намудааст. Дар асоси тадқиқотҳои мувофиқ натиҷаҳои зерин ба даст омаданд.

Танҳоӣ – чунин ҳолати психологиест, ки на ҳама вақт оиди ба таври объективӣ худро танҳо ҳис кардани одам шаҳодат медиҳад. Масалан, як шахс метавонад аз таъсири одамони дигар ба пуррагӣ ҳифз карда шуда, бо одамони гирду атроф дар робита набошад, вале бо вуҷуди ҳамаи ин худро танҳо ҳис накунад. Шахси дигар бошад, мунтазам дар доираи таваҷҷӯҳи атрофиён қарор дошта, бо онҳо дар робита мебошад, вале бо вуҷуди ин худро танҳо ҳис менамояд.

Муқаррар гардидааст, ки шахс худро фақат дар мавриде танҳо (аз ҷиҳати психологӣ) ҳис менамоянд, ки агар норасогӣ ва номукамалии муносибати шахсони барои ӯ азизу наздикро дарк намояд (на ҳамаро, балки шахсони барои ӯ азизу наздикро). Инҳо шахсонеанд, ки ӯ мехоҳад бо онҳо муошират дошта бошад.

Танҳоӣ - ин ҳолати вазнини психикии бо табъи нохуш, ғаму андӯҳи зиёд ва депрессия пайгиришаванда мебошад. Одамони танҳо одатан хело бадбахтанд, шахсони наздик - дӯст надоранд, алоқаҳои инсонии қаноатмандкунандаашон хело кам аст, робитаи онҳо бо муҳити беруна маҳдуд ё умуман аз он маҳруманд. Ҳолати танҳоии ҳақиқӣ дар сурати дуру дароз давом кардан, одатан боиси вайроншавии психикӣ мегардад, ки дар шакли асабоният, бехудӣ ва бегонагии бо ҳиссиёти негативии баръало зоҳиршаванда мушоҳида мешавад. Воқеан, ҳолати танҳоӣ ба ҳар шахс бо тарзҳои гуногун таъсир мерасонад: баъзе одамони танҳо онро дар шакли ғамгинӣ, дуюмиҳо дар шакли тарсу ваҳм ва сеюмиҳо дар шакли қаҳру ғазаб аз сар мегузаронанд.

Номгӯи ҳолати эмотсионалии шахсони танҳо ҳам ҳолатҳои мутаассиркунанда мебошанд. Ноумедӣ, ғам, бетоқатӣ, бечорагӣ, тарс, ваҳм, дилтангӣ, руҳафтодагӣ, зиққӣ, маъюсӣ, талхкомӣ, афсурдахотирӣ, аз даст додани орзую умедҳо, эҳсоси ба касе лозим набудан, асабоният,

бепаноҳӣ ва ғ. рӯйхати нопурраи ҳолатҳои аз саргузаронидаи одамони пурсидашуда вобаста ба таҳлили ҷавобҳои онҳо мебошад.

Муддати вақте ки шахс худро танҳо эҳсос мекунад, ба синну соли ӯ алоқаманд нест; ҳам кӯдак, ҳам шахси миёнасол ва ҳам солхӯрда худро танҳо ҳис карда метавонанд. Ин ҳолат аз хусусиятҳои инфиродии одамон низ хело кам вобастагӣ дорад. Масалан, одамонро ба гурӯҳҳои аз ҳолати танҳоӣ зиёд ё кам мутаассиршаванда ҷудо кардан ғайриимкон аст. Одамони ҳолати танҳоиро азсаргузаронанда метавонанд қобилиятнок ё ноқобил, боҷуръат ё бечуръат, яъне хусусиятҳои гуногун дошта бошанд. Баъзан барои пайдоиш ва вусъатёбии ҳисси танҳоӣ, мавҷудияти ифроти (аксентуатсия) характери одам замина шуда метавонад. Агар гурӯҳбандии хусусиятҳои ифротии К. Леонгардро ба инобат гирем, пас маълум мешавад, ки шахсони дорои хусусиятҳои: дистимикӣ, изтиробнок ва пурваҷд бештар гирифтори чунин ҳиссиёт мешаванд.

Ба мутаассиршавии одамони ҳолати танҳоиро аз сар гузаронанда, муносибати воқеӣии онҳо бо одамони атроф ва чӣ гунагии ин муносибатҳо як хел таъсир мерасонад. Одамони барои муошират талаботи зиёд дошта, дар сурати бо ду ва ё се нафар муошират мунтазам доштанашон ҳам, худро танҳо ҳис менамоянд; одамони ба муошират талаботи кам дошта, дар сурати ақаллан бо як нафар имконияти муошират мунтазам доштанашон, худро танҳо ҳис намекунанд.

Танҳоӣ ба шахсият ва рафтори одамон таъсири манфӣ мерасонад. Одами ҳолати танҳоиро азсаргузаронанда худро ба мисли дигарон ҳис намекунад, ӯ худро диққатҷалбкунанда, дилкаш, шавқовар, хушсурат намеҳисобад, фикр мекунад, ки бо ӯ муошират намудан шавқангез нест, бинобар ин аз одамон дурӣ меҷӯяд. Ба ӯ чунин менамояд, ки ӯро ҳеҷ кас дӯст намедорад ва ҳурмат

намекунад. Бо чунин андешаҳо ӯ аз муошират намудан бо одамон канорачӯӣ мекунад.

Одамони ҳолати танҳоиро азсаргузаронанда назар ба одамоне, ки ҳиссиёти танҳоӣ надоранд, ноумеду маъюс менамоянд. Бо гузашти айём дар онҳо ҳиссиёти зиёди раҳму шафқат ба шахсияти худ, худбинӣ ва худпарастӣ пайдо мешавад. Дар чунин вазъият қарор дошта, онҳо аз атрофиён фақат нохушӣ ва аз оянда ягон чизи бадро интизор мешаванд. Дар бисёр маврид зиндагии худ ва дигаронро бемаъно ҳисоб менамоянд. Камсухан, ором буда, кӯшиш мекунанд, ки назарногир бошанд. Дар бисёр маврид симояшон мондашуда ва хоболуд ба назар мерасад.

Ҳисси ҳолати танҳоӣ вобаста ба табиати психологии худ зуҳуроти ягона нест. Ҳисси ҳолати танҳоӣ дар намудҳои гуногуни зерин падид меояд: кӯҳнашуда, вазъиятӣ ва гузаранда. Ҳисси ҳолати танҳоии кӯҳнашуда - ин ҳисси мунтазаму тағйирнаёбандаи танҳоиест, ки одамро доимо фаро мегирад. Вай ҳангоме падид меояд, ки одам дар муддати тӯлонӣ бо сабабе ба шахси наздики худ, ки бо ӯ муошират кардан мехоҳад, робита барқарор карда наметавонад ва фикр мекунад, ки ин амал барои ӯ дигар муяссар намегардад. Ҳисси ҳолати танҳоии вазъиятӣ ҳолатест, ки одам онро фақат дар вазъиятҳои ҷудогонаи махсус аз сар мегузаронад. Масалан, як гурӯҳ одамон худро фақат дар байни одамони бегона танҳо ҳис намуда, дар байни одамони худӣ ин ҳиссиётро аз сар намегузаронанд. Ҳисси ҳолати танҳоии гузаранда бошад, чунин ҳолати танҳоиест, ки дар фосилаҳои муайяни вақт, дар ҳамон як ҳолати монанд пайдо ва нобуд мешавад (баъзе вақт чунин ҳолатро хуруҷи танҳоӣ ном мебаранд). Ҳисси ҳолатҳои ҳам вазъиятӣ ва ҳам гузаранда, ҳамчун қоида, ба психика ва рафтори инсон таъсири манфии муайян намерасонанд.

Ба тафовути байни муносибтҳои воқеӣ ва интизории ба ҳисси ҳолати танҳоӣ хос буда, одамон ба таври гуногун аҳамият медиҳанд. Ба ин нигоҳ накарда, дар

гурӯҳи калони одамон аксуламалҳои ҳисси ҳолати танҳоӣ - ҳисси нотавонӣ ва тарсу ваҳм мушоҳида мешавад. Аксуламалҳои фардии одамон нисбати азсаргузаронии ҳисси ҳолати танҳоӣ дар шакли зерин сурат мегирад. Онҳое, ки дар танҳо монданашон худашонро гунаҳгор медонанд, бештар пуризтироб мешаванд. Онҳое, ки дар танҳо монданашон атрофиёнро гунаҳгор медонанд, ҳиссиёти талхи қаҳру ғазабро, ки боиси падид омадани ҳисси нафрат ва бадбинии онҳо нисбат атрофиён мегардад, аз сар мегузаронанд. Агар шахс дар танҳо монданаш бо боварӣ худашро гунаҳгор ҳисоб кунад, он гоҳ ӯро ҳиссиёти ғамгинӣ фаро гирифта, бештар худро сазо мегӯяд. Агар шахс боварӣ дошта бошад, ки барои танҳо монданаш дигарон гунаҳгоранд, пас ин гуна одамон зудранҷ шуда, аз худ рафторҳои хушунатомез ё ин ки душманона зоҳир мекунад.

Одамони ҳолати танҳоиро азсаргузаронанда дар доираи муносибатҳои байнишахсиашон ба мушкилиҳои барои онҳо хос дучор меоянд. Масалан, бисёре аз одамони танҳоӣ умр ба сар баранда ба одамони дар доираи наздикону атрофиён умр ба сар баранда, бо як ҳисси рашку ҳасад назар мекунанд, онҳо чунин одамонро дӯст намедоранд. Ин гуна муносибати онҳо барои барқарор намудани муносибати хуб бо муҳити онҳоро иҳотакарда халал мерасонад. Ин гурӯҳи одамон зудранҷ буда, дар ҳузури дигарон рафтори ношоиста мекунанд. Масалан, вақте ки ба одам ва муносибати хуби ӯ бо муҳити атроф ҳасад баранд, дар ҳузури дигарон ӯро дашном дода, ранҷонида метавонанд. Бо чунин рафторашон дар аксар маврид мехоҳанд нисбати атрофиён нописандии худро намоиш диҳанд, ё кӯшиш менамоянд, ки ба атрофиён писанд оянд. Дар аксар маврид кӯшиши дар назар оддии барқарор намудани муносибати маҳрамона бо атрофиёнро кардан, барои онҳо мушкилиҳои сангинеро пеш меорад ва боиси баланд шудани ҳисси изтиробнокии онҳо мегардад.

Нисбат ба он савол ки чаро баъзе одамон худро танҳо ҳис мекунанду баъзеи дигар не, як қатор ақидаҳо баён шудаанд. Ба андешаи баъзе аз муҳаққиқон ҳисси ҳолати танҳоӣ бо худбаҳодии шахс алоқаманд аст. Мувофиқи он худбаҳодиҳии паст барои падидоӣ ва вусъатёбии ҳисси ҳолати танҳоӣ мусоидат менамояд. Дар навбати худ, алоқаи мавҷудбуда байни ҳисси ҳолати танҳоӣ ва худбаҳодиии паст бо ду тарз фаҳмида мешавад: аввалан, худбаҳодии паст одамро нисбат ба худаш бегона мекунад (ӯ ба худаш нафрат пайдо карда, нисбати худ эҳтиромашро гум мекунад), сониян, худбаҳодии паст бо системаи тартибот ва тамоюлҳои рафтори одам таъсири манфӣ расонида, бо атрофиён муошират намудани онҳоро мушкил мегардонад.

Тахминҳои дигар низ мавҷуданд, ки ҳисси ҳолати танҳоиро ба омилҳои шахсиятӣ равона мекунанд. Яке аз онҳо номувофиқии байни се намуди образҳои «Ман»-одам: «Ман»-и замонавӣ (образе, ки одам дар айни замон худро тассавур мекунад), «Ман»-и идеалӣ (образе, ки одам худро ҳамон тавр дидан мехоҳад) ва «Ман»-и инъикосшуда (андешае, ки атрофиён дар бораи ӯ доранд).

Мувофиқи натиҷаи тадқиқотҳо тасдиқ гардидааст, ки дар ҳис намудани ҳолати танҳоии одамон сабабҳои субъективӣ назар ба сабабҳои объективӣ таъсири бештар доранд. Масалан, маълум гардид, ки бисёре аз одамон барои дуруст арзёбӣ намудани муносибати атрофиён нисбати онҳо, қодир нестанд, зеро худдарккунии онҳо бо даркшавии худи онҳо аз ҷониби ҷомеа на он қадар мувофиқ аст. Шахсоне ки нисбати худ баҳодиҳии паст доранд, аз дигарон низ ҳаминро интизор мешаванд. Онҳо намефаҳманд, ки одамони дигар онҳоро «назар ба он тавре ки ҳастанд», чӣ гуна беҳтар қабул карда метавонанд, барои ҳамин ҳам таърифу тавсифҳоро нисбат худ ҳамчун тамасхур ё дурӯягӣ қабул мекунанд. Одамони худбаҳодиҳии паст дошта, дар муқоиса бо онҳое, ки нисбати худ баҳодиҳии мувофиқ ва баланд доранд, ба пешниҳод ё рад

намудани робитаи шахсӣ бо онҳо хело бо эҳсос муносибат мекунанд (дар бисёр ҳолатҳо шахсони танҳо кӯшиши ба одамон наздикшавӣ мекунанд ва дар баробари ин, тарси аз ҷониби атрофиён рад шудан онҳоро ором намегузорад). Чунин одамон нисбати танқид хеле ҳассос ҳастанд ва бисёр вақт инро ҳамчун тасдиқи нокомилии худ қабул менамоянд. Ба ғайр аз ин, чуноне ки қайд гардид, ба таърифу тавсифи самимӣ ё носамимӣ низ баҳои дуруст дода наметавонанд.

Яке аз омилҳои ба падидоии ҳолати танҳоӣ мусоидаткунанда - ин майли муошират байнишахсиро надоштани одам, аз тарси ҷавоби рад гирифтан дар барқарорнамоии муносибати барои ӯ арзишманд мебошад. Дар натиҷаи пурзӯр шудани тарсу ваҳми эҳтимолияти аз ӯ руй гардонидани атрофиён, ба шахси бекасукӯй, азсаргузаронии ҳисси ҳолати танҳоӣ боз ҳам мушкилтар мегардад. Дар натиҷа, ӯ худро бо доираи мустаҳкаме, ки пора кардани он хеле мушкил аст, паноҳ мегирад: тарси аз ӯ рӯйгардонии атрофиён, барои наздикшавии ӯ ба одамон монеа мешавад ва боиси вусъатёбии ҳисси ҳолати танҳоӣ мегардад. Дар навбати худ, ин сабаби ташаккули мароми мувофиқи рафтор дар шахси додашуда мегардад.

Дар бисёр маврид падидаи танҳоӣ ба сабабҳои ба одам вобаста набуда зуҳур мекунад. Пас, аз ҳамзистии тӯлонӣ пароканда шудани оила, аз даст додани шахсони наздик, аз як мамлакат ба мамлакати дигар кӯчидан, ба фарҳанг, урфу одати бегона, ки мутобиқшавӣ ба онҳо хело мушкил аст, ворид шудан (аз рӯи дуруст надонистани одамон, урфу одат, анъана ё забон ва ғ.) аз ҷумлаи сабабҳои ба одам вобаста набудаи падидоии ҳолати танҳоӣ мебошад, ки бо мурури замон қисман бартараф карда мешавад.

3.4. Психологияи фаъолият

Мафҳуми фаъолият ва сохти он

Одам ҳамеша дар ҳаракату амал буда, мувофиқи табиаташ фарди фаъол аст. фаъолии инсон ҳамеша дар иҷрои ягон фаъолият ифода меёбад. Фаъолии психикӣ шаклҳои гуногуни худро дорад: рафтори инстинктивӣ, иҷрои малака, тафаккури «дастӣ», яъне протсесси тафаккур дар ҷараёни бо предметҳо муносибат намудан, рафтори тахминкунӣ. Мо ҳамаи шаклҳои фаъолиро метавонем ба дараҷаи муайян на танҳо дар одамон, балки дар ҳайвонот низ мушоҳида кунем. Бояд қайд кард, ки шакли асосии фаъолӣ дар одамон фаъолияти бошуурона ба ҳисоб меравад.

Фаъолият шакли муносибати фаъолонаи одам бо муҳити иҳоткардашуда мебошад, ки он шуурона дар асоси мақсади фаҳмидашуда муайян карда мешавад.

Хусусияти асосиию фарқкунандаи фаъолият дар он зоҳир мешавад, ки он туфайли талабот ҳамчун сарчашмаи фаъолӣ ба вуҷуд меояду бо мақсади фаҳмидашуда ҳамчун танзимгари фаъолӣ идора карда мешавад. Рафтори ҳайвон бевосита ба қонеъ намудани ин ё он талабот равона мешавад. Ин талабот ҳайвонро на танҳо ба зуҳуроти фаъолӣ водор мекунад, балки шакли ин фаъолиро низ муайян менамояд.

Бояд дар назар дошт, ки эҳтиёҷоти организми ҳайвонро ҳамон чизе муайян мекунад, ки психика аз олами иҳотакарда ҷудо менамояд. Рафтори одам бошад тамоман дигар хел ташкил карда шудааст: на худи талабот, балки воситаҳои аз тарафи ҷамъият қабулшудаи қонеъгардии он шакли зуҳуроти рафторро муайян мекунанд. Талабот ба хӯрок метавонад мароме бошад, ки одамро ба кор кардан маҷбур созад. Масалан, аз ҷониби одам дигаргун кардани дастгоҳи техникӣ на ба хотири қонеъ намудани гуруснагии ӯ, балки барои осон шудани кори ӯ мебошад. Ҳамин тавр, мазмуни фаъолияти ӯ на бо талабот, балки бо мақсад, яъне бо сохтани чизе муайян карда мешавад, ки онро аз ӯ ҷамъият талаб мекунад. Дар ин ҳолат водоркунанда ва маромҳое, ки боиси фаъолияти одам мегарданд,

бо мақсаде, ки ин фаъолиятро идора менамояд, мувофиқат намекунад.

Зери мақсад чунин натиҷаи пешбинишавандаи амалро мефаҳманд, ки ба предмет равона шудааст ва одам тавассути он кӯшиши қонеъ намудани ин ё он талаботро мекунад. Бинобар ин, мақсадро бояд ҳамчун ҳодисаи объективӣ (натиҷаи объективӣ) ва инчунин субъективии психикӣ (пешбинишаванда) дида баромад. Мақсадҳое, ки одам ҳангоми фаъолият дар назди худ мегузорад, одатан дур ва наздик мешавад. Масалан, мақсади фаъолияти хонандагони омӯзишгоҳи касбӣ-техникӣ аз худ кардани касбу ҳунар мебошад, то ки худро дар оянда аз ҷиҳати моддӣ таъмин намоянд ва одами мустақил шаванд. Аммо мақсади фаъолияти хонанда ҳангоми иҷрои супориши конкретию таълимӣ метавонад маҳдудтар шавад ва барои ноил шудан ба он зарурати иҷро намудани боз як қатор амалҳо ба миён ояд, ки ҳар яке аз онҳо боз мақсади худро пайдо мекунад.

Фаъолият метавонад равияи инфиродӣ ва иҷтимоӣ дошта бошад. Равияи инфиродии фаъолият бо эҳтиёҷоти шахсӣ ва талаботи одам алоқаманд буда, ба одамони дигар ва ҷамъият таъсир нарасонад. Равияи иҷтимоӣ - чунин фаъолияте мебошад, ки барои ба таври бошууронаю бештар расонидани таъсири муайян ба атрофиён ва ба ҷамъият равона карда шудааст.

Равияи иҷтимоии фаъолияти одам шартан аз фаъолии биологии ҳайвонҳо фарқ мекунад. Агар фаъолии ҳайвонҳо бо талаботҳои муқаррарии онҳо вобаста бошад, пас фаъолияти одам асосан бо талаботҳои сунъии фикркардашуда ва сохташуда (дар раванди худи фаъолият), бо шарофати дастовардҳои тараққиёти маданию таърихии одамон ба вуҷуд меояд. Ин талаботи одам ба маводҳои моддӣ, маънавӣ ва фарҳангӣ, ба шуур, эҷодиёт, худмукаммалгардонӣ ва ғ. мебошад.

Инчунин шаклҳо ва усулҳои ташкили фаъолияти иҷтимоии одам аз фаъолии биологии ҳайвонҳо фарқ ме-

кунад. Қариб ҳамаи онҳо бо маҳорату малакаи дар раванди зиндагӣ бавуҷудомада вобаста мебошанд, ки ин дар ҳайвонҳо дида намешавад. Ҳамаи онҳо дар асоси омӯзиши бошууррона, мақсаднок ва ташкилкардашуда ба даст омадааст. Дар ҷамъиятҳои одамӣ ҳанӯз аз давраи барвақти тифлӣ ба ҳамаи кӯдакон тарзи муоширатнамоӣ, истифодабарии ашёҳои рӯзгор ва предметҳои гуногуни бо дасти одам сохташударо ёд медиҳанд. Ин ҳаракатҳо ба мантиқи предметҳои зарурӣ такя менамоянд ва дар натиҷа дар одам фаъолияти предметӣ ҳосил мешавад, ки моҳиятан аз фаъолии ҳаракатии ҳайвонҳо фарқ мекунад. Маҷмӯи ҳаракатҳои табиии анҷомдодаи ҳайвон ба сохти анатомию физиологии организми ӯ вобаста аст.

Ҳамин тариқ, хусусиятҳои асосии фаъолияти одам (дар фарқият аз фаъолии биологии ҳайвонҳо) инҳоанд:

- фаъолияти одам аз маҷмӯи ҳаракатҳои дар натиҷаи омӯзиш бадастовардашуда иборат аст;

- ин маҷмӯи ҳаракатҳо барои истифодабарии моҳирона ва оқилонаи одамон пешбинӣ шудааст;

- фаъолияти одам хусусияти самарабахш, бунёдкорона ва эҷодкоронаро соҳиб аст. Фаъолии ҳайвонҳо дар муқоиса ба фаъолияти одам асоси истеъмолиро дорад, зеро он ягон чизи нав истеҳсол намекунад. Ҳар он чизе, ки табиат офаридааст, аз он истифода мебарад. Ғайр аз ҳайвонҳое, ки барои худ лона ё ин ки дигар намуди ҷойи зист месозанд ва ё олоти оддӣ барои қаноатмандгардонии талаботҳои биологии худ тайёр мекунанд;

- фаъолияти одам ҳамеша бо предметҳои муайяни маданӣ, моддиву маънавӣ алоқаманд аст. Воқеъан ин предметҳо аз ҷониби мувофиқи вазифаҳояшон ба сифати олот ё предмети қаноатмандкунандаи талаботҳои ӯ истифода мегарданд;

- одам дар заминаи фаъолияти худ инкишоф ёфта, бо ин дараҷаи қобилият ва шароити зиндагиаш беҳтар мегардад. Ҳайвонҳо бошанд, дар натиҷаи фаъолии худ чизеро на дар худ ва на дар шароити зисташон тағйир дода

наметавонанд (нигоҳ доштан ва аз авлод ба авлод расонидани таҷрибаи андӯхташуда, дар назар дошта мешавад);

- фаъолияти одамӣ дар гуногуншаклӣ ва тарзи амалинамоияш самараи таърих мебошад. Фаъолии ҳайвонҳо бошад, натиҷаи эволютсияи биологии онҳост.

- фаъолияти инсон аз ибтидо табиати предметиро дорад ва ин ҷиҳат бояд дар рафти таълиму тарбияи мақсаднок инкишоф дода шавад. Фаъолии ҳайвон аз оғоз ба таври генотипӣ зоҳир мегардад ва ба таври табиӣ ташаккул меёбад.

Фаъолияти одам на фақат аз рӯи фаъолии биологии ҳайвонҳо, балки аз рӯи рафтор низ фарқ мекунад. Рафтор - ин намуди дилхоҳи фаъолии берунаи одам ва ҳайвон мебошад, ки ҳангоми мушоҳида ошкор мегардад. Рафтор - ин аксуламали ҳаракатӣ ба таъсири ангезаи беруна буда, ҳаракатест, ки зимни протсессҳои гуногуни дохилӣ, психологӣ ва физиологӣ ба вуҷуд меояд.

Мафҳуми рафторро на ҳамчун фаъолии худ ба худ баамалоянда, балки ҳамчун фаъолии маҷбурии аз чизи ӯро идоракунанда вобаста фаҳмидан лозим аст. Фаъолият бошад, баръакс, ҳамеша барои расидан ба ягон мақсади муайян равона мешавад. Фаъолият шакли фаъолии муташаккилонаро дорад, аммо рафтор дорои ин хусусият нест. Рафтор туфайли таъсири муҳити атроф ё аз дохил (аз тарафи организм ё протсессҳои физиологии дар он вуҷуддошта) зоҳир мешавад. Фаъолият бошад зимни муайяни омилҳои дохилию психологӣ содир мегардад. Онро ирода ва ақл, шуур, мақсад ва маромҳои одам идора мекунад. Рафтор асосан мақсади муайянро надорад ва дар зинаи ақл танзим карда намешавад. Ҳамаи шаклҳои фаъолии ҳайвонҳо ҳамчун гуногунамудии рафтор баромад мекунанд.

Ба сохти фаъолияти одам хусусиятҳои асосии зерин дохил мешавад: маром, мақсад, предмет, сохт ва воситаҳо. Мароми фаъолият гуфта, чизеро меноманд, ки одамро барои иҷрои амале водор мекунад, яъне мақсади ниҳоии ӯро

мефаҳмонад. Ба сифати мақсади фаъолият асосан зарурияти қаноатмандкунии ягон хел талаботи муайяни одам баромад мекунад. Маромҳои фаъолият гуногун шуда метавонанд: функционалӣ, моддӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ. Маромҳои функционалӣ бо ёрии намудҳои гуногуни фаъолияти бо ҳаракат вобаста қаноатманд мегарданд. Дар навбати худ, бо ёрии ин ҳаракатҳо вазъи муайяни психологӣ ё ҷисмонии организм дастгирӣ карда мешавад. Масалан, бо варзиш ё бо ягон намуди бозиҳои ҳаракатнок машғул шудан. Маромҳои моддӣ одамро ба фаъолияти сохтан ё бадастории ин ё он предметҳои моддӣ водор месозад. Маромҳои иҷтимоӣ намудҳои фаъолиятеро ба вуҷуд меоранд, ки барои дар ҷамъият ишғол намудани мавқеи муайян, сазовори ҳурмату эҳтироми атрофиён гардидани одам равона шудааст. Маромҳои маънавӣ дар асоси он намудҳои фаъолияте ба амал меоянд, ки он бо худмукаммалгардонии ахлоқии одам вобаста аст.

Намуди фаъолияти одам асосан аз рӯи маромҳои мавҷуда муайян карда мешавад (ҳар як фаъолият якбора бо якчанд маром идора карда мешавад).

Мақсад, ки ҳамчун натиҷаи ниҳоии фаъолият баромад мекунад, метавонад ҳамчун предмети оддии физикии аз ҷониби одам сохташуда, ё ягон чизи олӣ, ба мисли дониши тавассути фаъолият бадастомада, баромад кунад. Мақсади фаъолият на ҳама вақт ба мароми он баробар мешавад, вале бисёр вақт мақсаду мароми фаъолият метавонанд бо ҳамдигар рост оянд. Намудҳои гуногуни фаъолият, ки мақсади ягона доранд (бо як хел натиҷа ба итмом мерасанд), метавонанд бо маромҳои гуногун ба амал оянд. Масалан, донише, ки донишҷӯ дар натиҷаи хондани китоб мегирад, асосан бо маромҳои гуногун ҳосил мешавад, ба мисли супоридани имтиҳон, сайқал додани дониши худ ва ё ин ки худтаърифкунӣ дар пеши дигар одамон ва ғ. Баръакс, дар асоси намудҳои гуногуни фаъолият бо натиҷагириҳои гуногун метавонад як мақсад дошта бошад. Масалан, сабаби тараққиёти ақлӣ ба воси-

таи ба даст овардани мақсадҳои зерин қаноатманд мегардад: хондани адабиёт, эҷодиёт, мубодилаи ахбор бо дигар одамон ва ғайра.

Предмети фаъолият гуфта, он чизеро дар назар доранд, ки вай бо он бевосита сару кор дорад. Ҳамин тариқ, предмети фаъолияти маърифатӣ - гирифтани маълумот, предмети фаъолияти таълимӣ – сайқал додани дониш, малака, маҳорат ва предмети фаъолияти меҳнатӣ - маҳсулоти тавассути он ҳосилшуда ба ҳисоб меравад.

Ҳар як фаъолият сохти дохилии муайянро дорад. Ин сохт дар шакли умумӣ дар асарҳои А.Н.Леонтев шарҳу эзоҳ дода шудааст. Дар сохти фаъолият, А.Н.Леонтев маромро ҳамчун танзимкунандаи дохилӣ тавсиф дода, дар он амал ва амалиётро аз ҳам фарқ мекунонад. Амалро қисми фаъолияти барои ба дастоварии мақсади муайян равонашуда меномад. Мақсади амали мунтазам аз ҷониби одам дар вақти иҷрои фаъолият ба даст омада, ӯро оҳиста-оҳиста ба натиҷаи он наздик меорад ва маромии фаъолиятро таъмин менамояд. Зери мафҳуми операtсия тарзи иҷроиши амал фаҳмида мешавад. Барои ҳамин ҳар гуна фаъолият бо ёрии амал ва операtсияҳои гуногун амалӣ карда мешавад. Намудҳои фаъолияти одам аз якдигар на танҳо аз рӯи маромҳои онҳо, балки аз рӯи тартиби дар сохти онҳо воридшавии амал ва операtсияҳо фарқ мекунад.

Ҳар гуна фаъолияти одам дорои ташкилаҳои берунӣ ва дохилӣ мебошад. Ба сифати ташкилаҳои берунаи фаъолият метавонанд амалҳои гуногуни ба таркиби фаъолият дохилшаванда баромад намоянд. Ба сифати ташкилаи дохилӣ бошад - маълумоти танзимкунандаи психологӣ: маромҳо, мақсадҳо, нақшаҳо ва барномаҳо баромад мекунанд. Ба ғайр аз ин, фаъолияти беруна ва дохилиро фарқ менамоянд. Фаъолияте, ки қариб бо ёрии ҳаракатҳои гуногуни узвҳои бадан иҷро мегардад – фаъолияти берунӣ ва фаъолияте, ки асосан дар таркиби худ амалҳои гуногуни ақлӣ ва операtсияҳоро дар бар

мегирад – фаъолияти дохилӣ номида мешавад. Албатта, дар ҳар як фаъолияти одам ташкилаҳои берунӣ ва дохилиро пайдо кардан мумкин аст. Барои ҳамин ҳам, ташкилаҳои пурра берунӣ ё дарунӣ табиатан вуҷуд надорад.

Муносибати қисматҳои фаъолияти берунӣ ва дохилӣ доимӣ нестанд. Аз рӯи тараққиёт ва тағйирёбии фаъолияти одам гузариши мунтазами қисматҳои берунии фаъолият ба дохил ба вуҷуд меояд ва инро интериоризатсияи амал меноманд. Ҳангоми дар фаъолият ба вуҷуд омадани ягон хел мушкилӣ, масалан дар ҳолати барқароршавии он, вобаста ба иллати майнаи сар ё аппарати ҳаракатдиҳанда, гузариши фаъолияти дохилӣ ба вуҷуд меояд**.** Инро интериоризатсияи амал меноманд. Қисматҳои камгардида ва автоматигардонидашудаи фаъолият дар ин ҳолат ба ҳолати пешина бармегарданд ва то вақти муайян беруна гашта, бошуурона назорат карда мешаванд.

Маҳорат, малака ва одатхо Бошуурона ё бешуурона ва ё ба таври автоматӣ иҷро намудани ягон унсури фаъолиятро маҳорат, малака ва одатҳо меноманд. Маҳорат - як қисмати таркибии фаъолият буда, барои бо сифати баланд иҷро намудани ягон чиз имконият медиҳад. Масалан, дурусту аниқ иҷро намудани амал ё амалиёти коркарди чӯб (аз чӯб сохтани дару тиреза ва дигар ашёҳои рӯзгор). Одатан ба таври автоматӣ иҷро шудани ҷузъҳои ҷудогонаи маҳоратро малака меноманд, вале дар асл ҳангоми ҳосил шудани маҳорат тамоми амалиёт пурра ба таври автоматӣ иҷро намешавад. Бинобар ин, назорати бошууронаи иҷроиши он ҳатмист. Илова бар ин, иҷроиши малака аз рӯи барномаи дохилии назоратшаванда дар дараҷаи бешуурона сурат мегирад.

Дар ҳолати автоматикунонии маҳорат ва ба малака мубаддалшавии он дар сохти фаъолият як қатор табаддулотҳо ба вуҷуд меоянд. Аввалан, автоматикунонии амал

ва амалиёти ба малака мубаддал гардида якҷоя шуда, ба як амали одатӣ табдил меёбанд, масалан, системаи мураккаби ҳаракатҳои даст ҳангоми навиштан ё ҳаракатҳои гимнаст ҳангоми иҷрои машқҳои гуногуни гимнастикӣ. Дар ин ҳолат ҳаракатҳои зиёдатӣ ва нодаркор нобуд гардида, миқдори хатогиҳо ва ҳаракатҳои нодуруст кам мегарданд. Дар оғоз зарурияти назорати бошууронаи ҷузъиёти ҳаракат, ҳар як амал ё операцияҳо, пас аз он назорати бошууронаи худи фаъолият аз байн меравад. Ба ғайр аз ин, протсесси назорати амал ё операцияҳо дар ҳолати автоматикунонии онҳо дар даврaҳои ниҳоӣ якҷоя мегардад. Назорати берунаи иҷроиши амал ё операцияҳо тавассути барномаҳои иҷроишии дар майнаи сар мавҷудбуда, ба назорати дохилӣ иваз мешавад. Суръати иҷроиши амал ва операцияҳо босуръат баланд гардида, дорои нуқтаи максималии худ мегардад. Одатан, ҳамаи ин комёбӣ дар заминаи машқкуниҳои тӯлонӣ имконпазир мегардад.

Асоси физиологии қисматҳои таркибии автоматикунонидашудаи фаъолият, ки нахуст дар сохти фаъолият дар намуди амал ва операцияҳо зоҳир гардида, баъдан ба малака табдил ёфтаанд, чуноне ки Н.А.Бернштейн таъкид менамояд, гузариши идоранамоии фаъолият ё ҷузъҳои алоҳидаи он аз дараҷаи бошуурона ба бешуурона ва расонидани амал ва операцияҳои мувофиқ то ба дараҷаи автоматикӣ ба ҳисоб меравад. Мувофиқи назарияи Бернштейн, ҳаракати одам аз рӯи панҷ дараҷаи системаи марказии асаби аз назари психологӣ бо шуур алоқаманд буда (қишри мағзи сар - ҚМС), нимшуур (сохтҳои асаби бевосита бо ҚМС ҳамроҳшуда) ва бешуурона (боқимонда сохтҳои зермағзи сар, то ба мағзи сутунмӯҳра) зери назорат қарор ёфта метавонанд. Азхудкунии ҳаракати нави мураккаб аз назорати бошууронаи иҷроиши он бо идораи ҳаракатҳо аз тарафи ҚМС оғоз мегардад. Пас, вақте ки амал ба маҳорат мубаддал мегардад, назорати он боз сусттар сурат мегирад. Пас аз он, ҳаракати хуб азхудкардашуда аллакай ба малакаи автоматикунонидашуда мубад-

дал мегардад ва назорат аз болои он дар дараҷаи бешуурона мегузарад (тавассути сохтҳои дар зермағзи сар мавҷудбуда).

Ба сохти амал ва намудҳои гуногуни фаъолият шумораи зиёди малакаҳо дохила шуда, дар мусоидати ҳамдигар бо ҳам якҷоя мешаванд ва системаи мураккаби малакаҳоро ташкил менамоянд. Дар ин системаи хусусияти бо ҳам фаъолияткунандагии малакаҳо ба таври гуногун - аз мувофиқати пурра то муқобилрафторӣ, аз якҷояшавӣ то тақсимшавӣ, аз баҳамтаъсиррасонии мусбӣ (дастгирии дутарафа) то таъсирнамоии муқобил сурат гирифта метавонанд.

Мувофиқати малакаҳо дар ҳолатҳои зерин ба вуҷуд меояд:

- ҳангоме ки маҷмӯи ҳаракатҳои дар таркиби як малака дохилшуда пурра ба маҷмӯи ҳаракатҳои дар таркиби малакаи дигар дохилбуда мувофиқат менамояд;

- ҳангоме ки таъмини як малака барои амалӣ шудани малакаи дигар шароити мусоид фароҳам меоварад;

- ҳангоме ки ба итмомрасии иҷроиши як малака оғози малакаи дигар ба ҳисоб меравад ва ё баръакс.

Ҳолати номувофиқӣ ва баҳамтаъсирнамоии муқобили малакаҳоро

интерференсияи малакаҳо меноманд. Ин ҳодиса дар ҳолате рӯй медиҳад, ки дар таъсирнамоии дутарафаи малакаҳо номувофиқиҳои зерин ҷой дошта бошанд:

- маҷмӯи ҳаракатҳои дар таркиби малакаи якум мавҷудбуда бо маҷмӯи ҳаракатҳои дар таркиби малакаи дигар мавҷудбуда мувофиқат накунад;

- ҳангоми аз як малака ба малакаи дигар гузаштан, аз байн бурдани сохти малакаи дуюми ташаккулёфта лозим меояд;

- ҳангоме ки маҷмӯи ҳаракатҳои таркиби малакаи якумро ташкилдиҳанда, ҷузъан воситаи бордорандаи ҳаракатҳои то ба дараҷаи автоматӣ расонидашудаи сохти малакаи дуюм мегардад;

- ҳангоме ки оғоз ва анҷоми малакаҳои иҷрогардида бо якдигар мувофиқ намеоянд.

Ҳангоми ба таври пурра автоматӣ кунонида шудани малакаҳо ҳодисаи интерференсия ё кам мегардад ё умуман аз байн меравад.

Ҳамаи он чизеро ки оиди онҳо сухан рондем, асосан ба малакаҳои ҳаракатӣ ё малакаҳои аз ҳаракатҳо иборат буда дахл дошт. Воқеан, ҳангоме ки дар илми физиология ё психология сухан дар бораи малакаҳо меравад, пеш аз ҳама бештари тадқиқотҳо ба омӯзиши малакаҳои ҳаракатӣ дахолат мекарданд. Вале зери мафҳуми «малака» танҳо ҳаракатҳои автоматикардашударо дар назар надоранд. Масалан, оиди малакаҳои дигар ба монанди: малакаи буррою равон ва бо суръат хондан, фикран иҷро кардани амалҳои гуногуни математикӣ, малакаи таҳлилнамоиҳои мантиқӣ, малакаи хулосабарорӣ ва ғ. низ сухан рондан мумкин аст. Аз ин рӯ, аксарияти таҳлилнамоиҳое, ки нисбат ба малакаҳои ҳаракатӣ сурат гирифт, ба малакаҳои дигар низ дахл доранд.

Барои дуруст дарк кардани протсесси ташаккули малакаҳо ҳодисаи гузариши як малака ба малакаи дигар нақши муҳим мебозад. Зери ин маънӣ ҷорӣ намудан ва истифода бурдани малакаҳои дар протсесси иҷрои амал ё намуди фаъолияте ҳосилшуда, ҳангоми иҷрои амал ва фаъолияти намуди дигар дар назар дошта шудааст. Барои дар ҳақиқат амалӣ гаштани чунин гузариш зарур аст, ки малакаи мазкур ба дараҷаи иҷроиши автоматикӣ расонида шавад.

Маҳорат нисбат ба малака дида дар натиҷаи мутобиқати маҷмӯи малакаҳо ва якҷояшавии онҳо бо ёрии амали зери назорати шуур қарор дошта ба вуҷуд меояд. Тавассути танзимнамоии чунин амал идоранамоии ҳамаҷонибаи маҳорат сурат мегирад. Вай дар бехато ва чусту чолокии иҷрои амал, яъне дар ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ ва боэътимод инъикос меёбад.

Худи амал вобаста ба протсесс ва мақсади хотимавии ӯ назорат карда мешавад. Масалан, хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои машқи хат як қатор ҳаракатҳои бо навиштани элементҳои алоҳидаи ҳарф вобастаро иҷро менамоянд. Дар ин ҳолат малакаи дошта тавонистани қалам ва иҷро намудани ҳаракатҳои оддии даст, чун қоида, ба таври автоматӣ иҷро мегардад. Барои протсесси идоранамоии маҳорат чизи асосӣ таъмини бехатои ҳар як амал ва иҷрои чусту чолоконаи он маҳсуб меёбад. Ин маънои аз байн бурдани сифати пасти иҷроиши ҳаракат, ноустуворӣ ва имконияти мутобиқшавии маҷмӯи малакаҳо ба тағйирёбии гоҳ-гоҳ рӯйдиҳандаи шароитҳои фаъолият ва нигоҳ доштани натиҷаҳои мусбати фаъолиятро дорад. Масалан, ибораи дастони моҳир, маънои онро дорад, ки шахс бо маҳорат ҳамавақт фаъолона меҳнат менамояд ва дар шароитҳои гуногун барои нигоҳ доштани сифати баланди амал қодир аст.

Яке аз хусусиятҳои асосии ба маҳорат дахл дошта он аст, ки шахси соҳибмаҳорат имконияти ба куллӣ тағйир додани сохти малакаҳо, операцияҳо ва операцияҳои ба таркиби маҳорат дохилшавандаро доро буда, барои иҷроиши зина ба зинаи онҳо ва нигоҳдории натиҷаи хотимавии фаъолият қодир аст. Масалан, шахси соҳибмаҳорату ӯҳдабаро ҳангоми сохтани ягон чиз як маҳсулотро ба маҳсулоти дигар иваз намуда, чизи нав меофарад ва бо ин восита аз вазъиятҳои гуногун баромада метавонад.

Маҳорат нисбат ба малака дида, доимо ба фаъолияти фаъоли ақлии одам такя менамояд ва ҳатман дорои протсессҳои фикрии дохилӣ мебошад. Назорати бошууронаи ақлӣ – хусусияти фарқкунандаи асосии маҳорат аз малака аст. Фаъолнамоии фаъолияти ақлӣ дар раванди таъмини маҳорат асосан дар он лаҳзаҳое мегузарад, ки шароити фаъолият тағйир ёбад, вазъиятҳои ғайристандартӣ ба вуҷуд оянд ва қабули ҳалли фавриро талаб кунад. Идоранамоии маҳорат дар дараҷаи ҚМС назар ба

идораи малакаҳо дар дараҷаи пойинии сохти мағзӣ, дар дараҷаи нисбатан баландтари анатомӣ-физиологӣ иҷро мегардад.

Такрор ва машқи бисёркарата дар ҳосил намудани намудҳои гуногуни маҳорат ва малакаҳо нақши муҳим мебозанд. Бо шарофати машқ ва такрорнамоиҳо маҳорат ва ташаккули малакаҳо ва дар маҷмуъ, фаъолияти одам мукаммал мегардад. Машқ ва такрорнамоиҳо ҳам дар зинаи тарбия намудани маҳорату малака ва ҳам дар раванди нигоҳдорӣ ва мукаммалгардонии онҳо зарур аст. Бо гузашти замон бе такрорнамоӣ ва машқҳои мунтазам ва силсилавӣ маҳорат ва малака сифати худро гум ва аз даст медиҳад.

Ҷузъи муҳими дигари фаъолият - одат ба ҳисоб меравад. Одатро ҳамчун маҷмӯи устувори маҳорат ва малакаи бо ҳам алоқаманди дар мавридҳои муайян бавуҷудоянда шуморидан мумкин аст. Одат дар муқоиса бо маҳорат ва малака, доимо бо ин ё он вазъият вобаста буда, фақат дар мавридҳои ҷудогона ба вуҷуд меояд. Масалан, одам ҳангоми дар корхона будан, аз рӯи одат амалҳои муайяни ба кораш алоқаманд ва ҳангоми дар хона буданаш, амалҳои ба корҳои хона алоқамандро иҷро менамояд. Яъне, одам вобаста ба ҳолатҳои гуногун одатҳои гуногуни худро дорад, ки онҳо дар маҷмӯъ тарзи зиндагии ӯро ташкил медиҳанд. Фаъолияти аллакай ташаккулёфтаи одам, ки дар ҳамон як шароити муайян чандин маротиба такрор мешавад, аз одатҳои гуногун иборат буда, ба сохти он маҳорат ва малака низ дохил мегардад.

Одат дар тафовут бо маҳорат ба қобилияти одам вобаста нест ва таъмини он на ҳама вақт барои ба дастовардани натиҷаҳои баланди ягон намуди фаъолият равона карда мешавад. Ба ғайр аз ин, маҳорат аз ҳолати муайян вобастагии ночиз дорад ва бештар аз фаъолияти иҷронамудаи одам вобаста аст. Одат аз маҳорат бо он фарқ менамояд, ки он на ҳама вақт фоидаовар ва бошуу-

рона аст: одам метавонад дорои на танҳо одатҳои фоидаовар, балки зараровар (дурӯғгӯӣ, якравӣ, дуздӣ суханчинӣ ва ғ.) низ бошад, вале маҳорат аз ин гуна камбудиҳо орӣ мебошад.

Ташаккули фаъолият ва намудҳои он

Одам дорои намудҳои гуногуни фаъолият мебошад. Онҳоро бо назардошти асосҳои зерин ба гурӯҳҳо тақсим кардан мумкин аст:

- мувофиқи миқдори талаботҳои одам;
- аз рӯи вазифаҳои бевоситаи фаъолият;
- вобаста ба бартарии қисматҳои берунӣ ва дохилии фаъолият;
- бо дарназардошти мазмуни (предмети) фаъолият.

Агар мақсади ҳар як фаъолияти анҷомдодашавандаи одамро аз қонеъ гардонидани ин ё он талаботи ӯ иборат донем, пас одам чӣ қадаре, ки талабот дошта бошад, ҳамон қадар фаъолиятро анҷом медиҳад. Ин гуна гурӯҳбандии фаъолиятҳо аз ҷониби психологи рус А.Н.Леонтев пешниҳод шудааст. Леонтев А.Н. ҳар як фаъолияти одамро бо талаботҳои дар ӯ мавҷудбуда, ки бо ёрии фаъолияти мувофиқ қаноатманд мегардад, алоқаманд медонад.

Аз рӯи аз вазифаҳои бевоситаи худ (аз рӯи нақши дар инкишофи психологӣ ва ҳаётии одам бозандаи фаъолият) намудҳои зерини фаъолиятро фарқ мекунанд: муошират, бозӣ, таълимӣ ва меҳнатӣ. Ҳар яке аз намудҳои номбаршуда дорои вариантҳои зиёди хусусӣ мебошад. Масалан, намудҳои гуногуни муошират, шумораи зиёди бозиҳо, шаклҳои гуногуни омӯзиш ва шумораи зиёди намудҳои меҳнатро аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Бояд қайд кард, ки дар ҷараёни зиндагии одамон намудҳои гуногуни фаъолиятҳои хусусие мушоҳида мешаванд, ки ба таркиби чор гурӯҳи зикршуда ворид гашта, вобаста ба нақши мебозидагиашон муттаҳид мегарданд ва аз ҳам фарқ кардани ин нақшҳо имконияти фарқ намуда-

ни намудҳои фаъолиятро фароҳам меоварад. Масалан, муошират - ин намуди фаъолияте мебошад, ки мақсади он аз мубодилаи ахбор дар байни одамон ва мутобиқатии амали онҳо ва аз расонидани таъсир ба якдигар иборат мебошад. Бозӣ - намуди фаъолияте мебошад, ки ду вазифаи асосиро иҷро менамояд: тараққиёти психологии одамон ва таъмини истироҳати онҳо. Таълим - ҳамчун намуди фаъолият, барои азхуднамоии дониш, маҳорат, малака ва ташаккул додани қобилияти одам муқаррар шудааст. Меҳнат - намуди фаъолияте мебошад, ки одам бо шарофати он мавҷудияти худ ва қонеъгардонии талаботҳои асосии худро таъмин менамояд.

Фаъолиятро вобаста ба бартарии қисматҳои дохилӣ ва ё берунӣ шартан ба фаъолияти берунӣ ва дохилӣ ҷудо менамоянд. Дар фаъолияти берунӣ қисматҳои ҳаракатдиҳандаи бо кори мушакҳои бадан вобаста, дар фаъолияти дохилӣ-қисматҳои психологӣ, яъне ҳаракат ва операцияҳои дар мағзи сар баамалоянда ё протсессҳои дар дохили организм бавуқӯоянда нақши асосӣ мебозанд.

Фаъолият вобаста ба мазмун ва предметаш амалӣ, назариявӣ, моддӣ, идеалӣ, предметӣ ва байнишахсӣ шуда метавонад(баъзе аз психологон муоширатро ҳамчун гуногунамудии фаъолият баррасӣ намуда, фаъолияти байнишахсиро фаъолияти робитавӣ номидаанд).

Фаъолияти амалӣ бо ҳалли масъалаҳои амалӣ банд будани одам тавсиф дода мешавад. Он дар шароитҳои ҳаёти воқеӣ бо ёрии ҳаракатҳои амалӣ иҷро мегардад. Фаъолияти назариявӣ - фаъолияте мебошад, ки натиҷаи он ҳалли ягон - хел масъалаи назариявиро дар бар мегирад. Масалан, муайяннамоии мафҳум, иҷроиши амали мантиқӣ, натиҷагирӣ, пешниҳод ва назарияҳои асосноке, ки гурӯҳи муайяни ҳодисаҳоро мефаҳмонад. Фаъолияти моддӣ – фаъолияте мебошад, ки дар он амал кардан бо предметҳои воқеии моддӣ сурат мегирад. Фаъолияти идеалӣ – ин фаъолияти ақлӣ аст, ки он бо воситаи объектҳои образӣ, фикрӣ ва ҳиссӣ иҷро мегардад. Фаъолияти пред-

метӣ – ин мувофиқи вазифаҳои ба предметҳои маданияти инсонӣ хос буда истифода бурдани онҳо мебошад. Масалан, агар шахс барои навиштан қаламро истифода барад, он гоҳ фаъолияти ӯ предметӣ ба ҳисобида мешавад ва дар сурати онро ҳамчун чӯбча истифода бурдан, фаъолияти ӯ предметӣ маҳсуб намеёбад. Фаъолияти байнишахсӣ ё робитавӣ- фаъолияте мебошад, ки ба дигар одамон равона гардида, муошират баҳамтаъсиррасониро дар бар мегирад.

Ташаккулёбии фаъолияти одам дар онтогенез дар самтҳои асосии зерин сурат мегирад:

- дар одам пайдо шудани намудҳои нави фаъолият;
- тағйирдиҳии иерархии намудҳои аллакай вуҷуддоштаи фаъолият;
- тағйирдодани мазмун ва сохти ҳамон як фаъолият;
- дигар намудани мароми фаъолияти шахс;
- гузариши қисматҳои беруни ба дохилӣ, яъне ивазшавии қисматҳои фаъолияти берунӣ ба ҷузъҳои фаъолияти дохилӣ
- автоматикунонии фаъолият.

Ҳар як аз ин равияҳои тараққиёти фаъолиятро дар алоҳидагӣ дида мебароем.

Мувофиқи консепсияи илмии А.Н. Леонтев, дар одам пайдо шудани намудҳои нави фаъолият на танҳо аз бавуҷудоии талаботҳои нав, балки аз механизми хоси ташкилшавии намудҳои нави фаъолият ва аз фаъолиятҳои аллакай дар одам эҷодшудаю шакл гирифта низ вобаста аст. Ин механизм «наздикшавии маромро ба мақсад» мефаҳмонад ва он ба таври зерин фаҳмида мешавад. Амале, ки ба таркиби фаъолияти одам дохил шудааст ва иҷро карда мешавад, бо мурури замон барои одам чунон муҳим мегардад, ки мақсади иҷро намудани он боиси бо мубадал гаштан ба мароми мустақили фаъолияти нав, шуда мемонад ва ин бошад «наздикшавии маром ба мақсад» аст. Дар ҳолати додашуда, мақсади ба маром гузашта, ба намуди нави фаъолияти мустақил мубаддал мегардад. Масалан,

донишҷӯ китоберо, ки муаллим ба ӯ тавсия намудааст, мехонад ва ба супоридани имтиҳон тайёрӣ мебинад. Супоридани имтиҳон мароми хондани китоб мегардад. Вале донишҷӯ дар рафти омӯзиш чунон ба мазмуни китоб дода мешавад, ки супоридани имтиҳон аз ёдаш мебарояд ва беихтиёр мутолиаи китобро давом медиҳад. Ин ҷо дар донишҷӯ ҳисси маърифатӣ бедор шуда, ӯро ба аз худ кардани мазмуни китоб водор менамояд. Дар ҳолати додашуда мароми хондан ва аз худ кардани мазмуни китоб намуди фоъолияте ба ҳисоб меравад, ки онро мароми маърифаткунӣ меноманд.

Тағйирдиҳии намудҳои фаъолияти одам аз ивазшавии муҳимияти онҳо вобаста мебошад. Тағйироте, ки хусусияти ташаккулёбии одамро дар назар дорад, дар ҳолате ба амал меояд, ки агар миқдор ва мазмуни намудҳои фаъолияти бо он машғулбудаи одам бетағйир боқӣ монад. Масалан, бозӣ дар синни кӯдакӣ намуди шавқовартарини фаъолият ба ҳисоб меравад. Вале дар баробари ин, кӯдак метавонад бо фаъолияти таълимӣ ва меҳнатӣ машғул шавад. Бо гузашти айём, ӯ метавонад ҷиддан ба фаъолияти таълимӣ фаро гирифта шавад ва ин намуди фаъолият барои ӯ дар ҷойи аввал мебарояд. Ниҳоят ба воя расида, бо гирифтани ихтисос метавонад бо майлу рағбати зиёд ба касби дӯстдоштаи худ, ки акнун миёни фаъолиятҳои иҷронамудаи ӯ ҷойи аввалро мегирад, машғул гардад. Чунин тахмин кардан мумкин аст, ки иерархияи фаъолияти одам дар ҳолати аз як синнусол ба синнусоли дигар гузаштан, инчунин бо ивазшавии маҷмӯи арзишҳо ва гирд овардани таҷрибаи зиндагӣ тағйир ёфтан мегирад.

Зери мафҳуми тағйирдиҳии мазмун ва сохти фаъолият ҳолатҳои зерин фаҳмида мешавад. Ҳамон як намуд фаъолияти одам аз рӯи ҳаракатҳо ва операцияҳои дар таркиби он дохилшуда тағйир меёбад. Масалан, одам дар фаъолияти худ қодир аст, ки бо роҳҳои гуногун ба даст овардани ҳамон як натиҷаи дилхоҳро ёд гирад (дар ин маврид фаъолият аз рӯи амалҳои ба сохти ӯ дохилбуда

тағйир меёбад). Ҳангоме ки доир ба сохти фаъолият сухан меравад, аз ҷониби одам иҷроиши пай дар пайи амалҳо ва операцияҳои гуногун, ё ин ки дар сохти фаъолият таносуби амалҳо ва операцияҳои беруни ва дохилӣ дар назар дошта шудааст.

Дигар намудани мароми фаъолият - ин ё тобеъ намудани он ба маромҳои нав бо нигоҳ доштани сохти дохили (амал ва операцияҳо), ё дар баробари маромҳои кӯҳна, барои танзим намудани фаъолият дохил кардани маромҳои нав, ё тағйирдиҳии иерархияи он маромҳое, мебошад ки намудҳои додашудаи фаъолияти одамро идора мекунанд. Мо бо тағйирдиҳии мароми фаъолият дар ҳамон мавриде сару кор мегирем, ки фаъолияти одам ба қонеъгардонии талаботҳои нав оғоз менамояд, яъне ҳамон талаботҳоеро, ки бо фаъолияти пешина қаноатманд карда намешуданд ё ин ки фаъолияти пештара талаботҳои кӯҳнаро қаноатманд карда наметавонст. Масалан, кӯдакону калонсолон талаботҳои якхелаи маърифатӣ ё иҷтимоиро бо воситаи намудҳои гуногуни фаъолият қаноатманд карда метавонанд.

Интериоризатсияи фаъолият- ин аз шакли берунӣ ба шакли дохилӣ мубаддал шудани фаъолият мебошад. Дар рафти интериоризатсияи фаъолият амалҳо ва операцияҳои берунии ба таркиби он дохилбуда, ба амал ва операцияҳои дохилӣ мегузарад. Ин раванди ташаккулдиҳии фаъолият муфассал дар назарияи зина ба зина ташкилшавии фаъолияти фикрии П.Я.Галперин инъикос ёфтааст.

Ниҳоят, автоматикунонии фаъолият ҳамчун равияи имконпазири ташаккулдиҳии фаъолият аз он иборат аст, ки амалҳо ва операцияҳои алоҳидаи дар таркиби фаъолият дохилбуда, оҳиста-оҳиста ба маҳорат ва баъдтар ба малака мубаддал мегарданд. Дар натиҷа, фаъолият дар маҷмӯъ автоматӣ мегардад. Инро дар фаъолияти касбии шахсоне, ки солҳои сол бо он самаранок машғуланд, мушоҳида кардан мумкин аст.

Адабиёт

1. Аксененко Ю.Н., Каспарян В.Н.и др. Социология и психология управления.- «Феникс», Ростов-на-Дону, 2001.-С.98
2. Аллан П. Язык телодвижение.- М., 2002
3. Бехтерев В.М. Внушение и его роль в общественной жизни.- СПб., 2001.
4. Богдановский А. Ключи доступа к мыслям и поступкам других людей.- Изд. «Невский проспект».-СПб., 2000
5. Бороздина Г.В. Психология делового общения.- М., 2000
6. Гиппенрейтер Ю.Б. Введение в общую психология: курс лекций.- М., 2000.- С. 95-128
7. Головаха Е.И., Панина Н.В. Психология человеческого взаимопонимания.- Киев, 1989
8. Елисеев О.П. Практикум по психологии личности.- СПб., Питер, 2001
9. Еникеев М.С. Общая психология: Учебник.- М.: «Изд. ПРИОР», 2000
10. Запорожец А.В. Психология действия: Изб. Психологические труды.- М.: Воронеж, 2000
11. Кричевский Р.Л., Дубоская Е.М. Психология малой группы.- М., 2001
12. Кроник А.А., Кроник Е.А. Психология человеческих отношений.- Дубна, 1998
13. Қодиров С., Давлатов М. Психология.- Душанбе, «Сино», 2002
14. Қодиров С., Давлатов М. Психологияи иҷтимоӣ.- Душанбе, «Сино», 2004
15. Леонтьев А.Н. Деятельность. Сознание. Личность.- М., 1982
16. Леонтьев А.Н. Очерк психологии личности.- М., 1997
17. Лутонин А.Н. Эмоциональные потенциали коллектива.- М., 1988

18. Маҷмӯи тестҳои психологӣ. Қисми 1. Мураттиб Алиев М.Т. Дастури таълимию методӣ.- Душанбе, «Эҷод», 2009
19. Методҳои сотсиометрӣ. Мураттиб Алиев М.Т.- Душанбе, «Эҷод», 2009
20. Миралиев А., Давлатов М. Педагогика ва психология.- Душанбе, «Ирфон», 2007
21. Мясищев В.Н. Психология отношений.- М.: Воронеж, 1998
22. Немов Р.С. Психология: Учебник.- М.: Юрайт.- Издат., 2009
23. Общая психология. Под. ред. Тугушева Р.Х. и Гарбера Е.И..- М.: Изд. Эксмо, 2006
24. Парыгин Б.Д. Анатомия общения.- СПб., 1999
25. Петровский А.В., Ярошевский М.Г. Психология: Учебник для студентов.- М.: Изд. Центр «Академия», 2000
26. Психология. Учебник для экономических вузов. Под.ред. В.Н. Дружинина.-СПб., Питер, 2000
27. Психология и этика делового общения: Учебник для вузов. Под.ред. проф. В.Н. Лавриенко.-3-е изд..- М., 2002
28. Фрейд З. Введение в психоанализ. Лекции.- СПб., 2001
29. Франкл В. Воля к смыслу.- М., 2000
30. Франкл В. Основы логотерапии.- СПб., 2001
31. Эриксон Э. Детство и общество.- СПб., 2000

БОБИ IV. Протсессҳои маърифатӣ

4.1. Эҳсос

Эҳсос ҳамчун сарчашмаи маърифат

Дар раванди таҳаввулот ва ташаккулёбии ҳодисаҳои психикӣ одам имконият пайдо кардааст, ки олами

воқеиро маърифат кунад, яъне дониста гирад. Маърифат – шинохтан ё дониста гирифтани олами воқеӣ, на яку якбора, балки тадриҷан ва зина ба зина ба вуҷуд меояд. Маърифати олам аз зинаи ибтидоии худ, яъне эҳсос сар шуда, то зинаи олитарин – тафаккури мантиқӣ рафта мерасад:

Эҳсос - идрок - тасаввурот - … - тафаккур

Аз ин лиҳоз донишҳоро ба донишҳои ҳиссӣ ва мантиқӣ ҷудо мекунанд. Донишҳои ҳиссӣ он донишҳое мебошанд, ки тавассути эҳсос, идрок ва тасаввурот ба вуҷуд омада, дар бораи аломату хусусиятҳои зоҳирию номуҳими ашёю ҳодисаҳои олами воқеӣ маълумот медиҳад.

Эҳсос зинаи ибтидоии маърифати олам буда, тавассути он мо дар бораи гуногунии олами иҳотакарда (садоҳо ва рангҳо, бӯйҳо ва ҳарорат, ҳаҷм ва монанди ин) маълумот пайдо мекунем. Зеро ашёю ҳодисҳои дунёи моддӣ, ки дорои хусусиятҳои гуногун мебошанд, на танҳо объективона вуҷуд доранд, балки онҳо ба мо таъсир ҳам мерасонанд ва дар мо эҳсосро ба вуҷуд меоваранд.

Эҳсос шакли аввалини аз тарафи мо дониста шудани олами воқеӣ аст ва мо ба воситаи он хабарҳои гуногунро оид ба ҳолати организм ва муҳити беруна аз худ мекунем. Вай роҳи асосие мебошад, ки хабарҳо оид ба зуҳуроти олами беруна тавассути он ба майнаи сар рафта мерасанд ва ба одам имконият медиҳад, ки дар бораи муҳити беруна ва ҳолати организми худ маълумот пайдо кунад. Эҳсос алоқаи организмро бо олами беруна таъмин намуда, сарчашмаи асосии маърифат ва инчунин шарти асосии тараққиёти психика мебошад.

Ҳамин тариқ, ***эҳсос протсесси оддитарини психикӣ буда, дар инъикоси аломату хусусиятҳои алоҳидаи ашёю ҳодисаҳои олами беруна, инчунин ҳолати ботинии организм ҳангоми таъсири бевоситаи ангеза ба узвҳои эҳсос ифода меёбад.***

Аз таърифи эҳсос бармеояд, ки мо тағйироти дар организм ва узвҳои он бавуҷудомада, ҳаракату ҳолати бадан, инчунин ҳолати узвҳои дохилӣ, нафаскашӣ, гардиши хун ва дигар узвҳоро фаҳмида мегирем. Рафти донишҳосилкунӣ низ ба эҳсоси мо вобаста аст, чунки он хусусиятҳои ҳақиқии ашё ва ҳодисаҳои воқеиро инъикос менамояд. Эҳсос инъикоси хусусиятҳои ашёю ҳодисаҳое мебошад, ки онҳо берун аз ихтиёру шуури инсон объективона вуҷуд доранд. Ба ибораи дигар, эҳсос «инъикоси субъективии олами объективӣ» мебошад.

Эҳсос ҳамчун амали ҷавобии системаи асаб, ба таъсири ин ё он ангеза ба вуҷуд омада, чун дигар зуҳуроти психикӣ характери рефлекториро дорад.

Асосҳои физиологии эҳсосро протсессҳои асабие ташкил медиҳанд, ки ҳангоми таъсири ангеза ба анализатори мувофиқ ба вуҷуд меоянд. Ин амалро физиологи рус И.П.Павлов системаи анализаторӣ номидааст. Анализатор гуфта, системаи махсуси асабиро меноманд, ки таҳлили аниқи таъсироти олами берунаро таъмин менамояд.

Анализатор аз 3 қисм иборат аст:

1. Қисми атрофӣ (ретсепторҳо), ки вазифааш қабул кардани таъсироти олами беруна мебошад.
2. Импулсҳои афферентӣ (марказшитоб) ва эфферентӣ (марказгурез) ё қисми гузаронанда, ки қисми атрофиро бо марказ (майнаи сар) пайваст мекунад.
3. Қисми марказӣ ё майнаи сар, ки дар он коркарди импулсҳои асабии аз қисми атрофӣ оянда сурат мегирад.

Ба қисми атрофии анализатор ҳамаи узвҳои ҳиссӣ (чашм, гӯш, бинӣ, забон ва пӯст) ва аппарати махсуси ретсепторие тааллуқ дорад, ки дар узвҳои дохилӣ ва мушакҳои бадан ҷойгир шудаанд. Ҳангоми таъсири ангеза қувваи муайяни физикӣ ретсепторҳоро мутаассир намуда, онҳоро ба ларзиш медарорад ва ин ларзиш ба ҳаяҷони муайяни асабӣ табдил дода мешавад. Ин ҳаяҷони асабӣ ба импулсҳои афферентӣ (марказшитоб) дода мешавад ва та-

вассути он аз аппарати ретсепторӣ ба майнаи сар бурда мешавад. Қисми пӯстлохи майнаи сар минтақаи олии анализаторӣ мебошад. Дар ин қисм таҳлил ва таркиби аниқи таъсири ангеза ба вуҷуд омада, эҳсос пайдо мешавад ва дар ниҳояти кор алоқаи мутақобилаи организм ва муҳити атроф сурат мегирад.

Расми 10. *Бавуҷудоии эҳсос*

Дар қисми пӯстлохии анализатор ядро ё қисми марказӣ мавҷуд аст. Дар ядро миқдори асосии ҳуҷайраҳои ретсепторӣ муттамарказ шудаанд, ки аз элементҳои ҳуҷайравии парокандаи дар минтақаҳои гуногуни бадан ба миқдори гуногун ҷайгирбуда иборатанд. Қисми ядроии анализатор аз миқдори зиёди ҳуҷайраҳое иборат аст, ки дар ин ё он қисми пӯстлохи майнаи сар мавҷуданд ва асабҳои марказшитоб аз ретсепторҳо ба он ҷо дохил мешаванд. Элементҳои парокандаи (атрофии) ин анализатор бо ядрои дигар анализаторҳо омехта мебошанд. Ядрои анализатор вазифаи таҳлил ва таркиби нозуки таъсири ангезаро ичро мекунад. Масалан, фарқ кардани овоз аз рӯи баландӣ ё тозагиаш. Элементҳои пароканда бошанд, бо таҳлили аниқи таъсири ангеза алоқаманд мебошанд. Масалан, фарқ кардани садоҳои мусиқӣ ва овозҳо.

Ҳуҷайраҳои муайяни қисми атрофии анализаторҳо дар пустлохи майнаи сар минтақаҳои муайяни худро доранд.

Тадқиқотҳо ошкор кардаанд, ки ба воситаи таъсиррасонии сунъӣ маркази эҳсоси мувофиқро дар майнаи сар ба ҳаяҷон овардан мумкин аст. Масалан, маркази эҳсоси биноӣ дар қисми ақиби пӯстлохи майнаи сар ҷойгир шудааст. Эҳсоси шунавоӣ дар қисми мобайнии раҳҳои болои чаккаи сар ва ғайра.

Мавриди қайд аст, ки барои пайдошавии эҳсос кори якҷояи анализаторҳо зарур аст. Анализатор қисми асосии протессҳои асабӣ ё камонаки рефлекториро ташкил медиҳад. Камонаки рефлекторӣ аз ретсептор, қисмҳои гузаронанда, қисми марказӣ ва эффектор иборат аст. Маҳз алоқаи байниҳамдигарии қисмҳои камонаки рефлекторӣ алоқаи мутақобилаи организмро бо муҳит таъмин менамояд.

Анализатор на танҳо аз таъсири ангезаҳо мутаассир мешавад, балки зери таъсири онҳо тағйир ҳам меёбад.

Назарияҳои гуногун дар бораи эҳсос

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки одам ба воситаи эҳсос аломату хусусиятҳои ашёю ҳодисаҳои олами беруна ва ҳолати организми худро инъикос менамояд. Аммо ба ин нигоҳ накарда, дар таърихи омӯзиши эҳсос ба ин муҳокима борҳо шубҳа пайдо шудааст.

Файласуфони идеалист дар чунин ақидаанд, ки сарчашмаи ҳаёти бошууронаи мо на эҳсос, балки ҳолати ботини шуур, қобилияти тафаккур аст, ки заминаи табиӣ дошта, аз ахбороти аз олами беруна оянда ягон вобастагӣ надорад.

Ин назария хоси фалсафаи «ратсионализм» мебошад (инъикоси аниқи худро дар таълимоти файласуф – ратсионалисти олмонӣ Волф ёфтааст). Моҳияти ин фалсафа дар он аст, ки протсессҳои психикӣ маҳсули инкишофи мураккаби психикӣ нестанд ва барғалат шууру ақлро на ҳамчун маҳсули таҳаввули таърихӣ, балки ҳамчун хусусияти ибтидоӣ ва минбаъд шарҳдоданашавандаи «рӯҳ« тавсиф

медиҳад. Намояндагони ин фалсафа ҳатто дар он ақида буданд, ки эҳсос организми одамро ба муҳит напайваста, балки байни организм ва муҳит ҳамчун девор баромад мекунад. Ин ақида аз тарафи файласуфони идеалист Беркли, Юм, Э.Мах ва психологҳои идеалист И. Мюллер, Гелмголтс, ки назарияи «энергияи махсуси узвҳои ҳиссӣ»-ро тарҳрезӣ намудаанд, пешниҳод шудааст. Мувофиқи ин назария, узвҳои эҳсос (чашм, гӯш, бинӣ, забон ва пӯст) таъсироти олами берунаро инъикос накарда, доир ба зуҳуроти олами беруна маълумот надода, танҳо аз таъсироти беруна таконе мегиранд, ки боиси баангезишоии протсессҳои худи онҳо мегардад. Ба ақидаи онҳо, ҳар як узви эҳсос дорои «энергияи махсус»-е мебошад, ки аз таъсироти беруна ба ангезиш меояд. Масалан, агар мо ба чашми пӯшида бо ангушт таъсир расонем, эҳсоси ранг пайдо мешавад; кифоя аст ба гӯш ба таври механикӣ таъсир расонем, то эҳсоси садо ба вуҷуд ояд.

Аз ин бармеояд, ки узвҳои эҳсос таъсироти берунаро инъикос намекунанд, балки аз таъсири онҳо ба ангезиш омада, на таъсироти воқеии олами беруна, балки ҳолати субъективии худро инъикос менамоянд.

Намояндаи фалсафаи идеалистӣ Мюллер чунин мешуморид, ки ҳар як узви ҳиссӣ соҳиби қувваи муайян аст ва ба таъсироти гуногун тавассути он ҷавоб мегардонад. Масалан, чунин мешуморид, ки гӯё чашм ҳам ба таъсироти равшанӣ, ҳам ба таъсироти ҷараёни электрикӣ ва ҳам ба таъсироти механикӣ фақат ба воситаи эҳсоси рӯшноифаҳмӣ ҷавоб мегардонаду халос. Дигар узвҳои ҳиссӣ низ мувофиқи ин қонун амал мекунанд. Ҳамин тариқ, худи ҳамон як чиз ба узвҳои гуногунии ҳиссии мо таъсир карда, эҳсоси гуногунро ба вуҷуд меоварад.

Давомдиҳандаи ин назария Г. Гелмголтс маҳсуб мешавад. Ӯ низ пайдоиши эҳсосро ҳамчун натиҷаи таъсири ашё ба узвҳои ҳиссӣ рад намуда, чунин меҳисобид, ки образҳои дар натиҷаи ин таъсирот бавуҷудомада бо олами воқеӣ ҳеҷ иртиботе надоранд. Гелмголтс худи эҳсосро на

ҳамчун шакли инъикоси олами воқеӣ, балки ҳамчун «рамз» ё «аломат»-и зуҳуроти беруна мепиндошт ва пешниҳод менамуд, ки таъсири ашёи муайян ба узви ҳиссӣ «рамз» ё «аломат»-и ашёи таъсиррасонро ба вуҷуд меоварад, на тасвир ё образи онро.

Маҳз ин ақидаҳо асоси «идеализми субъективӣ»-ро ташкил медоданд. Яъне, одам танҳо барои фаҳмидани ҳолати худ қодир аст ва бо ҳеҷ далел исбот карда наметавонад, ки ғайр аз ӯ чизи дигаре вуҷуд дорад. Ин назарияи идеалистӣ номи «солипсизм»-ро (аз лотинӣ solus – як; ipse – худ, яъне танҳо худам) гирифтааст.

Дар баррасии ин масъала назарияи идеализми субъективӣ бо назарияи материалистӣ пурра мухолиф аст. Намояндагони назарияи марксисӣ ақидаи идеалистони субъективиро зери танқид гирифта, қайд кардаанд, ки материя ба узви ҳиссии мо таъсир расонида, эҳсосро ба амал меоварад.

Эҳсос ба майнаи сар, ба наҳҳои асабӣ, ба ҳуҷайраҳо, яъне ба материяи муайяни муташаккил вобаста аст. Мавҷудияти материя ба эҳсос вобаста нест. Бинобар ин, нодурустии фалсафаи идеалистӣ дар он аст, ки онҳо эҳсосро на ҳамчун воситаи алоқаи байни шуур ва материя, балки ҳамчун монеаи аз ҳам ҷудокунандаи байни онҳо маънидод мекунад.

Таълимоти материалистӣ муқобил будани назарияи «рамзҳо»-ро ба таҷрибаи одамон ошкор намуда, таъкид менамояд, ки пайдоиши эҳсос ба дуруст инъикос ёфтани таъсироти олами беруна вобаста аст. Аз ин лиҳоз, эҳсос на «рамз» ё «аломат»-и шартии ашёи олами объективӣ, балки алоқаи бевоситаи шуур бо олами атроф аст. Пас, бояд на аз хусуси «рамз»-у «аломат»-и шартӣ, ё аз хусуси «иероглифҳо» сухан ронем, балки сухан бояд аз хусуси шакл ва нусхаҳои ифодакунандаи ашёи олами объективӣ равад. Шакл ва нусхаҳои ҳақиқат ба мо имконият медиҳанд, ки дунёро аз ҷиҳати илмӣ дуруст маънидод кунем ва омӯзем.

Аз таҳлили аниқу дақиқи илмии ин масъала бар меояд, ки ҳар як узви ҳиссии мо ба таъсиррасониҳои муайян мувофиқ гашта, ба ҳамон таъсирот ҷавоби махсус мегардонад. Дар рафти тараққиёти тадриҷии биологӣ қобилияти ҳискунии узвҳои пуркувват мегардад.

Дар раванди тараққиёти дуру дарози таърихӣ узвҳои махсуси дарккунанда (узвҳои ҳиссӣ ё ретсепторҳо) ташаккул ёфтаанд, ки барои инъикоси намудҳои махсуси шаклҳои воқеии ҳаракати материя махсус гардонида шудаанд. Масалан, ретсепторҳои пӯстӣ, ки таъсироти механикӣ, ретсепторҳои шунавоӣ, ки мавҷҳои садо, ретсептоҳои биноӣ, ки фосилаи лаппишҳои электромагнитиро муайян мекунанд ва ғ.

Ҳамин тариқ, мо на «энергияи махсуси худи узвҳои ҳиссӣ», балки узвҳои махсусе дорем, ки намудҳои гуногуни қуввaҳоро объективона инъикос мекунанд.

Дар психологияи классикӣ чунин назарияе вуҷуд дорад, ки мувофиқи он узвҳои ҳиссӣ, аниқтараш нугҳои торҳои асабӣ таъсири ангезаро қабул менамоянд ва ҷавобаш эҳсоси мувофиқ аст (эҳсоси биноӣ, шунавоӣ, маза, бӯй ва ғ.). Ин ҷавоби организм ба таъсири муҳит пассив аст. Пассив эътироф кардани эҳсос хоси назарияи ретсепторӣ аст.

Аз таҳлили назарияи ретсептории эҳсос бармеояд, ки дар раванди эҳсос танҳо инъикоси аломату хосиятҳои алоҳидаи ашёю ҳодисаҳо ба вуҷуд меояду халос. Яъне, туфайли эҳсос организм ба таъсири ангезаҳо ҷавоб намегардонад. Намояндагони ин назария иштироки импулсҳои эфферентиро дар раванди эҳсос инкор менамуданд. Аз ин нуқтаи назар саҳми эҳсос дар тараққиёти психика хеле кам аст.

Дар таълимоти назарияи ретсептории эҳсос, ҳатто асосҳои физиологии пайдошавии эҳсос ва махсусан, системаи анализаторӣ ба эътибор гирифта нашудааст.

Феълан, назарияи ретсептории эҳсос ҳамчун назарияи исботнашуда эътироф гардида, аз тарафи бисёр мутахассисон рад карда мешавад.

Ҳамчун назарияи исботнашуда ва хато муаррифӣ кардани «назарияи ретсепторӣ»-и эҳсос хоси «назарияи рефлекторӣ»-и эҳсос мебошад. Назарияи рефлектории эҳсос дар асоси тадқиқотҳо исбот кард, ки эҳсос на протсесси пассив, балки фаъол аст.

Мушоҳидаи рафтори ҳайвонот нишон медиҳад, ки он характери пассив ва бефарқ надорад, зеро ҳайвонот аз таъсироти олами беруна ҳамонашро фаъолона ҷудо мекунанд, ки барои онҳо аҳамияти муҳими биологӣ дорад. Масалан, занбӯр бештар ба он гулзоре аҳамият медиҳад, ки дар он гулҳои ҳарранга рӯидаанд, ба гулҳои якранга бошад камтар; гурба ғиҷиррос задани мушро аз овози камертон (асбоби ҷӯргарии оҳанги созҳои мусиқӣ) фаъолона ҷудо мекунад. Ин далелҳо исботкунандаи характери фаъол, интихобӣ доштани эҳсос мебошанд.

Тадқиқоти минбаъда нишон медиҳанд, ки эҳсос аз ҷиҳати физиологӣ протсесси пассив набуда, доимо дар худ ҷузъиётҳои ҳаракатиро таҷассум мекунад.

Муҳаққиқ-психологи амрикоӣ Неффом исбот кардааст, ки мушоҳидаи қисми пӯст ҳангоми таъсир бо сӯзан дар зери микроскоп ба ларзиш омадани қисми муайяни пӯстро ҳангоми пайдошавии эҳсос нишон медиҳад. Яъне, ҳангоми бо сӯзан таъсир расонидан ба пӯст, қисми муайяни атрофи маркази таъсир ба таври рефлекторӣ ба ларзиш медарояд. Тадқиқоти минбаъда нишон доданд, ки таркиби эҳсоси пӯстӣ дорои ҳаракатҳо мебошад, ки баъзан дар намуди аксуламалҳои вегатативӣ (тангшавии рангҳо) ва баъзан дар намуди аксуламалҳои мушакӣ (гардиши чашм, кашидашавии мушакҳои гардан, аксуламалҳои ҳаракатии даст ва ғ.) зоҳир мешаванд.

Муайян карда шудааст, ки эҳсоси мураккаби талабкунандаи шинохтан ва фарқкунии ашёҳо бидуни ҳаракатҳои фаъол ғайри имкон аст. Масалан, барои бо чашми

пӯшида фарқ кардани ашё онро бояд фаъолона палмосид; чунин хусусиятҳо, ба монандӣ: ҳамворӣ, бузургӣ ва ғайра, танҳо дар ҳолате идрок мешаванд, ки дасти палмосанда фаъолона ҳаракат кунад.

Ин хусусият дар эҳсоси биноӣ низ дида мешавад. Ҳанӯз И.М.Сеченов нишон додааст, ки барои идроки биноии ашё бояд чашм онро «палмосад». Солҳои охир муқаррар карда шудааст, ки ҳама гуна идроки биноӣ воқеан ҳам туфайли ҳаракати фаъоли чашм сурат мегирад, ки баъзан характери ҳаракати «палмосида»-ро дорад ва баъзан шакли микроҳаракати чашмро мегирад.

Ҳамаи ин гуфтаҳо нишон медиҳанд, ки эҳсос протсесси пассив набуда, характери фаъол дорад ва иштироки ҷузъиёти ҳаракатӣ дар он дар дараҷаҳои гуногун сурат мегирад. Ҷузъиёти ҳаракатӣ баъзан ҳамчун протсесси оддии рефлекторӣ (масалан, ҳангоми тангшавии рагҳо ё кандашавии мушакҳо, ки дар ҷавоб ба ҳар як ангезаи таъсиррасон ба вуҷуд меояд) ва дар ҳолатҳои дигар ҳамчун протсесси мураккаби фаъоли фаъолияти ретсепторӣ (масалан, ҳангоми фаъолона палмосидани ашё ё назорат кардани тасвири мураккаб) сурат мегирад.

Ҳамчун протсесси фаъол муаррифӣ намудани эҳсос хоси назарияи рефлекторӣ буда, дар назарияи маърифатии одам аҳамияти калон дорад.

Нақши ин назария дар таҳлили тағйирёбиҳои эҳсос ва идрок, ки дар натиҷаи ҳолатҳои патологии майнаи сар ба вуҷуд меоянд, хеле калон аст.

Фаъолияти персептивӣ ва интихоби ахбор дар раванди эҳсос

Эҳсос моҳиятан образи субъективии олами объективӣ аст. Барои пайдошавии эҳсос танҳо таъсири ягон ангеза аз берун кифоя нест, балки фаъолияти муайяни худи организм низ зарур аст. Ин фаъолият метавонад дар шакли протсесси дохилӣ ё ҳаракатҳои берунӣ вуҷуд дошта бошад, аммо мавҷудияташ ҳатмӣ аст.

Эҳсос дар натиҷаи табдил додани қувваи таъсири ангезаи феълан ба ретсепторҳо таъсиррасон ба қувваи протсессҳои асабӣ ба вуҷуд меояд.

Ҳамин тариқ, эҳсос на танҳо образи ҳиссӣ ё аниқтараш ҷузъиёти он, инчунин фаъолият ва ҷузъи он аст. Тадқиқоти гуногун доир ба иштироки протсессҳои таъсирбахш дар раванди пайдошавии эҳсос нишон медиҳанд, ки эҳсос ҳамчун зуҳуроти психикӣ дар сурати набудани амали ҷавобии организм ё мувофиқати он ба вуҷуд омада наметавонад. Масалан, чашм ё дасте, ки ҳаракат намекунад, ҳамчун воситаи маърифат хизмат карда наметавонад.

Узвҳои ҳиссӣ бо узвҳои ҳаракатӣ алоқаи сахт доранд, зеро узвҳои ҳаракатӣ дар раванди гирифтани ахбор бевосита иштирок мекунанд. Ин алоқа байни маърифат ва ҳаракат кардан аст ва ҳар ду функсия метавонанд дар як узв ҷойгир бошанд. Масалан, дар даст.

Мавриди қайд аст, ки байни ҳаракатҳои иҷрокунанда ва палмосандаи даст фарқияти муайяне вуҷуд дорад. И.П.Павлов ин фарқиятро аксуламали ориентирӣ-таҳқиқӣ номидааст, ки ба типи муайяни рафтор – рафтори персептивӣ тааллуқ дорад. Чунин танзими персептивӣ ба он равона карда шудааст, ки воридшавии ахборро қувватнок карда, протсесси эҳсосро мувофиқ кунонад.

Аз таҳлили раванди бавуҷудоии эҳсос бармеояд, ки эҳсос на танҳо дар узви эҳсос сар мешавад, балки дар он анҷом меёбад. Масалан, раванди эҳсоси биноӣ на танҳо аз чашм сар мешавад, балки дар он анҷом меёбад. Ин амал ба дигар эҳсосҳо низ хос аст. Дар байни ретсептор ва майнаи сар на танҳо алоқаи яктарафа, балки алоқаи баръакс низ мавҷуд аст. Принсипи алоқаи баръакс, ки аз тарафи физиологи рус И.М. Сеченов коркард гардидааст, пешниҳод менамояд, ки узви ҳиссӣ на танҳо ретсептор, балки эффектор низ мебошад. Эҳсос на танҳо натиҷаи раванди муттамарказ, балки раванди мураккаби рефлекторӣ аст,

ки дар ҷараёни ташаккулёбӣ ва зоҳиршавии худ ба қонуниятҳои умумии фаъолияти рефлекторӣ итоат мекунад.

Аз ин бармеояд, ки туфайли фаъолияти якҷояи узвҳои ҳиссӣ ва ҳаракатии аппарати ҳиссӣ (анализатор) хусусияти объективии ангезаҳои таъсиррасон ошкор карда мешавад.

Узвҳои ҳиссӣ аз рӯи моҳияташон филтре мебошанд, ки ахбори ба майнаи сар воридшаванда аз онҳо мегузарад. Саволе ба миён меояд, ки интихоби ахбори мувофиқу зарурӣ аз рӯи кадом принсип сурат мегирад. Доир ба ин масъала як чанд фарзия вуҷуд дорад.

Мувофиқи **фарзияи якум,** механизмҳои дарёфт ва гузаронидани доираи маҳдуди сигналҳо вуҷуд доранд ва сигнале, ки ба ин доира мувофиқ нест, аз тарафи ин механизм гузаронида намешавад. Ин амал ба фаъолияти ҳафтаномаҳо монанд аст. Масалан, ҳафтаномаи «Варзиш» танҳо хабарҳои варзиширо ба табъ мерасонад.

Фарзияи дуюм пешниҳод менамояд, ки қабул кардан ё накардани ахборот метавонад аз тарафи меъёрҳои махсус ба танзим дароварда шавад. Ин меъёрҳои махсус талаботи мавҷудоти зиндаро таҷассум менамоянд. Мавҷудоти зиндаро ангезаҳои бешуморе иҳота кардаанд, ки ҳисшавандаанд. Аммо организмҳои зинда танҳо ба он водоркунандаҳое эътино зоҳир менамоянд, ки бо талаботҳои организм бевосита алоқаманданд. Яъне, ба сифати ин танзимкунандаҳо метавонанд ташнагӣ, гуруснагӣ ва дигар талаботҳо баромад кунанд.

Тибқи **фарзияи сеюм** интихоби ахборот дар раванди эҳсос дар асоси меъёри навгониҳо ба вуҷуд меояд. Воқеан ҳам, дар кори ҳамаи узвҳои ҳиссӣ барои таъмини раванди эҳсос тамоюл ба тағйирёбии агезаҳо мушоҳида мешавад. Ҳангоми амали доимии ангезаҳо ҳассосӣ суст мешавад ва расидани ахбор аз ретсептор ба майнаи сар қатъ мегардад. Масалан, агар ҳаракати ангеза дар болои пӯст қатъ гардад, эҳсоси пӯстӣ суст мешавад ва оҳиста-оҳиста нобуд

мешавад. Ретсепторҳо хабари навбатиро дар он сурат ба майнаи сар мефиристанд, ки қувваи ангезиш тағйир ёбад.

Фарзияи суст гардидани эҳсосро ба ангезаи доимӣ Е.Н.Соколова дар тадқиқоти худ кӯшиши исбот намудан кардааст. Системаи асаб хусусияти объектҳои олами атрофро нозукона ба модел медарорад, яъне модели асабии онҳоро тартиб медиҳад. Ин модел вазифаи интихоб намудан ё худ филтрро иҷро мекунад. Ҳангоми мувофиқат намудани ангезаи таъсиррасон ба модели асабӣ импулсҳо суст мешаванд.

Ҳамин тариқ, раванди эҳсос ҳамчун системаи амалҳои ҳиссие ба вуҷуд меояд, ки ба шакливазкунии қувваи махсуси таъсироти беруна равона шудааст ва инъикоси воқеии олами иҳотакардаро таъмин менамояд.

Таснифоти эҳсос

Эҳсос аз рӯи меъёрҳои гуногун тасниф карда мешавад. Ҳанӯз аз замонҳои қадим вобаста ба мавҷудияти панҷ узви эҳсос панҷ намуди онро эҳсосро ҷудо менамуданд: бӯй, маза, биноӣ, шунавоӣ ва ломисавӣ (пӯстӣ).

Ин таснифоти эҳсос, ки аз рӯи «моделнокӣ» сурат гирифтааст, дуруст буда, то ҳол эътироф мешавад. Психологи рус Б.Г. Ананев ёздаҳ намуди эҳсосро ҷудо намудааст. А.Р. Лурия бошад, пешниҳод менамояд, ки таснифоти эҳсос бояд дар асоси ду принсип – генетикӣ ва систематикӣ ба роҳ монда шавад.

Кӯшиши аз рӯи принсипи генетикӣ тасниф намудани эҳсос ба неврологи англис Х.Хэд тааллуқ дорад. Ӯ ҳассосии протопатикӣ ва эпикритикро ҷудо намудааст. Ҳассосии протопатикӣ дар фарқият аз эпикритикӣ маҳдудшавии аниқи сарчашмаи ангезишро на дар олами беруна ва на дар ботини организм нишон намедиҳад ва бештар ҳолати субъективиро инъикос менамояд. Мувофиқи психологияи шӯравӣ эҳсос дар давраи филогенез дар заминаи баангезишоии оддитарин ҳамчун ҳассосӣ ба ангеза зоҳир мешавад.

Вобаста ба пайдошавии организми зинда дар раванди таърихӣ, ҳассосии қадима ва навро ҷудо мекунанд. Масалан, эҳсоси масофавӣ нисбат ба расиш хеле навтар аст. Лекин дар дохил худи эҳсоси расиш ҳассосии қадима ва навро ҷудо мекунанд. Масалан, ҳассосӣ ба дард нисбат ба ҳассосии ломисавӣ қадимтар аст.

Аз руи принсипи систематикӣ эҳсоси биноӣ, шунавоӣ, бӯй, маза ва ломисавиро ҷудо мекунанд. Дар дохили ин намудҳои эҳсос метавон таснифоти дигари эҳсосро пешниҳод кард, масалан, фазогӣ ва биноӣ-рангӣ ва ғайра. Дар ин замина физиологи англис Ч.Шеррингтон се синфи асосии эҳсосро ҷудо намудааст.

1. Экстеросептивӣ
2. Интеросептивӣ
3. Проприосептивӣ

Бояд қайд кард, ки ин таснифот вобаста набудани вазифаҳои эҳсосро аз маҳдудшавии морфологии ретсепторҳо ба эътибор намегирад. Масалан, эҳсоси биноӣ метавонад вазифаи муҳими пропросептивиро иҷро намояд.



Нақшаи 4. *Таснифоти ситематикии эҳсос*

Эҳсоси экстеросептивӣ яке аз гурӯҳҳои асосии эҳсос буда, ахбореро қабул мекунад, ки аз олами атроф ба мо омада мерасанд. Ин гурӯҳи эҳсос одамро ба олами атроф пайваст мекунад. Ба ин гурӯҳи эҳсос дохил мешаванд: эҳсоси биной, шунавой, бӯй, маза ва пӯстӣ. Ретсепторҳои ин намуди эҳсос дар узвҳои ҳиссӣ ҷойгир шудаанд.

Эҳсоси экстеросептивиро шартан ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд: расишӣ ва масофавӣ.

Ба эҳсоси расишӣ он эҳсос дохил мешавад, ки ҳангоми таъсири бевоситаи ангеза ба ретсептори мувофиқ ба вуҷуд меояд. Ба эҳсоси расишӣ асосан эҳсоси маза ва пӯстӣ дохил мешаванд. Яъне ин намудҳои эҳсос ҳангоми дар масофаи муайян ҷойгир будани ангеза ба вуҷуд намеояд.

Ба эҳсоси масофавӣ он намудҳои эҳсос дохил мешаванд, ки ҳангоми дар масофаи муайян ҷойгир будани ангеза аз ретсептор ба вуҷуд меоянд. Ба ин гурӯҳи эҳсос эҳсоси бӯй ва махсусан биноӣ ва шунавоӣ дохил мешаванд. Аз ин бармеояд, ки ангезаи дар масофаи дур ҷойгиршуда метавонад эҳсосро ба вуҷуд оварад (масалан, рӯшноӣ).

Доир ба ин намуди эҳсос ҳанӯз 2 ҳазору 100 сол пеш Арасту ақида баён карда буд.

Чӣ хеле ки дар боло қайд кардем, ба эҳсоси экстеросептивӣ панҷ намуди эҳсос – биноӣ, шунавоӣ, буй ва маза дохил мешаванд. Ин таснифот дуруст аст, аммо моҳияти ҳама намуди ҳассосиро дар бар гирифта наметавонад. Барои пурра шудани эҳсоси интеросептивӣ ду намуди дигари эҳсосро илова кардан зарур аст: эҳсоси мобайни ё интермодалӣ ва ғайримахсус.

Маълум аст, ки эҳсоси ломиса дар натиҷаи таъсири механикии ашё ва эҳсоси садо дар натиҷаи таъсири мавҷҳои лапишашон аз 20-30 то 20-30 ҳазор миқдор/сония ба вуҷуд меоянд. Аммо одам имконият дорад, ки мавҷҳои миқдори лапишашон аз шумораи нишондодашуда камтарро низ эҳсос кунад. Ба чунин лапиш ларзиш дохил мешавад, ки зудии лапишаш ба 10-15 миқдор/сония мерасад. Чунин ларзиш на бо гуш, балки бо устухон (косахонаи сар ё панҷаҳо) дарк карда мешавад ва эҳсоси дар шатиҷаи чунин лапиш бавуҷудояндаро ҳассосии ларзиш меноманд. Мисоли оддии чунин ҳассосӣ дарк кардани садо аз тарафи одамони кар шуда метавонад. Маълум аст, ки одамони кар дасташонро дар болои асбоби садопахшкунанда монда, мусиқиро дарк мекунанд ё баъзан садоро туфайли ларзиши фарш ё ҷиҳози хона дарк карда метавонанд. Ҳамин тариқ, ҳассосии ларзиш мисоли эҳсоси интеремодалӣ шуда метавонад, ки дар байни эҳсоси ломиса ва бинои мавқеи мобайниро ишғол менамояд.

Мисоли дигари ҳассосии интермодалӣ дарк кардани баъзе буйҳо ё садоҳои яку якбора бавуҷудоянда, инчунин

идроки садоҳо ва рушноии қуввашон фавқулзиёд мебошад. Ин таъсирот эҳсосеро ба вуҷуд меоваранд, ки дар байни намудҳои гуногуни эҳсос ба монанди эҳсоси ломисавӣ ва шунавоӣ, эҳсоси биноӣ ва дард ва ғайра қарор дошта, дар нахҳои ҳассоси ғайримахсус паҳн мешаванд.

Иловаи дуюм ба таснифоти ғайримуқаррарии эҳсоси экстеросептивӣ мавҷудияти шакли ғайрихоси ҳассосӣ мебошад. Ба чунин «ҳассосии ғайрихос» рангҳискунии пуст – қобилияти дарк кардани тобиши ранг бо пӯсти даст ё нуги ангуштон мисол шуда метавонад. Зуҳуроти рангҳискунии ғайрихос аз тарафи муҳаққиқон А.Н. Леонтев ва дигарон таҳқиқ шудааст. Доир ба ин масъала чунин тадқиқот гузаронида шудааст: ба пӯсти даст шуоҳои рушноии ранга (сабз ё сурх) равона карда мешаванд, ки ҳарорати онҳо тавассути филтри обӣ баробар карда шудааст. Баъд аз шуоафкании такрор ба такрори сигнали рангӣ бо ангезиши дард муайян карда шуд, ки дар шароити диққатдиҳии фаъоли субъект ӯ имконияти фарқ кардани шуоҳои рангаро ба воситаи пӯсти даст дорад, ҳарчанд ин фарққунӣ нофаҳмо ва диффузионӣ аст.

Мавриди қайд аст, ки шаклҳои ҳассосии пурра омӯхтанашудаи дигаре низ вуҷуд доранд. Яке аз ин шаклҳои ҳассоси «эҳсоси масофа»-и (ё «эҳсоси шашум») одамони нобино мебошад. Ин эҳсос ба онҳо имконият медиҳад, ки монеаи аз пешашон баромадаро дар масофаи муайян дарк кунанд. Чунин фарзияе вуҷуд дорад, ки асоси «эҳсоси шашум»-ро ё дарки мавҷҳои гарм аз тарафи пӯсти рӯй ё инъикоси мавҷхои садо аз монеаи дар пеш буда ташкил медиҳанд. Ин намудҳои эҳсос то ҳол пурра омӯхта нашудаанд ва ошкор кардани қонуниятҳои пайдоиш, тараққиёт ва зуҳуроти онҳо ҷузъи таркибии яке аз вазифаҳои илми психология ба шумор меравад.

Эҳсоси интеросептивӣ доир ба ҳолати узвҳои дохилии организм ахборот дода, ба майнаи сар ангезиши аз меъдаю рӯда, дилу системаи гардиши хун ва дигар аппаратҳои дохилӣ оядаро мерасонад. Ин гурӯҳ эҳсоси нисба-

тан қадима ва соддаро дар бар мегирад. Ретсепторҳои ин гурӯҳи эҳсос дар мушаку бофта ва деворҳои узвҳои дохилӣ ҷойгир шудаанд. Импулсҳои пайдошуда баъзан тавассути нахҳои вегататива ва баъзан тавассути ҳароммағз ба майнаи сар рафта мерасанд. Маркази қабулкунандаи импулсҳои интеросептива дар баъзе ҳолатҳо ядрои зери пустлохи майнаи сар ва дар ҳолатҳои дигар аппарати лимбикии (канора) пустлохи майнаи сар мебошад. Аз ин лиҳоз эҳсоси интеросептива яке аз шаклҳои нисбатан фаҳмидашуда ва диффузӣ мебошад ва ба ҳолатҳои эмотсионалӣ наздикӣ дорад. Масалан, дар ҳолат гуруснагӣ ё ташнагӣ кайфияти одам ноҷур мешавад.

Содда ва диффузӣ будани ин намуди эҳсос дар он зоҳир мешавад, ки дар илми психология то ҳол таснифоти аниқи онҳо вуҷуд надорад. Ба эҳсоси интеросептива ҳисси гуруснагӣ, нороҳатӣ дохил мешаванд, ки метавонанд ҳамчун нишонаҳои аввалини беморӣ узвҳои дохилӣ зоҳир шаванд; «ҳисси шиддатнокӣ», ки ҳангоми қонеъ намудани ягон талабот ба вуҷуд меояд ва ҳисси оромӣ ё роҳат, ки дар бораи қонеъ шудани талаботҳо хабар медиҳад.

Дар ҳамаи ин ҳолатҳо эҳсоси интеросептива ҳамчун марҳилаи мобайнӣ дар байни эҳсос ва эмотсия вуҷуд доранд. Гарчанде зуҳуроти субъективии ин эҳсос пурра омӯхта нашуда бошад ҳам, донистани он барои тасвири «ҳолати ботинии беморӣ» ва ташхиси бемориҳои дохилӣ нақши калон мебозад (А.Р.Лурия). Ин эҳсоси пурра фаҳмиданашуда метавонад хеле барвақт зоҳир шуда, зоҳиршавии он шакли ба худ хос дорад: онҳо метавонанд дар шакли «гувоҳи дил» зоҳир шаванд, ки одам наметавонад онро шарҳ диҳад; метавонанд дар хоббинӣ зоҳир шаванд, ки баъзан аз беморшавӣ огоҳ мекунанд (дар асл тағйироти ночизи дар узвҳои дохилӣ пайдошударо инъикос менамоянд). Онҳо дар тағйирёбии ҳолати рӯҳӣ ва аксуламалҳои эмотсионалӣ низ зоҳир шуда, дар кӯдак тез-тез тағйирёбии рафторро ба вуҷуд меоваранд.

Масалан, кӯдаки беморшуда, ки ҳоло тағйирёбиҳои интеросептивиро намефаҳмад, ё нишонаҳои тағйирии рафторро нишон медиҳад ё ба «муолиҷаи зочаи беморшуда» мепардозад, ки ин шаҳодати тағйирёбии эҳсоси интеросептивӣ мебошад.

Аҳамияти объективии эҳсоси интеросептивӣ хеле калон аст. Зеро онҳо танзимгари асосии мувозинати протсесси мубодилаи ботинӣ ё худ гомеостази (дар мувозинат будан) равандҳои мубодилашаванда дар организм мебошад. Ахбори ба таври интеросептивӣ зоҳиршуда рафтореро ба вуҷуд меоварад, ки ба қонеъгардонии майлҳо ё бартарафнамоии шиддатнокии дар натиҷаи вайроншавии мувозинати кори узвҳои дохилӣ пайдо шуда, равона шудаанд. Аз ин лиҳоз баҳисобгирии эҳсоси интеросептивӣ дар «психосоматика» аҳамияти хеле калон дорад (таносуби ҳолатҳои ҷисмӣ ва психикӣ).

Механизмҳои физиологии эҳсоси интеросептивӣ аз тарафи К.М.Биков ва В.Н.Черниговский омӯхта шудаанд. Онҳо механизми фаъолияти рефлекси шартии дар асоси эҳсоси интеросептивӣ бавуҷудомадаро шарҳ додаанд.

Эҳсоси проприосептивӣ ахборро доир ба ҳолати организм дар фазо ва ҳолати такягоҳу ҳаракатӣ таъмин менамояд. Онҳо асоси афферентии ҳаракати одамро ташкил дод, дар танзими онҳо нақши калон мебозанд.

Ретсепторҳои проприосептивӣ дар мушакҳо ва бофтаҳои бадан ҷойгир буда, шакли навбасти махсуси асабиро доранд (навбасти Паччинӣ). Ангезиши дар ин ретсепторҳо бавуҷудомада тағйиротеро инъикос мекунанд, ки ҳангоми кашиш хӯрдани мушакҳо ва тағйир ёфтани ҳолати бофтаҳои бадан пайдо мешаванд, тавассути наҳҳо гузашта, ба воситаи моддаи сафеди ҳароммағз ҳаракат мекунад. Ин ҳаяҷон дар қисмҳои поёнӣ, дар ядрои Голля ва Бурдаха канда мешавад ва ба дигар тараф самт гирифта, ба павастаҳои зерқиширии майнаи сар рафта мерасад. Аз ин лиҳоз, осебёбии роҳи ҳаяҷонгузар ба вайроншавии ҳассосии проприосептивӣ мебарад, ки аломату нишонаҳо-

яш барои невропатологҳо ошноянд. Чунин беморон ҳолати бадани худро дар фазо муайян карда наметавонанд. Ҳангоми вайроншавии ҳассосии проприосептивӣ одам дар рафти ҳаракат душворӣ мекашад, зеро системаи афферентӣ канда шуда, ҳаракат идоранашаванда мегардад.

Дар физиологияи муосир ва психофизиология нақши эҳсоси проприосептивӣ ҳамчун асоси афферентии ҳаракат дар ҳайвонот аз тарафи А.А.Орбели, П.К.Анохин ва дар одам аз тарафи Н.А.Бериштейн омӯхта шудаанд.

Ба гурӯҳи эҳсоси проприосептивӣ ҳассосии махсусе дохил мешавад, ки мувозинати организмро дар фазо инъикос мекунад. Онро эҳсоси мувозинат ё оморӣ меноманд.

Ретсепторҳои он дар каналҳои нимдоираи гӯши дохилӣ ҷойгир шудаанд. Моеъи дар ин канал мавҷудбуда ҳангоми тағйирёбии ҳолати бадан ва махсусан сар ҳолати худро тағйир медиҳад ва ба нӯгҳои торҳои асабӣ таъсир расонда, доир ба ивазшавии ҳолати бадан ахбор медиҳад.

Ҳаяҷони дар натиҷаи чунин ангезиш бавуҷудомада тавассути наҳҳои дар дохили асабҳои шунавоӣ мавҷудбуда ҳамчун ҷузъи он мегузарад ва ба минтақаи фарқӣчаккагии пӯстлохи майнаи сар ва аппарати мағзча раҳсипор мешавад.

Дар фарқият аз аппарати ҳассосии кинестикӣ (амиқ) аппарати ҳассосии вестибулярӣ бо эҳсоси биноӣ алоқаи зич дорад, зеро ҳассосии биноӣ дар раванди дарки фазо иштироки бевосита дорад. Аз ин лиҳоз, агезишҳои хурди биноӣ (масалан, ҳангоми ҳаракат бо мошин) мутавонанд эҳсоси вайроншавии мувозинат ва қайкуниро ба вуҷуд оваранд.

Хусусиятҳои эҳсос

Эҳсос шакли инъикоси таъсири ангезаҳое мебошад, ки ба узвҳои ҳис таъсир мерасонад. Масалан, эҳсоси биноӣ дар натиҷаи таъсири мавҷҳои электромагнитӣ пайдо мешавад, ки дар анализатори биноӣ ба импулси

асабӣ табдил ёфта, ҳаяҷон ва эҳсоси мувофиқро ба вуҷуд меоварад.

Намудҳои гуногуни эҳсос дорои як қатор хусусиятҳои умумӣ мебошад. Хусусиятҳои асосии эҳсос инҳоянд:

Сифати эҳсос – хусусияти асосии эҳсос мебошад, ки онро аз дигар намудҳои эҳсос фарқ мекунонад ва дар доираи худи ҳамон намуди эҳсос тағйир ёфта меистад. Масалан, эҳсоси садо аз рӯи баландии садо ва тозагии он фарқ мекунад, эҳсоси биноӣ аз рӯи пасту баландии тобиши ранг.

Интенсивнокии эҳсос – тавсифи миқдорӣ буда, бо қувваи таъсири ангеза муайян карда мешавад. Масалан, қувваи садо чӣ қадаре, ки баланд бошад, интенсивнокии садо ҳамон қадар баланд мешавад. Аз тарафи дигар интенсивнокии эҳсос ба ҳолати ретсептроҳо низ вобаста аст. Масалан, эҳсоси садо дар одамони гуногун вобаста ба хусусиятҳои ретсептори садояшон интенсивнокии гуногунро ба вуҷуд меоварад.

Давомнокии эҳсос – аз рӯи давомнокии таъсири ангеза муайян карда мешавад ва эҳсосро ар рӯи давомнокиаш тавсиф медиҳад. Ин хусусият инчунин бо ҳолати функсионалии узви эҳсос ва махсусан вақти таъсири ангеза ва интенсивнокии он муайян карда мешавад. Мавриди қайд аст, ки эҳсос дорои вақти ниҳони мебошад. Ҳангоми таъсири ангеза ба узви ҳиссӣ эҳсос на дарҳол, балки баъд аз гузаштани вақти муайян пайдо мешавад. Давраи ниҳонии эҳсоси гуногун аз якдигар фарқ доранд. Масалан, ин давра барои эҳсоси пустӣ 130 мс, барои эҳсоси дард 370 мс, ва барои эҳсоси маза 50 мс.-ро ташкил медиҳад.

Эҳсос бароробари таъсири ангеза пайдо шудаву бо нобудшавии он аз байн намеравад. Ин бефаъолиятии эҳсос ба таври пайгирона сурат мегирад. Масалан, эҳсоси биноӣ дорои бефаъолиятие мебошад, ки баъд аз қатъ шудани таъсири ангеза дарҳол гум намешавад. Нақш аз таъсири ангеза дар шакли образи пайгир боқӣ мемонад. Образҳои пайгири мусбат ва манфиро фарқ мекунанд.

Образҳои мусбати пайгир бо ангезаи аввала мувофиқат мекунанд ва дар шакле боқӣ мемонанд, ки бо сифати ангезаи таъсиррасон мувофиқ аст. Образҳои манфии пайгир дар пайдоиши он сифати эҳсос ифода меёбанд, ки бо сифати ангезаи таъсиррасон муқобил аст. Масалан, рушноӣ-торикӣ, вазнинӣ-сабукӣ, гармӣ-сардӣ, гуруснагӣ-серӣ ва ғайра. Пайдоиши образҳои пайгири манфӣ бо камшавии ҳассосии ретсептор ба таъсироти мувофиқ шарҳ дода мешавад.

Мавриди қайд аст, ки ба эҳсос маҳдудшавии фазогии ангеза хос аст. Таҳлили ретсепторҳо нишон медиҳад, ки маҳдудшавии ангеза дар фазо вуҷуд дорад ё мо метавонем гуем, ки рушноӣ аз куҷо меояд, сарчашмаи гармӣ дар куҷост, кадом узви бадани мо дард мекунад ва ғайра. Ин падидаро низ ҳамчун хусусияти эҳсос қабул намудан мумкин аст.

Ҳассосӣ ва зинаҳои он

Ҳамаи хусусиятҳо фавқулзикр дар ин ё он дараҷа тавсифи сифатии эҳсосро инъикос менамоянд. Аммо бояд зикр намуд, ки тавсифи миқдории эҳсос низ дар психологияи амалӣ мавқеи махсусро ишғол менамояд. Тавсифи миқдории эҳсос гуфта **ҳассосиро** дар назар доранд. Мавриди қайд аст, ки на ҳар ангеза имконияти ба вуҷуд овардани эҳсосро дорад. Ангезаи қувваш бениҳоят суст эҳсосро ба вуҷуд оварда наметавонад. Масалан, рӯзона дар осмон ситораҳо мавҷуданд, вале мо онҳоро намебинем. Ҳассосӣ бо он қувваи пастарини ангеза муайян карда мешавад, ки қобилияти ба вуҷуд овардани эҳсосро дорад. Тавсифи психологии алоқамандии байни интенсивнокии эҳсос ва қувваи таъсири ангеза мафҳуми зинаҳои эҳсос ё зинаҳои ҳассосиро ба вуҷуд меоварад.

Узвҳои ҳиссии одам дар воқеъ аппаратеро мемонанд, ки бениҳоят нозук кор мекунад. Академик С.И. Вавилов ба таври экспериментӣ муайян намудааст, ки чашми одам метавонад рушноии 0,001 свечро (воҳиди рушноӣ)

дар масофаи як километр фарқ кунад. Қувваи ин ангеза то андозае суст аст, ки барои бо ёрии он то ҳарорати 1° гарм кардани 1см^3 об 60 000 сол лозим аст. Шояд ягон асбоби физикӣ дорои чунин ҳассосӣ набошад. Вобаста ба ин падида яке аз қонуниятҳои асосии эҳсосро **ҳассосӣ** ташкил медиҳад.

Ду намуди ҳассосиро фарқ мекунанд: ҳассосии мутлақ ва ҳассосӣ ба фарққунӣ. Зери ҳассосии мутлақ қобилияти эҳсос кардани ангезаҳои суст ва зери ҳассосӣ ба фарққунӣ қобилияти фарқ кардани тафовути сустро байни ангезаҳо дар назар доранд.

Ҳассосии мутлақ дар навбати худ, дорои ду зина мебошад: паст ва баланд. Чӣ хеле, ки дар боло қайд кардем, на ҳар ангеза қобилияти ба вуҷуд овардани эҳсосро дорад ва барои ба вуҷуд омадани эҳсос лозим аст, ки ангеза бо қувваи муайян ба узви ҳиссӣ таъсир расонад, яъне қувваи таъсираш бузургии муайян дошта бошад.

Он қувваи камтарини ангеза, ки эҳсоси аввалинро ба вуҷуд меоварад *зинаи пасти мутлақи эҳсос* ном дорад. Ангезаҳое, ки қуввашон аз ин камтар аст, эҳсосро ба вуҷуд намеоваранд, аммо ин маънои онро надорад, ки онҳо ба организм ягон хел таъсир намерасонанд. Тадқиқоти физиологи рус Г.В. Гершуни нишон додаанд, ки ангезишҳои овозии қувваашон аз зинаи пасти мутлақ сусттар метавонанд тағйиротро дар фаъолии электрикии майна ва васеъшавии гавҳараки чашм ба вуҷуд оваранд. Аз ин лиҳоз, Г.В. Гершуни минтақаи таъсири ангезаҳои бавуҷуднаоварандаи эҳсосро «минтақаи субсенсорӣ» номидааст.

Зинаи баланди мутлақи ҳассосӣ – қувваи сахттарини таъсири ангеза, ки дар натиҷаи он эҳсоси мувофиқи ангезаи амалкунанда ба вуҷуд меояд. Қувваи аз ин зиёди таъсири ангеза эҳсоси дард ва нофорамро ба вуҷуд меоварад.

Омӯзиши зинаҳои эҳсос ба фаъолияти физик, психолог ва файласуфи олмонӣ Г.Т. Фехнер алоқамандӣ дорад. Ӯ ин масъаларо ҳамчун табиатшинос таҳқиқ намуда, ра-

ванди ба вуҷуд овардани образи психикиро чунин тасвир намудааст:

Ангеза -› Ҳаяҷон -› Эҳсос -› Муҳокима
Физика -› Физиология -› Психология -› Мантиқ

Идеяи муҳими Фехнер дар он буд, ки ӯ аввалин шуда тадқиқи эҳсосҳои оддитаринро ба доираи тадқиқоти психологӣ ворид намуд. То ин давра чунин ақидае вуҷуд дошт, ки тадқиқи эҳсосҳои оддитарин ба салоҳияти психологҳо дохил намешавад.

Ба ақидаи Фехнер, сарҳади ҷӯсташаванда дар он ҷое қарор дорад, ки эҳсос дар он ҷо сар мешавад. Бузургии ангезаеро, ки эҳсос аввалинро ба вуҷуд меоварад, Фехнер зинаи пасти мутлақ номид. Фехнер барои муайян намудаи ин зина методеро коркард намудааст, ки то ҳол ба таври васеъ истифода мешавад. Ин тадқиқоти Фехнер хусусияти навовариро дошт. Ӯ чунин ақида дошт, ки одам наметавонад бевосита эҳсоси худро миқдоран баҳо диҳад ва методи «бевосита»-ро пешниҳод намуд. Тавассути ин метод муносибати байни бузургии ангеза ва интенсивнокии эҳсосро миқдоран тавсиф додан иконпазир аст. Масалан, мо мехоҳем муайян намоем, ки озмудашаванда кадом қувваи камтарини садоро метавонад эҳсос намояд, яъне зинаи пасти мутлақи эҳсос садо. Дар ин ҳолат ченкунӣ ба воситаи методи тағйироти камтарин чунин гузаронида мешавад: ба озмудашаванда дастур дода мешавад, ки шунидани садоро бо ҷавоби «ҳа» ва умуман нашунидани онро бо ҷавоби «не» тасдиқ намояд. Сипас дар ҳар як пешниҳод бузургии қувваи садо кам карда мешавад. Ин амал то даврае идома дода мешавад, ки ҷавоби озмудашаванда тағйир ёбад. Масалан, ба ҷои «ҳа» ӯ «не» мегӯяд.

Бузургии ангезише, ки дар он ҷавоби озмудашаванда тағйир меёбад, бо зинаи гумшавии эҳсос мувофиқат мекунад (P_1). Дар даври дуюм ба озмудашаванд ангеза бо ҳамон қуввае пешниҳод мешавад, ки ӯ садоро умуман

намешунавад. Сипас бо такрор шудани амал бузургии қувваи садо зиёд карда мешавад, то ҳолате, ки ҷавоби озмудашаванд тағйир наёбад, ягне аз «не» ба «ҳа». Ин қувваи ангеза бо зинаи пайдошавии эҳсос мувофиқат мекунад (P_2). Мавриди қайд аст, ки зинаи гумшавии эҳсос танҳо дар баъзе ҳолатҳо метавонад бо зинаи пайдоиши он мувофиқат кунад. Дар ин амал ду ҳолат имконпазир аст:

$$P_1 > P_2 \text{ ё } P_1 < P_2.$$

Маълум аст, ки зинаи мутлақ (Stp) ба миёнаи арифметикии зинаҳои гумшавӣ ва пайдоиш баробар аст:

$$Stp = (P_1 + P_2)/ 2$$

Бо ҳамин усул *зинаи баланди мутлақи эҳсос* низ тадқиқ карда мешавад. Ин зина нишондиҳандаи қуввааст, ки дар он эҳсос мувофиқи ангеза анҷом меёбад. Зинаи баланди мутлақро баъзан зинаи дард низ мегӯянд, зеро ҳангоми таъсири ангеза бо ин қувва мо дардро эҳсос мекунем. Масалан, дард дар гӯш ҳангоми шунидани садои баланд, халла задании чашм ҳангоми таъсири рӯшноии баланд ва ғайра.

Зинаҳои мутлақ – паст ва баланд – сарҳади имконпазири эҳсоси моро муайян мекунанд. Дар монандӣ бо асбобҳои ченкунӣ зинаҳои ҳассосӣ фосилаеро муайян мекунанд, ки дар он системаи сенсорӣ метавонад ангезаро чен кунад. Бузургии зинаи мутлақ бузургии ҳассосиро муайян мекунад. Мавриди қайд аст, ки чӣ қадаре қувваи таъсир суст бошад, ҳамон қадар ҳассосӣ баланд аст.

Ҳамин тариқ, ҳассосии мутлақ миқдоран ба бузургие баробар аст, ки бо зинаи мутлақи эҳсос мутаносиби чаппа мебошад. Агар ҳассосии мутлақро бо ҳафи «Е» ва бузургии зинаи мутлақро бо ҳарфи «Р» ифода кунем, он гоҳ алоқаи ҳассосии мутлақ ва зинаи мутлақро бо формулаи зерин ифода кардан мумкин аст:

$$E= 1/P$$

Анализаторҳои гуногун дорои дараҷаи мухталифи ҳассосӣ мебошанд. Ҳассосии мутлақи анализатор ҳам аз зинаи паст ва ҳам аз зинаи баланди мутлақи эҳсос вобастагӣ дорад. Бузургии зинаҳои мутлақ, ҳам паст ва ҳам баланд дар вобастагӣ аз шароитҳои гуногун тағйир меёбанд: характери фаъолият ва синну соли одам, ҳолат функсионалии ретсептор, қувва ва давомнокии таъсири ангеза ва ғайра.

Тавсифи дигари ҳассосӣ ин ҳассосӣ ба фарқкунӣ мебошад. Ин қонуниятро мухтасар шарҳ медиҳем: агар мо ба дасти одам ашёи вазнаш 100 граммро гузорем ва сипас ба он 1 грамм илова кунем, ин иловакунӣ ё тағйиротро дар вазн одам эҳсос намекунад. Барои он, ки тағйиротро дар вазн ҳис кунем, ба вазни аввала миқдоран вазни муайян бояд илова карда шавад. Ҳамин тариқ, *зинаи фарқкунии ҳассосӣ* ин иловакунии камтарин ба қувваи ангеза мебошад, ки фарқияти намоёнро дар қувва ва сифати эҳсос ба вуҷуд меоварад. Бузургиҳои зинаи фарқкунии ҳассосӣ барои эҳсосҳои алоҳида гуногун аст: барои эҳсоси биноӣ 1/100, эҳсоси шунавоӣ 1/10, эҳсоси фишор 1/30 ва ғайра.

Ҳанӯз соли 1760 физики франсуз П. Бургер ҳангоми тадқиқи рӯшноӣ далели муътамадеро пешниҳод кард, ки ба бузургии зинаи фарқкунӣ мутааллиқ аст: барои он ки тағйирёбии рӯшноӣ эҳсос карда шавад, бояд нурпошии рӯшноӣ ба дараҷаи муайян тағйир дода шавад. Тағийрёбии нурпошии рӯшноиро дар бузургии кам мо бо ёрии ягон узви ҳиссӣ эҳсос карда наметавонем. Баъдтар дар нимаи якуми асри XIX олими олмонӣ Вебер М. эҳсоси вазнро тадқиқ намуда, ба хулосае омад, ки объектҳоро муқоиса намуда, фарқияти байни онҳоро мушоҳида карда, мо на фарқияти байни онҳо, балки муносибати фарқкунандаро ба бузургии объектҳои қиёсшаванда идрок мекунем. Масалан, агар барои эҳсос кардани фарқият ба ашёи

вазнаш 100 грамм 3 грамм илова кардан лозим бошад, он гоҳ ба ашёи вазнаш 200 грамм бояд 6 грамм илова намуд.

Тадқиқотҳои минбаъда нишон доданд, ки ин қонуният дар дигар намудҳои эҳсос низ ҷой дорад. Масалан, агар рӯшноии аввалаи хона 100 люкс бошад, пас иловакунии рӯшноие, ки мо эҳсос мекунем, бояд на камтар аз 1 люксро ташкил диҳад. Агар рӯшноии аввала 1 000 люкс бошад, он гоҳ ба он бояд 10 люкс илова намуд. Ҳамин тариқ, зинаи фарқкунии эҳсос бо муносибати

$$\Delta I / I$$

муайян карда мешавад, ки дар ин ҷо ΔI – бузургиест, ки бо иловакунии он қувваи аввала тағйир меёбад, яъне бузургии иловакунӣ; I – бузургии ангезаи амалкунанда. Дар баробари ин, тадқиқот нишон дод, ки бузургии фарқкунӣ, ки ифодакунанадаи зинаи фарқкунӣ мебошад, барои анализатори мушаххас доимӣ мемонад.

Ин таносуб барои анализатори биноӣ тақрибан 1/1000, барои шунавоӣ – 1/10, барои анализатори пӯстӣ - 1/30-ро ташкил медиҳад. Ҳамин тариқ, зинаи фарқкунӣ дорои бузургии мутаносиби доимӣ мебошад, яъне ҳамавақт дар шакли таносуб ифода меёбад. Ин таносуб нишон медиҳад, ки барои ба вуҷуд омадани фарқият дар эҳсос бояд ба бузургии таъсири аввалӣ чӣ қадар қувва илова карда шавад. Ин ҳолат ба худ номи қонуни Бугер-Веберро гирифтааст. Қонуни мазкурро дар шакли математикӣ чунини ифода кардан мумкин аст

$$\mathbf{\Delta I / I =} \ const,$$

ки дар ин ҷо *const* (константа) – бузургии доимии тавсифдиҳандаи зинаи фарқкунии эҳсос мебошад.

Ба маълумоти экспериментали Вебер такя намуда, олими дигари олмонӣ Г. Фехнер қонуниятеро коркард намуд, ки бо номи «қонуни Фехнер» маъруф аст. Моҳияти ин қонун чунин аст: агар интенсивнокии ангеза дар шакли прогрессияи геометрӣ зиёд шавад, он гоҳ эҳсос дар шакли

прогрессияи арифметикӣ зиёд мешавад. Ба таври дигар гӯем, интенсивнокии эҳсос таносубан бо логарифми интенсивнокии ангеза меафзояд. Агар ангеза чунини қаторро ташкил диҳад: 10; 100; 1000; 10 000, он гоҳ интенсивнокии эҳсос дар чунин таносуб ифода меёбад: 1; 2; 3; 4. Мазмуни асосии ин қонуният дар он ифода меёбад, ки интенсивнокии эҳсос дар таносуби пурра бо тағийрёбии ангеза не, балки оҳистатар меафзояд. Дар шакли математикӣ вобастагии интенсивнокии эҳсос аз қувваи ангеза бо формулаи

$$S = K * LgI + C,$$

ифода карда мешавад, ки дар ин ҷо: S – интенсивнокии эҳсос; I –қувваи ангеза; K ва C –константҳо мебошанд. Формулаи мазкур ҳолатеро ифода мекунад, ки бо номи қонуни асосии психофизикӣ ё «қонуни Вебер-Фехнер маълум аст.

Бояд қайд кард, ки доир ба ин масъала олими амрикоӣ С. Стивен низ қонуятеро коркард ва пешниҳод намудааст, ки бо номи «қонуни Стивенс» машҳур аст.

Шояд саволе ба миён ояд, ки кадоме аз ин қонуниятҳо бузургии зинаи фарқкунии эҳсосро аниқтар муайян мекунад. Дар таърихи омӯзиши эҳсос перомуни муайян кардани бартарияти ин қонуниятҳо кӯшишҳои зиёде ба чашм мерасанд. Яке аз ин кӯшишҳо ба муҳаққиқ Ю.М. Забродин тааллуқ дорад. Ӯ дар натиҷаи омӯзиши ҳар ду қонун қонуни наверо пешниҳод намуд, ки мухолифати байни ин қонунҳоро бартараф месозад. Маҳз аз ин ҷиҳат қонуни пешниҳоднамудаи Ю.М. Забродинро «қонуни психофизикии ҷамъбастшуда» меноманд.

Мутобиқшавӣ ва таъсири мутақобилаи эҳсос

Хусусиятҳои эҳсосро мавриди таҳлил қарор дода, баъзе зуҳуротеро таҳлилу баррасӣ намудан мебояд, ки ба эҳсос

алоқаи бевосита доранд. Албатта хато мебуд, агар мо гӯем, ки зинаи мутлақ ва фарқукнии эҳсос бетағйир мемонанд ва бузургиашон тағйирнопазир аст. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ҳассоси метавонад дар доираи калон тағйир ёбад. Ин тағйирёбӣ метавонад ҳам аз шароитҳои муҳити беруна ва ҳам аз як қатор шароитҳои ботинӣ (физиологӣ ва психологӣ), таъсироти кимиёвӣ, мақадгузории субъект ва ғайра вобаста бошад.

Ду шакли асосии тағйирёбандагии ҳассосиро фарқ мекунанд. Яке аз онҳо аз шароитҳои беруна вобастагӣ дошта, *мутобиқшавии ҳиссӣ* ном дорад, дигар бошад вобаста аст аз ҳолати организм ва *сенсибилизатсия* номгузорӣ шудааст. Ин ду шакли тағйирёбии ҳассосиро муфассал шарҳ медиҳем.

Мутобиқшавии ҳиссӣ. Маълум аст, ки дар торикӣ ҳассосии биноии мо баланд мешавад, дар рӯшноӣ бошад, баръакс паст. Ин ҳодисаро ҳангоми гузариш аз ягон ҷойи торик ба ҷойи равшан ё баръак аз ҷойи равшан ба ҷои торик мушоҳида кардан мумкин аст. Дар ҳолати якум одам муваққатан «нобино» мешавад ва як фосилаи муайяни вақт зарур аст, ки чашм ба торикӣ мутобиқ шавад. Дар ҳолати дуюм зуҳуроти баъакс ҷой дорад. Аз ин бармеояд, ки дар алоқамадӣ бо муҳити беруна ҳассосии биноӣ яку якбора тағйир меёбад. Чӣ тавре, ки тадқиқотҳо нишон доданд ин тағйирёбӣ хеле бузург аст ва ҳассосии чашм дар торикӣ то 200 000 маротиба меафзояд.

Мутобиқшавӣ дар он ифода меёбад, ки ҳангоми таъсири ангезаи пурқувват ба узви эҳсос ҳассосӣ паст мешавад ва ҳангоми таъсири ангезаи қувваш суст ё мавҷуд набудани ангеза бошад, ҳассосӣ меафзояд. Ҳамин тариқ, мутобиқшавии узви эҳсосро ба таъсири ангезаи таъсироташ давомдор мутобиқшавии ҳиссӣ меноманд.

Чунин тағйирёбии ҳассосӣ яку якбора ба вуҷуд намеояд, балки вақти муайянро талаб мекунад. Ин вақт барои ҳамаи узвҳои эҳсос якхела нест. Масалан, барои он, ки чашм дар хонаи торик ҳассосии заруриро пайдо кунад

қариб 30 даққиқа лозим аст. Мутобиқшавии узви шунавоӣ бошад тезтар ба вуҷуд меояд. Шунавоии одам ба муҳити атроф баъд аз 15 сония сурат мегирад. Чунин тез сурат гирифтани мутобиқшавиро дар эҳсоси ломисавӣ низ мушоҳида кардан мумкин аст.

Ба мо зуҳуроти мутобиқшавӣ ба гармӣ низ маълум аст (мутобиқшавӣ ба ҳарорати муҳити атроф). Аммо ин зуҳурот танҳо дар фосилаи мобайнӣ сурат мегирад ва мутобиқшавӣ ба гармӣ ё сардии сахт қариб мушоҳида намешавад. Ин хусусият ба эҳсоси дард низ хос аст.

Ногуфта намонад, ки мутобиқшавии узвҳои эҳсос асосҳои физиологии худро дорад ва протсессҳои физиологии он ҳам дар худи ретсептор ва ҳам дар қисми марказии анализатор сурат мегиранд.

Ҳамин тариқ мутобиқшавӣ яке аз намудҳои муҳимтарини тағйирёбӣ маҳсуб мешвад ва ифодагари нозукии организм дар мутобиқавиаш ба муҳит мебошад.

Сенсибилизатсия. Раванди сенсибилизатсия аз мутобиқшавии ҳиссӣ дар ду муносибат фарқ мекунад. Аз як тараф, агар дар рафти мутобиқшавӣ ҳассосӣ ба ду тараф тағйир ёбад, яъне баланд ё паст шавад, пас дар раванди сенсибилизатсия ҳассосии узви эҳсос танҳо ба як тараф тағйир меёбад, яъне баланд мешавад. Аз тарафи дигар, агар тағийрёбии ҳассосӣ дар раванди мутобиқшавӣ аз шароити муҳити беруна вабастагӣ дошта бошад, он гоҳ раванди сенсибилизатсия бевоста аз ҳолати худи организм – физиологӣ ё психологӣ вобастагӣ дорад.

Лурия А.Р. ду тарафи афзоиши ҳассосиро дар раванди сенсибилизатсия фарқ мекунад: яке аз онҳо характери дарозмуддат ва доимӣ дошта, аз тағйиротҳои устувори дар организм бавуҷудоянда вобастагӣ дорад; тарафи дуюм характери кутоҳмуддатро доро буда, аз таъсироти ногаҳонию фаврӣ ба ҳолати субъект (физиологӣ ё психологӣ) вобаста мебошад. Ба гурӯҳи якуми шароитҳое, ки ҳассосиро тағйир медиҳанд синну сол, шароитҳои типологӣ, тағийротҳои эндокринӣ ва ҳолати умумии субъект,

ки бо мондашавию беҳолӣ алоқаманд мебошанд, дохил мешаванд.

Шароитҳои гурӯҳи дуюмро асосан омилҳои фаврӣ ташкил медиҳанд, ки характери кӯтоҳмуддатро доранд. Ба ин ин омилҳо пеш аз ҳама таъсиррасонии формокологӣ ва мақсадгузории субъектро дохил намудан мумкин аст.

Боз як зуҳуроти дигаре вуҷуд дорад, ки дар доираи қонуниятҳои эҳсос онро таҳлилу баррасӣ кардан лозим аст. Маълум аст, ки анализаторҳорҳо дар алоҳидагӣ фаъолият намекунанд ва кори як анализатор ба фаъолияти анализатори дигар таъсир мерасонад. Аз ин ҷиҳат интенсивнокии эҳсос на танҳо аз қувваи ангеза ва дараҷаи мутобиқшавии ретсептор, балки аз ангезаҳои дар ин лаҳза ба дигар узвҳои ҳиссӣ таъсиррасонанда ҳам вобастагӣ дорад. Тағйирёбии ҳассосии анализаторро дар зери таъсири ангезиши дигар узвҳои ҳиссӣ *алоқаи байниҳамдигарии эҳсос* меноманд.

Ду намуди таъсири байниҳамдигарии эҳсосро фарқ мекунанд:

1. Таъсири байниҳамдигарии эҳсосҳои як намуд.
2. Таъсири байниҳамдигарӣ байни эҳсосҳои намудҳои гуногун.

Таъсири байниҳамдигарии эҳсосҳои намудҳои гуногунро дар мисоли тадқиқоти академик П.П. Лазарев шарҳ додан бамаврид аст. Ӯ исбот намудааст, ки эҳсоси рушноӣ сифати эҳсоси шунавоии садоро баланд мекунад, яъне эҳсоси рушноӣ ҳассосии садоҳискуниро афзоиш медиҳад. Дар ин доира тадқиқоти С.В. Кравков низ хеле ҷолиб аст. Кравков С.В. муайян намудааст, ки як анализатор бидуни таъсиррасонӣ ба фаъолияти дигар узвҳои эҳсос фаъолият намекунад. Ҳамин тариқ маълум шуд, ки ангезаи овозӣ (масалан ҳуштак) метавонад кори эҳсоси биноиро тезонад ва ҳассосии онро ба ангезаҳои рӯшноӣ баланд кунад. Ба ин монанд баъзе бӯйҳо метавонанд ба кори анализатори шунавоӣ таъсир расонида, ҳассосии онро баланд ё паст кунанд. Ҳамаи анализаторҳои мо имкон доранд, ки дар ин

ё он дараҷа ба якдигар таъсир расонанд. Мавриди қайд аст, ки таъсири байниҳамдигарии эҳсос низ чун мутобиқшавии ҳиссӣ дар ду шакл зоҳир мешавад: ҳассосиро баланд ё паст мекунад. Қонунияти умумӣ дар он аст, ки ангезаҳои қувваашон суст ҳассосиро баланд мекунанд ва ангезаҳои қувваашон баланд бошад баръакс, ҳассосии анализаторҳоро дар рафти таъсири байниҳамдигарӣ коҳиш медиҳанд.

Ҳолати ба ин монандро ҳангоми таъсири байниҳамдигарии эҳсосҳои як намуд низ мушоҳида кардан мумкин аст. Масалан, дар торикӣ ягон доғро дар заминаи сафед дидан осонтар аст. Зуҳуроти ин қонуниятро дар мисоли эҳсоси биноӣ пурратар дида мебароем: ранги хокистарранг дар заминаи ранги сафед сиёҳчатоб ва дар заминаи ранги сиёҳ сафедчатоб менамояд.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки роҳҳои баланд бардоштани ҳассосии узвҳои эҳсос вуҷуд доранд. Баландшавии ҳассосиро дар натиҷаи таъсири байниҳамдигарии анализаторҳо ё машқкунӣ *сенсибилизатсия* меноманд.

Таъсри байниҳамдигарии эҳсосро инчунин дар зоҳиршавии дигар қонунияти эҳсос дарёфт кардан мумкин аст, ки онро *синестезия* меноманд. Синестезия - ин дар зери таъсири ангезаи як анализатор ба вуҷуд омадани эҳсоси ба дигар анализаторҳои тааллукдошта мебошад. Дар психология зуҳуроти «шунавоии ранга» маълум аст, ки дар бисёр одамон мушоҳида мешавад ва дар санъати эстрада низ аз он васеъ истифода мебаранд.

Лозим ба ёдоварӣ аст, ки зуҳуроти синестезия дар баъзе одамон хеле равшан зоҳир мешавад. Зоҳиршавии синестезия боз яке аз нишондиҳандаҳои таъсири байниҳамдгарии системаи анализатории организми инсон, яклухтии инъикоси ҳиссии олами воқеӣ мебошад.

4.2. Идрок

Тавсифи умумии идрок

Дар мавзӯи қабли мо шакли нисбатан соддаи инъикоси воқеиятро дида баромадем, ки туфайли он одам аломату хусусиятҳои иятҳои алоҳидаи ашёю ҳодисоти олами воқеиро ҳангоми таъсири бевоситаашон ба организм инъикос мекунад. Ашёю ҳодисоти олами воқеӣ дорои аломату хусусиятҳои гуногун мебошанд ва одам ин аломату хусусиятҳоро дар алоқамандии байниҳамдигарӣ эҳсос мекунад, чунки олам олами ашёю ҳодисаҳо аст, на олами рангҳо, бӯйҳо, садоҳо ва ғайра. Маҳз дар натиҷаи чунин якҷояшавии эҳсоси маҳдудшуда ба идроки яклухт табдил меёбад ва одам аз инъикоси аломату хосиятҳои алоҳида ба инъикоси образи яклухти ашёю ҳодисот мегузарад. Бинобар ин фарқияти асосии идрок аз эҳсос - ин предметнокӣ ва фаҳмидашавандагии он чизҳое мебошад, ки ба мо таъсир мерасонанд, яъне инъикоси олами воқеӣ дар маҷмӯи ҳамаи хусусиятҳои он ё ба таври дигар инъикоси яклухти ашё.

Одам дар ҳақиқат ашёю ҳодисаҳоро инъикос карда, образи яклухти онҳоро ба вуҷуд меоварад. Ин образ дар натиҷаи фаъолияти якҷояи анализаторҳои гуногун пайдо мешавад. Ҳамин тавр, мо инъикоси аломату хосиятҳои алоҳидаи ашёю ҳодисаҳоро ба образи яклухт, яъне образи идрок табдил медиҳем.

Идрок инъикоси яклухт ва томи образи ашёю ҳодисоти олами беруна ҳангоми таъсири бевоситаи ангезаҳо ба ретсепторҳои мувофиқ мебошад. Идрок протсесси мураккаби психикӣ буда, дар якҷоягӣ бо эҳсос мегузарад ва дар асоси он ба вуҷуд меояд, вале ҷамъи эҳсос намебошад. Дар баробари ин, ҳама гуна образи персептивӣ дар худ як қатор эҳсосотро фаро мегирад, зеро ҳама гуна ашё ё ҳодиса дорои хусусиятҳои гуногун аст ва ҳар яке аз ин хусусиятҳо новобаста аз якдигар метавонанд эҳсосро ба вуҷуд оваранд. Аммо хато аст, агар гӯем, ки идрок пайвасти механикии эҳсосҳои алоҳида мебошад. Дар асл идроки бутуни ашёю ҳодисот хеле механизми мураккаб аст.

Тадқиқотҳои психофизиологӣ нишон медиҳанд, ки идрок раванди мураккаб буда, фаъолияти таҳлилӣ-таркибиро талаб мекунад. Пеш аз ҳама ахбори дар бораи ашёю ҳодисоти олами беруна гирифтаи мо танҳо натиҷаи як ангезиши оддии узвҳои эҳсос ва ба майнаи сар бурдани ҳаяҷон нест. Дар раванди идрок ҳама вақт ҷузъиётҳои ҳаракатӣ (ламс кардан, палмосидан ва ғайра) ҷой доранд. Аз ин лиҳоз, идрокро ҳамчун фаъолияти персептивӣ шарҳ додан ҷоиз аст. Натиҷаи ин фаъолият тасаввуроти бутун дар бораи ашёе мебошад, ки мо ба он дар ҳаёти воқеӣ вомехӯрем.

Барои ба вуҷуд овардани образи яклухти ашё лозим меояд, ки аз байни хусусиятҳои гуногуни таъсиррасонандаи он (ранг, шакл, буй, маза, ҳаҷм ва ғайра) аломату хусусияти асосию муҳим ҷудо карда шаванд. Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки дар ин марҳилаи бавуҷудоии идрок тафаккур амал мекунад. Дар баробари ин, марҳилаи навбатии идрок якҷоякунии аломатҳои моҳиятӣ ва муқоисаи образи идрокшударо бо донишҳои пешина дар бораи ашё талаб мекунад. Яъне, дар ин марҳила иштироки бевоситаи хотир дар раванди ба вуҷуд овардани образи идрок мушоҳида мешавад. Агар ҳангоми муқоисакунӣ фарзия оид ба ашёи пешниҳодшуда бо ахбори воридшуда мувофиқат кунад, он гоҳ шинохтани ашё ба вуҷуд омада, он идрок мешавад. Агар фарзия бо ахбори воқеии воридшуда мувофиқат накунад, ҷустуҷӯи қарори лозимӣ то даврае идома меёбад, ки ашё шинохта шавад. Ногуфта намонад, ки идроки ашёҳои бароямон шинос (пиёла, миз ва ғайра) ва шинохтани онҳо тезтар ба вуҷуд меояд. Ҳангоми аввалин маротиба идрок кардани ашё протсесси эҳсос пурратар ва равшантар мегузарад ва ҳангоми такрор ба такрор идрок кардани ҳамон як ашё протсесси эҳсос содда шудан мегирад. Баъзан ҳатто инъикоси як аломат ё хусусият кифоя аст, ки образи яклухти ашё ба вуҷуд оварда шавад, яъне он идрок карда шавад. Идрок аз муносибатҳои муайяни байни эҳсосҳо

вобаста аст ва ин алоқамандиҳо дар ҳаёт инъикоси яклухти предмету ҳодисаҳоро ба вуҷуд меоварад.

Дар раванди идрок майлу хоҳиш, зарурат ва масъулияти дарки ашё ё ҳодиса, кӯшиши иродавӣ низ нақши калон мебозанд. Одам барои хубтар дарк кардани ашё маҷбур мешавад, ки фаъолияти шуурашро ба он равона созад ва ин иштироки диққатро дар раванди идрок нишон медиҳад. Роҷеъ ба нақши майлу хоҳиш дар рафти идрок сухан ронда, қайд кардан лозим аст, ки муносибати мо бо чизи идрокшаванда барои раванди идрок аҳамияти калон дорад. Ашё метавонад барои мо шавқовар ё бефарқ бошад, яъне дар мо ҳиссиёти гуногунро бедор месозад. Пӯшида нест, ки мо ашёи бароямон шавқоваро фаъолтар дарк мекунем ва ба ашёи бефарқ баъзан ҳатто эътино ҳам намекунем.

Асосҳои физиологии идрокро фаъолияти таҳлилӣ-таркибии майнаи сар ташкил медиҳад ва системаи алоқаҳои муввақатӣ дар байни анализаторҳо моҳияти ин механизми асабиро ифода менамояд. Таҷрибаҳои И.П.Павлов нишон медиҳанд, ки амалҳои ҷавобӣ на танҳо ба ҳар як таъсиркунандаи алоҳида, балки ба алоқаю муносибатҳои ба ҳам монанди онҳо низ вобаста аст. Идрок протсесси мураккаб ва фаъол аст. Одам ҳангоми идрок ҳаракатҳои гуногуни персептивиро дар алоқамандии байниҳамӣ иҷро мекунад, аз ҳар тараф нигоҳ мекунад, бо дасташ ламс мекунад, бӯй мекашад ва ғайра.

Дар протсесси идрок яке аз узвҳои ҳиссӣ асосӣ ба шумор меравад. Масалан, дар ҳаёти мо аҳамаияти идроки биноӣ ва шунавоӣ нисбатан зиёдтар аст. Идрок омехта ҳам мешавад ва дар ин ҳолат на як, балки ду ва зиёда узви ҳиссӣ иштирок мекунанд. Чунончӣ, ҳангоми тамошои кинои овоздор узви биноӣ ва узви шунавоӣ баробар фаъолият мекунанд. Протсесси идрок мураккаб буда, дар рафти он дигар ҳодисаҳои психикӣ, ба монанди хотир, хаёл, тафаккур, нутқ, диққат, ҳиссиёт ва ғайра дар

алоқамандии байниҳамдигарӣ амал мекунанд. Аз ин лиҳоз, идрокро системаи персептивии одам низ меноманд.

Ҳамин тариқ, идрок раванди мураккаб ва дар баробари ин ягонае мебошад, ки ба шинохтани таъсироти воқеии ҳамон лаҳза расидаистода равона карда шудааст.

Хусусиятҳои асосии идрок

Чӣ хеле ки аз тавсифи умумии идрок бармеояд, ин протсесси психикӣ баъд аз эҳсос зинаи дуюми маърифати оламӣ воқеӣ буда, махсусият ва сохори хоси худро дорад. Албатта, идрок низ чун дигар ҳодисаҳои психикӣ дорои як қатор хусусиятҳое мебошад, ки моҳияти ин протсессро шарҳ медиҳанд. Ба хусусиятҳои асосии идрок дохил мешаванд: пердметӣ будан, яклухтӣ, сохторӣ, константнокӣ, фаҳмидашавандагӣ, апперсепсия ва фаъолӣ.

Предметӣ будани идрок – ин қобилияти инъикос кардани ашё ва зуҳуроти олами беруна на дар шакли маҷмӯи ба якдигар алоқаманднабудаи эҳсос, балки дар шакли ашёи алоҳида мебошад. Мавриди қайд аст, ки предметӣ будан хусусияти модарзодии идрок нест. Пайдоиш, тараққиёт ва зуҳуроти ин хусусият дар раванди онтогенез ба вуҷуд омада, аз соли аввали ҳаёти кӯдак оғоз меёбад. Физиологи рус Сеченов И.М. пешниҳод менамояд, ки предметнокии идрок дар асоси ҳаракатҳое ташаккул меёбад, ки алоқаи кӯдакро бо ашёҳои атроф таъмин менамоянд. Ин хусусият вобаста ба синну сол ва инкишофи ақлӣ рушд меёбад ва идроки ашёҳоро пурратару равшантар месозад.

Хусусияти дигари идрок *яклухтии* он мебошад. Чӣ тавре ки қаблан зикр намудем, дар фарқият аз эҳсос, ки аломату хусусиятҳои алоҳидаи ашёю ҳодисаҳоро инъикос мекунад, идрок образи яклухти ашёро ба вуҷуд меоварад. Ин яклухтӣ дар асоси пайвасткунии ахбори туфайли эҳсос бавуҷудомада оид ба хусусият ва сифатҳои алоҳидаи ашё шакл мегирад. Ҷузъиёти эҳсос байни якдигар ба он дараҷае алоқаи устувор доранд, ки образи яклухт ва томи

ашё ҳатто дар мавриди таъсир расонидани хусусият ё қисмҳои алоҳидаи объект ҳосил карда мешавад. Ин образ дар натиҷаи алоқаи тавассути рефлекси шартӣ байни эҳсосоти алоҳидаи бавуҷудомада пайдо мешавад. Ба таври дигар гӯем, яклухтии ашёи идрокшаванда дар он ифода меёбад, ки ҳатто ҳангоми идроки нопурраи хусусиятҳои алоҳидаи ашёи даркшаванда яклухтанамоии фикрии ахбори қабулшуда то ҳосилнамоии образи бутуни ашёи мушаххас сурат мегирад.

Бо яклухтии идрок *сохторӣ* будани он алоқаи бевосита дорад. Ин хусусият дар он ифода меёбад, ки идрок дар аксар ҳолатҳо проексияи эҳсосоти мо нест ва ҷамъи оддии ин эҳсосот ба шумор намеравад. Мо дар воқеъ сохтори дар натиҷаи ҷамъбасткунии ин эҳсосот ба таври абстрактӣ бавуҷудомадаро дарк мекунем. Масалан, агар одам ягон мусиқиро гӯш кунад, он гоҳ нотаҳои пештар шунидашуда дар шууараш садо додан мегиранд, дар ҳолате, ки аллакай ахбор оид ба садо додани нотаҳои нав омада мерасад. Одатан шунаванда мусиқиро мефаҳмад, яъне сохтори онро дар маҷмӯъ дарк мекунад. Маълум аст, ки нотаи охирон шунидашуда барои пайдоиши чунин фаҳмиш асос шуда наметавонад. Аз ин бармеояд, ки дар шуури шунаванда садо додани мусиқӣ бо алоқаҳои гуногуни ҷузъиётҳои он идома меёбад. Ҳамин тариқ, идрок ба шуури мо сохти ашё ё ҳодисаеро оварда мерасонад, ки мо дар олами воқеӣ ба он вомехӯрем.

Хусусияти дигар ва нисбатан муҳими идрок *константӣ* будани он аст. Ин хусусият дар он ифода меёбад, ки баъзе хусусияти ашёю ҳодисаҳо ҳангоми тағйир ёфтани шароит ба таври мутлақ доимӣ мемонанд, яъне шароит тағйир меёбаду идроки ин хусусиятҳо бетағйир мемонад. Масалан, бо дур шудани мошин аз назди мо акси он дар тӯрпардаи чашм хурд шудан мегирад, лекин мо онро ҳамоно ҳамчун объекти калон идрок мекунем. Маҳз бо шарофати константӣ будани идрок, мо новобаста аз тағйирёбии шароит ашёҳои олами воқеиро ҳамчун доим-

мии мутлақ дарк мекунем. Ин хусусият бештар дар идроки ранг, ҳаҷм ва шакл мушоҳида мешавад.

Мо дар асоси таҷрибаи пешина оид ба хусусияти ашёҳо маълумоти заруриро пайдо мекунем. Ин донишҳои пешина дар бораи ашёҳо бо идроки аёнии ашё пайваст шуда, идроки онро нисбатан доимӣ ва нисбатан дуруст мекунанд. Маҳз иштироки донишҳои пешина оид ба ашё дар раванди идроки кунунии он боис мегардад, ки хусусиятҳои вобаста ба тағйирёбии шароит ивазшуда, ё аз доираи идрок дурмонда ҷуброн мегарданд ва образи дурусти ашё ҳосил карда мешавад. Масалан, агар мо квадратро оҳиста-оҳиста тоб диҳем, акси он дар тӯрпардаи чашм тағйир ёфта, шакли росткунҷаро (ду тарафаш баробар) мегирад, аммо мо як муддат шакли онро квадрат идрок мекунем. Хусусияти ба ин монанд дар идроки ранг хеле хуб мушоҳида мешавад. Маълум аст, ки ангиштпора дар фазои равшан нисбат ба пораи коғази сафед дар нимторикӣ шуоҳои рӯшноиро бештар инъикос мекунад. Аммо ба ин нигоҳ накарда, мо пораи анегиштсангро новобаста аз шароит сиёҳ идрок менамоем.

Лозим ба ёдоварӣ аст, ки идроки ашё на танҳо аз характери ангеза, балки аз худи субъект низ вобастагӣ дорад. Яъне, на чашму гӯш ва пӯсту забону бинӣ, балки одами мушаххас воқеияти атрофро идрок мекунад. Чӣ хеле ки дар боло қайд кардем, дар рафти идрок ҳама вақт таҷрибаи пешинаи одам иштирок мекунад. Вобастагии идрокро аз таҷриба ва донишҳои пештараи одам *апперсепсия* меноманд, ки яке аз хусусиятҳои идрок маҳсуб мешавад.

Масалан, агар барои шинохтан ба мо якчанд ашёи ношиносро пешниҳод намоянд, он гоҳ мо дар ибтидо кӯшиш менамоем то ягон ҷузъиёт ё хусусиятеро ёбем, ки бо ёрии он имконияти тавсиф додани ашёи даркшаванда вуҷуд дошта бошад. Дар рафти идрок барои шинохтан ва мутааллиқ кардани ашё ба ягон гурӯҳ, муқоисаи фарзияи пешниҳодшуда дар бораи чӣ будани ашё бо донишҳои

пешина сурат мегирад. Ҳамин тариқ, дар рафти идрок таҷрибаи пештара фаъол мегардад. Яке аз сабабҳои аз тарафи одамони гуногун ба таври гуногун идрок шудаи ҳамон як ашё низ ҳамин аст.

Дониш ва таҷриба ба аниқӣ ва дурусти идрок таъсири калон мерасонанд. Масалан, донистани забони модарӣ ба мо имконият медиҳад, ки ҳангоми бо ин забон нофаҳмо талаффуз кардан ва сухан рондани ҳамсӯҳбат низ мо мазмуни сухани ӯро дуруст мефаҳмем.

Мазмуни идрок вобаста ба мақсади дар назди худ гузоштаи шахс, маром ва фаъолият, шавқу ҳавас ва равияи ӯ муайян карда мешавад. Масалан, касе, ки ба техника шавқу ҳавас надошта бошад танҳо фарқиятҳои дағалро дар байни навъҳои гуногуни автомобил мебинаду халос. Дар раванди идрок мақсадгузории шахс ва эмотсияҳо нақши калон мебозанд, зеро ба мазмуни идрок таъсир мерасонанд. Масалан, муҳаррири газета хатогиҳои дар матн вуҷуддоштаро ба осонӣ меёбад, на танҳо барои он, ки аз ӯҳдаи ичрои ин кор хуб мебарояд, балки барои он, ки дар рафти фаъолияти касбӣ дар ӯ мақсадгузорӣ ба дарки чунин хатогиҳо ташаккул ёфтааст. Манзараҳои ба ин монандро дар муносибат ба тобиши эмотсионалии ахбори даркшаванда мушоҳида кардан мумкин аст. Масалан, рондаи бомаҳорат метавонад ба садоҳои аз берун оянда умуман эътино накунад, лекин садои доир ба ҳолати автомашина ахборотдиҳандаро зуд дарк мекунад.

Вобаста бо омилҳои гуногун баъзан дар одамон идроки хато ё вайроншудаи ашёю ходисоти олами воқеӣ ба вуҷуд меояд. Ин хусусияти идрокро *иллюзияи идрок* меноманд, ки дар ҳамаи намудҳои идрок дида мешавад. Табиати иллюзия на танҳо бо сабабҳои субъективӣ, ба монанди мақсадгузорӣ, равия, муносибати эмотсионалӣ ва ғайра, балки бо омилҳои физиологӣ ва зуҳуротҳои муҳит (равшаннокӣ, ҷойгиршавӣ дар фазо ва ғайра) низ муайян карда мешавад.

Хусусияти дигари идрок, ки иштироки бевоситаи тафаккурро дар раванди дарки ашёю ҳодисаҳо шарҳ медиҳад фаҳмидашавандагии идрок мебошад. Ҳарчанд идрок дар натиҷаи таъсири бевоситаи ангеза ба узвҳои ҳиссӣ ба вуҷуд меояд, образҳои персептивӣ дорои аҳамияти муайяни маъногӣ мебошанд. Алоқаи идрок ва тафаккур пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки дарки бошууронаи ашё маънои фаҳмидани онро дорад, яъне дохил кардани он ба гурӯҳи майяни ашёҳо, номгузорӣ кардани он. Ҳатто агар ашё бароямон ношинос бошад хам, мо кӯшиш менамоем, ки монандии онро бо дигар ашёҳо ошкор кунем. Раванди фаҳмидашавандагии ахбори даркшавандаро метавон дар шакли нақшаи сохторӣ-мантиқӣ пешинҳод намоем. Дар марҳилаи якуми раванди идрок ҷудокунии маҷмӯи водоркунандаҳо аз ҷараёни ахбор ва қабули қарор дар бораи он, ки онҳо ба ҳамон як объект тааллуқ доранд, сурат мегирад. Дар марҳилаи дуюм, ҷустуҷӯи обарзҳое дар пӯстлохи майнаи сар сурат мегирад, ки ба образи ҳамакнун пайдошуда монандӣ доранд. Марҳилаи сеюм бошад, шомилкунии объекти идрокшударо ба гурӯҳи муайян бо ҷустуҷӯи давомёбандаи аломату нишонаҳои иловагии тасдиқкунанда ё радкунандани қарори қабулшуда дар бар мегирад. Билохира, дар марҳилаи чорум, хулосаи ниҳоӣ доир ба чӣ будани объект бо шарҳи хусусиятҳои идрокнашудаи ба ин объект тааллуқдошта шакл мегирад. Ҳамин тавр, раванди идрок то андозае протсесси интеллектуалӣ мебошад.

Дар доираи шарҳу тафсири хусусиятҳои идрок мавриди баррасӣ қарор додани боз як хусусияти муҳимӣ он – *фаъолии* (ё интихоби будан) идрок зарур аст. Ин хусусият дар он зоҳир меёбад, ки одам аз байни ашёю ходисоти сершумори таъсиррасонанда ҳамонашро интихоб карда, фаъолияти шуурашро ба он равон карда, идрок менамояд, ки дар лаҳзаи додашуда барояш зарур аст. Дигар ашёю ҳодисот дар ин лаҳза ҳамчун заминаи идрок баромад мекунанд. Масалан, ҳангоми гуфтугӯ кардан бо теле-

фонии мобилӣ дар ҷойи серғавғо одам тамоми диққаташро ба садои телефон равона карда, онро фаъолона гуш мекунад ва ба садоҳои аз атроф оянда эътибор намедиҳад. Одам дар ин лаҳза аз садоҳои гуногун маҳз садои телефонро интихоб карда, онро фаъолона идрок мекунад. Аз таҳлили раванди идрок ба хулосае омадан мумкин аст, ки фаъолнокии идрок аз табиати худи шуур бармеояд.

Таснифоти идрок

Ҳангоми шарҳ додани хусусиятҳои асосии идрок мо дидем, ки ин протсесси писхикӣ дорои хусусиятҳои ба худ хос аст ва ин хусусиятҳо на дар алоҳидагӣ, балки дар алоқамандӣ бо якдигар зоҳир мешаванд. Дар ин ҷо саволе ба миён меояд, ки намудҳои идрок кадомҳоянд? Аз таҳлили адабиёти муосири психологӣ бармеояд, ки роҷеъ ба ин масъала равияҳои гуногун вуҷуд доранд. Таснифоти бештар маъмули идрок аз рӯи се меъёр ба намудҳо ҷудо кардани он мебошад, ки онро дида мебароем. Маълум аст, ки дар рафти идроки ашёю ҳодисаҳо анализаторҳои гуногун иштирок мекунанд ва алабатта дараҷаи иштироки ин анализаторҳо якхела нест. Вобаста ба он, ки дар рафти идрок кадом анализатор мавқеи пешбарандаро ишғол мекунанд, идрокро ба панҷ намуд ҷудо мекунанд: шунавоӣ, биноӣ, бӯй, маза, ва пустӣ (ломисавӣ).

Идроки ашёю ҳодисаҳо метавонад бо гузориши мақсади пешакӣ ё бидуни гузориши чунин мақсад ба вуҷуд ояд. Вобаста ба иштироки мақсадгузорӣ дар рафти идрок онро ба ихтиёрӣ ва беихтиёр ҷудо мекунанд. Идроки бехтиёр дар заминаи диққати беихтиёр ба вуҷуд омада, сарфи қувваи иродавиро талаб намекунад ва асосан омили бавуҷудоварандаи онро хусусиятҳои ашёи даркшаванда ташкил медиҳанд. Дар рафти идроки ихтиёрӣ бошад, ки бо гузориши мақсад тавсиф дода мешавад, одам барои дарки пурра ва дуруси ашё кӯшиши иродавӣ мекунад. Идроки ихтиёрӣ, яъне мақсаднокро *мушоҳида* мегуянд.

Меъёри дигари таснифоти идрок шакли мавҷудияти материя мебошад. Аз рӯи ин меъёр се намуди идрокро фарқ мекунанд: фазо, вақт ва ҳаракат.

Нақшаи 5. *Таснифоти идрок*

Фарқияти инфиродии идрок ва рушди он

Идрок дар бисёр ҳолатҳо аз хусусиятҳои шахс вобастагӣ дорад. Системаи донишҳо, шавқу ҳавас, мақсадгузорӣ, муносибати эмотсионалӣ бо ашёю ҳодисоти идрокшаванда ба протсесси идрок таъсир мерасонанд. Чун одамон бо хусусиятҳои фардӣ-психологӣ, шавқу ҳавас, мақсадгузорӣ ва дигар хусусиятҳояшон аз якдигар фарқ мекунанд, ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар протсесси идрок низ фарқиятҳои инфиродӣ вуҷуд доранд.

Нақшаи 6. *Фарқияти инфиродӣ дар идрок*

Фарқиятҳои инфиродӣ дар идрок хеле зиёданд, аммо вобаста ба фарқият ва умумиятҳо дар хусусият ва намудҳои идрок метавон типҳои муайяни ин фарқиятҳоро муайян кард, ки на ба як фарди мушаххас, балки ба гурӯҳи одамон тааллуқ доранд. Ба шумораи онҳо пеш аз ҳама фарқияти байни идроки кулл ва ҷузъ ё *таркибӣ* ва *таҳлилиро* бояд дохил кард. Типи кулл ё таркибии идрок бо он тавсиф дода мешавад, ки дар шахсони ба он тамоюлдошта таассуроти умумӣ доир ба ашё, мазмуни умумии идрок, хусусиятҳои ашёи идрокшаванда равшантар зоҳир мешаванд. Одамони ба ин тип мутааллиқбуда ба ҷузъиёт ва пайдарпайиҳо камтар аҳамият медиҳанд. Аз ин лиҳоз бисёр ҷузъиёти ашёю ҳодисаҳо дарк нашуда мемонанд. Онҳо

аз мазмуни ҷузъиёт ва қисмҳои алоҳида дида, бештар ба маънои куллии ашёю ҳодиса диққат медиҳанд. Барои дарки аниқи ҷузъиёт ба ин типи одамон лозим меояд то дар назди худ махсус вазифа гузоранд, ки расидан ба ин мақсад барояшон душвор аст.

Одамони дорои типи дигари идрок – ҷузъӣ ё таҳлилӣ, баръакс, ба ҷудокунии аниқи ҷузъиёт ва пайдарпайӣ майл доранд. Идроки онҳо маҳз ба ҳамин равона карда шудааст. Образи яклухти ашё ё ҳодиса, мазмуни умумии чизи идрокшуда барои онҳо аҳамияти дуюмдараҷа дорад ва баъзан ба он аҳамият ҳам намедиҳанд. Барои он, ки ба моҳияти ҳодиса сарфаҳм раванд ё ягон ашёро ба таври мувофиқ дарк кунанд, ба онҳо лозим меояд то дар назди худ вазифаи махсус гузоранд, ки расидан ба он на ҳама вақт барояшон муяссар мегардад. Одатан чунин одамон ҳангоми ҳикоя кардани ягон ҳодиса бештар ба ҷузъиётҳо такя мекунанд ва ин боиси он мегардад, ки ҳикояашон маънои худро гум мекунад ё моҳияти аслии он нокушода мемонад.

Ба ду типи дар боло зикршуда ҷудо намудани протсесси идрок характери шартӣ дошта, дар воқеъ онҳо якдигарро пурра мекунанд, зеро идроки самаранок дар натиҷаи зоҳиршавии тарафҳои мусбати ҳар ду тип ба вуҷуд меояд. Воқеан ҳам, мо наметавонем яке аз ин типҳоро ҳамчун мусбат ва дигарашро ҳамчун манфӣ баҳогузорӣ намоем, чунки ҳар яке аз ин типҳо махсусияти худро дошта, ба протесси идрок тобиш мебахшанд.

Типҳои дигари идрок, ки характери инфиродӣ доштани онро шарҳ медиҳанд, инҳоянд: *тасвирӣ* ва *шарҳдиҳанда*. Одамони ба типи тасвирӣ дохишаванда одатан бо чизи дида ва шунидаашон маҳдуд мешаванд ва барои ошкор кардани моҳияти чизи идрокшуда кӯшиш намекунанд. Қувваи ҳаракатдиҳандаи ашё ё ҳодисаи даркшаванда аз доираи диққати ин одамон дур мемонад. Одамони ба типи шарҳидаҳанда дохилшуда бошад, баръакс, танҳо бо чизи дида ва шунидаашон қаноат

накарда, доим кӯшиш менамоянд, ки дидаю шунидаашонро шарҳ диҳанд. Ин типи одамон бештар бо типи таркибии идрок мувофиқат мекунанд.

Дар доираи таснифоти типҳои инфиродии идрок идроки *объективӣ* ва *субъективиро* низ ҷудо мекунанд. Ба типи объективӣ мувофиқати қатъӣ бо ҳодисоти дар воқеъ руйдиҳанда хос аст. Одамони ба типи субъективӣ таалуқдошта бошанд, аз доираи ҳодисоти воқеӣ баромада, бисёр чизҳоро аз худ илова мекунанд. Идроки онҳо ба муносибати субъективиашон бо чизи даркшаванда тобеъ аст. Ин одамон дар бораи ягон ҳодиса нақл карда, на асли воқеа, балки таассуроти субъективии худро арз менамоянд. Онҳо бештар дар бораи ҳиссиёти азсаргузаронидаашон ҳангоми рӯй додани ҳодиса ҳарф мезананд.

Дар байни фарқиятҳои инфиродии идрок тафовут дар мушоҳидакорӣ аҳамият ва мавқеи махсусро касб намудааст. *Мушоҳидакорӣ* - ин маҳорати дар ашё ва ҳодисот дарёфт кардани чизҳое мебошад, ки кам дида мешаванд ва худ аз худ ба чашм намеафтанд. Аломати характерноки мушоҳидакорӣ суръатӣ идрок кардани ин чизҳои камаҳамият мебошад. Мушоҳидакорӣ на дар ҳамаи одамон ва на дар ҳамон як дараҷа дида мешавад. Фарқият дар мушоҳидакорӣ пеш аз ҳама аз хусусиятҳои фардии шахс вобастагӣ дорад. Масалан, донишдӯстӣ яке аз омилҳои ташаккулёбии мушоҳидакорӣ маҳсуб мешавад.

Дар доираи муҳокимаи масъалаи мушоҳидакорӣ бояд ёдовар шуд, ки идрокро аз рӯи дараҷаи мақаднокӣ низ ба намудҳо ҷудо мекунанд. Чӣ хеле дар боло қайд кардем, идроки мақсаднок (ихтиёрӣ) ва бемақсадро (беихтиёр) фарқ мекунанд. Идроки бемақсад асосан аз шароитҳои муҳити беруна вобастагӣ дорад. Дар идроки мақсаднок бошад, мақсади дарк намудани ашё ё ҳодиса аз аввал гузошта мешавад. Идроки мақсаднок метавонад қисми таркибии ягон фаъолият бошад ва дар рафти иҷрои ин фаъолият амалӣ карда мешавад. Баъзан идрок метавонад

ҳамчун фаъолияти мутлақо мустақил баромад кунад. Идрок ҳамчун фаъолияти мустақил дар мушоҳида равшан зоҳир мешавад, ки дар идроки мақсаднок, банақшагирифташуда ва то андозае давомдор таҷассум меёбад ва мақсади он назорат кардани ҷараёни ягон ҳодиса ё тағйирот аст. Аз ин лиҳоз, мушоҳида - ин шакли фаъоли маърифати ҳиссии воқеият аз тарафи одам аст; мушоҳидакорӣ бошад, ҳамчун тавсифи идроки фаъол баҳогузорӣ мешавад.

Дар рафти мушоҳида нақши фаъолнокӣ хеле калон аст. Он ҳам дар фаъолияти фикрӣ, ки мушоҳидаро роҳбаладӣ мекунад ва ҳам дар фаъолияти ҳаракатии мушоҳида зоҳир мешавад. Барои самаранокии мушоҳида банақшагирӣ ва системанокии он аҳамияти калон дорад. Мушоҳидаи психологӣ ба омӯзиши васеъ ва ҳаматарафаи ашё равона шуда, доимо аз рӯи нақшаи аниқ, системаи муайян, бо муоинаи ҷузъиёти ашё бо пайиҳамии муайян равона карда шудааст.

Мавриди қайд аст, ки мушоҳидакорӣ ҳамчун идрок хусусияти модарзодӣ надорад. Тифли навзод дорои қобилияти дарк кардани олами иҳотакардаро дар шакли тасвири якулухти ашёҳо нест. Қобилияти дарк намудани ашёҳо дар кӯдак андактар пайдо мешавад. Бешубҳа дар кӯдак ба вуҷуд омадани раванди монипулятсияро бо ашёҳо, ки ба давраи тифлӣ рост меояд, сарахбори пайдоиши идрок шуморидан мумкин аст. Дар панҷ-шашмоҳагӣ дар кӯдак зиёдшавии ҷудокунии ҷузъиёт дар ашёҳо ба чашм мерасад. Ин зуҳурот на анҷом, балки оғози рушди протсесси идрок дар кӯдак аст. Ҳангоми гузариш аз синни томактабӣ ба синни мактабӣ дар зери таъсири фаъолияти бозӣ намудҳои мураккаби таҳлил ва таркиби биноӣ шакл мегиранд. Маҳз амали фикрии таҳлил, яъне фикран ба қисмҳои алоҳида ҷудо намудани ашёҳо дар доираи биноӣ ва таркиб намудани онҳо ва дар ҳамин асос дарк кардани моҳияти ашё ба ин давраи ҳаёт рост меояд.

Идрок дар давраи мактабӣ бемайлон рушд меёбад ва якчанд марҳиларо дар бар мегирад. Марҳилаи якум бо шаклгирии образи мувофиқӣ ашё дар раванди манипулятсия бо ин ашё алоқаманд аст. Кӯдакон дар марҳилаи навбатӣ бо хусусиятҳои фазогии ашёҳо бо ёрии ҳаракати чашм ва дастон шинос мешавад. Кӯдакон дар марҳилаҳои минбаъда қобилияти тез ва бидуни ҳама гуна ҳаракатҳои беруна фаҳмидани хусусиятҳои муайяни ашёҳои идрокшаванда ва дар асоси ин хусусиятҳо аз якдигар фарқ кардани онҳоро аз худ мекунанд. Дар ин марҳилаҳо аллакай иштироки фаъолияти ҳаракатӣ дар раванди идрок кам мешавад.

Мавриди қайд аст, ки дар рушди идрок намудҳои гуногуни фаъолият, аз қабили фаъолияти бозӣ, таълимӣ ва меҳнатӣ нақши калон доранд. Агар дар давраи кӯдакӣ ба инкишофи идрок фаъолияти бозӣ мусоидат кунад, пас идрок дар давраи калонсолӣ дар рафти фаъолияти таълимӣ ва меҳатӣ инкишоф меёбад. Фарқияти асосии идроки воқеият дар давраи кӯдакӣ аз давраи калонсолӣ дар он аст, ки дар давраи кӯдакӣ ҳангоми идроки ашёю ҳодисаҳо кӯдакон бештар ба хатогиҳо роҳ медиҳанд ва дар давраи калонсолӣ бошад, ин хатогиҳо камтаранд. Муҳимтарин сабаби кам шудани хатогиҳоро дар протсесси идрок дар давраи калонсолӣ мунтазам ҷамъшавии таҷрибаи ҳаётӣ арзёбӣ кардан мумкин аст.

Мавриди қайд аст, ки дар синни калони мактабӣ идроки бачаҳо аз идроки калонсолон қариб фарқ намекунад.

Предмет ва замина дар идрок

Дар як воҳиди муайяни вақт ба узвҳои ҳиссии мо ашёҳои бисере таъсир мерасонанд, вале дараҷаи идрокнамоии ҳамаи онҳо якхела нест. Мо яке аз онҳоро чудо карда, дар «мадди аввал» гузошта, фаъолияти шуурамонро ба он мутамарказ мекунем. Дигар ашёҳо бошанд, мавқеи дуюминдараҷаро касб мекунанд ва камтар идрок мешаванд ё идрокашон норавшан аст. Дар ин

асос предмет ё объект ва заминаи идрокро фарқ мекунанд. Предмети идрок гуфта, ҳамон ашёе фаҳмида мешавад, ки дар раванди идрок фаъолияти психикӣ ба он мутамарказ шудааст. Ашёҳои атрофии предмети идрокро заминаи идрок меноманд.

Барои осонтар фаҳмонидани ин масъала якчанд мисол меоварем. Мо ҳангоми дар бозор интихоб намудани ягон либос дигар либосҳоро низ идрок мекунем, аммо ба сифати предмети идрок он либосе баромад мекунад, ки барои мо дар лаҳзаи додашуда зарур аст. Дигар либосҳо дар ин ҳолат заминаи идрок мебошанд. Ин ҳолат дар дигар намудҳои идрок низ мушоҳида мешавад. Масалан, ҳангоми дар ҷойи серодам бо ягон нафар гуфтугӯ кардан, мо дар баробари суханони ҳамсӯҳбат овози дигар одамонро низ мешунавем. Аммо суханони ҳамсӯҳбатро ҳамчун предмети идрок хубтар дарк мекунем, овози дигар одамон бошад, норавшантар идрок мегардад, зеро вазифаи заминаи идрокро иҷро мекунанд.



Расми 11. *Предмет ва заминаи идрок*

Дар илми психология масъалаи мазкурро аввалин маротиба психологи даниягӣ Э. Рубин мавриди омӯзиш қарор додааст. Мавриди қайд аст, ки муносибати байни предмет ва замина дар идрок хусусияти динамикӣ дорад. Он ашёе, ки дар лаҳзаи додашуда ба сифати предмети идрок баромад мекунад, метавонад баъди муддате ба заминаи идрок табдил ёбад ё баръакс, заминаи идрок метавонад ҷойи предмети идрокро ишғол намояд. Масалан, дар расми 11 гулдони сафед дар заминаи сиёҳ тасвир ёфтааст. Агар ба расми мазкур бодиққат назар афканем, ба осонӣ дармеёбем, ки замина низ аҳамияти муайяни маъногӣ дорад. Дар дигар

ҳолат, маҳз дар ҳамин расм на гулдон, балки суроби рӯйи одамро дидан мумкин аст.

Ҷудокунии предмет аз замина бо хусусиятҳои идроки мо ва махсусан предметӣ будани идрок алоқаманд аст. Мо предметро аз замина барои он ҷудо мекунем, ки онро равшантар дарк намоем, аммо ин ҷудокунӣ на ҳама вақт рӯй медиҳад. Бештар он ашёҳорео ҳамчун предмети идрок ҷудо кардан осон аст, ки аз дигар ашёҳо равшан фарқ мекунанд ё мо дар асоси таҷриба бо онҳо хуб шинос ҳастем. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки аз ашё дида ягон ҷузъи ашёро ҳамчун предмети идрок ҷудо кардан душвортар аст. Масалан, ҳангоми муоина кардани расм ягон ҷузъи онро дарҳол ҷудо намекунем. Маҳз дар асоси ҳамин хусусияти предмет ва заминаи идрок барои ташаккул додани протсесси идрок дар бачаҳо масъалаҳои шавқовар пешниҳод карда мешаванд. Масалан, ошкор кардани фарқият дар байни ду расми ба якдигар хеле монанд.

Ҷудо кардани предмет аз замина пеш аз ҳама аз дараҷаи фарқияти байни онҳо вобастагӣ дорад. Чӣ қадаре ки предмет ва замина аз якдигар фарқ дошта бошанд, чудо кардани онҳо ҳамон қадар осон мешавад.

Рафти ҷудо кардани предметро аз замина омилҳои зерин осон мегардонанд:

- донистани он, ки чиро ёфтан зарур аст, махсусан агар он образи мушаххаси ашё бошад;

- имконияти аз ҳар тараф назар кардан ба ашё ё дар даст гирифтани он, яъне манипулятсия бо ашё;

- таҷрибаи чунин фаъолият.



Расми 12. *Ивазнамоии предмет ва заминаи идрок*

Барои исботи гуфтаҳои боло кифоя аст, ки расми 11 - ро иваз намоем. Дар расми

мазкур рангро ба ранги муқобил иваз намуда, дар расм камтар тағйирот ворид менамоем. Дар натиҷа барои бисёр одамон дар мадди аввал суроби рӯйи ду одам намудор мешавад, гулдон бошад қариб, ки ба чашм намерасад (Расми 12). Ин зуҳурот бо он алоқаманд аст, ки: якум, мо аллакай бо варианти пешинаи ин расм шинос ҳастем ва шакли ивазшудаи онро ба зудӣ қабул мекунем; дуюм, мо мувофиқати рангҳоро иваз намудем; сеюм, бо каме иваз намудани сохти гулдон мо майдони феноменологии идрокро тағйир додем.

Муносибати байниҳамдигарии кулл ва ҷузъ дар идрок

Ҳар як ашё чизи мураккаби бутун буда, дорои хусусиятҳои гуногун мебошад. Мо онро ҳамчун чизи яклухт идрок намуда, дар баробари ин қисмҳои алоҳидаи онро низ дарк менамоем. Ҳар дуи ин тарафҳои идрок бо якдигар алоқаи ногусастанӣ доранд: шарти асосии идроки бутун - ин идроки қисмҳо ва хусусиятҳои алоҳидаи он мебошад ва идроки бутун дар навбати худ, ба раванди дарк намудани қисмҳо ва хусусиятҳои алоҳида таъсир мерасонад.

Маълум аст, ки баъзан ҳангоми ба эътибор нагирифтан ё аз мадди назар дур мондани як ҷузъи ашё идроки он сахт тағйир меёбад ё мо ҳамчун ҷузъи ин ашё чизеро идрок мекунем, ки умуман ба он тааллуқ надорад. Дар ин ҳолатҳо мазмуни фаҳмидашавандагии идроки ашё ба осонӣ тағйир меёбад. Масалан, ҳангоми тез хонда гузаштани як калимаи ба ягон калимаи дигар бисёр монанд ҳолатҳое мешаванд, ки як ё ду ҳарфи он аз мадди назар дур мемонад ва шакли яклухти калима бо дигар маъно ҳосил карда мешавад.

Муҳимияти нақши идроки ҷузъ дар идроки бутун маънои онро надорад, ки барои шинохтани ашё бояд ҳамаи қисмҳои он идрок карда шаванд. Ҳангоми идрок намудани ашё на ҳамаи қисмҳои он идрок карда меша-

ванд, аммо новобаста аз ин мо ашёро шинохта мегирем. Масалан, дар расми 13, ки дар он ашёҳо ба таври схематикӣ тасвир ёфтаанд, мо ашёҳои тасвирёфтаро шинохта мегирем. Ин ҳодиса барои он рӯй медиҳад, ки ҳар як ашё дорои хусусияти махсуси танҳо ба худи он тааллуқдошта мебошад. Мавҷуд набудани маҳз ҳамин хусусият ё аз мадди назар дур мондани он барои шинохтани ашё халал мерасонад. Ин ҳолат на танҳо ба расмҳо, балки ба дигар зуҳурот низ хос аст. Мисол, як калимаеро меоварем, ки дар он ҳарфҳои алоҳида партофта шудаанд: «.а..ни.т». Дарҳол шинохтани ин калима хеле душвор аст, зеро дар он ҳарфҳое партофта шудаанд, ки хусусияти асосӣ доранд. Акнун ин калимаро дар шакле моварем, ки дар он ҳарфҳои хусусияти асосидошта мавҷуд буда, дигар ҳарфҳо партофта шудаанд: «ма..н.ят». Албатта, шакли дурусти ин калимаро акнун ҳосил карда осонтар аст.



Расми 13. *Нақши қисм дар идроки бутун*

Мо таъсири қисмҳои алоҳидаро ба идроки бутун дида баромадем. Акнун дида мебароем, ки худи образи

бутун ба идроки ҷузъиёт ё қисмҳои алоҳида чӣ хел таъсир мерасонад. Ин таъсирот дар он ифода меёбад, ки мо образи бутунро идрок карда, дар он мавҷуд набудани баъзе қисмҳои алоҳидаро дарк намекунем, ё баръакс, баъзе қисмҳое дарк карда мешаванд, ки ба ашёи мазкур тааллуқ надоранд. Дар ин ҳолат баъзан ҷузъиёти вайроншудаи ашё низ дарк карда намешавад. Масалан, мо ҳангоми хондани ягон матн баъзан чунин хатогиҳои ҷузъиро, ба монанди мавҷуд набудани як ҳарф, иваз шудани ҷойи ду ҳарф, ё ягон ҳарфи зиёдатӣ дарк намекунем. Ин ҳодиса бо он шарҳ дода мешавад, ки ҳангоми мавҷуд будани малаки баланди хондан калима дар шакли бутун идрок карда мешавад ва ин ба идроки ҷузъиёти он таъсир расонида, идроки онҳоро камаҳамияттар мегардонад.

Муносибати байниҳамии кулл ва ҷузъ дар марҳилаҳои гуногуни шиносшавӣ бо ашё якхела нест. Дар ин ҷо фарқияти инфиродии одамон нақши калон мебозад. Марҳилаи ибтидоии идрок дар аксар одамон бо он тавсиф дода мешавад, ки идроки бутун бидуни ҷудокунии ҷузъиёти алоҳидаи он дар мадди аввал гузошта мешавад. Дар баъзе одамон бошад, алоқаи баръакс мушоҳида мешавад, онҳо пеш аз ҳама ҷузъиёти алоҳидаи ашёро ҷудо мекунанд.

Дар алоқамандӣ бо фарқиятҳои ифиродӣ марҳилаи дуюми идрок низ ҳар хел ҷараён мегирад. Агар дар ибтидо шакли умумии ашё бидуни фарқ кардани қисмҳои алоҳидаи он идрок карда шавад, он гоҳ минбаъд қимҳои алоҳидаи ашё равшантар идрок карда мешаванд. Ва баръакс, агар дар ибтидо танҳо қисмҳои алоҳидаи ашё ҷудо карда шаванд, пас гузариш ба идроки бутун сурат мегирад. Дар интиҳо, дар ҳар ду ҳолат ҳам идроки бутун бо ҷудокунии равшани қисмҳои алоҳидаи ашё сурат мегирад.

Мавриди қайд аст, ки идроки бутун ва қисмҳои алоҳидаи ашё на танҳо аз хусусиятҳои фардӣ, балки аз дигар омилҳо низ вобастагӣ дорад. Ба шумораи ин омилҳо пеш аз ҳама таҷрибаи гузашта ва мақсадгузории шахсро дохил кардан мумкин аст. Масалан, ҳангоми хондани ягон матн баъзе хатогиҳои ҷузъӣ ба чашми мо намеафтанд, зеро мо таҷрибаи кофии хонданро дорем, яъне маънои калимаҳои идрокшавандаро медонем ва аз калима он ҳарфҳоеро ҷудо мекунем, ки нақши хусусияти асосиро мебозад. Агар ба мо пешниҳод намоянд, ки аз матн хатогиҳоро ёбем, он гоҳ мо ҳар як калимаро бодиққат мехонем ва баъзан ҳатто ба маънои калима эътибор намедиҳем. Аз ин бармеояд, ки мақсадгузории шахс дар идроки ашё нақши муҳимро мебозад. Ин масъаларо дар мисоли дигар шарҳ медиҳем. Дар расми 14 «Акси ҷавонзан» оварда шудааст. Ба расм нигоҳ карда, пеш аз ҳама чеҳраи ҷавонзанеро мебинем, ки аз мушоҳидачӣ рӯй тофтааст. Сирри ин расм дар он аст, ки он ба категорияи аксҳои бисёрмаъно дохил мешавад. Воқеан ҳам, дар расми мазкур ду акс тасвир ёфтааст. Расм на танҳо акси ҷавонзан, балки акси пиразанро низ инъикос менамояд. Инро ба осонӣ дарк кардан мумкин аст, агар ба ҷойи рӯйи ҷавонзан бинии калони пиразан ва ба ҷойи гӯши ҷавонзан чашми пиразанро тасаввур намоем. Тасдиқи аёнии чунин акскунии «Акси ҷавонзан» расми 15 шуда метавонад, ки дар он ду акси дар расми 14 додашуда ба таври алоҳида оварда шудаанд. Хусусияти муҳими ин расм дар он аст, ки аломатҳои асосии тавсифдиҳандаи пиразан ва ҷавонзан дар

Расми 14. *Акси ҷавонзан*

алоҳидагӣ оварда шудаанд. Дар ҳолати додашуда варианти А ба акси ҷавонзан ва варианти В ба акси пиразан мувофиқат мекунанд.



Расми 15. *Ивазнамоии «Акси ҷавонзан» ба ду расм «Акси ҷавонзан» ва «Акси пиразан» тавассути ҷудо кардани аломатҳои асосӣ*

Дар ин ҷо саволе ба миён меояд, ки чаро дар расми 14 бисёриҳо акси ҷавонзанро мебинанд. Ин ҳодиса на барои он рӯй медиҳад, ки аксарияти мо дар навбати аввал расмро дар шакли бутун идрок мекунем, инчунин барои он, ки расм «Акси ҷавонзан» ном дорад. Расмро чунин номгузорӣ карда, мо дар мушоҳидачӣ мақсадгузориро ба идроки расм ҳамчун расми зани ҷавон ба вуҷуд овардем. Агар ин расмро бе номгузорӣ пешниҳод намоем, дар шарҳдиҳии он вариантҳои гуногун ба вуҷуд омаданашон мумкин аст.

Ба вуҷуд овардани мақсадгузорӣ дар шахс на танҳо тавассути номгузорӣ кардани ашё, балки бо дигар усулҳо низ имконпазир аст. Усули дигар ин истифода бурдани

таҷрибаи пешинаи шахс мебошад. Масалан, агар шумо ба озмудашаванда варианти Б-и расми 15 - ро нишон диҳед, ӯ метавонад бе ягон душворӣ расмро ҳамчун акси пиразан тавсиф диҳад. Агар баъд аз ин ба ҳамон озмудашаванда расми 14 - ро бе номгузорӣ нишон диҳем, он гоҳ аксарияти озмудашавандагон бе ягон мушкилӣ акси пиразанро мебинанд. Агар ин амалро дар ҳолати баръакс иҷро кунем, яъне аввал варанти А-ро нишон диҳем, он гоҳ бешубҳа дар расми 14 озмудашаванда акси ҷавонзанро мебинад.

Ҳамин тариқ, идроки бутун ва ҷузъиёт воқеан ҳам аз бисёр омилҳо вобастагӣ дорад. Дар баробари ин, идроки ҷузъиёт ва образи бутуни ашё ба характер ва мазмуни объекти идрокшуда таъсир мерасонад.

Идроки фазо. Дар протсесси идрок идроки фазо ва вақт мавқеи махсусро ишғол мекунанд. Ҳамаи ашёҳо дар фазо вуҷуд доранд ва ҳама гуна зуҳурот дар доираи вақти муайян ба вуҷуд меояд. Хусусияти фазогӣ ба ҳамаи ашёҳо тааллуқ дорад, чӣ хеле ки хусусиятҳои замонӣ барои ҳамаи ҳодисаю зуҳурот хос мебошанд.

Ба хусусиятҳои фазогии ашё дохил мешаванд: андоза, шакл, ҳолат дар фазо.

Дар идроки андоза нақши муҳимро андозаи акси он дар тӯрпардаи чашм мебозад. Чӣ қадаре ки акси ашё дар тӯрпардаи чашм калон бошад, ҳамон қадар ашё низ дар назари мо калон менамояд. Ин нуқта аниқ аст, ки андозаи акси ашёи даркшаванда дар тӯрпардаи чашм аз бузургии кунҷи биноӣ вобастагӣ дорад. Чӣ қадаре ки бузургии кунҷи биноӣ зиёд бошад, ҳамон қадар акси ашё дар тӯрпардаи чашм калон аст. Мавриди қайд аст, ки қонуни кунҷи биноиро чун қонуни идроки андоза Эвклид пешниҳод намудааст. Аз ин қонун бармеояд, ки андозаи идрокшавандаи ашё дар таносуб бо акси он дар шабакаи чашм тағйир меёбад (Расми 16). Бешубҳа хулосабарӣ намудан мумкин аст, ки қонуни мазкур ҳангоми дар масофаи якхела дур будани ашё аз узви ҳисси мо қувваи худро нигоҳ медорад. Масалан, агар ресмони дароз нисбат ба чӯбчае, ки дарозиаш аз ин ресмон ду маротиба хурдтар аст, аз мо ду маротиба дуртар ҷойгир шуда бошад, он гоҳ кунҷи биноӣ, ки тавассути он мо ин ашёҳоро мебинем, якхела аст ва акси онҳо дар тӯрпардаи чашм ба якдигар баробар мебошад. Дар ин ҳолат эҳтимол кардан мумкин аст, ки мо чубча ва ресмонро



Расми 16. *Мувофиқати бузургии кунҷи биноӣ ва бузургии акси ашё дар тӯрпардаи чашм*

ҳамчун ашёҳои андозаашон баробар идрок мекунем. Аммо дар амалия ин ҳодиса рӯй намедиҳад. Мо баръало мебинем, ки ресмон аз чӯбча дарозтар аст. Идроки андозаи ашё дар он ҳолате нигоҳ дошта мешавад, ки агар мо аз ин ашё оҳиста-оҳиста дур шавем, ҳарчанд дар ин ҳолат акси ашё дар тӯрпардаи чашм майда шудан мегирад. Ин ҳодиса номи *константнокии* идроки андозаи ашёро ба худ гирифтааст.

Идроки андозаи ашё на танҳо бо воситаи андозаи акси ашё дар тӯрпардаи чашм, балки тавассути идроки масофае низ муайян карда мешавад, ки байни мо ва ашё ҷой дорад. Ин қонуниятро чунин ифода кардан мумкин аст:

Андозаи идрокшаванда = кунҷи биноӣ × масофа.

Константнокии андоза дар он ҳолате бештар баланд мешавад, ки мо ашёҳои бароямон шиносро бинем ва нисбатан кам мешавад, агар шаклҳои геометрии муҷаррад идрок карда шаванд. Мавриди қайд аст, ки константнокии идрок танҳо дар доираи муайян амал карда метавонад. Агар мо аз ашё хеле дур ҷойгир шуда бошем, он гоҳ ашё ба чашми мо аз будаш майдатар метобад. Масалан, ҳангоми аз ҳавопаймо ба замин назар кардан, чизҳои дар замин бударо хеле майда мебинем.



Расми 17. *Иллюзияи андоза ҳангоми мухолифати идрок*

Дигар хусусияти идроки ашё дар фазо *мухолифати идроки ашёҳо* мебошад. Муҳите, ки ашёи идрокшаванда дар он ҷойгир шудааст, ба идроки ин ашё таъсири калон мерасонад. Масалан, қади одами миёнқад дар байни одамони қоматбаланд аз будаш пасттар менамояд. Ин хусусиятро дар мисоли аёнӣ дида мебароем (Расми 17).

Ҳалқачае, ки дар байни ҳалқаҳои калонтар ҷойгир шудааст, аз ҳалқачае, ки онро ҳалоқачаҳои хурдтар иҳота кардаанд, майдатар метобад. Ин дар ҳолатест, ки диаметри ҳар ду ин ҳалқаҳои мобайни якхела аст, яъне онҳо ҳаҷман баробаранд. Чунин вайроншавии идрокро, ки дар зери таъсири муҳит ба вуҷуд меояд, *иллюзияи идрок* меноманд. Ба идроки ашё дар фазо омилҳои дигар низ таъсир мерасонанд. Масалан, қисми болоии баъзе ашёҳо аз қисми поёнии онҳо калонтар метобад, ба монанди он, ки хатҳои амудӣ аз хатҳои уфуқӣ дарозтар менамоянд.

Гузашта аз ин, ба идроки андозаи ашё ранги ашёи идрокшавнда низ таъсир мерасонад. Ашёҳои рангашон равшан нисбат ба ашёҳои рангашон тира каме калонтар менамоянд. Тарроҳон ин хусусияти идрокро ҳангоми коркарди мӯд бо назардошти баландии қад ва андозаи фарбеҳии бадани мизоҷ хеле хуб истифода мебаранд. Агар одами хароб либоси рангаш равшантарро ба бар намояд (масалан, зарачаранг), он гоҳ дар назар каме фарбеҳ менамояд.

Идроки *шакли ашё* низ ба монанди идроки андоза хеле мураккаб мебошад. Пеш аз ҳама бояд дар назар дошт, ки ҳангоми идроки шакли ашё ҳодисаи константнокии идрок нигоҳ дошта мешавад. Масалан, агар мо ба ашёи шаклаш квадрат ё доира назар афканем, ки дар тарафи паҳлӯии мо ҷойгир шудааст, он гоҳ акси ин ашё дар тӯрпардаи чашм чун эллипс ё трапетсия инъикос мешавад. Ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки идроки шакл нисбатан устувор ва доимӣ, яъне константӣ мебошад. Идроки шакл низ ба монанди идроки андоза аз таҷрибаи гузаштаи одам вобастагӣ дорад.

Раванди нисбатан мураккаб - ин идроки *шакли ҳаҷмдор* мебошад. Мо ҳаҷми шаклро идрок мекунем, зеро чашмони одам қобилияти биниши бинокулярирро доранд. Биниши бинокулярӣ дар он ифода меёбад, ки одам бо ду чашм нигоҳ мекунад. Моҳияти биниши бинокулярӣ дар он аст, ки ҳангоми бо ҳарду чашм ба ягон ашё

нигоҳ кардани одам, акси ин ашё дар тӯрпардаи чашмони рост ва чап ҳар хел инъикос мешавад. Барои ба ин ҳодиса дурусттар сарфаҳм рафтан китоби нимкушодаро гирифта, тарафи муқоваашро ҷониби худ гардонида, дар рӯ ба рӯятон гузоред. Сипас ба ин китоб бо навбат, гоҳ бо чашми рост ва гоҳ бо чашми чап назар афканед. Шумо дар ин ҳолат дарк мекунед, ки акси китоб вобаста ба он, ки бо кадом чашм нигоҳ мекунед, тағйир меёбад. Аммо бояд қайд кард, ки биниши бинокулярӣ шарти ягонаи идроки ҳаҷми ашё нест. Агар мо ба ашё бо як чашм нигоҳ кунем ҳам, барҷастагии онро мебинем. Дар идроки шакли ҳаҷмии ашё аломату нишонаҳои ҳаҷми ашёи мазкур, инчунин тақсимшавии рӯшноӣ ва соя дар ашё нақши калон мебозанд.

Ба сифати асоси идроки фазо боз як механизми дигар баромад мекунад, ки онро аппарати вестибулярӣ меноманд. Ин аппарат дар гуши дохилӣ ҷойгир шудааст. Дар дохили ҷӯйчаҳои гӯши дохилӣ моеи махсусе мавҷуд аст, ки ҳангоми ба ҳар тарафи майл кардани бадан дар танаи ҷӯйчаҳо соиш хӯрда, ба ретсептроҳои мувозинат таъсир мерасонад ва идроки фазоро ба вуҷуд меоварад. Ин намуди идрокро идроки сечекнакаи фазо низ меноманд.

Аппарати вестибулярӣ бо аппарати ҳаракатдиҳандаи чашмон алоқамандии сахт дорад ва ҳама гуна тағйирот дар аппарати вестибулярӣ боиси ба вуҷуд омадани тағйироти рефлекторӣ дар чашм мегардад.

Мавриди қайд аст, ки тавассути аппарати вестибулярӣ асосан ҳолати бадан дар фазо идрок карда мешавад.

Идроки ҳаракат ва вақт. Идроки ҳаракат туфайли механизми мураккабе сурат мегирад, ки табиати он то ҳол пурра омӯхта нашудааст. Ин ҷо саволе ба миён меояд, ки мураккабии идроки ҳаракат дар чист? Охир пешниҳод кардан мумкин аст, ки идроки ҳаракати ашёҳо аз рӯи ҷойивазкунии акси он дар тӯрпардаи чашм ба вуҷуд

меояд. Дар асл чунин нест. Масалан, вақте ки мо дар кӯча ҳаракат мекунем тасвири ашёҳо дар тӯрпардаи чашми мо ҷой иваз мекунанд, аммо мо онҳоро ҳамчун ашёи ҳаракаткунанда дарк намекунем. Онҳо дар як ҷо ором ва беҳаракатанд.

Пас чаро мо ҳаракати ашёҳои моддиро идрок мекунем? Агар ашё дар фазо ҳаракат кунад, мо ҳаракати онро он вақт идрок мекунем, ки он аз доираи биноӣ мебарояд ва моро маҷбур месозад, ки барои диданаш чашм ё сарамонро ҳаракат диҳем. Дар ин ҳолат ду зуҳурот рӯй медиҳад. Якум, ҷойвазкунии ашё дар таносуб бо бадани мо ҳаракати онро дар фазо нишон медиҳад. Дуюм, майнаи сар ҳаракати чашмро ҳангоми дунболагирӣ кардани ашё ба қайд мегирад. Зуҳуроти дуюм барои идроки ҳаракат хеле муҳим аст, аммо механизми коркарди ахборот оид ба ҳаракати чашм хеле мураккаб ва мухталиф мебошад.

Агар ин муҳокимаронихоро ба назар гирем, боз саволе ба миён меояд, ки оё одам ҳаракатро идрок мекунад, агар сару чашмони ӯро беҳаракат кунонем? Муҳаққиқ Эрнст Мах ин масъаларо тадқиқ кардааст. Ӯ бо ёрии хамираи махсус чашмони озмудашавандаро беҳаракат кунонид. Дар ин ҳолат ҳам, ҳар вақте ки озмудашаванда кӯшиши ҳаракат додани чашмашро мекард, дар ӯ эҳсоси ҳаракати ашё ба вуҷуд меомад (иллюзияи ҷойивазкунии ашёҳо). Маълум мешавад, ки дар майнаи сар на ҳаракти чашм, балки кӯшиши ба ҳаракат даровардани чашм ба қайд гирифта мешуд, яъне барои идроки ҳаракат на ахбори афферентӣ оид ба ҳаракати чашм (ахборот дар бораи ҳаракати чашм), балки нусхаи ахбори эфферентӣ (фармоиш барои ба ҳаракат даровардани чашм) муҳим аст.

Лозим ба ёдоварӣ аст, ки идроки ҳаракат танҳо дар ҳаракати чашм асос намеёбад. Мо дар як вақт ҳаракатро дар ду самти муқобил идрок мекунем, ҳарчанд чашмҳо дар як вақт ба ду самти мухталиф ҳаракат карда

наметавонанд. Дар баробари ин, таассуроти ҳаракат метавонад дар ҳолати воқеан мавҷуд набудани ҳаракат ҳам зоҳир шавад. Масалан, агар баъд аз фосилаи кӯтоҳи ист дар экран як қатор тасвирҳоеро бо навбат тамошо кунем, ки ҷузъиёти ҳаракати объектро ифода мекунанд (расми 18). Инро эффекти стробоскопӣ меноманд, ки барои пайдошавии он ангезаҳои алоҳида бояд аз якдигар бо фосилаи муайяни вақт ҷудо бошанд. Барои ба вуҷуд овардани эффекти стробоскопӣ набояд фосилаи вақти ист аз 0,45 сония зиёд бошад. Мавриди қайд аст, ки эффекти стробоскопиро дар киноматография ва махсусан ҳангоми ба навор гирифтани филмҳои тасвирӣ ба таври васеъ истифода мебаранд.



Расми 18. *Принсипи эффекти стробоскопӣ*

Дар идроки ҳаракат бешубҳа, нақши муҳимро аломату нишонаҳои бевосита (масалан, чархзании чархҳои автомобил ҳангоми ҳаракат кардани он) мебозанд, ки таассуроти бавоситаи ҳаракатро ба вуҷуд меоваранд. Механизми истифодабарии аломату нишонаҳои бевосита дар он ифода меёбад, ки ҳангоми ёфтани чунин аломатҳои ҳаракат коркарди интеллектуалии онҳо сурат мегирад хулосабарорӣ карда мешавад, ки ашё дар ҳаракат аст.

Ҳамаи назарияҳои идроки ҳаракатро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст. Гурӯҳи якуми назарияҳо бар он ақидаанд, ки идроки ҳаракат аз эҳсосоти биноии соддаи пайгири якдигари нуқтаҳои алоҳида бармеояд, ки тавассути онҳо ҳаракат сурат мегирад. Ин назарияҳо тасдиқ мекунанд, ки идроки ҳаракат дар натиҷаи якҷояшавии ин эҳсосоти соддаи биноӣ ба вуҷуд меояд (В. Вундт).

Намояндагони назарияҳои гурӯҳи дуюм бар он назаранд, ки идроки вақт сифатҳои махсусе дорад ва ин сифатҳо ба чунин эҳсосоти содда пайвастагӣ надоранд. Онҳо қайд мекунанд, ки идроки ҳаракат танҳо ҷамъи эҳсосоти соддаи биноӣ не, балки дарки образи яклухти сифатан аълои аз ин эҳсосот бавуҷудомада мебошад. Маҳз дар ин замина назарияи гешталтпсихология рӯи кор омад, ки намояндаи он М. Вертгеймер мебошад.

Ба ақидаи М. Вертгеймер, идроки ҳаракат азсаргузаронии махсуси ҳолате мебошад, ки аз идроки худи ашёҳои ҳаракаткунанда авлотар аст. Агар ду идроки пайҳами ашё дар ду ҳолат вуҷуд дошта бошад, он гоҳ азсаргузаронии ҳолати ҳаракат на ҷамъи ин ду эҳсос аст, балки онҳоро ба якдигар пайваста, дар байни онҳо қарор дорад. Ин азсаргузаронии ҳолати ҳаракатро Вертгеймер фи-феномен номидааст. Ба ақидаи намояндагони гешталтпсихология, идроки ҳаракат дар асоси ҷойивазкунии предмет дар замина ба вуҷуд меояд ва ба раванди бавуҷудоии ин намуди идрок таҷрибаи гузашта низ таъсири калон мерасонад.

Идроки вақт новобаста аз муҳимияташ нисбат ба дигар намудҳои идрок, ки аз идроки фазо бармеоянд, камтар омӯхта шудааст. Душвории ин намуди идрок дар он аст, ки вақт аз тарафи мо ҳамчун зуҳуроти олами моддӣ идрок карда намешавад. Доир ба ҷараёни он мо танҳо аз рӯи аломатҳои алоҳида хулосагирӣ мекунем.

Шаклҳои нисбатан соддаи ин намуди идрок идроки давомнокӣ ва пайдарпайӣ мебошанд, ки тартиби оддитарини зуҳурот дар онҳо асос меёбад ва онро «соати био-

логӣ» меноманд. Ба онҳо тартиби равандҳое дохил мешаванд, ки дар ҳуҷайраҳои пӯстлохи мағзи сар ва қисми зерпӯстлохӣ ҷараён мегиранд. Масалан, пайдарпайии хоб ва истироҳат. Аз дигар тараф, мо вақтро ҳангоми иҷрои ягон кор идрок мекунем, яъне вақте ки протсессҳои муайяни асабии таъминкунандаи кори мо ҷараён мегиранд. Мо дар алоқамандӣ аз давомнокии ҷараёни ин протсессҳо, пайдарпайии ҳаяҷон ва боздорӣ, дар бораи вақт ахбори муайян мегирем. Аз ин бармеояд, ки дар тадқиқи идроки вақт бояд ду ҷанбаро ба эътибор гирифт: идроки давомнокии вақт ва идроки пайдарпайии вақт.

Баҳогузории давомнокии вақт аз он ҳодисаҳое вобастагӣ дорад, ки ин вақтро пур кардаанд. Агар ҳодисаҳо бисёр ва барои мо шавқовар бошанд, он гоҳ вақт тез мегузарад. Баръакс, агар ин ҳодисаҳо кам бошанд ё ба доираи шавқу ҳаваси мо ворид нашаванд, он гоҳ вақт оҳиста мегузарад. Агар зарурати баҳогузорӣ кардани давомнокии ҳодисаҳои гузашта ба вуҷуд ояд, дар ин ҳолат баҳогузории вақт дар асоси алоқаи баръакс сурат мегирад. Вақти бо ҳодисаҳои гуногун пуршударо мо баҳогузорӣ мекунем ва ин фосила дар назари мо хеле давомнок метобад. Фосилаи бароямон шавқоварнабударо бошад, баҳогузорӣ намекунем ва он вақти сарфшударо ба эътибор намегирем.

Баҳогузории давомнокии вақт аз ҳолатҳои азсаргузаронидаи эмотсионалӣ низ вобастагӣ дорад. Агар ҳодиса дар мо эмотсияҳои хушу гувороро ба вуҷуд оварад, он гоҳ вақт дар назари мо хеле тез мегузарад. Ва баръакс, ҳолатҳои ногувору нофорам суръати гузашти вақтро дар назари мо хеле суст мекунанд.

Хусусияти ба худ хоси вақт барнагарданда будани он аст. Мо метавонем ба он фазое баргардем, ки аз он ҷо рафта будем, аммо мо вақти гузаштаро баргардонида наметавонем. Маҳз аз ҳамин сабаб, мо ҷараёни вақтро дар асоси барқарор кардани тартиби объективии пайдарпайии бебозгашти ҳодисаҳо идрок мекунем. Дар ин зами-

на, мо ин тартибро, дар асоси алоқаи сабабии пайдарпайии ҳодисаҳо барқарор менамоем.

Дар баробари барқароркунии тартиб ва пайдарпайии ҳодисаҳои гузашта ва оянда, мо маҳдудкунии муваққатии вақтро истифода мебарем, яъне мо медонем, ки ягон ҳодиса бояд дар ин вақти рӯй диҳад. Маҳдудкунии вақт барои он имконпазир аст, ки мо бузургии муайяни фосилаи вақтро истифода мебарем. Чунин фосила метавонад рӯз, ҳафта, моҳ, сол, аср ва ғайра бошад. Ҳамин тариқ, аз рӯи тулӯъ ва ғуруби офтоб хулоса мебарорем, ки чанд шабонарӯз гузашт.

Чун вақт бузургии самтдор аст, самти муайянкунандаи на танҳо системаи ченкунии воҳидӣ (сония, дақиқа, соат, рӯз, моҳ ва ғайра), балки нуқтаи доимии равонакунанда мебошад, ки аз ин нуқта ҳисоб сар мешавад. Чунин нуқтаи имтиёзноки вақт танҳо якто аст. Нуқтаи ягонаи имтиёзнок дар вақт замони ҳозира мебошад, ки аз рӯи он гузаштаю оянда муайян карда мешавад.

Ҳамин тариқ, дар идроки вақт аз тарафи одам бояд ду ҷанбаро ҷудо намуд: субъективӣ ва объективӣ-шартӣ. Ҷанбаи субъективӣ бо баҳогузории шахсии мо ба ҳодисаҳои рӯйдода алоқаманд аст ва дар навбати худ, аз пуррашавии ин фосилаи вақт бо ҳодисаҳо, инчунин тобиши эмотсионалии онҳо вобастагӣ дорад. Ҷанбаи объективӣ-шартӣ бо ҷараёнгирии объективии ҳодисаҳо ва ивазшавии шартии нуқтаи ҳисоб ё фосилаи вақт алоқамандӣ дорад. Агар ҷанбаи якум идроки вақти моро инъикос кунад, он гоҳ ҷанбаи дуюм барои баэътиборгирии вақт ба мо кӯмак мерасонад.

4.3. Хотир

Мафҳуми умумӣ дар бораи хотир

Чӣ тавре ки ҳангоми баррасии мавзӯи идрок қайд кардем тавассути идрок образи яклухти ашёю ҳодисоти олами воқеӣ дар майнаи сари мо пайдо мешавад. Ин ҷо

саволе ба миён меояд, ки тақдири минбаъдаи ин образ чӣ мешавад? Оё ин образи пайдошуда нобуд мешавад? Албатта не. Образи ашёю ҳодисоти олами воқеӣ, ки тавассути эҳсос ва идрок дар майнаи сар ҳосил карда мешавад, нобуд нашуда, дар пустлохи майнаи сар нақши худро мегузорад ё дигар хел карда гӯем сабт мешавад. Ин сабтшавии образ вобаста ба дараҷаи идрок, мақсадгузории одам ва дигар омилҳо дар дар дараҷаҳои гуногун сурат мегирад. Минбаъд образи нақшбаста дар хотир нигоҳ дошта мешавад ва дар мавриди зарурӣ, дар рафти фаъоляти одам аз нав ҳосил карда мешавад. Азнавҳосилкунии образ дар ду шакл сурат мегирад: якум, дар ҳолате, ки объекти образ дигарбора эҳсос ва идрок карда мешавад ва дуюм, дар ҳолати бевосита таъсир нарасонидани объекти образ ба узвҳои ҳиссӣ. Дар ҳолати дуюм омили асосии азнавҳосилкунии образ характери субъективӣ дошта, асосан аз мақсадгузории шахс вобаста аст.

Раванди сабт шудани образ дар пустлохи майнаи сар, нигоҳ доштан ва дар мавриди зарурӣ аз нав ҳосил кардани он маънои ба хотир гирифтани образи ин ашё ё ҳодисаро дорад.

Ҳамин тавр, хотир протсесси психикиест, ки туфайли он образи ашёю ҳодисаҳои олами воқеӣ ба хотир гирифта мешавад, дар хотир нигоҳ дошта мешавад ва дар мавриди зарурӣ аз нав ҳосил карда мешавад.

Хотир дар илми психология яке аз масъалаҳои марказӣ ба шумор меравад. Протсесси хотир асоси ҳаёти психикии инсон аст, чунки ҳодисаҳои олами беруна тавассути хотир дар вақти зарурӣ истифода мешаванд. Агар хотир намебуд, он гоҳ ҳамаи ҳодисаҳои пеш идрокшуда дар назарамон нав менамуданд ва одам таҷрибаю ҳаётӣ пайдо намекарду соҳиби дониш намегашт. Масъалаи дигари нисбатан муҳим ин аст, ки инсон дар сурати набудани хотир ба муҳит мутобиқ намешуд. Аз ин бармеояд, ки раванди маърифати олам бо иштироки фаъоли хотир ба амал меояд. Аввал ҳодисаҳо эҳсосу идрок карда мешаванд

ва тассаввуроти пайдошуда дар шакли образҳо ва идеяҳо дар хотир нақш мебанданд ва дар вақти зарурат аз нав ба хотир оварда мешаванд

Образи ашёю ҳодисаҳо метавонад дар натиҷаи идроки онҳо пайдо шуда, дар хотир нақш бандад ва метавонад дар асоси офаридани образҳои хаёлӣ ба хотир гирифта шавад. Дар мавриди якум онро тасаввурот мегӯянд.

Хусусиятҳои муҳимтарини психика дар он ифода меебад, ки инъикоси олами беруна доимо дар рафтори фард истифода мешавад. Рафтори фард то рафт мураккабтар шудан мегирад ва ин бо сабаби ҷамъшавии таҷрибаи гузашта ба вуҷуд меояд. Ташаккули таҷриба дар асоси сабтшавии образҳои олами беруна, ки дар майнаи сар ба вуҷуд меоянд, сурат мегирад. Чӣ хеле, ки қайд кардем, ин образҳои ҳосилшуда минбаъд нобуд намешаванд, балки дар майнаи сар нақши худро мегузоранд.

Образҳо минбаъд байни худ дар алоқаҳои гуногун мустаҳкам мегарданд, нигоҳ дошта мешаванд ва вобаста ба зарурати талаботу фаъолияти инсон аз нав ҳосил мегарданд. Баъзан дар шароитҳои муайян ашёҳое ба хотир оварда мешавад, ки худи онҳо дар айни замон таъсир намебахшанд.

Бешубҳа хотирро анбори донишҳои одам номидан мумкин аст, зеро маҳз тавассути хотир доираи донишҳои одам зиёд шудан мегирад ва ин донишҳо барои иҷрои бомуваффақияти фаъолияти гуногун истифода бурда мешаванд. Мавриди қайд аст, ки захираи хотири одам бо доираи донишҳояш мутаносиби роста мебошад, яъне чӣ қадаре, ки хотираи одам бой бошад, ҳамон қадар доираи донишаш васеъ аст.

Хусусияти фаъол будан, ки ҳангоми баррасӣ намудани мавзӯъҳои эҳсос ва идрок ба онҳо мутаалиқ дониста будем, ба хотир низ хос аст. Одам дар рафти иҷрои протсессҳои хотир, чӣ бахотиргирӣ, чӣ дархотирнигоҳдорӣ, чӣ

шинохтан ва азнавҳосилкунӣ фаъолияти муайяни психикиро иҷро мекунад.

Хотир низ характери интихобӣ дорад, зеро одам аз байни образҳои сершумори дар натиҷаи идрок пайдошуда образи ашёю ҳодисоти барояш муҳиму заруриро мустаҳкамтар ба хотир мегирад ва баръакс образи ашёю ҳодисоти барои одам на он қадар муҳим суст ба хотир гирифта шуда, тез фаромуш мешаванд. Ба ташаккулёбии хусусияти интихобӣ будани хотир шавқу ҳаваси шахс таъсири калон мерасонад, зеро равияи шахс маҳз дар асоси шавқу ҳавасҳои ӯ шакл мегирад. Дар аксар ҳолатҳо муҳимияти образи идрокшуда низ вобаста ба шавқу ҳавасҳои шахс муаян карда мешавад. Агар ашё ё ҳодисаи идрокушда ба доираи шавқу ҳавасҳои шахс дохил шавад, он гоҳ шахс образи ин ашё ё ҳодисаро муҳим мешуморад ва мустаҳкамтар ба хотир мегирад.

Таасуроти одам нисбат ба ашёю ҳодисаи идрокушуда ва тобиши эмотсионалии он низ ба протсесси хотир таъсир мерасонанд. Пайдошавии образи идрок, ки дар одам зоҳиршавии дараҷаи баланди ягон ҳолати эмотсионалиро ба вуҷуд меоварад хубтар ба хотир гирифта мешавад. Албатта он таъсироте, ки қувваи мутаасиркунанда надорад ва тобиши муайяни эмотсионалиро соҳиб нест хеле суст ба хотир гирифта мешавад.

Албатта барои самарнокии протсесси хотир мақсадгузории шахс ва кӯшишҳои иродавии ӯ низ саҳми арзанда доранд. Вобаста ба бартарӣ доштани сифатҳои гуногунӣ иродавӣ дар одам дараҷаи бахотиргирии ихтиёрӣ низ фарқ дорад. Масалан, одамони сустирода, танбал ва ба кӯшиши дарозмуддати иродавӣ қобилият надоштагӣ ҳамеша чизеро рӯякӣ ва бад ба хотир мегиранд. Баръакс, одамони қавиродае, ки барои аз худ намудани ин ё он мавод субботкорӣ нишон медиҳанд, маводи заруриро мустаҳам ва ҷуқур ба хотир мегиранд.

Бояд гуфт, ки образҳои хаёл низ бо воситаи хотир ба вуҷуд меоянд. Ҳамин тавр, барои нақл кардани ягон ҳодиса донишҳои гузашта ва тасаввуротҳои пеш пайдо шуда, ки дар хотир монданд, зарур мешаванд. Ҳатто яклухтии мафҳуми «Ман» ва фаҳмидагирии худ ҳамчун шахс бо назардошти шавқу ҳавас, майлу хоҳиш, маром ва талабот бе хотир номумкин аст. Мушоҳидаҳои клиникӣ нишон медиҳанд, ки «одами бехотир» ҳамчун шахс вуҷуд дошта наметавонад ва он ба механизме монанд мешавад, ки дар асоси таъсироти берунӣ беихтиёр амал кардан мегирад.

Боигарии хотири инсон сабаби ташаккули шахсияти одам мегардад. Бинобар ин ҳар қадаре, ки хотири худро бо донишҳои гузаштае бой гардонем, ҳамон қадар тафаккуру шуури инсон бойю ғанӣ мегардад. Бисёр хусусиятҳои шахс дар ҷараёни машқ намудан мустаҳкам мешаванд ва танҳо туфайли хотир устувор мегарданд. Дар ин асос хотирро чунин таъриф додан мумкин аст: протсесси ташкил ва нигаҳдории таҷрибаи гузашта, ки ба истифодаи такрори он дар рафти фаъолият мусоидат намуда, барои бозгашти он ба соҳаи шуур имконият медиҳад.

Хотир гузаштаи субъектро ба ҳозираю ояндаи ӯ алоқаманд месозад ва функсияи муҳимтарини маърифатие ба шумор меравад, ки асоси тараққиёт ва таълимро ташкил медиҳад.

Албатта хотири инсон дар он ҳолат фаъол аст, ки агар ҳодиса аввал ба хотир гирифта шавад, сипас дар асоси роҳу усулҳои мувофиқ дар хотир нигоҳ дошта шавад ва ин имконият медиҳад, ки дар вақти зарурӣ он чизи идрокшударо аз наз ҳосил карда шаванд. Психологи машҳури рус В.В. Богославский ба протсесси хотир чунин баҳо медиҳад: «Хотир - ин протсесси бахотиргирӣ, дархотирнигаҳдорӣ ва азнавҳосилкунии вазъиятҳои ҳаёт ва фаъолияти шахс аст».

Ба қавли физиолог И.М.Сеченов бе хотир эҳсос ва идроки мо беосор ва бенақшу изҳо нест мешуданд ва одамро модом дар ҳолати нав таваллудшуда мемонд.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки хотир бо дигар ҳодисаҳои психикӣ алоқамандии бевосита дорад.



Нақшаи 7. *Мавқеи хотир дар системаи*

Ҳамин тариқ, хотир - ин протсесси психикии мураккабе мебошад, ки аз якчанд протсессҳои дар доираи худи он амалкунанда ва ба якдигар алоқаманд иборат аст. Феълан дар доираи омӯзиши хотир ҳамчун ҳодисаи психикӣ дар назди илми психология якчанд вазифа гузошта шудааст: омӯзиши механизмҳои нақш бастан ё сабт шудани образҳои дар асоси идрок пайдошуда; ошкор кардани механизмҳои физологии ин протсесси психикӣ; ҷустуҷӯи омилҳо ва шароитҳое, ки ба самарнокии хотир таъсир мерасонанд; имкониятҳои протесси хотир ва ғайра.

Мавқеи тасаввурот дар протсесси хотир

Ахбори аввалин дар бораи олами иҳотакарда тавассути эсос ва идрок ба даст оаварда мешавад. Ҳаяҷони дар узвҳои ҳиссии мо бавуҷудомада баробари қатъ шудани таъсирот бе осор нобуд намешавад. Баъд аз ин образҳои давомдор ба вуҷуд оварда мешаванд ва як муддати муайян нигоҳ дошта мешаванд. Дар муқоиса нақши ин образҳои пайдошуда барои ҳаёти пси-

хики одам он қадар калон нест. Аҳамияти нисбатан калонтарро он зуҳурот соҳиб аст, ки баъд аз гузаштани фосилаи муайяни вақт аз лаҳзаи идроккунӣ образи ин ашёро мо метавонем тасодуфан ё мақсаднок ҳосил намоем. Ин зуҳурот тасаввурот номида мешавад.

Ҳамин тариқ, ***тасаввурот – ин раванди инъикос кардани образи ашёю ҳодисаҳое мебошад, ки айни замон идрок карда намешаванд, аммо дар асоси таҷрибаи пештараи мо ҳосил мегарданд.***

Асоси тасаввуротро идроки пештараи ашёҳо ташкил медиҳад. Якчанд типи тасавуротро фарқ кардан лозим аст. Якум, *тасаввуроти хотир*, яъне ба вуҷуд овардани образи ашёю ҳодисаҳое, ки пеш идрок шуда буданд. Ба таври дигар гуем азнавҳосилкунии нисбатан аниқи ашёю ҳодисаҳое, ки вақте ё замоне бо узвҳои ҳисси мо таъсир бахшидаанд ва идрок карда шудааснд. Дуюм, *тасаввуроти хаёл*, яъне тасаввурот дар бораи предмету ҳодисаҳое мебошад, ки дар ҳамон шакл аз ҷониби мо идрок нашудаанд. Ин образҳои хаёлӣ имконият медиҳанд, ки образу тасаввуротҳои нав ба вуҷуд оварем. Дар нигоҳи аввал ин ин шакли тасаввурот ба моҳияти мафҳуми тасаввурот мувофиқат намекунад, зеро дар хаёл мо он чизеро тасвир менамоем, ки ҳеҷ гоҳ онро надидаев ва дарк накардаем. Аммо набояд фаромуш кард, ки хаёл низ дар ҷойи холӣ пайдо намешавад ва барои пайдошавии он заминаи муаян вуҷуд дорад.

Тасаввурот на худ ба худ, балки дар натиҷаи фаъолияти амалӣ ба вуҷуд меояд ва дорои тавсифи муаяни худ мебошад. Пеш аз ҳама тасаввурот бо *дараҷаи аёнӣ будан* тавсиф дода мешавад. Тасаввурот – ин образи ҳиссӣ-аёнии воқеият аст ва наздии он ҳам бо образи идрок дар ҳамин асос меёбад. Аммо образҳои персептивӣ инъикоси он ашёю ҳодисоти олами воқеӣ мебошанд, ки феълан идрок карда мешаванд, тасаввурот бошад азнавҳосилкунӣ ва коркарди образи ашёю ҳодисоте, ки дар гузашта идрок

шуда буданд. Аз ин лиҳоз тасаввурот ҳеҷ гоҳ он дараҷаи аёниятро надорад, ки дар образи идрок дида мешавад.

Тавсифи дигари тасаввуротро *ҷузъиётӣ будан* ташкил медиҳад. дар рафти тасаввурот баъзе қисмҳои ашё хеле равшан, баъзе қисмҳои дигар тира тасаввур мешавнд ва қисмҳои сеюб бошанд умуан тасаввур карда намешаванд. масалан, вақте, ки мо рӯи ягон шахсро тасаввур кардани мешавам мо танҳо он қисму аломатҳои алоҳидаи рӯйро тасаввур мекунем, ки ба онҳо диққат дода будем. Дигар қисмҳоро бошад дар заминаи образ хеле тира тасаввур мекунем.

Ноустуворӣ ва доимӣ набудан хусусият ё тавсифи дигари тасаввуротро ташкил медиҳанд. Ҳама гуна образи азнавҳосилкардашуда новобаста аз он, ки образи ашё аст ё аз ягон ҳодиса аз доираи шуури мо нобуд мешавад. Яъне як лаҳзаи кутоҳ дар доираи шуур мемонаду сипас ғойб мешавад. Дар ин ҳолат ба мо лозим меояд, ки барои азнавҳосилкунии навбатии ин образ қувваи иродавӣ сарф намоем. Ба ғайр аз ин тасаввурот раванди хеле тағийрёбанда аст. Ҳангоми азнавҳосилкунии образ гоҳ як қисм ва гоҳ қисми дигар он ба мадди аввал мебароянд, яъне дар тасаввурот предмет ва заминаи идрок тез-тез якдигарро иваз мекунанд.

Мавриди қайд аст, ки тасаввурот на танҳо образи аёнии воқеият, балки то як дараҷа образи *ҷамъбастшудаи* аст. Наздик будани образи тасаввурот бо мафҳумо дар ин тавсифи тасаввурот ифода меёбад. Ҷамъбастшуда будан на танҳо ба он тасаввуроте хос аст, ки ба гурӯҳи пурраи ашёҳои монанд таалуқ дорад, балки дар тасаввури ашёҳои мушаххас низ мушоҳида мешавад. Ҳар боре, ки мо ягон ашёро мебинему эҳсос мекунем дар майнаи сари мо образи нави он инъикос мешавад, аммо ҳангоми тасаввур кардани ин ашё образи пайдошуда характери ҷамъбастӣ дорад. Дараҷаи ҷамъбасткунӣ дар тасаввурот метавонад гуногун бошад. Тасаввуротеро, ки бо дараҷаи баланди

ҷамъбасткунӣ тавсиф дода мешавад, *тасаввуроти умумӣ* мемонанд.

Тасаввурот низ ба монанди дигар протсессҳои психикӣ вазифаҳои худро дорад ва асосан се вазифаи асосии онро ҷудо мекунанд:

1. Вазифаи хабардиҳӣ. Моҳияти ин вазифаи тасаввурот дар он ифода меёбад, ки ҳангоми азнавҳосилкунии образи ашё мо на танҳо образи онро инъикос мекунем, балки ахбороти муайян дар бораи ин ашё ҳосил карда мешавад. Ин ахборот дар зери таъсироти муайян ба системаи сигналие табдил меёбад, ки рафторро идора менамояд.

2. Вазифа батанзимдароваранда. Ин вазифаи тасаввурот бо вазифаи якум алоқаи бевосита дошта, дар интихоби ахбори зарурӣ доир ба ашё ё ҳодисаи пештар ба узвҳои ҳиссии мо таъсиррасонида ифода меёбад. Ин интихоб на ба таври абстрактӣ, балки бо баэътиборгирии шароитҳои воқеии фаъолияти дарпешистода сурат мегирад.

3. Вазифаи омодасозӣ. Ин вазифа дар ҷурсозии самти фаъолияти одам вобаста ба характери таъсироти муҳити иҳотакарда ифода меёбад.

Аз вазифаҳои тасаввурот бармеояд, ки он дар танзими психикии фаъолияти одам нақши калон мебозад.

Асоси физиологии тасаввуротро ҷоннокшавии осорҳо дар нимкураҳои пустлохи майнаи сар ташкил медиҳад, ки ҳангоми идроки ашёю ҳодисаҳо ба вуҷуд омада буданд. Тасаввурот барои протсессҳои хотир ва хаёл ҳамчун мавод хизмат мекунанд.

Тасаввуротро аз рӯи меъёрҳои гуногун таснифот мекунанд, ки муҳимтаринашон инҳоянд:

1. Аз рӯи намуди бартарӣ доштаи эҳсос, ки асоси тасаввуротро ташкил медиҳад. Вобаста ба ин меъёр намудҳои зерини тасаввурот фарқ карда мешаванд: биноӣ, шунавоӣ, ҳаракатӣ, буй, маза, ҳарорат ва органикӣ.

2. Аз рӯи мазмуни тасаввурот: тасаввуроти математикӣ, таърихи, географӣ, техникӣ ва ғайра.

3. Аз рӯи дараҷаи ҷамъбасткунӣ: тасаввуротҳои ҷузъӣ ва умумӣ.

4. Вобаста ба иштироки кӯшиши иродавӣ дар пайдоиши тасаввурот: ихтиёрӣ ва беихтиёр.

Ҳамин тариқ, тасаввурот ҳамчун яке аз ҷузъиётҳои муҳимтарини хотир дар рушду ташаккулёбии ин протсесси психикӣ ва умуман раванди маърифати олам аз тарафи одам нақши ивазнашаванда дорад.

Ассотсиатсия ва механизмҳои физиологии хотир

Дар таърихи психология аз замонҳои кадим кӯшиши шарҳ додани алоқаи протсессҳои психикӣ дар раванди бахотиргирӣ ва азнавҳосилкунии образи ашёю ҳодисоти олами воқеӣ мушоҳида мешавад. Ҳанӯз Арасту принсипи пешниҳод намуда буд, ки ин принсип метавонад тасаввуроти моро бо якдигар алоқаманд кунад. Минбаъд ин принсип бо номи принсипи *ассотсиатсия* (калимаи «ассотсиатсия» маънои «алоқа», «пайвастшавӣ»-ро дорад) дар илми психология шуҳратёр гашт.

Мувофиқи принсипи ассотсиатсия нақши асосиро дар ташаккули протсессҳои хотир фаъолияти шахс мебозад. Дар ҳамин асос як равияи ассотсиативӣ ба вуҷуд омад. ***Ассотсиатсия гуфта, алоқаҳои муваққатии асабиро меноманд, ки зуҳуроти онҳо ва пайдоиши хотир мебаранд.***

Ашёҳои олами беруна дар майнаи сар нақш меменанд ва дар асоси алоқамандии байниҳамдигарӣ аз нав ҳосил карда мешаванд. Яъне як образ барои пайдоиши образи дигар сабаб мешавад, чунки дар байни ин ду образ ягон алоқамандӣ мавҷуд аст. Ассотсиатсияҳо содда ва мураккаб мешаванд. Се намуди ассотсиатсияҳои соддаро ҷудо мекунанд:

а) *ассотсиатсия аз рӯи монандӣ*. Дар ин ҳолат образҳои предметҳо барои аз нав ба хотир овардани образҳои ба аввала монанд сабаб мешавад.

б) *ассотсиатсия аз рӯи мухолифат*. Дар ин ҳолат образҳои ба ҳам мухолиф боиси он мешавад, ки образи дигаре аз нав ҳосил карда шавад. Масалан, ғавғо - оромӣ.

в) *ассотсиатсия аз рӯи пайҳамӣ*. Дар ин ҳолат идрок ва тасаввурот дар бораи як предмет барои ба ёд овардани як предмети дигар сабаб мешавад, чунки дар байни онҳо алоқаи вобастагӣ ба вуҷуд меояд.

Ассотсиатсияҳои мураккаб ё маъногӣ бошанд инъикоскунандаи алоқаҳои объективӣ: «шакл ва навъ», «ҷузъ ва кулл», «сабаб ва натиҷа» мебошанд.

Таълимот дар бораи ассотсатсияҳо махсусан дар доираи психологияи ассотсиативӣ хеле паҳн шуд, ки ин принсипро ба тамоми зуҳуроти психоки хос медонист (Д. Юм, У. Джеме, Г. Спенсер). Намояндагони ин равияи илмӣ аҳамияти ассотсиатсияро аз будаш баландар баҳо медоданд, ки дар натиҷа боиси то андозае вайроншавии тасаввурот доир ба бархе аз зуҳуроти психикӣ, аз ҷумла хотир гашт. Тибқи ин назария бахотиргирӣ ҳамчун образи ассотсиатсия ва азнавҳосилкунӣ бошад, ҳамчун ассотсатсияҳои вуҷуддоштаи аллакай истифодашуда шарҳ дода мешуданд.

Мутаасифона дар бисёр ҳолатҳо назарияи психологияи ассотсиативӣ ҳамчун варианти шарҳдиҳии механики зуҳуроти психикӣ муаррифӣ мешавад. Ба андешаи намояндагони психологияи ассотсиативӣ протсессҳои психикӣ худ аз худ, новобаст аз дарку тафаккури мо ба якдигар пайваст мешаванд.

Новобаста аз ин, инкор кардани мавҷудияти алоқаҳои ассотсиативӣ хато аст. Ин принсип минбаъд аз тарафи олимони рус И.М. Сеченов ва И.П. Павлов илман асоснок карда шуд. Ба ақидаи И.П. Павлов ассостисатсия – ин алоқаи муввақатие мебошад, ки дар натиҷаи таъсири яккарата ё пайгиронаи ду ё якчанд ангеза ба вуҷуд меояд. Феълан аксари муҳаққиқон ассотсиатсияро ҳамчун як унсури хотир баҳо медиҳанд, на ҳамчун механизми асоссӣ ва ягонаи он.

Минбаъд ба омӯзиши механизмҳои хотир мактабҳои гуногуни психологӣ аз қабили гештaлтпсихология, психоанализ ва бихевиориз машғул шуда, ҳар кадом аз мавқеи самти омӯзиши худ онро тадқиқ намудаанд.

Новобаста аз муваффақиятҳои зиёд дар соҳаи омӯзиши хотир механизмҳои физиологии сабтшавии нақшҳо ва табиати худи хотир то ҳол пурра омӯхта нашудааст. Файласуфон ва психологҳои охири асри XIX ва ибтдои асри XX танҳо бо он маҳдуд шудангд, ки «хотир хусусияти материя аст».

Солҳои 40-уми асри XX чунин ақидаҳои ба вуҷуд омаданд, ки тибқи онҳо хотир – ин функсияи майнаи сар ва механизмҳои физиологи он бошад – тағйирёбандагии майнаи сар аст. Тағйирёбандагии майнаи сар дар он ифода меёбад, ки ҳар як протсесси асабӣ аз худ нақш мегузорад ва ин нақш характери протсессҳои минбаъд бавуҷудояндаро тағйир медиҳад ва барои зоҳиршавии такрории онҳо ҳангоми мавҷуд набудани ангеза мусоидат менамояд. Дар нимаи дуюми асри XX тадқиқотҳо нишон доданд, ки бахотиргирӣ, дархотирнигоҳдорӣ ва азнавҳоислкунии нақши ашёю ҳодисаҳо бо протсессҳои биокимиёвии дар майнаи сар бавуҷудоянда ва махсусан модификатисияи РНК вобастагӣ дорад. Ҳамин тариқ, дар омӯзиш ва тадқиқи механизмҳои физиологии хотир назарияи нав - назарияи малекулярӣ (дараҷаи биокимиёвӣ) ба вуҷуд омад. Тадқиқотҳои солҳои охир нишон додаанд, ки дар майнаи сари одам ду кислота вухуд дорад: рибонуклеинат (РНК) ва дезоксирибонуклеинат (ДНК). Мувофиқи ин назария, дар бораи мустаҳкамшавии осорҳо протсесси нигоҳ дошта шудани таассурот ду давра дорад. Дар давраи якум (бевосита баъди таъсири ангезанда) дар системаи асаб мутаассиршавии ибтидоӣ ва кутоҳмуддати электрокимиёвӣ ба вуҷуд меояд, ки он дар ҳуҷайраҳои асабӣ дигаргуниҳои устувори физиологиро ба вуҷуд намеоварад. Дар давраи дуюм, ки пас аз якум меояд, мутаассиршавии биокимиёвӣ ба вуҷуд

меояд. Ин мутаассири бо ҳосилкунӣ ва дигаргункунии РНК алоқаманд аст. РНК асоси биокимиёвии хотири онтогенетикӣ- хотири дар хаёти индивид ташаккулёбанда мебошад. Баъзе тадқиқотчиён чунин мешуморанд, ки протсесси тағирёбиҳои биокимиёвӣ ба ҳуҷайраҳои асаб таъсир мекунанд. Дар натиҷа онҳо қобилият пайдо мекунанд, ки ба таъсири такроран ба вуҷуд овардашудаи ангезандаҳои шинос ҷавоб гардонанд.Ба ақидаи биокимиёшиносон ДНК барандаи хотири генетикӣ ва РНК барандаи хотири бадастовардашуда аст.

Барои омӯзиш ва ошкор кардани механизмҳои физиологии хотир физиологҳо низ кӯшиши зиёде намудаанд, ки бо номи назарияи нейронҳо (дараҷаи нейрофизиологӣ) дар психологияи хотир маъруф аст. Нейрофизиологҳо дар он ақидаанд, ки нақши асосиро дар раванди хотир ҳуҷайраҳои асабӣ ё худ нейронҳо мебозанд. Ҳухайраҳои асабӣ кӯтоҳ ё дароз мешаванд ва ҳуҷайраҳои кӯтоҳу дароз бо якдигар бо ҳуҷайраи дигаре пайваст шудаанд, ки онро синапс меноманд. Ҳангоми идроки ашё образи он дар ҳуҷайраи кӯтоҳ пайдо шуда, тавассути синапс ба ҳуҷайраи дароз мегузарад ва дар онҳо нақш мебандад.

Таснифоти хотир

Хотир низ вобаста ба меъёрҳои гуногун таснифот карда мешавад. Меъёрҳои асосии таснифоти хотир инҳоянд: 1) аз рӯи мазмуни фаъолияти психикӣ; 2) аз рӯи идоранамоии иродавии хотир; 3) аз рӯи давомоти мустаҳкамнамоӣ ва дархотирнигоҳдорӣ.



Нақшаи 8. *Таснифоти хотир*

Ҳоло ин намудҳои хотирро мухтасар шаҳ медихем:

Хотири ҳаракатӣ. Бахотиргирӣ ва азнавҳосилкунии ҳаракатҳо ва системаҳои онҳо зуҳуроти хотири ҳаракатӣ ё моторӣ мебошад. Ин намуди хотир асоси ҳосил кардан ва ташаккул додани малака ва одатҳои ҳаракатӣ мебошад.

Дуруст ташкил кардани амалҳои меҳнатӣ барои азхудкунии онҳо аҳамияти басо муҳим дорад. Фақат бо ҳамин шарт онҳо бо суръати муайян ва ба осонӣ ташаккул ёфта, ба талабҳои бомуваффақият иҷро кардани ин ё он фаъолият ҷавоб дода метавонанд.

Ҳамаи одамҳо ба хотири харакатӣ соҳибанд. Аммо зуҳуроти он дар ҳар одам ҳар хел аст. Ин фарқҳои фардӣ ба ду омили зерин вобастаанд: 1) ба хусусиятҳои модарзодии ҷисмонии организм; 2) ба дараҷаи дуруст ташкил кардани ёдгирӣ ва машқҳо доир ба ҳосил кардани малакаҳои ҳаракатӣ. Дар натиҷаи хусусиятҳои фардии ҳар одам ҳангоми роҳравӣ, навиштан, меҳнат, бозӣ ва ҳоказо ба суръат ва тарзи ҳаракати ба худаш хос соҳиб мешавад. Хотири ҳара-

катӣ аз нуқтаи назари генетикӣ (аз рӯи пайдоиши худ) пеш аз дигар намудҳои хотир ба вуҷуд омадааст. Зуҳуроти аввалини хотири ҳаракатиро дар моҳи аввали ҳаёти кӯдак мушоҳида кардан мумкин аст. Онҳо аввал маҷмӯи маҳдуди ҳаракатҳои соддаро аз худ мекунанд. Сони бахотиргирӣ ва азнавҳосилкунии ҳаракатҳо дар натиҷаи дар бар гирифтани доираи боз ҳам васеътари ҳаракатҳои мураккабтар босуръат васеъ шудан мегирад. Ин протсессҳо (бахотиргирӣ, азнавҳосилкунӣ) ҳангоми мустаҳкам намудан ва аз нав ҳосил кардан торафт бештар ҳаракати шуурона гирифта, бо протсессҳои тафаккур, ирода ва дигар намудҳои хотир зич алоқаманд мешаванд. Ин чунин маъно дорад, ки дар давраҳои гуногуни синну сол хусусиятҳои сифатии хотири ҳаракатӣ якхела намебошанд. Моҳияти тараққиёти хотири ҳаракатӣ маҳз дар тағйироту азнавсозии сифатии он зоҳир мегардад.

Хотири эмотсионалӣ. Ба хотир гирифтан, дар хотир нигоҳ доштан ва дар мавриди зарурӣ аз нав ҳосил кардани образи ҳиссиёт ва эмотсияҳои азсаргузаронидашуда моҳияти хотири эмотсионалиро ташкил медиҳанд. Одам метавонад ягон ҳолати эмотсионалии азсаргузаронидааш, масалан тарсро муддати дароз дар хотир нигоҳ дорад. Хотири эмотсионалӣ ба рушд ва зуҳуроти минбаъдаи ҳолатҳои эмотсионалии одам таъсир расонида, ба раванди шинохтан ва азнавҳосилкунии образҳои хотир тобиши эмотсионалӣ мебахшад.

Хотири образӣ. Дар хотир нигоҳ доштан ва аз нав ҳосил кардани образҳои предмет ва ҳодисаҳои ҳақиқат, ки пештар идрок карда шуда буданд, хотири образӣ мебошад. Хотири образи биноӣ, шунавоӣ, ломиса, бӯй ва маза шуда метавонад. Хотири образӣ дар одамони фаъолияти бадеи дошта: расомон, мусикинавозон, нависандаҳо ба дараҷаи баланди тараққиёт мерасад.

Баъзе одамон хотири образии ниҳоят равшанро соҳибанд, ки онро хотири эйдетикӣ меноманд («эйдос» - калимаи юнонӣ буда, образро ифода мекунад). Образҳои эйдетикӣ натиҷаи нигоҳдории ҳаяҷони қисми марказию пустлохии анализатори биноӣ ё шунавоӣ мебошад. Бинобар ин одами эйдетик баъд аз идрок кардан ҳам боз муддате тасвири худи ҳозир идроккардаашро бо ҳамаи майда – чуйдаҳояш мебинад, оҳанги шунидааш ба гӯшаш мерасад ва ҳоказо.

Хотири калимагӣ-мантиқӣ. Хотири калимагӣ-мантиқӣ дар бахотиргирӣ ва азнавҳосилкунии фикрҳо ифода меёбад. Фикрҳо берун аз нутқ, берун аз ин ё он калимаҳою ибораҳо вуҷуд надорад. Бинобар ин чунин намуди хотирро на танҳо намуди мантиқӣ меноманд.

Аз нав ҳосил кардани фикрҳо на ҳамеша дар намуди аввалаи ифодаи калимагиашон ҷорӣ мегардад. Баъзан фақат мазмуни умумӣ, моҳияти фикрҳои ифодакардашуда ба хотир гирифта шуда, аз нав ҳосил карда мешавад ва айнан такрор намудани калимаҳо талаб карда намешавад. Дар мавриди дигар на фақат маънои умумӣ ба хотир гирифта ва аз нав ҳосил карда мешавад, балки аниқ, калима ба калима такрор кардани фикрҳо талаб карда мешавад (аз ёд кардан). Аммо айнан ба хотир овардани маводи калимагӣ бе фаҳмидани мазмуни он низ татбиқ мегардад, ки дар ин сурат азёдкунии мантиқӣ не, балки механикӣ мебошад. Дар ин ҷо дараҷаи тараққиёти нутқ нақши калон мебозад.

Хотири ихтиёрӣ ва беихтиёр. Ин намудҳои хотирро вобаста ба мақсад ва тарзҳои бахотиргирӣ ва азнавҳосилкунӣ фарқ мекунанд. Агар мақсади махсуси бахотиргирӣ ва бахотироварии ин ё он мавод гузошта нашавад ва мавод пассивона, гуё худ аз худ, бе истифодабии усулҳои махсус ва кӯшиши иродавӣ ба хотир гирифта шавад, он гоҳ ин гуна хотир беихтиёр меша-

вад. Агар мақсади махсуси ба хотир гирифтан гузошта шавад, усулҳои мувофиқи мнемикӣ, бахотиргирӣ (аз калимаи юнонӣ «мнеме» - хотир) истифода бурда шавад ва кӯшишҳои иродавӣ зоҳир карда шавад, он гоҳ ин гуна хотир ихтиёрӣ ҳисоб меёбад.

Хотири беихтиёр нисбат ба хотири ихтиёрӣ пештар ба тараққиёт сар мекунад. Тамоми таҷрибаи ҳаётии бача аввал ба хотири беихтиёр такя намуда, бе мақсади махсуси бахотиргирӣ ва кӯшишҳои махсус ба даст оварда мешавад. Аммо дар фаъолияти бошуурона фаъол, ҳангоми азхудкунии системаи донишу маҳорату малакаҳо хотири ихтиёрӣ мавқеи пешбарандагиро ишғол мекунад.

Хотири кутоҳмуддат ва дарозмуддат. Хотири кутоҳмуддат протсесси нисбатан кутоҳмуддат (якчанд сония ё дақиқа) буда, барои аз нав аниқ ҳосил кардани ҳодисаҳои ҳозир шуда гузашта ва ҳодисаю ашёҳои ҳозир идроккардашуда кифоя аст. Баъди гузаштани вақти кӯтоҳ таассурот нест мешавад ва одам қобилияти аз объекти идрок кардашуда ба хотир овардани чизеро гум мекунад. Ё ҳар як калима ва ибораро фақат якчанд сония аниқ дар хотир нигоҳ медорад. Хотири дарозмуддат бо нисбатан дарозмуддат будани дар хотирнигоҳдории маводи идроккардашуда тавсиф дода мешавад.

Сохт ва механизмҳои хотири кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат ҳоло ба кадри кифоя омӯхта нашудаанд ва тадқиқотҳои иловагиро талаб мекунанд. Вале ҳозир ҳам равшан аст, ки аз нав ҳосил кардани маводи ба муддати кӯтоҳ бахотиргирифташуда бо ҳамон шакли «фотографии» ва пайдарпаии идроки пештара, яъне то дараҷаи муайяне ба таври механикӣ татбиқ мегардад. Маводи идроккардашуда дар хотири дарозмуддат аз рӯи маънои худ дигаргун ва мустаҳкам карда мешавад, бинобар ин вобаста ба вазифа ва характери худи фаъолият он мавод ба тариқи ҷамъбасткардашуда ва

интихобӣ, яъне ба таври фаҳмидашуда аз нав ҳосил карда мешавад.

Протсессҳои хотир

Чӣ хеле ки аз таърифи хотир бармеояд, ин протсесси психикӣ дар худ се протсесси алоҳидаро фаро мегирад: бахотиргирӣ, дархотирнигоҳдорӣ, шинохтан ва азнавҳосилкунӣ.

Бахотиргирӣ яке аз протсессҳои аввалин ва ибтидоии хотир аст, ки дар гузариши мақсад ҳамчун ба хотиргирии ихтиёрӣ тавсиф дода мешавад. Асосан ду намуди бахотиргириро ҷудо мекунанд: ихтиёрӣ, беихтиёр.

Бахотиргирии ихтиёрӣ мақсаднок буда, самаранокии он ба маром ва усулҳои иҷрояш вобаста аст. Маромҳо барои он заруранд, ки шахсро ба кушиши иродавӣ водор месозанд.

Вобаста ба алоқамандии қисмҳои алоҳидаи мавод ва дараҷаи фаҳмидашавандагии он 2 - намуди бахотиргириро ҷудо мекунанд.

Бахотиргирии механикӣ. Агар мавод дар асоси алоқаи механикӣ байни қисмҳо аз худ карда шавад, он гоҳ бахотиргирии механикӣ ба вуҷуд меояд. Баъзан бахотиргириии механикӣ бе фаҳмиши маъноии мавод ба вуҷуд меояд, ки ба қориазёд кардани он мебарад ва ин дар асоси такрори бисёркарата ба вуҷуд меояд. Масалан, порчаи шеъреро аз ёд кардани кӯдак. Тадқиқотҳо дар бахотиргирии механикии хонандагону донишҷӯён 3-сабабро ошкор кардаанд:

- Агар шахс ба моҳияти маводи таълимӣ сарфаҳм наравад, он гоҳ бахотиргирии механикӣ рӯ меорад.

- Агар дар байни қисмҳои алоҳидаи мавод алоқаҳои маъногиро пайдо карда натавонад.

- Вобаста аз принсипи таълими муаллим.

1. Бахотиргирии маъногӣ. Агар мавод дар асоси алоқаҳои маъногии байни калимаҳо ба хотир гирифта шавад, он гоҳ он бахотиргирии маъногӣ аст. Бахотирги-

рии маъногӣ самараноктар буда, сабабҳои муайяни бавуҷудоиро дорад.

Дар бисёр ҳолатҳо барои бахотиргирии маъногӣ воситаҳои аёнӣ (схемаҳо, нақшаҳо, ҷадвалҳо, диаграммаҳо ва ғ.) ёрии калон мерасонанд.

Давраҳои бахотригирии маъногӣ инҳоянд:

Миқдор дар сифати маводи идрокшаванда ба протсессҳои бахотиргирӣ ва дархотирнигаҳдорӣ таъсир мерасонанд. Вобаста ба ҳаҷму мундариҷаи мавод, ҳатто ҳангоми миқдоран як хел ва бо як намуд такрор кардан натиҷаи такрор гуногун мешавад. Масалан, ду маънӣ аз ҷиҳати ҳаҷми якхела, вале аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа осону мушкил буданро интихоб намуда, ҳар яки онҳоро, фарз кардем: 2 ё 3 маротибагӣ ва бо як усул такрор мекунем. Баъд аз санҷида баромадани бахотиргирии матнҳо натиҷа ва ё маҳсули такрор баробар наояд, зеро дараҷаи осонию мушкилии мавод бо протсесси бахотиргирӣ ва дархотирнигаҳдорӣ таъсири мусбат ё манфӣ мерасонад. Дар баробари зиёд кардани ҳаҷми мавод вақти барои бахотиргирӣ лозимбуда низ зиёд мешавад.

Чунончӣ, агар барои азёд кардани 12 ҳиҷо ба ҳисоби миёна ба ҳар як ҳиҷо 14 сония вақт баробар омада бошад, дар азёд кардани 24 ҳиҷо ба ҳар як ҳиҷо 29 сония ва дар азёд кардани 36 ҳиҷо ба ҳар як ҳиҷо 42 сония вақт баробар омадааст.

Нақшаи 9. *Иллюзияи андоза ҳангоми*

Вобаста ба ҳамин қонуниятҳои нишон додашуда масъалаи самаранокии бахотиргирӣ ва дар хотирнигаҳдорӣ ба таври умумӣ ва алоҳида ҳал карда мешавад. Масалан, фаҳмидани маводи ҳаҷмаш хурд осон аст ва он бе ба қисмҳо ва ҳиссаҳо ҷудо кардан низ ба осонӣ аз худ карда мешавад. Аммо маводи ҳаҷмаш калон бударо беҳтар мешавад, ки ба қисмҳо ва ҳиссаҳо ҷудо кард ва ҳар як қисму ҳиссаи онро ба таври алоҳида аз худ намуд. Чӣ тавре ки тадқиқотҳо ва таҷрибаҳо нишон доданд, матнҳои таълимӣ, порчаҳои шеърӣ ва воситаи якҷоякунии ҳиссаҳои онҳо беҳтар аз худ карда мешавад. Дар ин ҳолат барои фаҳмидани мазмуни умумии матн он якчанд маротиба хонда мешавад, ҳиссаҳои алоҳидаи он ҷудо карда шуда, дар байни онҳо алоқа муқаррар карда мешавад. Бояд аз ин ҳар як ҳисса ва қисме ба тариқи алоҳида боз аз худ карда шуда, сипас дархотирнамоии матн аз нав хонда мешавад.

Ҳангоми ба усули якҷоякардашуда аз худ кардани мавод ҳар қисми матн на ба таври аз якдигар ҷудо, балки дар алоқамандӣ бо ҳамдигар азёд карда мешаванд, ки ин

ҳолат барои фаҳмидан ва барои дар оянда аз нав ба хотир овардан хело муҳим аст. Агар матн фақат ба тариқи ҳисса-ҳисса ё қисм-қисми ба якдигар алоқадор набуда азёд карда шавад, он гоҳ дар мавриди якҷоя кардани он қисмҳо ва ҳиссаҳо мушкилӣ ба амал меояд. Чунончӣ, агар мактаббача порчаи шеъриро танҳо ба тариқи қитъа-қитъа, банд-банд азёд кунад, он гоҳ дар мавриди аз нав ба хотир овардан ва махсусан дар ҳолати аз як банд ба банди дигар гузаштан, мушкилӣ ба амал меояд ва хонанда маҷбур мешавад, ки айнан як бандро як чанд маротиба такрор кунад. Ин ҳолат барои он рӯй медиҳад, ки дар мавриди фақат ба тариқи қитъа-қитъа азёд кардани шеърро дар байни мисраҳои аввалу охири қитъа ассотсиатсияҳои доиравӣ ташкил меёбад. Аз ин рӯ азёдкунии якҷоя аз ба вуҷуд омадани ассотсиатсияҳои доиравӣ озод буда, ба ҳосилшавии протсесси азёдкуниро маънодор мусоидат мекунад.

Дархотирнигоҳдорӣ - ин раванди коркард, басистемадарорӣ, пурракунии фаъоли мавод ва нигоҳдошти он аст. Дархотирнигоҳдорӣ ҳамчун раванди мнемикӣ аз як катор омилҳо вобаста аст: аз ҳаҷму сифати мавод, аз дараҷаи фахмидашавандагии он, аз мақсадгузории шахс ва истифодаи донишҳои азхудшуда, аз ташкили такрории маводи бахотиргирӣ ва ғ.

Яке аз масъалаҳои ҳалталабе, ки дар рафти ҷараёни таълим ба амал меояд – ин бардавом ба хотир гирифтани маводи таълимӣ аст. Аксар вақт одамоне дучор меоянд, ки аз хотираашон шикоят мекунанд. Мушоҳидаҳои психологӣ нишон медиҳанд, ки чунин ҳолат бо сабаби надонистани роҳу усули бахотиргирӣ ба амал меояд.

Барои он ки матн хуб ба хотир гирифта шавад, зарур аст, ки он хуб фаҳмида шавад. Фаҳмидан – шарти муҳими бахотиргирӣ ба шумор меравад ва он худ аз худ сурат намегирад. Барои аниқу мустаҳкам ба хотир гирифтани он такрор зарур аст ва дар навбати худ ин протсесс набояд ба мӯҳлати дароз монанд шавад.

Баъзеҳо дар чунин ақидаанд, ки гӯё такрор ба бахотиргирии механикӣ мебурда бошад. Ин тамоман хатост: бахотиргирии механикӣ дар натиҷаи фаҳмидани мавод ба амал меояд. Доир ба ин масъала психолог А.Н.Соколов менависад: «Такрор агар ба протсесси фаҳмидан асос ёбад, он гоҳ на танҳо бахотиргириро мустаҳкам менамояд, балки ба фаҳмидани матн ёрӣ мерасонад».

Асоси физиологии такрорро алоқаҳои муваққатии устуворшуда ташкил медиҳад. Ҳангоми такрор намудан имконият пайдо мешавад, ки материалҳои таълимӣ байни худ муқоиса карда шаванд, аломатҳои монандию фарққунандаи онҳо ҷудо гарданд. Дар рафти такрори мавод алоқаҳои нави муваққатӣ пайдо мешаванд ва ин ба самаранокии азёдкунӣ бурда мерасонад.

Бояд як лаҳзаро ба эътибор гирифт, ки такрори бисёркарата агар пай дар пай ба амал ояд, он гоҳ дар ҳуҷайраҳои асаб протсесси бозdориро ба вуҷуд меоварад. Махсусан бозdорӣ дар сурати такрори якхела тез ба амал меояд. Барои ин ангезандаҳо набояд якзайл, балки гуногунранг бошанд, ҳар лаҳза ангезандаҳои нав бояд таъсир бахшанд. Бинобар ин бавуҷудоии алоқаҳои муваққатӣ натиҷаи оддии миқдорӣ такрор намебошад. Инро мо дар тачриба бисёр мушоҳида мекунем, ки дар баъзе ҳолатҳо баъзан такрори начандон зиёд босамартар аст, нисбат ба такрори зиёди бесамар

Доир ба ин масъала тадқиқотҳои зиёде гузаронида шуд ва онҳо чунин шароитҳои ташкили дурусти такрорро ҳангоми бахотиргирӣ муайян намудааст:

- тадқиқотҳо исбот намуданд, ки гуногунрангии такрор дар протсесси бахотиргирӣ ниҳоят шарти муҳим аст. Доир ба ин масъала К.Д.Ушинский менависад: «зарурате такрор намудани чизи азхудкардашуда ба ҳамон тартибе, ки азхуд карда шуда буд, нест… такрори тасодуфӣ, ки чизи азхудшударо ба таносубҳои гуногун мебарад, аҳамиятноктар аст»;

- хуб мешавад, ки такрор дар алоқамандӣ бо масъалаҳои барои одам шавқовар ташкил гардид. Масалан, маслиҳат додан мушкил аст, ки ҳангоми такрори маводи гузашта на танҳо бояд хонд, балки мисолҳои навро ҷудо намуд: ҷадвал, схема ва диаграммаҳои гуногунро сохт ва ғ.;

- агар маводи пешина бо нав муқоиса карда шавад, инчунин таснифот ва ба система дароварда шаваду ҷамъбаст гардад, он гоҳ ба воситаи онҳо аломатҳои монандию фарқкунанда аниқ мегардад, ки бахотиргирии аниқро таъмин менамояд. Бахотиргирӣ он вақт самарабахш мешавад, ки агар пайвастагии якчанд намудҳои идрок ба инобат гирифта шавад. Масалан, пайвастагии идроки биноӣ, шунавоӣ ва ҳаракатӣ имконият медиҳанд, ки маводи таълимӣ ҳарҷиҳата фаҳмида ва ба хотир гирифта шавад;

- шарти дигари бахотиргирии мустаҳкам азнавҳосилкунии мавод дар ҷараёни азёдкунӣ ба шумор меравад, яъне то лаҳзаи азёд кардан бояд он сурат гирад. Тадқиқотҳои экспериментали нишон доданд, ки дар азнавҳосилкунии маводи таълимӣ нақши асосиро азнавҳосилкунии мавод баъди хониши аввал мебозад;

- бояд ҳамин ҷиҳатро ба ҳисоб гирифт, ки азнавҳосилкунии ибтидоӣ одатан табиати устуворро дорад. Дар ин зина назорат нақши муҳимро мебозад, то ки дар он саҳву хатоҳои содиршуда ислоҳ карда шавад. Ин протсесси ислоҳкунӣ дар зинаи азнавҳосилкунӣ бояд сурат гирад. Ин ниҳоят худназораткуниро дар одамон ташаккул медиҳад. Бинобар ин протсесси худназораткуниро бояд дар одамон ташаккул дод

- шарти дигари самаранокии такрор ба вақт тақсим намудани он ташкил медиҳад. Ин чунин маъноро дорад, ки протсесси такрорро бояд ба вақтҳо тақсим намуд ва яклухт онро такрор намуд. Матн дар ин ҳолат ба таври яклухту том бояд такрор карда шавад ва сипас азёд карда шавад. Бинобар ин мувофиқи қисмҳои мавод дар

асоси мӯҳлатҳои пешакӣ ба вақт тақсим карда шуда, мавод ба таври яклухт азёд карда мешавад.

Шинохтан ва аз навҳосилкунӣ. Шинохтан - протсесси хотир, ки бо пайдоиши ҳисси махсуси шиносоӣ ҳангоми азнавҳосилкунӣ ва бо фаҳмидани объекти пештар идрок кардашуда алоқаманд аст. Шинохтан нисбат ба азнавҳосилкунӣ дида, протсесси оддӣ ва аз ҷиҳати генетикӣ барвақт зоҳиршаванда мебошад. Аз ин рӯ, шинохтан дар кӯдакон ҳанӯз дар охири нимсолаи якуми ҳаёташон пайдо мешавад. Шинохтан пурра ва нопурра мешавад. Ҳангоми нопурра шинохтан нақшбандии баъзе тасаввурот, ҳиссиёт ва фикрҳои ба предмети идрокшаванда алоқадор дар шуури мо ба амал меояд. Мо медонем, ки ин предмет барои мо нав нест. Вале ин тасаввуротҳо ва фикрҳое, ки дар мо ҳангоми пештар идрок кардани предмет вуҷуд доштанд, аз нав ба хотир оварда мешаванд. Шинохтани пурра дигар хел ба амал меояд. Дар мавриди пурра шинохтан тасаввурот ва фикрҳои бо предмети идрокшаванда алоқадор дар шуури мо аз нав пайдо мешаванд. Ин тасаввурот ва фикрҳо бо як қатор тасаввуротҳо ва фикрҳои дигар алоқадор мешаванд.

Азнавҳосилкунӣ - протсесси хотир аст, ки дар натиҷаи он ҷоннокгардии мазмуни пеш мустаҳкам гардидаи психика бо роҳи ҷудо кардани он аз хотири дарозмуддат ва гузаронидан ба хотири фарврӣ рӯй медиҳад. Аазнавҳосилкунӣ аз шинохтан фарқ мекунад, зеро шинохтан бештар ба аз нав идрок кардани чизи дар гузашта идрокшуда такя мекунад. Аазнавҳосилкунӣ бошад дар шахс бе такроран идрок кардани ашё ё ҳодиса ба амал меояд. Асосҳои физиологии азнавҳосилкуниро алоқаи муввақатии пешакии дар пӯстлохи майнаи сар бавуҷудомада ташкил медиҳад.

Азнавҳосилкунӣ беихтиёр ва ихтиёрӣ мешавад: Аазнавҳосилкунии беихтиёр бе мақсади муайяни дар пеш гузошташуда рӯй медиҳад. Шахс дар ин маврид, дар назди шуури худ вазифаи аз нав ба хотир овардани ашёи муа-

йянро намегузорад. дар бисёр ҳолатҳо азнавҳосилкунии беихтиёр дар натиҷаи пайдо шудани ассотсиатсяҳо ё идроки беихтиёри ашё сурат мегирад. Азнавҳосилкунии ихтиёрӣ бошад ба вазифа ва мақсади муайяни бошуурона гузошташуда вобаста аст. Аазнавҳосилкунӣ вобаста ба вазифаи гузошташуда табиати интихобиро пайдо мекунад.

Яке аз падидаҳое, ки ба раванди дархотирнигоҳдорӣ ва азнавҳосилкунии образҳои хотир таъсир мерасонад фаромушкунӣ мебошад. Доир ба ин падида алоҳида гузориш хоҳем дод.

Мавриди қайд аст, ки протсессҳои хотир ба якдигар алоқамандии зич доранд ва самаранокии хотир аз як қатор омилҳо вобастагӣ дорад. Дар доираи фаъолияти худ протсессҳои хотир дар алоқамандии байниҳамдигарӣ фаъолият менамоянд ва ҳамон як омил метавонад ба фаъолияти ҳамаи онҳо таъсир расонад. Масалан, нофаҳмо будани маводи пешниҳодшуда боиси он мегардад, ки дар рафти бахотигирӣ

одам маҷбур мешавад аз бахотиргирии механикӣ истифода барад. Пӯшида нест, ки маводи тавассути бахотиргирии механикӣ бахотиргирифташуда муддати дароз дар хотир нигоҳ дошта намешавад ва ҳангоми азнавҳосилкунии он одам ба хотогиҳо роҳ медиҳад.

Фаромӯшкунӣ. Протсесси фаромӯшкунӣ дар имконияти ба хотир наовардан ё нашинохтан, ё худ дар шинохтан ва бахотироварии барuалат ифода меёбад. Асоси физиологии фаромешкуниро боздории алоқаҳои муваққати ташкил медиҳад.

Пеш аз ҳама он чизҳое фаромӯш карда мешаванд, ки онҳо барои ҳаёти шахс муҳим нестанд, шавқу ҳаваси ӯро бедор намекунанд, ба талабҳои ӯ мувофиқ намеояд ва дар фаъолияташ мавқеи муайяну муҳимро ишғол наменамоянд.

Аксарияти он чизҳое, ки дар хотир мустаҳкам карда шудаанд, бо гузаштани вақт ба дараҷаи муайян

фаромӯш карда мешаванд. Фаромӯшкунӣ пурра ё қисман, бардавом ё муваққатӣ (кӯтоҳмуддат) шуда метавонад.

Ҳангоми фаромӯшкунии пурра мавод на танҳо аз нав ҳосил намегардад, балки шинохта ҳам намешавад. Агар одам маводро фақат қисман ё нодуруст аз нав ҳосил кунад, инчунин агар танҳо шиносаду аз нав ҳосил карда натавонад, он гоҳ мавод қисман фаромӯш карда мешавад. Фаромӯшкунии бардавом, пурра ё қисман бо он тавсиф дода мешавад, ки аз нав ҳосил кардан ва ба хотир овардани чизе муддати дароз ба одам муяссар намешавад. Аммо фаромӯшкунӣ аксар вақт муваққатӣ мешавад, масалан, одам маводи дар айни ҳол зарурбударо аз нав ҳосил карда наметавонаду баъди гузаштани вақте онро албатта аз нав хосил мекунад. Чунин азнавҳосилкунии ба таърих андохташудаи чизе, ки фаромӯшшуда менамуд, реминиссенсия ном дорад (аз калимаи лотини, маънояш «бахотироварӣ»). Бахотироварӣ дар бачаҳо назар ба калонсолон бисёртар дучор шуда, дар натиҷаи аз байн рафтани боздорие ба вуҷуд меояд, ки сабаби он мондашавии ҳучайраҳои асабии майна мебошад.

Протсесси фаромӯшкунӣ номунтазам, дар аввал зуд ва пас суст мегузарад. Масалан, одам дар давоми панҷ рӯзи аввал баъди азёдкунӣ назар ба панҷ рӯзи минбаъда маводро зудтар фаромӯш мекунад.

Аз рӯи маълумоти эксперементалӣ дар хотири мактаббачаҳо баъди як руз 77,6%, баъди чор руз 66,4% ва баъди даҳ рез 62,7 фоизи маводи мустаҳкам кардашуда боқӣ мемонад.

Боздории алоқаҳои муваққатии асабӣ, ки дар натиҷаи қувват надодани худи алоқаҳо ба вуҷуд меояд, асоси физиологии фаромӯшкунӣ мебошад. Он чизе, ки суст ба хотир гирифта шудааст, зудтар фаромӯш мешавад. Маводи ба таври механикӣ мустаҳкам кардашуда ҳам нисбатан зуд фаромӯш мегардад.

Дар сурати маъногӣ будани бахотиргирӣ, фаромушкунӣ хеле суст мегузарад.

Такрор воситаи асосии мубориза бар зидди фаромӯшкунӣ мебошад. «Такрор модари дониш аст» мегӯянд. Такрор на фақат шарти асосии мустаҳкам ба хотир гирифтани маводи таълимӣ, балки инчунин шарти дар хотир нигоҳ доштани он ҳам мебошад. Махсусан дар рӯзҳои аввал тез будани суръати фаромушкуниро ба эътибор гирифта, қариб тамоман фаромӯш шудани маводро мунтазир нашуда, такрорро ҳар чӣ барвақттар сар кардан лозим аст. Такрори мавод ҳар кадар барвақттар сар карда шавад, он ҳамон дараҷа ба осонӣ барқарор мешаваду миқдори камтари такрорро талаб мекунад.

Дар амал татбиқ намудани донишҳои аз худ кардашуда воситаи муҳимтарини мубориза бар зидди фаромӯшкунӣ мебошад. Ҳодисаҳое ҳам мушоҳида карда мешаванд, ки шахсе маводи дар айни замон аз худ кардаашро пурра ва дуруст аз нав ҳосил карда наметавонад. Аммо баъд аз гузаштани ду – се рӯз ҳамон мавод бе идроки такрори нисбатан пурра ва мукаммал аз нав ҳосил мегардад. Яъне, он чизе, ки дар назар фаромӯшшуда менамуд ва онро аз нав ҳосил карда натавониста будем, акнун ба хотир оварда мешавад.

Суръати рафти фаромӯшкунӣ нобаробар мегузарад. Фаромӯшкунӣ дар мавриди баъди азёдкунӣ тез мегузарад ва дар оянда суст шудан мегирад. Бояд қайд кард, ки суръати фаромӯшкунӣ бештар ба ҳаҷм ва мазмуни мавод вобастагӣ дорад. Маводи бемаъно ва беалоқа (масалан, ҳиҷоҳо ва калимаҳои алоҳидаи бемаъно, рақамҳо, ададҳо ва ғ.) нисбат ба маводи маънодор ва алоқадор тез фаромӯш мешавад.

Суръати фаромӯшкунӣ боз ба он вобаста аст, ки маводи мустаҳкам кардашуда то кадом андоза барои фаъолияти одам аҳамияти ҳаётию амалӣ дорад. Агар чизи азёдкардашуда дар зиндагӣ тадбиқ карда шавад,

яъне агар мавод такрор ёбад, он гоҳ фаромӯшкунӣ ҳам суст мегардад, ё ки тамоман ба амал намеояд. Масалан, мо калимаҳои забони модарии худро ҳеҷ вақт фаромӯш намекунем, чунки онҳоро ҳамеша истифода мебарем. Донишҳо ва маҳорату малакаҳои касбӣ ҳеҷ вақт фаромӯш намешаванд, зеро ки шахс дар фаъолияту зиндагии худ онҳоро ҳамеша истифода мебарад.

Шавқу ҳаваси шахс ба суръати фаромӯшкунӣ таъсир мебахшад. Ба маводи барои одам шавкангез ва мароқовар диққати шахс ҳамеша ҷалб мешавад, дар бораи он бештар фикр кунад ва онро бештар ба ёд оварад. Аз ин рӯ, шавқу ҳавас нисбат ба маводи муайян доштаи одамон тағйир наёбад, фаромӯшкунии ҳамон мавод ҳам суст мегузарад.

4.3. Диққат

Мафҳуми умумӣ дар бораи диққат

Ҳарчанд ба узвҳои ҳисси инсон дар як лаҳза ангезандаҳои гуногун таъсир бахшанд ҳам, вале дараҷаи равшан ва пурра фаҳмидани онҳо хеле гуногун аст. Масалан, мумкин аст талаба дар вақти дарс он чизро, ки муаллим нишон дода баён мекунад, фаҳмад, аммо садоҳои аз паси тирезаи пӯшида расида истодаро пай набарад. Дар мавриди дигар, ҳамон талаба садои аз паси тиреза омадаи муҳаррики самолётро хуб мешунавад ва ба он диққат дода, дарси муаллимро суст идрок мекунад, ё ки онро ҳаргиз намефаҳмад. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки одам дар рафти фаъолияти худ ягон таъсиркунандаи муайянеро интихоб карда, диққати худро ба он равона мекунад ва дар натиҷа таъсиркунанда дар мағзи сари ӯ равшан ва пурра инъикос меёбад ва нағз фаҳмида мешавад.

Ба ягон объекти муайян нигаронидан ва мутамарказонидани фаъолияти психикии одам, ки дар натиҷаи он ягон

қисми ҳақиқати реалӣ дар магзи сари мо пурра ва равшан инъикос меёбад, диққат номида мешавад.

Диққат як тарафи муайяни шуури одам мебошад. Ин ҷиҳат дар ҳамон вақт зоҳир мегардад, ки фаъолияти психикии одам ба ягон чизи муайян ҷалб шуда бошад.

Нигаронидани диққат дар асоси интихоби фаъолияти психикаи одам ба амал меояд. Шахс аз як ангезаҳои таъсиррасон ҳамонҳояшро интихоб намуда, фаъолияти психикиашро ба он равона месозад, ки дар айни замон ба ӯ муҳиму зарур мебошанд.

Хусусияти характерноки дигари диққат мутамарказияти он мебошад. Вазифаи иҷрошаванда чӣ қадаре, ки мушкил бошад, ҳамон қадар диққат талаб карда мешавад. Мутамарказият бо ҷалбшавии диққат алоқаи зич дорад. Агар диққати шахс ба ҳалли ягон масъала ё коре мутамарказонида шуда бошад, дигар таъсиркунандаҳои атроф (овози радио, автомашина, гуфтугӯи одамон) диққати моро кам ба худ ҷалб мекунанд ва баръакс, диққат чӣ қадаре, ки ба кори иҷрошуда истода камтар мутамарказонида шуда бошад, дигар таъсиркунандаҳои атроф онро ба худ ҳамон қадар зиёдтар ҷалб мекунанд. Масалан, вақте ки одам ба иҷрои ягон кор диққати худро равона мекунад, он гоҳ барои фаҳмидани он мутамарказонидани фаъолияти психикӣ низ лозим меояд. Яъне, барои иҷрои ягон фаъолият ҳам мутамарказонидан ва ҳам равона кардан ё худ ҷалбшавии диққат лозим аст.

Инсон дар мавриди дараҷаи баланди мутамарказияти диққат бисёр тарафҳои предмету ҳодисаҳоро мушоҳида карда метавонад ва баръакс, ҳангоми паст будан, хусусиятҳои ашёро рӯякӣ идрок намуда, баъзан аломатҳои муҳими онҳоро намебинад. Бинобар ин, барои мутамарказият тачрибаи пештара, шавқу ҳавас ва саъю кӯшиш ахамияти бузург пайдо мекунад.

Бодиққатӣ барои фаъолияти равшани фикрӣ, зудфикрӣ, аниқ ва бардавом нигоҳ доштан, барои ташакку-

ли малака, барои мураттабсозии фикр ва иҷрои вазифаҳои дар пеш гузошташуда аҳамияти калон дорад.

Бодиққатӣ дар мактаб ва махсусан дар протсесси таълим инкишоф меёбад, зеро худи таълим ташаккули ин хусусиятро талаб мекунад. Тараққиёти диққат ба инкишофи фикри кӯдакон низ вобаста аст. Дар синни 10-12 солагӣ вобаста ба инкишофи тафаккур ва хотири мантиқии кӯдак мутамарказият ва устувории диққат низ зиёд мешавад.

Тараққиёти диққат бо хусусиятҳои шахсии худи кӯдак ҳам вобастагӣ дорад. Баъзан чунин ҳолат мушоҳида мешавад, ки талаба китобро хонда истода, вале диққати ӯ ба дигар предмет равона шудааст. Дар ин вақт китобро хонад ҳам, онро намефаҳмад, чуноне, ки мегӯянд: «дар хондан хондаму дар фаҳмидан чизеро нафаҳмидам», чунки диққат ба дигар предмет, ҳодиса ва ё воқеа нигаронида шудааст. Агар диққат намешуд, он гоҳ протсессҳои психикӣ бетартиб мегузаштанд ва ин ба паст шудани фаъолияти психикӣ сабаб мешуд. Бинобар ин, диққат дар зуҳороти ҳамаи протсессҳои психикии одам, аз ҷумла дар идрок, хотир, тафаккур, нутқ ва ғайра роли муҳим мебозад.

Бедиққатӣ сабаби суст ва бадхонии талабагон мегардад ва баръакс, тарбия намудани диққат омили таъминкунандаи хубхонӣ, сифати кори муаллим ва сифати таълиму тарбия мебошад. Диққат фаъолияти ақлиро тез карда, ба кор шурӯъ кардани талабаро осон мегардонад, сифати кори талабаро баланд мебардорад, тез ва мустаҳкам дархотирнигоҳдории дониши талабаро таъмин мекунад, протсесси ба вуҷуд омадани малакаҳои азхудкунии донишҳоро таъмин менамояд ва ғайра.

Асосҳои физиологии диққат

Диққат дар асоси қону-ниятҳои муайяни физиологӣ ба амал меояд. Мувофиқи қонуни муайянкардаи Павлов И.П. ҳар як ҳаяҷоне, ки дар мағзи сар пайдо мешавад, он дар қисмҳои атрофии пӯстлохи мағзи

сар протсесси бозdориро ба вуҷуд меоварад. Ҳаяҷон ҳеҷ вақт дар сатҳи тамоми пӯстлохи мағзи сар баробар паҳн намешавад. Дар ҳар як лаҳзаи муайян, дар ягон қисми пӯстлохи мағзи сар шароити хуб, ё чӣ тавре мегӯянд манбаи «оптималӣ»-и ҳаяҷон ба вуҷуд меояд. Дар ҳамин қисми мағзи сар равшании кори шуур мушоҳида карда мешавад ва ин далолат аз пайдоиши диққат мекунад.

Тадқиқоти академик Ухтомский А.А. то андозае ба таълимоти Павлов И.П. дар бораи манбаи ҳаяҷони оптималӣ ҳамчун асоси физиологияи диққат рост меояд. Ухтомский А.А. назарияи доминантаро пешниҳод намуд. Мувофиқи ин таълимот, агар ангезандаҳои бисёр ба системаи асаб таъсир карда истанд, дар ҳамин лаҳза дар пӯстлохи мағзи сар якчанд қитъаҳои ҳаяҷонӣ пайдо мешаванд. Ҳар як қитъаи ҳаяҷонӣ метавонад дар сатҳи мағзи сар паҳн шавад ва дар натиҷа байни онҳо як навъ муборизае ба амал меояд. Дар асоси ҳамин «мубориза» яке аз қитъаҳои ҳаяҷон ғолиб меояд, яъне ҳукумфармо мешавад, ки онро Ухтомский А.А. «доминанта» номид. Доминанта қитъаи ҳукумфармои ҳаяҷон буда, асоси физиологии ба предмети муайяне нигаронидан ва мутамарказонидани диққати мо ба шумор меравад. Масалан, агар одам ба ягон намуди фаъолият, меҳнат, хондан, навиштан ва ғайра машғул шавад, он гоҳ диққати ӯ ба ҳамон фаъолият ҷалб мегардад. Ҷалбшавии диққат протсесси ҳаяҷонро дар мағзи сар ба вуҷуд меоварад, ки ин ҳаяҷон оҳиста-оҳиста дар як қисми рӯи мағзи сар паҳн гардида, дар қисми дигари ӯ протсесси бозdориро ба амал меоварад. Ҳамин тавр, амали меҳнат, хондан, навиштан ва ғайра дар шуур равшан ва пурра инъикос ёфта, нағз иҷро карда мешавад.

Намудҳои диққат Диққатро аз рӯи фаъолияти одам ба се намуд ҷудо мекунанд: беихтиёр, ихтиёрӣ, баъдиихтиёрӣ. ***Ба объекте, ки одам бе ҳеҷ гуна қувваи ирода фаъолияти психикии худро равона менамояд, диққати беихтиёр номида мешавад.*** Ангезандаҳо бо

чунин хусусиятҳои худ асос, сабаб ва манбаи ба вуҷуд омадани диққати беихтиёрии мешаванд. Агар ангезанда дуру дароз амал кунад, он гоҳ диққати моро ба худ ҷалб менамояд. Масалан, дар вақти бо коре машғул будан ба садои мошина мумкин аст аҳамият надиҳем, аммо агар он давомдор таъсир бахшидан гирад, он гоҳ диққати беихтиёрро ба амал меоварад. Ҳар гуна ангезаҳои зӯр, равшании баланд, нақли таъсирбахши афсона, ҳикоя, чизҳои аҷоиб ва ғайра манбаи бавуҷудоии диққати беихтиёрии мо шуда метавонанд. Фарз кардем, ки талабагон дар синф кори хаттиро ичро карда истодаанд ва дар ин давом хомӯшӣ ҳукумфармо аст. Дар ин маврид гуфтугӯи пасте, ки аз беруни синф ба гӯши онҳо мерасад, диққати хонандагонро аз ичрои амал дур карда наметавонад. Вале агар аз ягон ҷои наздик садои нисбатан зӯртаре ба гӯш расад, он гоҳ диққати хонандагонро ба худ мекашад. Ҳамин тариқ, агар қувваи таъсиркунанда зӯр бошаду ногаҳон пайдо шавад, он гоҳ сабаби аввалини зуҳуроти диққати беихтиёр мегардад.

Ҳиссиёте, ки бо объектҳои идрокшаванда алоқаманд аст, метавонад диққати беихтиёрро ба вуҷуд оварад. Масалан, агар дар вақти машғулият гузаронидан ногаҳон садои мусиқӣ ва сурудхонии форам шунида шавад, он гоҳ диққати мо ба он ҷалб мешавад.

Навии ашёҳо яке аз хусусиятҳои муҳиме ба шумор меравад, ки диққати беихтиёрро ба вуҷуд меоварад. Масалан, дар роҳи нақлиёт мошини тамғаи нави хориҷӣ ҳамоно диққати моро ба худ ҷалб мекунад. Ба қатори сабабҳое, ки боиси ҳосилшавии диққати беихтиёр мешаванд, инчунин таъсири таҷрибаи пешина, пеш аз ҳама дониш ва одатҳоро номбар кардан мумкин аст. Дар ҷараёни таълим риояи тартибу интизом, мураттабии ашёи таълим дар синф ва ғайра ба дараҷаи муайяне ба фаъолии диққат мусоидат мекунанд. Ҳамаи ҳолатҳои зикршуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки диққати беихтиёр бе гузориши

мақсаду нақшаи пешакӣ, бе сарфи қувваю кӯшишҳои иродавӣ ба вуҷуд меояд.

Дараҷаи олии диққат – диққати ихтиёрӣ мебошад, ки аз рӯи мақсади пешакӣ гузошташуда ҳосил мешавад. Мо ҳангоми ихтиёрона нигаронидани диққат фаъолияти психикии худро барои иҷро кардани мақсади дар пешгузошташуда шуурона ҷалб карда, бо монеа ва душвориҳои пайдошуда мубориза мебарем ва барои бартараф намудани онҳо ҳаракат мекунем. Масалан, агар дар мо хоҳиши хондани китоби дарсӣ пайдо шуда бошад, бо вуҷуди шунида шудани овози баланди гуфтугӯ ва ханда ба онҳо аҳамият намедиҳем ва худро маҷбур менамоем, ки барои хубтар фаҳмидани мазмуни китоб онро бодиққат хонем, қувваи худро шуурона ба ҳалли вазифаи гузошташуда равона намоем, то ки ба мақсадамон ноил шавем. Инро диққати ихтиёрӣ меноманд.

Ҳаматарафа тараққӣ додани хусусиятҳои шахс, аз он ҷумла ирода ва шавқу ҳавасҳо, инчунин дуруст ташкил кардани машғулиятҳо барои инкишофи диққати ихтиёрӣ аҳамияти калон доранд.

Диққати баъдихтиёрӣ намуди сеюми диққат мебошад, ки он баъд аз бавуҷудоии диққати ихтиёрӣ ба амал меояд. Одатан, ҳангоми иҷрои ягон амал ташкили мақсадноки диққат ва ҷаҳду кӯшиши иродавӣ барои нигоҳ доштани он зарур аст. Аммо дар баробари бартараф намудани душвориҳо ва дода шудан ба фаъолият дар шахс майл ва шавқу ҳавас ба кор пайдо шудан мегирад. Ҳамин тавр, протсесси гузариш аз диққати ихтиёрӣ ба баъдихтиёрӣ рӯй медиҳад. Масалан, дар оғози хондани китоби бадеӣ шахс бо мақсади фаҳмидани мазмуни он сарфи қувваи иродавӣ намуда, 5-10 саҳифаи онро мехонад. Баъдтар дар шахс майл ва шавқу ҳавас ба мундариҷаи асар пайдо мешавад ва ӯ то ба охир китобро мутолиа менамояд. Диққати баъдихтиёрӣ бо масъалаю мақсадҳои шуурона гузошташуда алоқаманд аст, яъне пешакӣ ба нақша ги-

рифта шудааст ва аз ин рӯ онро бо диққати беихтиёр монанд кардан зарур нест.

Ин се намуди диққат бо ҳам зич алоқамандӣ доранд, ба таври динамикӣ ба якдигар табдил меёбанд ва ҳамдигарро дар фаъолияти амалӣ пурра мекунанд.

Хусусиятҳои диққат

Дар психологияи ҳозира анъанаи бузурги омӯзиши диққат мавҷуд аст. Дар осори Рубинштейн С.Л., Добринин Н.Ф., Гоноболин Ф.Н., Страхов И.Л. ва дигарон табиати хусусиятҳои диққат, алоқаи байниҳамдигарии онҳо, махсусияти зоҳиршавии онҳо дар фаъолият, алоқаи онҳо бо хусусиятҳои шахс ҳамаҷониба таҳлил шудаанд. Диққати шахс пеш аз ҳама бо он тавсиф дода мешавад, ки то чӣ андоза ба объект нигаронида шудааст, то чӣ андоза аз объекти нодаркор фаъолияти психикиашро дур месозад ва ғайра. Диққат инчунин аз рӯи давомоти нигоҳдории фаъолияти шуур ба объект, аз рӯи вусъати дарбаргирии фаъолияти шуур ба объект, аз рӯи вусъати дарбаргирии объектҳо, аз рӯи моҳирии шахс дар гузариш аз як предмет ба дигараш тавсиф дода мешавад. Ҳамин тавр, панҷ хусусияти диққатро дар адабиёти илмии психологӣ фарқ мекунанд: мутамарказият, устуворӣ. ҳаҷм, тақсимот ва кӯчонидани диққат. Яке аз хусусиятҳои муҳимтарини диққат мутамарказият мебошад. Ин хусусият дараҷаи маҳдуднамоии диққати хонандаро ба як объекти муайяни фаъолият ифода менамояд. Пас, мутамарказият онро мефаҳмонад, ки диққат ба як объект равона карда мешавад. Масалан, баъзан хонанда дар рафти ҳалли масъала чунон ба кор дода мешавад, ки дигар ангезаҳои гирду атрофро намебинад ва намешунавад. Ин ҳолати чуқур рафтан ба предмет, бо равшанию аниқии баланди бавуҷудомада дар шуури одам тавсиф дода мешавад. Маҳз мутамарказияти баланди диққат имкон медиҳад, ки ҷиҳатҳои ҳодисаю предметҳоро нисбат ба ҳолати муқараррии шуур бештар ва хубтар мушоҳида намо-

ем. Агар мутамарказияти диққат нокифоя бошад, он гоҳ шуур ба таври сатҳию рӯякӣ аз болои предмету ҳодисаҳо лағжида мегузарад ва дар натиҷа таассурот аз онҳо ноаниқу номуайян ба вуҷуд меояд.

Мутамарказияти диққат бо ҳаҷми диққат зич алоқаманд аст. Ҳар қадар, ки объектҳои диққат кам бошанд ва ҳар қадар, ки намудҳои фаъолият кам бошанд, ҳамон қадар имконияти ба вуҷуд омадани мутамарказияти хуб фароҳам меояд. Бояд қайд кард, ки мутамарказияти диққат ба як объект он вақт натиҷаи мусбат медиҳад, ки агар дар алоқамандӣ бо ҳаҷм ва тақсимоти диққат дида баромада шавад. Асоси физиологии мутамарказияти диққатро индуксияи якборае ташкил медиҳад, ки дар асоси манбаи оптималии ҳаяҷон ба вуҷуд меояд. Дар натиҷаи индуксия бездории баамаломада ба ҳосилшавии мутамарказияти ҳаяҷон дар минтақаҳои нимкӯраҳои мағзи сар мусоидат мекунад.

Хусусияти дигари диққат ҳаҷми он мебошад. Миқдори объектҳое, ки ҳангоми идроки якбораи онҳо диққат ба онҳо паҳн мешавад, ҳаҷми диққат ном дорад. Аз ин рӯ, ҳаҷми диққат бо миқдори объектҳое чен карда мешавад, ки фаъолияти психикии шахс дар як воҳиди муайяни вақт ба он равона шудааст. Ҳаҷми диққатро бо роҳи экспериментал омӯхтан мумкин аст. Одатан, ҳаҷмро бо асбоби махсуси «тахистоскоп» тадқиқ мекунанд. Номи ин асбоб аз ду калимаи юнонӣ (тахис - тез, зуд ва скопео – мебинам) гирифта шудааст, ки ба забони тоҷикӣ «тезбин», «зуддид»-ро ифода мекунад. Таҷриба бо усули тахистоскопӣ чунин гузаронида мешавад. Озмудашаванда ба маркази пардае, ки тирезачаи асбобро мепӯшонад, назар мекунад.

Экспериментатор озмудашавандаро бохабар месозад, ки дар тирезачаи тахистоскоп лаҳзаи муайяне парда кушода мешаваду ҳарфҳое намоён мегарданд, ки онҳоро бояд хонад. Сипас, экспериментатор ишора мекунад: «Диққат!» ва бо фишор додани фишанг дар якчанд сония (баробар ба 1/10 сония) тирезача кушода мешавад. Озму-

дашаванда ҳарфҳоро мехонад, ки онҳо дар якҷоягӣ калимаро ташкил намедиҳанд. Миқдори ҳарфҳое, ки аз ҷониби озмудашаванда дар тахистоскоп идрок шудааст, ҳаҷми диққати хонандаро муайян мекунад. Чунин таҷрибаҳо нишон доданд, ки вақт барои бошуурона инъикос намудани ҳарфҳои ба майдони назар афтида кифоя намекунанд. Озмудашаванда дар шароитҳои чунин таҷрибаҳо танҳо баъзе предметҳоро номбар мекунад, аммо ба боқимондаи онҳо фурсати нигаристан пайдо намешавад. Пас, чаро барои идроки онҳо вақти дарозтаре лозим меояд. Мувофиқи тадқиқотҳои гузаронидашуда, ҳаҷми диққати калонсолон ба 4-6 аломат, кӯдакон ба 3-4 аломат баробар аст. Ин меъёр дар сурати пешниҳод намудани объектҳои байни худ алоқа надошта қабул шудааст. Агар ҳарфҳои алоқадору маънидорро пешниҳод намоем, он гоҳ ҳаҷми диққат зиёд шуда метавонад. Дар ин ҳолат, ҳаҷми диққат то 14 аломат баробар мешавад. Дар кӯаконе, ки акнун хонданро ёд гирифтаанд, ҳаҷми диққат ба 1-2 аломат ва бо ташаккули малакаи хондан метавонад то 3-5 аломат зиёд шавад. Ҳаҷми диққат аз хусусиятҳои предметҳои даркшаванда ва инчунин аз масъалаю характери фаъолият вобаста аст. Масалан, ҳарфҳоеро, ки дар як сатр ҷойгиранд, вале калимаро ташкил намедиҳанд, дар вақти ниҳоят кӯтоҳ нишон диҳем ва шинохтани онҳоро пешниҳод кунем, он гоҳ миқдори ҳарфҳои даркшаванда нисбатан кам мешаванд. Тағирёбии ҳаҷми диққатро ҳангоми бо вариантҳои гуногун пешниҳод намудани хусусиятҳои объект низ мушоҳида кардан мумкин аст. Ҳангоми нишон додани ҳарфҳои ранга ҳаҷми диққат нисбат ба намоиши ҳарфҳои гуногунранг зиёдтар аст. Ҳаҷми диққат ҳангоми ҷобаҷогузории якхелаи ҳарфҳо дар сатр зиёдтар мешаванд, дар нисбати он, ки ҳарфҳо дар сатр таҳти кунҷҳои гуногун нисбат ба якдигар ҷойгир бошанд. Агар андозаи ҳарфҳо якхела бошанд, он гоҳ дар нисбати андозаҳои гуногун миқдори зиёдтари ҳарфҳо идрок карда мешаванд.

Бояд қайд кард, ки ҳангоми мураккаб кардани масъалаи идрок ҳаҷми диққат низ дигар мешавад. Масалан, ҳангоми намоиши ҳарфҳои калимаро ташкил надиҳанда боз масъала гузата шавад, ки ранги ҳар як ҳарф низ бояд қайд гардад ё худ хатоҳои имлоӣ муайян карда шавад, он гоҳ ҳаҷми диққат кам шудан мегирад. Камшавии ҳаҷми диққат бо он сабаб рӯй дод, ки масъалаи гузошташуда идроки равшани ҳар як ҳарфро талаб мекунад. Пас, дар ҳамон як мавод, вобаста ба гузориши масъалаю мақсади идрок ҳаҷми диққат гуногун мешавад. Таҷрибаҳои бешумори гузронидашуда (бори аввал дар лабораторияи Вундт ва диг.) нишон доданд, ки ҳаҷми диққати калонсолон ҳангоми идроки предметҳои якҷинсаи алоқаи маъноғӣ надошта дар ҳудуди 4-6 объект мекалаванд.

Ҳаҷми диққатро инчунин ҳангоми ба гурӯҳҳо чудо намудани предметҳо зиёд намудан мумкин аст ва таҷрибаҳои зиёди олимон ин нуқтаро тасдиқ менамоянд. Ҳаҷми диққат инчунин ба характери касбу кор ва ихтисоси шахс вобаста аст. Дар мусаҳҳеҳ ҳаҷми диққат ба ҳарфҳо ва аломатҳо дар нисбати одами аз ин ихтисос дур буда нисбатан зиёдтар аст. Баъзе ихтисосҳо ҳаҷми васеи диққатро талаб мекунанд ва тахассуси педагогӣ яке аз онҳо ба шумор меравад. Муаллиме, ки ҳаҷми васеъ ва аниқи диққатро соҳиб аст, кори хаттии хонандагонро тез мебинад, ягон хато аз назараш намеафтад ва тамоми хонандагон дар майдони шуури ӯ зери назорат меистанд. Бояд қайд кард, ки дар баъзе намудҳои фаъолият ҳаҷми диққати маҳдуд зарур аст, масалан, дар микробиология, кори дорусозӣ ва ғайра.

Асоси физиологии ҳаҷми диққатро васеъгии манбаи оптималии ҳаяҷон ташкил медиҳад, ки зимни он ҳаҷми диққат зиёд мешавад. Дар сурати маҳдудшавии манбаи оптималии ҳаяҷон бозторӣ ба вуҷуд меояд ва ҳаҷми диққат кам мешавад. Ҳамин тавр, дар ҷараёни таълиму тарбия, тайёр намудани мутахассисони гуногуни фаъоли-

ят ба ташаккулу инкишофи ҳаҷми диққат эътибори ҷиддӣ додан зарур аст.

Яке аз шароитҳои бомуваффақият иҷрошавии ҳаргуна фаъолият устувории диққат ба шумор меравад. Устувории диққат – ин дар муддати дуру дароз нигоҳ доштани фаъолияти психикӣ ба объекти муайян мебошад. Устувории диққат бо вақт чен карда мешавад. Бояд қайд кард, ки доимо ба як объект нигаронидани диққатро ифода намекунад. Объекти амалҳо ва худи амалҳо дигар шудан мегирад, вале равияи умумии фаъолият ҳамеша доимӣ мемонад. Масалан, агар дар хонанда устувории диққат ҳангоми хондани китоб, дар рафти навиштан ё ҳангоми ҳалли масъалаҳои математикӣ мушоҳида шавад, объекти амали ӯ (матни китоб, калимаҳо, маълумотҳои миқдории масъала) ва инчунин амалҳои иҷрошаванда (ҳаракати даст ҳангоми навиштан, амалҳои математикӣ ва ғайра) ҳамеша иваз шудан мегиранд. Равиши умумии фаъолият бошад, ки бо мақсади масъала муайян мешавад, бояд доимо як навъ бимонад. Аз ин рӯ, дар бораи устувории диққат он вақт гуфта метавонем, ки агар шахс давомдор ба ягон коре дода шудааст, ки он тобеъ ба иҷрои як масъала аст. Объектҳои диққат предмет ва ҳодисаҳои олами беруна, амалҳо ва фикру афкори одам шуда метавонад. Устувории диққат махсусан дар ҷараёни меҳнат муҳим аст. Тақиқотҳо аҳамияти онро дар рафти таълим низ ошкор намудаанд. Агар дар хонанда устувории диққат набошад, он гоҳ диққати ӯ парешон мешавад ва қисматҳои муайяни дарс аз доираи назари ӯ дур мемонад. Хонанда дар чунин ҳолат маводи таълимиро пурра аз худ карда наметавонад.

Тадқиқотҳои профессор Н.Ф. Добринин нишон доданд, ки дар кӯдакони 7-8 сола устувории диққат ба 10-15 дақиқа баробар аст, аммо дар хонандагони синни калони мактабӣ бошад, давомот 40-45 дақиқаро ташкил медиҳад. Инчунин муқаррар шудааст, ки ҳуҷайраҳои асаб ҳангоми иҷрои ягон фаъолият хаста мешаванд ва ба нигоҳдории ҳолати устуворӣ таъсир мебахшад. Аз ин рӯ, саволе ба

миён меояд, ки барои нигоҳдории устуворii диққат чӣ гуна шароитҳо мавҷуданд?

Тадқиқотҳои психологӣ яке аз шароитҳои муҳими нигоҳдории устуворii диққатро дар гуногунрангии таассуротҳо ё худ амалҳои ичрошаванда мебинанд. Якрангии амалҳо ва ичрои якранги онҳо диққатро паст мекунанд ва боиси хастагии хонанда мешаванд. Яъне, ҳамон як ангезанда ба ҳамон як ҳуҷайраи асаб таъсир мебахшад, қувваи онҳоро паст мекунад ва барои ба вуҷуд омадани протсесси бозdорӣ мусоидат менамояд. Дар ниҳояти кор, устуворii фаъолияти психикӣ ба объекти диққат паст мешавад. Пас, барои нигоҳ доштани устуворii диққат объектҳои диққат ва амалҳои ичрошавандаро иваз кардан лозим аст.

Асоси физиологии устуворii диққатро устуворӣ ва доимо ивазкунии манбаҳои оптималии ҳаяҷон дар протсесси фаъолият ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, барои нигоҳдории устуворii диққат бояд таассуроти хонандагонро дар дарс бо роҳи истифодаи асбобҳои айёнӣ гуногунранг намоем, намудҳои гуногуни фаъолиятро ба якдигар иваз кунем, масъалагузориҳои шаклан гуногунро истифода барем, ки инҳо фаъолии тафаккур ва шавқу ҳаваси онҳоро бедор менамояд. Бояд таъкид намуд, ки гуногунрангии таъсирбахшиҳо бояд бо мақсад ва мазмуни дарс мувофиқат кунанд. Дар ин ҳолат бояд дар объекти диққат тарафҳои гуногуну нави онро кушода диҳем, нисбати он саволҳои нав ба нав гузорем ва дар ин замина амалҳои навро ичро намоем - ин ҳама ба нигоҳдории устуворii диққати хонанда ёрӣ мерасонад. Оид ба ин масъала Добринин Н.Ф. таъкид мекунад, ки барои бодиққат шудан фақат чашм наканда, ба предмет нигаристан кифоя нест, балки он бояд аз назари гуногун дида баромада шавад ва идроки онро гуногуншакл бояд кард.

Дар нигоҳдории устуворii диққат ичрои амалҳои зоҳиран ифоданоки шахс бо предмет роли муайян мебозад. Чунин ичрои амал имконият медиҳад, ки предмет

ҳамаҷиҳата фаҳмида гирифта шавад, пурра идрок гардад ва хонанда аз он таассуротҳои гуногунро гирад.

Тадқиқотҳо инчунин муайян намудаанд, ки агар дар дохили фаъолияти иҷрошаванда масъалаҳои нав ба нав гузошта шуда, кӯшиши ҳалли онҳо карда шавад, он гоҳ ин ба ҳолати нигоҳдории устувории диққат ёрӣ мерасонад. Таҷрибаҳои Добринин Н.Ф. нишон доданд, ки риояи ин шарт ҳангоми иҷрои фаъолият самарабахш аст. Озмудашавандагон бояд бо қалам тез дар як сония 5 доирачаро хат зананд. Онҳо дар давоми 20 дақиқа то 3600 доирачаро хат заданд, ки ин аз сермаҳсулии кори онҳо шаҳодат медиҳад. Ҳолати муқобили устувории диққатро парешонии диққат меноманд. Асоси физиологии онро ё боздории берунӣ, ки ангезаҳои берунаро ба вуҷуд меоварад, ё боздории дарунӣ, ки дар асоси фаъолияти якранга ё амали бардавоми ҳамон як ангеза ҳосил мешавад, ташкил медиҳад.

Амали парешонкунандаи ангезаҳои халалрасон аз характери ангезаҳо ва муносибати онҳо ба он чизе, ки диққат равона мешавад, вобаста аст. Аз ин рӯ, маълумотҳои психологи Свифт, ангезаҳои якҷинсае, ки ба онҳо диққат равона гаштааст, нисбат ба ангезаҳои гуногунҷинса бештар амали парешондиҳии диққатро ба вуҷуд меоваранд. Пас, хулоса баровардан мумкин аст, ки барои ҳосил намудани парешонии диққат объекти диққатро аз ҳисоби объектҳои гуногунҷинса тартиб додан ба мақсад мувофиқ аст. Ин ҳолатро психологон Титченер ва Фогт дар таҷрибаи худ низ тасдиқ намудаанд.

Пастшавии устувории диққат дар калавиши он мушоҳида мешавад. Калавиши диққат такроран дуршавии лаҳза ба лаҳзаи фаъолияти шуур аз объекти диққат аст, ки сипас ба он боз бармегардад. Калавиши диққат ҳангоми кори ниҳоятдарача мутамарказонидашуда низ ба амал меояд. Ин хусусияти диққатро бо гузаронидани таҷрибаҳо бо аксҳои «дутасвира» нишон додан мумкин аст. Масалан, бо озмудашаванда таҷрибаро бо пирамидаи сарбури-

да мегузаронем. Агар ба маркази пирамида нигарем, он гоҳ мебинем, ки сари буридаи он ҳар лаҳза равиши худро дигар мекунад: як лаҳза ба мо равона мешавад, як лаҳза аз мо ба ҷониби дарун. Барои кам кардани рафти калавиши диққат метавонем пирамидаро фикран тасаввур кунем, масалан, чун пояи ҳайкал (он гоҳ дар назарамон метобад, ки сари буридаи он ба мо равона мешавад) ва чун хонаи холӣ, ки дар он се девор, фарш ва сақфи хона дида мешавад (он гоҳ сари пирамида аз ҷониби мо ба дарун самт мегирад). Протсесси калавиши диққатро дар фаъолияти хонандагон бисёр мушоҳида карда метавонем. Масалан, чунин ҳолатро тасаввур мекунем. Хонанда дар рӯзи истироҳат ба навиштани иншо сар кард. Фикри хонанда туфайли диққат ба ҳамин самт сафарбар шуда буд. Дар ҳамин ҳолат фикре ба сар зад, ки имрӯз истироҳат аст ва дар майдон мусобиқаи футболбозӣ мешавад. Диққати хонанда дар лаҳзаи муайяне аз мавзӯи асосӣ ба тарафе равона шуд. Дар ин ҳолат ба хотир овард, ки иншоро бояд пагоҳ супурд, он гоҳ хонанда бо кӯшишҳои зиёд фикрро дар бораи футбол пахш карда, диққати худро ба навиштани иншо равона намуд. Баъди чанд лаҳзае боз рафиқашро ба ёд овард. Диққати хонанда боз аз навиштани иншо дур шуд, вале ин маротиба худро маҷбур намуд, ки дар бораи иншо фикр кунад. Аз мисоли оварда ба хулоса омадан мумкин аст, ки калавиши диққат дар лаҳза ба лаҳза дуршавии диққат ба тарафе аз объекти диққат мебошад, ки сипас туфайли кӯшишҳои иродавӣ боз ба он бармегардад.

Ҳамин тавр, устувории диққат ва нигоҳдории он дар ҷараёни иҷрои ҳаргуна фаъолият боиси самаранокии он мегардад ва дар ин замина объектҳои диққат амиқтар низ фаҳмида мешавад.

Дар байни хусусиятҳои диққат тақсимот мавқеи муайянро ишғол мекунад ва бо ҳаҷми диққат пеш аз ҳама алоқаи зич дорад. Доир ба ин ду хусусияти диққат тадқиқотҳои зиёде вуҷуд доранд. Тақсимоти диққат шарти муҳими як қатор касбу ихтисосҳо ба шумор меравад ва

ташаккули ин хусусият ба самаранок иҷро намудани ҳар гуна фаъолият мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, ба қавли психолог К.К. Платонов, тақсимоти диққат – ин якбора иҷро намудани якчанд амалро мефаҳмонад. Шахс дар як лаҳзаи додашуда ба ду ва зиёда объект диққат медиҳад. Доир ба ин масъала, яъне «ҳалли якбораи ду масъала» дар адабиёти илмии психологӣ баҳс меравад. Як гурӯҳи психологон дар он ақидаанд, ки сифати кор дар ин ҳолат одатан паст мешавад ва аз ин рӯ, мутамарказияти диққатро ба як объект равона кардан натиҷабахштар аст. Ин ҷиҳатро аз назари физиологӣ низ асоснок карданӣ мешаванд.

Инчунин тадқиқотҳои дигаре чӣ дар хориҷа ва чӣ дар Русия мавҷуданд, ки онҳо тарафдори тақсимоти диққат ба фаъолият мебошанд. Яъне, шахс метавонад якбора фаъолияти психикиашро ба ду ва ё зиёда объект равона кунад ва натиҷае ба даст оварад. Табиати дугонагии диққатро психологи машҳур Добринин Н.Ф. низ таъкид менамояд ва аҳамияти онро дар ташаккули диққати хонандагон яке аз шартҳои зарурӣ медонад.

Тақсимоти диққатро дар шароитҳои лабораторӣ омӯхтан мумкин аст ва барои ин асбоби махсус «суппорт»-ро истифода мебаранд. Ин асбоб аз пластинкаи (лавҳача, тахтача) бурришдор иборат аст ва шаклан гуногун аст. Дар давоми ин бурришҳо метавонад сӯзани металие ивази ҷой кунад ва ҳаракати онро ду дастаи тобдиҳандаи суппорт таъмин мекунад. Тобдиҳии як даста ба сӯзан имконияти додани дигарашро медиҳад ва ин гӯё равиши бурришдорро мегирад. Якбора тоб додани ду дастаи суппорт метавонад сӯзанро ба равиши самти дилхоҳ ҳаракат диҳад. Вазифаи озмудашаванда аз он иборат аст, ки диққаташро дар байни ду амал тақсим карда (тобдиҳии ҳар ду дастаи суппорт), сӯзанро тарзе ҳаракат диҳад, ки он ба тарафҳои бурришдор расиш пайдо накунад (вагарна расиши барқ ба амал меояд ва қайди бохато мушоҳида мегардад). Дар чунин ҳолатҳо ташкили махсуси фаъолият

зарур аст ва он тавассути тақсимоти диққат реалӣ мегардад.

Хусусияти тақсимоти диққат дар фаъолияти муаллиму хонанда ниҳоят зарур аст. Ҳангоми дарсдиҳии муаллим ҳаҷми диққаташ васеъ мешавад. Масалан, ӯ бояд диққаташро ба ҷавоби хонанда, ба шахси дар тахтаи синф машқ ё масъаларо иҷро мекарда, ба ду се нафаре, ки дар ҷойи нишаст тавассути карточкаҳо ба саволи додашуда тайёрӣ мебинанд, ба як ду нафар вайронкунандагони интизом, ба фаъолияти нутқӣ, маданияти гашт, тарзи фикронию нутқи худ тақсим кунад, вагарна ӯ ба мақсадҳои дарс ноил шуда наметавонад. Аз ин рӯ, маҳорати тақсим карда тавонистанро ташаккул додан дар муаллиму хонанда яке аз шартҳои муҳими азхудкунии дониш ба шумор меравад.

Тадқиқотҳои психолог Добринин Н.Ф. нишон доданд, ки диққати хонанда дар сурате байни ду фаъолият осон тақсим мешавад, ки агар яке аз онҳо одатӣ шуда монад. Масалан, барномаи радиоро гӯш карда истода, дар баробари он ягон кори дастиро иҷро менамояд (бофтани ҷӯроб, рӯбучин кардани хона ва ғайра). Аммо ба гӯш кардани радио якбора эътибор додан номумкин аст, чунки ҳарду фаъолият диққати ҷиддиро талаб мекунад. Ду кор он вақт ба ҳамдигар халал намерасонад, агар яке бе ҷиддияти сарфи қувва суррат гирад. Инчунин тадқиқотҳо муайян намуданд, ки ҳангоми таъсирбахшии ангезаҳои гуногунҷинса тақсимоти диққат бо душворӣ сурат мегирад. Ин ҳолатро ҳангоми гузаронидани таҷриба бо аппарати компликатсионӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Ин аппарат барои гузаронидани таҷрибаҳо бо компликатсияҳо, яъне бо якҷояшавии ангезаҳои гуногунҷинса муқаррар шудааст. Асбоби зикршуда аз сиферблате иборат аст, ки 100 тақсимотро дорад ва бо воситаи он акрабак тез мегардад. Ҳангоми гузаштани акрабак бо воситаи яке аз тақсимотҳо занг зада мешавад. Вазифаи озмудашаванда аз он иборат аст, ки бояд дар кадом тақсимот будани акрабакро дар

вақти задани занг муайян кунад. Озмудашаванда одатан на он тақсимоти мувофиқро, балки пеш ё баъди он мушоҳидаи кардаашро ишора мекунад. Диққати ӯ аввал ба як ангеза (занг ё ҷои ақрабак) ва сипас бо таъхир ба дигараш равона мешавад. Ин мушоҳидаҳо аз ҳолати тақсимоти диққати озмудашаванда далолат мекунад.

Ҳамин тавр, иҷрои якбораи амал он вақт осонтар мешавад, ки онро хуб аз худ карда бошад. Ин аз шартҳои муҳимтарини тақсимоти диққат ба шумор меравад. Дар таҷрибаҳои Добринин Н.Ф., ки бо суппорт мегузаштанд, озмудашавандагонро дар баробари ин маҷбур менамуданд, ки дар ёдашон амали ҳисобро низ кунанд. Тадқиқотҳо нишон доданд, ки якбора ва якҷоя иҷро намудани кори фикрӣ бо кори мураккаби дастӣ мумкин аст. Дар ин ҳолат бояд қайд намуд, ки муносибати ин ду амали якбораиҷрошаванда нисбати якдигар чӣ гуна аст. Агар онҳо бо ҳам алоқаманд набошанд, он гоҳ иҷрои якбораи онҳо ба душворӣ сурат мегирад. Баръакс, аз рӯи мазмунашон ва такрорёбиашон системаи амалҳоро ташкил диҳанд, он гоҳ иҷрои якбораи онҳо ба осонӣ ба амал меояд.

Кӯчонидани диққат хусусияти дигари диққат буда, ба қавли психолог В.А. Крутетский, «ин бошуурона гузаронидани диққат аз як фаъолият ба фаъолияти дигар мебошад». Кӯчонидани диққат дар аксарияти ҳолатҳо ба он тавсиф дода мешавад, ки шахс бошуурона, пешакӣ мақсади гузаронидани фаъолияти психикиашро ба объект муайян менамояд. Одатан, шахс фаъолияти пештараашро алҳол иҷро намудааст ва фаъолияти навро боз ҳам муҳимтар мешумораду диққаташро ба он ихтиёрӣ равона мекунад. Аз ин ҷо ба хулоса омадан мумкин аст, ки фаҳмидашавандагии масъалаю объекти нав кӯчонидани диққатро аз дуршавии он фарқ мекунад. Дуршавии диққат асосан беихтиёр ба амал меояд ва ангезаҳои ногаҳонию тасодуфӣ ба ин сабаб шуда метавонанд. Кӯчонидани диққат бошад аз як объект ба дигараш баробар ва оқилона мегузарад ва

ба иҷрои фаъолият мусоидат мекунанд. Аммо дар ҷараёни дуршавӣ иҷрои фаъолият вайрону халалдор мегардад. Протсесси гузариши диққат бояд тез сурат гирад, чунки ин ба иҷрои бомуваффақияти фаъолияти нав ёрӣ мерасонад.

Тадқиқотҳо муайян намуданд, ки кӯчонидани диққат пеш аз ҳама аз аҳамияти объекту фаъолият вобаста аст. Ҳар қадаре, ки объекти нав моҳиятдор бошад, ҳамон қадар равиши диққат ба он равона мешавад ва дар протсесси кӯчонидани диққат замина пайдо мегардад.

Кӯчонидани диққат инчунин аз шавқоварии объект вобаста аст. Агар фаъолият ва объект мазмунан шавқовар бошад, он гоҳ рафти кӯчонидани диққат осонтар ва тезтар сурат мегирад.

Ин хусусият аз сифатҳои иродавии шахс низ вобаста аст, чунки одами боирода диққати худашро беҳтар идора карда метавонад. Сифатҳои иродавӣ имконият медиҳанд, ки шахс дар ҳар гуна шароит диққаташро ба объектҳо кӯчонад. Дар ин ҳолат худи объект шояд шавқовар набошад ҳам, вале вазъияти додашуда аҳамиятдор аст. Пас, ташаккули сифатҳои иродавӣ, аз қабили суботкорӣ, ҷиддият, принсипнокӣ ва ғайра дар ҷараёни фаъолият ниҳоят зарур аст.

Кӯчонидани диққат ба машқ кардан вобаста аст ва дар сурати мунтазам ташкил намудани ин протсесс оҳиста - оҳиста одати тез кӯчонидани диққат ҳосил мешавад. Тадқиқотҳо муқаррар намуданд, ки ташаккули одати тез кӯчонидани диққат ва суръати гузариши он аз хусусиятҳои типологии фаъолияти олии асаби одамон вобаста аст. Дар одамони системаи асабашон ҳаракатнок протсессҳои бо кӯчонидани диққат алоқаманд тезтар ҷараён мегиранд, нисбат ба одамоне, ки системаи асабашон суст мебошад.

Кӯчонидани диққат аз дараҷаи мутамарказияти диққат вобаста аст. Агар дараҷаи мутамарказият баланд бошад, протсесси кӯчонидани диққат ба душворӣ дучор

мешавад. Оид ба ин масъала физиологи рус Павлов И.П. таъкид мекунад, ки агар ман бо чизе банд бошам ва маро протсесси ҳаяҷонпазири зӯр идора намояд ва агар дар ин ҳолат ба ман гӯянд: «фалон корро кун», он гоҳ ин ба ман нофорам аст. Ин чунин маъноро дорад, ки ман бояд протсесси пурҳаяҷони зӯрро, ки маро банд карда буд, боздорам ва сипас ба дигараш гузарам. Дар чунин ҳолат, дар дараҷаи баланди мутамарказият тез кӯчонидани диққатро талаб кардан аз хонанда боиси ба вуҷуд омадани эмотсияҳои манфӣ мешавад ва ба кори пурмаҳсул халал мерасонад.

Зуҳурот ва хусусиятҳои кӯчонидани диққат бояд дар фаъолияти таълимӣ чӣ аз ҷониби муаллим ва чӣ аз ҷониби хонанда ба эътибор гирифта шавад. Умуман, агар ташкили ҷараёни таълим дар асоси кӯчонидани диққат сурат гирад, он гоҳ ин ба дараҷаи аз худ кардани маводи таълимӣ шароитҳои мусоид фароҳам меоварад. Дар баъзе синфҳо задани занг ба дарс ва намоёншавии муаллим кӯчонидани пурраи диққати хонандаро ба дарс ба вуҷуд меоварад. Баъзе муаллимон муддати дуру дароз дар хонандагон мутамарказ намуданро ба дарс одат накунонданд ва аз ин рӯ, диққати худро аз корҳое, ки ҳангоми танаффус карда буданд, канда наметавонанд ва ин ба рафти кӯчонидани диққат халал мерасонад. Бинобар ин, протсесси таълимро тарзе ташкил кардан зарур аст, ки хонанда дар ибтидои дарс супориш гирад, чунки ин диққати ӯро ба дарс мекӯчонад.

Муаллим пеш аз гузариши мавзӯи нав ҳатман бояд хонандагонро ба он тайёр кунад. Ӯ барои ин бояд чанд сухан аз дарси гузашта гӯяд, яъне лаҳзаҳои муҳимтарини онро такрор намояд ва дар байни мавзӯи наву пешина алоқаи мантиқиро ҷӯяд ва тадриҷан ба фаҳмонидани мавзӯи нав гузарад. Чунин усули таълим имконият медиҳад, ки хонанда бошуурона, бо фаҳмидани моҳияти мавзӯи пешинаю нав диққаташро тадриҷан аз кӯҳна ба нав кӯчонад.

Бояд қайд кард, ки дар ҷараёни таълим дар хонандагон борҳо диққати беихтиёр ба амал меояд ва ҳамеша зарурате пайдо мешавад, ки муаллим онро ба диққати ихтиёрӣ табдил диҳад. Ин маҳорати баланди педагогиро талаб мекунад. Пас, протсесси кӯчонидани диққати хонандагонро дар давоми дарс бояд идора намуд, вагарна онҳо мазмуни дарсро ба пуррагӣ аз худ карда наметавонад.

Аҳамияти кӯчонидани диққат боз дар он зоҳир мешавад, ки агар мудирони қисми таълимии мактабҳои миёна ҳангоми тартиб додани ҷадвали дарсҳо аз ин хусусияти диққат истифода баранд. Фанҳои таълимӣ тарзе дар ҷадвал бояд ҷой дода шавад, ки онҳо ба рафти кӯчонидани диққат аз як фан ба дигараш ёрӣ расонад. Масалан, гузоштани ду се фанни мазмунан мураккаб, аз қобили математика, физика, химия дар як рӯз, пай дар пай ба сарбории зиёда ақлии хонандагон боис мешавад, асабашон хаста мегардад ва ин ба кӯчонидани диққат мусоидат намекунад. Беҳтар он аст, ки як фанни қувваи интеллектуалии баланд ва дигаре пастталабкунандаро гузошта, дар фосила бошад метавон аз дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ, суруд, таълими меҳнат ва ғайра истифода бурд. Ин ҳама имконият медиҳад, ки дар хонанда тез кӯчонидани диққат аз як фан ба дигараш ба амал ояд.

Умуман, хусусияти кӯчонидани диққатро ташаккул медиҳанд ва он табиати модарзодиро надорад. Ташаккулу инкишофи ин хусусияти муҳими диққатро бояд дар хонандагон аз синфҳои ибтидоӣ сар кард, то ки он дар оянда ба маҳорати иҷрои ин хусусияти диққат табдил ёбад.

Ташаккули диққат

Диққат ҳамчун протсесси психикӣ дар нигаронидани фаъолияти шуур ба объектҳои муайян ифода меёбад ва дар асоси тадриҷан зоҳиршавиаш ба сифати устувори шахс – бодиққатӣ табдил меёбад. Дар баъзе ҳолатҳо доираи объектҳо дар намуди муайяни фаъолият маҳдуд мешавад (он гоҳ дар бораи бодиққатии шахс дар ҳамин намуди

фаъолият сухан меравад) ва дар мавриди дигар, дар ҳамаи намудҳои фаъолият паҳн мешавад (он гоҳ ин бодиққатиро ҳамчун сифати шахс мефаҳманд). Сифати муқобилмаънои он – бедиққатӣ ба шумор меравад. Муаллимон ба таври амалӣ бояд дараҷаи баланди ташаккули бодиққатиро дар хонандагон ташкил намуда, сабабҳои ба бедиққатӣ оварданро донанд, чунки диққат бо протсессҳои маърифатӣ ва эмотсионаливу иродавии шахс зич алоқаманд аст. Бедиққатӣ дар се шакл зоҳир мешавад. Якум, перешонии диққат мебошад, ки ҳангоми дуршавӣ аз объект рӯй медиҳад, сипас дар интенсивии пасти диққат ва ниҳоят дар осон кӯчонидани фаъолияти психикӣ аз як объект ба дигараш ифода меёбад.

Диққати кӯдак дар рафти бозӣ, тарбия ва таълим ташаккул меёбад. Дараҷаи тараққиёти хусусиятҳои диққат ба тарбия вобаста аст. Бинобар ин, дуруст ташкил кардани машғулиятҳои таълимӣ барои тараққӣ додани диққат аҳамияти калон дорад. Ҳар қадаре, ки дарс бодиққат гӯш карда шавад, мазмуни дарс ҳам ҳамон қадар нағз фаҳмида ва аз худ карда мешавад. Дарсро дуруст ташкил карда натавонистан боиси бедиққатӣ, беинтизомӣ ва паст гаштани сифати кори хонандагон мегардад.

Парешонӣ ва сустии диққат махсусан дар бачагони синни хурди мактабӣ мушоҳида мешавад. Диққати онҳо суст буда, зуд аз як ҳолат ба ҳолати дигар мегузарад. Ин гуна талабагон ҳангоми дарс бояд дар таҳти назорати муаллимон бошанд. Дар рафти ба дарс тайёрӣ дидан бояд ин ҷиҳатҳои психологии таълим ба назар гирифта шавад.

Шакли дуюми бедиққатӣ бо интенсивии баланд ва бо душворӣ кӯчонидани диққат тавсиф дода мешавад. Чунин бедиққатӣ дар хонандагон дар натиҷаи равона кардани диққат ба ҳодисаҳое ба вуҷуд меояд, ки аз ин пеш рӯй додаанд ва инҳо ба таври эмотсионалӣ дарк шудаанд.

Шакли сеюми бедиққатӣ дар натиҷаи хастаю мондашавии хонанда ба амал меояд, бо мутамарказияти паст ва

дараҷаи ниҳоят суст кӯчонидани диққат тавсиф дода мешавад.

Ташаккули бодиққатӣ аз синни томактабӣ сар мешавад ва сипас дар мактаб давом меёбад. Муаллим бояд диққати хонандагонро дар ҷараёни дарс идора намояд, шароитҳое фароҳам оварад, ки ба тараққиёти диққат дар ҳолатҳои гуногун мусоидат намояд, диққати ихтиёрии онҳоро машқ диҳад, шавқу завқашонро ба кори аҷоибу дастрас бедор кунад, то ки диққати баъдиихтиёрӣ ба даст оварда шавад. Дар вақти дарс ба тараққӣ додани ҳаҷм ва тақсимоти диққати хонандагон бояд эътибор дод, ташаккули сифатҳои иродавӣ, инкишофи устуворӣ ва кӯчонидани фаъолияти психикиро ба объектҳои диққат таъмин намуд.

Ҳамин тариқ, тараққиёти ҳамаҷонибаи диққат ба дараҷаи азхудкунии дониш, маҳорат ва малака аз ҷониби хонандагон таъсири мусбӣ бахшида дар ташаккули шахсияти онҳо нақши муҳимро низ мебозад.

4.5. Тафаккур

Тавсифи умумии тафаккур

Тафаккур протсесси маърифатие мебошад, ки одам туфайли он дар бораи олам ва ҳодисоти он донишҳои мукаммал ҳосил мекунад. Ҳаёт дар назди инсон чунин масъалаҳоеро пеш мегузорад, ки онҳоро танҳо тавассути идроки бевосита ҳал кардан мумкин нест. Ба бисёр саволҳо дар асоси хулоса баровардан аз донишҳои мавҷуда ҷавоб ҷӯстан зарур аст ва ба ин фаъолияти фикрӣ мусоидат мекунад. Тафаккур ҳамеша бо ҳалли масъала алоқаманд аст. Барои ҳалли масъала донистани қонунҳои ҳақиқат ва ҷамъбаст намудани ҳодисаҳои алоҳидаи мушаххас зарур аст.

Одам барои он ки ҳақиқатро дигар кунад, бояд натиҷаи фаъолияташро пешбинӣ намояд. Банақшагирӣ ва интихоби роҳҳои оқилонаи ҳалли масъалаҳо бе донистани

қонунҳои олами объективӣ ва истифода бурда тавонистани онҳо дар шароитҳои конкретӣ номумкин аст. Қонунҳои ҳақиқат-ин ҷамъбасти ҳодиасаҳо мебошад, ки аз онҳо хулосаҳои даркорӣ бароварда мешавад.

Тафаккури инсон аз ҳудуди идрок баромада, ҳақиқатро боз дурустару амиқтар дониста мегирад. Масалан, суръати рушноӣ ба 300 000 км/сония баробар аст ва идроки мо қодир нест, ки ин суръати баландро дарк намояд. Ин суръати тези рушноиро танҳо тавассути тафаккур метавонем муайян намоем. Протсесси тафаккур моҳияти ашё, алоқа ва муносибатҳои байни предмету ҳодисаҳоро инъикос менамояд. Тафаккур ҳарчанд аз ҳудуди эҳсос ва идрок барояд ҳам, вале ба ин маърифати ҳиссӣ, ки сарчашмаи асосии донишҳои мо дар бораи олами беруна мебошад, такя мекунад.

Фаъолияти фикрӣ бо амалия зич алоқаманд аст. Меҳнат, таълим, бозӣ ва умуман ҳар гуна намудҳои фаъолияти одам ҳалли масъалаи фикриро талаб мекунад. Амалия – сарчашмаи фаъолияти фикрӣ аст. Дар баробари ин, амалия ҳам барои эҳсосу идрок ва ҳам барои тафаккур меъёри ҳақиқат мебошад. Одам ҷамъбаст ва хулосаҳояшро дар амалия месанҷад. Амалия фаъолияти фикрии инсонро ислоҳ мекунад. Амалия ин ҳамон соҳаест, ки дар он натиҷаҳои фаъолияти фикрӣ татбиқ мегарданд.

Бояд қайд кард, ки фаъолияти амалии одам дар навбати худ, бе тафаккур вуҷуд дошта наметавонад. Вай барои ба нақша даровардани фаъолият ва иҷрои он ниҳоят зарур аст. Одам амал карда истода, мазмуни амалҳои худро фаҳмида мегирад, дигаргунӣ медарорад ва баҳри бартараф кардани душвориҳои бо он дучоромада андеша мекунад.

Ҳамин тариқ, ***тафаккур ҳамчун протсесси маърифатӣ инъикоси ҷамъбасткунанда ва бавоситаи ҳақиқати объективӣ буда, туфайли он хусусиятҳои умумию муҳими предмету ҳодисаҳо, алоқа ва муносибатҳои байни онҳо инъикос мешавад.*** Тафаккур ҳамчун инъикоси ҷамъбастку-

нанда ва бавоситаи ҳақиқат протсесси олии психикӣ буда, танҳо ба одам хос аст.

Асоси физиологии тафаккурро фаъолияти рефлектории майнаи сар, ҳамон алоқаҳои муваққатии асабие, ки дар пӯстлохи нимкӯраҳои калон ба амал меоянд, ташкил медиҳад. Ин алоқаҳо зери таъсири сигнали дуюм (нутқ) ба амал меоянд, ки ҳақиқати реалиро инъикос мекунанд ва ҳатман дар асоси системаи сигналии якум (эҳсос, идрок, тасаврот) ҳосил мешаванд.

Дар протсесси тафаккур ҳар ду системаи сигналҳо бо ҳам алоқаи зич пайдо мекунанд. Системаи дуюми сигналӣ ба якум такя мекунад. Ҳамин таъсири байниҳамдигарии доимӣ ва зич бо системаи сигнали якум алоқаи кандонашавандаи инъикоси ҷамъбасткунандаи ҳақиқатро бо маърифати ҳиссӣ ифода мекунад. Агар калима барои одам ягон маънои муайянро ифода карда натавонад ё худ ба ягон ашёву ҳодиса нисбат дода нашавад, он гоҳ чунин калимаҳо метавонанд моҳияти сигналии худро гум кунанд.

Бояд қайд кард, ки роли асосиро дар тафаккур системаи сигналии дуюм мебозад, чунки тафаккур инъикоси ҷамъбасткунандаи ҳақиқат бо ёрии калима аст.

Тафаккур ҳамчун фаъолият аз амалҳои алоҳида иборат аст, ки мазмуни онҳо мақсади дар пеш гузоштаи одамро ифода мекунад. Ин амалҳо бо истифодаи восита ва тарзҳои гуногуни фикрӣ иҷро мешаванд. Фаъолияти фикрии одамон бо ёрии амалҳои фикрӣ – таҳлил, таркиб, муқоиса, абстраксия, конкретонидан ва ҷамъбаст, баси-стемадарорӣ ва таснифот иҷро карда мешаванд.

Таҳлил ва таркиб. Таҳлил ва таркиб ҳамчун амалҳои асосии фикрӣ дар ҳар як фаъолияти фикрӣ иштирок мекунанд ва бо ҳам дар алоқаи ҷудонашавандаанд. Ҳар гуна фаъолияти фикрӣ фаъолияти таҳлилию таркибии мағзи сар аст. Таҳлил ҳангоми идроки ашёву ҳодиса, ҳангоми тасаввур кардани образи чизе ва ё ҳангоми фикр кардан рӯй медиҳад.

Таҳлил ин протсесси фикран ҷудо намудани кулл ба ҷузъҳо, ҷудо намудани аломат ва хосиятҳои алоҳидаи ҳодисаҳо мебошад.

Таркиб протсесси фикран якҷоя намудани қисмҳои ашёву ҳодисаҳо ё худ фикран якҷоя намудани аломат, хосият ё тарафҳои онҳо мебошад. Мо метавонем фикран ҳар гуна ашё, растанӣ ва ҳайвонотро ба қисмҳо ҷудо кунем ва ба таври алоҳида дар бораи пояи миз, решаи дарахт, гул, баргҳои растанӣ, сар ва ғайра фикр намоем. Метавонем, фикран лаҳзаҳои алоҳидаи ҳикоя, оҳангҳои алоҳидаи асари мусиқиро ҷудо намоем ва ҳар гуна протсессу ҳодисаҳоро ба зинаю давраҳо фикран тақсим кунем.

Таркиб ҳамчун таҳлил ҳангоми идрок, тасаввур кардани онҳо дар шакли образҳо ва дар мавриди дар бораи онҳо фикр кардан ба амал меояд. Таҳлил ва таркиб дар ягонагӣ дар бораи олами беруна дониши пурра медиҳанд. Таркиб ҳамеша ба натиҷаи таҳлил такя мекунад ва дар асоси якҷоя намудани қисму ҳиссаҳои ашёву ҳодисаҳо дар бораи онҳо тасаввуроти яклухту том пайдо мешавад. Масалан, талаба ҳангоми аз худ кардани маводи таълимӣ аввал ҳамаашро хонда мегирад ва сипас онро ба қисмҳои маъногӣ ҷудо мекунад, яъне таҳлил менамояд. Баъд аз ин нақшаи бахотиргирии онро мекашад, ки ин амали таркиб аст.

Протсесси таҳлил ва таркиб дар фаъолияти амалӣ ба вуҷуд меоянд. Масалан, кӯдакон маҳз дар асоси ба таври амалӣ ҷудо кардани ашё ба қисму ҳиссаҳо ё якҷоя намудани онҳо дар шакли яклухту том таҳлилу таркиб карданро ҳамчун амалҳои фикрӣ ёд мегиранд.

Муқоиса. Фикран ҷудо намудани қисматҳои ҳодисаҳо ва ашёҳо имконияти муқоиса намудани онҳоро бо ҳамдигар медиҳад, яъне аломатҳои монандию фарққунандаро байни онҳо муқаррар мекунад. Муқоиса одатан аз рӯи ягон ҷиҳат ба амал меояд: ашё ё ҳодисаҳо аз рӯи ягон аломат, хосият, хусусият (аз рӯи ранг, шакл, суръати ҳаракат ва ғайра) муқоиса карда мешаванд.

Барои муқоиса кардани ягон чиз ба чизи дигар аломатҳои муайяни предметҳо ҷудо карда мешаванд ва танҳо дар сурати пай дар пай як аломатро аз паси дигараш ҷудо намуда омӯхтан имконият медиҳад, ки монандӣ ва фарқияти ашёро муқаррар кунем. Муқоиса ҳамчун амали фикрӣ бе таҳлили пайдарпайи аломатҳо номумкин аст. Таҳлил қисми муҳими таркибии муқоиса ба шумор меравад.

Амали муқоиса бо таҳлил маҳдуд намешавад. Бо воситаи он муносибатҳои муайяни байни предмету ҳодисаҳо ва хосияту қисмҳои ҷудокардашудаи онҳо муқаррар карда мешавад. Аз ин рӯ, дар ҷараёни муқоиса амали таркиб низ иштирок мекунад.

Муқоиса дар маърифати ҳақиқат роли муҳимро мебозад. Бе муболиға, ҳамаи мавҷудот тавассути муқоиса намудан дониста гирифта мешаванд. Одам маҳз туфайли муқоисанамоӣ имконият пайдо мекунад, ки мавқеи худро дар олами беруна муайян намояд ва вобаста ба монандию фарқияти ашёву ҳодисаҳо муносибати мувофиқро интихоб кунад.

Абстраксия, конкретонидан. Одам ҳангоми маърифати ашёву ҳодисаҳои олами беруна хусусиятҳои муҳим ва умумии онҳоро ҷудо мекунад ва аз хусусиятҳои боқимондаи он дур мешавад. Ӯ дар бораи ин хусусиятҳо фикр карда, танҳо хусусиятҳои дар шакли алоҳида ҷудо кардаашро дида мебарояду халос. Ҳамин тавр, абстраксия ин протсесси аз аломатҳои камаҳмият ва тоқа дур шудан ва дар тафаккур нигоҳ доштани аломатҳои барои гурӯҳи муайяни предметҳо муҳим ва умумӣ мебошад. Масалан, дар бораи ранги ашёҳои монанду якхела фикр карда, аз бузургию андоза, шакл, ҳаракат, истифодаи онҳо дар ҳаёт ва ғайра дур шудан мумкин аст.

Абстраксия бо калима алоқаи зич дорад. Аломатҳои муҳим ва умумӣ аз предмет ҷудо кардашударо танҳо бо воситаи калима ифода карда метавонем.

Конкретонидан протсесси муқобили абстраксия буда, дар рафти он гузашти фикр аз дониши ҷамъбасткарда-

шуда ба ҳолати яккаву алоҳида ба амал меояд. Барои ин таҳлили ҳамин ҳолати ҷузъӣ ва дар он ҷудо намудани ҳамон хел аломатҳо зарур аст, ки ба қоида, мафҳум ва қонуни муайян мувофиқат мекунад. Дар фаъолияти таълимӣ конкретонидан, яъне мисол, тасвири ҳодисаи конкретиро овардан аст, ки ягон мавқеи умумии назариявӣ, қоида ва қонунро тасдиқ менамояд. Конкретонидан дар ҷараёни маърифат байни назария ва амалия ба сифати зинаи пайвасткунанда хизмат мекунад. Набудани конкретонидан донишҳои моро ба шаклпарастӣ ва ба канда шуданашон аз ҳаёт бурда мерасонад.

Ҷамъбаст, басистемадорӣ, таснифот. **Ҷамъбаст ин фикран дар асоси аломатҳои умумӣ ва муҳим якҷоя кардани ашёву ҳодисаҳо мебошад.** Амали ҷамъбаст ба аломатҳои гуногуни предметҳои якхела такя мекунад. Аҳамияти амали фикрии ҷамъбаст пеш аз ҳама дар он зоҳир мешавад, ки он дар баробари аломатҳои умумӣ, инчунин ба аломатҳои муҳиму моҳиятдори предмету ҳодисаҳо такя менамояд. Чунин тарзи муносибат ба пайдоиши мафҳумҳо, ихтирои қонунҳо ва ба донистани алоқаю муносибатҳои қонунӣ сабаб мешавад.

Инсон дар асоси ҷудо намудани хусусиятҳои умумии ашёву ҳодисаҳо ва дар айни замон муқарар намудани фарқияти байни онҳо имконият пайдо мекунад, ки онҳоро ба система дарорад. **Басистемадорӣ ё худ тасниф – ин фикран аз рӯи аломатҳои монандию фарққунанда ба гурӯҳу гурӯҳчаҳо тақсим намудани ашёву ҳодисаҳо мебошад.** Масалан, ҳайвонот дар асоси монандӣ ва фарқияти байни намояндаҳои ин олам тасниф карда мешаванд. Растаниҳоро метавонем дар асоси баъзе аломатҳои монандӣ ба гурӯҳи калон ва умумӣ ва дар асоси аломатҳои фарққунандаи байни ҳамон як қатор ба гурӯҳҳои хурд ҷудо кунем. Масалан, ҳамаи растаниҳоро ба типҳо, типҳоро ба синфҳо, синфҳоро ба отрядҳо, отрядҳоро ба оилаҳо, оилаҳоро ба ҷинсҳо, ҷинсҳоро ба намудҳо ҷудо мекунанд. Асоси таснифро муқоиса ташкил медиҳад. Ҳамон як

предмет бо дарназардошти он ки кадом аломат ба асоси таснифот гузошта мешавад, ҳар хел тасниф мегардад. Масалан, хонандагонро дар синф ба гурӯҳҳо аз рӯи ҷинс, қад, пешрафт ва ғайраҳо ҷудо кардан мумкин аст.

Шакл ва намудҳои тафаккур

Шаклҳои асосии тафаккур мафҳум, муҳокима ва хулосабарорӣ мебошанд. Мафҳум яке аз шаклҳои тафаккур буда, хусусият, алоқа ва муносибатҳои муҳимтарини ашёву ҳодисаҳоро инъикос менамояд. Ҳар як ашё ва ҳар як ҳодиса аломатҳои гуногуни бисёрро соҳибанд. Ин аломатҳоро ба муҳим ва номуҳим ҷудо кардан мумкин аст. Аломатҳои муҳими ашё ин гурӯҳи аломатҳое мебошанд, ки ҳар яки онҳо дар ҳолати муайян заруранд ва дар маҷмӯъ кифоянд, ки бо ёрии онҳо ин ашёро аз дигараш фарқ кунем. Масалан, трапетсия ҳамчун фигураи геометрӣ як қатор аломатҳоро дорад: миқдори тарафҳо, кунҷҳо, бузургии тарафҳо, бузургии кунҷҳо, таносуби тарафҳо, масоҳати фигура. Аломатҳои муҳимтарине, ки тавассути онҳо фигураро ба гурӯҳи трапетсия нисбат додан мумкин аст, дуто мебошанд: мавҷудияти чор кунҷ ва паралел будани ду тарафи он мебошад. Набудани яке аз онҳо аз трапетсия набудани фигура шаҳодат медиҳад. Дигар аломатҳои он чун андозаи тарафҳо, кунҷҳо, таносуби онҳо, масоҳати фигура барои муайян кардани мафҳуми трапетсия номуҳиманд.

Одамон хусусиятҳои муҳимтарини предмет ё ҳодисаҳоро дар ҷараёни таҷрибаи ҷамъиятии худ дониста мегиранд. Онҳо ин хусусиятҳоро бо калима ифода мекунанд. Калима бо донишу таҷрибаҳои ҳиссӣ, ки сарчашмаи муҳими мафҳум аст, алоқаманд аст. Бо мафҳумҳо фикр кардан, яъне бо калимаҳо фикр кардан аст.

Аз худ кардани мафҳум ин маънои аз худ кардани маҷмӯи донишҳоро дар бораи ашёву ҳодисаҳо дорад. Ҳар қадар ки донишҳои мо васеъ шудан гиранд, ҳамон қадар мазмун ва мундариҷаи мафҳум низ васеъ мешаваду бой

мегардад. Мафҳумро ба конкретию абстрактӣ ва тоқаю умумӣ ҷудо мекунанд. Вақте ки аз байни ҳамаи аломатҳои ашё як маҷмӯи аломатҳои муайяне ҷудо карда шаваду он маҳз ҳамин ашё ё гурӯҳи ба он монандро тасниф диҳад, дар ин сурат мо бо мафҳумҳои конкретӣ сару кор дорем. Масалан, мафҳуми «шаҳр», «ҷамъият», «зиёӣ», «идея» ва ғайра. Агар аз ашё ягон аломат ҷудо карда шаваду он ҳамчун объекти махсуси омӯзиш қарор ёбад, он гоҳ ин мафҳуми абстрактӣ мешавад. Аз қабили чунин мафҳумҳо: «шуҷоат», «баробарӣ», «адолат», «ростқавлӣ», «ғамхорӣ» ва ғайра. Мафҳуми тоқа чунин мафҳумест, ки мазмуни он танҳо ба як ашёи алоҳида нисбат дода мешавад. Чунин мафҳумҳо тоқа мешаванд: «Шуриши Восеъ», «Шоҳнома» ва ғайра.

Чунин мафҳумҳоро умумӣ меноманд, ки мазмуни онҳо на як, балки гурӯҳи предметҳоро ифода мекунад. Мисоли мафҳумҳои умумӣ: «самолёт», «давлат», «омӯзишгоҳи касби техникӣ», «муассиса» ва ғайра.

Бояд гуфт, ки ҳар гуна мафҳум дар асоси таҷрибаи ҳиссӣ бо роҳи ҷудо намудани ягон аломат аз ашё ба вуҷуд меояд. Бинобар ин, фарқияти мафҳум ва тасаввуротро қайд кардан зарур аст. Аввалан, тасаввурот образҳои аёнии предметҳо мебошад, вале мафҳумҳо ҳамеша бо калима ифода карда мешаванд. Дуюм ин ки дар мафҳумҳо танҳо хосиятҳои муҳими предметҳо инъикос карда мешаванд. Аммо дар тасаввурот мо аломатҳои номуҳим ва тасодуфро инъикос менамоем. Тасаввурот ба дараҷаи муайян, ба хусусиятҳои фардии шахс вобаста мебошад, лекин мафҳум дар бораи аломатҳои муҳими ҳамон як ашё дар одамони гуногун як хел мешавад. Мафҳумҳо дар ҷаоаёни тараққиёти таърихӣ ташаккул меёбанд ва дар протсесси тараққиёти фардии одам аз худ карда мешаванд.

Мазмуни мафҳум дар муҳокимаҳо дар шакли калимагӣ ошкор мегардад. ***Муҳокима ин шакли тафаккур аст, ки алоқаю муносибатҳои ашёву ҳодисаҳо ё худ ин ё он аломатҳои онҳоро инъикос менамояд.*** Бо воситаи муҳокима

алоқа ва муносибатҳои байни ашёву ҳодисаҳо тасдиқ ва ё инкор карда мешавад. Масалан, муҳокимаҳои «Психика маҳсули мағзи сар аст», «Ҳамаи металлҳо баркро мегузаронанд», аз ҷумлаи муҳокимаҳои тасдиқианд. Дар муҳокимаҳои инкорӣ набудани ягон аломат таъкид карда мешавад. Масалан, «Ин дастгоҳ дуруст карда нашудааст», «Ҳеҷ гуна равған дар об ҳал намешавад» ва ғайра.

Муҳокимаро аз рӯи он ки чизи тасдиқ ва инкор кардашуда ба ҳар як ашё, ё ба баъзе ашёи муайян ё худ ба як ашё дахл дошта бошад, ба умумӣ, хусусӣ ва токи ҷудо мекунанд. Мувофиқ ба ин намудҳо чунин мисолҳо овардан мумкин аст: «Ҳамаи растаниҳо реша доранд», «Зимистон баъзе дарахтон баргҳояшонро мепартоянд», «Шаҳри Душанбе дар соҳили дарёи Варзоб ҷойгир шудааст».

Вобаста ба чӣ тавр ҳақиқати объективиро инъикос намудани муҳокимаҳо, онҳоро ба дуруст ва нодуруст ҷудо мекунанд. Муҳокимаи дуруст ҳамон хел алоқаю муносибат ва хосияти байни предметҳоро инъикос менамояд, ки дар ҳақиқати объективӣ мавҷуданд. Масалан: «масса – ченаки инерсия» ва ғайра. Муҳокимаҳои нодуруст, баръакс чунин муносибатҳоро байни ҳодисаҳои объективӣ инъикос менамоянд, ки дар ҳақиқат вуҷуд надоранд. Масалан, «на ҳамаи одамон мирандаанд» ва ғайра. Дурустии муҳокимаҳо дар амалия санҷида мешавад. Намудҳои гуногуни муҳокима ва сохти онро илми мантиқ меомӯзад. Психология мазмуни муҳокимаро ҳамчун шакли тафаккур тасдиқ менамояд.

Дар асоси муҳокимаҳо метавонем доир ба ҳодисаҳои олами объективӣ хулоса барорем. ***Шакли тафаккур, ки тавассути он дар асоси як ва ё якчанд муҳокимаҳо ҳукми нав бароварда мешавад, хулосабарорӣ ном дорад.*** Инсон одатан ду намуди хулосабарориро истифода мебарад: индуктивӣ ва дедуктивӣ.

Индуксия-ин хулосабарорӣ аз ҳолати ҷузъӣ ба умумӣ мебошад. Индуксия аз ҷамъ намудани донишҳо дар бораи ашёву ҳодисаҳои якҷинса сар мешавад. Ҳодисаҳои якхе-

ларо ҷамъбаст намуда (масалан, мис, оҳан, қалъагӣ, нуқра ва дигар металлҳо баркро мегузаронанд), мо мансуб будани ин аломатро ба ин ҳама тасдиқ мекунем. Дар мисоли овардашуда хулоса мебарорем, ки ҳамаи металлҳо баркро мегузаронанд.

Дедуксия, баръакс, хулосабарорӣ аз ҳолати умумӣ ба ҷӯзъӣ мебошад. Мисоли хулосабарории дедуктивӣ: «Ҳамаи металлҳо баркгузаронанд. Оҳан металл аст. Пас, оҳан баркгузарон аст».

Қонуниятҳои ба вуҷуд омадани хулосабарориро аз ҷиҳати сохташ илми мантиқ меомӯзад, психология бошад шароитҳои ҳосилшавии далел ва донишҳо, таъсири таҷрибаи фардию хусусиятҳои шахсро ба ҷараёни хулосабарорӣ ва инчунин таъсири онҳоро ба тараққиёти тафаккури шахс тасдиқ мекунад. Ҳар ду намуди хулосабарорӣ бо ҳам зич алоқаманданд. Индуксия бо дедуксия санҷида мешавад. Дедуксия ба индуксияи пеш иҷрошуда такя менамояд.

Тавсифдиҳандаи муҳими психологии муҳокима ва хулосабарорӣ инҳо мебошанд: мустақилӣ ва боварӣ ба рафти муҳокиморонӣ; боварӣ пеш аз ҳама аз мавҷуд будани донишҳои зарурӣ доир ба ҳодиса вобаста аст; роли муҳимро дар мустақилии муҳокиморонӣ дар баробари дониш, инчунин сифатҳои шахс, ба монанди танқидкорӣ ва талқиншавандагӣ мебозанд, ки онҳо то андозае аз эътиқод, одат, маҳорат ва сифатҳои иродавии шахс вобастаанд.

Вобаста ба он, ки калима, образ ва амал дар ҷараёни фаъолияти фикрӣ чӣ гуна мавқеъро ишғол мекунанд, дар психология таснифи шартии намудҳои тафаккур карда шудааст. Онҳо асосан се намуданд: предметӣ – амалӣ; аёнӣ – образӣ; калимагӣ – мантиқӣ.

Тафаккури предметӣ – амалӣ бо он ҷиҳат тавсиф дода мешавад, ки масъалаҳои фикрӣ дар он бевосита дар рафти фаъолият ҳал карда мешаванд. Ин намуди тафаккур яке аз намудҳои аввалини тафаккур дар ҳаёти таъри-

хии инсон аст. Маҳз туфайли фаъолияти меҳнатӣ тафаккури инсон аз намуди дар боло зикршуда сар карда инкишоф ёфт. Кӯдак, пеш аз ҳама, бевосита дар асоси бо предметҳо амал кардан масъаларо ҳал мекунад. Пайдоиши он аз давраи пайдоиши инсоният ва зуҳуроти он дар давраҳои аввали ҳаёти инсонӣ ва давраҳои ояндаи синнусолии ӯ аз он шаҳодат медиҳад, ки ин намуди тафаккур дар ҳаёту фаъолияти шахс аз аҳамият холӣ нест. Масалан, аҷдодони пештараи мо ба таври амалӣ (бо қадамҳо ва ғайра) минтақаҳои заминро чен мекарданд. Умуман бояд гуфт, ки фаъолияти амалӣ аз назариявӣ дида пештар ва дар навбати аввал зуҳур меёбад. Агар мисоли болоро шарҳ диҳем, он гоҳ маълум аст, ки дар асоси донишҳои ҷамъшуда бо қадамченкуниҳои замин оҳиста-оҳиста геометрия ҳамчун илми махсуси назариявӣ ба миён омад. Тафаккури кӯдак то давраи сесолагӣ хусусияти предметӣ-амалиро дорад. Кӯдак предметҳои олами берунаро ба таври амалӣ бо дастонаш таҳлилу таркиб менамояд, ҷудо мекунаду муттаҳид менамояд ва алоқаманд месозад. Кӯдакони кунҷков бошанд, бисёр вақт бозичаҳои худро мешикананд, то ки бифаҳманд: «дар дохилаш чист?». Бояд гуфт, ки тафаккури элементарӣ ва соддатарини ҳайвонот доимо дар намуди предметӣ-амалӣ мегузаранд. Ин маърифати бевосита ва назариявӣ шуда наметавонад. Аз ин ҷиҳат, ҳайвонот бевосита бо ашёи даркшаванда сару кор доранд, ки дар айни замон дар пеши чашмашон мебошанд. Тафаккури содда предметҳоро фақат дар шакли предметӣ-амалӣ дида мебарояду халос ва аз ҳудуди он баромада наметавонад.

Кӯдак бошад бо пайдоиши «нутқ» имконият пайдо мекунад, ки аз объекти маърифатшаванда ин ё он хосияту аломатро ҷудо карда, дар калима ва мафҳум тасаввуротро дар бораи он аломат таҷассум намояд. Ин нишон медиҳад, ки тафаккури предметӣ-амалии одам аз он ҳудуди содда мебарояд ва ба ҳосилшавии аёнӣ-образӣ сабаб мешавад. Тафаккури аёнӣ-образӣ онро ифода менамояд,

ки мазмуни фаъолияти фикрӣ дар асоси маводи образӣ ба амал меояд. Дар бораи ин намуд он вақт гуфтан мумкин аст, ки агар одам ҳангоми масъаларо ҳал кардан образҳои предметҳо, ҳодисаҳо ва ҳолатҳоро таҳлилу таркиб намояд ва ҷамъбаст намояд. Тафаккури аёнӣ-образӣ дар шакли соддааш дар синни томактабӣ (4-7солагӣ) ба амал меояд. Алоқаи тафаккури кӯдак дар ин давра бо алоқаҳои предметӣ боқӣ мемонад ва оҳиста-оҳиста барҳам хӯрдан мегирад. Дар бисёр лаҳзаҳо манипулятсияи амалӣ бо предметҳо акнун нолозим мешавад, вале дар бисёр лаҳзаҳо он объектро ба таври аёнӣ пурра тасаввур кардан лозим аст. Яъне, дар ин давра томактабиён бо образҳои аёнӣ фикр мекунанд, вале бо мафҳумҳо сару кор надоранд. Ин ҳолатҳоро дар кӯдакони синни томактабӣ аз таҷрибаҳои психологи швейсарӣ Жан Пиаже фаҳмидан мумкин аст. Яке аз таҷрибаҳои ӯ чунин аст: ба кӯдакони ҳафтсола аз наздик ду шарикеро, ки аз хамир тайёр карда шудааст, нишон доданд. Кӯдакон бодиққат онҳоро дида гуфтанд, ки ҳар ду шарик бо якдигар баробаранд. Сипас, дар пеши чашми кӯдакон як шарикро монанд ба шакли нон ҳамвор мекунанд. Кӯдакон худашон диданд, ки ба шарики ҳамворкардашуда ягон қитъа, порчаи хамир илова карда нашуда буд ва фақат шакли онро дигар карданду халос. Ба ин нигоҳ накарда, кӯдакон таъкид мекарданд, ки дар шарик миқдори хамир зиёд шудааст. Чаро чунин шуд? Ин аз он вобаста аст, ки тафаккури аёнӣ-образии кӯдакон бевосита ва пурра ба идрок итоат мекунад ва аз ин рӯ, онҳо бо воситаи мафҳумҳо абстраксия карда наметавонанд, яъне аз баъзе хусусиятҳои ба чашм афтода дур шуда наметавонанд. Дар мисоли боло инро мушоҳида кардан мумкин аст. Кӯдакон дар бораи предмет фикр карда, ба он нигоҳ мекунанд ва мебинанд, ки дар миз хамири тунуккардашуда нисбат ба шарик ҷойи васеътарро ё худ калонтарро ишғол мекунад. Тафаккури онҳо, ки дар шакли образҳои аёнӣ ҷорӣ мешавад, бинобар ин дар асоси идрок ба

Жан Пиаже
(1896 - 1980)

хулосае меоянд, ки дар хамири тунуккардашуда нисбат ба шарик хамираш зиёдтар аст.

Аҳамияти ин намуди тафаккур дар он зоҳир мешавад, ки инсон ҳақиқати объективиро ҳарҷиҳата ва гуногунранг инъикос мекунад.

Тафаккури калимагӣ-мантиқӣ дар асоси тафаккурҳои предметӣ-амалӣ, аёнӣ-образӣ дар шахс (дар синни мактабӣ) аввалан дар шакли содда инкишоф меёбад. Хусусиятҳои асосии ин намуди тафаккур он аст, ки масъала дар он дар шакли калимагӣ ҳал карда мешавад. Инсон чунин шаклро истифода бурда, ҳақиқатро на дар шакли образҳои идроку тасаввурот (аёнӣ-образӣ), балки дар шакли мафҳумҳо ва муҳокимаҳо инъикос менамояд.

Протсесси таълим ба васеъшавии доираи тасаввуротҳо ва мафҳумҳо мусоидат мекунад, мазмун ва ҳаҷми онро тағйир медиҳад. Кӯдакони синни томактабӣ баъзе мафҳумҳои абстрактиро дида мебароянд, муқоиса мекунанд ва дар рафти муҳокимарониҳояшон истифода мебаранд. Кӯдакони синни калони томактабӣ баъзе фарқиятҳои ҳодисаю предметҳо, аломату хосиятҳои онҳоро муайян карда метавонанд, вале бо сабаби надоштани дониши васеъю пурра ба хатоиҳо роҳ медиҳанд. Шакли ҷамъбасткунӣ ва муҳокимаронии онҳо дар асоси аломатҳои зоҳирии тоқа, ҷудогона ва ҷузъӣ ба амал меояд. Бинобар ин, ҳангоми ҷамъбасти аломатҳои дохилӣ алоқаю муносибатҳои ҳодисаҳоро ба асос намегиранд. Психологи франсуз Валлон чунин намунаи сӯҳбатро бо кӯдаки 6-сола меоварад, ки фикри дар боло гуфташударо тасдиқ менамояд: «Абр чист?», - пурсид кӯдакро. – «Аз дуд аст». – «Аз кучо пайдо мешавад?». – «Аз дудбаро». – «Агар дудбаро набошад, пас абр ҳам намешавад?». – «Не намешавад». – «Борон чист?». – «Аз об». – «Об аз кучо пайдо мешавад?». – «Аз осмон». – «Дар осмон об аз

куҷост?». – «Ман намедонам». – «Чӣ хел мефаҳманд, ки борон мешавад?». – «Чунки абрҳо ҳастанд». – «Чаро вақте ки абр аст, борон мешавад?». - «Чунки онҳо тираанд». – «Чӣ дар онҳо тира аст?». – «Дуд». – «Чаро вақте ки онҳо тираанд, борон мешавад?». – «Намедонам». – «Абрҳо магар об нестанд?». – «Не». Дар ин мисол баръало маълум аст, ки кӯдак аз сабаби набудани дониш оид ба пайдоиши борон гоҳ дудро бо абр якҷоя мекунад ва чунин меҳисобад, ки абр аз дуд пайдо мешавад, ё баръакс, имконият надорад, ки ягон аломати умумиеро байни абру дуд ёбад. Аз ин рӯ, вуҷудияти дониш оид ба предметҳои муҳокима шарти муҳими дурусти муҳокиронӣ аст.

Дар синни мактабӣ на танҳо дониши кӯдак васеъ мешавад, балки протсессҳои фикрии ӯ ташаккул меёбанд. Онҳо аломатҳои доимии предметҳоро ба тартиб медароранд ва тавсиф мекунанд. Мактабиён дар вақти ҷамъбастқунӣ ба аломатҳое такя мекунанд, ки онҳо алоқаю муносибатҳои нисбатан муҳими байни предмету ҳодисаҳоро инъикос менамоянд. Хусусиятҳои он мафҳумҳо аз он иборат аст, ки аломатҳои онҳо характери аёнӣ надоранд ва мазмуни онҳо дар шакли калимагию абстрактӣ таҷассум меёбанд.

Кӯдакон дар синфҳои болотар ба шарҳи сабабии ин ҳодисаҳо мегузаранд ва фикрҳояшонро асоснок карданӣ мешаванд ва бештар ҷамъбасту хулоса мебароранд. Хонандагон аз синфҳои ҳафтум сар карда, ба омӯзиши системаи фанҳо сар мекунанд, ки мавқеи асосиро дар байни онҳо маводҳои абстрактӣ мегиранд. Онҳо кӯшиш мекунанд, ки фарқияти муҳимро дар онҳо ёбанд ва мафҳумҳои якҷинсаро ҷудо кунанд. Аз ин рӯ, бо мурури омӯхтани фанҳои гуногун савияи донишҳои назариявиашон васеъ мешаванд, маҳорати фаҳмидани протсессҳои фикрии онҳо инкишоф меёбанд ва бисёр вақт онҳоро боз предмети таҳлил, танқид ва баҳодиҳии худ қарор медиҳанд. Ҳамин тариқ, оҳиста-оҳиста шавқу ҳавас ба назария пайдо мешавад.

Ҳалли масъалаҳои фикрӣ. Инъикоси ҳиссӣ характери ихтиёрӣ ва ғайриихтиёриро гирифта метавонад. Яъне, инсон дар пеши худ метавонад мақсади муайянро гузораду сипас онро мушоҳида намояд ва инчунин метавонад мақсад нагузораду ҳамту назорату мушоҳида намояд. Вале инъикос дар дараҷаи мантиқии маърифат тамоман дигар хел аст. Инъикос дар дараҷаи тафаккур доимо характери ихтиёриро дорад. Ихтиёрии тафаккур онро ифода мекунад, ки тафаккур ин маърифати бевосита аст.

Тафаккур аз он мавриде сар мешавад, ки инсон он вақт ягон чизро таҳлил мекунад, муқоиса ва ҷамъбаст менамояд. Инсон одатан он вақт амал мекунад, ки дар пешаш ягон саволе пайдо шавад. Чунин саволҳо дар вазъиятҳои проблемавӣ ба амал меоянд. Вазъияти проблемавӣ бо мавҷудияти зиддиятҳояш тавсиф дода мешавад. Дар байни мақсадҳои нав ва методу воситаҳои кӯҳна зиддият ба амал меояд ва шахс воситаҳои нави ба мақсад расиданро ҷустуҷӯ мекунад. Пас, тафаккур ин ҷустуҷӯ ва кашфи чизи нав мебошад.

Методу воситаҳои кӯҳна дар он ҳолат боқӣ мемонад, ки агар вазъиятҳои проблемавӣ набошанд ва дар ин сурат ба тафаккур эҳтиёҷ пайдо намешавад. Масалан, талабаи синфи ду фикр накарда ба саволҳои «2х2» чанд мешавад, ҷавоб медиҳад. Дар ин ҷо донишҳои пештара кифоягӣ мекунанд. Иштироки фаъоли тафаккур шарт нест. Чизи нави дар пеши шахс пайдошуда – вазъияти проблемавӣ аст, вале дар сурати хуб аз худ кардани ҳалли доимии он характери проблемавӣ доштанашро гум мекунад. Одатан, вазъияти проблемавиро аз масъала фарқ менамоянд. Вазъияти проблемавӣ онро тавсиф медиҳад, ки шахс дар рафти фаъолияти худ ба чизи номаълум, номафҳум ва ташвишовар дучор шудааст. Масалан, лётчик ҳангоми идора кардани самолёт яке пайхас мебарад, ки дар муҳаррики самолёт садои номаълуме пайдо шудааст. Дар ин ҳолат, дар фаъолияти лётчик тафаккур дахл мекунад ва кӯшиши ҳалли ҳодисаи баамаломадаро менамояд.

Ҳамин тариқ, вазъияти проблемавӣ ба масъала табдил меёбад. Пас, масъала аз вазияти проблемавӣ пайдо мешавад ва бо он зич алоқаманд буда, вале аз он фарқ мекунад. Вазъияти проблемавӣ онро ифода мекунад, ки чизе тамоман хиратар, норавшан ва фаҳмиданашуда аст. Протсесси тафаккур аз ҳамин ҷо сар мешавад. Вай аз таҳлили вазъияти проблемавӣ оғоз меёбад. Маҳз дар асоси таҳлили масъалаҳо ба таври пешакӣ тахмин (гипотеза) мекунад, маълумро аз номаълум ҷудо мекунад ва роли ҳалли масъалаҳоро пешакӣ дида мебарояд.

Шахс инчунин шарту шароитҳои масъаларо мефаҳмад, яъне чӣ дода шудаасту чиро ҳал карда ёфтан лозим аст. Тахминкунӣ низ дар оянда исботро талаб мекунад, санҷида мешавад. Санҷиши он, одатан бо роҳи таҷрибавӣ сурат мегирад.

Бомуваффақият иҷрошавии масъалаҳои фикрӣ ба батартибдарории фактҳо, саволҳо низ вобаста аст. Ҳалли масъала бо забон ва калима алоқаманд аст. Савол дар калима ба шакл медарояд. Ба таври калимагӣ шароитҳои масъала, принсипи ҳалли он, натиҷа ва ҷавоби охирин ба саволи масъала ифода меёбанд.

Образҳои айёнӣ дар ҳалли масъалаҳои фикрӣ мадад мерасонанд, агар онҳо дуруст тасаввур карда шаванд (масалан, дар ҳалли масъалаҳои геометрӣ ва исботи онҳо). Ҳамин тариқ, зинаи охирини ҳалли масъала санҷиши он аст. Дар асоси таҳлили мухтасари ҳалли масъалаҳои фикрӣ чунин зинаҳои ҳалли масъалаҳои фикриро муайян кардан мумкин аст: батартибдарории масъала – таҳлили масъала – ҳалли масъала – санҷиши ҳалли масъала.

Фаҳмидан. Фаҳмидан дар фаъолияти фикрии одам мавқеи муайянро соҳиб аст. Ба воситаи он дар ашёву ҳодисаҳои ҳақиқати объективӣ алоқаю муносибатҳои муҳим дар ҳолатҳои гуногун инъикос карда мешаванд.

Моҳияти фаҳмиданро муайян кардани сабаб ва натиҷаҳо ташкил медиҳад. Барои фаҳмидани ҳодиса онро бояд ба системаи алоқаҳои сабабу натиҷавӣ ворид наму-

да, пайдоиш ва тараққиёти ҳодисаҳоро нишон дода, ба саволҳои «Барои чӣ рӯй дода аст?», «Чаро чунин шудааст?» ҷавоб гардонем. Ҷавобҳои ин саволҳо алоқаҳои муҳим ва қонунии ашёву ҳодисаҳоро ошкор мекунанд.

Фаҳмидан аксар вақт ба муайян намудани асосҳои мантиқӣ, муқаррар кардани сохти ашёву ҳодисаҳо равона карда мешавад.

Протсесси фаҳмидан ба донишҳое такя мекунад, ки аз таҷрибаи гузашта ба даст оварда шудааст. Аз ин рӯ, алоқаҳои муваққатии асабӣ (асотсиатсияҳо) асоси фаҳмиданро ташкил медиҳанд. Яъне, истифода бурдани донишҳое, ки тавассути алоқаҳои наву кӯҳна ба вуҷуд меоянд, фаҳмидан аст. Аз ин рӯ, фаровонии асосиатсияҳое, ки дар таҷрибаи гузашта ҳосил шудаанд ва инчунин гуногунии онҳо шарти муҳими бомуваффақият ҷоришавии протсесси фаҳмидан аст.

Фаҳмидан монанди дигар протсессҳои фикрӣ дар калима ва амал ошкор мегардад. Ифодаи сухании он чизе, ки фаҳмида шудааст, гуногун аст: мухтасар ва ё кушодаю равшан. Дар баробари ин, фаҳмидан ба вазифаҳои дар пеши одам истода, ба шароитҳои муошират бо дигар одамон ва ба дараҷаи фаъолияти нутқии ӯ вобаста аст. Танҳо аз рӯи ҳикояти шахс ба дараҷаи фаҳмидагирӣ баҳо додан мумкин нест, чунки ҳикоя на ҳама вақт пурра чизи фаҳмидашударо ғунҷонида метавонад. Барои муайян кардани дараҷаи фаҳмидан саволҳои мувофиқ додан зарур аст ва маҳз аз рӯи ҷавобҳои додашуда ба ин протсесс баҳои дуруст додан имконпазир мегардад.

Яке аз меъёрҳои фаҳмидан бо калимаҳои худ ҳикоя намудани мавод ба шумор меравад, ки дар рафти он шахс тарзи баёни фикри худро дигар мекунад, мазмуни матнро ба таври худ дар шакли мухтасар ё муфассал баён менамояд ва ғайра.

Протсесси фаҳмиданро амалҳои предметӣ, образҳои аёнӣ осон менамоянд. Кӯдак дар асоси муносибати пред-

метӣ намудан ҳодисаро хубтар фаҳмида мегирад ва ба моҳияти ҷузъиёти ҳодиса амиқтар сарфаҳм меравад.

Хусусиятҳои фардии тафаккур Фаъолияти фикрии одамон ҳар хел мегузарад. Аз ин рӯ, фарқияти он дар сифатҳои тафаккури одамон ошкор мешавад, ки муҳимтарини онҳо васегӣ, амиқӣ, мустақилӣ, моҳирӣ, зудӣ ва танқидии ақл мебошанд.

Васегии ақл дар маҳорати дар бар гирифта тавонистани доираи васеи масъалаҳо, соҳаҳои гуногуни дониш, дар эҷодкорона фикр кардани шахс ифода мешавад. Ин сифати тафаккур дар асоси донишҳои аниқу ҳамаҷониба ташаккул меёбад. Васегии ақл дар одамони гениалӣ, ки ҳамаи ҷиҳатҳои ҳаёт, сиёсат, иқтисодиёт ва маданияти ҷамъиятии инсонро дар бар гирифта тавонистаанд, мушоҳида мешавад.

Амиқии тафаккур дар маҳорати ба моҳияти масъалаҳои мураккаб сарфаҳм рафтан, дар дида тавонистани ҳолатҳои номаълум ва норавшани ҳодиса ифода меёбад. Тавассути он сабабҳои ҳодиса, натиҷаҳои дуру наздики он ошкору пешбинӣ карда мешавад. Мутафаккирони бузург дорои чунин ақли амиқ мебошанд, ки дар ҳодисаҳои оддию муқарарӣ масъалаҳои бузургро мебинанд ва туфайли онҳо қонуниятҳои табиату ҷамъиятро ошкор месозанд.

Мустақилии тафаккур бо маҳорати пешниҳод карда тавонистани масъалаҳои нав ва бе ёрии дигарон ёфта тавонистани роҳҳои ҳалли онҳо тавсиф дода мешавад. Ташаккули ин сифат аз шартҳои асосии тараққиёти эҷодиёт ва ташаббускоронаи шахс ба шумор меравад.

Ақли мустақил ҳалли тайёри масъаларо интизор намешавад ва ба мавқею фикри дигарон такя намекунад, балки ба маърифати ҳақиқат эҷоткорона муносибат карда, шарҳу назарияҳои навро пешниҳод менамояд.

Моҳирии ақл бо маҳорати зарурӣ аз як тарз ба тарзи дигари ҳалли масъала кӯчонидани фикр тавсиф дода мешавад. Одамони ақли моҳир дошта вазъияти ҳодиса, дигаргуниҳои онро ба эътибор гирифта, ҳалли нодурусти пешинаро рад мекунаду роҳи навро қабул менамоянд.

Зудии ақл дар он ҳолатҳо зарур аст, ки агар аз одам ҳалли тези масъала талаб карда шавад.

Зудии ақл дар қобилияти тез сарфаҳм рафтан ба вазъияти нав ва тез фикр карда ёфтани ҳалли дурусти масъала ифода меёбад. Ин сифат аз дониш, аз дараҷаи тараққиёт ва малакаҳои фикрӣ, инчунин аз ҳаракатҳои протсессҳои асабӣ, дар нимкӯраҳои мағзи сар ба амал меоянд, вобаста аст. Одамони зудақл ӯҳдабаро, зирак ва ҳозирҷавоб мебошанд. Сифати муқобили зудии ақл саросемагии фикр аст, ки бо танбалии хоси ақл ва бо мавҷуд набудани одати муддати дароз кор кардан тавсиф дода мешавад. Одамони саросемафикр сатҳифаҳм мебошанд ва қарори якуми ба фикрашон омадаро қабул мекунанд.

Танқидии тафаккур бо маҳорати объективона баҳо додан ба фикри худ ва дигарон ва ба таври ҷиддию ҳаматарафа санҷидани фикру хулосаҳои баёнкардашуда тавсиф дода мешавад. Одамони хислати танқидии ақлдоштагӣ ҳеҷ гоҳ фикри худро мутлақо аниқ, бесаҳв ва пурра гуфта баҳо намедиҳанд. Дар сурати мувофиқ набудани онҳо ба ҳақиқат онҳоро мепартоянд ва роҳҳои нави ҳалро ҷустуҷӯ мекунанд. Ақли танқидӣ пеш аз ҳама ақли бонизом, ҷиддӣ ва масъулиятнок мебошад.

Ҳамин тариқ, ташаккули хусусиятҳои фардии тафаккур дар хонандагон яке аз вазифаҳои асосии мактаби имрӯза бояд ба ҳисоб равад.

Типҳо ва зинаҳои инкишофи тафаккур

Қобилияти ҳал кардани масъалаҳои фикрии одамонро таҳлил намуда, психологи машҳури Рус Давидов В.В. ва шогирдони ӯ типҳои тафаккури эмпирикӣ ва назариявии одамонро ошкор намуданд.

Тафаккуре, ки дар асоси мафҳумҳои эмпирикӣ ҳосил мешавад, ба ақидаи В.В. Давидов тафаккури ақлӣ-эмпирикиро ташкил медиҳад. Ҷараёни фикр дар ин гуна тафаккур дар атрофи мафҳумҳои «умумӣ» сурат мегирад. Вазифаи ин типи тафаккур аз ба классификатсияҳо ҷудо намудан ва тартиб додани системаи мустаҳками «маълумотномаҳо» иборат мебошад. Ин типи тафаккур соҳаҳои васеи фаъолияти одамонро фаро гирифтааст: вай ба одамон имконият медиҳад, ки онҳо чӣ дар олами маъмули предметӣ, чӣ дар олами гуногунии серсоҳаи фарқкунандаи аломатҳо як предметро бо предмети дигар муқоиса намуда, онҳоро ба гурӯҳҳо тақсим намоянд, чӣ тавре ки инро ҳаёти ҳаррӯза тақозо мекунад. Типи эмпирикии тафаккур ба ҷудо кардани аломату хосиятҳои сатҳӣ, номуҳими предмету ҳодисаҳо меоварад ва имконияти онро дорад, ки масъала бо роҳи ҳолатҳои хусусӣ ҳал карда шавад.

Типи назариявии тафаккур бошад, аломату хосиятҳои муҳими предмету ҳодисаҳоро ҷудо мекунаду имконият медиҳад, ки ҳангоми дида баромадани масъалаи додашуда на ҳалли хусусии он, балки ҳалли барои ҳамаи ҳолатҳои якҷинса мувофиқбуда ёфта шавад. Тафаккури назариявӣ дар асоси таҳлили маъногӣ сурат гирифта, роҳу усул, яъне занҷири ҳалли проблемаҳоро мекушояд. Типи назариявии тафаккур дар ҷараёни ҳалли масъалаҳо пурмаҳсул буда, бо ёрии қисматҳои зерин амалӣ мегардад: таҳлили назариявӣ, банақшадарорӣ ва рефлексия.

Қайд кардан зарур аст, ки амали фикрии таҳлили назариявӣ воситаи ҷустуҷӯ ва ошкор намудани хусусият ва алоқамандиҳои муҳими байни объектҳои муоинашаванда мебошад. Амали бапландарорӣ фикран муайян карда тавонистани пайдарпайии амалҳое мебошад, ки ба ҳалли дурусти масъалаи додашуда оварда мерасонад. Амали рефлексия-ин асоснок карда тавонистани амалиёти худ ва худназораткуни ба ҷараёни фикронӣ мебошад. Агар шахс дорои ин се қисматҳо бошад, гуфтан мумкин аст, ки ӯ дорои типи назариявии тафаккур аст.

Психолог Атохонов Р. дар тадқиқотҳои худ ошкор кардааст, ки дар синну соли бачагӣ типи эмпирикии тафаккур хеле пештар аз тафаккури назариявӣ зоҳир мешавад ва тафаккури инсон зина ба зина инкишоф ёфта метавонад. Дар сурати дуруст ба роҳ мондани ҷараёни таълиму тарбияи насли наврас, тафаккури онҳо метавонад аз зинаи пасти эмпирикӣ то ба зинаҳои баланди аналитикӣ, банақшадарорӣ ва рефлексивӣ инкишоф ёбад.

Зинаи аналитикии тафаккур дар одамоне мушоҳида карда мешавад, ки дар ҷараёни ҳалли масъала маҳорати амалигардонии таҳлили назариявиро зоҳир менамоянд. Масалан, беҳтарин духтурони ташхисгар дорои зинаи аналитикии тафаккуранд. Зинаи банақшадарорӣ дар одамоне дида мешавад, ки маҳорати амалигардонии таҳлили назариявӣ ва банақшадарориро доранд. Ин зинаи тафаккур дар шоҳмотбозони соҳибтаҷриба хуб мушоҳида мешавад. Зинаи рефлексивӣ дар одамоне зоҳир мегардад, ки маҳорати амалигардонии таҳлили назариявӣ, банақшадарорӣ ва рефлексияро доранд. Зинаи рефлексивии тафаккур дар фаъолияти олимон дар лаҳзаи исботи теоремаҳои математикӣ, техникӣ ва ғайраҳо хуб ба чашм мерасад.

Вобаста ба он ки амалҳои фикрии тафаккури назариявӣ (таҳлили назариявӣ, банақшадарорӣ ва рефлексия) дар маводи кадом предмет ва фан амалӣ мешаванд, тафаккури назариявӣ мазмуни гуногуни предметиро мегирад. Дар асоси мазмуни предметии тафаккур чунин намудҳои тафаккури назариявиро фарқ намудан мумкин аст: математикӣ, физикӣ, химикӣ, техникӣ, лингвистӣ ва ғайраҳо. Дар ин намудҳои тафаккури назариявӣ адоқамандии тафаккур ва донишҳои фаннӣ мушоҳида карда мешавад. Донишҳои предметӣ ба тафаккури назариявӣ имкон медиҳанд, ки бо истифода аз онҳо дар ин соҳа амалҳои фикрии гуногунро иҷро намояд. Масалан, тафаккури физикӣ дар хонандае мушоҳида карда мешавад, ки дорои тафаккури назариявӣ асту оид ба фанни физика дониши хуб дорад. Дар сурати надоштани дониши

физикӣ тафаккури хонанда наметавонад, ки амалҳои таҳлили назариявӣ, банақшадарорӣ ва рефлексияро дар маводи фанни физика истифода барад, яъне хонанда тафаккури физикиро зоҳир намекунад.

Барои дар хонандагон ташаккул додани тафаккури математикӣ, физикӣ, химикӣ, техникӣ, лингвистӣ ва ғайраҳо зарур аст, ки ба онҳо донишҳои предметиро омӯзонида, тафаккури назариявиашонро ташаккул диҳем. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дар шароити таълими анъанавӣ танҳо дар хонандагони фаъол зина ба зина тафаккури назариявӣ ташаккул меёбад. Ба ақидаи В.В. Давидов барои дар ҳамаи хонандагон ташаккул додани тафаккури назариявӣ зарур аст, ки хонандагон аввал донишҳои умумиро аз худ намуда, баъд ба донишҳои хусусӣ гузаранд. Агар хонанда тарзи ҳалли умумии мисолу масъалаҳоро дарк намуда бошад, пас ӯ метавонад барои ҳолатҳои хусусӣ низ ин амалро иҷро намояд. Ҳамин тавр хонанда метавонад на барои ҳолатҳои алоҳида, балки барои ҳамаи ҳолатҳо масъалаи фикриро иҷро намояд, ки чунин хусусият ба шахсони тафаккури назариявӣ дошта хос мебошад. Масалан, агар хонанда бо забони англисӣ қоидаи тартиб додани ҷумларо донад, ӯ метавонад бехато дар ҳар мавзӯъ ҷумлаҳоро тартиб дода фикрашро баён намояд.

4.6. Хаёл ва эҷодиёт

Тавсифи умумии хаёл

Инсон ҳангоми инъикос намудани олами объективӣ на танҳо ангезаҳои айни замон таъсирбахшанда ё худ пеш даркшударо идрок мекунад, балки образҳои нав ба навро низ меофарад. Ӯ метавонад дар асоси тасвири дигар одамон тасаввури он ҷойеро кунад, ки пештар онро надида буд ва ё тасаввури ҳайвону растании пеш бо онҳо вонахӯрдаро намояд, ки аз хусусашон аз дигарон фаҳмидааст. Ӯ ҳатто метавонад чизеро тасаввур

намояд, ки дар ҳақиқат вуҷуд надорад. Мусиқашинос оҳанги нави меофаридаашро тасаввур мекунад. Ихтироъкор бошад конструксияи нави механизм, қисмҳои алоҳида ва таъсири байҳамдигарии онҳоро тасаввур менамояд.

Фикран тасаввур намудани он чизе, ки дар гузашта идрок нашуда буданд, офаридани образи ашёву ҳодисаҳое, ки акнун офарида мешаванд, ҳамаи ин шакли махсуси фаъолияти психикӣ – хаёлро ифода мекунад. ***Хаёл - ин офаридани чизи нав дар шакли образ, тасаввурот ва идея мебошад, ки сипас дар чизи моддӣ ё дар фаъолияти амалӣ ба вуҷуд оварда мешавад.***

Хаёл фаъолияти махсуси инсон аст, ки дар протсесси меҳнат пайдо шуда, инкишоф ёфтааст. Меҳнат-ин таъсири одам ба олами иҳотакарда, дигаргун намудани ҳақиқати объективӣ буда, характери мақсадноку банақшагириро дорад. Одам пеш аз он ки чизеро офарад, аввал идеяи онро ва сипас роҳи сохтанашро тасаввур мекунад. Яъне, пеш аз он ки ягон чизи моддиро созад, онро фикран дар мағзи сари худ ба вуҷуд меоварад. Тасаввур намудани чунин образу амалҳои оянда ва натиҷаҳои онҳо яке аз хусусиятҳои характерноки меҳнат мебошад, ки фаъолияти одамро аз рафтори ҳайвонот фарқ мекунонад. Вақте ки мо аз хусуси образу амалҳои оянда сухан меронем, он гоҳ ҳаминро дар назар дорем, ки маҳсули хаёл аст ва он бори аввал дар ҷамъият ба вуҷуд оварда шудааст.

Хаёл ба монанди тафаккур фаъолияти таҳлилию таркибӣ буда, дар асоси мақсади шуурона гузошташуда ба амал меояд. Хаёл аксар вақт дар вазъиятҳои проблемавӣ, дар ҳолатҳое, ки зарурати ёфтани ҳалли нав ва системаи амалҳои пешбиникунандаи инъикос ба миён меояд, объекти худро пайдо мекунад.

Хаёл то андозае мавҷудияти душвориҳоро дар ҳақиқат ифода мекунад. Одам баъзан чизеро меофарад, ки он дар ҳақиқат мавҷуд нест ва вуҷуд дошта ҳам наметавонад. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, манбаи хаёл ҳамеша дар

реалияти объективӣ аст ва яке аз шаклҳои инъикоси ҳақиқат ба шумор меравад.

Одам ҳар он чизи навро, ки меофарад, ҳамеша ба ҳақиқати реалӣ, ба қонунҳои объективии ҳақиқат такя мекунад. Ба қонунҳои объективии табиат конструктор ва ихтироъкор такя менамояд. Нависанда ва рассом бошад, асарҳои худро дар асоси таҷрибаю мушоҳидаҳои ҳаётии худашон эҷод мекунанд. Ҳатто дар мавриди офаридани образҳои фантастикӣ баъзе қисмҳои он аз реалияти объективӣ гирифта, инъикос карда мешаванд. Чунин образҳоро дар афсонаҳои халқӣ (парии обӣ-пайвастаи зан ва моҳӣ, кулбаи мурғпочак, ғули ҷангал-пайвасти одам ва даррандаи ҷангал ва дар образҳои мифологии кентавр (пайвасти одам ва асп) ва ғ. дидан мумкин аст. Одам тавассути хаёл образҳои нав меофарад ва кӯшиш мекунад, ки онҳоро дар ашё, расму тасвирҳо, дар осори мусиқавию адабӣ, дар фаъолияти амалӣ ва ғайра таҷассум намояд. Агар чунин майлу хоҳиш ва талаботи одам қонеъ нагардад, образҳои нави офарида бо ҳақиқат мувофиқат накунанд, он гоҳ онҳо ҳамчун образҳои дурӯғ партофта ё ислоҳ карда мешаванд ва ин кор то дами ба даст овардани инъикоси дуруст давом меёбад.

Хаёл бо амалия алоқаи канданашаванда дорад. Маҳз дар амалия мушкилоте ба вуҷуд меояд, ки он одамро ба дигаргун кардани ҳақиқат ва офаридани чизи нав водор мекунад. Аз ин рӯ, амалия меъёри (ченаки) дурустии образҳои хаёл мебошад. Одам образҳои хаёлро дар фаъолияти амалӣ аниқу бой мегардонад, тағйир медиҳад ва фикру андешаҳои аз ибтидо номуайяни эҷодии худро ҷомаи амал мепӯшонад. То он даме, ки фикру андеша «дар сар» аст, он ҳоло то ба охир равшану муайян нест. Бинобар ин, дар ҷараёни сохтани чиз пеш аз ҳама расму нақшаи онро мекашад ва дар кори ояндаи худ ба он такя мекунад. Хаёл ба дараҷаи мавҷудияти донишҳои одам дар бораи ҳақиқат вобаста аст. Ҳар қадаре донишҳои мо оид ба соҳае, ки дар он ягон чизи наве сохта мешавад, васеъ

бошад, қадре таҷрибаи мо доир ба ин соҳа бой бошад, ҳамон қадар имконияти офаридани чизи нави мувофиқ бо талаботи ҳақиқат ва истифодаи амалии он зиёдтар мешавад.

Хаёл бо шавқу ҳавас, қобилият, дониш, маҳорат ва малака алоқаманд аст.

Механизми физиологии хаёлро дар пӯстлохи мағзи сар пайдошавии алоқаҳои нави асабӣ дар асоси алоқаҳои муваққатии асабии пеш вуҷуддошта ташкил медиҳад. Актуализатсияи оддии алоқаҳои муваққатӣ ба офаридани чизи нав намебарад. Барои сохтани чизи нав бояд алоқаҳои муваққатие, ки пеш байни худ ҳеҷ пайвастагие пайдо накарда буданд, акнун чунин пайвастагиро ба вуҷуд меоваранд.

Дар протсесси хаёл таъсири алоқамандии байниҳамдигарии системаҳои якум ва дуюми сигналӣ намоён мешавад, чунки образҳои хаёл бо сигналҳои нутқӣ ва калимаҳои шунавидашаванда ё дидашаванда ба вуҷуд оварда мешаванд.

Намудҳои хаёл ва роҳҳои офаридани образҳои эҷодӣ

Дар илми психология якчанд таснифоти намудҳои хаёл мавҷуд аст, ки ҳар яке аз онҳо ягон аломати муҳимтарини хаёлро ба асос мегирад: фаъолӣ, алоқамандӣ бо майлу хоҳишҳо, мустақилӣ ҳангоми офаридани образҳои нав.

Аз рӯи аломати фаъолӣ хаёлро ба пассив ва фаъол ҷудо мекунанд. Агар образҳои туфайли фантазияи одам офаридашуда дар ҳаёт амалӣ нашудаанд ва чунин барномаҳои фаъолиятие ба нақша гирифта шаванд, ки иҷрои он номумкин бошад, он гоҳ ин аз мавҷудияти хаёли пассив дарак медиҳад. Яъне, образҳои хаёли пассив аз фаъолияти амалӣ дур мебошанд. Одам дар ин ҳолат метавонад ихтиёрӣ ё беихтиёр ба майдони тасаввуротҳои аз соҳаи ҳақиқат ниҳоят дур биафтад. Хаёли пассив метавонад беихтиёр дар ҳолатҳои суст шудани фаъолияти шуур, систе-

маи дуюми сигналӣ, дар ҳолати нимхобу нимбедорӣ ва аффект, дар ҳолати хобу хоббинӣ ва иллатҳои паталогии шуур (галютсинатсияҳо) ба вуҷуд ояд.

Хаёли фаъол бо иҷрои фаъолияти конкретии амалӣ алоқаманд аст. Масалан, мо пеш аз сохтани рафи китобмонӣ, аввал образи онро ташаккул медиҳем, андеша менамоем, ки аз кадом мавод онро созем, чӣ тавр коркард ва васл кардани онҳоро кунем.

Вобаста ба мустақилӣ ва оригиналии образҳо хаёлро ба азнавсозӣ ва эҷодӣ ҷудо мекунанд. Хаёли азнавсозӣ-ин чизи барои худ навро тасаввур кардани одам аст. Дар айни ҳол ин тасаввурот ба шарҳи калимагӣ ё тасвири шартии ҳамон чизи нав (нақша, схема, бо ёрии нота навиштан) такя мекунад. Ин намуди хаёл ба таври васеъ дар намудҳои гуногуни фаъолияти одам, аз ҷумла дар таълим истифода мешавад. Талаба дар рафти шунидани нақли муаллим ва мутолиа намудани матни китоби дарсӣ бояд чизеро, ки ба мафҳумҳои нави азхудшаванда мувофиқат мекунад, тасаввур намояд. Масалан, хонанда ҳангоми омӯхтани таърих бояд манзилу истиқоматгоҳҳои одамони ибтидоӣ, олоти аввалини меҳнат, сару либоси даврањои гуногун ва ғайраро тасаввур намояд; ҳангоми омӯхтани математика ва аз худ намудани шарт ва ҳалли масъалаҳо хонанда бояд ба таври айёнӣ (ҳатто дар шакли схема) мазмуни предметии (сюжетии) масъаларо тасаввур намояд; коргар фаъолияти меҳнатии худро мувофиқи нақша ё схема иҷро менамояд ва ғ.

Хаёли азнавсозӣ инчунин барои фаҳмидани ҳиссиёти одамони дигар низ муҳим аст. Шахс дар ин маврид ҳолати шахси дигар ва вазъияти дар он афтодаро тасаввур мекунад.

Барои ҳосил намудани тасаввуроти дуруст доир ба чизи нав бояд он образнок тасвир гардад, дар бораи он (чунон нақл карда шавад, ки ҳиссиёти баландро бедор кунад) маълумотҳои абстрактӣ ин чизи навро мушаххас намояд. Масалан, барои ба таври мушаххас тасаввур

намудани масофаи байни Офтоб ва Замин, ки тахминан ба 149500000 километр баробар мебошад, бузургии онро ҳамин тавр нишон додан мумкин аст: поезди тезгард, ки доимо бо суръати миёнаи 50 километр дар як соат ҳаракат мекунад, ин масофаро дар муддати 340 сол тай менамояд.

Ҳамин тавр, вазифаи раванди таълим дар он зоҳир мешавад, ки дар хонандагон образҳои аниқу равшанро ҳангоми омӯзиши фанҳо ба вуҷуд оварад ва дар асоси такя ба онҳо тасвир, вазъият ва ҳодисаҳои ба ҳақиқат мувофиқро аз нав ҳосил карда тавонад.

Хаёли эҷодӣ – ин офаридани образ ва идеяи наву оригиналӣ мебошад. Мафҳуми «нав» мазмун ва моҳияти ҳам объективӣ ва ҳам субъективиро дорад. Тарафи объективии чизи нав онро ифода мекунад, ки образу идеяи он дар ҳолати додашуда чӣ дар шакли моддӣ ва чӣ идеалӣ вуҷуд надорад. Тарафи субъективии чизи нав ин танҳо барои ҳамин одам нав будан чизи навро мефаҳмонад. Яъне, шахс маҳз барои худ ин чизи оригиналӣ ва такрорнашавандаро мекушояд ва барои дигарон гӯё ин номаълуму норавшан мебошад. Хаёли эҷодӣ дар мустақилона офаридани образҳои нав ифода меёбад. Вай бо фаъолияти эҷодӣ алоқаманд аст. Бе хаёли эҷодӣ фаъолияти ихтироъкор ва конструкторро тасаввур кардан номумкин аст. Фаъолияти эҷодӣ ё худ эҷодиёт фаъолияте мебошад, ки маҳсули наву нахустин бор ба вуҷуд овардашуда ва аҳамияти ҷамъиятӣ доштаро медиҳад. Маҳсули хаёли эҷодиро тавассути меҳнат ба ашёву чиз табдил додан мумкин аст, вале образи он дар дараҷаи мазмуни идеалӣ мемонад, чунки дар амалия ба вуҷуд овардани он имконпазир аст. Образҳои хаёли эҷодӣ бо усулҳои зерин офарида мешаванд: агглютинатсия, комбинатсия кардан, аналогия, аксентуатсия, гиперболизатсия, типикунонӣ.

Агглютинатсия (дар тарҷума аз юнонӣ – часпонидан) яке аз усулҳои содда ба шумор рафта, бо роҳи ба як объект ҳамроҳ намудани аломатҳои объекти дигар ба амал меояд. Одамони қадим бо ин усул образҳои асотирӣ, аз

қабили кентавр, парии обӣ ва ғайра офариданд. Бо ёрии агглютинатсия кам образҳое офарида мешаванд, ки минбаъд дар чизи реалӣ таҷассум ёбанд. Аз ин рӯ, ин усул бештар ҳангоми фантазия намудан, яъне дар мавриди дар предмети реалӣ зарурати таҷассум намудани образ ба вуҷуд намеояд, истифода мешавад.

Усули комбинатсия намудан пайвастшавии соддаи механикии қисмҳои аввалаи мошин (детал ва қисмҳои механизм ё ҳодисаҳо) набуда, балки якҷошавии онҳо аз рӯи схемаи конкретии мантиқӣ ба амал меояд. Масалан, шогирдони харрот мақсад гузоштанд, ки дастгоҳи харротии винтбурро нав кунанд. Бо ин мақсад корпус ва қисмҳои зиёдатиро гирифтанд ва дар баробари ин, подшипникҳои барои дастгоҳи нави тамғаи хориҷӣ таъиншударо низ истифода бурданд. Дар натиҷа, дастгоҳи васлкардашуда сифатҳои хуби дастгоҳи кӯҳнаи харротии винтбурро нигоҳ дошт ва ҳангоми кор бо подшипникҳои нави такмилёфта самаранокии корро боз ҳам баландтар бардошт.

Усули аналогия дар офаридани чизи нав аз рӯи монандкунӣ бо чизи маълум аст. Дар асоси принсипи аналогия соҳаи махсуси дониш ва кори инжинерӣ – бионика ба вуҷуд омад. Бионика баъзе хусусиятҳои организми зиндаро ҳамчун моделҳои биологӣ ҷудо мекунад ва онҳоро барои сохтани механизмҳо пешниҳод менамояд. Ҳамин тавр, асбобҳои зиёди айни замон амалкунандаи таъиноташон гуногун (локатормонанд ба узвҳои ориентатсионии кӯршабпарак, чашми электронӣ монанд ба чашми қурбоққаи палангӣ) офарида шудаанд. Аналогия метавонад дар шакли дуру наздик зоҳир шавад. Масалан, намуди зоҳирии самолёти ҳозира паррандаи парвозкунандаро мемонад. Ин аналогияи надик аст. Верталётҳо бошанд аналогияи нисбатан дур бо парранда мебошанд.

Образҳои хаёли эҷодӣ инчунин бо роҳи аксентуатсия офарида мешаванд. Дар образҳои офаридашаванда ягон қисм ё унсури он ба таври махсус ҷудо ва сахт таъкид кар-

да мешавад. Ҳамин тавр, рассом расмҳои ҳаҷвӣ ва ҳазлҳои рафиқона мекашад. Ӯ дар рӯй, андом ва дасту пойи одам ягон хусусияти ба ӯ хоси такрорнашавандаро пайдо намуда, онро пурзӯру барҷаста ва ҷалбкунанда карда нишон медиҳад. Расмҳои ҳаҷвӣ ва ҳазлҳои рафиқона ба аслашон монанданд, вале ин монандии нисбӣ аст. Нависандаҳои ҳаҷвнигор ягон ҳолату вазъиятро тасвир намуда, ҳамон чизро ҷолибу барҷаста карда нишон медиҳанд, ки он на бояд масхара шавад ё ҳисси ҳазлу шӯхиро ба вуҷуд оварад.

Усули дигари офаридани образҳои хаёл гиперболизатсия (муболиға) ва мусоғара (хурднишондиҳӣ) мебошанд. Ин усулҳо аз аксентуатсия то андозае фарқ мекунанд. Агар усули аксентуатсия ягон қисми объектро ҷолибу барҷаста карда таъкид намояд, он гоҳ муболиғаю мусоғара тамоми объект ва ҳолатро фаро мегирад. Инро, масалан, дар афсонаҳои барои бачаҳои хурдсол «Гуливер дар назди лилипутҳо», «Гуливер дар назди девпайкарҳо» мушоҳида кардан мумкин аст.

Яке аз усулҳои нисбатан мураккаби хаёли эҷодӣ типикунонии образҳо мебошад. Образи нав дар асоси хусусиятҳои муҳим ва умумии гурӯҳи образҳо офарида мешавад. Масалан, Қорӣ Исмат дар повести «Марги судхӯр» - и С.Айнӣ образи типикунонидашуда мебошад. Дар ин образ тамоми хусусиятҳои муҳим ва умумии ба судхӯрон хоси ҳамон давраи таърихӣ таҷассум ёфтааст. Образҳои типикунонидашуда типҳои ҷамъбасткунанда мебошанд.

Ташаккули маҳорати бошуурона истифода бурдани усулҳои дар боло зикршуда дар офаридани образҳои эҷодӣ яке аз шароитҳои муҳими дар хонандагон инкишоф додани фаъолияти эҷодӣ ва талабот ба эҷодиёт ба шумор меравад.

Орзу ҳамчун намуди махсуси хаёл

Орзу дар таркиби хаёл мавқеи махсусро соҳиб буда, образе мебошад, ки ба оянда нигаронида шудааст.

Одам ашёҳои ҳархела – гул, дарахт, кӯҳ, ситора, дарё, замин, одамони гуногун ва воқеаҳои иҷтимоию сиёсиро ба тасвир мегирад, вале онҳоро ӯ айнан мисли таърихнавис ва ё олими биологу астроном ба қалам надода, бо тахаюли эҷодиаш орзӯи пешомади худро мекунад. Одам одатан он чизеро орзу мекунад, ки ба ӯ шодию сурур меоварад, хоҳиш ва эҳтиёҷоти пинҳонии ӯро қонеъ мегардонад. Бо воситаи орзу ҳаёти хубу наку тасвир ёфта, хулқу атвори нек тарғиб ва бадию зиштӣ сарзаниш мегарданд. Дар орзу мақсаду маром ва моҳияти ҳаёти одамон ифода меёбанд.

Орзу реалӣ ва ғайриреалӣ мешавад. Реалӣ будани орзу онро ифода мекунад, ки шахс мазмуни орзу ва роҳҳои амалӣ гаштани онро равшан тасаввур мекунад. Дар ҳолати дуюм, мазмуни орзу равшан аст, вале роҳҳои амалӣ гаштани он мавҷуд нестанд.

Орзу одамро рӯҳбаланд мегардонад ва барои бо душвориҳо мубориза бурдан ва ба ояндаи дур нигоҳ кардан имконият медиҳад.

Одамон ҳанӯз дар замони қадим орзу мекарданд, ки аз ҳодисаю воқеаҳои тамоми олам бохабар бошанд ва дар фазо парвоз намоянд. Ба ин мақсад образҳои «оинаи ҷаҳонамо» ва «гилеми ҳавопаймо»-ро офариданд. Ин орзуҳо як навъ ба одам барои реалӣ гаштани онҳо қуввату дармон мебахшанд, ки имрӯз инсоният тавассути оинаи нилгун тамоми ҷаҳонро мебинаду дар фатҳ намудани коинот бошад ба чӣ муваффақиятҳои азиме ноил нагаштааст.

Ҳамин тавр, одам туфайли орзу аз ҷараёни табии ҳодиса пеш мегузарад ва ё мазмуни орзуяш ба тарафе равона мешавад, ки бо он ҳеҷ вақт рафти ҳодисаҳо мувофиқат намекунанд. Чунин дурии орзу аз ҳақиқат ҳеҷ гоҳ зарареро намеоварад, баръакс, агар орзукунанда ба орзӯи худ боварӣ дошта бошад, он гоҳ ӯ ноумед намегардад ва баҳри реалӣ гаштани он фаъолиятҳои зиёдеро зоҳир ме-

кунад. Аз ин рӯ, орзу шахсро мубориз, фаъол, дурандеш ва эҷодкор мегардонад.

Тафовути инфиродӣ ва тараққиёти хаёл

Мушоҳидаи ҳаёт ва фаъолияти одамон нишон медиҳад, ки протсесси хаёли онҳо аз якдигар ба куллӣ фарқ мекунад. Вобаста ба намуди эҳсос, ки асоси образофарии протсесси хаёл ба шумор меравад, одатан дар одамон типи биноӣ, шунавоӣ, ҳаракатӣ ва биноӣ-шунавоӣ-ҳаракатӣ, яъне типи омехтаи образҳоро фарқ мекунанд. Аксарияти одамон дорои типи омехтаи хаёл мебошанд, чунки мо дар ҳаёт дар як вақт ба эҳсоси биноӣ, шунавоӣ ва ҳаракатӣ такя менамоем. Дар баробари ин, одамоне вомехӯранд, ки дар онҳо яке аз ин типҳои хаёл бартарӣ пайдо мекунад. Чунин зуҳуроти равшан бартаридоштаро дар байни нависандагон, мусиқишиносон ва рассомони машҳур вохӯрдан мумкин аст. Маълум аст, ки Чайковский П.И. аз овони кӯдакӣ соҳиби хаёли ниҳоят бойи шунавоӣ ва педагоги барҷаста Макаренко А.С. дорои типи ҳаракатии хаёл будааст.

Зуҳуроти аввалини унсурҳои хаёл дар кӯдакон дар синни сесолагӣ мушоҳида мешавад. Онҳо афсонаҳои начандон душворро гӯш карда мутаассир мешаванд ва баъзан аз худ иловаҳо мекунанд. Дар асоси таъсири калонсолон, муошират бо онҳо ва муҳити иҳотакарда тачрибаи онҳо бой мегардад. Образҳои хаёли кӯдакони синни томактабӣ дар аксари ҳол аз ҳақиқат дур мешаванд ва ноустувор мебошанд. Дар баробари ба мактаб рафтан, ки бо дониш, маҳорат ва малакаҳои гуногун мусаллаҳ мешаванд, хаёли онҳо низ тараққӣ меёбад. Хонанда барои сохтани ягон модели техникӣ ба дониш, малакаҳои техникии азхудкардааш ва ҳангоми эҷодиёти бадеӣ ба донистани қонуну қоидаҳои нутқи хаттӣ такя мекунад.

Хонандагон аз рӯи дараҷаи тараққиёти хаёли эҷодиашон аз якдигар фарқ мекунанд. Яке аз омилҳое, ки ба тараққиёти ин намуди хаёл таъсир мебахшад, ифоданокии

нутқи муаллим низ мебошад, ки аз фанҳои гуногун дарс мегӯяд. Шарти муҳими дигари тараққиёти хаёли хонандагон ин иҷро намудани вазифае дар дарс аст, ки онҳо тавонанд ба инкишфи он мусоидат кунанд. Маҳорати истифода бурда тавонистани методҳои эвристикӣ, яъне методҳои ба даст овардани донишҳои нав, шарти дигари тараққиёти хаёли хонандагон ба шумор меравад.

Протсесси тараққиёти хаёлро дар ҷараёни таълим бояд ба назар гирифт. Ҳикояти образноки муаллим, тасвири пурмазмуни ҳодисаҳои гузашта, ҳаёти одамону халқҳои гуногун, ҳаёти растаниҳою ҳайвонот ва минбаъд аз ҷониби хонандагон давом додани ҳикояти муаллим, мустақилона нақл намудан аз рӯи расмҳо, навиштани иншо, кашидани расм, фикран сафар кардан мувофиқи харитаи ҷуғрофӣ аз як нуқтаи ҷуғрофӣ ба дигараш – ҳамаи ин ба андозаи зиёд хаёли хонандагонро тараққӣ медиҳад.

Дар ҳаёти хонандагони синни калони мактабӣ ҷойи муайянро хаёли фаъоли эҷодӣ мегирад.

Ҳанӯз аз синфҳои ибтидоӣ сар карда, кӯдакон дар бораи фаъолияти оянда орзу мекунанд, вале ин орзуҳо ҳоло ноустувор мебошанд. Орзу дар давраи наврасӣ боз ҳам характери мақсднок, таъсирбахш ва устуворро мегирад. Тадқиқотҳои сотсиологию психологӣ нишон доданд, ки наврасон монанди донишҷӯён шудан мехоҳанд ва орзу мекунанд, ки чун ин ҷавонон маданиятнок, ахлоқан устувор ва эҷодкор бошанд.

Ҷавонони мо дар ҳақиқат дар бораи корҳои бузург орзу мекунанд ва орзуи онҳо бо фаъолияти ояндаашон, бо иштирок намудан дар сохтумони ҷамъияти демократию ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ва бо корҳое алоқаманд аст, ки ба беҳбудии Ватан равона шудаанд. Ҷавонон на танҳо дар ин бора орзу мекунанд, балки баҳри амалӣ гардидани онҳо дар ҳаёт кӯшишу ғайрат менамоянд.

Адабиёт

1. Атахонов Р. А. Уровны развития математического мышления.-
Душанбе, 1994
2. Аткинсон Р. Человеческая память и процессеы обучения.- М., 1980
3. Блонский П.П. Память и мышление.-М.: Педагогика, 1979
4. Велчиковский Б.М., Зинченко В.П., Лурия А.Р. Психология восприятия. – М., 1973
5. Выготский Л.С. Воображение и творчество в детском возрасте – М.: Просвещение, 1991
6. Давыдов В.В. Проблемы развивающего обучения – М.: Педагогика, 1986
7. Қодиров С., Давлатов М. Психология. - Душанбе, Сино, 2004
8. Крутецкий В.А. Психология . – М.: Просвещение, 1986
9. Немов Р.С. Психология . – М., 2002
10. Тихомиров О.К. Психология мышления . – М.: МГУ, 1984
11. Протсессҳои маърифатӣ. Тартибдиҳандаҳо Р.Атахонов, М.Давлатов, Н. Амонов. – Душанбе, ДМТ, 1998
12. Велчиковский Б.М., Зинченко В.П., Лурия А.Р. Психология восприятия. -М., 1973
13. Добринын Н.Ф. Произвольное и непроизвольное внимание.-
М., 1958
14. Даниэль Лапп. Улучшение памяти в любов возрасте. -М., 2003
15. Зинц Р. Обучение и память.- М., 1984
16. Қодиров С., Давлатов М. Психология. – Душанбе, 2002.
17. Қодиров Б., Давлатов М., Расулов С. Вожаномаи тафсирии истилоҳҳои психологӣ ва педагогӣ. - Душанбе, 2009.

18. Логвиненко А.Д. Психология восприятия: Учебно – методическое пособие для студентов факультетов психологии государственных университетов. – М., 1987
19. Лурия А.Р. Маленькая книга о большой памяти. -М., 1968
20. Лурия А.Р. Нейропсихология памяти. –М.: «Педагогика», 1974
21. Лурия А.Р. Ощущение и восприятие. –М., 1975
22. Миралиев А., Давлатов М. Педагогика ва психология. –Душанбе, 2007
23. Немов Р.С. Психология. Учеб. для студентов высш. учеб. заве., В 3-х кн. Кн.1. Общие основы психологии. 3-е изд. – М., 1997
24. Норманн Д.А. Память и научение. – М., 1985
25. Протсессҳои маърифатӣ. Материалҳо барои машғулиятҳои лабораторӣ оид ба психология /зери таҳрири М.Давлатов. - Душанбе, 1999
26. Рубинштейн С.Л. Основы общей психологии. –СПб: Изд-во «Питер», 2000
27. Скороходова О.И. Как я воспринимаю, подставляю и понимаю
окружающий мир. – М.: Педагогика, 1990
28. Шабонов П.Д., Бородкин Ю.С. Нарушения памяти и их коррекция. – Л., 1989
29. Ливитина С.С. Можно ли управлять внимания школьника?. – М.: Знание, 1980
30. Фаъолият ва диққат: материалҳо барои машғулиятҳои лабораторӣ. Зери таҳрири Н.Сафаров. – Душанбе, 1988

БОБИ V. Соҳаи эмотсионаливу иродавии шахс

5.1. Ҳиссиёт ва эмотсия

Мафҳуми ҳиссиёт ва эмотсия

Одам бо олами иҳотакарда дар таъсири байниҳамдигарӣ буда, дар мағзи сари худ на танҳо ҳодиса ва предметҳои гуногун, сифат ва хусусиятҳои фарқкунанда, алоқа ва вобастагиҳои ҳархелаи онҳоро, балки муносибатҳои объективии бо объектҳои инъикос баамаломадаро низ инъикос мекунад. Ҳамин тавр, як ҳодиса ӯро хурсанд мекунад, дигараш ғамгин месозад; якеро ба ваҷд меоваради дигареро ба қаҳр ва ғ. Инъикос дар худ муносибати шахсро ба объект ифода мекунад ва он метавонад талаботи ӯро қонеъ созад ё ба ин раванд монеа шавад. Аз ин рӯ, тарафи дигари гуногунранг инъикос намудани олами берунаро дар мағзи сар соҳаи ҳиссиёт ё худ эмотсионалии шахс ташкил медиҳад. Хусусиятҳои соҳаи эмотсионалӣ ба тамоми намудҳои фаъолии одам, махсусан, ба фаъолияти маърифатӣ ва эҷодии ӯ нақши худро мегузорад. «Таъсироти олами беруна ба одам дар мағзи сари ӯ дар шакли ҳиссиёт, фикр, ҳаяҷон ва зуҳуроти ирода инъикос меёбад» - қайд мекунад Ф.Энгелс.

Ҳиссиёт ва эмотсия чунин ҳолатҳои психикие мебошанд, ки муносибати ҳиссии одамро ба худ, нисбат ба одамони иҳотакарда ифода менамоянд.

Предмету ҳодисаҳои ба таври объективӣ вуҷуддошта, фаъолияти ичрошаванда, дигаргуние, ки дар организми мо ба амал меояд – ҳамаи ин ба сифати манбаи ҳиссиёт ва эмотсия хизмат мекунад.

Мафҳумҳои «ҳиссиёт» ва «эмотсия» - ро ҳамчун ҳодисаҳои гуногун, вале бо ҳам алоқаманди соҳаи эмотсионалии шахс бояд тавсиф дод.

Эмотсия калимаи лотинӣ буда, маънои ба ҳаяҷон овардан, барангехтанро дорад. Бо мурури замон маънои ин калима тағйир ёфт ва ҳоло эмотсия – маҷмӯи реаксияҳои ҳиссиёт мебошад, ки дар ҷавоби сигналҳои аз ҷиҳати характер мухталифи экзогенӣ ва эндогенӣ пайдо шуда, ҳатман сабаби тағйиротҳои муайяни ҳолати физиологии организм мебошад. Психолог К. К. Платонов қайд

мекунад, ки эмотсияҳо ашё ва ҳодисоти олами воқеиро не, балки муносибатҳои объективиро инъикос менамоянд. Эмотсияҳо ҳанӯз шакли маърифат набуда, дар шуур на образҳои ашё ё ҳодисот, балки таассуротҳои оддию бевоситае ба шумор рафта, бо қонеъгардӣ, қонеъ нагаштани талаботҳо алоқаманданд ва зимни он дар шаклу тобишҳои гуногун зоҳир мешаванд. Шодию ғам, ҳаловату кароҳат, тарсу ғазаб, андӯҳ ва ҳисси қаноатмандӣ, изтироб ва маъюсӣ – инҳо мисолҳои ҳолатҳои гуногуни эмотсионалӣ мебошанд.

Эмотсияҳое, ки бо қонеъ намудани талаботҳои органикӣ алоқаманданд, дар ҳайвонот низ мавҷуданд. Ин эмотсия низ дар инсон табиати ҷамъиятро соҳиб аст. Инсон ҳангоми гурӯснагиро ҳис намудан, яъне дар сурати зарурат ба хӯрок пайдо шудан, ба он дарнамеафтад, балки талаботи худро бо баҳисобгирии имкониятҳо ва бамавридии он қонеъ менамояд.

Эмотсияҳои оддитарини ибтидоӣ ба одам аз овони кӯдакиаш хос мебошад. Зотан аввалан гиряи кӯдакро сарахбори ҳаёти эмотсионалӣ донистан мумкин аст. Кӯдак дар ҳафтаи панҷуми ҳаёташ ба ҷуз гиряву дод боз табассум мекардагӣ мешавад, ки ин аз хушҳолии кӯдак хабар медиҳад. Кӯдаки думоҳа аллакай механдад ва аз моҳи саввум сар карда, дар ӯ реаксиҳои умумии ҳаракатиро, ки ҳолати эмотсионалиро инъикос мекунанд, мушоҳида кардан мумкин аст. Дар синни яксолагӣ ва минбаъд реаксияҳои эмотсионалии кӯдак бо меъёрҳои рафтори иҷтимоӣ то дараҷае алоқаманд мегарданд. Яъне, эмотсияҳо устувору бақувват ва табиатан мураккабтар мешаванд.

Ҳиссиёт маҳсули таъсироти ҷамъиятӣ аст ва фақат дар сурати мавҷуд будани дараҷаи муайяни ақл пайдо шуда, муносибати ашё ва ҳодисотро бо талаботи олӣ ва муроду мақсадҳои одам инъикос мекунад.

Ҳисси муҳаббату рафоқат, шарму ҳаё ва номус, ҳисси меҳнатдӯстию ватандӯстӣ, эстетикӣ ва бисёр дигар ҳолатҳои мураккаби эмотсионалӣ аз ҷиҳати таърихӣ ва

иҷтимоӣ мураттаб ва мукаммал гардида, муносибатҳои муайяни байни одамонро инъикос менамояд.

Ҳиссиёт нисбат ба эмотсия дида функсияҳои барои ҳаёти ҷамъиятии одам зарурро иҷро мекунад. Масалан, меҳри Ватан дорои мазмуни иҷтимоӣ аст ва он метавонад вобаста ба вазъу шароите, ки шахсиятро фаро гирифтаанд ё худ ҳангоми аз сар гузаронидани реаксияҳои мухталифи эмотсионалӣ зоҳир гардад. Мо метавонем нисбат ба душманон хашму ғазаб кунем ё аз муваффақиятҳои худ мамнун гардида, қаноатмандӣ ҳис намоем ва ғайра. Ҳамаи ин реаксияҳои эмотсионалие мебошанд, ки тавассути онҳо меҳру муҳаббат ба Ватан зоҳир мегардад ва моҳияти онҳо дар мафҳуми Ватан ифода меёбад.

Ҳиссиёт ҳамчун шакли устуворгардида, мураккаб ва ҷамъбасткардаи инъикоси эмотсионалӣ танҳо ба одам хос аст. Ҳиссиёт табиати иҷтимоиро дорад ва метавонад дар эмотсияҳо ифода ёбад. Масалан, ватандӯстӣ туфайли мафтун шудан аз дастовардҳои олимон ва варзишгарон ё ба фазли зуҳуроти эмотсияи хашму ғазаб нисбати душманони миллат ифода ёфта метавонад.

Умумияти ҳиссиёт ва эмотсияҳои одаму ҳайвон дар функсияҳои онҳо мушоҳида мешавад. Тадқиқотҳои дар ҳайвонот гузаронидашуда (Р.Ш. Шовен, Х. Делгадо ва дигарон) нишон медиҳанд, ки эмотсияҳо функсияи сигналдиҳӣ ва идоракунандаро адо мекунанд. Ҳиссиёт ва эмотсияҳо дар одам низ ҳамин функсияҳоро иҷро менамоянд. Функсияи сигналдиҳии ҳиссиёт ва эмотсия бо он алоқаманд аст, ки онҳо бо ҳаракатҳои таъсирбахши мимикӣ (ҳаракати мушакҳои бадан, имову ишора), бо дигаршавии овоз ва тағйироти вегетативӣ (арақҷудокунӣ, сурхшавӣ, паридани ранги пӯст) ифода меёбад. Чунин зуҳуроти ҳиссиёт ва эмотсия ба одамони дигар аз хусуси ҳиссиёти азсаргузарандаи одам хабар медиҳад.

Функсияи идоракунии ҳиссиёт дар он ифода меёбад, ки таассуротҳои устувору мустаҳкам рафтори моро ба низом медароранд, ба он қувват мебахшанд ва дар бар-

тараф намудани монеаҳои дучоршуда ёрӣ мерасонанд. Механизмҳои идоракунандаи ҳиссиёт таассуротҳои барзиёди ҳаяҷони эмотсионалиро аз байн мебаранд. Ҳангоме ки эмотсияҳо ба дараҷаи ниҳоят баланди шиддати худ мерасанд, гоҳ шакливазкунии онҳо ба намуди протсессҳои секретсияҳои ғудудҳои ашк ва кашидашавии мушакҳои мимикию нафаскашӣ рӯй медиҳанд. Гиря одатан на аз 15 дақиқа зиёда давом мекунад ва ин муддат барои пастшавии шиддати зиёдатии ҳаяҷон кифоя аст. Одам баъд аз ин худро то андозае беҳолу бемадор ва гаранг ҳис мекунад ва ин дар маҷмӯъ ҳамчун ҳолати таскину оромшавии ӯ тавсиф дода мешавад.

Бояд қайд кард, ки одамон туфайли таҷрибаи ҳаётиашон метавонанд зуҳуроти берунии ҳиссиёташонро идора намоянд. Масалан, баъзан таҳти ҳолати хушнудию сурур, хиҷолат ва саросемагӣ пардапӯш карда мешаванд ва зери оромии зоҳирӣ ниҳон мегардад.

Ҳиссиёт ва эмотсия ба монанди дигар ҳодисаҳои психологӣ дорои тавсифдиҳандаҳое мебошанд, ки бо онҳо аз дигар ҳодисаҳои психикӣ фарқ мекунанд. Одатан чунин тавсифдиҳандаҳоро ҷудо менамоянд: марҳаланокӣ, тазодӣ, дараҷаи ифоданамоии муносибати шахс ба объект. Марҳаланокии ҳиссиёт ва эмотсия дар баландшавии шиддати ҳаяҷон ифода меёбад. Шиддати ҳаяҷон ба тағйироти дар шароитҳои берунӣ баамалоянда вабаста аст. Интизории ягон ҳодисае, ки шахс дар он бояд ҷиддӣ ва мустақилона амал кунад, ба баландшавии шиддати ҳаяҷон мусоидат мекунад. Вобаста ба мазмуни фаъолияти вазъиятҳо ва хусусиятҳои индивидуалии шахс шиддати ҳаяҷон ҳолати фаъол ҳис карда мешавад ва он метавонад ба фаъолият қувват бахшад. Одам бояд аз шиддати ҳаяҷони азсаргузаронида ҳолати осуда ё бемадории пурраро ҳис кунад.

Тазоди ҳиссиёт ва эмотсия дар зиддияту мухолифати ҳиссиётҳои азсаргузаронида ифода меёбад. Масалан,

тазоди ҳисссиёти хурсандӣ – ғам, ҳаловат – азоб, муҳаббат – бадбинӣ ва ғайра бештар мушоҳида мекунем.

Ифода намудани муносибат ба объект чунинг сифате мебошад, ки дар ҳиссиётҳои мусбат, манфӣ ва номуайян зоҳир мешавад. Агар талаботи шахс қонеъ гардад ё худ умеди қонеъгардӣ вуҷуд дошта бошад, он гоҳ ҳиссиёти мусбати эмотсионалӣ ба амал меояд. Агар чизе дар қонеъгардии талабот халал расонад ё худ қонеъ нашудани он фаҳмида шавад, он гоҳ муносибати манфии эмотсионалӣ ба омилҳои монеъшаванда ба амал меояд.

Ҳиссиёти номуайяни эмотсионалӣ одатан дар шароиту вазъиятҳои наву ношинос, ҳангоми набудани таҷрибаи муносибат кардан ба олами беруна ё худ дар вақти шинос шудан бо предмети ношиноси фаъолият ба вуҷуд меояд. Бояд гуфт, ки чунин ҳолат давомдору устувор намебошад ва он бо дигар шудани вазъияту шароит, яъне бо гузаштанаш ба ҳиссиёти мусбат ё манфӣ аз байн меравад

Намудҳои ҳиссиёт ва эмотсия

Намудҳои ҳиссиётро одатан аз рӯи ҳолати фаъолӣ ва пассивии одам, ки эмотсияҳои муайянро ба амал меоварад, фаъолияти ҳаётии ӯро баланд ё паст мекунанд, ба стеникӣ (аз калимаи юнонии «стенос» - қувва) ва астеникӣ («астенос»- беқувватӣ, сустӣ) ҷудо мекунанд. Ҳиссиёти стеникӣ фаъолиро баланд мебардорад, боиси ҳаяҷон, ҷӯшу хурӯш ва рӯҳбаландии одам мешавад. Хурсандӣ ҳисси боғайратӣ, азоб, нафрат аз қабили ҳиссиётҳои стеникӣ мебошанд. Ҳиссиётҳои астеникӣ бошанд, ғаму ғусса, маъюсӣ, рӯҳафтодагӣ) фаъолӣ, қувва ва ҷараёни фаъолияти ҳаёти одамро суст менамояд.

Се ҷуфти нисбатан содаи ҳолатҳои эмотсионалиро фарқ мекунанд: қаноатмандӣ – ноқаноатмандӣ, зӯру бошиддат – бартараф кардан, ҳаяҷон – осудашавӣ, таскинёбӣ.

Эмотсияҳои қаноатмандӣ ё ноқаноатмандӣ талаботи организмро бо олами берунӣ инъикос менамоянд. Қонеъгардии ин талабот ҳамчун ҳолати хушу ҳаловат бурдан ва қонеъ нагаштани онҳо ҳамчун нохушию норизой тавсиф дода мешавад. Асоси ин эмотсияҳоро рефлексҳои ғайришартӣ ташкил медиҳанд Ҳаяҷонҳои нисбатан мураккаби «хушӣ» ва «нохушӣ» бошад, дар одам аз рӯи механизми рефлексии шартӣ, яъне ҳамчун ҳиссиёт инкишоф меёбанд. Эмотсияҳои қаноатмандӣ ва ноқаноатмандӣ, ки дар иҷрои ин ё он амал мусоидат мнамояд, дар табдили он ба одати инсон нақши калон мебозанд.Ҳаминро бояд қайд кард, ки хотири эмотсионалӣ ҳолатҳои ҳисси қаноатмандиро беҳтар дар хотир нигоҳ медорад ва аз ин рӯ, таҳсину офарин нисбат ба ҷазодиҳӣ воситьаи нисбатан зӯри тарбия ба шумор меравад.

Эмотсияи зӯру бошиддат ҳамеша бо офаридани фаъолияти нав ё шикастани тарзи кӯҳнаи ҳаёт алоқаманд

аст. Хаар қадаре, ки системаи офарида ва шикаставии рефлексҳои шартӣ мураккаб бошад, ҳамон қадр ин протсесс бо шиддати баланд мегузарад. Дар ниҳоят ин шиддат паст мешавад ё бартараф меёбад. Эмотсияҳои зӯру бошиддат ба устувории эмотсионалию ҳаракатӣ таъсири манфӣ мебахшанд ва ин метавонад дар шахс ҳаяҷони бошиддатро ба вуҷуд оварад.

Эмотсияи ҳаяҷон дар асоси импулсҳои аз зери қишри мағзи Сар ба худи қишр оянда муайян карда мешавад. Боздории импулсҳо аз қишри мағзи Сар ба таври субъективӣ ҳамчун ҳолати осдаю таскинёбӣ ҳис карда мешавад.

Ҳиссиёти ахлоқӣ ин муносибати ҳиссии одамро ба рафтор ва инчунин ба рафтори худ ифода мекунад. Ба ҳиссиёти ахлоқӣ ҳусни таваҷҷӯҳ (симпатия) ва бадбинӣ (антипатия), дилбастагӣ ва дилхунукӣ, эҳтиром ва нафрат барин зуҳуроти муносибатҳои ҳиссиро дохил кардан мумкин аст. Дар байни ҳиссиётҳои ахлоқӣ ҳисси рафоқат ва дӯстӣ, ватандӯстӣ ва коллективизм, ҳисси адои қарз ва

вичдонро бояд фарқ кард. Ин ҳиссиётҳо ба тафаккури инсон, ба системаи ақидаю эътиқодҳои ӯ алоқаманд мебошад. Онҳо дар асоси системаҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ ва меъёрҳои ахлоқӣ зоҳир ва идора карда мешаванд. Инсон барои тасдиқи принсипҳои ахлоқӣ метавонад дар вазъияте мубориза барад, ки ба ӯ азобу кулфатҳои зиёдеро моварад. Масалан, ӯ барои адо қарз дар назди Ватан метавонад ҷонашро дареғ надорад. Аз ин рӯ, калиди фаҳмиши рафтор фаҳмидани моҳияти иҷтимоии ҳиссиётҳои ахлоқӣ мебошад.

Ҳиссиётҳои ақлӣ дар рафти фаъолияти ақлӣ ба вуҷуд меоянд ва бо пртсессҳои маърифатӣ алоқаманд мебошанд. Ин шодию сурури одам аз ҳалли ягон проблемаи мураккаб ё ҳисси мураккаби ноқаноатмандӣ аз наёфтани ҳалли он мебошад. Ба ҳиссиёти ақлӣ дохил мешаванд: кунҷковӣ, донишдӯстӣ, тааҷҷуб, боварӣ ба дурустии ҳалли масъала ва шубҳа кардан ҳангоми нобарорӣ, ҳисси навигарӣ, яъне мароми ҷустуҷӯ ва мубориза барои чизи нав ва прогрессивӣ дар соҳаи маърифат ва ғайра.

Ҳиссиёти эстетикӣ - ин муносибати ҳиссии одам ба зебоӣ ё баръакс, ба зиштию бадшаклӣ, ба такаббурӣ ё баръакс, ба пастию беҳаёӣ, ба фоҷиа ё мазҳака мебошад. Одатан чунин ҳиссиётҳо дар шакли равшвн ҳангоми идроки асарҳои манъат пайдо мешаванд ва бо инкишофи санъат низ тараққӣ меёбанд. Масалан, маҳз мусиқа дар мо ҳисси ҳаловат бурданро аз мусиқа бедор мекунад.

Ҳиссиёти эстетикӣ ба монанди ҳиссиёти ахлоқӣ табиати иҷтимоиро доарад ва бо ҳаёти иҷтимоии одамон муайян карда мешавад. Манбаи ҳиссиёти эстетикӣ на танҳо асарҳои санъат, балки ҳамаи он чизе шуда метавонад, ки ба талаботҳои зебоӣ ҷавоб диҳад, яъне ҳодисаҳои табиат, рафтори одамон ва ғайра. Махсусияти ҳиссиёти эстетикӣ дар он зоҳир мешавад, ки дар бавуҷудоии он намуди зоҳирии ашёҳо, яъне ранг, шакли ашёҳо, хусусияти садодиҳӣ (дар мусиқа, шоирӣ ва ғайра) нақши муҳимро мебозад. Шакли ашёҳо ва ҳодисаҳо ба мазмуни муа-

йяне зоҳир мешаванд. Бинобар ин яке аз заминаҳои муҳими ташаккули ҳисси эстетикӣ – ин тарбияи идрок карда тавонистани шакл ҳамчун воситаи ифодаи мазмуни он ба шумор меравад.

Хусусияти характерноки ҳамаи ҳиссиётҳои олӣ дар он аст, ки онҳо зимни меъёр ва принсипҳои муайян бо талаботҳои муайяни ҷамъиятӣ ба вуҷуд меоянд ва шаклу мазмуни якдигарро бой мегардонанд.

Ҳолатҳои эмотсионалӣ

Одам дар ҷараёни ҳаёту фаъолияташ ба ҳолатҳои гуногуни эмотсионалӣ гирифтор мешавад ва ин ба зуҳуроти амалу рафтори ӯ тобиши махсусе мебахшад. Дар байни ҳолатҳои гуногуни эмотсионалӣ аффект, стресс, фрустратсия, ҳолати рӯҳӣ ва рағбатро фарқ мекунанд

Аффект (аз лот. изтироби рӯҳӣ, ҳаяҷон) – ин ҳолати эмотсионалии зӯр, пурҷӯшухурӯш, бошиддат ва нисбатан кӯтоҳмуддати эмотсионалӣ буда, табиати таркишмонандро дорад ва ба назорати шуур дода намешавад. Масалан, чунин ҷуфти калимаҳо тобишҳои гуногуни зӯрӣ ва бошиддатии эмотсионалиро ифода мекунанд: шодӣ – вақд, тарс – даҳшат, ғам – ноумедӣ, ғазаб – бадхашмӣ ва ғ. Пайдоиши ҳолати аффект ҳамеша бо вазъияту шароитҳои муҳиму ҳаёти инсон алоқаманд аст. Аффектро инчунин ангезандаҳои зӯр, аз қабили истифодаи калимаи бемаврид, таҳқир, таҳдид, рафтори номатлуби одамони дигар ба вуҷуд меоваранд. Одамене, ки ба типи системаи асаби дар мувозинат набудаи зӯр тааллуқ доранд, бештар ба ҳолати аффект гирифтор мешаванд. Дар ҳолати аффект майдони фаъолияти шуур маҳдуд мешавад, яъне он ба доираи маҳдуду муайяни ашёву ҳодисаҳо равона мегардад. Асоси физиологии аффектро пайдоиши манбаи ҳаяҷони доминантӣ дар пустлохи мағзи сар ташкил медиҳад, ки ин дар қисматҳои дигари он амалҳои бозторандаро ба вуҷуд меоварад.

Одам дар ҳолати аффект фикру андеша накарда, рафтору кирдори бенизомро содир менамояд. Дар фаъолияти узвҳои ҳиссии ӯ дигаргуниҳо ба амал меоянд ва ҳаракатҳои чолоконаи ифоданокро (мимика ва имову ишораҳои махсус, гиря, фарёд, баъзан ҳаракатҳои беихтиёр ва ғ.) мекунад.

Одам ҳолати аффектро бе иштироки ирода аз сар мегузаронад, яъне идоранамоии иродавии он ба амал намеояд. Аффект дар наврасон одатан бештар зоҳир мешавад, чунки протсесси бордорӣ дар онҳо ба таври кофӣ ба вуҷуд намеояд. Аммо бояд қайд кард, ки дар зинаи аввали аффект идора намудани ҳолати эмотсионалӣ имконпазир аст, вале дар зинаҳои дигари он назорати иродавӣ ниҳоят душвор мешавад. Аз ин рӯ, нигоҳдошти саривақтии инкишофи аффект зарур аст. Идоранамоии аффект пеш аз ҳама ба хислатҳои ахлоқӣ ва шаклҳои устувори рафтори шахс вобаста аст, ки онҳо туфайли тарбия ва таҷриба ташаккул ёфтаанд.

Стресс ё бошиддатии рӯҳӣ ҳолати психикиест, ки дар шароитҳои маҳдуду ҳисси нобоварӣ дар иҷрои амали дар айни замон хавфнок ифода меёбад. Ин ҳолат ҳангоми зарурати қабули қарори тезу масъулиятнок дар вазъиятҳои мураккабу хавфнок ва сарбории ҷисмонию ақлии шахс рӯй медиҳад. Стресс дар рафти иҷрои намудҳои гуногуни фаъолият (бозӣ, таълимӣ, меҳнатӣ, варзиш, вазъиятҳои ихтилофноки ахлоқӣ ва ғ) ба вуҷуд меояд. Ҳолати стресс дар хонандагон ҳангоми иҷрои корҳои махсуси санҷишӣ, дар рафти супоридани имтиҳонҳо ва ҳалли мақбули низоъҳои байнишахсӣ зоҳир мешавад. Дар онҳо дигаргуниҳои физиологӣ, аз қабили задани дил, тез нафас кашидан, баландшавии фишори хун ва ғайра ба мушоҳида мерасад. Ҳангоми стресси зӯр дар рафтори шахс бенизомӣ ба амал меояд, нутқаш номураттаб, ҳаракатҳояш номувофиқ ва диққаташ парешон мешавад. Стресси суст, баръакс, боиси фаъолӣ ва муташаккилии шахс мегардад, ба тафаккури ӯ равшанию аниқиро мебахшад.

Ҳолати стрессро идора кардан мумкин аст ва барои ин пеш аз ҳама сабабҳои конкретии онро муайян кардан зарур аст. Яке аз сабабҳои он хусусиятҳои индивидуалӣ – психологии шахс, ба монанди барангезиши эмотсионалӣ, таъсирпазирӣ, худдории бад, боздошти баланд ва маҳдудии ҳаҷми диққат шуда метавонад. Бинобар ин, тез ба вазъият баҳо додан, ҳалли дурусти масъаларо пайдо кардан ва дуруст онро иҷро намудан ба таҷрибаи инфиродии шахс вобаста аст. Аз ин рӯ, шахсро мебояд, ки на танҳо ба ҳолатҳои муқаррарӣ, балки ба вазъиятҳои ногаҳонию тасодуфӣ низ омода бошад.

Фрустратсия ҳолати эмотсионалие мебошад, ки ҳангоми дучор омадани шахс ба душворию монеаҳои халалрасон дар протсесси расидан ба мақсад ба амал меояд. Ин ҳолат ба ҷараёни шуур ва фаъолияти одам таъсири манфӣ мебахшад. Одам дар ҳолати фрустратсия ба изтироби рӯҳию асабии сахт гирифтор мешавад, алам, ғамгинӣ ва худазобдиҳии беҳад ӯро фаро мегирад. Хусуисиятҳои зоҳиршавии фрустратсия ба дараҷаи пастшавии шиддати баамаломада вобаста аст. Агар шиддат паст карда нашавад, он гоҳ фрустратсия дар шароитҳои дигар боз рӯй додан мегирад. Яъне, шахс шиддати алам, хашм ва қаҳри худро тавассути ба одамони тамоман бегуноҳ равона кардан паст мекунад. Агар шахси ба фрустратсия гирифторшуда бо шароити иҷро намудани ягон кори завқовар таъмин карда шавад, он гоҳ амалҳои таҳдидомези ӯ кам ва суст шудан мегиранд.

Ҳолати руҳӣ - ин ҳолати нисбатан суст ифодаёфтаи эмотсионалӣ буда, муддати муайяне шахсро фаро мегирад ва дар рафтору фаъолияти ӯ инъикос меёбад. Ҳолати рӯҳӣ табъ ё кайфияти ҳоли шахсро ифода мекунад. Давомоти ҳолати рӯҳӣ бо ҳафта ва баъзан моҳҳо чен карда мешавад. Агар табъи шахс хушу болида бошад, он гоҳ ҳама чиз аз ҷониби ӯ ҳамчун зуҳуроти мусбат дарк карда мешавад.

Одам дар ҳолати рӯҳии изтиробнок ҳамеша хавфу хатар ва нохушиҳоро интизор мешавад. Ҳолати рӯҳӣ *сте-*

никӣ ё худ *астеникӣ* мешавад: фараҳбахш ва ё ғамангез, бадқаҳр ва ё ҳалимона. Ҳодисаҳои гуногун, вазъияту шароитҳои ҳаёт ва инчунин ҳолати ҷисмонии шахс метавонад ба чигунагии кайфияти ҳоли ӯ таъсир бахшанд. Ҳолати рӯҳӣ дар ҷараёни муошират аз як шахс ба шахси дигар мегузарад. Масалан, ҳолати рӯҳии хуш, болида ва зиндадилонаи муаллим шавқу ҳаваси хонандагонро баланд мекунад, идрок ва бахотиргирии маводро беҳтар мегардонад. Яке аз омилҳои муҳиме, ки ба ҳолати рӯҳии хонанда таъсир мебахшад, баҳодиҳии объективӣ ба натиҷаҳои фаъолияти ӯ ба шумор меравад.

Рағбат - ин ҳиссиёти зӯр, устувор, давомдор ва амиқе мебошад, ки тамоми шахсро фаро мегирад ва қувваи сустнашавандаеро меофарад, ки ба предмети рағбат равона карда мешавад. Объекти рағбатро соҳаҳои гуногуни дониш ва фаъолияти одам ташкил медиҳад. Ҳамин тавр, объекти рағбатро одами ҷинсаш муқобил, чизҳои муайяне ташкил медиҳанд, ки майли рафънопазирро дар ба даст овардани онҳо ба вуҷуд меоварад. Нишонаю аломати асосии рағбат ягонагии лаҳзаҳои иродавӣ ва эмотсионалии он мебошад. Рағбатҳо ҳамеша одамонро фаъол мегардонанд ва тавассути ин рағбатҳо қонеъ мегарданду дар асоси он инкишоф меёбанд. Рағбат муносибати интихобии шахсро ба олам ифода мекунад. Вай на танҳо тарафи эмотсионалию иродавии шахс, балки соҳаи интеллектуалии ӯро низ тавсиф медиҳад. Рағбат равияи фикру андеша ва майлу хоҳишҳои шахсро муайян мекунад. Аз ин рӯ, роҳи ҳаёти инсон аз рағбатҳое вобаста аст, ки ӯро ба пеш мебаранд ва дар бартараф намудани ҳар гуна душвориҳо сафарбар менамоянд.

Рағбатҳо *мусбӣ* ва *манфӣ* мешаванд. Агар рағбатҳои шахс бо манфиатҳои ҷамъият мувофиқат намоянд, он гоҳ ҳамчун рағбатҳои мусбӣ баҳо джода мешаванд ва агар бо мақсадгузориҳои худпарастонаи шахс алоқаманд бошанд, он гоҳ табиати манфиро пайдо мекунанд, аз қабили рағбат ба молу пул, ба машрубот ва ғ. Танҳо рағбатҳои

мусбӣ (масалан, рағбат ба китоб, театр, илм ва ғ.) ҳаёти инсонро пурмазмун, шавқовар, зебо ва беҳтар мегардонанд, одамро ба пеш ҳидоят мекунанд ва ба ҷамъият натиҷаҳои бемислу монандро медиҳанд.

Тараққиёти ҳиссиёт Тарбияи ҳиссиёт яке аз масъалаҳои муҳими инкишофи психикии инсон маҳсуб меёбад ва онро бояд дар ду самт ташкил намуд. Дар навбати авval, бояд ҳиссиёти олии мусбати ахлоқӣ, интеллектуалӣ ва эстетикиро ташаккул диҳем ва тавассути онҳо ҳиссиётҳои манфии барои шахс ва ҷамъият зарароварро аз байн барем. Дар навбати дуюм, бояд дар инсон маҳорати идора карда тавонистани зуҳуроти эмотсияҳоро тарбия намоем, ки он дар ҳар як фаъолияти касбӣ зарур аст.

Тараққиёти ҳиссиётҳои олӣ дар инсон аз давраи томактабӣ сар мешавад ва бо ба мактаб рафтанаш дар ҳаёти эмотсионалии мактаббачаи хурдсол дигаргуниҳои зиёде ба амал меоянд. Омӯзиш фаъолияти асосии хонанда мешавад ва он ба тараққиёти ҳиссиётҳое имконият медиҳад, ки бо бартараф намудани душвориҳо ва муваффақияту нобарориҳо алоқаманд мебошанд.

Талаботҳои нави мактаб боиси он мегардад, хонанда рафтори худро ба талаботи ҷамъиятӣ тобеъ карда метавонистагӣ мешавад ва ин барои пешгирии зуҳуроти эмотсионалии ба ин талаботҳо муқобил мусоидат мекунад. Иштирок дар ҳаёти мактаб ба ташаккули ҳиссиётҳои ахлоқӣ мебарад. Дар шароити фаъолияти якҷоя, ки он ба иҷрои мақсадҳои ягона равона мешавад, хонандагон таҷрибаи муҳими амалии муносибатҳои байниҳамдигарии ахлоқӣ ва рафтори ахлоқиро аз худ мекунанд. Дар асоси ин таҷриба ҳисси адои қарз ва масъулият, маҳорати тобеъ карда тавонистани ҳиссиётҳои шахсии худ ба мақсадҳои умумӣ, ҳусни таваҷҷӯҳ на танҳо ба дастовардҳои шахсии худ, балки ба нокомию муваффақиятҳои дигарон ташаккул меёбад. Ҳамин тавр, дар хонандагон ҳисси рафоқат

пайдо мешавад, ки ин ба муттаҳидшавии коллективи синф ёрӣ мерасонад.

Бо устувору амиқ гаштани шавқу ҳавасҳои маърифатӣ, бо ҷустуҷӯ, исбот ва асоснок намудани ин ё он назария, бо тараққиёти умумии фаъолияти фикрӣ ҳиссиёти интеллектуалии хонандагон низ тараққӣ меёбад.

Тараққиёти ҳиссиёти эстетикӣ дар хонандагон пеш аз ҳама аз тарбия ва таълими махсуси бадеӣ (дар ҷараёни таълими адабиёт, расмкашӣ, суруд ва ғайра) вобаста аст. Шарти асосии тараққиёти ҳиссиёт чунин ташкили ҳаёту фаъолияти хонандагон аст, ки имконияти аз сар гузаронидани ҳиссиётҳои аз назари мақсадҳои тарбия муҳимро диҳад, таҷрибаи эмотсионалии онҳоро бой гардонад. Дар ин ҷо бояд принсиперо ба роҳбарӣ гирифт, ки воситаи он дар хонандагон муносибати эмотсионалии мусбат ба он чизе ба вуҷуд оварда шавад, ки нисбаташ ҳисси бефарқ ва нофорамро мепарваранд ва бояд ин бефарқӣ ва нофорамӣ бо маромҳои муҳими фаъолият алоқаманд карда шаванд. Танҳо дар ин сурат бефарқии пешина дар шароитҳои нав дар хонандагон мазмуни навро пайдо мекунад ва тобиши ҳиссиётҳои мусбиро мегирад.

Яке аз роҳҳои ташаккули маҳорати нигоҳ дошта тавонистани ҳиссиётҳо ин худидоракунии эмотсияҳо ба шумор меравад. Воситаи самарабахши фурунишонии ҳиссиётҳои номатлуб - ин тарбияи кӯчонидани диққати инсон ба намуди дигари фаъолият мебошад.

Ҳамаи шароитҳои дар боло зикршуда, ки ба нигоҳдошти соҳаи эмотсионалӣ равона шудаанд, рафти идоранамоии ҳиссиётҳоро ташкил намуда, дар ниҳоят шахсияти инсонро такомул медиҳанд.

5.2. Ирода

Мафҳуми умумӣ дар бораи ирода ва амалҳои иродавӣ

Инсон намудҳои гуногуни фаъолиятро ичро менамояд ва онҳо аз амалҳои гуногун, маса-

лан, фикрӣ, сенсорӣ, мнемикӣ ва ҳаракатӣ иборат мебошанд. Ҳар яке аз инҳо бо ягон водоркунандаҳои конкретие (майлу хоҳиш, рағбат, эътиқод, ҳисси вазифадорӣ ва ғайра) муайян карда мешавад. На ҳамаи ин водоркунандаҳо ба таври равшан фаҳмида мешаванд ва амалҳои бо онҳо мувофиқ аз тарафи шуур як хел зери назорат намемонанд. Ҳамин тавр, мо дар бораи идроки беихтиёрӣ ва ихтиёрӣ, бахотиргирии беихтиёр ва ихтиёрӣ, диққати беихтиёр ва ихтиёрӣ сухан меронем. Мо инчунин таъкид мекунем, ки ҳаракату амалҳои инсон дар ҳолати аффект шуурона назорат карда намешаванд. Ҳамин тариқ, ҳамаи амалҳои инсонро метавонем ба ду гурӯҳ ҷудо намоем: беихтиёр ва ихтиёрӣ.

Амалҳои беихтиёр дар натиҷаи ба вуҷуд омадани водоркунандаҳои фаҳмидашаванда ва ё нокифоя фаҳмидашаванда (майл, мақсадгузориҳо ва ғайра) иҷро карда мешаванд. Онҳо табиати импулсивиро дошта, аз нақшаи аниқу равшан маҳруманд. Ҳаракату амалҳои инсон дар ҳолати аффект (тарс, қаҳр, ҳайрат, ваҷд) мисоли амалҳои беихтиёр шуда метавонанд.

Амалҳои ихтиёрӣ бо фаҳмида гирифтани мақсад тавсиф дода мешаванд ва аз чунин операторсияҳое иборатанд, ки ҷараёни бамақсадрасиро таъмин мекунанд. Ҳамаи амалҳои ихтиёрӣ, ки бошуурона иҷро мешаванд ва мақсади муайянро доранд, аз иродаи инсон пайдо гардидаанд. Баъзан протсесси бамақсадрасӣ бедушворӣ ба амал меояд ва чандон кӯшишҳои иродавиро талаб намекунад. Вале дар аксари ҳол, рафти расидан ба мақсад бо бартараф намудани душвориҳо, монеаҳо алоқаманд аст ва барои ин амалҳои иродавӣ заруранд.

Душворию монеаҳоро ба ду намуд ҷудо мекунанд: зоҳирӣ ва дохилӣ. Монеаҳои зоҳирӣ душвориҳои объективии худи кор, мураккабии ҳар гуна садду мамониатҳо, муқобилияти одамони дигар, шароитҳои душвори кор ва ғайра мебошанд. Монеаҳои дохилӣ бошанд чунин водоркунандаҳои субъективии шахсианд, ки ба иҷрои кори

банақшагирифта халал мерасонанд ва одам дар ин ҳолат худро барои бо душворӣ кор кардан омода месозаду рафти танбалию хастагиро ҳис мекунад. Ба монеаҳои дохилӣ одатҳои зарарнок ва майлу хоҳишҳое дохил мешаванд, ки одам аз онҳо бояд дурӣ ҷӯяд. Инсон танҳо тавассути кӯшишҳои иродавӣ онҳоро бартараф карда метавонад.

Ирода – ин протсесси психикии ба таври шуурона идора намудани фаъолият мебошад, ки дар бартараф намудани душворию монеаҳо ҳангоми расидан ба мақсад ифода меёбад. Бартараф намудани душворию монеаҳо ҷаҳду кӯшишҳои иродавӣ, ҳолати махсуси шиддати асабию рӯҳиро талаб мекунад, баҳри он тамоми қувваҳои ҷисмонӣ ва ақлӣ сафарбар мегарданд.

Ирода чун дигар ҳодисаҳои психикӣ яке аз шаклҳои инъикос мебошад. Объекти инъикосшавандаро дар протсессҳои иродавӣ мақсади фаъолият ташкил медиҳад. Ирода моҳиятан табиати иҷтимоиро дорад. Ирода ба рафтори одамон таъсири амиқ гузошта, онро ба низом медарорад. Ирода як тарафи шуур ва ақлу хиради инсонро ифода мекунад ва танҳо ба ӯ хос аст.

Масъалаи табиати ирода дар таърихи психология аз мавқеи фалсафаи идеалистӣ ва материалистӣ ҳар хел шарҳ дода мешавад. Идеалистон иродаро ҳамчун қуввои рӯҳоние мешуморанд, ки бо фаъолияти майнаи сар ва инчунин бо муҳити иҳотакарда ҳеҷ муносибате надорад. Ирода, мувофиқи андешаи идеалистон, ба таври мутлақ озод аст. Яъне, одам метавонад дар ҳар ҳолат чӣ навъе, ки хоҳад, ҳамон тавр рафтор кунад. Чунин баҳодиҳиро ба табиати ирода шарҳдиҳии индетерминистӣ меноманд. Иродаи инсон озод аст ва он аз қонунҳои объективии ҳақиқат вобаста нест.

Тарафдорони равияи материалистӣ табиати иродаро бо шароитҳои моддии ҳаёт ва муносибатҳои сабабиву натиҷагӣ алоқаманд менамоянд. Чунин муносибатро ба табиати ирода фаҳмиши детерминистӣ меноманд. Ҳанго-

ми дида баромадани чунин муносибат ба табиати ирода бояд ду шакли фаҳмиши детерминизми иродаро фарқ кард: детерминизми механистӣ ва диалектикӣ-материалистӣ.

Намояндагони детерминизми механистӣ чунин мешуморанд, ки одам ва тараққиёти он чун дигар қисмҳои таркибии табиат бечунучаро ба қонунҳои зарурии дар олами моддӣ вуҷуддошта вобастаанд ва ба онҳо тобеъ мешаванд. Пас, одам дорои иродаи озод нест ва ӯ дар мубориза бо он чизе, ки аз азал дода шудааст, оҷиз аст. Ин андеша ниҳоят ба фатализм мебарад.

Материализми диалектикӣ масъалаи ирода ва заруратро қатъиян дигар хел ҳал мекунад. Намояндагони он заруратро ҳамчун қонунияти сабабиву натиҷагии протсесс ва ҳодисаҳои психикии олами мавуда шарҳ ҷмедиҳанд ва дар баробари ин озодии иродаро эътироф мекунанд. Аз рӯи чунин мавқеи илмӣ, озодии ирода ҳамчун зарурати аз тарафи инсон донисташуда фаҳмида мешавад. Яъне, инсон қонунҳои мавҷударо маърифат намуда, дар асоси донишҳои азхудкардаи он қонунҳоро мувофиқи мақсадҳои худ оқилона истифода мебарад. Ҳамин тавр, озодии иродаро ҳамчун қобилияти дуруст ҳал карда тавонистани масъала ва донистани он тавсиф медиҳанд.

Ирода ба монанди дигар ҳодисаҳои психикӣ асосҳои физиологии худро дорад. Амалҳои иродавӣ ба монанди ҳодисаҳои психикӣ натиҷаи фаъолияти мағзи сар аст. Механизми физиологии онро амалҳои рефлекторӣ ташкил медиҳанд.

Сабаби пайдоиши амалҳои иродавиро дар берун, дар олами иҳотакарда ҷустуҷӯ кардан зарур аст. Ҳанӯз Сеченов И. М. қайд карда буд, ки «ҳамаи ҳаракатҳои бошууронаро, ки одатан ихтиёрӣ меномем, моҳиятан инъикосшуда мебошанд, яъне онҳо рефлексҳоро ташкил медиҳанд». Ҳаракатҳои ихтиёрӣ зимни системаҳои мураккаби пайдошудаи аломатҳои асабӣ дар қисми ҳаракатии пӯстлох (дар қисмати фарқи сар ҷойгир шудааст) бо

нӯгҳои нимкӯраҳои мағзи сар ва форматсияи ретикулярии зерқишри пӯстлох ба вуҷуд меояд. Қисмати ҳаракатии пӯстлох доимо зери таъсири ахбороти анализаторҳо мебошад. Ахборе, ки аз анализаторҳо мерасад ва ба қисмати ҳаракатӣ меояд, ҳамчун механизми бакорандози реаксияҳои ҳаракатӣ шуда хизмат мекунад.

Нақши ҳалкунандаро дар ташкили амалҳои иродавӣ системаи дуюми сигналӣ мебозад, ки вазифаи идоракуниро иҷро менамояд. Ангезандаҳои системаи сигналии дуюм, ки аз дигар одамон бармеоянд ва ба таври даҳонӣ ва ё худ дар шакли нутқи дохилӣ талаффуз карда мешаванд, ба сифати механизми бакорандози реаксияи ҳаракатӣ ва идоракунандаи амали иродавӣ хизмат менамоянд. Дар иҷрои ин кор саҳми ҳиссаҳои пешонии мағзи сар калон аст. Осебёбии қисматҳои пешона ба ҳодисаи абулия (дарди беиродавӣ) бурда мерасонад. Форматсияи ретикулярӣ нигоҳдошти манбаи оптималии ҳаяҷонро дар ҳамон соҳаи пӯстлохи мағзи сар таъмин менамояд, ки он бо иҷрои намуди конкретии ҳаракати ихтиёрӣ алоқаманд мебошад.

Сохти амалҳои иродавӣ

Фаъолияти иродавӣ ҳамеша аз амалҳои муайяни иродавӣ иборат аст ва дар онҳо тамоми аломату сифатҳои ирода мушоҳида мешаванд. Амалҳои иродавӣ *содда* ва *мураккаб* мешаванд. Амалҳои соддаро чунин амалҳое ташкил медиҳанд, ки инсон дар рафти иҷрои онҳо бе калавиш ба сӯи мақсади гузошта равон мешавад ва ба ӯ рафту воситаи бадастории онҳо равшану возеҳ аст, масалан, барои навиштани конспектҳо аз фанҳои таълимӣ дафтари умумӣ зарур аст. Хонанда кӯшиши ба даст овардани онро мекунад. Ӯ ба дӯкони китобфурӯшии наздиктарин меравад ва медонад, ки дар он шӯъбаи лавозимоти конселиярӣ мавҷуд асту аз он дафтарҳои заруриро харида метавонад. Амале, ки аз тарафи хонанда иҷро мешавад, аз рӯи сохт аз чунин қисмҳо иборат аст: мақсад - ба даст

овардани дафтар; маром - конспект намудани лексия дар он; восита -пулбарӣ, харидани дафтар; тарзи иҷрои амал - хонанда худаш ба дӯкони китоб меравад, вале метавонист рафиқи ба дӯкон мерафтаро илтимос кунад, ки ин харидро анҷом диҳад.

Дар ин амал чунин зинаҳоро ба таври равшан ҷудо кардан мумкин аст: а) барои конспект навиштан дафтар зарур аст ва онро ба даст овардан лозим аст; б) фаҳмидани имкониятҳои ба мақсадрасӣ (пул барои харидани дафтар мавҷуд ҳаст ва дафтар низ дар дӯкони наздиктарини китоб ҳаст); в) қабул намудани қарор (хонанда қарор мекунад, ки ба дӯкон равад ва дафтарро ба даст орад); г) иҷрои қарор (ӯ ба дӯкони китобфурӯшӣ меравад ва дафтари умумиро ба даст меоварад). Одатан зинаҳои а, б, ва в - ро муттаҳид мекунанд ва ин қисмати амали иродавиро зинаи тайёрӣ ва қисмати г - ро зинаи иҷрои амал меноманд. Бояд қайд кард, ки дар амали иродавии содда ҳангоми интихоби мақсад ва қабули қарор барои иҷрои амал бо тарзи муайян бе муборизаи маромҳо сурат мегирад.

Дар амали мураккаби иродавӣ зинаҳои зеринро ҷудо мекунанд: 1) фаҳмидан мақсад ва кӯшиши расидан ба он; 2) фаҳмидани як қатор имкониятҳои бамақсадрасӣ; 3) ба вуҷуд омадани маромҳое, ки ин имкониятҳоро тасдиқ ё инкор мекунанд; 4) муборизаи маромҳо ва интихоб; 5) қабули яке аз имкониятҳо ба сифати иҷрои амал; 6) амалӣ намудани қарори қабулкардашуда.

Ҳаминро бояд қайд намуд, ки дар зинаи фаҳмидани мақсад ва кӯшиши расидан ба он амали мураккаб на ҳама вақт муборизаи маромҳо рӯй медиҳад Агар мақсад равшан бошаду пешакӣ иҷрои он барои иҷрокунанда низ ногузир бошад, он гоҳ фақат фаҳмидану дар худ ташаккул додани образи ояндаи натиҷаи амал мемонаду халос. Муборизаи маромҳо дар ин зина он вақт ба амал меояд, ки агар дар одам имконияти интихоби мақсадҳо пайдо шавад. Муборизаи маромҳо дар рафти фаҳмидагирии

мақсадҳо ба амал меояд ва як зинаи муайяни фаъолияти иродавиро ташкил медиҳад. Ҳар як маром пеш аз он, ки ба мақсад табдил ёбад, аз зинаи хоҳиш (агар мақсад мустақилона интихоб шавад) мегузарад. ***Хоҳиш - ин ба таври идеалӣ (дар мағзи сари одам) вухуд доштани мазмуни талабот аст.*** Чизро хостан - ин пеш аз ҳама донистани мазмуни водоркунандаи амал аст. Ҳар як хоҳише, ки ба мақсади амали иродавӣ мубаддал мегардад, аз тарафи инсон ботинан ҳарҷиҳата таҳлил карда мешавад ва дар рафти он далелҳои «тарафдор» ва «муқобил», тарафҳои мусоидаткунандаю халалрасон ба иҷрои хоҳиш дида баромада мешаванд. Инсон дар майдони хаёлҳои худ фикран ба пеш менигарад ва фикран натиҷаи амалро пешбинӣ мекунад. Ҳар лаҳза дар инсон хоҳишҳои моҳиятан гуногуне ба вуҷуд меоянд ва якбора қонеъ намудани онҳо имконнопазир мегардад. Ҳамин тавр, дар байни хоҳишу ниятҳои мухталифи номувофиқ мубориза ба амал меояд ва интихоби яке аз онҳо сурат мегирад. Ҳамин вазъиятро *муборизаи маромҳо* меноманд. Дар зинаи фаҳмидагирии мақсад ва расидан ба он, муборизаи маромҳо бо роҳи интихоби мақсад, амалҳо ҳал мегардад ва бо ҳамин шиддати баамаломада низ паст мешавад.

Зинаи фаҳмидани як қатор имкониятҳои ноил шудан ба мақсад амали фикрӣ буда, қисми таркибии амали иродавӣ ба шумор меравад ва натиҷаи он муқаррар намудани муносибатҳои сабабиву натиҷавии байни тарзҳои иҷрои амали иродавӣ дар шароитҳои мавҷуда ва натиҷаҳои имконпазир мебошад.

Зинаи роҳ ва воситаҳои бамақсадрасӣ бо системаи арзишҳои дар одам буда, пеш аз ҳама бо эътиқод, ҳиссиёт, меъёрҳои рафтор, талаботҳои асосӣ ва ғайра вобаста аст. Натиҷаи ин зина равшан фаҳмидани роҳу воситаҳои имконпазир ба шумор меравад. Маромҳои пайдошуда имкониятҳои таҳлилгардидаро тасдиқ ё инкор мекунанд ва бо ҳамин шиддати ҳаяҷон баланд мешавад, чунки дар пеши инсон боз масъалаи интихоб намудан ба миён меояд.

Зинаи муборизаи маромҳо ва интихоб лаҳзаи марказии амали мураккаби иродавӣ ба шумор меравад. Дар ин ҷо чун дар зинаи интихоби мақсад, вазъияти ихтилофнок ба амал меояд. Маҳз оқилона интихоб намудани яке аз имкониятҳои ҳалли масъала - воситаи муҳими бартараф намудани ин зиддияту ихтилоф ба шумор меравад. Бо ҳал гаштани ихтилофи ботинӣ шиддати баамаломада низ паст мешавад. Дар ин зина тарзу восита, пайдарпаии истифода, яъне банақшагирӣ равшану аниқ мегардад. Баъд аз ин зинаи ичрои қабули қарор сар мешавад.

Дар зинаи иҷрои қарори қабулшуда зарурати кӯшишҳои иродавӣ ба миён меояд, чунки тавассути онҳо монеаву душвориҳои баамаломада бартараф карда мешаванд. Ин монеаҳоро ашё, протсессҳои моддӣ, одамон, вақту фазо ба вуҷуд оварда метавонанд. Дар баробари ин, монеаҳои бо шахс алоқаманд, яъне хастагӣ, беморӣ, норасоии дониш, малака ва ғайра низ мавҷуданд. Чунин монеаҳои берунӣ ва дохилӣ, ки дар шуури инсон инъикос меёбад, ҳолатҳои гуногуни бошиддатии рӯҳиро ба вуҷуд меоваранд. Агар одам худро аз роҳи пешбинишуда канор гирад, ӯ бо ҳамин аз қарори қабулшуда дур мешавад, он гоҳ беиродагӣ зоҳир менамояд. Одами боирода бояд дар мавриди зарурӣ амали пешбинишударо рад карда, қарори нав қабул карда тавонад, зеро дар акси ҳол иҷрои он на зуҳуроти ирода, балки якравии бемаъноро ифода мекунад.

Ҳамин тавр, ҳар гуна амали иродавӣ барои одам ду натиҷаро медиҳад: якум, ба мақсади муайян расидан; дуюм, бо он алоқаманд аст, ки инсон ба амалҳои худ баҳо медиҳад ва дар баробари ин, нисбати тарзҳои бамақсадрасӣ аз онҳо барои оянда сабақ мегирад.

Сифатҳои иродавии шахс ва ташаккули онҳо

Инсон ҳангоми иҷро намудани навъи муайяни фаъолият бо монеаҳои берунию дохилӣ дучор меояд ва тавассути ташаккул додани сифатҳои иродавӣ дар худ метавонад

онҳоро бартараф намояд. Сифатҳои иродавии инсон ҳамчун унсури муҳими шахс дар ҷараёни бозӣ, таълим ва меҳнат роли муҳимро мебозанд. Ба сифатҳои иродавӣ дохил мешаванд: мақсаднокӣ, қатъият, ҷасурӣ, мардонагӣ, ташаббускорӣ, мустақилӣ, худдорӣ, боинтизомӣ ва ғайра.

Мақсаднокӣ – сифати иродаи шахс аст, ки дар тобеъ намудани рафтори одам ба мақсадҳои устувори ҳаётӣ, дар равон кардани тамоми қувва ва қобилият баҳри расидан ба ин мақадҳо ифода меёбад. Бояд қайд кард, ки мақсаднокӣ дар баъзе одамон равиши индивидуалишударо мегирад. Онҳо низ мақсадҳои равшану аниқ мегузоранд, вале мазмуни онҳо танҳо талабот ва шавқу ҳавасҳои шахсиро инъикос менамоянд.

Қатъият сифати иродаи шахс буда, дар қобилияти саривақт қабул кардани қарори асосноку устувор ва бетаъхир ба иҷрои он шурӯъ кардан зоҳир мешавад. Қатъиятро махсусан дар шароиту вазъиятҳои душвору мураккаби роҳи ҳал мушоҳида кардан мумкин аст. Беҷуръатӣ сифати муқобили қатъият мебошад ва он дар муборизаи беохири маромҳо, дар пайваста аз нав дида баромадани қарори ҳанӯз пеш қабулшуда ифода меёбад.

Ҷасурӣ – ин қобилияти бартараф намудани ҳисси тарс ва саргарангию саросемагӣ мебошад. Ҷасурӣ на танҳо дар амалҳои барои ҳаёти одам хавфнок зоҳир мешавад. Одами ҷасур аз кори мураккаб ва масъулияташ баланд наметарсад ва аз нобарориҳо намеҳаросад. Ҷасурӣ муносибати оқилона ва дурустро ба ҳақиқат талаб мекунад. Ҷасурии ҳақиқии одами боирода – ин бартараф намудани тарс ва ба ҳисоб гирифтани хавфу хатарҳои таҳдидкунанда ба шумор меравад. Одами ҷасур имкониятҳои худро пурра фаҳмида мегирад ва ба таври кофӣ фикру андешаи амиқи амалҳои иродавиро мекунад.

Суботкорӣ – маҳорати то ба охир бурда расондани қарори қабул кардашуда, дар роҳи он ҳар гуна монеаю душвориҳоро бартараф намудан ва ба мақсади гузошташуда ноил гардидан мебошад. Суботкориро бояд аз сифа-

ти муқобилмаънои он – якравӣ фарқ кард. Одами якрав одатан танҳо фикру андешаи шахсии худ, далелу асосҳои худашро эътироф мекунад ва дар амалу рафторҳои худ, ҳарчанд нодуруст бошанд ҳам, онҳоро ба роҳбарӣ мегирад.

Худдорӣ чунин сифати иродавии шахс мебошад, ки қобилияти нигоҳ дошта тавонистани зуҳуротҳои психикӣ ва ҷисмонии ба рафти мақсадрасӣ халалрасонро ифода мекунад. Сифати муқобили манфии он – импулсивнок будан мебошад, яъне чунин шахс андешаи рафторҳои худро накарда, майли саросемавор мувофиқи фикри аз ҳама пеш пайдошуда амал карданро мекунад.

Мардонагӣ – ин сифати мураккаби шахс аст ва на танҳо мавҷудияти часурӣ, балки суботкорӣ, худдорӣ, боварӣ доштан ба худ ва дурустии кори худро дар назар дорад. Мардонагӣ дар қобилияти натарсидан аз хавфи барои ҳаёт ва осудагии шахси мавҷудбуда, дар маҳорати бартараф намудани мусибат, азият ва маҳрумӣ зоҳир мешавад.

Ташаббускорӣ – ин сифати иродавӣ буда, одам тавассути он эҷодкорона амал мекунад. Ташаббускор шахси фаъол ва дар рафтору амал кардан моҳиру ҷасур аст.

Мустақилӣ – ин сифати иродавии шахс ва он дар маҳорати мувофиқи ташаббуси шахсии худ мақсад гузоштан, ёфтани роҳи ноил шудан ба он ва ба таври амалӣ иҷро намудани қарори қабулшуда зоҳир мешавад. Одами мустақил ба кӯшишҳои ӯро ба амалҳои бо эътиқодаш мувофиқ набуда майл кунонидан тан намедиҳад. Ӯ дар баробари ин, ба дида баромадани маслиҳату нишондодҳои дигарон тайёр аст, ба онҳо баҳо медиҳад ва агар оқилона бошад, ба қабули онҳо низ омодааст. Сифати муқобили мустақилӣ – талқиншавандагӣ буда, чунин шахс ба таъсири дигарон ба осонӣ дода мешавад, ба маслиҳату дастурҳои онҳо танқидкорона муносибат карда наметавонад, Муқобилият нишон намедиҳад ва ҳар гуна нишондодҳоро, ҳарчанд беасос бошанд ҳам, қабул мекунад.

Боинтизомӣ – ин ба қоидаҳои ҷамъиятӣ шуурона тобеъ кунонидани рафтори худ мебошад. Интизоми бошуурона дар он зоҳир мешавад, ки одам худро бе маҷбуркунӣ барои риоя намудани қоидаҳои интизоми меҳнатӣ, таълимӣ вазифадор мешуморад ва ҳатто барои аз ҷониби дигарон иҷро намудани онҳо мубориза мебарад.

Ташаккули сифатҳои ирода дар инсон яке аз масъалаҳои муҳими протсесси таълиму тарбия ба шумор меравад. Сифатҳои иродавӣ дар ҷараёни фаъолияти бозӣ, таълимӣ, меҳнатӣ ташаккул меёбад. Барои тарбия додани сифатҳои иродавии зикршуда дар инсон бояд ба чунин қоидаҳо риоя намуд:

- ин ё он корро ба ҷои шахс набояд иҷро кард ва танҳо шароити бомуваффақият иҷрошавии онро бояд таъмин намуд;
- фаъолнок намудани иҷрои кори мустақилона ва бедор намудани ҳисси қаноатмандӣ аз натиҷаҳои бадастомада;
- насли наврасро бояд ба ҳалли оқилонаи мақсадҳои гузошташуда раҳнамун сохт ва аз ҷониби онҳо бечунучаро иҷро намудани қарорҳои қабулшударо интизор шуд;
- дар наврасон одати ба таври ҷиддӣ аз болои худ назорат кардан ва кӯшишро дар бартараф намудани камбудию хатоҳояшон (одатҳои бад, импулсивнокии амал, бечуръатӣ ва ғайра) бояд тарбия намуд.

Адабиёт

1. Абдулҳамидпур А. Асрори мизоҷ. – Душанбе, 2004

2. Бассин Ф.В. Проблема «бессознательного». (О неосознаваемых формах высш нервной деятельности). – М.: Медицина, 1968
3. Выготский Л. С. Эмоция и их развитие в детском возрасте. – Собр. соч., Т. 2. – М.: Педагогика, 1982
4. Выготский Л.С. Собрание сочинений: В 6-ти т. Т.2: Вопросы общей психологии/Гл.ред. А.В.Запорожец. – М.: Педагогика, 1982
5. Веккер Л.М. Психические процессы: В 3-х т. – Т.1. – Л.: Изд-во ЛГУ, 1974
6. Гомезо М. В., Домашенко И. А. Атлас по психологии. – М.: Просвещение, 1986
7. Дастури психологияи амалӣ. Зери таҳрири Юнусова Н. М. Мутарҷим ва мураттибон: Давлатов М.Т., Расулов С., Содиқова Л.Н., Ҳамроева Н.М. – Душанбе, Сино, 2004
8. Дерябин В.С. Чувства, влечения, эмоции. – Л.: Наука, 1974
9. Дикая Л.Г. Психическое состояние и эффективность деятельности.
10. Психологический журнал, Т. 3, № 6, 1982
11. Захаров А.И. Как преодолеть страхи и детей. – М., 1986
12. Зокиров Г. Моҷарошиносӣ. – Душанбе, 2002
13. Зимин П.П. Воля и ее воспитание у подростков. – Ташкент, 1985
14. Иванников В.А. Психологические механизмы волевой регуляции. –М., 1998
15. Изард К.Э. Психология эмоций. – СПб.: Питер, 1999
16. Ильин Е.П. Психология воли. – СПб.: Питер, 2000
17. Катаев-Смык Л.А. Психология стресса - М.: Наука, 1983
18. Костина Л.М. Игровая терапия с тревожными детьми. – СПб., 2001
19. Қодиров С., Давлатов М. Психология. – Душанбе, Сино, 2002

20. Леви Л. Эмоциональный стресс. – Л.: Медицина, 1970
21. Левитов Н.Д. О психических состояниях человека. - М.: Просвещение, 1964
22. Леонтьев А.М. Потребности, мотивы и эмоции. – М.: МГУ, 1971
23. Наенко Н.И. Психическая напраженность. - МГУ, 1976
24. Немов Р.С. Психология. Кн. 1. – М., 2000
25. Овчинников О.В. Эмоциональное состояние и работоспособность. – М.,1970
26. Павлов И.П. Полное собрание сочинений. Т.3. Кн.2 – М.: Изд. АН СССР, 1952
27. Пулатов А.С., Никифорова Д. Эмотсия дар ҳаёти инсон. – Душанбе, 1985
28. Рубинштейн С.Л. Основы общей психологии. СПб.: Питер, 1999
29. Селье Г. Стресс без дисстресса. – М., 1979
30. Симонов П.В. Мотивированный мозг: высшая нервная деятельность и естественнонаучные основы общей психологии/ Отв. ред. В.С.Русинов.- М.: Наука, 1987
31. Симонов П.В. Эмоциональный мозг. Физиология. Нейроанатомия.
32. Психология эмоций. – М.: Наука, 1981
33. Субботина Л.Ю. Стресс – Ярославль: Академия развития, 2001
34. Фресс П., Пиаже Ж. Экспериментальная психология / Сб статей. Пер. с фр.: Вып.6. – М.: Прогресс, 1978

БОБИ VI. Хусусиятҳои фардию психологии шахс

6.1. Мизоҷ

Назарияҳо оид ба мизоҷ

Асрори табиати инсон, сабабҳо ва маромҳои рафтори ӯ аз қадим

диққати одамонро ба худ ҷалб мекард. Инсоният кӯшиш менамуд одамонро аз рӯи табиаташон ва хусусиятҳои хоси ба ҳам монандашон ба гурӯҳҳо ҷудо намояд, то рафтори онҳоро дар вазъиятҳои мушаххаси ҳаётӣ пешгӯӣ намудан мумкин бошад. Оид ба мизоҷ назарияҳои мухталиф вуҷуд доранд, ки муҳимтаринашон дар схемаи дар поён овардашуда тасвир ёфтаанд.

Дар назарияҳои мазкур монандиҳои зеринро пайдо намудан мумкин аст:

а) ҳатман алоқамандии мизоҷро бо хусусиятҳои сомато-физиологӣ пешбинӣ менамоянд;

б) мизоҷро ҳамчун тип шарҳ медиҳанд;

в) ба мизоҷ доираи васеъи хусусиятҳои рафтор ворид карда мешаванд: аз суръат ва шиддати ҳаракатҳо то воситаҳои изҳори муҳаббат намудан ва маҳорати ташкил намудани ҷанг;

в) чор типи пешниҳоднамудаи Гиппократ нигоҳ дошта мешаванд.



Аввалин тавсифи мизоҷро ҳанӯз асри панҷи пеш аз мелод ҳаким ва табиби юнонӣ Гиппократ пешниҳод намуда буд. Ба андешаи ӯ, дар организми инсон чор моеъи асосӣ вуҷуд доранд: хун, зарда, зардаи сиёҳ ва балғам. Омезиши онҳо дар бадани инсон бо таносубҳои гуногун мизоҷи ӯро муайян месозад. Худи калимаи «темперамент» (мизоҷ) аслан лотинӣ буда, маънояш мувофиқати қисматҳост. Бартарии яке аз ин моеъҳо дар организм мизоҷи одамро муайян менамуд. Гиппократ одамонро мувофиқ ба чор намуди моеъҳои зикргашта ба чор гурӯҳи мизоҷҳо тақсим намуд: сангвиникҳо (аз лот. sanguis – хун), холерикҳо (аз юн. chole – зарда), меланхоликҳо (аз юн. melania chole – зардаи сиёҳ) ва флегматикҳо (аз юн. fhlegma - балғам). Гиппократ ба ҳар якеи ин намудҳои мизоҷ хусусиятҳои хосро нисбат медод. Масалан, сангвиникҳоро ӯ ҳамчун одамони чаққон, чолок, зиндадил, улфатпазир, душвориҳо ва нобарориҳоро дар ҳаёт ба осонӣ паси сар-

кунанда тавсиф медод. Холерикҳо ба андешаи ӯ, одамони таъсирпазир, тез ба хашм оянда, сабук, ниҳоят серҳаракат ва моил ба зуд-зуд тағирёбии табъанд. Флегматикҳо одамони ором, сустҳаракат, дармувозинатбуда, ба шароитҳои нав ба душворӣ мутобиқшаванда ва аз як фаъолият ба дигараш бо душворӣ гузарандаанд. Меланхоликҳоро ҳамчун одамони аз ҳад зиёд шармгин ва ҳассос, дамдузд ва зуд хасташаванда тавсиф намудааст. Табиби дигари юнонӣ Гален (асри IIто мелод) низ ба одамон вобаста аз бартарии яке аз чор моеъи бадан шаклҳои муайяни рафторро нисбат медод. Ӯ 21 намуди мизоҷро ҷудо намуд. Хело баъдтар, дар охири асри XIII И. Кант тавсифоти психологии чор намуди мизоҷро пешниҳод намуд.

Тадқиқотҳои минбаъда идеяи Гиппократро оид ба алоқамандии табиати инсон аз моеъҳои организм исбот накарданд. Аммо номгузории ӯ ба намудҳои мизоҷ ва тавсифи психологии онҳо ба таълимотҳои минбаъда оид ба мизоҷ таъсири амиқ бахшиданд ва то ҳанӯз дар илми психология маъмул аст.

Аз мутафаккирони Шарқ таълимоти нисбатан мукаммалро оид ба мизоҷ табиб ва ҳакими тоҷик Абӯалӣ Ибни Сино пешниҳод намуда аст. Мувофиқи таълимоти ӯ, мизоҷ - ин хусусияти ботинии одам, табиати инсон аст, кайфиятест, ки аз омезиши чор унсур: оташ, бод, хок ва об ба ҳам мерасад. Мизоҷ дар асоси иртибот ва алоқамандии чор унсури номбаршуда, чор моеъи асосии бадан – хун, балғам, савдо ва сафро ва чор хусусияти иқлимӣ – гармӣ, хунукӣ, хушкӣ ва намӣ кашф ва муқаррар карда шудааст. Онҳо ба табиати чор фасли сол (баҳор, тобистон, тирамоҳ ва зимистон) ва чор узви асосии бадан (дил, майна, сипурз ва ҷигар) нисбат дода шудаанд (ниг. ба расми 19). Сабаби пайдоиши бемориҳо, тамоми хусусиятҳои физиологии бадани инсон (аз кӯдаки навзод то куҳансолон), норасогиҳо ва дигаргуниҳои иқлимию ҷуғрофӣ дар аснои беморӣ, табиати хӯрок, нӯшокиҳо, доруҳо ва ғ. ҳама вобаста ба мизоҷ дониста мешуд. Баръакси Арасту, Гиппократ ва

Ҷолинус, ки бавуҷудойии чор моеъи асосиро дар бадан (хун, балғам, савдо ва сафро) аз чор унсури беруна (об, оташ, хок ва бод) медонистанд, Ибни Сино исбот намуд, ки унсурҳои номбаршуда дар дохили худи бадан ҳосил мешаванд. Унсури чаҳоргона дар як ранг, дар як ҳолат ва мизон намеистанд, балки ҳамеша дар ҳаракат ва тағйирот мебошанд ва манбаи қуввахои асосии организм (ҳайвонӣ, нафсонӣ, ҳис, ҳаракат ва тафаккур) ба шумор мераванд.

Психологи немис Э. Кречмер (1888-1964) дар асари машҳури худ «Сохтори организм ва характер» мекӯшад миёни организми инсон ва сохтори психикии ӯ алоқамандӣ пайдо намояд. Ӯ дар асоси мушоҳидаҳои зиёди клиникӣ ба хулосае меояд, ки аз типи ҷусса на танҳо шаклҳои бемориҳои психикӣ, балки инчунин хусусиятҳои асосии шахс низ вобастаанд.

Ба андешаи Э. Кречмер танҳо чор типи асосии анатомияи одам вуҷуд доранд, ки метавонанд на танҳо дар шакли тоза, балки дар таносубҳои гуногун низ вохӯранд.



Расми 19. *Тасвири зоҳириши мизоҷ дар асоси «Ал-Қонун»-и Абӯалӣ Ибни Сино*

1. Типи астеникӣ – шахсе, ки дорои ҷуссаи нозук, қафаси синаи ҳамвор, китфони хурд, дасту пои дарозу

борик, рӯи дароз, вале системаи асаб ва мағзи сари зӯр инкишофёфта мебошад.

2. Пикник – бо тамоюли организм ба фарбеҳшавӣ ва аппарати сусти ҳаракатӣ фарқ мекунад. Миёнақад, фарбеҳ, гарданкӯтоҳ буда, чеҳраи фаррох ва шиками барҷаста дорад.

3. Атлетик – шахсе, ки скелети мустаҳкам, мушакҳои қавӣ ва намоён, ҷуссаи мутавозин, китфҳои васеъ, қафаси синаи барҷаста ва қавӣ дорад.

4. Дипластик – шахсе, ки ҷуссаи нодуруст дорад.

Ба андешаи Э.Кречмер, ҳар яке аз ин типҳо хислатҳои хоси психологиро доро мебошанд.

Таълимоти дигари машҳурро дар бораи мизоҷ физиологи рус И.П. Павлов пешниҳод намуд. Мувофиқи таълимоти ӯ, мизоҷи инсон аз хосиятҳои системаи асаби ӯ вобаста аст. И.П. Павлов се хосияти асосии системаи асабро ҷудо намуд:

- **қувваи протсессҳои асабӣ**, ки дар қобилияти тоб оварда тавонистани ҳуҷайраҳои асабӣ ба таъсироти пуршиддат ва бардавоми ангезандаҳо ифода меёбад, ки ин қобилияти кории ҳуҷайраҳои асабиро муайян мекунад;

- **сустии протсессҳои асабӣ** бо хусусияти ба ҳаяҷон ва боздории бардавом мутамарказонидашуда тоб оварда натавонистани ҳуҷайраҳои асабӣ тавсиф дода мешавад. Ҳангоми таъсир кардани ангезандаҳои хеле зӯр ҳуҷайраҳои асабӣ зуд ба боздории ҳимоякунанда мегузаранд. Ба ҳамин тариқ, дар системаи асаби суст ҳуҷайраҳои асабӣ бо қобилияти пасти корӣ доштанашон фарқ мекунанд, қувваи онҳо зуд сарф мешавад. Дар баробари ин, системаи асаби суст қобилияти ҳискунандагии баланд дорад ва ҳатто ба таъсиркунандаҳои суст ҳам ҷавоб мегардонад.

- **мувозинати протсессҳои асосии асабӣ** , яъне мутаносибии ҳаяҷон ва боздорӣ хосияти муҳими фаъолияти олии асаб мебошад. Дар баъзе одамон ин ду протсесс дар

мувозинат мебошанд, дар дигарон чунин мувозинат мушоҳида намешавад. Ё протсесси ҳаяҷон ё протсесси бозторӣ бартарӣ дорад;

- **серҳаракатии протсессҳои асосии асабӣ бо** қобилияти ба осонӣ якдигарро иваз намудани ҳаяҷон ва бозторӣ, зуд ба вуҷуд омадан ва қатъ гардидани ин протсессҳо (дар ҳолате, ки инро шароити ҳаёт талаб мекунад), бо суръати ҳаракати пртсессҳои асабӣ (паҳншавӣ ва ғуншавии ҳаяҷон), ба ҷавоби ангезанда зуд пайдо шудани протсесси асабӣ ва ҳосил шудани алоқаҳои муваққатии нав ва ҳосилшавию тағйирёбии стереотипи динамикӣ тавсиф дода мешавад.

И.П. Павлов дар асоси ин хосиятҳои системаи асаб чор типи зерини системаи асабро ҷудо намуд, ки ба андешаи ӯ, ба чор типи мизоҷи тавсифнамудаи Гиппократ мувофиқ ҳастанд:

Типи зӯри дар мувозинатбудаи серҳаракат **(сангвиникҳо).** Протсесҳои бозторӣ ва ҳаяҷон зӯр ва дар мувозинатбуда, вале зудию ҳаракаткунии онҳо зуд-зуд иваз шудани протсессҳои асабӣ ба нисбатан босуръат гардидани ҳосилшавию нисбатан ноустувор гардидани протсессҳои асабӣ меоварад.

Типи зӯри дармувозинатнабудаи серҳаракат **(холерикҳо).** Системаи асабашон зӯр, вале протсессҳои асосии асабӣ дар мувозинат намебошанд, яъне ин тип бо бартарӣ доштани протсесси ҳаяҷон бар протсесси бозторӣ тавсиф дода мешавад.

Типи зӯри дармувозинатбудаи сустҳаракат **(флегматикҳо**). Протсессҳои асабии зӯру дармувозинатбуда бо камҳаракатии худ фарқ мекунанд. Намояндагони ин тип зоҳиран ҳамеша орому вазнин буда, бо душворӣ ба ҳаяҷон меоянд.

Типи суст **(меланхоликҳо).** Намояндагони типи сусти системаи асаб ба ангезандаҳои зӯр, дарозмуддат ва мутамарказонидашуда тоб оварда наметавонанд. Протсессҳои ҳаяҷон ва бозторӣ суст мебошанд. Ҳангоми таъсир карда-

ни ангезандаҳои зӯр ташкилёбии рефлексҳои шартӣ боздошта мешавад. Дар баробари ин, нисбат ба таъсири ангезандаҳо ҳассосии нозук мушоҳида мешавад.

Типи фаъолияти олии асаб ба омилҳои ирсии табиӣ тааллуқ дошта, хосияти модарзодии системаи асаб мебошад. Дар заминаи муайяни физиологӣ системаҳои гуногуни алоқаҳои муваққатӣ ҳосил шуда метавонанд, яъне ин алоқаҳои муваққатӣ дар рафти ҳаёти одамони гуногун ҳар хел ташаккул ёфта метавонанд ва типи фаъолияти олии асаб маҳз дар ҳамин зоҳир мешавад. *Мизоҷ – ин зуҳуроти типи фаъолияти олии асаб дар фаъолияту рафтори одам мебошад.*

Хусусиятҳои фаъолияти психикии одам, ки рафтор, одат, шавқу ҳавас ва донишҳои ӯро муайян мекунанд, дар рафти тачрибаи фардии одам ва дар ҷараёни тарбия ташаккул меёбанд. Типи фаъолияти олии асаб рафтори одамро ба худ хос мегардонад, ба тамоми симои одам таъсир мегузорад, ҳаракатнокӣ ва устувории пртсессҳои психикии ӯро муайян мекунад, вале дар баробари ин рафтор, эътиқод ва асосҳои ахлоқии одамро ҳаргиз муайян намекунад.

Ба андешаи Ю.Д. Гиппенрейтер, таълимоти И.П. Павлов айни замон муҳимии худро аз даст додаст ва наметавонад дар фаҳмиши табиати мизоҷ кӯмак намояд. Ӯ панҷ мавқеъи асосии таълимоти И.П. Павловро оварда, минбаъд исбот мекунад, ки онҳо асоси устувори илмӣ надоранд.

1. Калиди асрори хусусиятҳои фардии рафтори ҳайвонот ва инсонро мебояд дар хусусиятҳои системаи асаб ҷустуҷӯ намуд, на дар ҷои дигар.

2. Ин хусусиятҳои системаи асабро бояд тавассути рефлексҳои шартӣ омӯхт.

3. Чунин хусусиятҳои асосӣ сетоянд: қувва, мувозинат ва серҳаракатӣ. Онҳо барои ҳайвони додашуда умумӣ ва доимиянд.

4. Мувофиқати хусусиятҳои асосӣ чор типии асосии ситемаи асабро ба вуҷуд меоранд.

5. Ин типҳои асосии системаи асаб бо чор типии классики мизоҷ мувофиқат мекунанд, яъне асоси физиологии онҳоро ташкил медиҳанд.

Гиппенрейтер Ю.Д. доир ба мавқеи якум менависад, ки системаи марказии асаб аз организм ҷудо вуҷуд надорад. Хусусиятҳои он аз хусусиятҳои организм дар умумият вобастаанд. Аз ин лиҳоз, асрори хусусиятҳои фардиро на танҳо дар хусусиятҳои системаи асаб, балки дар функсияҳои васеътари биологии инсон бояд ҷӯст.

Гиппенрейтер Ю.Д. дар мавриди мавқеъи дуюми таълимоти И.П. Павлов ба маълумотҳои охирини нейрофизиология такя намуда, менависад, ки дар фаъолгардии рафтор ва танзими эмотсионалии он сохторҳои зериқишрӣ – форматсияи ретикулярӣ, ташкилаҳои лимбикӣ, қисматҳои пешонавии он нақши заминавӣ доранд. Пас, хулоса намудан мумкин аст, ки асосҳои физиологии хусусиятҳои динамикии рафторро (яъне мизоҷро) на дар қишри нимкӯраҳои майна, балки дар ҷои дигар мебояд ҷӯст. Як зумра тадқиқотчиён, аз ҷумла В.Д. Небиилитсин маҳз ба ҳамин хулоса омаданд. Онҳо ҷустуҷӯи асосҳои физиологии фардиятро дар хусусиятҳои сохторҳои пешонавӣ - ретикулярии мағзи сар, ки фаъолии умумии рафторро муайян мекунанд ва сохторҳои пешонавӣ-лимбикӣ, ки масъули ҷамбаҳои эмотсионалии рафторанд, огоз намуданд.

Тадқиқотҳои сершумори экспериментали мавқеъи саввуми таълимоти И.П. Павловро низ оид ба хусусиятҳои умумӣ ва устувори ситемаи асаб зери шубҳа гузоштанд. Ин тадқиқотҳо баъзан натиҷаҳои мухолиф медоданд. Фард аз рӯи як амалиёт як хусусияти системаи асабро зоҳир менамуд, аз рӯи амалиёти дигар – дигар хусусиятро. Масалан, ҳангоми мустаҳкамнамоӣ (подкрепление) тавассути дарддиҳӣ системаи асаб зӯр мебаромад, ҳангоми мустаҳкамнамоии ғизоӣ – суст.

Минбаъд равшан гашт, ки хусусиятҳои гуногуни системаи асаб дар як фард инчунин дар мавриде низ ба чашм мерасанд, ки агар ангезандаҳо ба анализаторҳои гуногун равона гашта бошанд. Дар лабораторияи Б.М. Теплов барои ҳисоби коэффисиенти коррелятсия миёни нишондиҳандаҳои аз анализаторҳои биноӣ, шунавоӣ ва ломисавӣ ба дастомада, ҳангоми муайян намудани ҳамон як хосияти системаи асаб, корҳои зиёд анҷом дода шуданд. Ин коэффисиентҳо чун қоида гуногун ва дар баъзе мавридҳо ҳатто ба сифр баробар буданд.

Дар мавриди мавқеъи чорум аллакай худи И.П. Павлов эътироф намуда буд, ки комбинатсияҳои хосиятҳои системаи асаб метавонанд 24 типи гуногунро ба вуҷуд биёранд. Пас, чаро маҳз чаҳор тип ва маҳз чунин типҳои системаи асаб ҷудо карда шуданд? Ба андешаи Б.М. Теплов, ба И.П. Павлов таснифоти мизоҷҳои Гиппократ таъсир расонидаанд.

Мавқеъи панҷуми таълимоти И.П. Павловро аллакай дар қайди ҳаёт будани худаш далелҳои сершумор зери шубҳа мегузоштанд. Масалан, ҳангоми таҷриба бо сагҳо муайян гашт, ки ҳамон як ҳайвон дар шароити эксперимент маҷмӯи хусусиятҳои тамоман дигар ва баъзан ҳатто мухолифро нисбат ба рафтори табиияш зоҳир мекунад. Яъне аз рӯи рафтораш намояндаи типии сусти системаи асаб – меланхолик аст, вале дар шароити лабораторӣ хусусиятҳои системаи асаби зӯрро зоҳир менамояд ва ё баръакс.

Айни замон дар тадқиқотҳои навин чор типи мизоҷ на аз назари физиологӣ ва на психологӣ баррасӣ намегарданд. Диққати асосӣ ба ҷамбаҳои динамики рафтор – фаъолии умумӣ, зуҳуроти ҳаракатии он ва эмотсионалнокӣ равона мегардад. *Мизоҷ ҳамчун маҷмӯи хосиятҳои мувофиқи динамикии рафтор фаҳмида мешавад, ки дар ҳар фард ба таври ба худ хос зоҳир мегарданд.*

Бояд қайд намуд, ки ба худи таърифи мафҳуми мизоҷ низ чун ба таълимотҳо оид ба он, роҳёфтҳои гуногун вуҷуд доранд. Масалан:

- мизоҷ – ин тавсифоти динамикии фаъолияти психикии фард аст (С.Л. Рубинштейн);

- мизоҷ – ин мувофиқати қонуниятии хусусиятҳои устувори фард аст, ки тарафҳои гуногуни динамикаи фаъолияти психикии ӯро тавсиф медиҳад (В.А. Крутецкий);

- мизоҷ – ин маҷмӯи зуҳуротҳои динамикии психика аст, ки аз ҷиҳати фардӣ ба худ хос буда, аз ирсият вобаста мебошад (Н.С. Лейтес);

- мизоҷ – ин сифати шахс аст, ки дар таҷрибаи шахсии одам зимни типии системаи асаби ӯ, ки аз ирсият вобаста мебашад, ташаккул ёфта, афзалиятан тарзи фаъолияти ӯро муайян мекунад (К.К. Платонов);

- мизоҷ – ин тавсифоти аз ҳама умумитарини ҳар як одами алоҳида, тавсифоти аз ҳама асосии системаи асаби ӯ аст ва системаи асаб бошад, дар тамоми фаъолияти фард ин ё он нақши худро мегузорад (И.П. Павлов).

Дар ин шаклҳои баёноти таърифи мизоҷ қатъи назар аз гуногунии ҷумлаҳо сухан дар бораи динамикаи фаъолияти психики фард меравад, ки марбути системаи асаб аст.

Таҳлили назарияҳои номбаршуда имкон медиҳанд меъёрҳои психологиеро ҷудо намоем, ки мизоҷро тавсиф медиҳанд. Ин меъёрҳоро дар шакли схемаи дар поён овардашудатасвир намудан мумкин аст.

Се соҳаи зоҳиршавии мизоҷро ҷудо мекунанд: фаъолии умумӣ, махсусиятҳои соҳаи ҳаракатӣ (моторӣ) ва хусусиятҳои эмотсионалнокӣ.

Фаъолии умумӣ аз рӯи шиддатнокӣ ва ҳаҷми таъсири мутақобилаи инсон бо муҳити иҳотакарда муайян мегардад. Одам аз рӯи ин меъёр метавонад инертӣ, пассив, ором ё худ ташаббускор, фаъол ва бо ҷидду ҷаҳд бошад.

Зуҳуроти мизоҷро дар *соҳаи ҳаракатӣ* метавон чун зуҳуроти хусусии фаъолии умумӣ дида баромад.



Ба он суръат ва миқдори умумии ҳаракатҳо дохил мешаванд. Тарзи роҳгардии одам, мимика ва пантомимикаи ӯ, тарзи суханронияш оид ба мизоҷи ӯ ба мо маълумот дода метавонад.

Ҳангоме ки сухан дар бораи *эмотсионалнокӣ* ҳамчун зуҳуроти мизоҷ меравад, аксаран мутаассиршавӣ, ҳассосӣ, импулсивнокӣ ва ғ.-ро дар назар доранд. *Мутаассиршавӣ* аз рӯи қувва ва устувории таъсироте тавсиф дода мешавад, ки таассурот ба одам мегузорад. Мутаассиршавӣ вобаста аз мизоҷ дар баъзеҳо кам ва дар баъзеҳо зиёд ба мушоҳида мерасад. Дар одамони гуногун инчунин вобаста аз хусусиятҳои мизоҷашон устувории таассурот низ гуногун мешавад: дар баъзеҳо таассуротҳои ниҳоят қавӣ низ бисёр ноустуворанд, дигарон муддати тӯлонӣ наметавонанд аз он халос шаванд. Мутаассиршавӣ – ин ҳамеша

ҳассосии аффективии дар одамони дорои мизоҷи гуногун ба таври фардӣ зоҳиршаванда аст. Он ба соҳаи эмотсионалӣ алоқаманд буда, дар қувва, суръат ва устувории аксуламали эмотсионалӣ ба таассурот ифода меёбад.

Мутаассиршавандагӣ аз талабот, завқ, шавқу ҳавас, майлҳова муносибати одам бо атроф вобастааст.



Нақшаи 11. *Шаклҳои асосии зуҳуроти мизоҷ ва нишондиҳандаҳои он*

Зуҳуроти дигари марказии мизоҷ *импулсивнокӣ* маҳсуб меёбад, ки бо қувваи водорнамоӣ, суръати фарогирии онҳо соҳаи ҳаракатиро ва устувории зуҳуроти онҳо дар амал тавсиф дода мешаванд. Импулсивнокӣ – бо ҷидду ҷаҳд, сарчашмаи ирода, бо қувваи динамикии талабот ҳамчун водоркунандаи фаъолият марбут аст.

Психологи машҳури рус С.Л. Рубинштейн *қувваи апротсессҳои асабӣ* ва *суръати ҷоришавии* онҳоро низ ба сифати зуҳуротҳои муҳими мизоҷ тавсиф медиҳад. Ба андешаи ӯ, хусусиятҳои психикии мизоҷ бо хусусиятҳои ҷисмии организм – чӣ хусусиятҳои модарзодии сохтори системаи асаб (нейроконститутсия) ва чӣ хусусиятҳои функсионалии (мушакӣ, дилу раг) фаъолияти ҳаётии организм алоқаи ногусастанӣ доранд. Минбаъд ӯ меафзояд: «Мизоҷ хосияти танҳо мағзи сар ё худ нейроконструксия нест; он ҷабҳаи динамикии шахс аст, ки динамикаи фаъолияти психикии ӯро тавсиф медиҳад. Ин тарафи динамикии мизоҷ бо тарафҳои дигари ҳаёти шахс алоқаманд буда, тавассути мазмуни конкретии ҳаёт ва фаъолияти ӯ зоҳир мегардад » [].

Зоҳиргардии мизоҷ дар фаъолият ва соҳаи эмотсионалии одам нотакрории симои психологии ӯро таъмин месозад, ки он дар нишондиҳандаҳои гуногун ифода меёбад. Дар нақшаи зер шаклҳои асосии зуҳуроти мизоҷ ва нишондиҳандаҳои он ба тариқи зайл оварда шудаанд.

Тавсифи психологии типҳои мизоҷ

Хусусиятҳои психологии намуд-ҳои классикии мизоҷро ба таври анъанавӣ чунин тавсиф меди-ҳанд:

Мизоҷи сангвиникӣ. Ба сангвиник барангезиши зӯри эмотсионалӣ хос аст. Ӯ бо чолокӣ ва бо ҳаяҷон ба ҳама чизе, ки диққатҷалбкунанда аст, эътибор медиҳад. Сангвиник инчунин бо фаъолии баланд фарқ карда меистад. Фаъолӣ ва реактивияти ӯ дар мувозинат зоҳир мешаванд ва аз ин рӯ метавонад реаксия ва зуҳуроти ҳиссиёти худро нигоҳ дорад. Суръати реаксияи сангвиник баланд мебошад ва он дар ҳаракатҳои тезу суръати нутқаш зоҳир мешаванд. Сангвиник серҳаракат аст ва ба шароитҳои тағирёбандаи ҳаёт тез ва бо осонӣ мутобиқ мешавад, шахси улфатпазир буда, бо одамон тез забон меёбад ва дар шароитҳои нав ба нав худро гум намекунад. Ӯ

хушҳол ва зиндадил аст. Ба сангвиник ноустувории эмотсионалӣ хос аст, тез ба эҳсосот дода мешавад, вале онҳо одатан зӯр ва амиқ намебошанд. Майли иҷрои фаъолияти якҷоя дорад. Коре, ки реаксияи тез ва дар баробари ин мувозинатиро талаб мекунад, ба ӯ мувофиқ маъқул аст.

Ҳиссиёти сангвиникҳо равшан зоҳир мегардад: дар онҳо мимикаи ифоданок, ҳаракатҳои тезу тунди даст, чолокии умумӣ ва нутқи босуръат дида мешавад. Онҳо инчунин бесабр, серҳаракат ва зиндадил мебошанд. Ҳамаи ин хосиятҳо дар вақти фаъол будани сангвиник ба назар равшан зоҳир мегарданд. Ҳиссиёти сангвиник зуд тағйир меёбад: ӯ гоҳо хурсанд ва беғам асту гоҳо андӯҳгин ва афсурдахотир, вале дар ӯ ҳиссиётҳои хуб бартарӣ доранд; сангвиник аз ҳама таассуротҳои зиққунандаю нофорам зуд озод мешавад.

Намояндагони ин намуди мизоҷ маводи таълимиро ба осонӣ аз худ мекунанд, агар дар онҳо муносибати эмотсионалиро ба вуҷуд ованд. Агар маводи таълимӣ завқовар набошад ва омӯзиши он кори давомдори якзайлро талаб кунад, он гоҳ сангвиник чизи навро метавонад аз рӯи парешондиққатиаш бад аз худ кунад.

Дар сангвиник зиндадилӣ, боилтифотӣ, муносибати фаъолонаро ба меҳнат ва кори ҷамъиятӣ ба осонӣ тарбия намудан мумкин аст. Дар шароитҳои номусоид, масалан, ҳангоми мавҷуд набудани кори тарбиявии мураттаб ва бомақсад, дар сангвиник ноустувории ҳиссиёт, муносибати сабуккорона нисбат ба кору ба худ ва ба имкониятҳои худ, ба худ аз будаш зиёд баҳо додан, муносибати ғайриҷиддӣ ба омӯзиш, одамон ва меҳнат зоҳир мешаванд.

Мизоҷи холерикӣ. Ба холерик чун сангвиник фаъолии баланд, суръати тези амали ҷавобӣ хос аст, вале реактивият бар фаъолӣ бартарӣ дорад. Намояндагони ин намуди мизоҷ аз дигарон бо барангезиши баланди эмотсионалӣ ва номавзунии рафторашон фарқ мекунанд. Протсессҳои психикӣ дар онҳо тез мегузаранд. Номувозинатӣ ба таври равшан ба фаъолияти холерик таъсир ме-

бахшад: ӯ базавқ ва ҳатто бо эҳтироми беандоза баҳри кор мубориза мебарад, ташаббус зоҳир менамояд ва бо ҳаваси баланд кор мекунад. Холерик бо сабаби оқилона сарф карда натавонистани қувва тез бемадор мешаванд ва рӯҳафтода мегарданд. Чунин силсиланок зоҳиршавии фаъолӣ яке аз хусусиятҳои характерноки мизоҷи холерикӣ аст. Холерик дар сурати бартарӣ пайдо кардани ҳаяҷон бар боздорӣ ҳангоми муошират намудан бо одамон метавонад тундмизоҷӣ, гӯстохӣ, зудранҷӣ ва худдорӣ накарданро зоҳир кунад ва дар ин замина метавонад ихтилофро дар коллектив ба амал оварад.



Расми 20. *Аксуламали намояндагони мизоҷҳои гуногун ба кӯлоҳи гиҷимшуда*

Мизоҷи флегматикӣ. Флегматик мувофиқи тавсифи И.П. Павлов, одами ором, дар мувозинат, ҳамеша заҳматкаши ботамкин, босубот ва матини хаёт мебошад. Флегматик дар фаъолият боандешагӣ истодагариву матонат нишон медиҳад. Ӯ кори саркардаашро то ба охир мерасо-

над ва назму тартибро дар он дӯст медорад. Пртсессҳои психикӣ дар ӯ суст мегузаранд ва ин метавонаддар фаъолияти таълимӣ ҳангоми зарурат пайдо шудан ба тез бахотиргирӣ, фаҳмидану иҷро намудан халал расонад. Ба ӯ барои мутамарказ намудани диққат, барои кӯчонидани он ба объекти дигар, барои бахотиргирӣ ва фаҳмидан вақти муайян зарур аст. Флегматик ҳангоми бо ҳодисаҳои ҳаёт муносибат доштан оромӣ зоҳир мекунад. Ӯро ба хурӯш овардан ва дар ӯ таассуроти эмотсионалӣ ҳосил кунонидан душвор аст. Нисбат ба сангвиник ва холерик дар флегматик барангезиши эмотсионалии кам мушоҳида мешавад. Флегматик бо одамон баробар ва оромона муносибат мекунад ва то дараҷае улфатпазир аст. Флегматикро ба хурӯш овардан душвор аст, ӯ худро ҳамеша аз ҷанҷолу хархашаҳо дар канор мегирад. Агар дар ҷараёни таълиму тарбия хусусиятҳои мусбат ва манфии флегматикро ба эътибор гирем, он гоҳ дар ӯ метавонем ба осонӣ босабрӣ, ботоқатӣ, ӯҳдабароию кордонӣ ва босуботӣ барин хислатҳоро ташаккул диҳем. Бояд қайд кард, ки дар шароитҳои номусоид метавонанд чунин хислатҳои манфӣ низ инкишоф ёбанд: муносибати бепарвоёна ба меҳнат, ба ҳаёти иҷотакарда, танбалӣ, пассивӣ ва ғайра.

Мизоҷи меланхоликӣ. Намояндагони ин тип бо ҳиссиёти баланди эмотсионалӣ ва зудранҷӣ фарқ мекунанд. Ҳиссиёт дар онҳо ниҳоят суст бедор мешавад. Реактивияти кам ва фаъолияти паст, ки ба меланхолик хос аст, дар кам хандидан, дар нобоварӣ ба худу тез гум кадани худ ва дар корро то ба охир нарасонидани онҳо зоҳир мешавад. Суръати пасти зуҳуроти психикӣ дар меланхолик мушоҳида мешавад ва ин дар беҳолӣ, дар ҳаракатҳои суст ва гуфтори оҳистаи ӯ зоҳир мегардад. Шиддати давомдор ва зӯр боиси сар задании фаъолияти суст мегардад ва ниҳоят ба қатъ ёфтани он мебарад. Ӯ тез хаста мешавад, вале дар вазъиятҳои ором ва муқаррарӣ худро ором ҳис намуда, сермаҳсул кор мекунад. Ҳолатҳои эмотсионалӣ бо амиқ, пурқувват ва дарозмуддат буданашон фарқ мекунанд.

Ҳаяҷонҳо дар зуҳуроти берунии онҳо ниҳоят суст ифода меёбанд. Меланхоликҳо ба дамдуздӣ ва танҳоӣ майл доранд, онҳо кӯшиш менамоянд, ки бо одамони ношиносу нав алоқа накунанд, зуд-зуд хиҷил мешаванд, дар шароитҳои нав худро ногувор ҳис мекунанд. Онҳо аз ҳаёти ҷамъиятии коллектив дурӣ меҷӯянд, вале дар сурати тарбияи дурустро ба роҳ мондан, дар шахсияти ӯ чунин сифатҳои пурқимматро ошкор намудан мумкин аст: меҳрубонӣ, боадабӣ, дилсӯзӣ, бошавқӣ ва ғайра.

Дар тасвири боло рассом бо маҳорати баланд амали ҷавобии намояндагони чор типи мизоҷро ба кӯлоҳи ғиҷимшуда ифода намудааст.

Педагог ва пизишки рус А.А. Дубровский тавсифи типҳои мизоҷро ба тариқи зерин пешниҳод мекунад, ки барои шинохти мизоҷи кӯдакон бисёр қулай аст:

Агар кӯдак

хандонрӯ ва зиндадил,

- фаъол ва боғайрат бошад;
- аксар вақт кори саркардаашро ба охир нарасонад;
- ба қувват ва имкониятҳои худ аз будаш зиёд баҳо диҳад;
- қобилияти зуд аз худ кардани ҳар чизи наву аҷоиброро дошта бошад;
- аз нокомӣ ва нохушиҳо чандон мутаассир нашавад;
- ба шароити мухталифи ҳаёт ба осонӣ хӯ гирад;
- ба ҳар кори нав ба шавқ шурӯъ кунад;
- аз коре, ки дигар боиси таваҷҷӯҳаш набошад, зуд дилсард шавад;
- ба кори нав зуд шурӯъ кунад ва ба осонӣ як корро партофта, ба кори дигар даст занад;
- корҳои якранги рӯзмарра барояш гаронӣ кунад;
- хушчақчақу хайрхоҳ бошад. Дар назди одамони ношинос худро нороҳат ҳис накунад;
- бурдбору меҳнатдӯст бошад;
- нутқи фасеҳ, овози баланду бурро, ҳаракатҳои ҷолиб дошта бошад;

- дар ҳолатҳои ғайричашмдошт ва мураккаб худро гум накунад;
- зиндадил бошад;
- зуд хобаш барад ва ба осонӣ бедор шавад;
- ҳангоми ба қароре омадан шитобкор бошад;
- дар талаби мақсад босубот бошад, пас ӯ яқин дорои мизоҷи ***дамавӣ*** (сангвиникӣ) аст.

Агар кӯдак
- беқарор ва шитобкор;
- тундхӯ ва бадқаҳр;
- ношикеб ва осемасар;
- муносибаташ бо одамон тунду тез ва қатъӣ бошад;
- дар аксари корҳо ташаббускор ва собитқадам,
- якрав ва сернозунуз;
- дар мубоҳиса қариб ҳамеша ҳозирҷавоб бошад;
- баъзан саросемакор бошад;
- ба корҳои хавфнок майл дошта бошад;
- кинавар ва зудранҷ набошад;
- тез-тез берабт ва боҳаяҷон гап занад;
- ҳардамхаёл ва оташинхӯ бошад;
- арбадаҷӯ бошад;
- ба айбу хатоҳои шумо тоқатнопазир бошад;
- ҳаракатҳояш ҷолиби таваҷҷӯҳ бошад;
- зуд ба қароре омада ва амал карда тавонад;
- пайваста ба кори нав саъй намояд;
- ҳаракатҳояш чобукона ва тунду тез бошад;
- баъзан ба корҳо рӯякӣ назар кунад, як корро монда, ба кори дигараш машғул шавад;
- рӯҳияааш зуд-зуд тағйир ёбад;
- зуд хобаш барад, хобаш сахт бошад ва зуд ҳам бедор шавад, пас ӯ бешубҳа ***сафромизоҷ*** (холерик) аст.

Агар кӯдак
- ором ва хунсард;
- босубот ва ҷиддӣ;

- эҳтиёткор ва бомулоҳиза;
- бо сабр бошад;
- камгап бошад, беҳуда ҳарф заданро дӯст надорад;
- нутқаш орому равон, бе имову ишора, беҳаяҷон бошад;
- кори оғозкардаашро ҳамеша ба анҷом расонад;
- мулоҳизакор бошад ва қувваашро беҳуда сарф накунад;
- ба низоми муқарраркардаи кор ва ҳаёташ қатъиян риоя кунад;
- ҳаяҷони худро ба осонӣ фурӯ нишонда тавонад;
- аз ситоиш саргарм нашавад ва аз сарзаниш озурда нагардад;
- бадкина набошад, ба суханони нешдори ба унвонаш гуфташуда парво накунад;
- дар муносибат бо алоқаҳояш устувор бошад;
- ба кор оҳиста шурӯъ кунад ва аз як кор ба кори дигар ботадриҷ гузарад;
- муносибаташ бо ҳама як хел бошад;
- дар ҳама кор тартибу низомро дӯст дорад;
- ба шароити нав бо душворӣ хӯ гирад;
- пурсабру тоқат бошад, пас ӯ бешубҳа дорои мизоҷи ***балғамӣ*** (флегматикӣ) аст.

Агар кӯдак

- шармгин бошад;
- дар шароити нав худро зуд гум кунад;
- бо одамони ношинос унс гирифтанаш душвор бошад;
- ба қувваи худ бовар накунад;
- танҳоӣ барояш гаронӣ наёрад;
- аз нокомиҳо озурдаву парешон гардад;
- дами дарун бошад;
- зуд хаста шавад;
- нутқаш пасти заиф ва баъзан қариб ношунаво бошад;
- фавқулодда ҳассос бошад;

- аз таҳсин ва сарзаниш аз ҳад зиёд мутаассир гардад;

- нисбат ба худ ва атрофиён сахтгир бошад;

- мутамоил ба васвос ва бадгумон бошад;

- беҳад ҳассос ва нозук бошад;

- аз ҳад зиёд зудранҷ бошад;

- дарундор ва мардумгурез бошад, ба ҳеҷ кас рози дилашро нагӯяд;

- нофаъол ва шармгин бошад;

- фармонбардор бошад;

- мехоҳад нисбат ба худ шафқати дигаронро бедор кунад, пас ӯ ***молихулиёст*** (меланхолик).

Дар хотир бояд дошт, ки ҳамаи хусусиятҳои номбаргашта сифатҳое мебошанд, ки зери таъсири муҳит ва таълиму тарбия шакл мегиранд. Мизоҷ бошад, ки асоси онро типи системаи асаб ташкил медиҳад, ирсист ва танҳо метавонад барои ташаккули сифатҳои мазкур замина бошад. Масалан, ҷасуриро дар холерик тарбия намудан осонтар аст нисбат ба меланхолик ва баръакс, назму тартибро дар меланхолик нисбат ба холерик тарбия намудан осонтар аст.

Дар бораи бартарии яке аз мизоҷҳо аз қадим баҳсҳо вуҷуд доранд ва андешаҳо дар ин бора комилан мухталифанд. Аз рӯи ақидаи уламои қадим мизоҷи беҳтарин дар омезиши баробари сифатҳои ҳар чор намуди мизоҷ ифода меёбад, вале ин идеал ниҳоят нодир аст. Илми замони имрӯза ба саволи «кадоме аз мизоҷҳо беҳтарин аст» ҷавоб надоданро афзал медонад. Муайян аст, ки ҳар кадоми онҳо ҷиҳатҳои мусбат ва манфии худро доранд. Мизоҷи дараҷаи аввал ва дуввум вуҷуд надорад. Одам дорои кадом анвои мухталифи силсилаи аъсоб бошад ҳам, ба комёбиҳои азим ноил шуда метавонад. Танҳо одам бояд ҳамон навъи фаъолиятро интихоб кунад, ки ба ин ё он навъи мизоҷ мувофиқ бошад.

Зуҳуроти мизоҷ
дар рафтор ва
фаъолияти шахс

Мизоҷ сифати шахс аст, ки тавассути аксуламали хоси ӯ ба ангезандаҳои хориҷӣ ва дохилӣ ошкор мегардад . Аз ин рӯ, барои барои муайян намудани мизоҷи аслии инсон ӯро дар шароитҳои мухталифи ҳаёт бояд омӯхт. Шинохтани мизоҷи шахс бисёр муҳим аст, чунки имконият медиҳад рафтори ӯро дар лаҳазоти мухталиф пешгӯӣ намоем, вобаста ба хусусиятҳои мизоҷаш ба ӯ муомила намуда, бо ӯ муносибати инфиродиро ба роҳ монем.

Барои зуҳуроти мизоҷро дар рафтори шахс нишон додан боз ба таҷрибаи кории пизишк ва педагоги рус А.А.Дубровский рӯй меорем. Ба назди ӯ барои машварати психологӣ модар бо писари 14-солааш Вова меоянд. Азбаски модар ба ифшои хислатҳои бади писараш мепардозад, табиб аз Вова хоҳиш мекунад, ки ба берун баромада каме сайр кунад.

Нақли модар:

Вова аз худи рӯзи таваллуд бетоқат буд. худро парпеч кардан наметавонистанд, танҳо ҳамин ки ӯ бисёр бетоқат, пурхурӯш ва музоҳим аст ва лаҳзае ором надорад. Ба ҳар чиз сар мехалонад, ба ҳар кор даст мезанад, ҷуфти духтар будан намехоҳад, аз кокулаш мекашад. Лаҳзаи фароғат барои ӯ фароғат нест. Дар болои рахти хоб хез мезанад, болиштро ба ҳаво мепартояд. Ҳангоми сайру гашт хореро ёфта, онро рӯи кати ҳамсояаш гузошта, фиғони ӯро баровардааст.

Мураббиён мегуфтанд, ки бачаат хеле бачаи мустақил аст. Дар ҳақиқат рӯзе ҳамроҳи модаркалонаш ба сайру гашт рафта, гум шудааст, аммо касеро ба ёрӣ нахондааст, гиря накардааст. Худаш ба тарафи хона равон шудааст, вале ғулғулаи кӯчаи сермошинро дида, аз милитсионер хоҳиш кардааст, ки ӯро аз роҳ гузаронад (чунки «модаркалони ман гум шуд» гуфтааст).

Баъд давраи мактабхонияш сар шуд…

Ӯ дар дарсҳо бетоқат буд, ҷастухез мекард, дод мезад, себ мехӯрд… хуллас, дарди сари ҳама буд. Дуву се ба сари ӯ мисли борон фурӯ мерехт. Охир ӯ дар паси миз ором нишаста наметавонист.

Аввал ӯ узви маҳфили табиатшиносони ҷавон шуд. Дар мактаб харгӯш ва санҷоб буд, ӯ ба ҷону дил онҳоро дӯст медошт, аммо пас аз ду ҳафта дигар ба онҳо наздик намешуд. Ба шӯъбаи шиноварӣ рафт, лекин шиноварӣ наомӯхта, аз он ҳам даст кашид. Ба шӯъбаи варзиш рафт, онро тарк гуфт, марка ҷамъ мекард, он ҳам ба дилаш зад. Доим аҳвол ҳамин аст, ба ҳар кор бо ҷӯшу хурӯш сар мекунаду, аммо дере нагузашта ба дилаш мезанад. Ин ба хониши ӯ халал мерасонд, лекин то охири соли хониш баҳоҳои севу чор мегирифтагӣ шуд. Худи Вова чунин меҳисобид, ки баҳои дуро ба ӯ ноҳақ мемонанд.

Ӯ бачаи фавқулодда фаъол буд, ҳамеша ба коре машғул буд, чизеро мекашонд, чизеро мегирифт, чизеро ҷамъ мекард, ягон лаҳза фориғ наменишаст. Танҳо вақте ки хобаш барад, ором мешуд. Хобаш сахт буд, шабҳо ягон маротиба бедор намешуд, фақат ҳамон вақт мо аз ӯ фориғ мешудем.

Аз синфи шашум сар карда, бо баъзе муаллимон муносибаташ вайрон шудан гирифт.

Бачаҳо ӯро ба хотири хушҳолӣ, ҷасорат, меҳрубонӣ,ростқавлӣ ва ҳозирҷавобияяш дӯст медоранд. Ӯ ихтироъкори аҷиб аст, ҳатто дар вазъияти мураккаб ҳам зуд сарҳисобашро меёбад.

Аз нақли модар аён аст, ки Вова яқин дорои мизоҷи холерикӣ аст. Кори аз ҳама беҳтаре, ки барои бачагони мисли Вова мумкин аст, он аст, ки фаъолияти пурҷӯшу хурӯши онҳоро ба як самти муайян равона карда, онро мақсаднок ва судманд гардонидан зарур аст. зеро то ин вақт ин қувва беҳуда ба чор тараф, чандин корҳо сарф мегардид, ки ҳеҷ кадоми он то ба охир расонида намешуд.

Чунин бачаҳоро ба коре бояд мутаваҷҷеҳ сохт, ки мустақилият, ташаббус, қувват, қобилияти бо одамон зуд забон ёфтанро талаб мекунад.

Мизоҷи дуюми пизишк Славики 15-сола аст. Ӯ бесарунӯг, мухтасар ва расмӣ ҳарф мезанад, гапашро гум мекунад. Билохир ӯ мегӯяд, ки сухан гуфтан дар ҳузури пизишк барояш гарон аст, беҳтараш ӯ ҳамаашро муфассал менависад. Пизишк розӣ гашта, хоҳиш мекунад гапро аз он сар кунад, ки чаро ӯ қариб ягон дӯсте надорад.

Славик чунин навиштааст:

«Ман ҳоло фикрҳоямро нисбат ба он вақте, ки сӯҳбат карда будем, озодонатар ва самимонатар баён мекунам. Ман он вақт бечо ҳарф мезадам ва аз ин хиҷолат мекашидам. Ҳозир аз касе шарм намедорам. Ҳис мекунам, ки ман мисли дигарон нестам. Аксар одамон дили маро намефаҳманд, ин боиси ранҷиши ман ва аз онҳо дур шуданам мегардад.

Шумо он вақт пурсида будед, ки чаро ман дӯсте надорам. Бале, ман танҳоям, ғайр аз модарам қариб ҳеҷ дӯсте надорам, ки ӯ ҳам на ҳамеша дили маро мефаҳмад. Бо ҳар ки дӯст шудан мехостам, ҳама беқарор, якрав буданд, дар бораи чизе ҳарф мезаданд, вале ба назари ман чунин менамуд, ки ҳамаи ин беҳуда аст, ҳамаи онҳо одамони бетоқат будаанд, ба кучое шитоб доштанд, ба бисёр корҳо даст мезаданд ва чунон давуғеҷ менамуданд, ки сари маро дард мегирифт.

Онҳо ҳамеша лоф мезаданд: гоҳ чизеро хондаанд, ки ман нахондаам, гоҳ чизеро дидаанд, ки ман надидаам, гоҳ кореро кардаанд, ки ман карда наметавонам. Ман ҳамеша аз онҳо бадтар будаам. Вақте ки ман лаб ба сухан кушоям, пеши гапамро мегиранд, намегузоранд, ки гапамро то ба охир гӯям ва ман маҷбур мешавам ба рафтори онҳо, ба корҳои бешумори онҳо мутобиқ шавам ва ин ҳол маро хаста мекунад ва ба дилам мезанад. Акнун дигар бо бачаҳо таваҷҷӯҳ надорам, бисёртар танҳо будан мехоҳам, ман фикрҳои зиёде дар сар дорам, аммо ба касе гуфтан наме-

хоҳам, ба фикрам агар гӯям ҳам, онҳо ҳеҷ гоҳ дили маро намефаҳманд, ба ҳоли ман механданд.

Вақте ки маро маломат кунанд, ин маро сахт озурда месозад ва ман худро гум мекунам ва боз бештар гӯшагир мешавам. Вақте ки бачаҳо ба ман нигоҳ карда механданд, ман гумон мекунам, ки онҳо ба ҳоли ман механданд. Ман бисёр шармгинам. Баъзан дар троллейбус як истгоҳ дуртар гузашта меравам, зеро шарм медорам аз одамони пеш аз ман истода пурсам, ки онҳо дар истгоҳи мо мефароянд ё не. Фақат вақте, ки танҳо бошам, худро хуб ҳис мекунам. Бинобар ин ман аз ҳама канорачӯӣ мекунам ва акнун бачаҳо ҳам ба манн даркор намешаванд.

Шумо гуфтед, ки танҳоӣ барои одам мушкил аст. Ман ҳам инро медонам, илова бар ин духтаре ба ман писанд омадааст. Вай, албатта инро намедонад ва аз ман намегурезад, аммо ман метарсам, ки дар ин хусус ҳарфе бигӯям, зеро он гоҳ мумкин аст ӯ аз ман канора чӯяд ва ман ӯро аз наздик дида натавонам. Ҳозир барои аз ин ҳолат раҳо ёфтан, ба ман кӯмак кардан лозим аст ва ман инро аз Шумо хоҳиш мекунам.

Боз як чизи дигар, бигӯед, ки бо духтар чӣ хел гап задан лозим аст, дар кадом хусус сӯҳбат бояд кард, оё ӯ аз ман намеранҷад, вагарна ман худро тамоман гум мекунам.

Боз гуфтанӣ ҳастам, ки маро аксар вақт ҳам дар хона, ҳам дар кӯча ва ҳам дар мактаб озор медиҳанд. Ҳеҷ кас ба ман эътино намекунад.»

Фаҳмидан душвор нест, ки Славик дорои мизоҷи меланхоликӣ аст. Бачаҳои молихулиёӣ (меланхоликҳо) аксар вақт аз танҳоӣ азоб мекашанд, муносибати оддитарин бо одамон ҳам барояшон кори мушкил аст. Дар ин маврид педагог чӣ кор карда метавонад? Мувофиқи тавсияи Н.П. Аникеева ва баъзе педагогу психологҳои дигар, дар ин мавридҳо коллектив ба кӯдак барои машғул шудан ба ҳамон фаъолияте шароит муҳайё созад, ки ба худи ӯ писанд аст ва ҳамон корро карда метавонад. Чунин кӯдакон майлу ҳаваси устувор ва амиқе доранд, ки ҳамсинфона-

шон аз он бехабаранд. Омӯзгор ба бачаҳо чунон навъи фаъолият (бозӣ, озмунҳо ва ғ.)-ро тавсия карда метавонад, ки ин майлу ҳавасҳо дар онҳо амалӣ гарданд. Ба мактабиёни курсҳои боло тренингҳои махсус доир ба психологияи муошарати солим кӯмак карда метавонад.

Азбаски ҳар як фаъолият ба психикаи одам ва хусусиятҳои динамикии он талаботи муайян пешниҳод мекунад, мизоҷҳои ба таври идеалӣ ба тамоми намудҳои фаъолият муносиб вуҷуд надоранд. Ба таври образӣ чунин тасвир намудан мумкин аст, ки одамони дорои мизоҷи холерикӣ бештар ба фаъолиятҳои фаъол ва хатарнок мувофиқанд («ҷанговарон»), сангвиникҳо барои фаъолияти ташкилотчигӣ («сиёсатмадорон»), меланхоликҳо барои фаъолияти эҷодӣ дар илму санъат («мутафаккирон») ва флегматикҳо барои фаъолияти муназзами маҳсулнок («созандаҳо»). Барои баъзе намудҳои фаъолият ё касбу кор хусусиятҳои муайяни инсон монеъ мешаванд. Масалан, барои фаъолияти сарнишинии ҳавопаймои ҷангӣ сустӣ, инертӣ будани системаи асаб монеа эҷод мекунад. Мувофиқан флегматикҳо ва меланхоликҳо барои чунин фаъолият коршоям нестанд.

Нақши мизоҷ дар меҳнат ва таълим аз он иборат аст, ки таъсири ҳолатҳои гуногуни психикӣ ба фаъолият аз он вобастаанд. Аз мизоҷ ин чунин таъсири омилҳои гуногуне вобаста аст, ки дараҷаи шиддатнокии асабӣ-психикиро муайян месозанд (масалан, баҳогузорӣ ба фаъолият, интизории назорати фаъолият, тезшавии суръати кор, таъсиротҳои интизомӣ ва ғ.) .

Чор роҳи мутобиқгардонии мизоҷ ба талаботи фаъолият вуҷуд дорад.

Роҳи аввал – интихоби касб мебошад, ки яке аз вазифаҳояш ба фаъолияти додашуда роҳ надодани ашхосест, ки хусусиятҳои зарурии мизоҷро соҳиб нестанд. Роҳи додашударо танҳо ҳангоми интихоб ба касбҳое истифода мебаранд, ки ба хусусиятҳои шахс талаботи баланд мегузоранд.

Роҳи дуввуми мутобиқгардонии мизоҷ ба фаъолият дар фардигардонии талабот, шароитҳо ва усулҳои кори ба одам пешниҳодшуда ифода меёбад (роҳёфти фардӣ).

Роҳи саввум бо бартарафнамоии таъсири манфии мизоҷ тавассути ташаккули муносибати мусбӣ ва маромҳои мувофиқ ба фаъолият тавсиф дода мешавад.

Роҳи чоруми асосӣ ва нисбатан универсиалии мутобиқ намудани мизоҷ ба талаботи фаъолият – ин ташаккул додани усули фардии фаъолият аст. *Зери мафҳуми* ***усули фардии фаъолият*** *чунин системаи фардии усулҳо ва воситаҳои амалро дар назар доранд, ки барои шахси додашуда хос буда, расидан ба натиҷаҳои бомуваффақияти фаъолиятро таъмин месозад.*

Мизоҷ нақши худро дар воситаҳои рафтор ва муошират мегузорад. Масалан, сангвиник қариб ҳамеша ташаббускор дар муошират аст, ӯ худро дар доираи одамони ношинос озод ҳис мекунад, вазъияти наву ғайриоддӣ ӯро танҳо ба ҳаяҷон меоранд, меланхоликро бошад, баръакс, ба ҳарос меорад, ӯ худро дар вазъияти нав, миёни одамони ношинос гум мекунад.

Маҳсулнокии кори инсон бо хусусиятҳои мизоҷи ӯ алоқамандии зич дорад. Масалан, серҳаракатии сангвиник метавонад маҳсулнокии фаъолиятро дучанд гардонад, агар кор аз ӯ зуд-зуд гузаштан аз як навъи машғулият ба дигараш, таъҷилан қабул намудани қарорро талаб кунад. Якрангии фаъолият дар ӯ зуд хасташавиро ба вуҷуд меорад. Флегматикҳо ва меланхоликҳо бошанд, баръакс, дар шароити якрангӣ ва муназзамии фаъолият маҳсулнокии баланд ва муқовимати калонро ба хасташавӣ зоҳир мекунанд.

И. П. Павлов инчунин се типи системаи асаби танҳо хоси инсонро ҷудо намуда буд: ***мутафаккир, бадеӣ ва миёна.*** Намояндагони типи мутафаккир (фаъолии системаи сигналии дуюми мағзи нимкӯраи чап бартарӣ дорад) ниҳоят боандешаанд, ба таҳлили ҷузъии ҳодисаҳои ҳаётӣ ва тафаккури абстрактӣ-мантиқӣ майл доранд. Ҳисси-

ётҳояшонро нигоҳ медоранд ва одатан онҳоро танҳо пас аз ғалбери хирад гузаронидан зоҳир менамоянд. Намояндагони ин тип одатан ба математика, фалсафа мароқ зоҳир мекунанд ва ба онҳо фаъолияти илмӣ писанд аст.

Дар намояндагони типи бадеӣ (фаъолии системаи сигналиии якуми мағзи никураи рост бартарӣ дорад) тафаккури образӣ бартарӣ дорад, ки ба он эмотсионалнокии баланд, тахайюлоти зинда, идроки бевосита ва зиндаи ҳақиқат нақши худро мегузорад. Онҳоро пеш аз ҳама санъат, назм, мусиқӣ, эҷодиёти нависандагӣ ва бадеӣ ҷалб мекунанд.

Аксарияти одамон (то 80%) ба типи мобайнӣ тааллуқ доранд. Дар онҳо ба андозаи андак ё заминаи ратсионалӣ ва ё эмотсионалӣ бартарӣ доранд. Ин дар синни 12-16 солагӣ зоҳир мегардад: як қисми наврасон вақти зиёди худро ба адабиёт, мусиқа, санъат мебахшанд, дигар қисм – ба шоҳмот, физика, математика ва ғ.

Тадқиқотҳои муосир тасдиқ намуданд, ки нимкӯраҳои рост ва чап функсияҳои махсус доранд ва бартарияти фаъолии ин ё он нимкӯра ба хусусиятҳои фардии шахсияти инсон таъсири назаррас мерасонанд.

6.2. Характер

Аз таърихи омӯзиши масъалаи характер

Таърихи таълимот оид ба характер нишон медиҳад, ки андешаҳо атрофи он гуногун будаанд. Дар ҳаёти ҳаррӯза низ истилоҳи характер ба маъноҳои гуногун истифода бурда мешавад. Кӯшиши аввалини таснифоти характерҳо ба Афлотун тааллуқ дорад. Ӯ типологияи характерҳоро, ки ба принсипҳои ахлоқӣ асос ёфта буданд, офарид. Истилоҳи «характер»-ро бошад, аввалин маротиба ба рӯзмарраи илм ва ҳаёт олим ва ҳакими Юнони Қадим, дӯсти Арасту Теофраст (асрҳои IV-III-и то мел.) ворид намуда аст. Калимаи «характер» юнонӣ буда, маъноияш «хислат», «аломат», «нишона» ва ё

«хусусият» мебошад. Ин калима аз феъли «хорассо» - харошидан, хат кашидан бармеояд. Аз Теофраст рисолаи на он қадар бузурге то замони мо омада расидааст, ки дар он 31 характерҳои гуногун тавсиф ёфтаанд. Арасту то Теофраст барои ифода намудани тарафҳои фаъолӣ ва амалии шахс аз калимаи «этос» истифода мебурд, ки маънияш «табиат», «анъана», «тарзи фикрронӣ» буд. Ин истилоҳ аз ҷониби ӯ дар «Этика», «Риторика» ва «Поэтика» васеъ истифода гаштааст.

Илм дар бораи характерҳо минбаъд танҳо дар нимаи аввали асри XIX ба вуҷуд омад. Асосгузори френология Галл Ф. 27 қобилиятҳои

соддаи психологиро номбар мекунад, ки ба андешаи ӯ, характери инсон аз онҳо таркиб ёфтаанд. Ба онҳо ғаризаи афзоиш, муҳаббат ба насл, дилбастагӣ, ғаризаи маҳвкунанда, майл ба мубориза ва худмуҳофизат ва ғ. дохил мешаванд.

Дар интиҳои асри XIX оид ба масъалаи характер ду асари ҷолиб нашр мегарданд: китоби Ф. Ҷордано «Характер аз нуқтаи назари ҷисм ва генеологияи одам» ва китоби Ф. Полан таҳти унвони «Психологияи характер». Ҷордано ду характери комилан гуногунро ошкор намуд: дар яке тамоюл ба фаъолӣ пурзӯр буда, тамоюл ба рефлексия (худназорат) суст аст; дар дигараш бошад, майл ба рефлексия бартарӣ дошта, ба фаъолият сусттар аст. Агар моҳиятан дида бароем, мусаллам аст, ки Ҷордано экстроверт (берунгаро) ва интроверт (дарунгаро)-ро тавсиф намудааст. Ф. Полан қайд мекунад, ки сохтори характерро талошҳои одам муайян месозанд, ки аз рӯи қонунҳои ҷиддӣ ва қатъӣ ба ҳам мувофиқ меоянд: 1) қонуни нигаҳдории бонизом дар қобилияти пахш гаштани як зумра талошҳо аз ҷониби талошҳои мухолиф зоҳир мегардад; 2) қонуни ассотсиатсияи бонизом (систематикӣ) дар он ифода меёбад, ки талошҳои алоҳида қодиранд дигар талошҳои ба онҳо алоқамандро ба фаъолият водор намоянд.

Лосский Н. дар ибтидои асри XX таснифоти характерҳои худро пешниҳод мекунад, ки аз дараҷаи ирода ва бартарияти талошҳо вобастааст. Ӯ одамонро ба типҳои **ҳассос, эгосентрикӣ** ва **фавқушшахс** ҷудо мекунад. **Т**ипи фавқушшахс аз рӯи бартарияити талошҳои фавқушшахсияш фарқ мекунад, ки на аз талаботи инсон, балки аз омилҳои олидараҷа аз қабили динӣ, илмӣ ва эстетикӣ сарчашмаашон манбаъ мегиранд.

Психологи рус Лазурский А.Ф. дар ибтидои асри XX авалин маротиба сохтани таснифоти иҷтимоию психологии характерҳоро пешниҳод намуд, ки на танҳо хусусиятҳо субективии одамон, балки ҷаҳонбинии онҳо «ҷабҳаи иҷтимоӣ»-и онҳоро низ ба эътибор мегирад.

Тадқиқотҳои минбаъда боиси бою ғанӣ гаштани фаҳмиши характер гаштанд:

1. Мафҳуми «характери иҷтимоӣ» ба вуҷуд омад. « Ба характери иҷтимоӣ танҳо он маҷмӯи хислатҳои хатактер дохил мешаванд, ки дар аксарияти аъзоёни гурӯҳи додашудаи иҷтимоӣ мавҷуданд ва дар натиҷаи таассуротҳои барои онҳо умумӣ ва тарзи ҳаёти умумӣ ба вуҷуд омадаанд» (Э. Фромм). «Агар характери фард каму беш ба характери иҷтимоӣ мувофиқат кунад, пас талошҳои бартаридоштаи ӯ водораш месозанд он кореро анҷом диҳад, ки дар шароитҳои махсуси иҷтимоии маданияти ӯ муҳим ва мақбуланд».

2. Характер – ин як шакли аз ҷониби ҳар шахс аз худ гаштани меъёрҳои маданиест, ки дар сохтори заминавии шахсият мавҷуданд (А. Кардинер).

3. Агар шахсият маданиятеро инъикос намояд, ки дар рафтори фардӣ инъикос гаштааст, пас характер ҷаҳонбиниеро инъикос мекунад, ки дар рафтори фард таҷассум ёфтааст (Д. Хонигман).

4. Дар равияи психоаналитикӣ айни замон якчанд фаҳмиши характер вуҷуд доранд:

- «характер – ин маҷмӯи аксуламалҳои инсон ба муҳити иҷтимоии ӯст» (А. Маслоу);

- «воситаҳои одатии мутобиқати «Ман» ба олами беруна, «Вай» ва «Фавқулмман» ва инчунин мувофиқати типикии ин воситаҳо миёни ҳам характерро ташкил медиҳанд» (О. Фенихел);

- «сохтори характер метавонад чун ташкилоти талабот ва эмотсияҳо дар ботини ҳар як одам фаҳмида шавад, ки барои дуруст эътино намудан ба арзишҳои асосии иҷтимоии гурӯҳ мутобиқ гаштаанд» (Бингхлоул);

- «характер аз мавқеъҳо ва муносибатҳои одатии инсон, аксуламалҳои доимии ӯ ба вазъиятҳои гуногун ташкил ёфтааст. Он муносибати бошуурона ва арзишҳо, тарзи рафтор (шармгинӣ, бадхашмӣ ва ғ.), ҳолатҳои ҷисмонӣ, тарзи ист ва ҳаракати одатиро фаро мегирад. Ҳар як муносибати характернок ҳолати мувофиқи ҷисмонӣ дорад. Аз ин лиҳоз, характери инсон дар ҷисми вай дар шакли карахтии мушакӣ, зиреҳи мушакӣ ифода меёбад. Ин зиреҳ дар ибтидо зимни ихтилоф миёни талаботи ғаризавӣ ва олами беруна ба вуҷуд меояд. Мустаҳкамгардии минбаъда ва мавҷудияти он аз ихтилофҳои давомёбандаи ҳамон қуввaҳои мазкур вобаста аст» (Райх);

- Лоуен А. умуман пешниҳод намуд, ки мафҳуми характер танҳо ба ҳолатҳои патологӣ нисбат дода шавад. «Одам солим аст, агар усулҳои типикии рафтор, яъне характер надошта бошад. Ин чунин маъно дорад, ки дар воқеият ӯ озод, ба талаботи мантиқии вазъият мутобиқ гашта, амал мекунад».

5. Дар психологияи муосири амрикоӣ ду таърифи алтернативии характер вуҷуд доранд:

а) «характер – ин ҷанбаи маънавӣ ва ахлоқии шахс аст»;

б) «характер – ҷанбаи бомаромии шахс аст».

6. Дар адабиёти психологии русӣ - шӯравӣ чунин таърифҳои характер истифода гаштаанд:

1. «Ҳар як организми алоҳидаи одамӣ тарз ва характери рафтори махсус, танҳо ба ӯ хосро соҳиб аст ва ин махсусиятҳои рафторро ба фарқиятҳои фардӣ нигоҳ

накарда, ба типҳои маълум ҷудо намудан мумкин аст» (Л.С. Виготский).

2. «Характер – ин хислатҳои фардии равшан зоҳиргашта ва устувори шахсанд, ки ба рафтору кирдори ӯ таъсир мекунанд» (К.К. Платонов).

3. «Характер – ин маҷмӯи хусусиятҳои устувори фард аст, ки дар онҳо тарзҳои рафтори ӯ ва тарҳои эътинои эмотсионалияш ифода меёбанд» (Ю.Б. Гиппенрейтер).

4. «Характер ҳамчун системаи хислатҳои нисбатан устувори шахс мебошад, ки дар фаъолиятҳои гуногуни муошират ва таъсири мутақобилаи инсон бо одамони гирду атроф зоҳир мешавад» (А.В. Петровский).

5. «Характер – ин унсури мазмуннок ва иҷтимоиян муҳими шахс, зуҳуроти равия ва ҷаҳонбинии ӯ дар рафтораш мебошад» (Н.Д. Левитов).

6. «Характер – ин омезиши хусусиятҳои модарзодии системаи олии асаб бо хислатҳои фардии тӯли ҳаёт бадастомадааст» (Л.Д. Столяренко).

Ҳамин тавр, ***характер гуфта, мувофиқати нотакрору инфиродии хусусиятҳои психологии шахсро мефаҳманд, ки дар рафтору фаъолияти ӯ зоҳир мегарданд.***

Хусусиятҳои характер

Зери мафҳуми характер хосиятҳои асоситарини психики одам, ки ба ҳамаи амалиёт ва рафторҳои ӯ таъсири доимӣ мегузоранд, дар маҷмӯи он хосиятҳое ифода мешавад, ки дар шароитҳои гуногуни зиндагӣ чи гуна рафтор кардани инсон пеш аз ҳама ба онҳо вобаста аст.

Характер дар ҳама рафтор, фикрҳо ва ҳиссиёти инсон нақши худро мегузорад. Мо аз рӯи ҳамин зуҳурот оид ба характери ин ё он шахс ҳукм мекунем. На ҳамаи хусусиятҳои шахсро метавон ба характер нисбат дод, балки танҳо онҳоеро, ки муҳиму устуворанд. Масалан, агар наврас тасодуфан ба касе дағалӣ кард ва ё хашмгин шуд, ин ҳанӯз маънии онро надорад, ки дағалӣ ва хашмгинӣ хислатҳои характери ӯ мебошанд. Баъзан одамони нотарс

низ гирифтори ҳарос мегарданд, вале онҳоро тарсӯ хондан нашояд. Характери одамро дониста истода, мо метавонем пешбинӣ кунем, пешгӯӣ намоем, ки ӯ дар ин ё вазъият чӣ гуна рафтор менамояд, чӣ кор мекунад ва чӣ мегӯяд. Аҳамияти калони назариявӣ ва амалиро ҳангоми омӯзиши характер ва ташкили чорабиниҳои тарбиявӣ фаҳмиши дурусти табиати он пайдо мекунад. Дар таърихи психология доир ба табиати характер се нуқтаи назар мавҷуд аст: баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки характер ирсӣ буда, хусусияти модарзодии одам аст; баъзеи дигар онро ба шароитҳои ҳаёт вобаста менамуданд; сеюмин дар чунин ақидаанд, ки характер ҳам табиати модарзодӣ ва ҳам хусусияти бадастовардашударо соҳиб аст. Моҳияти назари якумро биологизатсияи характер ташкил медиҳад, ки нақши таҷрибаи иҷтимоӣ ва тарбиявиро рад мекунад. Нуқтаи назари дуюмро сотсиализатсияи характер ташкил медиҳад, ки он нақши омилҳои биологиро зери шубҳа мегирад. Ин ду нуқтаи назар нодурустанд, чунки ба ҳақиқат мувофиқат намекунанд. Масалан, агар мо кӯшиш кунем, ки чунин хислати характер- худдорӣ карда натавонистанро хусусияти модарзодии инсон тавсиф диҳем, хато аст ва инчунин хато аст, ки агар онро комилан ба шароитҳои ҳаёт вобаста намоем. Табиати характерро ба таври реалӣ нуқтаи назари сеюм инъикос мекунад. Дар психологияи ҳозира нуқтаи назаре қабул шудааст, ки мувофиқи он характер модарзодӣ набуда, вале ба зуҳуроти он хусусиятҳои заминаҳои табиӣ ва пеш аз ҳама системаи асаб таъсир мебахшад. Яъне, характер - ин омезиши хосиятҳои модарзодии фаъолияти олии асаб ва хислатҳои фардист, ки тӯли ҳаёт ба даст омадаанд. Намояндаи дилхоҳ намуди мизоҷ метавонад ростқавл, нек, меҳрубон ва ё баръакс, дурӯғгӯй, сангдил, номеҳрубон бошад. Вале мизоҷ ё худ хусусиятҳои системаи асаб, ташаккулёбии баъзе хусусиятҳоро метавонанд осон ё душвор намоянд. Масалан, муташаккилӣ ва бонизомиро дар флегматикҳо тарбия намудан осонтар аст нисбат ба холерикҳо. Ташкилотчии хуб ва

одами улфатӣ будан барои холерик ва сангвиник осонтар аст нисбат ба меланхолик. Вале хусусиятҳои манфии характерро ба сифатҳои модарзодӣ нисбат дода, аз ислоҳи он даст кашидан нодуруст аст.

Характер (низ чун мизоҷ) дар фаъолият ва муошират зоҳир мешавад ва дар худ он чизеро, ки ба рафтори инсон тобиши хосе медиҳад, дарҷ менамояд. Характерро дар фаъолияти махсусе, ки инсон машғул шудан ба онро меписандад, пайдо кардан мумкин аст.

Хосиятҳои психикии инсон, ки характер аз онҳо таркиб меёбад ва имконият медиҳанд, ки кирдори одамро дар шароитҳои муайян бо эҳтимолии маълум пешакӣ фаҳмем, хусусиятҳои характер ном доранд. Мардӣ, садоқат, ташаббускорӣ, меҳнатдустӣ, бовиҷдонӣ, тарсончакӣ, танбалӣ, дарундорӣ- амсоли хусусиятҳои гуногуни характер мебошанд.

Хусусиятҳои характер на танҳо дар амалиёт ва кирдорҳо зоҳир мешаванд, онҳо инчунин дар ин амалиёт ва кирдорҳо пайдо шуда, ташкил меёбанд. Барои ботамиз шудан бояд ҳамеша дақиқона кор кард, барои хушмуомила шудан доим муомилаи хуш бояд кард. Мардӣ дар рафти кирдорҳои мардонавор ташаккул меёбад, ва он вақт хусусияти характер мегардад, ки ин гуна кирдорҳо дар зиндагии одам дигар ҳолатҳои тасодуфӣ нашуда, балки ба тарзи амалӣ одатшудаи барои вай муътадил гардида муббадал шавад.

Ҷаҳонбинӣ ва эътиқодҳои одам дар ӯ кӯшиш ва майли ҳосил намудани хусусиятҳои муайяни характерро бунёд мекунанд. Вале ин тамоюлҳо фақат дар он сурат метавонанд дар амал ҷорӣ карда шаванд, ки агар одам доим ва бемайл ба таври мувофиқ кор кунад. Чунин характере нест, ки дигар кардани он мумкин набошад ва инро фақат худи соҳиби характер ба амал бароварда метавонад. З-ин сабаб барои маъқул нишон додани ягон кирдори бад баҳона кардани норасоии характер маънӣ надорад. Одам ба характери худ худаш масъул аст.

Баъзе одамон намудҳои фаъолияти нисбатан мураккаб ва мушкилро меписанданд, ки барои онҳо ҷустуҷӯ ва паси сар кардани ин монеаҳо лаззат мебахшад, дигарон бошанд, роҳҳои нисбатан содда ва осонро интихоб мекунанд. Барои баъзеҳо натиҷаи ин ё он кори иҷрокардаашон ва дар иҷрои он аз дигарон бартарӣ доштан муҳим аст. Барои дигаронаш ин чиз аҳамияте надорад, ба онҳо паси сар кардани кор ва натиҷаи миёнаро соҳиб гаштан кифоя аст.

Дар муошират бо одамон характери инсон дар тарзи рафтори ӯ ва дар тарзи мутаасиршавӣ ба амал ва рафтори одамон зоҳир мешавад.

Тарзи муошират метавонад хушмуомила, боодобона, бетакаллуфона, боназокатона ва дағал бошад.

Фарқияти характер аз мизоҷ дар он аст, ки характер бештар на аз хусусиятҳои системаи асаб, балки аз маданияти инсон ва тарбияи ӯ вобастагӣ дорад.

Рафтори инсон бо характер қариб ҳама вақт бошуурона ва фикр кардашудааст. Вақте ки дар бораи характер сухан меронем, мо одатан дар хаёли худ қобилияти инсон ба мустақилона пай дар пай рафтор кардан, новобаста аз вазъият, ирода, истодагарӣ, устуворӣ ва матонати худ зоҳир карданро мефаҳмем.

Одами бе характер хусусиятҳоро на дар фаъолият ва на дар муошират бо одамон зоҳир наменамояд. Дар шаклгирии худ, ташаккул ва ҳаракат кардан, характери инсон бо мизоҷ алоқамандии зич дорад. Характер низ ҳамчун мизоҷ камивазшаванда ва нисбатан мустаҳкам мебошад.

Характерро метавон ба ҳисоби хусусятҳои инструменталии табиат дохил намуд. Аз ӯ бештар на мазмун, балки, тарзи иҷро намудани фаъолият вобаста аст. Дурустараш, чӣ тавре ки гуфтаанд - характер дар интихоби мақсади амал низ зоҳир шуда метавонад. Лекин вақте ки мақсад муайян карда шуда аст, характер бисёртар дар ро-

ли инструменталии худ, яъне ҳамчун воситаи ноилшавӣ ба мақсади дар пеш гузошта баромад мекунад.

Хусусиятҳои муҳимтарини шахсиятро, ки ба тариқи характери инсон дохил мешаванд, дида мебароем.

Аввал он хусусиятҳои шахсият, ки рафтори инсонро дар интихоби мақсади фаъолият (нисбатан душвор ё содда) муайян мекунанд. Дар ин ҷо дурандешӣ ва оқилона ё ин ки хусусятҳои ба он муқобил метавонанд ҳамчун хусусиятҳои муайяни характерологӣ зоҳир шаванд.

Дигараш, ба таркиби характер танҳо хусусиятҳои инструменталӣ, ки бевосита бо мизоҷ алоқаманд аст: экстроверсия-интроверсия, оромӣ, пурҳаяҷонӣ, худдорӣ - импулсивӣ, тайғирдиҳӣ - карахтӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Шмелев А.Г. хислатҳои характерро ба умумӣ ва хусусӣ ҷудо мекунад, ки онҳоро дар шакли айёнӣ чунин тасвир намудан мумкин аст:



Хислатҳои характер

Бояд қайд кард, ки хусусиятҳои алоҳидаи характер аз якдигар вобастаанд, бо якдигар алоқаманд мебошанд ва системаи яклухту томро ташкил медиҳанд, ки онро сохти характер меноманд. Дар сохти характер ду гурӯҳи хислатҳоро ҷудо мекунанд. Зери хислатҳои характер ин ё он хусусиятҳои шахсияти одамро мефаҳманд, ки онҳо мунтазам дар намудҳои гуногуни фаъолият зоҳир мешаванд ва аз ин рӯ, бо онҳо зимни рафтору кирдори имконпазир дар шароитҳои муайян баҳо додан мумкин аст. Гурӯҳи якумро хислатҳое ташкил медиҳанд, ки равияи шахс (талаботи устувор, мақсадгузориҳо, шавқу ҳавасҳо, майлу хоҳишҳо, идеалҳо, мақсадҳо) ва системаи муносибатҳоро ба ҳақиқати объективӣ ифода менамоянд. Ба гурӯҳи дуюм хислатҳои эмотсионалӣ ва ақлии (интеллектуалӣ) характер дохил мешаванд. Хислатҳои ақлии характерро пеш аз ҳама сифатҳои ташаккулёфтаи ақл ташкил медиҳанд: оё намояндаи типи назариявии ақл аст, ё мушоҳидакори борикбин, ақли моҳирро соҳиб аст, ки имконияти тез ба шароитҳои тағйирёбанда мувофиқ шуданро пайдо мекунад, баръакс ба ӯ зеҳни кунд ё заиф хос аст; оё шахс ҳодисаҳоро чуқур таҳлил мекунад ё онҳоро сатҳӣ дида мебарояд; оё ҳангоми ҳалли масъала танқиду мустақилӣ зоҳир мекунад ва ғайра.

Вақте сухан дар бораи хислатҳои эмотсионалии характер меравад, он гоҳ дар назар дошта мешавад аломати мутаассиршавандагӣ, муносибати пурҷӯшу хурӯш ё сард ба ҳодисаҳои олами берунӣ, яъне чиро инсон дӯст медорад ва чиро бад мебинад, нисбати чӣ бе парво аст, ҳолати рӯҳии бартаридошта ва ғайра.

Хислатҳои иродавии характер маҳорат ва тайёрии одамро дар шуурона идора намудани фаъолияте муайян мекунанд, ки бо бартараф намудани душвориҳо алоқаманданд. Ҷиҳати дигари иродавии характерро хи-

слатҳои фаъолӣ ё тавоноӣ (боҷуръатӣ, ҷасурӣ, ташаббускорӣ ва муқобилмаънои онҳо беҷуръатӣ, тарсончакӣ, беташаббусӣ ё беҳаракатӣ), хислатҳои муташаккилӣ (таҳаммул ё худдорӣ, мақсаднокӣ, худназораткунӣ, боварӣ ба худ) ва хислатҳои усутувори характерро (тобоварӣ, пуртоқатӣ, мардонагӣ, якравӣ ҳамчун суботкории бемақсад) ташкил медиҳанд.



Нақшаи 13. *Хислатҳои характер*

Дар сиситемаи муносибатҳои шахс чор гурӯҳ зерини хсилатҳои характерро ҷудо мекунанд:

а) хислатҳое, ки муносибати одамро бо одамони дигар коллектив, ба ҷамъият (улфатпазирӣ, дилсӯзӣ ва меҳрубонӣ, эҳтироми одамони дигар, коллективизм ва хислатҳои муқобилмаънои онҳо (мардумгурезӣ, дилсардӣ, бераҳмӣ, дағалӣ, нафрат ба одамон, индивидуализм) тавсиф медиҳанд;

б) хислатҳое, ки муносибати одамро ба меҳнат ва ба кори худ (меҳнатдӯстӣ, майл ба эҷодкорӣ, ҳамкорӣ, масъулияти кор, ташаббускорӣ, хислатҳои ба он муқобил – танбалӣ, майл ба кӯҳнапарастӣ, кори беинсофона, бемасъулиятӣ) ифода мекунанд;

в) хислатҳое, ки муносибати одамро ба худаш ифода мекунанд ва ба онҳо дохил мешаванд: иззати нафс, ифтихор ва худтанқидкунӣ, хоксорӣ ва хислатҳои муқобили он- худписандӣ, шуҳратпарастӣ, ҳавобаландӣ, зудранҷӣ, шармгинӣ, худбинӣ, худпарастӣ;

г) хислатҳое, ки муносибати одамро ба ашё (покизакорӣ, ё ифлостабиатӣ, боэҳтиётӣ) ифода мекунанд.

Типологияи характер. Кӯшиши сохтани типологияи характерҳо дар тамоми таърихи психология якчанд маротиба шурӯъ карда шуда аст. Яке аз машҳуртарин ва аввалини онҳо типология мебошад, ки аз тарафи психиатр ва психологи олмонӣ Э.Кречмер пешниҳод шуда аст. Баъдтар ба ин монанд психологи америкоӣ У. Шелдон типологияи худро пешниҳод кард. Ҳозир бошад, олимон ба монанди Э.Фромм, К.Леонгард, А.Е. Личко ва дигарон типологияи характерҳои муайяни худро пешниҳод карданд.

Ҳамаи типологияи характерҳои инсонӣ аз қатори ақидаҳои умумӣ ба вуҷуд омадааст, ки муҳимтаринашон инҳоянд:

1. Характери инсон барвақт дар антогенез шакл мегирад ва дар ҷараёни тамоми умри ӯ худро ҳамчун рафтори каму беш мустаҳкам зоҳир менамояд.

2. Он хусусиятҳои якҷояи шахсият, ки ба характери инсон дохил мешаванд, тасодуфӣ нестанд. Онҳо типҳои аниқ фарқкунандаро ба вуҷуд меоваранд ва он имконият

медиҳад, ки типологияи характерҳоро созад ва онро зоҳир намояд.

3. Қисми зиёди одамон вобаста ба ин типология метавонанд ба гурӯҳҳо ҷудо шаванд. Э.Кречмер 3-типи сохти бадан ё ин ки конститутсияи инсонро, ки нисбатан маъмуланд, ҷудо кард: астеникӣ, атлетикӣ ва пикникӣ. Кречмер ҳар яки онро бо типи махсуси характер пайваст (баъдтар маълум шуд, ки барои татбиқи ин Кречмер асосҳои илмӣ надошт).

1. Типи астеникӣ - ғафсии на он қадар калони бадан, ҳангоми қаду басти миёна ва аз миёна баландтар тавсиф дода мешавад. *Астеник* - одатан одами хароб ва борик мебошад, аз харобиаш қадаш аз будаш баландтар метобад. Астеник дорои пӯсти тунуки рӯй ва бадан, китфҳои майда, дастони борик, қафаси синаи рост ва дарози бо мушакҳои сустинкишофёфта ва

бо ҷамъшавии сусти чарбу мебошад.

Асосан тавсифи мардон - астеникҳо ҳамин хел аст, занҳои астеник бошанд, ба ғайр аз ин боз қадпастанд.

2**. Ба типи атлетикӣ** - склет ва мушакҳои мустаҳкам ташаккулёфта хос аст. Ин гуна одам одатан қаду басти миёна ё баланд дошта, китфони васеъ ва қафаси синаи бақувватро дорост. Ӯ инчунин сари баланд ва сахт дорад.

3. Типи пикникӣ - бо узвҳои сахт ташакулёфтаи бадан, моил ба

а

б

в

Расми 21. *Се типи сохти бадан мувофиқи Э. Кречмер: а - астеникӣ; б - атлетикӣ; г - пикникӣ.*

фарбеҳ шудан ҳангоми мушакҳои сустташакулёфта ва апарати такягоҳ ва ҳаракат фарқ мекунад. Ин гуна одам қади миёна ва гардани кӯтоҳро дорост, ки он дар байни китфҳо нишаста аст.

Аксентуатсияи характер

Аксентуатсияи характер *(аз калимаи лотинии accentus - зада)* ***таъкиди фавқулоддаи сифатҳои алоҳидаи шахс аст, ки дар осебпазирии интихобии шахс нисбат ба навъҳои муайяни таъсири психогенӣ (таассуроти вазнин, ҳолатҳои фавқулоддаи асабиву рӯҳӣ ва г.) дар сурати устувории хуб ё ҳатто қавӣ ба дигар таъсирот зоҳир мегардад.***

Гарчанде типологияи Кречмер Э. бо тариқи назарӣ сохта шуда бошад ҳам, вай дар худ як қатор мушоҳидаҳои ҳаётан дурустро дарҷ менамояд. Дар натиҷа маълум шуд, ки одамони бо типи муайяни сохтори бадан ба бемориҳое, ки бо аксентуатсияи муносиби хусусиятҳои характер боис мешаванд, моиланд. Таснифоти баъдинаи характерҳо дар асоси гуфтаҳои ана ҳамин аксентуатсияҳо сохта шудаанд. Яке аз онҳо ба психиатри рус А.Е. Личко тааллуқ дорад. Ин таснифот дар асоси мушоҳидаҳои наврасон сохта шудааст.

Ба ақидаи Личко аксентуатсияи характер- ин саъюу кӯшиши аз ҳад зиёди хусусиятҳои алоҳидаи характер аст, ки дар он бархилофҳо дар психология ва рафтору кирдори инсон, ки бо потология наздик аст, мушоҳида мешавад. Ин гуна аксентуатсияҳо ҳамчун ҳолатҳои психикии муваққатӣ бисёртар дар наврасон ва синни барвақти бачагӣ мушоҳида мешавад. Ин фактро муаллиф чунин таълиф менамояд:

Ҳангоми амал кардани омилҳои психогенӣ, ки ба «ҷои муқобилияти камтаринро нишон медиҳад» равона шудааст, метавонанд вайроншавии муваққатии мутобиқшавӣ, нокисӣ дар рафтор пайдо шавад. Ҳангоми каломшавии кӯдак, хусусиятҳои хоси характераш, ки дар

хурдӣ зоҳир шудаанд, то як дараҷаи муайян бараъло мемонанд, муайянии худро гум мекунанд, вале бо гузаштани синну сол аз сар метавонанд баръало зоҳир шаванд (алалхусус, агар беморӣ ба вуҷуд омада бошад).

1. Типи гипертимӣ. Наврасони ин тип бо серҳаракатӣ, одамдӯстӣ ва майл ба ҷангарагии худ фарқ мекунанд. Онҳо ба ҳодисаҳои дар гирду атроф рухдода ҳама вақт ғалоғӯлаи бисёрро ворид месозанд, иҳотаи нооромии ҳамсолонро дӯст медоранд. Онҳо ҳангоми қобилиятҳои хуби умумӣ беқарорӣ, беинтизомӣ, хониши нисбатан сустро пайдо мекунанд. Ҳолати рӯҳиашон доимо хуб аст. Бо калонсолон - волидайн ва муаллимон дар бисёр ҳолатҳо байнашон ихтилофҳо ба вуҷуд меоянд. Ин гуна наврасон шавқу ҳавасҳои гуногун доранд, вале ин шавқу ҳавасҳо аз рӯи қоида, рӯякӣ ва даргузаранд. Наврасони типи гипертимӣ қобилиятҳои худро аз будаш баҳои баланд медиҳанд, аз ҳад зиёд ба худ боварӣ мекунанд, худпарастанд, кӯшиш мекунанд, ки ҷиҳатҳои хуби худашонро нишон диҳанд ва ба одамони гирду атроф таассуроти хубе боқӣ гузоранд.

2. Типи сиклоидӣ. Бо зудранҷӣ ва майл ба рӯҳафтодагӣ тавсиф дода мешавад. Наврасони ин тип ба ҷои он, ки бо ҳамсолон дар шӯру ғавғо бошанд, дар хона танҳо буданро интихоб мекунанд. Онҳо нокомии начандон муҳимро бо душвории калон паси сар мекунанд, ба эродҳо ниҳоят тундона ҷавоб мегардонанд. Ҳолати рӯҳиашон тағьирёбанда аст, ки он муддати муайянро (тақрибан 2-3 ҳафтаро) дар бар мегирад.

3. Типи нопойдор. Ин тип ҳолати рӯҳии нисбатан тағьирёбандаро дорост, ки он бо вуҷуди ин пешакӣ фаҳмиданашаванда аст.

Сабабҳои ногаҳон таъғирёбии ҳолати рӯҳӣ метавонанд ночиз бошанд, масалан, касе нохост эроде гирифт, ё ин ки назарногирона нигоҳ кард. Ҳамаи онҳо қобилияти ба зудӣ рӯҳафтода шуданро ҳангоми мавҷуд набудани ягон нокомӣ ва нохӯшии ҷиддӣ доранд. Рафтори ин

наврасон аксаран аз ҳолати рӯҳии фаврӣ вобаста аст. Ҳозира ва оянда вобаста ба ҳолати рӯҳӣ баъзан бо рангҳои ҳархела ва баъзан бо рангҳои якрангаи торик ранг карда мешавад. Ин гуна наврасон дар ҳолати рӯҳафтодагӣ буда, ба мадад ва дастгирӣ аз тарафи он касоне, ки метавонанд рӯҳафтодагии онҳоро бартараф намоянд, диққаташонро ба дигар тараф ҷалб кунанд ва онҳоро рӯҳбаланд созанд, бениҳоят мӯҳтоҷанд. Онҳо муносибати одамони гирду атрофро нисбати худ хуб дарк ва ҳис мекунанд.

4. Типи астеноневротикӣ. Ин тип бо аз ҳад зиёд якравӣ, бадгумонӣ, нобоварӣ, мондашавӣ ва хашмгинӣ тавсиф дода мешавад. Алалхусус дар бисёри ҳолатҳо мондашавӣ ҳангоми иҷрои коре, ки қувваи ақлиро талаб мекунад, зоҳир мешавад.

5. Типи сензитивӣ. Ба ин тип ҳассосии баланд нисбат ба ҳама чизи гирду атроф, яъне ҳамаи он чизе, ки хушҳол месозад, аламангез мекунонад ва ё тарс меоварад, хос аст. Ин наврасон ҷамъомадҳои серодам, қиморбозӣ ва бозиҳое, ки серҳаракатиро талаб мекунанд, дӯст намедоранд. Онҳо одатан дар иҳотаи одамони ношинос, шармгин ва тарсончаканд, ки барои ҳамин ҳам камгап метобанд. Кушода ва улфатназирона танҳо вақте муносибат мекунанд, ки одамони иҳотакардаро хуб шиносанд, дар муошират онҳо на хурдсолон ё калонсолонро интихоб мекунанд на ҳамсолонро. Онҳо бо гапдароӣ ва дилбастагии сахт ба волидайни худ аз дигарон фарқ мекунанд. Дар давраи наврасӣ дар ин гуна наврасон метавонад мушкилиҳои мутобиқшавӣ дар иҳотаи ҳамсолон ва комплекси камқиматӣ ба вуҷуд оянд. Бо вуҷуди ин дар ана ҳамин наврасон ҳисси ӯҳдадорӣ, талаботҳои маънавӣ нисбати худ ва одамони иҳотакарда нисбатан тезтар шакл мегирад. Норасоиҳоро дар қобилияти худ онҳо одатан бо интихоби намудҳои мураккаби фаъолият ва меҳнати пурмашаққати худ ҷуброн мекунанд. Ин наврасон дар пайдо намудани дӯсту рафиқ барои худ нозуктабъанд ва дӯсто-

неро, ки синну солашон нисбатан калонтаранд, ниҳоят дӯст медоранд.

6. Типи психостеникӣ. Ин гуна наврасон бо зуд ва барвақт ташаккулёбии дараҷаи ақлӣ, моил ба муҳокима ва мулоҳизакорӣ, ба худтаҳлилкунӣ ва баҳодиҳии одамони дигар тавсиф дода мешаванд. Аммо ин гуна наврасон бисёр вақт мустаҳкам бо гапанд, на дар амал. Худбоварии онҳо аз бечуръатӣ ва норизогии муҳокима - бо шитобкории амал, ки дар он ҳолат боэҳтиёт ва бомулоҳизакориро талаб мекунад, вобаста аст.

7. Типи шизоидӣ. Хусусияти нисбатан маъмули ин тип- мардумгурезӣ мебошад. Ин наврасон нисбати ҳамсолон бо дилхунукӣ рафтор мекунанд. Бештар хоҳиши танҳо ё дар иҳотаи калонсолон буданро доранд. Онҳо бисёр вақт бепарвоӣ ба одамони гирду атроф, набудани шавқ нисбати онҳо, ҳолати дигар одамон ва мутаасиршавии онҳоро ба хубӣ дарк намекунанд, ҳамдардӣ ё дилсӯзӣ карда натавонистани худро нишон медиҳанд. Ҷаҳони ботинии онҳо пур аз хаёлҳои гуногун ё ин ки шавқу ҳаваси мухталиф мебошад. Онҳо дар зуҳуроти берунии ҳиссиёти худ ботамкинанд ва на ҳама вақт барои иҳотакунандагон фаҳмоанд ва пеш аз ҳама барои ҳамсолони худ, ки аз рӯи қоида он қадар дӯсташон намедоранд.

8. Типи эпилептоидӣ. Ин наврасон бисёр ва тез - тез гиря мекунанд, одамони гирду атрофро озор медиҳанд ва махсусан дар хурдӣ. Ин гуна кӯдакон, менависад А.Е.Личко, озор додани ҳайвонот, масхара кардани кӯдакони аз худ хурд ва таҳқир кардани одамони ноӯҳдабароро дӯст медоранд. Онҳо дар гурӯҳҳои кӯдакон худро ҳамчун диктаторҳо нишон медиҳанд. Хусусиятҳои типикии онҳо - дурушtӣ, салобат ва худдӯстдорӣ мебошанд. Дар гурӯҳи кӯдаконе, ки онҳо роҳбарӣ мекунанд, ин гуна наврасон қонунҳои дурушт, қоидаҳои терористиро ҷорӣ мекунанд, ки идоракунии шахсии онҳо дар чунин гурӯҳҳо дар асоси итоаткории ихтиёрӣ ва ё тарси дигар кӯдакон ба вуҷуд меоянд. Онҳо дар шароитҳои тартиботи сахти ба

низомдаровардашуда худро рӯҳбаланд мешуморанд ва кӯшиш мекунанд, ки ба роҳбар маъқул оянд, дар назди ҳамсолон бартариятеро соҳиб шаванд, салобатро ба даст ованд ва ҳукмфармоии худро дар назди одамони иҳотакарда муқаррар кунанд.

9. Типи истероидӣ. Хусусияти муҳимтарини ин тип - худпарастӣ ва доимо диққати баландро нисбати худ талаб кардан мебошад. Наврасони дорои ин типи аксентуатсия, ба санъаткорӣ ва худнамоӣ моиланд. Таъриф намудани рафиқи онҳо аз тарафи дигарон ё ин ки равона кардани диққати бисёртар на ба онҳо, балки ба дигаронро ин кӯдакон бо душворӣ аз сар мегузаронанд. Барои онҳо кӯшиши диққати иҳотакунандагонро ба худ ҷалб намудан ва таърифу таҳсинро нисбати худ шунидан талаботи зарур аст. Аз ин рӯ ба наврасон даъвои ишғол кардани мавқеи муайян дар байни ҳамсолон хос аст ва барои он, ки ба одамони гирду атроф таъсир расонанд ва ба худ диққати онҳоро ҷалб кунанд, бисёр вақт дар гурӯҳҳо дар нақши ташаббускор ва саркарда баромад мекунанд. Бо вуҷуди ин, қобилияти пешво ва ташкилотчии кор буданро надоштан ва соҳиби обрӯе нашудан, онҳо бисёр вақт ба нокомӣ гирифтор мешаванд.

10. Типи ноустувор. Онро баъзан ҳамчун сустирода ва ба равиши ҷараён шинокунанда тавсиф медиҳанд. Наврасони ин тип ба вақтхушӣ, бекорхуҷагӣ ва ба коргурезӣ моиланд. Дар онҳо шавқу ҳавасҳои ҷиддӣ нисбати ихтисос дида намешаванд ва инчунин онҳо дар бораи ояндаи худ умуман фикр намекунанд.

11. Типи конформӣ. Типи додашуда бефикрӣ ва итоати вазъӣ ба ҳама гуна шахсиятҳои обрӯманд ва аксариятро дар гурӯҳ зоҳир мекунад. Ин гуна наврасон одатан ба насиҳат кардан ва кӯҳнапарастӣ моиланд ва ақидаи муҳимтарини ҳаёти онҳо ин «ба монанди ҳама будан» аст. Ба ин тип наврасоне дохил мешаванд, ки бо мақсадҳои шахсии худ метавонанд ба рафиқи худ хиёнат кунанд ва дар лаҳзаҳои душвор дасти ёрӣ дароз накунанд, вале чӣ

тавре ки онҳо амал накунанд, доимо далелҳои «ахлоқиро» барои сафед кардани амалҳои худ меоваранд.

Олими немис К.Леонгард ба таснифоти аксентуатсияҳои характери А.Е.Личко монанд типологияи характерҳои худро пешниҳод намуда аст. Ба ақидаи ӯ, дар 20 - 50% одамон баъзе хислатҳои характер чунон зуҳур ёфтаанд, ки дар вазъиятҳои муайян ба низоъҳо ва вайроншавиҳои асабӣ оварда мерасонанд. Аксентуатсияи характер аксаран дар наврасону ҷавонон 50 - 80% вомехӯрад. Навъи аксентуатсияи характер ва ё набудани онро таваccути тестҳои махсуси психологӣ, масалан, тести Шмишек муайян кардан мумкин аст. Ин таснифот дар асоси баҳодиҳии тарзи муошират шахс бо одамони иҳотакарда пешниҳод шудааст ва ҳамчун типҳои новобастаи характер баромад мекунанд. Онҳоро дида мебароем.

1. Типи гипертимӣ. Ин тип бо хушчақчақӣ, имову ишора ва қиёфаи ифодаёфта тавсиф дода мешавад. Ӯ бисёр вақт худ ба худ аз мавзӯи аввалаасаршуда рӯ мегардонад. Дар чунин одамон ихтилофҳои тасодуфӣ бо одамони гирду атроф аз рӯи муносибати на он қадар ҷиддӣ нисбати ӯҳдадориҳои хизматӣ ва оилавӣ сар мезананд. Одамоне, ки дорои ин типанд, бисёр вақт худашон сабабгори ин ихтилофҳоянд, вале ҳангоме ки аз ин одамони гирду атроф эрод мегирад, ба зудӣ хафа мешаванд. Хусусиятҳои мусбии ин тип, коршоямӣ, шавқи зиёд ба фаъолият, нигоҳи хайрхоҳона ба оянда ва ташаббускорӣ мебошанд. Бо вуҷуди ин, онҳо боз хислатҳои манфиро дороанд, ба монанди сабукфикрӣ, моил ба рафторҳои ношоям, зудранҷӣ, хаёлварзии ботил ва муносибати на чандон ҷиддӣ ба ӯҳдадориҳои худ. Онҳо шароитҳои дурушти интизом, фаъолияти якранга ва танҳоиро душвор паси сар мекунанд.

2. Типи дистимӣ. Вай бо алоқаи суст, камгапӣ ва пессимистӣ тавсиф дода мешавад. Ин гуна одамон одатан хонашинанд, аз ҷамъомадҳои пурғавғо канора мечӯянд, бо одамони гирду атроф кам ба низоъ медароянд ва зисту

зиндагонии хилватгузинона доранд. Онҳо шахсонеро, ки бо онҳо дӯстӣ мекунанд, қадрдонӣ мекунанд ва розианд, ки тобеи онҳо бошанд.

Онҳо дорои чунин хусусиятҳои шахсият, ба монанди: ҷиддият, бовиҷдонӣ ва ҳисси баланди боинсофӣ мебошанд, ки ҳангоми муошират диққати рақибашро ба худ ҷалб мекунад. Онҳо инчунин дорои хусусиятҳои манфӣ, ба монанди пассивӣ, сустии тафаккур, лавандӣ ва индивидуализм мебошанд.

3. Типи сиклоидӣ. Ба он таъғирёбии мавсимии ҳолати рӯҳӣ хос мебошад, ки дар натиҷаи он шакли муошърати он низ бо одамони иҳотакарда тез-тез иваз мешавад. Дар мавсими баландшавии ҳолати рӯҳӣ онҳо одамдӯст мешаванд ва ҳангоми табъи хира канорачӯӣ мекунанд. Ҳангоми рӯҳбаланд шудан, онҳо худро ҳамчун одамони аксентуатсияи гипертимии характер дошта ва ҳангоми рӯҳафтодагӣ ҳамчун одамони аксентуатсияи дистимӣ дошта нишон медиҳанд.

4. Типи водоркунанда. Ба типи додашуда алоқаи суст дар муошърат, сустии аксуламалҳои шифоҳӣ ва ғайришифоҳӣ хос аст. Бисёр вақт онҳо миҷинг ва бадқавоқ буда, дар ихтилофҳое, ки худ онро барпо карда, тарафи барангезанда ба ҳисоб мераванд, ба дағалӣ ва дашномҳо моиланд. Онҳо дар коллектив номуросо буда, дар оила босалобатанд. Дар ҳолатҳои эмотсионалии ором одамони ин тип аксаран боинсоф, покизакор мебошанд ва кӯдакони хурд ва ҳайвононро дӯст медоранд. Вале дар ҳолати эмотсионалии ҳаяҷонӣ онҳо бадқаҳр буда, рафтори худро хуб назорат карда наметавонанд.

5. Типи дармонда. Онро бо одамдӯстӣ, миҷингӣ, камгапии мӯътадил тавсиф медиҳанд. Дар ихтилофҳо одатан ҳамчун ташаббускори тарафи фаъол баромад мекунанд. Кӯшиш мекунанд, ки дар ҳама кор натиҷаҳои беҳтаринро ноил гарданд ва барои ин дар назди худ талаботҳои муайянеро мегузоранд. Махсусан ба боинсофии иҷтимоӣ ҳассосанд, зудранҷ, озордида, қасдгир ва шубҳанок мебо-

шанд. Баъзан беҳад худбоваранд, покизадӯст, бадрашк ва аз наздикону зердастон дар кор талаботҳои беандозаро талаб мекунанд.

6. Типи расмиятпараст (педантӣ). Ба ихтилофҳо ворид намешавад, дар кор ҳамчун бюрократҳо рафтор мекунанд, яъне ба одамони гирду атроф талаботҳои бисёри расмӣ пешниҳод менамоянд. Бо вуҷуди ин, сарвариро бе ягон мухолифат ба дигарон медиҳанд. Баъзан хонагиҳоро бо даъвоҳои худ доир ба тозагӣ дилбазан мекунад. Хусусиятҳои ҷалбкунандаи онҳо боинсофӣ, покизагӣ, ҷиддият, боваринок дар корҳо, қобили пайдоинамоии ихтилофҳо - миҷингӣ, зоҳирпарастӣ ва нолишу шиква мебошанд.

7. Типи пурҳаҷҷон. Ба одамони ин тип алоқаи суст, тарсончакӣ, нобоварӣ ба худ ва табъи ғамгин хос аст. Онҳо ба ихтилофҳо бо одамони гирду атроф роҳ намедиҳанд ва агар онҳо рух диҳанд, одамони ин тип нақши пассивро доранд ва дар ҳолатҳои ихтилофӣ дастгирӣ ва такяро мекобанд. Онҳо дорои чунин хусусиятҳо мебошанд: меҳрубонӣ, худтанқидкунӣ ва серғайратӣ.

8. Типи эмотивӣ. Ин гуна одамон муоширатро бо одамони наздике, ки онҳо бо осонӣ забон як мекунанд, интихоб мекунанд. Баъзан худ ихтилофро ба вуҷуд меоранд, ки дар он нақши пассивро мебозанд. Ранҷро дар худ нигоҳ дошта, зоҳир намекунанд. Хусусиятҳои ҷалбкунандаи онҳо: некӯкорӣ, дилсӯзӣ, аз комёбиҳои дигарон хурсандӣ кардан, серғайратӣ ва ғайра. Аз ҳад зиёд ҳассосӣ ва гирёнчакӣ хусусиятҳои манфии онҳоба ҳисоб меравад.

9. Типи намоишкор. Ин типи одамон ба осонӣ алоқаро барқарор карда, кӯшиш ба роҳбарӣ ва салобат мекунанд ва таъриф шуниданро дӯст медоранд. Онҳо қобилияти баланди созгории худро бо одамон ва инчунин майл ба ҳилаву найрангро зоҳир мекунанд. Чунин одамон бо худбоварӣ ва даъвоҳои баланд одамони гирду атрофро хашмгин мекунанд ва доимо худ сабабгори ихтилофҳо мешаванд, вале бо вуҷуди ин худро фаъолона ҳимоя менамоянд. Дорои чунин хусусиятҳо мебошанд: қобилияти

диққати дигаронро ба худ ҷалб кардан, артистӣ ва хушмуомилагӣ, ки тавассути онҳо дар муошират рақиби худро ҷалб мекунанд. Хусусиятҳои манфии онҳо: худпарастӣ, дурӯғгӯӣ, худситоӣ, коргурезӣ ва ғайра.

10. Типи экзалтивӣ. Ба онҳо улфатпазирӣ, ошиқмизоҷӣ ва хушчақчақӣ хос аст. Чунин одамон бисёр баҳс мекунанд, вале ба дараҷаи низоъ овардани онҳо душвор аст. Онҳо дар ҳолатҳои ихтилофнок метавонанд ҳам фаъол ва ҳам пассив бошанд. Бо вуҷуди ин, бо дӯстон ва наздикони худ бодиққат ва меҳрубонона муомила мекунанд. Онҳо ғамхории беғаразона зоҳир карда, ҳисси ғамхориро доранд, табъашон баланд аст ва ҳиссиётҳои худро равшан ва самимӣ зоҳир менамоянд. Ба хусусиятҳои манфиашон воҳимачигӣ ва табъи лаҳзавӣ доштан.

Аксенуатсияи характер дар синни наврасӣ ташаккул ёфта, бо мурури синну сол заиф мегардад ва на дар ҳар ҳолат (мисли психопатия), балки дар ҳолатҳои мураккаби психогенӣ, ки ба «ҳалқаи заиф» фишор меорад, зоҳир мегардад.

Ташаккули характер. Характери одам дар ҷараёни тамоми ҳаёти ӯ ташаккул меёбад ва аз хусусиятҳои роҳи ҳаёт, аз тамоми намудҳои таъсир вобаста аст, ки байни онҳо аҳамияти ҳалкунандаро тарбия ва худтарбиякунӣ соҳибанд. Ташаккули шахс – ин ташаккули характер ва баръакс, ташаккули характер ин ташаккули хислатҳои муҳими шахс мебошад.

Баъзе хусусиятҳои ташаккулёфтаи шахс метавонад хислатҳои характери ӯ нашаванд, вале агар ин хусусиятҳо ахамиятнок бошанд, он гоҳ хоҳнохоҳ ифодаи худро дар характери ӯ пайдо мекнанд. Масалан: агар эҳтиёткорӣ хислати характер нашуда бошад ҳам, вале ҳатман дар ташаккули боинтизомӣ ҳамчун хислати характер мусоидат мекунад. Бояд қайд кард, ки характер на дар шакли хусусиятҳои алоҳида, балки ба намуди аз назари сохт яклухт ташаккул меёбад.

Чи тавре ки қайд карда гузаштем, тарбия ва худтарбиякунӣ аз шартҳои муҳими ташаккули характер ба шумор мераванд. Тарбияи характер ба ташаккули идеал ва идеянокии баланд вобаста аст, ки равияи шахс мақсадҳои ҳаёт ва арзишҳои ахлоқии ӯро муайян мекунанд. Барои он ки донишҳо дар бораи тарзҳои рафтор ба эътиқоди хонандагон табдил ёбанд, бояд ҳамаи намудҳои фаъолият (таълимӣ, меҳнатӣ, варзишӣ, ҷамъиятӣ) тавре ташкил карда шаванд, ки ҳар яки онҳо имконияти ба даст овардани таҷрибаи амалии рафтори дуруст карданро диҳад. Ташаккули характер бояд дар коллектив тавассути коллектив ба амал ояд ва дар асоси муносибати фардӣ кардан бо ҳар як хонанда ба роҳ монда шавад.

Ташаккули хислатҳои характер аз се давра иборат аст: давраи якум, вақте ки шахс донишро бо тарзҳои рафтор кардан ба даст меоварад, вале ин дониш ҳоло дар таҷриба мустаҳкам нагаштааст; давраи дуюм, зинаҳои ҳолатҳои психикӣ ҳаст, ки ҳоло ба хусусияти шахс табдил наёфтаанд ва характери лаҳзавиро доранд, вале ба ӯ таҷрибаи муайяни эмотсионалиро дар тадбиқи тарзҳои рафтор медиҳанд; давраи сеюм, мустаҳкаму устувор намудани тарзҳои азхудкардаи рафтор дар намудҳои гуногуни фаъолият мебошад. Масалан, барои тараққиёти ташаббускорӣ ҳамчун хислати характер лозим аст, ки фард пеш аз ҳама вобастагии муваффақияти фаъолияти гурӯҳро аз дараҷаи ҳалли вазифаи ба ӯҳдаи ӯ гузошташуда дарк кунад. Вақте ки вазифаи ба ӯҳда гузошташуда аз ҷониби кӯдак иҷро шудан мегирад, калонсолон бояд ба рафти иҷрои он мусоидат кунанд ва онро мустаҳкам намоянд. Чунин мусоидат ҳисси боварии кӯдакро ба қувваи худаш меафзояд ва фикри ӯро ба зуҳуроти нави ташаббускорӣ равона месозад. Ҳамин тавр, вобаста ба дараҷаи паҳншавии ташаббус дар намудҳои дигари фаъолият, вазъиятҳои ташаббускорӣ тадриҷан ба хислати характер табдил меёбад.

Меҳнат воситаи дигари тарбияи характер мебошад. Тавассути меҳнат хислатҳое ташаккул меёбанд, ки на танҳо муносибати хонандаро ба меҳнат (меҳнатдӯстӣ, масъулият, бовичдонӣ, ташаббускорӣ, суботкорӣ), балки чунин хислатҳоро, ба монанди боинтизомӣ, коллективизм, худтанқидкунӣ, эҳтиётқорӣ, сариштакорӣ тавсиф медиҳанд, ки сохти умумии психикаи шахс, муносибати ӯро ба одамони дигар, ба худ ва ашё ифода менамоянд. Барои он, ки меҳнат ба ташаккули чунин хислатҳо мусоидат кунад, бояд аз рӯи чунин талабҳо дуруст ба роҳ монда шавад: бояд аҳамияти ҷамъиятиро дошта, самарабахш бошад ва ташаббусу эҷодкориро талаб кунад, завқовар ва коллективона гузаронида шавад, ки бо фаъолияти таълимии онҳо алоқаманд бошад. Ҳамаи ин ба ташаккули малакаю маҳорати ташкилотчигӣ, мустақилӣ, ташаббуси эҷодкорона, боинтизомии бошуурона, коллективидзм ва ҳисси масъулиятшиносии шахс мусоидат менамоянд.

Худтарбиякунӣ роҳи дигари ташаккули характер ба ҳисоб меравад. Барои таъмини рафти дурусти худтарбиякунии кӯдак зарур аст, ки калонсолон (волидон, мураббӣ ва муаллимон) ба онҳо дар фаҳмида гирифтани камбудиҳои характерашон ёрӣ расонад, роҳҳои дурусти тарбияи онро нишон диҳад ва ӯро бо шаклҳои самарабахшу ба мақсад мувофиқи кор баҳри ташаккули хислатҳои зарурии характер мусаллаҳ намояд.

6.3. Қобилият

Мафҳуми қобилият

Дар сохти психологии шахс хусусиятҳои фардӣ-психологии ӯ мақоми муҳимро ишғол мекунанд, чунки дар заминаи нотакрории фардияти инсон мехобанд. Психологи машҳури рус С.Л. Рубинштейн навишта буд: «Омӯзиши симои психикии шахс се суоли асосиро фаро мегирад. Суоли аввалине, ки ҳангоми кӯшиши фаҳмидани шахси дигар дар мо ба вуҷуд меояд, чунин аст: ин шахс *чӣ мехоҳад*, чӣ барояш

диққатҷалбкунанда аст, барои чӣ талош мекунад? Ин савол дар бораи равияи ӯ, дар бораи майлҳо, талабот, шавқу ҳавасҳо ва идеалҳои ӯст. Вале аз паси савол оид ба он, ки шахс чӣ мехоҳад, табиист, ки суоли дигаре пайдо мешавад: ӯ *ба чӣ қодир аст?* Ин суол дар бораи қобилиятҳои инсон, истеъдодҳо ва лаёқати ӯст. Лекин қобилиятҳо дар ибтидо танҳо имкониятҳоянд; барои донистани он, ки чӣ гуна шахс онҳоро амалӣ мгардонад, истифода мебарад, мо бояд инчунин донем, ки *ӯ кист*, чӣ ба сифати хусусиятҳои асосӣ дар ӯ мустаҳкам гаштааст. Ин савол дар бораи характери инсон аст» ()

Суол дар бораи равияи шахс, талабот, маромҳо ва шавқу ҳавасҳои ӯ бесабаб дар ҷои аввал гузошта нашудааст. Равия гуфта, дар илми психология системаи маромҳои устувореро дар назар доранд, ки самти фаъолияти ҳаётии шахсро муайян мекунад ва аз вазъияти додашуда вобаста нест. Инкишофи психикии кӯдакро бе таҳлили талабот ба таассуротҳои нав ва бе муошират тасаввур намудан ғайриимкон аст. Интихобӣ будани идроки олами иҳотакарда низ аз талабот ва шавқу рағбатҳои инсон вобаста аст. Аз равияи шахс ва талаботу рағбатҳои ӯ инчунин сифати хотир ва тафаккури инсон вобаста мебошад.

Дар асоси равияи шахс талаботҳо мехобанд. Талабот – ин сарчашмаи асосии фаъолии инсон аст. Инсон барои ҳаёт ва фаъолият намудан дар олами иҳотакарда ба хӯрок, об, ҳаво ва ҳаракатҳо эҳтиёҷ дорад. Ӯ инчунин ба ашёҳои маданияти моддӣ ва маънавӣ ва ба дигар одамон ниёзманд аст. ***Талабот – ин аз ҷониби одам дарк кардан ва аз сар гузаронидани эҳтиёҷ ба чизест, ки барои нигоҳдории ҳаёти организми ӯ ва инкишофи шахсияташ муҳим аст.***

Дар психология эҳтиёҷ ва талаботро фарқ мекунанд. Эҳтиёҷ – ин зарурияти объективиест, ки онро худи одам метавонад аз сар нагузаронад ва дарк накунад. Масалан, кӯдаки навзод ба таври объективӣ ба одами калонсол ниёз дорад (бе ӯ талаф мешавад!), вале худи ӯ ба таври субъективӣ инро натанҳо дарк намекунад, балки эҳсос ҳам наме-

намояд, аз сар намегузаронад. Танҳо дар синни семоҳагӣ эҳтиёҷи объективӣ ба одами калонсол ба ҳолати психикии субъективӣ – талабот ба муошират табдил меёбад: кӯдак бо дидани модараш хурсандӣ мекунад, дасту пойҳояшро ҷониби ӯ дароз мекунад, овозҳои ҳархела мебарорад, комплекси бедоршавӣ ба вуҷуд меояд. Ин талабот оянда ба дигар одамон низ паҳн мегардад, ба дараҷаи муҳаббат ба наздикон, дӯстӣ ва ғ. инкишоф меёбад.

Талаботи пайдошуда одамро ба ҷустуҷӯи фаъолонаи роҳҳои қонеъ гардонидани он водор месозад, водоркунандаҳои ботинии фаъолияти ӯ мегарданд, яъне ба маром мубаддал мешаванд.

Талаботе, ки эҳтиёҷоти организми моро инъикос менамоянд, талаботи органикӣ ва талаботе, ки ба инкишофи шахс вобастаанд, маънавӣ ва ё иҷтимоӣ ном гирифтаанд. Талаботи органикӣ (ба ғизо, ҳаво, об, давом додани насл, худмуҳофизат) ҳам дар инсон ва ҳам дар ҳайвонот вуҷуд доранд. Вале тӯли инкишофи тахрихӣ онҳо дар инсон дигаргун гаштаанд. Инсон дар фарқият аз ҳайвонот худаш маҳсулоти ба талаботаш мувофиқро меофарад. Дар бораи ин фарқиятҳо К. Маркс бисёр дақиқ қайд намудааст: «Гуруснагӣ гуруснагӣ аст, вале гуруснагие, ки тавассути гӯшти пухта, бо ёрии корд ва шохӣ рафъ мегардад, ин дигар гуруснагияст нисбат ба оне, ки гӯшти хом бо ёрии дастон, нохунҳо ва дандонҳо фурӯ бурда мешавад».

Ба андешаи психологи машҳур Гиппенрейтер Ю.Б., ҳангоме сухан дар бораи талаботе меравад, ки инсон бо онҳо ба дунё меояд (на танҳо инсон, балки инчунин ҳайвоноти олӣ низ), бояд ба ин қатори талаботи соддаи биологӣ ба ҳадди ақал боз ду талаботи дигарро илова намоем.

Ин, пеш аз ҳама, талабот ба алоқа бо ҳамҷинсони худ ва пеш аз ҳама бо фардҳои калонсол мебошад. Дар кӯдак он бисёр барвақт зоҳир мегардад. Садои модар, симои ӯ,

расишҳояш – ангезаҳои аввалине ҳастанд, ки ба онҳо аксуламали мусбии кӯдак ба вуҷуд меояд.

Талабот ба алоқаҳои иҷтимоӣ ва ё ба муошират, дар инсон яке аз талаботи пешбаранда маҳсуб меёбад. Он танҳо бо мурури замон шаклҳои худро дигар мекунад.

Ин талабот дар моҳҳо ва солҳои аввали ҳаёт ба модар ва наздиконест, ки кӯдакро нигоҳубин мекунанд. Минбаъд ин талабот ба доираи васеътари калонсолон, аз ҷумла муаллимон равона мегардад.

Бо гузашти вақт, талаботи мазкур ба кӯшиши ноил гаштан ба эҳтиром дар коллективи ҳамсолон мубаддал мегардад. Талабот ба дӯсте пайдо мегардад, ки ба ӯ бовар намудан мумкин аст, ба одами дӯстдошта, ба роҳнамои маънавӣ. Дертар кӯшиши ёфтани мақоми хеш дар зиндагӣ, ба даст овардани эътирофи ҷамъиятӣ ба вуҷуд меояд.

Талаботи дуввуме, ки бо он инсон ба дунё меояд ва он ба талаботи органикӣ дохил намешавад, ин талабот ба таассуротҳои берунӣ ва ё ба маънии васеъаш, *талаботи маърифатист*.

Тадқиқотҳо нишон доданд, ки кӯдакон аллакай дар соатҳои аввали ҳаёт ба таъсиротҳои биноӣ, шунавоӣ ва садогӣ эътино мекунанд ва натанҳо эътино мекунанд, балки гӯё онҳоро тадқиқ низ менамоянд.

Барои муайян намудани мавҷудияти талаботи маърифатӣ бо кӯдакони синнашон ду- се моҳа тачрибаҳои аҷоиб гузаронида шудаанд.

Ба кӯдак пистонаки холиеро, ки тавассути ноқили резинӣ ба телевизор пайваст буд, доданд. Агар кӯдак пистонакро мемакид, экрани телевизор равшан гашта, дар он симоҳо пайдо мешуданд – ё сурати ором ва ё симои зане, ки ҳарф мезад. Агар кӯдак аз макидан бозмеистод, экран тадричан хомӯш мегашт.

Кӯдак сер буд (ин шарти ҳатмии тачриба аст), вале дар ҳолати серӣ низ, чуноне ки маълум аст, ӯ гоҳ-гоҳ каме пистонакро мемакад. Ҳамин тавр, кӯдак дар рафти тачри-

ба дер ё зуд алоқаи миёни ҳаракатҳои макандагии худ ва симоро дар экран дарк мекард ва сипас ҳодисаи аҷиб рӯх медод: ӯ бошиддат пистонак мемакид ва ин ҳаракатҳоро як сония ҳам қатъ намекард.

Ин таҷриба гувоҳи он аст, ки аллакай дар синни думоҳагӣ кӯдак аз олами беруна ахбор мечӯяд ва фаъолона онро дастрас менамояд. Маҳз ҳамин гуна фаъолӣ зуҳуроти талаботи маърифатист.

Талаботи маърифатӣ низ, албатта, бо бузург гаштани кӯдак инкишоф меёбад. Ба зудӣ тадқиқотҳои персептивӣ ва манипулятсияҳои амалии кӯдакро бо ашёҳо (бо ёрии онҳо ӯ хосияти ин ашёҳоро дониста мегирад) шаклҳои ақлии маърифат пурра менамоянд. Онҳо дар суолҳои классикии кӯдакона аз қабили «Ин чист?», «Барои чӣ?», «Чӣ тавр?», ки тавассути онҳо калонсолонро ба қавле саволборон мекунанд, ифода меёбанд. Минбаъд рағбат ба хондан, таълим ва тадқиқот пайдо мегардад.

Дар нисбати ҳарду талаботи дида баромадашуда ду лаҳзаи муҳимро қайд намудан ҷоиз аст. Аввалан, талабот ба муошират ва талаботи маърифатӣ дар мавридҳои аввал бо якдигар сахт пайванданд. Калонсоли наздик на танҳо талаботи кӯдакро ба муошират қонеъ мегардонад, балки инчунин ӯ сарчашмаи аввалин ва асосии таассуротҳои гуногун аст.

Баъдан, ҳарду талаботи муҳокимагашта шароитҳои муҳими ташаккули инсонро дар ҳамаи зинаҳои тараққиёти ӯ ташкил медиҳанд. Онҳо ба ӯ чун талаботҳои органикӣ муҳиманд. Вале агар талаботи органикӣ танҳо мавҷудияти ӯро ҳамчун мавҷуди биологӣ таъмин намоянд, пас алоқа бо одамон ва маърифати олам барои шакл гирифтани ӯ ҳамчун мавҷуди инсонӣ муҳим мебошанд.

Талабот дар заминаи шавқу ҳавасҳо мехобанд. Мо ба он ашё ва ё ҳодисае мароқ зоҳир мекунем, ки ин ё он талаботи моро қонеъ гардонида метавонанд. Ин ашё ва ё ҳодисаҳо диққати моро ҷалб месозанд, мо оид ба онҳо фикр мекунем ва баҳри расидан ба онҳо мекӯшем.

Шавқу ҳавас зуҳуроти талаботи маънавии инсон аст ва имконият медиҳад соҳаҳои муайяни воқеъият пурратару амиқтар инъикос карда шаванд.

Шавқу ҳавас дар бисёри мавридҳо моро маҷбур менамояд, ки дар самти муайян амал намоем, яъне ба сифати мароми фаъолият баромад мекунад. Дар айни ҳол мароми ҳамон як фаъолият дар одамони гуногун метавонад зимни шавқу ҳавасҳои гуногун ба вуҷуд биёяд ва ин фаъолият талаботи гуногунро қонеъ гардонад. Масалан, як хонанда мекӯшад хуб хонад барои он, ки дар ӯ дараҷаи баланди шавқу ҳавас ба маърифат, донишдӯстӣ инкишоф ёфтааст, барои дуввумӣ бошад, хониши хуб – ин воситаи ба даст овардани эҳтироми атрофиён аст, саввуми волидонашро ранҷонидан намехоҳад, чорумӣ ба донишгоҳ дохил шуданист ва мехоҳад номаи камолаш баҳоҳои баланд дошта бошад ва ҳоказо. Умуман, мароми таълим чун ҳамаи дигар намудҳои мураккаби фаъолият метавонад зимни шавқу рағбатҳо ва талаботи гуногун ба вуҷуд биёяд. Ин аст, ки бедор намудани рағбати хонанда ба таълим шарти муҳими баланд бардоштани сифати он мебошад.

Агар шавқу рағбатҳо талабот ба донишҳои муайянро ифода намоянд, пас тарафи дигари равияи шахс – ин *майлҳои* ӯ мебошанд, ки дар кӯшиши машғул гаштан ба фаъолияти муайян зоҳир мегарданд. Миёни ин ду зуҳурот умумияти зиёд вуҷуд дорад, вале фарқашон низ ҳаст. Масалан, дӯстдорони варзиш, ки ба майдон рафта фаъолона дастаҳо ва ё варзишгарони дӯстдоштаашонро ҳаводорӣ мекунанд, ҳафтаномаҳо ва маҷаллаҳои варзиширо мутолиа менамоянд, вале худашон ҳатто ба варзиши пагоҳирӯзӣ машғул намешаванд.Рағбат ҳаст, вале майл нест.

Майли ҳақиқӣ одатан зимни рағбати устувор ба ин ё он зуҳуроти воқеъият ва кӯшиши устувори амал намудан дар ҳамин самт ба вуҷуд меояд. Аксар вақт майлҳо, махсусан агар онҳо дар кӯдакӣ зоҳир гарданд, метавонанд аз мавҷудияти *қобилиятҳо* дарак диҳанд.

Агар шавқу рағбат ва майлҳои инсон дар кӯшиш ва хоҳиши машғул гаштан ба фаъолияти муайян зоҳир гарданд, пас қобилиятҳои ӯ дар сифати иҷрои фаъолият, муваффақияти иҷроиш ва дараҷаи азхуднамоии он ифода меёбанд.

Масъалаи кобилиятҳо дар асарҳои С.Л.Рубинштейн, Б.М.Теплов, Н.С.Лейтес, Э.А.Голубева ба таври амик омӯхта шудаанд. Чунончӣ Б.М.Теплов оид ба инкишофи қобилиятҳо мавқеъҳои зеринро асоснок намудааст:

1. Қобилиятҳои инсон модарзодӣ нестанд. Танҳо хусусиятҳои анатомӣ-физиологӣ, яъне нишонаҳои қобилият заминаи табиӣ доранд.

2. Қобилиятҳо ҳамеша дар инкишофанд ва чун инкишоф натиҷаи ин ё он фаъолият аст, пас хулоса кардан мумкин аст, ки қобилиятҳо берун аз фаъолияти мушаххас ва муайян ба вуҷуд омада наметавонанд.

3. Омилҳои асосии инкишофдиҳандаи қобилиятҳо таълиму тарбия ба шумор мераванд. Танҳо усулҳои таълиму тарбияро такмил додан кифоя аст, ки ҳудуди инкишофи қобилиятхо ҳамоно баланд гарданд.

Аз ин бармеояд, ки хусусиятҳои анатомӣ-физиологиро аломату нишонаҳо меноманд, ки онҳо метавонанд дар якҷоягӣ бо майли ба фаъолият пайдошуда ба инкишофёбии қобилият замина гузоранд.

Б.М. Теплов инчунин се аломати асосии зерини мафҳуми «қобилият»-ро ҷудо мекунад: аввалан зери мафҳуми қобилият хусусиятҳои фардӣ-психологиеро мефаҳманд, ки якеро аз дигаре фарқ мекунонад; дуввум, қобилият гуфта, на ҳамаи хусусиятҳои фардӣ-психологиро дар назар доранд, балки танҳо онҳоеро, ки ба иҷрои бомуваффақияти ягон фаъолият ва ё фаъолиятҳои зиёд марбутанд; саввум, мафҳуми «қобилият» ба он донишҳо, малакаҳо ва маҳоратҳое, ки аллакай дар шахс вуҷуд доранд, дар айният нестанд, ҳарчанд боиси ба осонӣ аз худ гаштани онҳо мегарданд.

Ҳамин тариқ, дар илми психология ***қобилият гуфта, хусусиятҳои фардӣ - психологии шахсро мефаҳманд, ки ба талаботи фаъолияти додашуда ҷавобгӯ буда, имконияти иҷрои бомуваффақияти онро таъмин менамоянд ва шарти ба осонӣ аз худ гаштани донишу маҳорат ва малакаҳо мебошанд.***

Миёни қобилиятҳо ва донишу маҳорату малакаҳо муносибатҳои мураккаби алоқамандии байниҳамӣ вуҷуд доранд. Масалан, муаллим метавонад аз ҷавоби хонанда А аз фанни адабиёт қаноатманд набошад, вале хонанда Б-ро барои ҳамин гуна ҷавоб ситоиш кунад. Барои чӣ? Чунки хонанда А, ки ба адабиёт қобилият дорад, аз *имкониятҳои* хеш пасттар ҷавоб дод, дар сурате, ки хонанда Б дар соҳае ба дастовардҳои баланд ноил гашт, ки дар он қобилиятҳои назаррасе надорад. Одатан, баҳо дар мактаб на қобилиятҳоро, балки дараҷаи донишу маҳорат ва малакаҳоро чен мекунад.

Психологи машҳури рус А.В. Петровский оид ба қобилият чунин мегӯяд: «Дар бораи қобилиятҳо ҳарф зада истода, аз мафҳумҳои фалсафии «имконият» ва «воқеъият» истифода кардан қулай аст. Монанди оне, ки дони ба замин афтида дар нисбати хӯшаи пӯхта расидае, ки метавонад аз ин дон сабзад (агар сохтор, таркиб, намнокии замин ва боду ҳаво мусоид бошанд), танҳо имконият аст. Қобилиятҳои инсон низ барои ба даст овардани донишу маҳорат ва малакаҳои муайян танҳо имконият ҳастанд. Натиҷаи ниҳоӣ бошад, аз шароитҳои зиёд вобаста аст: оё ба шахс ин донишу малакаҳо зарур мешаванд, оё атрофиёни ӯ (оила, мактаб, дӯстон ва ғ.) нисбати азхуднамоии ин донишу малакаҳо аз ҷониби вай мароқ зоҳир мекунанд; чӣ гуна ӯро таълим медиҳанд, чӣ гуна фаъолияти меҳнатие, ки дар он ин донишу маҳорат ва малакаҳо зарур мегарданд ва устувор мешаванд, ба роҳ монда мешавад ва ҳоказо. Қобилиятҳо – ин имкониятҳоянд, дараҷаи бадастовардашудаи маҳорат дар ин ё он кор – ин воқеъият аст».

Ин *имкониятҳо* дар натиҷаи меҳнати суботкорона ба *воқеъият* табдил меёбанд. Гуфтан мумкин аст, ки меҳнатдӯстӣ, майл ба меҳнат дар он соҳае, ки шахс қобилият дорад, ба мазмун ва сохти қобилият дохил мешаванд. Психологи рус Н.С. Лейтес, ки кӯдакони қобилияти баланди ақлидоштаро меомӯхт, қайд мекунад, ки ҳамаи онҳо пеш аз ҳама меҳнатдӯстанд. Майли бузург ба меҳнати фикрӣ хусусияти муҳими эшон маҳсуб меёбад.

Қобилиятҳо чун дигар хусусиятҳои шахс, на танҳо дар фаъолият зоҳир мегарданд, балки дар он ташаккул низ меёбанд. Ин аст, ки дуруст ва самаранок ба роҳ мондани фаъолияти таълимии хонандагон шарти муҳими ташаккул ва инкишофи қобилиятҳои онҳо мебошад.

Намудҳои қобилият ва дараҷаҳои инкишофи он

Дар психология қобилиятҳои хусусӣ ва умумиро фарқ мекунанд. Қобилиятҳои хусусӣ – ин имкониятҳои фардӣ - психологии шахсанд, ки иҷрои бомуваффақияти фаъолиятҳои алоҳидаро таъмин менамоянд. Масалан, қобилият ба расмкашӣ, мусиқанавозӣ, рақс ва ҳоказо. Қобилиятҳои умумӣ бошанд имконият медиҳанд доираи васеъи фаъолиятҳо бомуваффақият иҷро гарданд. Дар адабиёти психологӣ қобилияти умумиро *қобилияти ақлӣ* низ меноманд.

Масъалаи омӯзиш ва муайян намудани табиати ақл, шаклҳои зуҳурот ва роҳҳои инкишофи он аз масъалаҳои муҳими илми психология ва педагогика ба шумор меравад

Масоили муҳимтарине, ки назди психологияи ақл меистанд инҳоянд:

– таъсири генотип (омилҳои ирсӣ) ва фенотип (омилҳои муҳит) дар ташаккулёби ва инкишофи ақл;

– мавҷудияти як қобилияти умумии ақлӣ ва ё намудҳои зиёди қобилиятҳои ақлӣ;

– имконияти ташхис намудани ақл ва дар ин асос пешгӯӣ намудани

комёбиҳои шахс дар ҳаёту фаъолияти ояндаи ӯ.

Чуноне, ки Л.Д. Столяренко қайд мекунад, айни замон камаш 3 тафсири мафҳуми ақл вуҷуд дорад:

1. Тафсири биологӣ: «қобилияти шуурона мутобиқ гаштан ба вазъиятҳои нав».

2. Тафсири педагогӣ: «қобилият ба таълим, таълимшавандагӣ».

3. Равияи сохторӣ, ки онро А. Бине тарҳрезӣ намудааст: «ақл ҳамчун қобилияти мутобиқати восита ба мақсад». Аз нуқтаи назари равияи сохторӣ ақл ин маҷмӯи ин ё он қобилиятҳост.

Олими англис Ф.Галтон яке аз аввалинҳо шуда ба омӯзиш ва тадқиқи амалии ақл шурӯъ намудааст. Ба андешаи Галтон истеъдод ва қобилиятҳои ақлии инсон табиати ирсӣ доранд ва таъсири омилҳои муҳит (таълиму тарбия) дар ташаккулу инкишофи онҳо ночиз аст. Ӯ чунин мешумурд, ки барои нигоҳ доштан ва афзоиш додани захираи ақлонии ҷомеа аз интихоби сунъӣ истифода намудан зарур аст, яъне тавассути ҷуфт гаштани фардҳои қобилияти баланди ақлидоштаи ҷамъият ба вуҷуд овардани насли дараҷаи инкишофи ақлиаш баланд. Ӯ ба ин маънӣ илмеро пешниҳод намуд бо номи «Евгеника». Илми пешниҳоднамуда ва ақидаҳои ӯ дар оянда дастгирӣ намеёбанд, аммо бо вуҷуди ин хизмати Ф. Галтон дар омӯзиши қобилиятҳои ақлӣ, офаридани аввалин методикаҳои тадқиқотӣ ва муайян намудани таъсири омилҳои ирсӣ ва иҷтимоӣ дар инкишофи психика бузург аст.

Олими немис В.Штерн низ чун Ф. Галтон лаёқати ақлиро модарзодӣ мешумурд. Ба ақидаи ӯ, ақл дар қобилияти баланди мутобиқгардӣ ба шароитҳои нав ба нави ҳаёт ифода меёбад. Ӯ аввалин шуда формулаи коэффисиенти ақлро пешниҳод мекунад, ки мувофиқи он дараҷаи инкишофи ақлӣ аз таносуби синни ҳақиқӣ ва «синни ақлӣ» вобаста аст:

$$IQ = \frac{\text{синни ақлӣ}}{\text{синни ҳақиқӣ}} \times 100\%;$$

синни ҳақиқӣ

Ҳамин тавр, синни ақлии кӯдаки шашсола, ки супоришҳои барои кӯдаки 8-сола пешбинишударо иҷро мекунад, ба кӯдаки 8-сола баробар аст. Мувофиқат накардани синни ҳақиқӣ ба синни ақлӣ ё ҳамчун нишондиҳандаи қафомонии ақлӣ ба шумор меравад (синни ақлӣ аз синни ҳақиқӣ пасттар) ва ё ҳамчун нишондиҳандаи лаёқати ақлӣ (синни ақлӣ аз синни ҳақиқӣ баланд). В. Штерн низ чун Ф. Галтон таъсири омилҳои муҳит ва зуҳуротҳои ғайри маърифатиро аз қабили бомаромӣ, соҳаи эмотсионалӣ-иродавӣ ва сифатҳои шахсӣ дар ташаккули ақл сарфи назар мекард.

Психологи амрикоӣ Г.Ю. Айзенк се намуди ақлро ҷудо мекунад: ақли *биологӣ, ақли психометрӣ* ва *ақли иҷтимоӣ* .

Ақли биологӣ ҳамчун асоси физиологӣ, нейрологӣ, биохимиявӣ ва ҳормоналии рафтори маърифатӣ хизмат мекунад, яъне асосан ба сохт ва функсияҳои майнаи сар вобаста аст. Бе онҳо ягон рафтори бошуурона имконпазир нест ва метавон гуфт, ки он асоси фарқияти фардии ақлро ташкил медиҳад. Дар табиати ин сохторҳо омили *ирсӣ* нақши асосиро мебозад.

Ғайр аз ин мафҳуми *«ақли психометрӣ»* вуҷуд дорад, ки бо тестҳои оддии IQ (коэффисиенти ақл) чен карда мешавад. Муваффақияти чунин тестҳо асосан бо ақли биологӣ муайян мегарданд, вале инчунин омилҳои маданӣ, тарбия дар оила, мавқеи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва маълумотнокӣ низ саҳми калони худро мегузоранд. Ба ақидаи муаллиф, ақли психометрӣ 70-% аз омилҳои биологӣ ва 30-% аз омилҳои муҳит вобаста аст.

Ақли иҷтимоӣ аз рӯи IQ ва бисёр ченакҳои дигар муайян мегардад. Он дар умумият дар истифодаи IQ барои мутобиқати иҷтимоӣ зоҳир мегардад.

Ҳамин тариқ чуноне ки мебинем, Айзенк ақли биологиро заминаи асосии инкишофи қобилиятҳои ақлӣ дони-

ста, онро аз хосиятҳои асосии системаи асаб – пеш аз ҳама аз суръати аксуламали организм ба таъсири ангезандаҳо вобаста медонад. Аммо дар фарқият аз Ф. Галтон ва В. Штерн, ӯ нақши омилҳои иҷтимоиро инкор накарда, онҳоро дуюминдараҷа мешуморад.

Назарияи дигари биологӣ оид ба ақл, назарияи психологи амрикои Р.Б Кэттел мебошад. Ба ақидаи ӯ, ҳар яки мо аз рӯзи тавлид *ақли потенсиалиро* (ақли озод) соҳиб аст, ки дар асоси қобилияти мо ба тафаккур, абстраксияномоӣ ва муҳокимаронӣ мехобад. Тахминан то 20- солагӣ ин намуди ақл ба зинаи баланди инкишофи худ мерасад. Аз дигар тараф, «ақли *кристалӣ»* (ақли баста) ташаккул меёбад. Он аз малакаҳо ва донишҳои гуногун, ки мо бо андӯхтани таҷрибаи ҳаётӣ ба даст меоварем, иборат аст. «Ақли кристалӣ» бо дараҷаи азхуднамоии он ҷамъияте муайян мегарад, ки фард ба он мансуб аст.

Тадқиқоти психологи рус В.Д. Дружинин имконият доданд сохти ақли умумӣ муайян карда шавад. Он аз омилҳои ақли шифоҳӣ (маъногӣ), ақли фазогӣ ва ақли рақамӣ (аломатӣ-рамзӣ) иборат мебошад. Таҳлили таносуби миёни ин омилҳо нишон доданд, ки дар рафти инкишофи онтогенетикӣ (тӯли ҳаёт) ҳар яки ин омилҳо паиҳам зина ба зина ташаккул меёбанд: дар навбати аввал ақли шифоҳӣ ташаккул меёбад, ки ба азхуднамоии забон алоқаманд аст, мибаъд дар асоси он ақли фазогӣ инкишоф меёбад ва ниҳоят дар заминаи зинаҳои номбаршуда ақли ракамӣ (ва ё аломатӣ-рамзӣ) шакл мегирад. Мавриди қайд аст, ки пешниҳоди В.Д. Дружинин асоси илмӣ дошта, ба инкишофи синнусолии психика мувофиқат мекунад.

Оид ба таъсири муҳит ба инкишофи ақл тадқиқотҳои Р. Зайонтс ҷолибанд. Мувофиқи назарияи ӯ, инкишофи ақли кӯдак аз микдори кӯдакон дар оила вобаста аст. Яъне, чӣ қадаре, ки миқдори кӯдакон дар оила зиёд бошад, ҳамон андоза нишондиҳандаҳои IQ – и фардии аъзоёни он камтар мегардад. Р. Зайонтс соли 1976 дар асоси тадқиқотҳои худ бо шиддат паст гаштани зинаи ин-

кишофи қобилиятҳои ақлии хонандагони Амрикоро дар соли 1980 пешгӯӣ намуд. Дар ҳақиқат аз соли 1964 то 1980 бали миёна аз рӯи тести қобилиятҳои ақлӣ аз 490 то 445 расид, ки ин ба поён майл кардани инкишофи ақлро нишон медиҳад. Пас аз соли 1980 афзоиши бали миёна аз рӯи IQ мушоҳида гашт, ки инро Р. Зайонтс аз паст гаштани афзоиши таваллуд вобаста медонад.

Тадқиқотҳо муайян намуданд, ки омилҳои ҳалкунандаи муҳит дар инкишофи ақли кӯдак «ҳавасмандгардонии психологӣ» ба шумор меравад, ки ҳангоми муошират ва фаъолияти якҷояи кӯдак бо калонсол сурат мегирад.

Бисёре аз тадқиқотчиён дар ақидаанд, ки тӯли ҳаёт қобилиятҳои ақлӣ нобаробар тағйир меёбанд. Инкишофи асосии ақл дар 20 соли аввали ҳаёт ба амал меояд, инкишофи нисбатан бошиддати он ба синни 2 - 12 солагӣ рост меояд ва дар 19-20 солагӣ ба инкишофи максималии худ мерасад, минбаъд давраи мӯътадил оғоз мегардад ва аз 30 – 34 солагӣ пастшавии маҳсулнокии ақл оғоз мегардад. Ба чунин хулоса новобаста аз якдигар Я.А. Понаморёв, Л. Терстоун, Ж. Пиаже ва И. Рейли омаданд.

Тадқиқотҳои психологҳои Калифорния нишон доданд, ки ба инкишофи ақл муҳити оилавӣ таъсири бевосита мерасонад. Кӯдаконе, ки дар муҳити эмотсионалии мусоид қарор доранд, зинаи инкишофи ақлашон доимо баланд мегардад ва баръакс, дар кӯдаконе, ки волидонашон ба онҳо кам эътибор медоданд, пастшавии нишондиҳандаҳои ақл мушоҳида мегашт. Ичунин муайян гашт, ки дараҷаи маълумотнокии волидон дар инкишоф ва ё қафомониии ақлии кӯдак нақши ҳалкунанда мебозад.

Инкишофи ақлро дар сини мактабӣ асосан маромҳои ботинии кӯдак –кӯшиши расидан ба дастовардҳои баланд, майл ба мусобиқа ва донишдӯстӣ муайян менамоянд.

Оид ба дараҷаҳои инкишофи қобилиятҳо дар илми психология андешаҳои мухталиф вуҷуд доранд. Маъмулан

дараҷаҳои инкишофи қобилиятҳоро чунин пешниҳод мекунанд: аломату нишонаҳои табиӣ ----- қобилият ----- лаёқат ----- истеъдод ---- нобиға (гениалӣ). Оид ба лаёқат низ андешаҳо гуногунанд. Баъзеҳо онро ҳамчун мувофиқати аломату нишонаҳои гуногуни ирсӣ медонанд ва баъзеҳо ҳамчун мувофиқати қобилиятҳо. Масалан, ба ақидаи К.К. Платонов лаёқат унсури модарзодии қобилиятҳои гуногунҷабҳа аст. Б.М. Теплов бошад лаёқатро ҳамчун мувофиқати ба худ хоси қобилиятҳо ба қалам медиҳад, ки иҷрои бомуваффақияти фаъолиятҳоро таъмин мекунанд.

Дар китоби «Атлас по психологии»-и ……. сохтори қобилиятҳо ва шароитҳои рушди онҳо ба таври схематикӣ чунин тасвир ёфтааст:

Нақшаи 14. *Сохти умумии қобилиятҳо*

Психологи машҳури рус С.Л. Рубинштейн қайд менамояд, ки зинаҳои махсусан баланди лаёқатро бо мафҳумҳои истеъдод ва гениалӣ ифода мекунанд. Ба андешаи муаллиф истеъдод ва нобиға аз рӯи маҳсулашон тафовут доранд. Истеъдод ин қобилият ба дастовардҳои баланд аст, вале ин дастовардҳо аз чаҳорчӯбаи чизе, ки аллакай маълум аст, берун намебароянд. Нобиға бошад, ин қобилияти офаридани ягон чизи нав, гузоштани роҳҳои навро пешбинӣ мекунад.

Психологи дигари рус М.И. Еникеев атрофии ин масъала чунин мегӯяд: «Истеъдод – ин расидан ба ҳадафест, ки касе ба он расида наметавонад, нобиға бошад – расидан ба ҳадафест, ки касе онро ҳанӯз намебинад». Ба андешаи ӯ, хусусиятҳои психикии лаёқат ва нобиға дар ақли баландинкишофёфта, тафаккури ғайристандартӣ фаросати муқтадир зоҳир мегарданд. Ӯ мувофиқати аломату нишонаҳои модарзодӣ, лаёқат, қобилиятҳо, истеъдод ва гениалиро ба тариқи зерин айёнӣ тасвир менамояд.:



Заминаҳои табиӣ ва иҷтимоии қобилиятҳо

Масъалаи табиати қобилиятҳо яке аз масъалаҳои мураккаб ва муҳим ба шумор меравад. Қобилиятҳо модарзодиянд ва ё дар давоми ҳаёт ташаккул меёбанд? Ин суол маъмулан яке аз суолҳои асосии илми педагогика ва психология маҳсуб меёбад. Тамоми системаи чорабиниҳои педагогии мо аз он вобастааст, ки чӣ гуна ба ин суол ҷавоб мегардонем.

Истилоҳи «модарзодӣ» (яъне то лаҳзаи тавлид мавҷудбуда) барои шарҳи масъалаи мазкур аз нигоҳи илмӣ он қадар дуруст нест. Чунки то лаҳзаи тавлид фард роҳи дарози инкишофи дохилибатниро аз сар мегузаронад ва дар ин миён ба таъсироти гуногуни «муҳитӣ» гирифтор мешавад. Аз ин лиҳоз истифодаи истилоҳи «ирсӣ» барои ифодаи маънии мазкур дурусттар аст.

Ҷавобҳое, ки ба суоли боло дода мешаванд, бисёр мухолифанд. Як қисмат ба он мувофиқанд, ки «мусиқанавоз (математик, шоир) бояд тавлид шуд», қисмати дигар бар он ақидаанд, ки «истеъдод 1% қобилият асту 99% арақи ҷабин». Ҳар яке аз ҷонибҳо ба тарафдории ақидаи худ далелу рақам ва андешаҳои хешро пешниҳод мекунанд, ки муҳимтаринашонро меорем.

1. Одатан чунин шумурда мешавад, ки исботи ирсӣ будани қобилиятҳо зуҳуроти барвақти онҳо дар кӯдак аст. Масалан маълум аст, ки қобилиятҳои мусиқавии Мотсарт дар синни 3 - солагӣ зоҳир гашта буданд, Ибни Сино дар 4- солагӣ Қуръонро ҳифз намуда буд; Рафаел дар 8 - солагияш худро ҳамчун рассом муаррифӣ намуд, Гаусс бошад, дар 4 - солагӣ қобилияти фавқулоддаи математикӣ зоҳир намуда аст.

2. Оиди ирсӣ будани қобилиятҳо инчунин аз такрор ёфтани онҳо дар авлодони одамони машҳур хулоса мебароранд. Аксаран барои исботи ин фикр авлоди Баҳҳо, Дарвинҳо, Ҷеймсҳо ва ғайраҳоро мисол меоранд. Маълумотҳои як қатор тадқиқотҳо низ ин далелро исбот мекунанд. Вале қайд намудан ҷоиз аст, ки дар ин тадқиқотҳо ҳудуди таъсири ирсият ва муҳит дуруст ҷудо карда нашудааст: табиист, ки волидони дар ягон ҷода қобилияти баланд дошта барои ташаккули қобилиятҳои фарзандронашон дар ҳамон ҷода шароитҳои мусоидро муҳайё месозанд.

3. Далелҳои нисбатан ҷиддӣ аз тадқиқотҳое ба даст омаданд, ки бо истифода аз методи дугоникҳо гузаронида шудаанд. Масалан мутахассисони соҳаи генетика Ф. Айал ва Ҷ. Кайгер бо истифода аз методи дугоникҳо ва ҷамъбасти натоиҷи як қатор тадқиқотҳои дар ин самт гузаронидашуда, оид ба дараҷаи алоқамандии аломатҳои гуногун аз ирсият маълумотҳои ҷолибро меоранд (ниг. ба ҷадвали 2).

4. Натиҷаҳои таассуротбахш инчунин дар тадқиқотҳои экспериментал̄ бо ҳайвонот ба даст омаданд.

Дар як тадқиқот ба калламушҳо ёфтани роҳ дар лабиринтро ёд медоданд. Аз ҳамаи ҳайвонот онҳоеро ҷудо карда мегирифтанд, ки аз ҳама беҳтар ва аз ҳама бадтар супоришро иҷро менамуданд. Дар дохили ҳар як гурӯҳ («доноҳо» ва «нодонҳо») ҷуфткунон̄ гузаронида мешуд.

Ҷадвали 2.

Аломат	**Ирсият**
Тарҳи ҷусса	0,81
Қомат дар ҳолати нишаст	0,76
Вазн	0,78
Қобилиятҳои шифоҳ̄	0,68
Қобилиятҳои арифметик̄	0,12
Қобилиятҳо ба фанҳои табиӣ	0,34
Қобилиятҳо ба таърих ва адабиёт	0,45

Дар насли оянда ҳамин амалиёт такрор меёфт: боз калламушҳои «доно» ва «нодон» ҷудо карда шуда, байни ҳам дар гуруҳи худ ҷуфт кунонида мешуданд. Ҳамин тавр тақрибаро то насли шашум идома доданд. Натиҷаи тадқиқотҳо нишон доданд, ки миқдори хатоҳои калламушҳо ҳангоми ёфтани роҳ аз лабиринт дар насли шашуми гурӯҳи «доноҳо» ниҳоят кам гашта, дар гурӯҳи «нодонҳо» онҳо бениҳоят меафзоянд. Ин ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки имконияти захирашавии майли ирс̄ ба таълимгирии босамар вуҷуд дорад.

Ҳамин тариқ, ба ҳар сурат далелҳои ҷидд̄ ба фоидаи заминаҳои ирс̄ доштани қобилиятҳо мавҷуд ҳастанд. Вале нақши онҳо то кадом андоза бузург аст? То кадом андоза муваффақият дар инкишофи қобилиятҳо аз нишонаҳои ирс̄ вобастаанд?

Барои муҳокимаи ин масъала далелҳои муқобилро дида баромадан зарур аст – онҳоеро, и таъсири шароитҳои беруна ва ҳамчунин таълиму тарбияро дар ташаккули қобилиятҳо нишон медиҳанд.

1. Натиҷаи фаъолияти педагогҳои барҷаста гувоҳи онанд, ки маҳорати педагогии устоди пуртаҷриба метавонад боиси ташаккули қобилиятҳои шогирдон гардад. Ба ин фаъолияти муаллими фанни химия Г. Азизов ва бисёр педагогҳои машҳурро мисол овардан мумкин аст. Ба ҳамин маънӣ дар китоби Герлинда ва Ханс-Георг Мелхорнҳо «Нобиға тавлид намешаванд» ҳодисаи аҷиби воқеие оварда шудааст, ки мазмуни мухтасари он чуни наст.

Дар солҳои 1800 рӯҳонӣ Карл Витте аз Лохау, ки дар наздикии Галлеи Олмон воқеъ аст, ба муаллимони гимназия лексия мехонд. Дар баромади худ ӯ таъкид мекард, ки қобилиятҳо натиҷаи таълиму тарбия дар 5-6 соли авали ҳаётанд. Муаллимон бо ситеза ин нуқтаи назари ӯро рад менамуданд ва мегуфтанд, ки қобилиятҳо ирсиянд. Витте аз ин мухолифати онҳо ба шигифт омада мегӯяд: «Агар худо ба ман писар ато намояд… ман, чуноне ки гуфтам, ӯро одами барҷаста мекунам». Шарт карда истода, ӯ медонист, ки занаш интизори фарзанд аст. Пас аз ним сол ӯ писардор шуд ва ӯро ба шарофати падараш Карл Витте ном гузоштанд. Бисёр боэҳтиёт, бо истифода аз методҳои гуногун падар мекӯшид ба инкишофи писараш таъсир расонад. Муаллимон ба кӯшишҳои ӯ механдиданд ва ба буридани шарт шубҳае надоштанд. Ба ҳамин минвол чор сол сипарӣ гашт. Кӯшишҳои падар ва минбаъд аз модар ҳосил доданд. Дар шашсолагӣ бача ба дастовардҳои беназир ноил гашта, атрофиёнро дар ҳайрат мегузошт.

Дар нӯҳсолагӣ Карл Виттеи ҷавон ба Донишгоҳи Лейптсиг дохил шуд. Дар 13 солагӣ ӯ доктори философия дар донишгоҳи шаҳри Гисен гашт. Пасон Витте чор нимсола ҳуқуқро омӯхта, соли 1816 дар Гейделберг унвони

доктори илмҳои ҳуқукро соҳиб мегардад. Пас аз ду сол омӯхтани санъат дар Италия ӯ дар синни 18 - солагӣ профессори донишгоҳи Гейделберг мешавад.

2. Тадқиқотҳои А.Н. Леонтев бо шогирдонаш нишон доданд, ки «шунавоии мусиқавӣ» -ро тавассути машқ ва фароҳам овардани шароити мусоид дар кӯдак ташаккул додан мумкин аст. Ҳол он ки ин хусусияти анализатори шунавоӣ заминаи ирсии қобилиятҳои мусиқавӣ шумурда мешуд.

3. Далелҳои мӯътамади нақши муҳим доштани шароитҳои муҳит дар ташаккули қобилиятҳоро натиҷаи эксперимент бо ҳайвонот пешниҳод намуданд. Дар ин озмоишҳо низ аз методи ҷуфткунонии сунъӣ, ки аллакай ба он шинос ҳастем, истифода бурда шуд.

Дар ин навбат насли пешакӣ ҷудо карда шудаи калламӯшҳои «доно» дар шароити муҳите парвариш меёфтанд, ки аз таассуротҳои гуногун ва имконияти фаъолона амал намудан маҳрум буданд. Дар натиҷа муайян гашт, ки чунин калламӯшҳо ҳангоми таълим дар лабиринт дар зинаи калламӯшҳои «нодон»-и дар шароити табиӣ парваришёфта амал мекунанд. Дар баробари ин озмоиш озмоиши дигар гузаронида мешуд, ки дар он насли калламӯшҳои «нодон»-ро дар шароити муҳити аз таассуротҳо бой парвариш менамуданд. Натиҷаҳо нишон доданд, ки нишондиҳандаҳои ин калламӯшҳо тақрибан ба нишондиҳандаҳои калламӯшҳои «доно»-и дар шароити табиӣ парваришёфта монанд ҳастанд.

Ин тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки омилҳои муҳит дар инкишофи қобилиятҳо чун омилҳои ирсӣ нақши ҳалкунанда доранд ва метавонанд таъсири онҳоро ҷуброн намоянд ва ё куллан барҳам зананд. Кӯдак бо қобилиятҳои тайёр ба дунё намеояд. Ӯ бо *нишонаҳои модарзодӣ* ба дунё меояд, яъне бо чунин хусусиятҳои сохтори майнаи сар, узвҳои ҳиссӣ ва ҳаракатӣ, ки ба сифати заминаи табиии инкишофи қобилиятҳо баромад мекунанд.

Маълум аст, ки касби сарнишинии ҳавопаймои реактивӣ аксуламали бениҳоят тезро талаб мекунад. Оё ин ягон андоза аз хусусиятҳои модарзодии системаи асаб вобаста аст? Ҳа, албатта. Инчунин мо медонем, ки шунавоии мусиқавӣ дар баъзе одамон бисёр барвақт бе ягон машқи махсус зоҳир мешавад, вале дар дигарон умуман вуҷуд надорад. Бешак ба ин баъзе хусусиятҳои табиии анализатори шунавоӣ таъсир мерасонанд. Ба сифати нишонаҳои модарзодӣ инчунин хусусиятҳои модарзодии аппарати биноӣ ва шунавоӣ, нозукии ҳассосии ломисавӣ, тезӣ ва устувории барқарор гаштани алоқаҳо дар пӯстлохи мағзи сар ва бобардоштии системаи асаб низ баромад мекунанд. Нишонаву аломатҳои модарзодӣ гуногунмазмунанд. Ин чунин маъно дорад, ки дар заминаи ҳамон як нишонаи модарзодӣ метавонад, вобаста аз талаботи фаъолияти мувофиқ қобилиятҳои гуногун ташаккул ёбанд. Ҳамин хел, мушоҳидакории дақиқ ва хотири хуби биноӣ метавонад ба сохти қобилиятҳои рассом, тадқиқотчӣ, геолог ва боз даҳҳо касбҳои дигар шомил бошад.

Инкишоф ёфтани нишонаву аломатҳои модарзодӣ то ба дараҷаи қобилиятҳо на танҳо аз хусусиятҳои фардии шахс вобаста аст, балки инчунин бо шароитҳои таърихӣ, ба талаботи ҷомеа низ марбут аст. Масалан, тасаввур мекунем, ки дар яке аз ҷазираҳои дурдасти Уқёнуси Ором кӯдаке бо нишонаҳои модарзодии барҷастаи мусиқавӣ таваллуд мешавад. Агар дар назар дошта бошем, ки дар ин ҷазира одамони қабилаи ӯ ғайри суруди яковоза дигар суруде намехонанд ва ғайри нақора дар ин ҷо асбоби мусиқавии дигаре нест, пас ин кӯдак оянда кӣ шуда метавонад? Мумкин аст ин кӯдак дар таърихи ҷазира ҳамчун нақоранавози машҳур ворид гардад. Ба ибораи дигар, ӯ ба ҳамон дараҷаи инкишофи истеъдоди мусиқавии худ мерасад, ки дар вазъиятҳои иҷтимоии муайян имконпазир аст. Агар ӯ дар мамлакате тавлид мешуд, ки маданияти мусиқавии инкишофёфта дорад ва ба дасти педагогҳои

хуб меафтод, тақдири ӯ тамоман дигар хел сурат мегирифт. Нишонаҳои табиӣ мазмуни муҳим доранд. Онҳо яке аз шароитҳои протсесси мураккаби ташаккул ва инкишофи қобилиятҳоянд. Чуноне ки С.Л. Рубинштейн қайд мекунад, қобилиятҳоро нишонаҳои модарзодӣ пешакӣ муайян намесозанд, вале онҳо ҳамту аз берун низ шинонда намешаванд. Дар фард бояд заминаҳои табиӣ, шароитҳои ботинӣ барои инкишофи қобтлиятҳо мавҷуд бошанд. Пас, дар инкишофи қобилиятҳо нақши воқеъии нишонаҳои модарзодӣ чӣ гуна аст?

Нишонаҳои хуби модарзодӣ ташаккули қобилиятҳоро ба маротиб осон менамоянд, ба инкишофи онҳо чӣ аз ҷиҳати суръати пешрафт ва чӣ аз ҷиҳати баландии дастовардҳо мусоидат мекунанд. Бе мавҷудияти аломату нишонаҳои табиӣ аз худ намудани даҳҳо забонҳо бешак маҳол аст, вале маълум аст, ки профессори донишгоҳи Болон Ҷузеппе Метсофанти (1774-1849) бештар аз 100 забонро медонист. Профессори олмонӣ Гессерман 123 забонро соҳиб буд. Ба ҳамин миқдор забонҳо профессори итолёвӣ Талявани низ ҳарф мезад.

Мавҷуд набудани нишонаҳои мусоид одатан раванди ташаккули қобилиятҳоро суст мегардонад. Суоле ба миён меояд, ки чаро бисёре аз одамони боистеъдод, аз қабили Исаак Нютон, Луи Пастер, Валтер Скотт, математики машҳур Н. Лузин ва дигарон дар солҳои мактабхонӣ «беқобилият» шумурда мешуданд? Аломату нишонаҳои табиӣ буданд, вале таъсири ҳалкунандаи таълиму тарбия ба назар намерасид. Дар макотиби кӯҳна, чуноне ки маълум аст бештар ба хотираи шогидон такя намуда, ба рушди мустақилӣ ва эҷодкории тафаккур кам эътибор медоданд.

Инкишофи қобилиятҳо Қайд кардан бамаврид аст, ки аломату нишонаҳои мусоиди табиӣ худ ба худ инкишофи қобилиятҳо ва дастовардҳои баландро таъмин намекунанд. Барои ин шахс бояд ба

фаъолияти мувофиқ шавқу рағбат дошта бошад, боисрор ва бисёр бо он машғул гардад.

Масъалаи ошкор намудани механизмҳои ташаккул ва инкишофи қобилиятҳо яке аз масоили муҳими илми психология ва педагогика маҳсуб меёбад. Ба андешаи С.Л. Рубинштейн, инкишофи қобилиятҳои кӯдакон дар раванди таълиму тарбия амалӣ мегарданд, яъне ҳангоми азхуднамоии мазмуни маданияти моддию маънавӣ, техника, илм ва санъат. Заминаи ибтидоӣ барои инкишофи қобилиятҳо – ин аломату нишонаҳои табииянд, яъне хусусиятҳои анатомӣ-физиологии системаи асаб. Ҳангоми алоқаи амалии кӯдак бо олами иҳотакарда, дар раванди мунтазам азхуднамоии дастовардҳои тараққиёти тахрихии инсоният аломату нишонаҳои модарзодӣ ба қобилиятҳои гуногун ва комил мубаддал мегарданд.

Психологи муосири рус В.С. Юркевич чунин ақида дорад, ки на ҳама гуна фаъолият қобилиятҳоро инкишоф медиҳад, балки он фаъолияте, ки дар равандаш эмотсияҳои мусбӣ ба вуҷуд меоянд. Агар бо кӯдак бисёр машғулият гузаронем, метавонем ба ӯ чизе ёд диҳем, ҳатто ба баҳоҳои хубу аъло ноил гардем, аммо барои он, ки имкониятҳои инкишоф ёбанд, муҳим аст, ки ин фаъолият ба худи ӯ писанд бошад, дар ӯ талаботи маърифатиро ба вуҷуд орад. Ба андешаи В. С. Юркевич, дар инкишофи қобилиятҳо талаботи маърифатӣ нақши ҳалкунанда доранд. Талаботи маърифатӣ се зинаи инкишоф дорад: кунҷкобӣ, донишдӯстӣ ва худи талаботи маърифатӣ ҳамчун сифати устувори психика. Дар раванди таълим бисёр муҳим аст, ки кунҷкобии кӯдак саривақт ба донишдӯстӣ ва пасон ба хусусияти муҳими шахсӣ – талаботи маърифатӣ табдил ёбад. В.С. Юркевич се аломати муҳими ба талаботи маърифатӣ хосро ҷудо мекунад: майл ба сарбории фикрӣ, талабот ба раванди фаъолияти фикрӣ на ба натиҷаи он, ҳаловат бурдан аз иҷрои масъалаи фикрӣ.

Хуллас В.С. Юркевич чунин мешуморад, ки зарурияти эмотсияҳои мусбӣ, ҳисси қаноатмандӣ аз иҷрои

фаъолият шарти муҳими инкишофи ҳама гуна қобилиятҳост.

Лаҳзаи дигари муҳим, ки ба эътибор гирифтанаш дар рушди қобилиятҳо зарур аст – ин маълумотҳо дар бораи давраҳои ҳассоси ташаккулёбии функсияҳои психикист.

Ҳар як кӯдак тӯли инкишофи худ давраҳои ҳассосии баландро ба ин ё он таъсирот, ба азхуднамоии ин ё он намуди фаъолият аз сар мегузаронад. Масалан, маълум аст, ки дар кӯдаки 2-3 сола нутқи шифоҳӣ босуръат инкишоф меёбад, дар 5-7 солагӣ у бештар ба ёдгирии хониш тайёр аст, дар синни миёна ва калони томактабӣ кӯдакон саргармона ба бозиҳои нақшӣ дода мешаванд ва қобилияти баланди ворид гаштан ба нақшро зоҳир менамоянд. Қайд кардан муҳим аст, ки ин давраҳои тайёрии хос ба азхуднамоии намудҳои махсуси фаъолият дер ё зуд ба охир мерасанд ва агар ягон функсия дар давраи барояш мусоид инкишоф наёбад, минбаъд инкишофи он душвор мегардад. Масалан, дар сини наврасӣ аллакай рост роҳ гаштан ва нутқро омӯхтан бениҳоят душвор мегардад.

Тадқиқотҳои дар ҳайвонот гузаронидашуда нишон доданд, ки давраҳои сензитивӣ (ҳассос) метавонанд бисёр кӯтоҳмуддат бошанд ва аз ҳафтаҳо то рӯзҳо давом кунанд. Вале дар ин давраҳо ташаккули функсияи муайян метавонад яку якбора, дар натиҷаи як-ду маротиба такрор намудан ба вуҷуд биёяд.

Аз гуфтаҳои боло хулоса намудан мумкин аст, ки қобилиятҳои инсон низ давраҳои ҳассоси ташаккул доранд, ки ба эътибор гирифтан ва самаранок истифода намудани онҳо метавонад ба инкишофи минбаъдаи ин қобилиятҳо такони бузург диҳанд.

Аксар вақт чунин мулоҳизарониҳоро дучор шудан мумкин аст. Дар як оила ду кӯдак ба воя мерасанд: яке қобилиятҳои равшан зоҳиршуда ба мусиқа дорад, дигарӣ – не. Пас, якумин истеъдоди «табиӣ» дораду дувумин аз он бенасиб мондааст – охир шароити тарбияи эшон якрангаст.

Чунин муҳокимаронӣ воқеъиятро нодуруст инъикос менамояд. Бояд макро ва микрошароитҳои инкишофро ҷудо намуд ва танҳо ба дуввумин бояд диққати ҷиддӣ дод. Мумкин аст, дар ҳаёти кӯдаки аввала мусиқа дар лаҳзае садо дод, ки ӯ махсусан барои идроки он тайёр буд ва ин мусиқа ба ӯ таассуроти амиқ гузошт. Барои кӯдаки дуввум бошад, замоне сароиданд, ки ӯ парешон, бемадор ва ё бемор буд.

Нақши «таконҳои» аввалин дар инкишофи қобилиятҳо бисёр бузурганд ва онҳо ҳамеша ба таассуротҳои рангину равшани эмотсионалӣ алоқаманданд.

Барои ташаккул додани қобилиятҳо донистани як қатор аломатҳое, ки аз мавҷудияти онҳо дар фаъолияти мушаххас гувоҳӣ медиҳанд, муҳим аст:

1. Суръати баланди таълими фаъолияти мувофиқ.
2. Фаррохии кӯчонидани малака, ки дар маҳорати истифодаи амали азхуднамуда дар вазъиятҳои гуногун ифода меёбад.
3. Сарфаи ками нерӯ ҳангоми иҷрои фаъолияти додашуда.
4. Ичроиши фардӣ ва ба худ хоси фаъолият.
5. Бомаромии баланд ва ҷидду ҷаҳд ба иҷрои ин фаъолият.

Ҳамин тариқ, раванди инкишофи қобилиятҳо ниҳоят пурихтилофу ноҳамвор ва ҳамзамон нозук аст. Ҳар лаҳзаи ҳаёт метавонад ба инкишофи онҳо мусоидат намояд ва ё монеъ гардад. Аз ин ру нақши пеш аз ҳама волидон ва сипас мураббиёну муаллимон дар зоҳир намудан ва ташаккулу инкишоф додани қобилиятҳои насли наврас бузург аст. Хуб мебуд агар волидону муаллимони мо адабиёти марбути ин масоилро бештар мутолиа намуда, ин масъулияти бузургро ба хубӣ дарк мекарданд.

Аз таҳлили боло хулосаҳои зайл баровардан мумкин аст:

- қобилиятҳои инсон ирсӣ набуда, натиҷаи таълиму тарбия ва таъсири муҳити иҷотакардаанд;

- қобилиятҳо берун аз фаъолияти мушаххас вуҷуд дошта наметавонанд. Онҳо дар фаъолият зоҳир мегарданд ва ташаккулу инкишоф меёбанд;

- ақл зуҳуроти доимӣ, бетағйир набуда, тӯли ҳаёти фард инкишоф меёбад;

- барои баҳо додан ба имкониятҳои ақлии кӯдак танҳо натиҷаи фаъолияти фикрии ӯро не (иҷрои супоришҳо, натиҷаи тестҳо ва ғ), балки раванди фаъолияти фикрии ӯро мушоҳида ва таҳлил намудан зарур аст;

- ба инкишофи ақл на танҳо омилҳои ирсӣ, балки омилҳои иҷтимоӣ низ (таълиму тарбия, рӯҳбаланднамоии эмотсионалӣ, муҳити оилавӣ) таъсир мерасонанд;

- қобилиятҳои ақлӣ дар фаъолияти таълимии кӯдак зоҳир гашта. ташаккулу инкишоф меёбад. Аз ин нуқтаи назар барои инкишоф додани қобилиятҳои ақлӣ сифати таълиму тарбияро баланд бардоштан зарур аст;

- барои инкишофи қобилиятҳои ақлии кӯдак муҳим аст, ки фаъолият мароқангез бошад, дар кӯдак эмотсияҳои мусбиро ба вуҷуд оварад ва ба пайдоиши талаботи маърифатӣ дар у боис гардад;

- ба инкишофи ақлии кӯдак ду омили муҳим – таълими маҳсулноку босифат ва фаъолияти фаъоли омӯзишии худи кӯдак таъсир мерасонанд;

- дар инкишофи қобилиятҳои ақлии кӯдак на танҳо соҳаи маърифатӣ, балки соҳаи эмотсионалӣ-иродавӣ ва сифатҳои шахсии ӯ низ нақши муҳим мебозанд.

Адабиёт

1. Абуали Ибн Сина. Канон врачебной науки, Кн. 1- Ташкент, 1954
2. Введение в психологию/ Под. Общ. Ред. А.В. Петровского. –М.,1996

3. Гиппенрейтер Ю.Б. Введение в общую психологию. – М.: «Юрайт», 2002. – 336с.
4. Дубровский А.А. Номаи саркушодаи пизишк ба омӯзгор.- Душанбе, «Маориф», 1991
5. Коломинский Я.Л. Человек: психология. – М.: Просвещение, 1986- – 223с.
6. Краткий психологический словарь / Под. ред. А.В. Петровского и М.Г. Ярошевского. – М.: Политиздат, 1985 – с. 11-12
7. Крутецкий В.А. Темперамент// Педагогическая энциклопедия: В 2т. М., 1993
8. Миралиев А.М. Давлатов М.Т. Педагогика ва психология.-Душанбе, «Ирфон», 2007, 344 с.
9. Павлов И.П. Полное собрание сочинений. Т.3. кн. 2-М.;Л., 1951
10. Петровский А.В. Психология о каждом и каждому о психологии.-М.: Изд-во РОУ, 1996.- С. 208
11. Платонов К.К. Краткий словарь системы психологических понятий.- М., 1984
12. Психология. Дастури таълимӣ барои хонандагони омӯзишгоҳҳои педагогӣ. Дар зери таҳрири проф. В.А. Крутетский. Тарҷума аз нашри дуюми русӣ. Тарҷумаи Р.Атохонов. -Душанбе, «Маориф», 1977
13. Рубинштейн .Л. Основы общей психологии – СПб.: Питер, 2001. – 720 с.
14. Столяренко Л.Д. Основы психологии. – Ростов н/Д: Феникс, 2003. - 672 с.